**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА**
**МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

**ҲАЙДАРШО ПИРУМШО**

# ДАВЛАТИ СОМОНИЁН ДАР ТАРОЗУИ ТАЪРИХНИГОРӢ

**Муҳаррири масъул:**
***доктори илмҳои таърих,***
***профессор Ҳамза Камол***

Душанбе
2019

ББК 63.3+66.4 (2 Тадж.)
П-32

Муқарризон:
Доктори илмҳои таърих, профессор М. Маликов.
Доктори илмҳои таърих, профессор А. Саидов.

Муҳаррир Ҳамза Камол

**Пирумшо Ҳайдаршо.**
**Давлати Сомониён дар тарузуи таърихнигорӣ.**
– Душанбе: «Дониш», 2019. – 592 с.

Китоб авалин кӯшиши ҷиддиест дар таҳлили таърихнигории давлати Сомониён. Дар рисола дараҷаи иникоси масъала дар осори муаррихону ҷуғрофиёшиносони замони Сомониён ва баъди суқути давлатдории онҳо, таҳқиқотҳои муҳаққиқони тоиқилобии рус, замони Шӯравӣ, дараҷаи таҳқиқи шукӯҳу шаҳомати ин давлати фарохдоману тамаддунофари тоҷикон дар таърихнигории миллӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиши мукаммал қарор гирифтааст.

Дар ин асари воқеан бунёдӣ муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба рушди бемайлони омӯзиши таъриху фарҳанги аҳди Сомониён дар таърихнигории миллии замони истиқлолияти комил диққати махсус дода, дастовардҳои илмӣ ва дар ин замина дурнамои омӯзиши масъалоро муайян намояд.

Муаллиф бо далелҳои муътамаду раднопазир ақидаи ононе, ки бо ғараз мақоми меҳварии сокинони азалии Осиёи Марказӣ – тоҷикон ва ҷойгоҳи давлати Сомониёнро дар тамаддуни Шарқ зери шубҳа мегиранд, комилан ботил намудааст.

© Ҳайдаршо Пирумшо, 2019

# САРСУХАН

Воқеияти замони муосир – давраи авҷи худшиносӣ, таърихогаҳӣ ва рушди бесобиқаи ифтихори миллӣ, ки тавассути истиқлолияти комил чун атои тақдир ба миллати куҳанбунёду тамаддунсоз – тоҷикон насиб гардидааст, зарурати ҳар чӣ бештар ба таъриху фарҳанги ифтихорбахши авлодон, хосатан ба хориқаи давлатдории аҳди Сомониён шиносоӣ доштанро пеш меорад.

Давлатдории Сомониён чун замони тақдирсози ташакули комили халқият ва давлатдории тоҷикон дар таърихи ин халқи қадимтарину азалии минтақаи Осиёи Марказӣ ба мақоми хоссаи ниҳоят ифтихорбахш соҳиб шудааст. Давлати Сомониён на танҳо барои тоҷикон, ҳамчунин барои тамоми давлату халқиятҳои Осиё Марказӣ ва паҳнои Шарқ намунаи баланди давлатдорӣ ва тамаддунофарӣ шинохта мешавад. Аз ҳама муҳим, ин зинаи пурфайзи таърихиро олимон чун анҷоми раванди ташаккули халқияти тоҷик ва таъсиси давлатдории мустақили ин мардуми азалии минтақа тасдиқ намудаанд.

Вале ин маънои онро надорад, ки таърихи давлатдории тоҷиконро маҳз ба замони Сомониён маҳдуд кард. Дар ин ҷо овардани чунин таъкиди Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомали Раҳмон барҷост, ки «***давлати Сомониёнро дар ҳеҷ сурат оғози давлату давлатдории тоҷикон шумурдан раво нест. Чунки халқи тоҷик то давраи Сомониён силсилаи давлату давлатдориҳоро бунёд гузошта, дар Осиёи Миёна чун қадимтарин миллат шинохта шудаст ва саҳифаҳои нахустини фарҳангу тамаддуни аҳди қадимро дар ин сарзамин поягузорӣ кардааст***»[1].

---

[1] Раҳмон Э. Исмоили Сомонӣ абармарди хирад ва сиёсат // Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. С.205.

Маълум аст, ки ташаккули халқият дар заминаи давлати аз ҷиҳати иқтисоди нерӯманд, мутамарказу мутамаддин ва сохтори идорию маъмурии ба талаботи фарҳангии замон ҷавобгӯ вобастагии ҳалкунанда дорад. Аҳди Сомониён намунаи баланди чунин давлатдорӣ ҳисоб меёфт. Доир ба дараҷаи бесобиқаи дастовардҳои кишоварзӣ, ҳунармандию тиҷоратии давлати Сомониён таълифоти зиёде рӯи кор омадааст. Ҳамчунин хусусиятҳои хоси идоракунии маъмурӣ, ки эътидоли сиёсию маъмурии давлатро таъмин мекарданд, барои рушди фарҳанг заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Маҳз ба ҳамин воқеияти ташакули давлатдорӣ ишора намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, зимни суханронӣ дар Конфронси байналхалқии илмӣ бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён 28 апрели соли 1999 дар шаҳри Санкт-Петербург, қайд кардаанд: «Давраи ниҳоии ташаккули давлатдории халқи имрӯзаи тоҷик ба куллӣ ба давлати Сомониён марбут аст, ки дар давоми асрҳои IX-X ба туфайли баъзе воқеаҳои таърихӣ ба дунё омад. Давлати Сомониён омили муҳими таъриху тамаддуни шарқ ва ҷаҳон гардид. Вай ба халқаш шароити мусоиди зиндагӣ ва кор муҳайё сохта, боварии мамлакатҳо ва халқҳои дуру наздикро ба ҳамкории серсоҳаи мутақобилан муфид дар тамоми тӯли ҷодаи бузурги абрешим, хусусан дар соҳаҳои тиҷорат, муомилоти байналхалқии мол, мубодилаи фарҳанг тақвият дода, халқи тоҷикро ба саҳнаи тамаддуни ҷаҳонӣ баровард»[1].

Раванди этникие, ки ҳанӯз аз давраҳои қадим дар Осиёи Миёна ҷараён гирифта буд ва ба доираи он суғдиён, хоразмиён, фарғониён, бохтариён ва ғайра шомил буданд, ба қаробати этникию забонии онҳо нигоҳ накарда, то давраи Сомониён ҳолати парокандагии худро нигоҳ медоштанд. Маҳз дар давраи Сомониён заминаи мусоид барои ташаккули пурраи халқи тоҷик фароҳам омад.

[1] Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 1999. С. 117.

Ҳамин тариқ, дар асрҳои IX-X дар Movароуннаҳру Хуросон умумияти этнофарҳангие ташаккул ёфт, ки асосан ба тоҷикон муносибат дорад. Забони тоҷикӣ пурра шакл гирифт. Барои рушди бемайлони адабиёти классикии тоҷику форс заминаи боэътимод фароҳам омад. Бо ин забон шоҳасарҳои оламшумули тоҷику форс офарида шуданд.

Дар аҳди Сомониён осори бадеӣ, таърихӣ ва равияҳои гуногуни илмии Мовароуннаҳру Хуросон дар Эрони Ғарбӣ, Ҳиндустон ва мамлакатҳои Шарқи Наздику Миёна паҳн шуда, шуҳрати муаллифон ва пешсафони равияҳоро ба дуриҳо мебурданд. Ба таври расмӣ қабул шудани алифбои арабӣ, аз як тараф дастовардҳои хаттии қаблӣ, аз ҷумла суғдӣ, хоразмӣ, паҳлавӣ ва ғайраро аз байн бурда бошад ҳам, аз тарафи дигар, бо қабули расмулхати барои тамоми паҳнои дунёи ислом ягона – арабӣ, аз ҳар ҷиҳат барои рушди илму фарҳанг заминаи мусоиде фароҳам овард.

Аҳли адаби шуҳрати ҷаҳонӣ пайдокардаи тоҷикон Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар Рӯдакӣ (858-941), Шаҳиди Балхӣ (асрҳои IX-X), Абӯшакури Балхӣ (тав. 915), Робиаи Балхӣ (асри X), Кисоии Марвазӣ (тав. 953), Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмади Дақиқӣ (ваф. тахминан 977), Абулқосим Фирдавсӣ (934-1020) далели раднопазирест аз ташаккули пурраи забони ноби тоҷикӣ. Албатта дар ин раванд метавон аз шоирони асрҳои X ва ибтидои XI – Имораи Марвазӣ, Абулҳасани Оғоҷӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Башшори Марғазӣ, Қамарии Ҷурҷонӣ ва дигарон ёдовар шуд, ки дар адабиёти замони Сомониён саҳмгузор буданд. Китобҳои «Абӯмуслимнома», «Искандарнома», «Доробнома», «Самаки айёр», ки бо забони тоҷикӣ таълиф шуда буданд, доираҳои васеи хонандагон дастрасӣ доштанд.

Мавриди қайд аст, ки дар замони Сомониён ба ташаккул ва рушди забони тоҷикӣ (дарӣ) нигоҳ накарда, вобаста ба талаботи замон дар илму адабиёт нуфузи расмии забони арабӣ дар ҳадди муайянкунандаи фарҳанги ҷаҳони ислом ҷой дошт. Дар зимн дабири маъруфи дарбори султон Санҷари Салҷуқӣ, муаллифи рисолаи «Атабат ал-катаба»

Мунтаҷабуддин Бадеъ Атобак ал-Ҷувайнӣ менависад: «...мукотибот ва муросилот ба луғати тозӣ соир ва содир буд то бад-ин айёми мамлакати Сомониён ва Дайламиён ва Сaффориён, ки ба тадриҷ порсӣ навиштан гирифтанд ва бар даргоҳи мулук бозори забони дарӣ нафоқ ёфт ва муноишир ва уҳуд ва рисолот бад-ин иборат равон гашт ва бо он ки ин қоида мумаҳҳад шуд ва ин расму ойин мутаррад, чун салотин ва мулукро дар хадамот ва мутолеот, ки ба дорулхилофа бармедоштанд ва мулук арабӣ менавиштанд ва аз таҳрири тозӣ чора набуд».[1] Ба забони арабӣ тарҷума шудани дастовардҳои илмии ҷаҳонӣ, табиист, ки ба раванди суръатбахши фарҳангии тоҷикон дар давраи Сомониён бетаъсир буда наметавонист. Бесабаб набуд, ки тоҷикони аҳли илму адаби Мовароуннаҳру Хуросон, бисёре аз осори худро бо забони арабӣ навишта, бо ин васила ба доираҳои фарҳангии умумибашарӣ ворид гардидаанд. Ин дар осори илмии риёзидону мунаҷҷим Абӯҷаъфар Муҳаммад ал-Хоразмӣ (780-850), файласуфи барҷаста – Абӯнасри Форобӣ (873-950), донишманди кулли улум Абӯалӣ Ибни Сино (980-1037) ва дигарон, ки зодаи ин асри фарҳангхези тоҷик ҳисоб меёбанд, равшан ба назар мерасад.

Албатта доир ба давлатдории Сомониён, ки замони ифтихорбахши таъриху фарҳанги халқи тоҷик эътироф шудааст, метавон шарҳи доманадоре пеш овард. Вале ҳадафи дар маркази нигориши мазкур қарорёфта – таърихнигорӣ ё шарҳи мухтасари дараҷаи омӯзиши масъала дар таърихнигории асримиёнагӣ ва замони муосир моро аз бозгӯии мақоми таърихии ин давлати фарохдомону пурвусъатии асримиёнагии тоҷикон то андозае озод намуда (гарчи дар раванди шарҳи муқоисавии таърихнигорӣ аз он наметавон пурра сарфи назар кард), дар доираи шарҳи дараҷаи инъикоси замон

[1] Мунтаҷабуддин Бадеъ Атобак ал-Ҷувайнӣ. Атабату-л-катаба. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми аллома Муҳаммади Қазвинӣ ва Аббоси Иқбол. Теҳрон: Ширкати саҳҳомии чоп, 1329 ш. С.2.

дар осори таърихиву ҷуғрофӣ ва дигар равияҳои илмии ба он давра иртиботдошта, маҳдуд месозад.

Давлати Сомониён, чун намунаи ниҳоят назарраси давлатдории тоҷикон дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз аз замони арзи ҳастӣ намудану ба авҷи аълои қудратмандӣ расидан ва асрҳои баъди сукути он, ҳамеша дар мадди назари таърихнигорон, ҷуғрофиёшиносон ва донишмандони дигар равияҳои илмӣ қарор дошт. Вобаста ба раванди ниҳоят тӯлонии донишҳои таърихии давраи асримиёнагӣ ва замони ба доираи омӯзиши воқеан илмӣ кашидани ин хориқаи давлатдорӣ, дар зинаҳои наву муосири таърихӣ, ки ба ҳаддӣ охири асри XIX – ибтидои асри XXI рост меояд, ихтилофи назар ҷой дорад.

Агар аз ақидаи комилан ғайриилмии чанде муаррихони ҳақиқатгурез, ки ин зинаи тамаддунофари таърихи тоҷиконро қасдан қабул надоранд, сарфи назар намоем, тамоми муҳаққиқони дар ховаршиносии ҷаҳонӣ шуҳратдошта, ин давраро чун «асри тиллоӣ» дар таърихи соҳибдавлатии тоҷикон эътироф кардаанд. Ҳатто шиносоии сатҳӣ бо осори муаррихони замони Сомониён ва бозёфтҳои бостоншиносон, ки маълумоти дар маъхазҳои хаттӣ ҷойдоштаро тақвият мебахшанд, ин хулосаи олимонро тасдиқ менамоянд. Вале ин ҳаргиз маънои ҳалли пурраи илмии худро ёфтани тамоми масоили сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давлати Сомониёнро надорад.

Маълум аст, ки кушоишҳои илмӣ, дар кадом сатҳе, ки анҷом наёбанд, ҳамеша зарурати ба доираи омӯзиш кашидани боз чандин масъалаҳои дигарро пеш меоранд. Аз ин қонунияти раванди амали таҳқиқотӣ, таърихи давлати Сомониён берун буда наметавонад. Вале новобаста ба мавҷудияти ихтилофи назар, ҳақиқатеро, ки он нишондиҳандаи бебаҳси ташаккулёбии халқи тоҷик ва даҳои давлатдории он ҳисоб меёбад, ҳеҷ кас инкор карда наметавонад.

Ҳадафи марказии рисолаи мазкур, дар асоси маъхазҳои боэтимод шукӯҳу шаҳомати давлати Сомониёнро, ки осори зиёде ба он бахшида шудааст, набуда, ҳаддалимкон аз таҳлили

воқеан илмии раванди омӯзиши ин масъала, дар осории таърихии асримиёнагӣ ва таҳқиқоти муаррихони ба таъриху фарҳанги замони давлатдории Сомониён иртиботи бевосита дошта иборат аст. Бо ибораи дигар, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки маълумоти дар осори муаррихону сайёҳон, ҷуғрофиёшиносони замони давлатдории Сомониёну пас аз суқути онҳо ҷой дошта ва маводи бостоншиносон ба даст овардаро дар муқоиса бо хулосаҳои муҳаққиқон дар маърази таҳлили таърихнигорӣ қарор диҳад.

Вале пеш аз ба таҳлили таърихнигории давлати Сомониён гузаштан, зарурати шиносоии умумӣ ба зинаҳои раванди рушди донишҳои таърихии қаблӣ лозим меояд. Бе чунин алоқамандии мантиқӣ, заминаҳои ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии таърихии замони Сомониёнро кушодан аз имкон берун аст.

Қадимтарин нишондиҳандаи қавии сатҳи донишҳои пешгузаштагонамон қисмати матни то замони мо боқимондаи «Авесто» мебошад. Аз мазмуни он бармеояд, ки маҳз ҳамон донишҳои мукаммали аз таҷрибаи зиндагӣ ва воқеияти замон маншаъгирифта, пешравии ҷомеаро таъмин мекарданд. Ба туфайли ҳамин донишу таҷрибаи таърихӣ, ниёгонамон нерӯи тамаддунофар пайдо намудаанд.

Боиси таассуф аст, ки ҳуҷуму ғоратгариҳои аҷнабиён беҳтарин нишондиҳандаҳои хаттии сатҳи донишҳои таърихи халқамонро аз байн рабудаанд. Дар ҳақиқат, мо то имрӯз аз сабаби дар даст надоштани маъхазҳои хаттии зарурӣ дараҷаи донишҳои таърихии аҷдодонамон – – хоразмиён, ашкониён (портҳо), марғиён, суғду бохтариҳо, сакоиҳо ва ғайраро то пирӯзии Ҳахоманишиҳо дар Осиёи Миёна муайян карда наметавонем. Он донишҳои нисбатан мукаммале, ки дар ҳамбастагӣ бо Форс дар замони Ҳахоманишиҳо ба даст оварда ва китобат карда буданд, аз тарафи лашкари Юнону мақдуниҳо ҳангоми тасарруфи минтақа, мисли матни китобатшудаи Авесто нобуд карда шуданд (хушбахтона матни Авесто дар аҳди Сосониён боз аз нав барқарор гардид).

Эҳёи нави донишҳои таърихӣ ба замони салтанати Сосониён рост меояд. Вале аз он ҳам ба туфайли захмати ҳаким Фирдавсӣ ба «Шоҳнома» ворид шудаву дар матни «Худойнома» ва дигар маълумоти дар шакли устураву ривоятҳо то замони мо расидааст. Дигар осори асили хаттии таърихӣ батамом аз тарафи арабҳо чун моли замони «ҷоҳилия» абадан ба нестӣ расонда шуд.

Аз ин рӯ, фақат тавассути маълумотҳои дар китобу қайдҳои муаллифони лотину юнонӣ, риму византиягӣ, ҳинду чинӣ ва ғайра ҷойдошта, сатҳи донишҳои таърихии пешгузаштагони дури худро то андозае муайян карда метавонем. Тахмини ғолиб меравад, ки бе маълумоти мукаммали аз Осиёи Марказӣ ба дасти муаррихони давлатҳои қадимаи дар боло ишораёфта расида, чунин қайдҳои боэътимоди таърихӣ дар осори онҳо ворид шуда наметавонист. Худи ҳамин далели дар сатҳи баланд қарор доштани донишҳои тарихии тоҷикони қадим равшан дарак медиҳад.

Ин асар чи тавре ишора рафт, аслан ба таърихнигории давлати Сомониён бахшида шудааст, аммо ин ҷо ба сатҳи донишҳои таърихии қаблӣ назар андохтан, бесабаб нест. Ин аз як тараф нишондиҳандаи дараҷаи дарки таърихии ниёгонамон ҳисоб ёбад, аз тарафи дигар, то замони Сосониён ба сатҳи таълифоти мукаммал китобат шудани донишҳои таърихӣ далолат мекунад. Бо тақозои тақдир, аниқтараш аз воқеаҳои фоҷибори тӯлонӣ осори китобатшудаи таърихии то замони Сомониён ба нестӣ расида бошад ҳам, анъанаҳои таърихогаҳӣ дар шуури мардум боқӣ монд. Ҳатто истилои арабҳо, ки он мероси бебаҳоро қариб батамом аз байн бурд, натавонист ҳофизаи таърихиро аз шуури мардум дур андозад.

Бо тамоми мафҳумаш дар ҳамин замина, эҳёи донишҳои таърихии халқи тоҷик ба давраи салтанати воқеан тоҷиктабор – Сомониён, дар доираи талаботу дигаргунсозиҳои барои замон мувофиқ, рост меояд. Дар ин давра нафақат анъанаҳои қавии дарки таърихӣ ва таърихнависии халқи тоҷик аз нав эҳё гардиданд, инчунин барои дар минтақа ва берун аз он шуҳрат

ёфтан ва дар тӯли тамоми таърихи ояндаи халқи тоҷик, ба ивазшавии силсиласулолаҳои кӯчиву муғултабор нигоҳ накарда, рушди ин анъанотро таъмин намуда, таҳкурсии боэътимод гузошта шуд. Ин эҳёву ба дараҷаи баланд суръат гирифтаи нигориши осори таърихӣ, акнун дар доираи забони арабӣ ва форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ қарор ёфт. Ин ҳақиқат бузургтарин соҳибназарони ховаршиносро ба хулосае овардааст, ки таърихогаҳиву таърихнависии тоҷиконро чун рисолати пешсафии азалии фарҳангии ин халқ дар тамоми Осиёи Марказӣ эътироф намоянд.

Дар ин нигориш муаллиф ҳаддалимкон кӯшиш ба харҷ додааст, то дар заминаи маъхазҳои дастрас, ки ғолибан дар осори муаррихони замони Сомониён ва пас аз суқути давлатдории онҳо ҷой доранд, насабномаи оли Сомон, заминаи ба сари қудрат омадани он, сохтори сиёсиву маъмурӣ, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ин давраи ифтихорбахши таърихи халқи тоҷикро дар маърази таҳлили таърихнигорӣ қарор диҳад. Чунин тарзи омӯзиши масоили ҳадафи таҳлил қаророрёфта, табиист, ки аз эҳсоси зарурати муайян намудани дараҷаи таҳқиқи масъала аз тарафи олимони саршиноси асри навтарину замони муосир маншаъ гирифтааст. Аз ин рӯ, дар китоб муаллиф кӯшидаст, ки бо ҳисси масъулиятшиносии ба таҳлили воқеъбинонаи таърихнигорӣ хос ва истифода аз усули муқоисавии маълумоти маъхазӣ, далелу мулоҳизоти дар таҳқиқоти муҳаққиқон омада, дараҷаи омӯзиши воқеан илмии масъала нишон дода, дар ин замина то андозае ҳусну қубҳи дар таълифоти мавҷуда ҷой доштаро кушояд.

Вале ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки муалиф тамоми осори ба давлати Сомониён бахшидашударо ба доираи таҳлили таърихнигорӣ кашида тавонистааст. Ин худ заҳматест, ки дар ҳаҷми як таҳқиқоти ҳатто ниҳоят азим ғунҷида наметавонад. Барои ҳалли нисбатан пурраи он зарурати ба доираи таҳлили бисёрсамтаи доманадори таърихнигорӣ кашидани тамоми таълифоти ба масоили мухталифи ба таърихи замони Сомониён иртиботдошта лозим меояд. Аз рӯи мавҷудияти

осори ниҳоят зиёди хусусияти маълумоти маъхазӣ дошта ва таҳқиқоти воқеан илмии шарқшиносони маъруфи сатҳи минтақавию байналмилалӣ доир ба ин замони қисматсози таърихи тоҷикон рӯикоромада, худ таҳқиқи дастҷамъонаи бисёрҷилдаро талаб мекунад.

Гарчанде донишҳои таърихии замон аз доираи фаҳмиши динии амали воқеаҳо, ба тақдиру сарнавишт тобеъ намудани онҳо берун буда наметавонистанд ва ин дар осори таърихии замони Сомониён хеле равшан ба мушоҳида мерасад, вале таҳлили воқеъбинонаи осори Наршахӣ, Яъқубӣ, Табарӣ, Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ, асарҳои ҷуғрофиву таърихии муалифони гумном «Ҳудуду-л-олам», «Таърихи Систон» ва дигар осори таърихии асрҳои IX-ибтидои XIII ба хулосабарориҳои ниҳоят муҳими илмӣ имкон медиҳанд.

Дар таҳқиқотҳои ниҳоят зиёд доир ба таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар заминаи маълумоти гаронарзиши муаррихони асримиёнагӣ рӯи кор омадааст, ҷузъиёти хеле зиёди вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои қабл аз Сомониён ва замони онҳо ҳадафи таҳлили доманадор қарор ёфтааст. Вале ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки тамоми масоили таърихии марбут ба он замон аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ шудаст. Дастоварду хулосаҳои муҳаққиқон, масъалаҳои зиёди баҳсангезро доир ба самтҳои мухталифи таҳқиқталаб пеш овардаанд, ки ҳалли онҳо заҳмати ҷандин насли ояндаи муаррихонро талаб мекунад.

Бояд қайд кард, ки то имрӯз доир ба муайян намудани дараҷаи омӯзиши илмии давлати Сомониён дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ, агар аз баъзе мақолаҳо ва гузоришоти муқаддимавии ба осори муҳаққиқони ба ин давра иртиботи бевосита дошта сарфи назар намоем, таҳқиқоти мукаммале рӯи кор наомадааст. Вале ин маънои онро надорад, ки диди таърихнигорӣ пурра аз таваҷҷуҳи олимон берун монда бошад.

Албатта дар ин ҷода, бояд аз хизмати академик В.В. Бартолд ёдовар шуд, ки дар таҳқиқотҳои ба замони Сомониён ба ин ё он дараҷа иртибот дошта, доир ба арзишмандии муҳим-

тарин маъхазҳо ишора намудааст. Аз муаррихони Тоҷикистон аввалин шуда ба таҳлили таърихнигории ин масъала академик А.А.Семёнов рӯ овардааст. Ӯ дар мақолаи «Донишҳои таърихии халқҳои Осиёи Миёна дар давраи ташаккули феодализм»[1], ки махсус барои «Очерки таърихи илми таърих дар ИҶШС» соли 1955 навишта буд, ҳисоб меёбад. Дар он муаллиф фақат аз маълумоти дар «Шоҳнома»-и Фирдавӣ, «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ ва ҷой доштани баъзе мулоҳизаҳо дар асарҳои шарқшиносони русу аврупоӣ доир ба замони Сомониён маҳдуд шудаст.

Мақолаи дигари ин шарқшиноси маъруф, ки ба насабномаи Сомониён бахшида шудааст[2], муаллиф бештар ба ҷанбаи таърихнигории масъала диққат додааст. Ҷолибияти ин мақола дар он зоҳир мегардад, ки бар хилофи шарқшиносони мансубияти Сомониёнро ба Эрон маҳдуд намуда, А.А.Семёнов ин дудмонро пурра сулолаи тоҷикон ҳисоб кардааст[3]. Диди маъхазшиносиву таърихнигории хеле мухтасар дар пешгуфтори китоби Н.Неъматов «Давлати Сомониён»[4] оварда шудааст.

Ба даст омадани мустақилияти комили ҷумҳурӣ, ки дар ибтидо ҷанги фоҷиабори шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузашта онро ҷиддан халалдор карда буд, нигоҳ накарда, бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

[1] См: Семенов А.А. Исторические знания у народов Средней Азии в период становления феодализма (VI-X вв.) // Очерки истории исторической науки в СССР. – М.: Изд-во АН СССР, 1955. С. 41-47; См. так же: Семенов А.А. Избранные сочинения. – Душанбе: Офсет-Империя, 2013. С.307-315.

[2] Семёнов А.А. К вопросу о происхождении Саманидов // Сборник статей, посвященных истории и культуре периода формирования таджикского народа и его государственности (IX-X вв.). Сталинабад: Изд-во АН Тадж.ССР, 1954. С. 3-14; Ҳамчунин ниг.: Семенов А.А. Избранные сочинения. – Душанбе: Офсет-Империя, 2013. С. 37-52.

[3] Ниг.: Семенов А.А. Избранные сочинения. С. 52.

[4] Ниг.: Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. С.10-17.

омӯзиши таърихи гузаштаи дуру наздики тоҷикон, хосатан мақому манзалати давлатофарии онҳо дар замони Сомониён суръат гирифт.

Далели равшани он, 14 апрели соли 1997, «Дар бораи ҷашнгирии 1100-солагии давлати Сомониён» фармон содир намудани Сарвари ҷумҳурӣ ҳисоб меёбад. Дар ҷараёни омодагӣ ва раванди таҷлили ин ҷашни ифтихорбахш, таълифоти зиёде рӯи чоп омад, ки дар онҳо масоили гуногуни таъриху фарҳанги ин давлати тамаддунофари тоҷикон мавриди таҳқиқу баррасии ҷиддӣ қарор ёфтааст. Вале ба ҳамаи ин дастовардҳои илмии муҳим дар ин ҷода нигоҳ накарда, то кунун таҳқиқоти мукаммалу назарраси таъринигорӣ рӯи кор наомадааст.

Дар асарҳои ба Сомониён бахшидаи С.Абдуллоев[1], маҷмӯаҳои «Сомониён дар масири Таърих»[2], «Донишномаи Сомониён»[3], «Олимони тоҷик (маълумотномаи тарҷумаиҳолӣ-китобшиносӣ)»[4], китоби «Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV», ки бо заҳмати мураттиб ва муҳаққиқи он Н.

---

[1] Абдуллоев С. Исмоили Сомонӣ. – Хуҷанд: нашриёти ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – 390 с. Ниг. Замимаи китоб: Исмоили Сомонӣ дар манобеи таърихӣ. С. 221-390.; Амирони Сомонӣ. – М.: 4-й филиал, Воениздата, 1999. – 632 с. Ниг. Феҳристи маъхазҳо. С.616-619. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён. – Хуҷанд: Матбааи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, 2001. – 374 с. Ниг. Ишораҳои иқтибосӣ ва феҳристи маъхазҳову адабиёти илмӣ.

[2] Сомониён дар масири таърих. Ҷилди якум (Мутуни форсии тоҷикӣ). Аз силсилаи матнҳо ва пажӯҳишҳо ба ифтихори 1100-солагии давлати Сомониён. Фароҳамоварандагони матн, муаллифони сарсухан, таълиқот, ҳавошӣ ва луғатнома С. Абдуллоев, Н. Салимов, Н. Зоҳидов, Н. Ғиёсов, А.Ҳасанов. – Хуҷанд:Нашриёти давлатии ба ном Раҳим Ҷалил, 1998. – 552 с.; Ҷидди дувум (Мутуни арабиасл), 1999. – 672; Нашри дуюму нисбатан мукаммали ҳамин маҷмӯаи маъхазҳо дар ду ҷилд. – Душанбе: Дониш, 2019.

[3] Донишномаи Сомониён. Ҷилди якум. Зери назар ва муаллифи муқаддима, академики АИ ҶТ Н.Ю. Салимов (Салимӣ). – Хуҷанд: Нашриёти «Нури маърифат». 2008. – 545 с.; Ҷилди дувум. – 2009. – 528 с.

[4] Таджикские ученые (биобиблиографический справочник). – Т. I (древность и средневековье). – Душанбе: Дониш, 2014. – 283 с.

Амиршоҳӣ ба чоп расидааст[1], «Ду ҳазор соли таърихнигории тоҷикон (эрониён)»-и Қ. Расулиён[2], «Маъхазшиносӣ»-и Ҳ.Камол ва А. Саидов[3], ҳамчунин «Луғати ҷуғрофиё, таърих ва адабиёти Форс»-и К.Б. Мейнар[4], китоби И.Л. Даниел «Сулолаи Сомониён»[5] ва дигар шарқшиносони Аврупоро, ки маълумоти зиёд доир ба осори таърихиву ҷуғрофии асримиёнагии бевосита ба замони Сомониён иртибот доштаро дар бар мегиранд, гарчанде барои таҳқиқоти таърихнигорӣ муфиду арзишманд бошанд ҳам (дар китоб мавриди истифода қарор ёфтаанд), вале мисли дигар асарҳои ҷанбаи қомусӣ (энсиклопедӣ), бештар хусусияти иттилоотӣ дошта, таҳқиқоти таърихнигорӣ буда наметавонанд. Дар ин ҷода «Луғатнома»-и Деххудо, «Фарҳанги форсӣ»-и Муин, «Доирату-л-маорифи бузурги исломӣ» ва ғайра хеле муфиданд. Ҳамчунин мебояд аз мақолаҳои Л.Бойматов[6], У.Ғаффоров[7], М.Исоматов[8], ки чун асарҳои таърихнигорӣ рӯи чоп овардаанд, ёдовар шуд,

---

1 Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Мураттиб ва муҳаққиқ Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: Амри илм, 1999. – 1008 с. Ниг. Боби «Сомониён (899-999). С. 272-433.

2 Расулиён Қ. Ду ҳазор соли таърихнигории тоҷикон (эрониён) // Осори мунтахаб. Ҷилди I. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014. С. 83-162.

3 Камол Ҳ., Саидов А. Маъхазшиносӣ. – Душанбе: Сабрина-К, 2015. – 102 с.

4 Dictionnaire geographique, historique et litteraire de la Perse et des contree anjacentes par C. Barbier de Meynard, Paris, 1861.

5 Daniel E.L. Samanid dynasty, in: Ecyclopedia of Asian History, Prepared under the auspices of the Asia Society, ed. by A.T. Embree, I-IV volumes, New-York – London: Charles Scribner's Sons – Collier Macmillan Publishers, 1988

6 Бойматов Л. Ташаккули таърихнигории миллӣ (асрҳои IX-X) // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Пайванд, 1998. С.93-109. Аз мазмуни матн бармеояд, ки муаллиф ба хусусиятҳои фарққунандаи донишҳои таърихӣ ва илми таърих сарфаҳм нарафтааст.

7 Ғаффоров У. Сомониён – аз диди нахусттаърихнависони форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 1998. С. 110-122.

8 Исоматов М. Сомониён ва ташаккулёбии таърихнигории миллии тоҷик (Дар мисоли «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ ва мақоми он дар таърихнигории форсу тоҷик) // Маҷмӯаи номбурда. С. 137-150.

вале аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво онҳо чун таҳқиқоти чашмраси таърихнигорӣ буда наметавонанд.

Рисолае, ки акнун ба дасти хонанда мерасад, танҳо кӯшиши аввалест дар таълифи таърихнигории нисбатан пурраву доманадори замони давлатдории Сомониён. Албатта, дар ҳаҷми як китоб фарогирии таҳлили муқоисавии тамоми осори маъхазиву таҳқиқоти ниҳоят зиёди ватаниву хориҷӣ, ки ба давраи Сомониён бахшида шудааст, аз имкон берун аст. Табиист, ки рисола аз камбуду норасоӣ холӣ буда наметавонад.

Аз ин рӯ, муаллиф эроди мутахассисон ва дигар хонандагони закитабъу нуктасанҷро доир ба нуқсони дар асари мазкур ҷой дошта, бо умеди такмили он дар нашри оянда, бо эҳтиром қабул хоҳад кард.

Муаллиф ба докторони илмҳои таърих, профессорон Н.Убайдуллоҳ, Ҳ. Камол ва А.Саидов барои маслиҳатҳои муфид дар амри нигориши ин китоб сипосгузор аст.

# БОБИ I

# СУХАНЕ ЧАНД АЗ ҶОЙГОҲИ ТОҶИКОН ДАР МАЪЛУМОТҲОИ ТАЪРИХИИ ЗАМОНИ ҚАДИМ

## «Авесто» – нишондиҳандаи боэътимоди донишҳои таърихии халқи тоҷик дар замони қадим

Гарчи анъанаҳои таърихнависии пешгузаштагони мо дар шакли устураву ривоятҳо аз замонҳои хеле қадим маъруф бошанд ҳам, аввалин нишондиҳандаи низоми таърихогаҳии тоҷикон китоби муқаддаси «Авесто» ҳисоб меёбад.

Вале набояд пурра аз арзиши маъхазии асотиру ривотҳое, ки пеш аз Авесто ба гузаштаи дури халқ то андозае робита доранд, сарфи назар намуд. Асотир яке аз воситаҳоест, ки донишҳои таърихии одамони қадимро дар шакли ривоят, устура ва ё афсона ифода мекунад. То асри XIX аксари муҳаққиқон ҷанбаи маъхазии асотирро инкор мекарданд. Вале бо мурури рушди илми таърих ва самтҳои ёрирасони он, ҷанбаи иртиботи он бо маълумоти шифоҳии воқеаҳои замони ниҳоят дури ҷомеаи инсонӣ бештар аён гардида, дар таҳлили илмии замони бостон мавқеи ҷиддитаре касб намуд. Дар ин ҷода таърихи гузаштаи дури тоҷикон истисно буда наметавонад.

Гарчанде аз рӯи мазмуни асотири баягон воқеаи таърихӣ пайвандӣ дошта, ҳақиқатро аз муҳобот ҷудо кардан ниҳоят мушкил бошад ҳам, дар ҳолати таҳлили ҷиддию муқоисавӣ аҳамияти маъхазии онҳо то андозае аён мегардад. Масалан, Тӯфони Нӯҳ. Агарчи замони ҳодисаро аниқ муайян кардан то

имрӯз ба касе даст надода аст, вале бисёре аз олимон ба асоси илмӣ доштани он шубҳае надоранд. Асотири дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҷой дошта, достонҳои устуравии Юнону Ҳиндустони қадим ва ғайра, ки образҳои ба ҳақиқат наздики меҳанпарастию қаҳрамонӣ дар роҳи адолат офарида шудаанд, агар аз муҳоботи ба он қаҳрамонон нисбат додашуда, сарфи назар шавад, то андозае ба воқеияти замони онҳо сарфаҳм рафтан имкон дорад.

Дар ривоятҳои мутааллиқи замони Пешдодиён низ воқеияти таърихӣ бармеояд. Аз чунин манзар ба донишҳои таърихии замони «Авесто» аз рӯи матни он баҳои воқеӣ дода метавонем. Дар асоси асотири дар он ҷойдошта, сипас дар навиштаҳои марбут ба Зардушт ва осори таърихии асримиёнагӣ омада, метавон то андозае хулосаи таърихӣ баровард.

Дар чунин китобҳои дар олам маълум Пешдодиёну шоҳони намоёни ин сулола (гӯё 2468 сол ҳукмфармоӣ доштаанд) аз Каюмарс то Гаршасп, ҳамчунин давлати дуюми ориёиҳо – Каёниён, ки аз рӯи ривоятҳо 734 сол соҳибтахт будаанду дар Авесто ва дигар сарчашмаҳо аз бонуфузтарини онҳо, мисли Кайқубод, Кайковус, Кайхусрав, Луҳрасп, Виштасп, Баҳман, Ҳумой ёд шудааст.[1]

Муддао аз овардани ин ду сулолаи ҷанбаи асотирӣ дошта, аз он иборат аст, ки агар қисме аз ҷузъиёти ҷуғрофиёӣ, сохтори давлатдорӣ, набарди воҳимаангез бо деву аждаҳо, ишора ба давраи ниҳоят тӯлонии ҳукмронии баъзе шоҳони ин сулолаҳо маҳсули бофтаи хаёл бошад ҳам, дар маҷмӯъ дар ривояту устураҳо бешубҳа воқеияти таърихӣ то андозае ҷой дорад. Ҳамин боис гардидааст, ки ҳам Пешдодиёну ҳам Каёниён чун давлатҳои қадимаи ориёӣ эътироф шудаанд. Ин худ баёнгари он аст, ки дар устураву ривоятҳо то андозае ҳақиқати таърих нуҳуфта аст ва таҳлили он борикназарии ҷиддиро талаб мекунад. Ҳақиқати таърихро дар онҳо дарёфтан ба дониши фа-

[1] Ниг.: Ёқубшоҳ Ю. Давлати Каёниён. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 544 с.; Ҳ.Камол. Насабшиносӣ. Душанбе, 2017. С.63-76

рохи илмӣ ва истеъдоди мантиқию муқоисавии муҳаққиқ вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки ба маълумоти дар китобҳои муқаддаси дини зардуштӣ «Авесто» ва дини ҳиндуи – «Ведҳо» ҷой дошта, такя карда, муҳаққиқон то андозае таърихи қадимаи ориёиҳоро равшан намудаанд. Аз ин лиҳоз, «Авесто» муҳимтарин ва боэътибортарин маъхазест, ки ба гузаштаи дури халқҳои ориёитабор, хосатан тоҷикон равшанӣ меандозад.

Албатта доир ба давраи рӯи кор омадани китобҳои муқаддаси «Авесто» ва «Ведҳо», аз сабаби набудани маъхазҳои хаттӣ дар байни олимон ихтилофи назар то кунун идома дорад. Вале аксаран бар он ақидаанд, ки на дертар аз асрҳои X-IX то милод, «Авесто» баёнкунандаи макони зисти қабоили ориёӣ дар Осиёи Миёна ва Эрони Шарқӣ ва «Ведҳо» нишондиҳандаи пеш аз асрҳои XII-X қабл аз милод дар Ҳиндустон сукунат доштани ориёиёнро мебошанд. Муқоисаи матнҳои ин ду сарчашмаи таърихӣ ба хулосае меорад, ки офарандагони ин ду китоби муқаддас мансубияти худро ба «аря», ки маънии «ориёӣ»-ро дорад, бо василаҳои гуногун, аз ҷумла умумияти лингвистӣ ё забонӣ, ақоиди динӣ, хотироти асотирӣ, анъаноти хоҷагидорию фарҳангӣ ва ғайра нишон додаанд. Инро фазои ягонаи зисти онҳо низ тасдиқ мекунад. Вале доир ба ҳудуди қаблии зисти онҳо дар байни олимон ақидаҳои мухталиф ҷой дорад. Бештари онҳо бар он назаранд, ки ориёиҳои авестоӣ ва ведоӣ то аз ҳам ҷудо шудан, дар Осиёи Миёна ва манотиқи ба он наздик зиндагӣ доштанд. Баъди аз ҷудоӣ як қисми онҳо ба Ҳиндустон ва Байнаннаҳрайни Шимолӣ, аҷдоди форсҳо ба Эрони Ғарбӣ муҳоҷират намуда, қисми бузурги ин қабоил дар макони пешинаи зисти худ – Осиёи Миёна монданд, ки онҳо бевосита пешгузаштагони тоҷикон буданд.

Аз ин рӯ, боназардошти таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои дастрас бо маълумоти дар ин ду китоби муқаддас ҷой дошта, бисёре аз муҳаққиқонро ба хулосае овардааст, ки ин иттиҳодияи қабилавии ягонаи ориёиҳои дар як минтақа зиндагидошта, тахминан дар асрҳои XX-XV то милод ба ду

шоха тақсим шуданд. Як гурӯҳи он ба Ҳиндустон муҳоҷират намуда, дар он ҷо «Ведҳо» ва гурӯҳи дуюм ба Осиёи Миёна ва Эрони Шарқӣ ворид гардида, «Авесто»-ро офаридаанд.

Китоби муқаддаси дини зардуштӣ «Авесто», ки онро ба каломи худо дар шинохти Аҳурамаздо нисбат медиҳанд, аз куҳантарин ва боэътимодтарин сарчашмаи таърихӣ доир ба омӯзиши давраи бостонии қабоили ориёӣ эътироф шудааст.

Матни «Авесто»-и то замони мо расида, тахминан чоряк ҳиссаи матни китобатшудаи давраи охири салтанати Сосониёнро ташкил медиҳад. Он китобҳои «Ясно» («назр», «ниёз») – дуоҳои маросимии ба худо бахшидашуда ва «Готҳо» – сурудҳое, ки бевосита аз ҷониби Зардушт баён шудаанд; «Видевдат» – «қонуни зидди девҳо»; «Виспарат» – маҷмӯи дуоҳо ё иловаҳо ба «Ясно»; «Яштҳо» – (ба маънои «ниёиш», «ситоиш») – сурудҳо дар ситоиши Аҳурамаздоро дар бар мегиранд.

Таҳқиқи раванди офарида шудани «Авесто» олимонро ба хулосае овардааст, ки матни ин китоби муқаддас дар як замони маҳдуд не, балки давраи нисбатан тӯлониро дар бар гирифтааст. То ба вуҷуд омадани алифбое, ки қисмати авестоии то замони мо расида китобат шудааст, матнҳои хаттии қаблӣ низ вуҷуд доштаанд, ки бо алифбои дар асрҳои VI-V пеш аз милод, яъне то давраи Ҳахоманишҳо мавриди истифода қарор доштаанд.

Дар ҳудуди ҳазорсолаҳои II-I то милод ватани ориёиён як қатор вилоятҳои таърихӣ–фарҳангии Марв, Бохтар бо марказаш Балх (ҳавзаи миёна ва болои Амударё, байни қуллаҳои Ҳиндукуш ва Ҳисор), Суғд бо марказаш Самарқанд ва Хоразмро, ки дар «Авесто» номбар шудаанд, фаро мегирифт. Дар ин давра паҳншавии қабилаҳои ориёӣ ва маданияти онҳо ба дигар паҳноҳои аврупо-осиёӣ, хосатан Осиёи Марказӣ сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, доир ба амиқ муайян намудани бошишгоҳи аввалии ориёиён дар адабиёти илмӣ то кунун ихтилофи назар вуҷуд дорад. Паҳнои ин тахмину мулоҳизот аз поёноби Дунай ва Аврупои Марказӣ то Олой ва сарҳади Ҳинду-

стонро дар бар мегирад. Дар ин ихтилофи назарҳо диди олими тоҷик, бостоншиноси маъруф Н.Неъматов, ки дар заминаи далелҳо пешниҳод мегардад, бештар асоси илмӣ дорад. Аз рӯи ақидаи ӯ маҳз Осиёи Миёна чун ватани азалии ориёиён бояд шинохта шавад.

Дар омӯзиши таърихи ориёӣ пайдоиши давлатдории онҳо мавқеи марказиро ишғол менамояд. Албатта, ҷуғрофиё ва сохтори давлатдориро аз рӯи ривоятҳои дар «Авесто» аниқ муайян намудан ниҳоят душвор аст. Вале дар фаргарди якуми қадимтарин сурудаҳои – «Вандидод» онҳо чун 16 «сарзамину кишвар»-ҳои офаридаи Аҳурамаздо, ки дар паҳнои Осиёи Миёна, Эрон ва Ҳиндустон ҷой доштанд, ишора ёфтаанд. Дар байни онҳо, аз ҷумла Эронвиҷ, Суғд, Марв, Балх, Нисай, Ҳирот, Ҳафтрӯд номбар шудаанд. Аз ин рӯ, дар замони авестоӣ мавҷуд будани чунин кишвару воҳидҳои давлатӣ ҳақиқати бебаҳс аст.

Бино бар матни қадимтарин «Яштҳо» ва «Готҳо»-и Авесто, хусусиятҳои ҷомеаи замони авестоиро муайян намудани олимон аз сарчашмаи боэътимоди таърихӣ будани ин китоби муқаддас шаҳодат медиҳад. Дар бобҳои гуногуни «Авесто» инқирози обшинаи авлодӣ, рушди муносибатҳои патриархалӣ ва шакл гирифтани табақабандии иҷтимоӣ инъикос ёфтаанд. Дар ин сарчашмаи боэътимод маълумотҳои зиёде доир ба анъаноти иҷтимоии дар он замон шаклгирифта, аз ҷумла муносибатҳои расмии оиладорӣ, мақоми маъмурон, ҳарбиён, роҳибон, ғуломон ва дигар нишондиҳандаҳои ба раванди гузариш аз муносибатҳои ба ҷомеаи то табақабанди иҷтимоӣ (тосинфӣ) хос, ба нобаробарии табақавӣ (синфӣ ё ғуломдорӣ) мавҷуданд.

Дар «Видевдат» ин шакли табақабандӣ дар мисоли мавҷуд будани хонаҳои чорвои зиёд нигоҳдоранда ва аз тарафи онҳо ба қурбонӣ овардани «садҳо асп, ҳазор барзагов, даҳ ҳазор гӯсфанд» аз мавҷудияти табақаҳои дорою камбизоат гувоҳӣ медиҳад.

Албатта, аз мақоми «Авесто» чун муҳимтарин сарчашмаи

ҳаёту анъаноти қабилаҳои ориёӣ, аз ҷумла тоҷикони бостониро инъикоскунанда метавон маълумоти зиёде овард. Дар он ишораҳои ниҳоят муҳим доир ба ҳолати самтҳои гуногуни кишоварзӣ, чун шуғли муқаддаси хоҷагидорӣ ва аз кишоварзӣ ҷудо шудани чорводорӣ мавҷуданд. Ҳамчунин аз ин китоби муқаддаси замон муҳаққиқон доир ба мақоми маҳсулоти ҳунармандӣ ва шуғли ниҳоят муҳими ҷомеаи авестоӣ маълумоти зиёде дастрас намудаву мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Бояд қайд кард, ки ба ҳамаи таҳқиқоти ҷиддии авестошиносон то кунун рӯи кор оварда нигоҳ накарда, ҳанӯз масъалаҳои баҳсноке, ки идомаи омӯзиши ин маъхази бесобиқаро талаб мекунанд, кам нестанд. Албатта дар ин самт таърихнигории ҷаҳониро кушоишҳои зиёде дар пеш аст. Вале барои мо мақоми то андозае ҳалкунандаи «Авесто» дар омӯзиши таърихи замони бостони халқҳои ориёинажод, хосатан халқи тоҷик ҳақиқати бебаҳс ҳисоб меёбад.

«Авесто», – таъкид менамоянд Президенти кишвар Э. Раҳмон, – қадимтарин ва мукаммалтарин сарчашмаи хаттии ниёгони мо – ориёиҳои бошандаи сарзамини Бохтару Суғд ва Хоразм будааст, ки аз лиҳози давраи пайдоиш тақрибан ба асрҳои XII-X то милод рост омада, онро ҳамзамону ҳамсоли китоби муқаддаси «Ведҳо» мешуморанд. Нахустин падидаи «Авесто» дар байни қавму қабилаҳои ориёии Эрони Шарқӣ ба таври шифоҳӣ аз даҳон ба даҳон гузашта, дар маросимҳои динӣ, ситоиши худоён, ирсоли дуруду паём ба офтобу замин, оташу об, хоку бод, ҳамчунин тараннуми суруду хамосаҳо дар васфи олиҳаҳои обу ҳосил ва дигар оинҳои мавсимӣ риоя мешуд... «Авесто» нахустин қомуси тамаддун ва аввалин ганҷинаи фарҳангии ориёиҳои шарқӣ – саромадони тоҷикон аст, ки аз саргузашту сарнавишти обову аҷдоди мо дар давраи фаророасии рушду нумӯи маданият ва падид омадани нахустин нишонаҳои халқияти тоҷик башорат овардааст»[1].

[1] Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз ориён то сомониён. – Лондон, 1999. С. 31-32.

Ин баҳои Сарвари давлати тоҷикон ба Авесто, ишораест ба аъанаъҳои қадимаи таърихнигории тоҷик.

## Маълумоти таърихии замони Ҳахоманишиҳо ва аҳди Сосониён

Аз сарчашмаҳои расмии замони Ҳахоманишҳо, ки маълумоти муфиди таърихиро то замони мо расонданд, ҳуҷҷатҳои коргузории шоҳон ҳисоб меёбанд. Дар ин бобат наметавон аз навиштаҳои дар санг, хишт, чӯб ва ғайра сарфи назар кард. Дар байни чунин маъхазҳои таърихӣ навиштаҳои дар кӯҳи Бесутун бо фармони Дорои I (охири асри VI қабл аз милод) ҳаккокӣ шуда, ки дар он аз сохтори маъмурӣ ва сиёсати давлатдории давлати Ҳахоманишҳо маълумот оварда аст, сарчашмаи ниҳоят ҷолиби таърихӣ ҳисоб меёбад. Дар он, аз ҷумла доир ба бераҳмона пахш намудани шӯришҳои дар Порту Гиркония (Сакистон, сипас Систон) ва Марғиёну Арахосия, рӯйхати сатрапҳо (вилоятҳо)-и ин давлати доманфарох, ки Осиёи Миёнаро низ фаро гирифта буд, маълумот оварда шудааст.

Ҳамчунин дар навиштаҷоти Дорои I бахшида ба ташкилу раванди сохтмони қасри дар пойтахти давлати Ҳахоманишҳо – Суз ҷой дошта, аз ҷумла доир ба ширкати устоҳо ва интиқоли маводи барои ин сохтмон зарурӣ аз Бохтар, Суғд ва Хоразм ахбори муҳиме вуҷуд доранд. Дар чанде аз навиштаҳои Дорои I дар Суз, Форс, Тахти Ҷамшед, ки бо юнонӣ чун Персепол ёд мешавад ва Нақши Рустам дар варақтунукаҳои тиллою нукрагӣ навиштаҳое пайдо шудаанд, ки дар онҳо феҳристи ному мавзеъҳои ҷуғрофиёи давлати Ҳахоманишҳои замони Дорои I (522-486 пеш аз милод) бо хатти оромӣ оварда шудаанд. Ҳамчунин дар навиштаҳои папирусии (пӯсти растании минтақаҳои тропикие, ки дар он хат менавиштанд) бойгониҳои расмӣ доир ба сохтмони шаҳру кӯшкҳо маълумот мавҷуд буда, дар онҳо рӯйхати ҳунармандони зиёде

аз Бохтар, Суғд ва Хоразм боқӣ мондааст. Бояд қайд кард, ки баъди аз миён рафтани давлати Ҳахоманишҳо анъанаи истифодаи хат (хати оромӣ) дар оянда ба Порт, Хоразм ва Суғд мегузарад. Дар Бохтар низ то ташаккули давлати Юнону Бохтар ва қабул намудани алифбои юнонӣ ин намуди хат мавриди истифода қарор дошт. Бо мурури замон хатти оромӣ тағйири шакли навишт пайдо кард, ки он дар ҳуҷҷатгузориҳои паҳлавӣ (форсии миёна) ба назар мерасад.

Доир ба таърих ва вазъи сиёсию иқтисодии мулку давлатҳои Осиёи Миёна, ба давраи ташаккулу рушди давлати Сосониён, ки дар даврабандии таърихии мо ба зинаи асримиёнагӣ ибтидо гузошта аст, сарчашмаҳои ниҳоят зиёди хаттӣ боқӣ мондаанд. Дар байни онҳо, ба хусус навиштаҳои рӯидевории бо фармони Шопури I (асри III милодӣ) анҷомёфта, дар Нақши Рустам аз тарҷума бо форсии миёна гимнҳои «Авесто» ва тафсири онҳо оварда, хеле ҷолибанд. Бе сабаб нест, ки Нақши Рустам, чун «Каъбаи Задушт» ном гирифтааст. Дар қатори маълумоти зиёде аз адабиёти зардуштии замони Сосониён, ахбори ниҳоят ҷолиби тарҷумаиҳолии Зардушт оварда шудааст, ки ҷуғрофиёи макони зисти ӯро дар ҳудуди Осиёи Миёна ва Эрони Шарқӣ нишон додаанд. Ҳамчунин дар навиштаҷоти Нақши Рустам сюжетҳои устуравии ба Осиёи Миёна иртибот дошта, хеле зиёданд.

Бояд қайд кард, ки дар замони Сосониён офаридани достонҳои ҳамосӣ (қаҳрамонӣ) шакл гирифт. Намунаи чунин осори ҳамосӣ «Худойнома» мебошад, ки дар замони Хусрави Анӯшервон (асри VI милодӣ) ва шоҳи охирини давлати Сосониён Яздигурди III (асри VII милодӣ) таълифи ин маҷмӯаи достонҳои устуравию чанде таърихӣ оғозу анҷом ёфтааст. Дар он ҳаводиси дар ҳудуди давлатдории Сосониён аз қадим то асри VII-ро дар бар гирифта, бо забони паҳлавӣ (форсии миёна) таълиф шудааст. «Худойнома» баъди истилои араб борҳо ба забони арабӣ тарҷума шудааст.

Дар қатори китобҳои дар ин давра офаридашуда «Корномаҳои Ардашер» (асрҳои V-VI), «Шаҳрҳои Эрон» (асри VI),

ривояту асотир ва достонҳои асоси таърихӣ дошта ҳисоб меёбанд, ки дар онҳо воқеияти таърихии ба Осиёи Миёна, хосатан тоҷикон мансубият дошта, ба назар мерасад. Аз ин рӯ мақоми онҳоро дар таърихнигории ватанӣ эътироф кардан зарур аст.

Аз дараҷаи баланди дарки таърихии давраи Сосониён, далеле дарак медиҳад, ки дар замони Сомониён, зарурати эҳёи тамаддуни қаблӣ, китобат намудани он осори ҳамосиро пеш овард. Бо фармоиши Нӯҳи II Сомонӣ солҳои 976-977 шоир Дақиқӣ ба китобати «Шоҳнома» оғоз намуд, вале тақдир барояш даст надод. Ӯ соли 977 дар як шаби базм аз тарафи ғуломаш кушта шуд. Ин масъулияти ҷиддӣ ба зиммаи Абулқосим Фирдавсӣ (тав. байни солҳои 934-941) афтид. Ӯ баъзе аз қисмҳои ба қолаби шеър даровардаи Дақиқиро ба «Шоҳнома»-и хеш ҳамроҳ намуда, таълифи ин асари оламшумулро асосан соли 994 ба итмом расонд. Бо баъзе иловаҳо, нусхаи ниҳоии онро соли 1010 омода карда, ба Маҳмуди Ғазнавӣ пешниҳод намуд. Вале қадр нашудани заҳмати беш аз сисолаи ин марди ҳикмату устоди забардаст, сабаб ранҷиши ӯ гардид. Ҳамин ранҷиш буд, ки шоир дар ҳолати ниҳоят нодорӣ соли 1020 (аз рӯи баъзе маълумотҳо – соли 1025) дар Тус вафот кард.

Дар ин ҳамосаи бузург, таърихи тоисломии Эрон, аз замонҳои асотирии Пешдодиён ва Каёниён, бо ҷузъиёти асоси таърихӣ дошта, ки дар шакли асотир дар хотираи сокинони замонҳои қадими Эрону Хуросон ва Варорӯд сурат гирифта буд, баён ёфтааст. Қисми таърихии «Шоҳнома» ба воқеаҳои замони Сосониён, аз ҷумла ҷузъиёти воқеаҳои дар Варорӯд сурат гирифта, инъикос ёфтаанд. «Шоҳнома» бузургтарин нишондиҳандаи донишҳои таърихии мардуми форсзабон, хосатан тоҷикон ҳисоб меёбад.

Аз маълумоти таърихнигории ба таърихи тоҷикон то замони истилои арабҳо иртибот дошта, ки дар боло ишора рафт, бар меояд, ки то кунун китоби мукаммали таърихии гузаштаи дури ин халқи бостониро инъикоскунанда рӯи даст наомада-

аст. Вале таърихи ниҳоят тӯлониву пурғановати тоҷикон эҳтимолияти дар қадим вуҷуд доштани анъанаи таърихнависиро аз миён бардошта наметавонад.

Маълумоти зиёди дар осори муаррихони дигар халқу давлатҳо доир ба таърихи қадимаи тоҷикон ҷой дошта, хулосаеро пеш меорад, ки онҳо дар асоси дастрасӣ ба маъхазу осори таърихогаҳони маҳаллӣ дар китобҳои муаррихони дар боло ишора ёфта ворид гардидаанд. Вале селоби фоҷиабори воқеаҳои дар минтақа суратгирифта, алалхусус ҳуҷуму ғоратгариҳои аҷнабиён, зӯран аз байн бурдани эътиқоду анъаноти асрҳои тӯлонӣ пойдори диниву мазҳабии ин халқи соҳибзабону соҳибхат ва тамаддунофар, ки мантиқан наметавонист бе осори мукаммали таърихӣ бошад, ҳамаро аз миён бурд. Гумони ғолиб меравад, ки сабаби дарёф нашудани чунин осор пурра аз байн бурдану батамом нобуд кардани он ганҷинаи маънавӣ аз тарафи ғосибони саҳронишини дар дараҷаи ваҳшонияту бефарҳангӣ қарордошта, ҳисоб меёбад.

## Паҳнои зисти тоҷикони қадим дар осори муаррихони Юнон, Рим, Рум (Византия) ва Бобулу Ассурия

Барои дарки воқеии рушди таърихнигории замони Сомониён, дар баробари шиносоӣ ба донишҳои таърихии давраи Ҳахоманишиҳо ва Сосониён лозим меояд, ки ба мероси муаррихони дигар давлатҳои қадим, ки қабл аз ба арсаи таърих ворид гардидани Сомониён доир ба тоҷикон маълумот овардаанд, ибрози назар намоем.

Аз ин манзар дар қатори сарчашмаҳои ниҳоят зиёди бостоншиносӣ ва маълумоти дар «Авесто» буда, мақоми хоссаи осори муаррихони замони антиқаи юнонӣ ва лотинӣ равшан эҳсос мешавад. Дар ҳолати набудани дигар сарчашмаҳои хаттӣ, маълумоти аз онҳо ба мерос монда, аз як тараф барои ба воқеияти замон сарфаҳм рафтан имкон диҳад, аз тарафи ди-

гар, вазъи донишҳои таърихии пешгузаштагони моро муайян карда метавонанд. Чунин эҳтимолияти асоси воқеӣ дошта, дар он зоҳир мегардад, ки осори муаррихони Юнони бостон бештар ба масоили гуногуни муносибати (аниқтараш рақобати) байни давлатҳои Юнону Форс бахшида шудаанд. Дар раванди ин рақобати тӯлонӣ Варорӯд, ки дар қаламрави сиёсию маъмурии давлати Ҳахоманишҳо қарор дошт, табиист, аз маълумоти дар асарҳои муаллифони Юнон омада, дар канор буда наметавонист.

Аз тарафи дигар, бе мавҷудияти маълумоти таърихие, ки тоҷикони қадим ба он соҳиб буданд, муаллифони юнонӣ наметавонистанд вазъи он замони Варорӯдро дар осори худ инъикос намоянд. Аз ин хулосае бармеояд, ки вазъи дарки воқеияти замон ё дараҷаи донишҳои таърихии тоҷикони қадимро аз рӯи маълумоти дар китобҳои муаллифони Юнон ҷой дошта, муайян намудан имкон дорад.

Дар асари аввалин муаррихи Юнон, ки он чун «падари таърих» унвон гирифтааст – Геродот (асри V то милод), «История» («Таърих»), ки асосан ба тафсири ҷангҳои Юнону Форс бахшида шудааст, вобаста ба мантиқи гузориши таърихӣ доир ба баъзе аз қабилаву мулкҳои қадимаи Варорӯд маълумот овардаст. Аз ҷумла дар рӯйхати сатрапҳои Варорӯди давлати Ҳахоманишҳо овардааст, ки Бохтар бо дигар вилоятҳои маъмурии дар ҳайати он қарор дошта, аз ҷумла Хатлон сатрапи 12-ум буда, соле 360 талант (1 талант ба 30 кило нуқра баробар буд), сатрапи 16-ум, ки ба он Порт, Хоразм, Суғд ва Ҳарайва (эҳтимолан Ҳирот) дохил мешуданд – 300 талант нуқра ба хазинаи марказии Ҳахоманишҳо интиқол медоданд.

Маълумоти ниҳоят муфид дар китобҳои муаррихи дигари Юнон – Ксенофонт (асрҳои V-IV пеш аз милод) «Анабасис Кира» («Юришҳои Куруш») ва «Киропедия» («Тарбияи Куруш») доир ба Варорӯд оварда шудааст.

Чандин муаррихону соҳибқаламони Юнон аз ҷумла Геланник (асри V пеш аз милод) ва Ктесийро (V-IV то милод) ном-

бар кардан лозим меояд, ки бо унвони «Персика», «Скифика», «Индика» ва ғайра осор аз худ боқӣ гузошта, маълумоти зиёдеро доир ба Бохтар ва халқҳои атрофи он пеш овардаанд.

Бояд қайд кард, ки доир ба Варорӯди замони Искандари Мақдунӣ осори таърихии зиёде мавҷуд аст. Вале онҳоро на ҳамзамонони ин лашкаркаши бузург, балки муаррихоне навиштаанд, ки беш аз як аср пас аз марги ӯ ва асрҳои баъдина ба саҳнаи таърихнигорӣ баромадаанд. Намоёнтарини онҳо Квин Курсий Руф (асри I милодӣ), муллифи китобҳои бисёрҷилдаи «Корнамоиҳои Искандари бузург» (тахминан байни солҳои 36-65 навишта шудааст) ва Флавий Арриан (асри II милодӣ), муллифи «Анабасис Александра», («Шуҳратёбии Искандар»), ки аз 7 китоб иборат буда, солҳои 165-168 таълиф намудааст, ҳисоб меёбанд. Ҳамчунин аз хизмати Аппиан (асри II милодӣ), Дексипи Афинагӣ (асри III милодӣ) ва бисёре аз дигар муаррихони замони Искандар ва баъди он, ки доир ба таърих, вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии халқу давлатҳои Варорӯд, хосатан пешгузаштагони тоҷикон маълумоти зиёде овардаанд, метавон ёдовар шуд. Муҳтавои умумии хизмати муаллифон дар он зоҳир мегардад, ки пурра ҳам набошад, ба баъзе аз ҷузъиёти гузаштаи дури таърихи халқи тоҷик равшанӣ андохтаанд.

Аз диди таърихнигорӣ барои мо муҳим он аст, ки муаррихони Юнони қадим, доир ба таърихи гузаштаи дури давлатдорӣ ва хусусиятҳои этникии қабоили ориёинажоди Варорӯд маълумоти зиёде аз худ боқӣ гузоштаанд. Он мерос аз диди таърихию маъхазшиносӣ ниҳоят арзишманд ҳисоб меёбанд. Аз тарафи дигар маълумоти дар асарҳои онҳо ҷой дошта наметавонист дар заминаи таҳаввулоти шахсии муаллифон сурат бигирад. Манбаи нигоришоти онҳоро бояд дар маълумоти таърихии худи Варорӯд бояд ҷуст. Аз ин манзар хулосае пеш меояд, ки он замон сатҳи донишҳои таърихӣ дар минтақа хеле баланд будааст.

Чунин маълумоти таърихӣ доир ба Варорӯди ибтидои солшумории милодӣ дар асарҳои сершумори муррихони им-

перияи Рим низ хеле зиёд ҷой доштанд. Мутаассифона то асрҳои баъдина, фақат ҷузъиёти хеле ками офаридаҳои онҳо боқӣ мондааст. Вале он чи аз мероси ниҳоят ғании онҳо дастрас шудааст, аз як тараф нишондиҳандаи мақоми баланди онҳо дар таърихнигории умумибашарӣ ҳисоб ёбад, аз тарафи дигар барои фаҳмидани воқеияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва дар ин замина муайян намудани сатҳи донишҳои таърихии ниёгони мо хеле муҳим аст.

Аз муаррихони Рим ёдовар шуда, дар мадди аввал Публий Карнелий Татсит (асрҳои I-II милод) ва Аммиан Марселлин (асри IV милод) пеши назар меояд, ки асарҳои зиёде таълиф намудаанд. Масалан, Татсит дар китоби калонҳаҷми худ, ки аз ду қисм – «Анналы» («Вақоеънома») ва «История» («Таърих») иборат буда, тахминан дар ибтидои асри II навишта шудааст, доир ба давлати Парфия (Порт), ки рақиби ҷиддии Рим ҳисоб меёфт, дар ҳамбастагӣ бо вазъи Варорӯд маълумоти зиёде овардааст.

Баъди сукути империяи Рим (миёнаи асри V), иқтидору аъанаҳои давлатдории он пурра ба қисмати шарқии он, ки аз охири асри III қувват мегирифт – империяти Рум (Византия) гузашт. Ин ба замони рушди давлати Сосониён, ки дар Варорӯд низ доман паҳн карда буд, рост омад. Раванди рақобати ин ду давлати бузург аз маълумоти таърихии замон берун монда наметавонист.

Аз муаррихони намоёни Рум Приск (асри V), муаллифи китоби бисёрҷилдаи «Таърихи Рум», Прокопий (асри VI) – « Таърихи ҷангҳои Юстиниан», Агафий (асри VI) – «Доир ба шоҳии Юстиниан» (воқеҳои солҳои 552-558-ро дар бар гирифтааст), Менандр Протикор (асри VI) – «Таърих» (воқеаҳои солҳои 558-582 инъикос ёфтаанд), Феофилакт Самокатт (асри VII) – «Таърих» (ба воқеаҳои солҳои 582-602 бахшида шудааст) ва дигарон, доир ба авзои сиёсии Варорӯд, муносибати Сосониён бо империяи шарқии Рим – Византия (Рум) ва ғайра маълумоти зиёде аз худ боқӣ гузоштаанд.

Чунин маълумотҳои аз таърихи қадимаи тоҷикон дарак-

диҳанда, дар сарчашмаҳои бобуливу ассуриягӣ хеле равшан ба назар мерасад. Аз ҷумла дар ҳуҷҷатҳои хоҷагидории доир ба аслу насаби ғуломони аз канораи империяи Ҳахоманишиҳо ба ин ҷо оварда, маълумоти кӯтоҳе аз зодгоҳи онҳо оварда шудааст. Дар чанде аз ҳуҷҷатҳои расмии идорӣ доир ба бохтариҳою киммериҳо (онҳоро бобулиён чун намояндаи скифҳо мешинохтанд), ахбор зикр шудааст. Дар ҳуҷҷатҳои расмии Бобул баъди давраи Ҳахоманишиҳо доир ба Бохтар маълумоти зиёде боқӣ мондааст.

## Мулкҳои Осиёи Миёна дар маълумотҳои маъхазии Сурия ва Арманистон

Аз маълумоти таърихии ба замони аввали асримиёнагии давлату мулкҳои Варорӯд иртибот дошта, ёдовар шуда, announcemetавон аз сарчашмаҳои хаттии дар Сурия ва Арманистон ҷой дошта сарфи назар намуд.

Ба баъзе аз ҷузъиёти таърихи Варорӯди ин давра, маҷмӯаҳои ахбори дар Сурия таълифшуда, равшанӣ андохтаанд. Аз ҷумла ахбори муаллифаш номаълуми асрҳои V-VI, ки дар замони ҳукмронии Яздигурди II (асри V милодӣ) зиндагӣ кардааст, нисбатан муфассал оварда шудааанд. Аз дигар маҷмӯаҳои ахборӣ, китоби «Ахбор»-и Ардиабен ё Арбели (миёнаи асри VI), ки воқеаҳои замони Аршакиён ва Сосонёнро дар бар гирифтааст, «Ахбор»-и Иешу Стилит (ибтидои асри VI), ки дар бораи хиониҳо Захар Ритор (асрҳои V-VI) доир ба ҳайтолиён, маълумот додаанд, метавон ном бурд. Дигар манбаи хатти барои Варорӯд муфид «Таърих»-и Иоан Эфесский (асри VI), ки доир ба воқеаҳои замони Сосониён маълумот овардааст, ҳисоб меёбад. Албатта, метавон зикри чунин манбаъҳои хаттиро, ки авзои сиёсӣ ва воқеаҳои Варорӯдро инъикос намудаанд, идома дод.

Аз осори муаллифони ибтидои асримиёнагии Арманистон мебояд аз «Таърихи Арманистон»-и Мовсес Хоренатси (Мои-

сеи Хоренӣ), ки дар асри V умр ба сар бурдааст, «Дар бораи Вардан ва ҷанги арманҳо»-и Егиш (асри V), ки худ дар юришҳои ҳарбии Сосониён дар Хуросон (442-448) ширкат доштааст ва китоби роҳиб (епископ) Себеос (асри VII), ки ба таърихи Арманистон аз замонҳои қадим то соли 661 бахшида шудааст ва ғайра ёдовар шуд, ки доир ба воқеаҳои аз оғози солшумории милодӣ то асри VII дар Варорӯд сурат гирифта, маълумоти арзишноки маъхазӣ оварда, бо ин ба рушди донишҳои таърихии халқҳои Осиёи Миёна, хосатан тоҷикон ҳисса гузоштаанд.

## Тоҷикон дар сарчашмаҳои Ҳиндустону Чини қадим

Дар раванди рушди донишҳои таърихии халқи тоҷик, мақоми адабиёти ҷанбаи таърихӣ доштаи Ҳиндустон равшан ба назар мерасад. Чи тавре дар боло ишора рафт, наметавон решаҳои таърихии моро бе ҳамбастагӣ омӯхт. Дар осори оламшумули эпикии «Маҳабҳарата» ва «Рамаяна», ки пайдоишу то ҳадди интиҳо шаклгириашон давраи тӯлонӣ (аз асри VI то асри II қабл аз милод) идома ёфтааст, муҳорибаю корномаҳои ҳарбӣ асоси воқеӣ дошта, вале дар шакли ривоят омадаанд.

Дар доираи воқеаҳои тасвиршуда, доир ба бахликҳо (бохтариҳо), камбуҷиҳо (сокинони Эрони Шарқӣ), ёвонҳо (юнониён), сакоиҳо, тахориҳо ва ғайра ишораҳои ҷолиб ҷой дорад. Дар пуранҳои (қисмҳо) «Рамаяна», ки ба асрҳои IV-VI рост меоянд, устураву ривоятҳои қадима оварда шудаанд. Аз ҷумла ривояти асоси воқеӣ доштаи ҳуҷуми юнону тахориён ба Палипутра – пойтахти шоҳигарии Магадхӣ (асри II то милод) оварда шудааст. Дар ин достон ба дарёҳои бузурги Варорӯд Вакшу (Амударё) ва Сита (Сирдарё) борҳо ишора рафтааст. Дар рисолаи сиёсии яке аз наздикону мушовирони подшоҳ Чандрагупта (асри IV то милод) Каутиле, доир ба сохтори

давлатии Ҳиндустон, Варорӯд ва Эрони Шарқӣ баъди Искандари Мақдунӣ маълумоти ҷолиб оварда шудааст.

Дар китобҳои қадимаи ба масоили гуногуни забони (грамматика) ҳиндӣ бахшидашуда низ ибораю далелҳои хеле зиёди аз ҳамрешагии забони ҳиндуэронӣ даракдиҳанда ба назар мерасад, ки ба ҳамбастагии таърихии мо ишора мекунанд. Нишондиҳандаи боътимоди чунин осор, китоби «Аштадҳия»-и забоншиноси қадими Ҳидустон Панини ҳисоб меёбад, ки замони нигоришаш асри V қабл аз милод муайян шудаст. Дар ин китоб ва таълифоти зиёди ба таҳлилу тафсироти он дар асрҳои баъдина бахшидашуда, аз ҷумла китоби Патанҷолӣ (асри II то милод), метавон доир ба давлату халқҳои ҳамҷавори Ҳиндустон, аз ҷумла Варорӯд ишораҳои зиёде дарёфт. Чунин мисолҳо дар китобҳои ба дигар равияҳои илму дониш, аз ҷумла кайҳоншиносӣ (астрономия), адабиёти бахшида ба таълимоти Буддо, катибаҳо, аз ҷумла катибаҳои бо фармони подшоҳ Чандрагуптаи II ( асрҳои IV-V милодӣ), матнҳои ҳуҷҷатҳо ва мактубҳои дар ҳудуди Варорӯд пайдо шуда маълумоти пурқимати таърихро дар худ нигоҳ медоранд. Аз тариқи намуна, дастхатҳои дар Дилварзин, Помири Шарқӣ ва харобаҳои ибодатгоҳҳои буддоӣ дар Қаротеппа (Тирмизи Кӯҳна) ва наздикии он – Зангтеппа метавон қайд кард, ки дар онҳо намунаи зиёди дасхатҳои Ҳиндустони аввали асримиёнагӣ дастрас шудаанд.

Дар муқоиса бо маъхазҳои дар боло ишораёфта, барои омӯзиши зинаи ниҳоии замони қадим ва давраи аввали асримиёнагии таърихи халқи тоҷик, бартарии мероси хаттии аз худ боқигузоштаи ҷуғрофиёшиносону сайёҳон, муаррихону роҳибони буддоии Чин аз ҳар ҷиҳат қавитар ба назар мерасад. Маълумоти дар онҳо ҷой дошта, чи аз рӯи дақиқбаёнӣ, чи аз рӯи пайиҳам (хронологӣ) овардани ҳаводиси таърихӣ фарқ мекунад.

Шояд доир ба Варорӯд дар маъхазҳои хаттии гузаштаи дури қабл аз милод маълумоти то кунун дасраснашуда мавҷуд бошад. Вале нахустахбори аз ҷиҳату банду баст ба таълифоти

асари таърихӣ ҷавобгӯ, ки дар он маълумот доир ба Варорӯд ҷой дорад, китоби «падари таърих»-и Чин – Сим Сян (145-86 то милод) «Шитсзи» («Қайдҳои таърихӣ») ҳисоб меёбад, ки хатми таълифаш ба соли 91 то милод рост меояд.

Баъди Сим Сян анъанаи таърихнависӣ дар Чин хеле ривоҷ ёфта, ба сифати мавзӯи марказӣ барои муаррихон навиштани таърихи сулолаҳо чун фаъолияти муқаррарӣ қарор гирифт. Аз ин силсилаи осор бояд аз китобҳои Бан Гу «Сянханшу» («Таърихи сулолаи қаблии Хан»), ки эҳтимолан соли 90 милодӣ навишта шудааст, Фан Е (ибтидои асри V милодӣ) – «Хоуханшу» («Таърихи сулолаи охирини Хан») ва сипас силсилаи чунин китобҳои таърихии ба сулолаҳо бахшида шуда: «Вэйлюэ» («Мухтасари сулолаи Вэй»), ки солҳои 220-265 соҳибтахт будааст; «Тсзиншу» («Таърихи сулолаи Тсзин»), ки солҳои 265-420-ро дар бар гирифтааст; «Суншу» («Таърихи сулолаи Сун») – солҳои 420-479; «Вэйшу» («Таърихи сулолаи Вэй») – 386-584; «Ляншу» («Таърихи сулолаи Лян») – 502-557; «Чжоушу» («Таърихи сулолаи Чжоу» – 557-581; «Суйшу» («Таърихи сулолаи Суй») – 581-618; «Синтаншу» (Таърихи нави сулолаи Тан») ва «Тсзютаншу» (таърихи қадимаи сулолаи Тан») – асрҳои VII – ибтидои X ёдовар шуд.

Дар ҳамаи ин осори таърихии ба сулолаҳо бахшида, боби махсус «Қисса аз кишвари Ғарб» мавҷуд аст, ки дар он доир ба давлату мулкҳо ва халқҳои Варорӯд Юеҷҳои Бузург (тахориён ва сипас давлати Кушониён), Дахи (Бохтар), Тухоло (Тахористон), Даван (Фарғона), Ийеда ва Иданҳо (ҳайтолиён), туркҳо ва ғайра бо нишондоди мавқеи ҷуғрофӣ, вазъи сиёсию иқтисодӣ маълумоти зиёд оварда шудааст.

Маълумоти дар китобҳои ишораёфтаро сайёҳон ва роҳибони буддоӣ, ки ба бисёре аз ҷойҳои Варорӯд сафар карда ва мушоҳидоти худро дар шакли қайдҳои сафарию ахбор сабт кардаанд, хеле пурра намудаанд. Фа Сян яке аз аввалин сайёҳонест, ки тақрибан соли 400 ба Ҳиндустон сафар карда, доир ба ин кишвар ва баъзе аз ҳамсоямулкҳо, аз ҷумла Ва-

рорӯд дар қайдҳои сафарии худ маълумот овардааст. Дар ибтидои асри VI (518-522) роҳиб Сон Юн барои зиёрати ҷойҳои муқаддаси Буддоии Ҳиндустон аз тариқи Варорӯду Хуросон сафар намуд. Аз ҳудуди Вахону Бадахшон гузашта, дар қайдҳои сафараш доир ба ин мулкҳои Помир маълумоти ҷолиб ҷой додааст. Аз ҷумла доир ба Бо-хо (Вахон) кайд кардааст, ки дар байни кӯҳҳои осмонбӯс ҷойгир аст ва подшоҳи он дар шаҳри бинокардаи худаш иқомат дорад. Сару либоси мардум вобаста ба иқлим аз чарм буда, хеле шинаманд. Аз хусуси Бадахшон бошад, онро чун кишвари Е-да – ҳайтолиён ном бурдааст. Аз диди ӯ ин сарзамин аз ҷиҳати кишоварзӣ обод, аспу шутури зиёд ва сангҳои қиматбаҳои бешумор доштааст.

Вале дар байни сайёҳони ба ин ин минтақа гузар дошта, маълумоти бештару дақиқтарро роҳиби буддоӣ Сюан-Сзан, ки ба Ҳиндустон аз самти Варорӯд тақрибан солҳои 639-645 сафар намуда, аз худ боқӣ гузоштааст. Аз рӯи мушоҳидаи ӯ масоҳати Тахористон хеле васеъ буда, мулкҳои зиёдеро дар бар мегирифт. Аз он дарёи бузурге (Амударёро дар назар дорад) ба самти ғарб мегузарад. Аз рӯи мушоҳидаи ӯ Тахористон ба 27 мулк ҷудо мешуд. Ин далелест аз парокандагии сиёсии замон дар минтақа. Аз ҷумла Сюан-Сзан доир ба мулкҳои Да-ми (Тирмиз), Чио-янна (Чағониён), Шу-ман (Шумон), Сзюй-хэ-ян (Қабодиён), Хо-ша (Вахш). Кэ-до-ло (Хуттал), По-ли-хо (Фархор) ва ғайра маълумоти ниҳоят ҷолиб доир ба таъриху вазъи сиёсӣ ва иқтисодии онҳо овардааст. Ҳамчунин ин сайёҳ аз мулкҳои Тсзюй-ми-то (Қумод ё Қумиҷ, ки ҳудуди имрӯзаи Рашт, Дарвоз, Ванҷ ва Рӯшонро дар бар мегирифт), Ши-тси-ни (Шуғнон), Бодочуанна (Бадахшон) ёдовар шуда, доир ба ҳар кадоми онҳо маълумоти нисбатан саҳеҳе аз худ боқӣ гузоштааст.

Дигар дарвеши буддоӣ – Хой Чао соли 726 ба Варорӯд сафар карда, то андозае маълумоти Сюан-сзанро, аз воқеаҳои замони худ пурра намудааст. Ӯ вазъи ниҳоят номусоиди сиёсие, ки аз ҳуҷуми арабҳо, мавқеи туркҳо, муқобилияти

халкҳои маҳаллӣ бармеомад, нисбатан равшан инъикос намудааст.

Аз далелҳои боло хулосае бармеояд, ки мероси аз худ боқӣ гузоштаи муаллифони Ҳинду Чин дар таърихнигории мо мақоми хоса дорад. Осори онҳо, новобасти аз хусусият ва жанри он, дар ҳамбастагӣ бо маълумоти дар дигар маъхазҳои хаттӣ ҷойдошта, ҳам аз ҷиҳати муҳимияти ҷанбаи маъхазӣ ва ҳам аз рӯи дараҷаи таъсир дар рушди донишҳои зинаи ибтидои асримиёнагӣ таърихии халқи тоҷик ниҳоят равшан ба назар мерасад.

# БОБИ II

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ДОНИШҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР АҲДИ СОМОНИЁН ВА БАЪДИ СУҚУТИ ДАВЛАТДОРИИ ОНҲО (АСРҲОИ IX-XVI)

## Осори муаррихони замони Сомониён

Анаъанаҳои сабти ҳаводиси таърихӣ, чи тавре дар боло ишора рафт, дар муҳити сукунати тоҷикон аз замонҳои хеле қадим ибтидо гирифта, дар аҳди Сосониён ба дараҷаи баланд расид. Боиси таассуф аст, ки осори таърихии бавуҷудомадаи қабл аз Сосониён ва замони онҳо, ба ҷуз чанд пораи матни «Авесто», баъзе сангнавиштаҳо, қиссаҳои асотирию таърихӣ мисли «Худойнома», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Корномаи Анӯшервон» ва ғайра, ки қисман дар «Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ омадаанд, асарҳои назарраси донишҳои таърихиро фарогиранда боқӣ намондаанд. Сабабҳои аз байн рафтани ин ганҷинаи таърихиву маънавии халқи тоҷик хеле зиёданд, вале мантиқи ҳаводис гумони ғолиберо пеш меорад, ки маҳз бо истилои араб онҳо аз байн рафтаанд.

Аз тарафи дигар, аз дарки боз аз як ҳақиқат масофа ҷустан, маънии ба воқеияти замон сарфаҳм нарафтанро дорад. Воқеият бошад дар он зоҳир мегардад, ки ба фазои ниҳоят васеи ҷаҳони ислом, новобаста ба таъсири фарҳангии худи арабҳо, ки таърихан то ин дам дар дараҷаи нисбатан поини тамаддуну фарҳанг қарор доштанд, кашидани халқу давлатҳои муттамаддин барои рушди донишҳои таърихӣ имконияти бештаре фароҳам овард. Дар ин замина донишҳои таърихӣ то андозае

ба қолаби муназзам даровarда шуданд. Ин раванди дарки таърих ва дар маҷмӯъ ба таърихнигории тоҷику форс дар замони давлатдории Сомониён такони ҷиддӣ бахшид.

Замони соҳибдавлатии Сомониён бешак давраи авҷи бесобиқаи рушди донишҳои таърихӣ ҳисоб меёбад. Осори таърихиро муаррихон бо ду забон: форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ меофариданд, ки ин нишондиҳанда мухтаво ва муҳим будани маълумоти дар онҳо ҷойдоштаро халалдор накардааст.

Осори ниҳоят зиёди дар замони Сомониён ва баъди суқути давлатдории онҳо офаридашуда, чун сарчашмаи боэътимод барои муҳаққиқон то кунун қимати маъхазии худро нигоҳ медоранд. Дар заминаи осори дастрасшудаи онҳо, шарқшиносони русу Аврупои Ғарбӣ, муҳаққиқони шӯравӣ ва муаррихони муосири ватаниву хориҷӣ омӯзиши илмии масъаларо ба зинаи муқоисанашаванда бардоштаанд. Вале раванди дар замони муосир суръатгирифтаи таҳқиқоти ин хориқаи бузурги давлатдории тоҷикон, ҳар чӣ бештар уфуқҳои то кунун ноаёни шукӯҳу шаҳомати салтанатронии намунавии сиёсиву маъмурӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давлати Сомониёнро нишон диҳад ҳам, зарурати боз бештару ҷиддитар ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуданро пеш меорад.

Махсусан дар замони ҳозира, ки аз тарафи баъзе муаррихони Осиёи Марказӣ ба ин ҳақиқати равшани ба мардуми азалии минтақа – тоҷикон таълуқ дошта, бо ғаразу чашми шубҳа нигариста, ба азхуд кардани арзишҳои гузаштаи дури таърихӣ ё аниқтараш ба таҷовузи таърихӣ даст мезананд, ниҳоят рӯзмарра будани таҳқиқоти воқеъбинонаи таърихи давлати Сомониён беш аз пеш эҳсос мешавад. Вақти он расидааст, ки муаррихони ватанӣ ва олимони бурунмарзии ба усулҳои ҳақиқатбаёнии таърихӣ (историзм) содиқ, ба омӯзиши маҷмӯии масъала ҷиддан машғул шуда, нақши тамаддунофарии ин падидаи таърихии халқи тоҷикро ҳар чӣ бештар ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд.

Яке аз масъалаҳои ҳалталаби ба таърихи давлатдории Сомониён иртибот дошта, назари ҷиддӣ андохтан ба равандии

омӯзиш ё таърихнигории он ҳисоб меёбад. Маҳз диди таърихнигорӣ, аз як тараф, зинаҳои омӯзишу дараҷаи таҳқиқи масъаларо муайян намояд, аз тарафи дигар таваҷҷуҳи мутахассисонро ба омӯзиши масоили таҳқиқталаб равона месозад.

Аз ин рӯ мантиқан лозим меояд, ки қабл аз муайн намудани саҳмгузории муаррихони замони Сомониён ва асрҳои минбаъда дар таҳқиқи масоили мухталифи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ин давлати аз ҳар ҷиҳат намунавӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, зарурати хонандаро ба ҳаёту фаъолияти онҳо шинос намудан пеш меояд[1].

**Хурдодбеҳ.** Абулқосим Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Хурдодбеҳ (820-26 – 875 ё 912), ҷуғрофиёшинос ва адиби намоёни замон, ибни Хурдодбеҳ аз авлоди ба хонадони маъруфи вазирони эронии хилофат – Бармакиён қаробатдошта дар Хуросон ба дунё омадааст. Фаъолияти зиндагӣ ва

---

[1] Дар маълумоти шарҳиҳолии таълифоти мазкур, муаллиф дар баробари маълумоти маъхазии асримиёнагӣ, маводи дар корҳои муҳаққиқону мураттибони зерин доир ба таърихи давлатдории Сомониён иртибот доштаро мавриди истифода қарор додааст: Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.; Сомониён дар оинаи таърих. (Силсилаи матнҳо ва пажӯҳишҳо ба ифтихори 1100 Солагии давлати Сомониён). Фароҳамоварандагони матн, муаллифони сарсухан, таълиқот, ҳавошӣ ва луғатнома С.Аблуллоев, Н.Салимов. Н.Ғиёсов, А.Ҳасанов. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ); ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд: Нашриёти давлати ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – муттаносибан – 552 ва – 672 с.; Давлатдори тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. (Пораҳо аз «Равзату-с-сафо» ва дигар кутуб. Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ – Душанбе: Амри илм, 1999. – 1008 с.; Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ (маҷмӯаи илмӣ). – Душанбе: Пайванд, 1998. – 598 с.; Мухторов А. Сомониён: замон ва макон. – Душанбе: Сурушан, 1999. – 288 с.; Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 1295 с. Замима IV – 25 с.; Таджикские ученые. (Библиграфический справочник). – Т.I. (Древность и средневековье). Составители: В.В.Дубовицкий, Ю.Н.Нуралиев, А.Саидов, Б.Курбанов, Х.И.Максудов. – Душанбе: Дониш, 2014. – 283 с.; Камол Ҳ., Саидов А. Маъхазшиносӣ. – Душанбе: Сабрина – К, 2015. – 102 с.; Камол Ҳ. Насабшиносӣ (Курси лексия барои мактабҳои олӣ). – Душанбе: ДДОТба номи С.Айнӣ, 2017. – 213 с. ва ғайра

касбиаш дар пойтахти хилофат – Бағдод сурат гирифта, дар давраи хилофати Муътамид (870-892) дар вилояти Ҷибол раисии идораи барид (алоқа)-ро ба ӯҳда дошта аст.

Хурдодбеҳ осори зиёде дар равияҳои мухталифи илму дониши замони худ, аз қабили «Китобу-л – адабу-с-самоъи», «Китобу-ш-шароб», «Китобу-н-нудамо ва-л-ҷуласо» («Дар одоби суҳбати дарборӣ»), «Ҷамҳарату ансоби-л-фурс ва-н-навоқил» (доир ба насабшиносӣ), «Китобу-л-ахбор» ва ғайраро ба мерос мондааст. Дар байни онҳо аз ҳама беш асари ҷуғрофии ӯ «ал-Масолик ва-л-мамолик», ки солҳои 844-848 таълиф намуда, баъди чанд сол (885-886) ба он таҷдиди назар кардаст, ҳисоб меёбад. Дар китоб маълумоти ниҳоят ҷолибу муфассал доир ба ҷуғрофиёи мамлакату кишварҳо, авзои иқтисодии онҳо, тарзи зисту анъаноти қавму нажодҳо, роҳҳои тиҷоратӣ ва ғайра оварда шудааст.

Чи тавре аз санади рӯи кор омадани китоб бармеояд, муаллиф онро пеш аз ба сари тахт омадани Сомониён таълиф карда, фақат як бор аз Нӯҳ ибни Асад ёдовар шудааст. Арзишмандии ин асарро дар инъикоси авзои Мовароуннаҳру Хуросон дар арафаи ба сари қудрат омадани Сомониён бояд дид. Бо ибораи дигар таърихнигории замони Сомониён аз «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Хурдодбеҳ ибтидо гирифтааст.

**Табарӣ**. Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Язид ибни Касир ат-Табарӣ ал-Омулӣ ал-Бағдодӣ соли 839 дар шаҳри Омули Табаристони Форс ба дунё омада, 16 феврали соли 923 дар Бағдод – шаҳри фаъолияти бисёрсамтаи илмиаш ҷараён гирифта, вафот кардааст.

Табарӣ аз саршиностарин мутафаккирони эрониаслу арабзабони олами ислом буда, чун фақеҳ, муҳандис, муаррих, табиб, мунаҷҷим, риёзидон ва соири дигар равияҳои мухталифи илму дониши замони худ шуҳрат пайдо карда буд. Вале дар байни осори дар ин самтҳо аз худ боқӣ гузоштаи ин ҳакими бузург ду асар – «Таъриху-р-русули ва-л-мулук» («Таърихи пайғамбарон ва подшоҳон» ва «Ҷомеъ-ул-баён ан таъвил-ил-Қуръон» («Тафсири Қуръон»), ки ба тафсири пурраю муъта-

бари «Қуръони маҷид» бахшида шудааст ва дар ҷаҳони ислом чун яке аз мукаммалтарин тафсир шинохта мешавад, ӯро машҳури ҷаҳон гардондаанд.

«Таъриху-р-русули ва-л-мулук», ки дар шакли кӯтоҳ «Таърихи Табарӣ» ном бурда мешавад, дар ҳаҷми 15 китоб (ҷилд), аз комилтарин таърихи умумиҷаҳонӣ ҳисоб ёфта, бо услуби солноманигорӣ маъмултарин воқеоту ҳавоси дунёро аз офариниши олам то соли 915 дар бар гирифтааст. Ба ин китоб баъди вафоти Табарӣ кӯшиши идома додани асари ӯ ба назар мерасад. Дар байни ин идомабахшҳо «Дунболаи Таърихи Табарӣ»-и Урайд ибни Саъди Қуртубӣ, ки раванди инъикоси воқеаҳоро то соли 932 расондааст, ҷолиб буда, онро чун ҷилди 16 китоби «Таърихи Табарӣ» шинохтаанд.

Бояд қайд кард, ки бо мурури замон таваҷҷуҳи муҳаққиқони таърихи умумибашарӣ ба ин асар то рафт боло гирифтааст. Бо забонҳои мухталифи Осиё ва Аврупо мавриди тарҷума қарор ёфтанаш низ аз арзиши ин асар бармеояд. Гарчанде муаррихони тоҷик бо «Таърихи Табарӣ» хеле барвақт шиносоӣ дошта, онро чун сарчашмаи муътамад мавриди истифодаву таҳқиқ қарор дода буданд, вале баргардонии пурраи он аз тарҷумаи форсӣ (тарҷумаи Абулқосими Поянда аз арабӣ ба форсӣ) ба ҳуруфи кириллӣ дар 8 китоб, ки соли 2014 бо таҳриру тасҳеҳи Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ ба чоп расидааст, дар таърихнигории ватанӣ падидаи назаррас ҳисоб меёбад.

Хизмати Табариро чун муаррихи тавоно дар шакли асари воқеан таърихӣ гирифтани ахбори парокандаи хаттию шифоҳӣ, баъзан дар шакли устураву ривоятҳо бояд дид. Ӯ маводи барояш дастрасро аз мизони омӯзиш гузаронида, онро дар ҳаҷми сад ҷилд китоб омода кард. Сипас ба таҳлили муқоисавӣ ва мантиқӣ пардохта, онро дар 15 ҷилд таълиф намуд, ки то имрӯз дар хизмати алоқамандони таърих ва муаррихони касбӣ қарор дорад. Албатта, ин муаррихи тавоно худ эҳсос кардааст, ки на ҳамаи он маълумоти дар даст доштааш нишондиҳандаи ҳақиқат буда метавонад. Аз ин лиҳоз, изҳори назари худро муаллиф ба хонанда чунин иброз намудааст:

«Бинандаи китоби мо бидонад, ки бинои ман дар он чи овардаам ва гуфтаам, бар ровиён будааст, на ҳуҷҷати уқул ва истинботи (андешаҳои) нуфус, ба ҷуз андаке, ки илми ахбори гузаштагон ба хабару нақл ба мутааххирон тавонад расид, на истидлолу назар. Ва хабарҳои гузаштагон, ки дар китоби мо ҳаст ва хонанда аҷаб донад ё шунаванда напазирад ва саҳеҳ надонад, аз ман нест, балки аз ноқилон гирифтаам ва ҳамчунон ёд кардаам»[1].

Хулоса «Таърихи Табарӣ» аз беҳтарин ва муфассалтарин баёни воқеаҳои таърихиест, ки чи аз нигоҳи тӯлонияти замон ва чи аз доираи ниҳоят васеи ҷуғрофиёи макон дар таърихнигории тоҷикон мақоми хоса дорад.

**«Таърихи Табарӣ» дар тарҷумаи Балъамӣ.** Аз муҳтаво ва арзиши ин асари Табарӣ бар меояд, ки муаррихони асрҳои баъдӣ воқеоти муаллиф овардаро бозгӯӣ ва ба услуби навишти он тақлидкорӣ зоҳир намудаанд. Ҳамин арзиши асарро ба назар гирифта, бо супориши амири Сомонӣ – Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ ибни Наср (961-976) ин асарро вазири фозили замони ӯ Абӯалии Балъамӣ (ваф.974) ба забони тоҷикӣ дар шакли мухтасар тарҷума намудааст. Хусусияти тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ дар он аст, ки ӯ дар бисёр маврид аз асноди ниҳоят фаровони нусхаи аслӣ сарфи назар карда, ба китоб матолиби зиёде аз таърихи мардуми эронинажод афзуда, инъикоси воқеаҳоро то поёни салтанати Сомониён расондааст.

**Ибни Фақеҳи Ҳамадонӣ.** Абӯбакр Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ, муарриху ҷуғрофиёшиноси арабзабони эронӣ, ки бо нисбаи Ибни Фақеҳи Ҳамадонӣ маъруф аст, дар нимаи дуюми асри IX– ибтидои асри X зиндагӣ ба сар бурдааст. Аз осори зиёди ӯ то замони мо қисме аз асари бузургҳаҷми «Китобу-л-булдон», ки аз рӯи маълумоти ҳамасрон аз панҷ ҷилд

[1] Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. – Китоби 1. Иборат аз ҷилдҳои 1,2,3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. С.21-22.

ва дар маҷмӯъ беш аз ду ҳазор саҳифа иборат буд, боқӣ мондаст. Аз он қисмате, ки дар ибтидои асри XI дастрас шудааст, бо заҳмати донишманди замон Абулҳасан Алӣ ибни Ҷаъфари Шаҷрӣ тахмин соли 1022 китобат шудаст. Аз рӯи ин нусха аз тарафи арабшиноси ҳолландӣ Михаел Ян де Гуе (1836-1909), «Китобу-л-булдон» соли 1885 ба чоп расидааст. Дар китоб доир ба фаъолияти Амри ибни Лайси Саффорӣ ва хосатан корнамоиҳои Исмоил ибни Аҳмад ба муқобили туркон маълумоти ҷолиб ҷой дорад.

**Ҷайҳонӣ.** Дар қатори сарчашмаҳои муҳими ҷуғрофӣ ва таърихии замони Сомониён «Ашколу-л-олам»-и Ҷайҳонӣ (ваф. 942) мақоми чашмрас пайдо кардааст. Ин китоб дертар, миёнаи асри XX дастраси олимон гардидааст, Бояд қайд кард, ки доир ба муайян намудани муаллифи он дар байни мутахассисон ихтилофи назар ҷой дорад. Гарчанде дар китоб Абулқосим ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ омада бошад ҳам, иддае аз муҳаққиқон вазири маъруф Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмадро ба сифати муаллиф қабул мекунанд. Муҳаққиқи эронӣ Фирӯзи Мансурӣ ҳар дуро ба як шахс нисбат медиҳад. Академики тоҷик Аҳрор Мухторов ҷонибдорӣ аз вазири амири Сомониён Наср ибни Аҳмад (914-943) – Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ намудааст. Муҳим он аст, ки ин асари пурқимат дар замони Сомониён таълиф шуда ва мутааллиқи қалами яке аз намояндагони ҳамон хонадони бонуфуз – Ҷайҳониён мебошад. Ин асар дар аввали асри XIII аз тарафи Алӣ ибни Абдуссаломи Котиб аз арабӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудааст.

Муаллиф қитъаҳои он замон маълуми дунёро ба иқлимҳо ҷудо карда, доир ба ҳар яки онҳо дар баробари маълумоти муфассали ҷуғрофӣ додан, инчунин аз баъзе лаҳзаҳои таърихӣ сарфи назар накардааст.

**Истахрӣ.** Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммад ал-Форсӣ ал-Истахрӣ тақрибан соли 849 дар шаҳри Истахр таваллуд шудааст. Соли вафоташ маълум нест. Ӯро чун муаллифи «Ал-масолику-л-мамолик» мешиносанд. Аз рӯи маълумоти бархе

аз муаррихони асримиёнагӣ (аз ҷумла Муқаддасӣ) ин асарро моли Абӯзайд Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ (ваф. 934) ҳисоб мекунанд. В.В. Бартолд ва И.Ю. Крачковский низ ин ақидаро ҷонибдорӣ карда, «ал-Масолик ва-л-мамолик»-ро нусхаи такмилдодаи «Сувару-л-ақолим» (ё «Сурату-л-ақолим»)-и Балхӣ, ки солҳои 930-933 ба забони арабӣ таълиф шудааст, ҳисоб кардаанд.

Барои мо муҳим он аст, ки дар ин асар доир ба ҷуғрофиё ва баъзе ҷузъиёти таърихи мамлакатҳои Шарқи исломии нимаи аввали асри X, маълумоти пурарзише овардааст. Ҳамчунин дар ин китоб 22 харитаи ҷуғрофии кишвару вилоятҳо, ки махсули дастранҷи худи Истахрӣ мебошанд, мавҷуд аст.

Бояд қайд кард, ки нусхаи арабии он ҳанӯз соли 1839 аз тарафи шарқшинос Ч.Х.Муллер рӯи чопро дидааст. Шарқшиноси итолиёӣ – Мадини соли 1842 ин асарро бо забони итолиёӣ ва соли 1845 шарқшиноси олмонӣ – Мордтман онро бо забони олмонӣ тарҷума карда, чоп кардаанд. Тарҷумаи форсӣ-тоҷикии он соли 1296 аз тарафи Муҳаммад ибни Асъад ибни Абдуллоҳи Тустарӣ сурат гирифта, ҳамин тарҷума бо кӯшиши Эраҷи Афшор соли 1994 дар Теҳрон ба чоп расид.

Нусхаҳои асари мазкур дар китобхонаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ дастраси олимону хонандагони сершумор гардидаанд. Чун маъхази боэътимоди таърихӣ, асар мавриди омӯзиш қарор дошта, маълумоти барои муҳаққиқон зарурӣ ба доираҳои илмӣ ворид шудаанд. Бо итминон метавон илова намуд, ки ин китоб дар хизмати муҳаққиқони наслҳои оянда низ хоҳад монд.

**Масъудӣ.** Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусайни Масъудӣ яке аз муаррихон, сайёҳон ва ҷуғрофиёшиносони намоёни охири асри IX араб шинохта мешавад. Бо тахмини мутахассисон ӯ соли 893 дар Бағдод ба дунё омада, баъди гирифтани дониши мукаммал дар айёми ҷавонӣ шуғли сайёҳӣ дошта, дар хатсайраш қариб тамоми мамлакатҳои ҷаҳони исломӣ ва чанде ғайри он, аз қабили Ҳиндустон, Сейлон, Мадагаскар, Чину Малайзия ҷой доштаанд. Баъди аз сайёҳат фориғ шудан, аз

соли 947 то охири ҳаёт (956) дар Миср иқомати доимӣ ихтиёр намуда, ба навиштани асарҳояш машғул шуд.

Худи муаллиф номгӯи 36 асарашро қайд кардааст, вале дар дигар сарчашмаҳо иловатан боз аз шаш китоби дигараш маълумот омадааст. Бузургтарин асари таърихии ӯ «Ахбору-з-замон» аст, ки дар 30 ҷилд иншо шуда, дар он ҳодисаҳои таърихи замони тӯлонии кишварҳои ҷаҳон пеш аз ӯ ва замони зиндагиаш сабт гардида буд, вале мутаассифона то замони мо нарасидааст.

Аз осори боқимондаи Масъудӣ «Муруҷу-з-заҳаб ва маодину-л-ҷавоҳир» («Макони заршӯӣ ва маъдани сангҳои қиматбаҳо») ва «ат-Танбеҳ ва-л-ишроф» («Китоби дастур ва роҳнамоӣ») маълум мегардад, ки ӯ аз бузургтарин муаррихон ва ҷуғрофиёшиносони замон будааст. «Муруҷу-з-заҳаб»-ро соли 943 таълиф намуда, соли 947 аз таҳрири ниҳоӣ гузарондааст. Дар ин китоб, ки аз ду бахш ва 132 боб иборат аст, муаллиф натиҷаи сайёҳати худро хулосабардорӣ намуда, дар бахши якум аз рӯи анъанаи таъриху ҷуғрофиёшиносии замон ҳаводиси таърихиро аз ибтидои ҷаҳонофарӣ то замони худ ба тасвир кашида, ахбори ҷолибе аз таъриху ҳаёти яҳудиён, масеҳиён, ҳиндувон, эрониён, юнониён, румиён ва арабҳо овардааст. Хосатан маълумоти ӯ доир ба таърихи асотирии қавми эронинажод дар замонҳои қадим, таърихи воқеии давраи салтанати Сосониён, паҳншавии ислом дар минтақа ва ғайра хеле ҷолибу қимати маъхазиро дорост.

**Ҳамзаи Исфаҳонӣ.** Абӯабдуллоҳ Ҳамза ибни Ҳасани Исфаҳонӣ, маъруф ба Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар Исфаҳон соли 883/84 ба олами ҳастӣ омада, дар ҳамин макон тақрибан солҳои 961-971 аз ҷаҳон гузаштааст. Ӯ муаллифи 12 ҷилд китоб, ки дар самтҳои гуногуни илму дониш бахшидааст, буда, аз он теъдод 5 китоб: «Девони Абунувос», «Китобу-л-амсол», «Китобу-т-танбеҳ» ва «Синӣ мулуки-л-арз ва-л-анбиё» (ё «Китобу-л-умам») то замони мо расидаанд.

Дар байни онҳо «Синӣ мулуки-л-арз ва-л-анбиё» қимати баланди маъхазиро соҳиб аст. Дар даҳ фасли он таърихи сил-

силасулолаҳои эронӣ, румӣ, юнонӣ мисрӣ, исломӣ ва ғайра дар шарҳу тафсири воқеъбинона омадаанд. Аз ҷумла муаллиф дар фасли нуҳуми китоб тафсилоти ҷолибе доир ба умарои Хуросон ва дар фасли даҳум аз боби фаъолияти умарои Табаристон маълумоти нисбатан муфассал овардааст.

Шиносоии шарқшиносони Аврупо бо ин асар ҳанӯз аз миёнаи асри XIX оғоз ёфтааст. Аз ҷумла ин асар соли 1844 бо кӯшиши М.Е. Готвалд дар Лейпсиг аз арабӣ ба забони лотинӣ баргадон ва рӯи чопро дидааст. Бори дуюм дар Берлин бо тасҳеҳи Саид Ҷавод Эронӣ ба нашр расид. Аз рӯи ин тарҷумаи форсии он Ҷаъфари Шиор онро бо унвони «Таърихи паёмбарон ва шоҳон» дар Теҳрон ба табъ расонида аст.

**Ибни Ҳавқал.** Абулқосим Муҳаммади Бағдодӣ, ки бо исми Ибни Ҳавқал маъруф аст, аз сайёҳон ва ҷуғрофиёдонони машҳури араб буда, дар нимаи дуюми асри X дар Бағдод зиндагӣ ба сар бурдааст, Аз соли 941 ба сафар баромада, дар тӯли 28 сол аз тамоми мамлакатҳои Африқои Шимолӣ ва Марказӣ, кишварҳои Шарқ қисман Аврупо дидан намуда, ёддошту мулоҳизоти дар ин сафарҳо бардоштаи худро дар «Ал-масолик ва-л-мамолик», ки соли 976 таълиф намуд, ба риштаи таҳлил кашидааст. Ин китоб бештар бо унвони «Сурату-л-арз» маъруф аст. Дар ин асари ҳаҷман бузург муаллиф 20 харитаи ҷуғрофии навоҳию кишварҳоро замима намуда, дар он доир ба Мовароуннаҳру Хуросон маълумоти таърихӣ ва ҷуғрофии ҷолибе овардааст.

**Ибни Надим.** Абулфараҷ Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ ан-Надим – муаллифи китобҳои «ал-Феҳрист» ва «ат-Ташбиҳот ва-л-авсоф», соли таваллудаш дар сарчашмаҳо наомада, вафоташ 20 шаъбони соли 380 ҳиҷрӣ муайян шудааст, ки ба 12 ноябри соли 990 милодӣ баробар аст. Бештари ҳаёташ дар Бағдод гузаштааст.

Китоби «ал-Феҳрист» соли 987/88 ба забони арабӣ таълиф шуда, аз 10 боб (мақола) ва 38 зербоб иборат аст. Дар ин қомуси бузург муаллиф доир ба адабиёти соҳаҳои мухталифи илму дониш ва маъхазҳои чаҳор асри аввали

ҷаҳони ислом маълумоти муфассал овардааст. Дар ин асар дар қатори фанҳои исломӣ, адабиёти араб, фалсафа, фиқҳ ва даҳҳо равияҳои илмию фарҳангӣ доир ба адабиёти мавҷудаи таърих ҳаводиси назарраси қаблию замони худи муаллиф маълумоти ҷолиб оварда шудааст. Гарчи ин қомус қаблан ба доираи маҳдуди донишмандон маълум буд, вале аз асри XIII ҳамеша аз нав китобат шуда ва дар мадди назари муаллифони осори адабию таърихӣ қарор дорад. Нусхаҳои қадимаи он дар китобхонаҳои бонуфузи дунё нигоҳ дошта мешаванд.

Ин асарро бори нахуст шарқшиноси олмони Густав Флюгел (ваф. 1871) аз диди илмӣ-интиқодӣ ба чоп расонд. Бо забони форсӣ «ал-Феҳрист» бо кӯшиши донишманди эронӣ Ризо Таҷаддудӣ (1886-1973) дар ду нашр, солҳои 1965, 1968 рӯи чопро дида, нашри мукаммали он бо истифода аз диди муқоисавии нусхаҳо аз тарафи ҳамин олим соли 1971 дастраси муҳаққиқон гадидааст. Тарҷума ва чопи англисии онро шарқшишос Баярд Доҷ соли 1970 анҷом дода аст. Китоб аз ҳар ҷиҳат дар таърихнигории халқи тоҷик ва соири дигар равияҳои илмию фарҳангӣ мақоми арзанда дорад.

**Наршахӣ.** Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар ибни Закариё ибни Хаттоб ибни Шарик маъруф ба Наршахӣ – муаллифи китобии машҳури «Таърихи Бухоро» – соли 899/900 дар Бухоро ба дунё омада, соли 960 аз олам даргузаштааст. Китоби номбурдаро ӯ соли 944 ба забони арабӣ таълиф карда, ба амир Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ (943-954) тақдим намудааст. Бо гузашти айём, ин асарро Абӯнасри Қубавӣ бо хоҳиши дӯстону ихлосмандонаш соли 1128/29 ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Бояд қайд кард, ки тарҷумон баъзе қисмҳои онро ихтисор намуда, чанде аз матолиби ғайрро аз дигар китобҳо (аз ҷумла аз китоби «Хазоину-л-улум»-и ибни Муҳаммади Нишопурӣ) ҳамроҳ намудааст. Баъди чанде (соли 1175) ба тарҷумаи мазкур Муҳаммад ибни Зуфар ибни Умар иловаҳо ворид намудааст. Мутаасифона нусхаи аслии «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ боқӣ намондааст. Нусхаи

тарҷумаи Абӯнасри Қубавӣ бо забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, ӯзбекӣ ва соири забонҳо тарҷума ва ба чоп расидааст.

Дар китоб доир ба шаҳри Бухоро ва навоҳии атрофи он то истилои араб маълумот оварда, Наршахӣ аз кӯчаву раста, бозору дарвозаҳо ва девори шаҳр, рӯдҳое, ки рустоҳои Бухороро обёрӣ мекарданд, биноҳои рисолати таърихӣ доштa, Кӯшки муғон ва ғайра ёдовар шудааст. Муаллиф муқобилияти аҳолии Бухороро бо сардории Хотун – зани подшоҳи Бухоро, ки баъди фавти шавҳараш 15 сол дар Бухоро ҳукмронӣ намудааст ва баъди ҳар ҳуҷуми арабҳо ба ивази молу сим ба онҳо сулҳ баста, шаҳрро аз ғорат кардан наҷот медодааст, хеле равшан нишон додааст. Баъди вафоти Хотун, соли 693 ба тахти Бухоро писараш Туғшода соҳиб шуд, ки тобеияти худро ба арабҳо пазируфт.

Аз маълумоти Наршахӣ бармеояд, ки Қутайба чор бор ба Бухоро Ҳуҷум намуда, сокинонашро барои қабули ислом моил карда натавонистааст.

Дар ин асар маълумоти ниҳоят ҷолиб доир ба шӯришҳои Шарик ибни Шайх ал-Маҳдӣ (соли 750) ва Муқаннаъ оварда шудааст. Гарчи аз назари этиқоди баланди динии худ, пешвоёни шӯришҳоро бо мазаммат баҳо дода бошад ҳам, воқеаҳоро нисбатан пурра инъикос намудаст.

Шарик ибни Шайх аз арабҳои Бухоро буда, мардумро барои мубориза ба муқобили Аббосиён, ки хуни зиёди ноҳақ рехта, ба сари қудрат омадаанд ва гумоштаи онҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон Абӯмуслим бархезонда, барои ҷонибдорӣ аз фарзандони Алӣ ибни Абӯтолиб даъват мекард. Ба гуфти Наршахӣ Шарик ибни Шайх ал Маҳдӣ «марде буд аз араб, ба Бухоро бошида ва марде мубориз буд ва мазҳаби шиъа доштӣ ва мардумонро даъват кардӣ ба хилофати фарзандони амиралмуъминин Алӣ... ва гуфтӣ: «Мо аз ранҷи Марвониён (халифаҳои Умавӣ аз банӣ Умия, ки ба ду шоха ҷудо мешуданд – 1) шохаи Суфёниҳо, ки номи худро аз номи падари Муовия – Абӯсуфён гирифтаанд; 2) Марвониҳо – аз шохаи писарамаки Абӯсуфён – Ҳ.П.) акнун халос ёфтем, моро ранҷи

оли Аббос намебояд! Фарзандони пайғомбар бояд, ки халифаи пайғомбар бувад»[1]. Ҳамин даъват буд, ки дар атрофи он аз аҳли Бухоро, Хоразм ва чанде дигар вилоятҳо дастгирӣ ёфт.

Наршахӣ се гузориши (зикри) китобашро ба баёни раванди исёни Муқаннаъ бахшида, биёре аз ҷузъиёти онро равшан кардааст, ки дар осори дигар муаррихони ин давраи таърихӣ сарфи назар шудааст.

Ҳамчунин дар ин асари Наршахӣ доир ба таърихи оли Сомон, алалхусус Исмоили Сомонӣ маълумоти нисбатан фаровону ҷолиб оварда.

Мақоми Наршахӣ дар таърихнигории тоҷик аз рӯи он баҳо дода мешавад, ки ӯ аз аввалин муаррихони тоҷики минтақа буда, воқеаҳоро аз дохил мушоҳида карда, тавонистааст воқеияти замонро хеле равшан инъикос намояд.

Соли 1979 китоб ба забони тоҷикӣ бо кӯшиши Н.Қосимов ба ҳуруфи кириллӣ баргардон ва нашр шуда, дастраси хонандагон гардидааст. Хурсандиовар аст, ки бо кӯшиши мурратибон Ғолиб Ғоибов, Кароматулло Олимов ва Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ ва муҳаррири масъул Носирҷон Салимов ин асари пурқимат аз нав ба чоп тайёр шудаву соли 2012 бо ибтикори Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон нашри мукаммали он анҷом пазируфтааст.

**Муқаддасӣ** (946/947 – тахмин 986 ё 990) бо насаби пурра – Шамсуддин Абӯабдуллоҳ ал-Банноъ аш-Шомӣ ал-Башшорӣ ал-Муқаддасӣ аз машҳуртарин сайёҳону ҷуғрофиёшиносони араб, нисбаашро аз зодгоҳаш – шаҳри Қудс (Байтулмуқаддас) гирифтаст. Бо номи Муқаддасӣ низ ёд мешавад.

Китоби ӯ «Аҳсану-т-тақосим ва маърифати-л-ақолим», ки натиҷаи омӯзишу сайёҳати тӯлонии ӯ буд, соли 375 ҳ.қ.

[1] Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2012. С. 120.

(985/986) анҷом ёфта, ба амири Сомонӣ – Нӯҳ ибни Мансур (976-997) тақдим шудааст. Вале баъди чанде барои пешкаш кардани он ба ҳокимони Миср – Фотимиён муаллиф онро ҷиддан таҷдиди назар намудааст. Дар ин асари нодир дар баробари маълумоти хеле зиёди ҷуғрофӣ, доир ба вазъи сиёсиву иқтисодии кишварҳо, аз ҷумла манотиқи дар қаламрави давлати Сомониён ҷой дошта, маълумоти ҷолиб овардааст.

**«Ҳудуду-л-олам».** Асари ниҳоят пурқимати ҷуғрофии дар замони Сомониён бо забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) таълифшудаи муаллифи то кунун номаълум, «Ҳудуду-л-олам мин ал-Машриқ ила-л-Мағриб», ки доир ба таъриху мардумшиносӣ маълумоти зиёдеро дар бар гирифта, дар таърихнигории ватанӣ нақши хоса дорад.

Аз рӯи хулосаи мутахассисон ин китоб соли 982/83 навишта шуда, муаллиф онро ба амири Гӯзгон (мулке дар миёни Балху Тахористон дар шимол то ҳудуди Марв, дар ғарб то Ғарҷистон, дар ҷануб то ҳудуди Ғурро дар бар мегирифт) – Абулҳорис Муҳаммад ибни Аҳмад тақдим намудааст. Шарқшиноси рус В.Ф. Минорский муаллифи «Ҳудуду-л-олам» Ибни Фариғунро нишон додааст, вале аз тарафи олимон дастгирӣ наёфтааст.

Асари мазкурро олими рус А.Г. Туманский соли 1892 ба таври тасодуф пайдо карда, доир ба он соли 1893 дар рӯзномаи «Окрайна» ахборе чоп намуда, соли 1896 дар ҷаласаи бахши шарқии Ҷамъияти бостоншиносони рус доир ба муҳтавои он маърузаи муфассале пешниҳод намудааст.

Дар амри ба доираҳои илмӣ ворид намудани «Ҳудуду-л-олам» хизмати академик В.В. Бартолд ҳалкунанда ҳисоб меёбад. Бо ташаббуси ӯ соли 1930 матни пурраи ин асар дар шакли аксбардорӣ (факсимил) дастраси олимон гардид. Баъди чанде, соли 1935 ин китоб бо заҳмати Ҷалолиддини Теҳронӣ ба нашр расонда шуд. Бо забони англисӣ китоб дар тарҷумаи В.Ф. Минорский соли 1937 ба табъ расидааст.

Матни пурраи интиқодии «Ҳудуду-л-олам» аз тарафи Манучеҳри Ситуда соли 1962 дар Теҳрон ба чоп расид. Чопи навбатии факсимили он соли 1963 дар Кобул бо сарсухани В.В.Бартолд, тавзеҳоти В.Ф. Минорский ва пешгуфтори Мирҳусайншоҳ сурат гирифт.

Матни «Ҳудуду-л-олам» бо ҳуруфи кириллӣ се маротиба ба табъ расидааст: бори аввал дар таҳияи Н Қосимов ва пешгуфтору таҳрири академик А.Мухторов соли 1983, бори дувум дар таҳияи Зариф Шариф соли 2008 ба табъ расидаву дастраси доираи васеи муҳаққиқону хонандагони ҷумҳурӣ ва тоҷикони бурунмарзӣ гардидааст. Вале ҳарду чопи аввал аз – ғалатҳои зиёди имлоӣ ва услуби орӣ набуданд. Қимати ин ду барориш дар он зоҳир гардид, ки мутахассисони соҳа ва хонандагонро бо мазмуну муҳтавои ин сарчашмаи ниҳоят пурқимати ҷуғрофию таърихӣ шинос намуда, имкон доданд то бештар ба доираи илмӣ ворид гардад. Барориши сеюм ва аз ҳар ҷиҳат мукаммали интиқодии «Ҳудуду-л-олам» бо заҳмати таҳиягари он ва муаллифи пешгуфтор А.Ҳасанов, зери назари академик Н. Салимов соли 2014 ба табъ расидаву дастраси доираи васеи хонандагон гардид. Муаллиф ин сатрҳо дар таҳқиқоти худ асосан матни ин нашри охирро мавриди истифода қарор додааст.

Дар «Ҳудуду-л-олам» маълумоти ниҳоят ҷолибе доир ба ҷуғрофиё ва таърихи ноҳияву шаҳрҳои Хуросон, Мовароуннаҳр, аз ҷумла Бухоро, Самарқанд, Суғд, Тирмиз, Чағониён, Шумон, Вашгирд, Зомин, Дизак (Ҷизах), Хуҷанд, Фарғона, Ӯш, Чоч, Хатлон, Ҳулмук (Ҳулбук), Парғар, Вахш, Ҳаловард, Ливканд (Левакан) Сикошим (Ишкошим) ва соири дигар вилояту қасабаҳо оварда шудааст. Табиист, ки доираи ҷуғрофии ба ин китоб ворид гардида, ниҳоят васеъ буда, тамоми қитъаоти маълуми Машриқу Мағрибро дар бар гирифтааст.

# Боз чанде аз таърихнигории замони Сомониён

Албатта метавон аз осори муаррихону ҷуғрофиёшиносони замони қабл аз Сомониён, мисли **Ҳайсам ибни Адӣ ибни Абдурраҳмони Суалӣ** (747-823) аз муаррихони мактаби Эрону Ироқ, муаллифи китобҳои «Нузулу-л-араб би Хуросон ва-с-Савод», «Таъриху-л-Аҷам ва бани Умайя», «Ман тазаваҷа мина-л-маводӣ фи-л-аъраб», «Ахбору-л-фурс», **Абӯубайда Маъмар ибни Мусанно** (728-825 ё 827) – муаллифи «Масолибу-л-араб» ва «Фазоилу-л-фурс», ки аз муаррихони арабзабони форсу тоҷик буда, доир ба авзои таърихиву фазои ҷуғрофёии минтақа то ба сари қудрат омадани Сомониён ёдовар шудааст.

Зарурати шиносоии амиқтар доштан ба таърихнигории замони Сомониён водор месозад, ки муаррихони оянда ва дигар мухлисони таърихи гузаштаи миллат, дар маҷмӯъ ному осори аз худ боқигузоштаи боз чанде аз онҳоро бояд дар мадди назару омӯзиш дошта бошанд. Бо эҳсоси чунин зарурат аз хизмати боз чанде аз саҳмгузорони донишҳои таърихиву ҷуғрофёии замони Сомониён ёдовар шудан ба маврид аст. Дар ин радиф аз саҳмгузории чунин муаллифону осори онҳо мисли **«Китобу-л-булдон»-и Ибни Фақеҳи Ҳамадонӣ** (нимаи дуюми асри IX – ибтидои асри X), **«Аҳсану-т-тақосим фи маърифат-ил-ақолим»-и ал Муқаддасӣ** (тав. 947), **«Таърихи Марв»-и Абулҳасан Аҳмади Марвазӣ** (ваф. 881/82), **«Футӯҳу-л-булдон»-и Абулҳасан Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобир ибни Довуд, маъруф ба Балозурӣ** (810 ё 812 – 892), **«Ахбору-т-тивол»-и Абӯҳанифа Аҳмад ибни Вананди Диноварӣ** (815 ё 825 – 895), **«Уюну-л-ахбор» ва «Китобу-л-маориф»-и Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Муслими Кӯфии Марвазии Динаварӣ, маъруф ба Ибни Қутайба** (828 – 889), **«Ятимату-д-даҳр»-и Аҳмад ибни Абияъқуб Исҳоқ ибни**

**Ҷаъфар ибни Возеҳ маъруф ба Яъқубӣ (ваф. 897 ё 900), «Ат-таърих фӣ ахбори вулоти Хуросон»-и Абҳалӣ Ҳусайн ибни Аҳмад ибни Муҳаммад Салломии Байҳақии Нишопурӣ** (ваф. 914/15)**, «Фазоили Хуросон»-и Абулқосим Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Маҳмуд Каъбии Балхӣ** (ваф. 931), **«Китобу-л-булдон» ва Китобу-л-аҷоиб»-и Абӯабдуллоҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Иброҳими Ахборӣ маъруф ба Ибни Фақеҳи Ҳамадонӣ** (869 – 941/42) ва ғайра ёдовар шудан бамаврид аст. Ин донишмандони замон аксаран форсу тоҷик буданд. Гарчанде осори бисёре аз муаллифони номбурда аз тарафи олимон ба доираи таҳқиқ кашида шуда бошанд ҳам, аз диди иртиботи бевоситаи маълумоти доир ба таъриху фарҳанги тоҷикон дар онҳо ҷой дошта, ҳанӯз ба омӯзиши мукаммалтаре ниёз доранд. Таҳқиқи илмии осори онҳо дар маҷмӯъ, аз як тараф барои шинохти амиқи авзои сиёсӣ иқтисодӣ ва фарҳангии давлати Сомониён имкон диҳад, аз тарафи дигар баёнгари амиқест аз рушди донишҳои таърихии замон.

Бояд қайд кард, ки бисёре аз осори таърихии замони Сомониён бевосита то замони мо нарасида, фақат бо баъзе аз пораҳои онҳо, ки дар китобҳои муаррихони баъдина омадаанд, ёд мешаванд. Ба ин мазмун В.В. Бартолд ишора карда менависад: «Дар замони Сомониён ҳамчунин доир ба таърихи шаҳрҳо китобҳо рӯи кор омадаанд. Вале ҳеҷ яке аз онҳо, ки ба Осиёи Миёна иртибот доштанд, то замони мо дар шакли нусхаи асил нарасидаанд. Аз рӯи қайдҳои дар дигар китобҳои гуногун (алалхусус дар луғати Самъонӣ) омада, бисёре аз онҳо бештар хусусиёти динӣ (фиқҳӣ) доштаанд, на таърихӣ»[1]. Вале ин баҳои шарқшиноси бузург ҳаргиз маънои паст задани арзиши сарчашмавии онҳоро надорад.

---

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения. – Т.I. – М.: Издательство Восточной литературы (ИВЛ), 1963. С. 58-59.

## Вазъи донишҳои таърихӣ асрҳои XI – нимаи аввали XVI

Далелҳои дар боло ишора ёфта, дар маҷмӯъ аз вазъи сиёсии ноором баъди суқути давлати Сомониён дар Мовароунаҳру Хуросон медиҳанд. Вале таъсири фарҳангӣ ва анъанаҳои ба тоҷикон хос мавқеи худро нигоҳ медоштанд. Маҳмуди Ғазнавӣ ва ворисони ӯ бо хилофати Бағдод муносибати хуб барқарор намуда, худро хизматгузори амирулмуъминин эълон карда буданд. Онҳо ҳатто мухолифони худро ба бемазҳабӣ ё бо гуноҳи «қарматӣ» будан таъқиб намудаву ба ҷазо мерасонданд. Вале аз тарафи дигар анъанаҳои фарҳангиро то андозае пуштибонӣ мекарданд.

Бояд қайд кард, ки ин пуштибонӣ на аз рӯи фарҳангдӯстӣ, балки аз рӯи шуҳратпарастӣ буд. Маҳмуди Ғазнавӣ даҳҳо шоиронро ба дарбор даъват намуда, дар хизмати худ нигоҳ медошт. Яке аз равияҳои дар адабиёти тоҷик мақом пайдо карда, тасаввуф буд, ки он дар адабиёти илмӣ чун сӯфия маъруф гардида буд.

Дар қатори дастовардҳои фарҳангии замон, донишҳои таърихӣ то рафт рушд менамуданд. Муаррихон гарчанде мисли адибон аз таъсири маддоҳбаёнӣ берун буда наметавонистанд, вале дар асарҳои онҳо воқеоти қаблӣ, аз ҷумла давраи Сомониён ва ҳаводиси замони худи муаллифон хеле барҷаста ба назар мерасад. Мундариҷаи осори бархе аз муаррихони шинохтаи асрҳои XI-XII, ки дар инъикоси воқеаҳо ва рушди донишҳои таърихӣ саҳмгузорӣ доштанд, ин ҳақиқатро тақвият мебахшад.

**Абӯнасри Утбӣ.** Абӯнаср Муҳаммад ибни Абдулҷаббори Утбӣ (961-1035 ё 39)– муаллифи асари «Таърихи Яминӣ», ки бо забони арабӣ таълиф шудааст, яке аз муаррихони шинохтаи замони худ ва асрҳои баъдин ҳисоб меёбад. Дар асари номбурда воқеаҳои сиёсии солҳои 976-1021 дар Хуросону Мовароуннаҳр бавуқӯъпайваста инъикос ёфтаанд. Қисме аз китоб ба давлатдории замони Сомониён бахшида шудааст.

Муаллиф доир ба тасарруфи Мовароуннаҳр аз тарафи Қарахониён ва сукути давлати Сомониёнро, ки худ шоҳиди он буд, маълумоти нисбатан пурра оварда, дар ин замина кӯшиш ба харҷ додааст то раванди ба сари ҳокимият омадани Ғазнавиёнро назаррастар инъикос намояд.

Утбӣ замоне дар хизмати Абӯалии Симҷур ва Насируддини Сабуктегин қарор дошта, сипас ба сифати ҷонишини Шамсулмаолии Қобус дар Хуросон фаъолият намудааст. Қисми зиёди ин асар ба таърихи ҳукмронии Сабуктегин ва султон Маҳмуд бахшида шудааст. «Таърихи Яминӣ» ном гирифтани китоб ҳам ба лақаби султон Маҳмуд «Яминуддавла» вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ дар китоб муносибати тамаллуқомезу маддоҳонаи муаллиф нисбат ба саромадони сулолаи Ғазнавиён – Сабуктегин ва султон Маҳмуд хеле равшан ба назар мерасад.

Ҳамчунин дар китоб доир ба давлатҳои дар он замон арзи ҳастӣ дошта, аз ҷумла Ғуриҳо, оли Зиёр, Дайламиён, Симҷуриён, Фариғуниён, Хоразмшоҳиён ва воқеаҳои сиёсии минтақа маълумоти ҷолиб оварда мешавад.

Китоб аслан ба тариқи назм таълиф шуда, барои хонанда мушкили пеш меовард. Бо назардошти чунин мушкилот, ҳанӯз аз асри XIII сар карда, китобаткунандагон ба матни он тавзеҳоти зиёде ворид намудаанд. Матни арабии китоб борҳо рӯи чопро дидааст. Аз ҷумла барориши соли 1847 дар Деҳлӣ, солҳои 1859 ва 1883 дар Қоҳира ба доираи васеи мутахассисон ва хонандагони сершумор дастас гардидааст. Қисми ба давраи Сомониён бахшидашудаи китоб «Тарҷумаи «Таърихи яминӣ» ном гирифта, соли 1205/1206 аз тарафи Абӯшараф Ҷарбозақонӣ (ё Гулпоягонӣ) аз арабӣ ба форсӣ тарҷума шудааст. Тарҷумон ба он фасли «Хотима» афзуда, воқеаҳоро то соли 1207 шарҳ додааст. Ин асар чанде пеш бо ташаббуси олими тоҷик Ҷ. Ҷӯрабоев ба ҳуруфи кириллӣ баргардонӣ ва ба табъ расидааст. Маҳз қимати баланди маъхазии китоб боис гардидааст, ки он дар таълифоти илмии наслҳои гузаштаву кунунии муаррихон мавриди истифода қарор дорад.

**Абӯрайҳони Берунӣ.** Муаллифи қариб 180 асар доир ба илми нуҷум, риёзиёт, тиб, заминшиносӣ, фалсафа, адаб ва ғайра **Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Хоразмии Берунӣ** соли 973 дар шаҳри Коти Хоразм ба дунё омада, 11 декабри соли 1048 дар Ғазнин аз дунё гузаштааст. Ӯ то 25 солагӣ дар дарбори Хоразмшоҳиён буда, солҳои 998-1004 дар хизмати шоҳи Гургон – Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир қарор дошт. Соли 1005 боз ба Хоразм баргашта, то соли 1017 дар дарбор идомаи шуғли илмӣ доштааст. Аз шуҳрати Берунӣ бохабар шуда, султон Маҳмуди Ғазнавӣ (999-1030) ӯро бо чанде аз донишмандон соли 1017 ба Ғазнин даъват намуд. Берунӣ боқимондаи умри худро дар дарбори Ғазнавиён гузарондааст.

Аз мероси ниҳоят бойи ӯ тақрибан 40 асар боқӣ мондааст. Дар байни онҳо китобҳои **«ал-Осор-ул-боқия ан-ил-қурун ил-холия» («Осори бозмонда аз қарнҳои гузашта»)**, ки соли 1000-ум ба шоҳи Гургон Қобус ибни Вушмгир пешниҳод намудааст, **«Таҳқиқ мо ли-л-Ҳинд»** ва **«ат-Тафҳим ли авоил саноати-т-танҷим»** то ба имрӯз қимати илмӣ ва маъхазии худро нигоҳ медоранд.

Дар «ал-Осор-ул-боқия ан-ил-қурун ил-холия» доир ба таърихи қавму қабилаҳои бостонии Шарқ маълумоти арзишманд овардааст. Анъана ва маросимҳо, хусусиятҳои динию мазҳабиро дар Бобул, Миср, Эрон, Юнон, Рум ва ғайраро хеле ҷолиб инъикос намудааст.

Зарурати зикри ин асари ниҳоят пурқимати Берунӣ барои асари мазкур аз он бармеояд, ки дар он насабномаи шоҳони Сосонӣ, ки ба Фаррухзод-писари Хусрави Парвиз ва модари Қарвия (Қариудия) хоҳари Баҳроми Чӯбин мерасад ва асоси интихоби лақабҳо барои Аббосиёну вазирони хилофату муносибати Сомониён ба чунин лақабгузорҳоро хеле ҷолиб нишон додааст[1]. Ӯ рӯйхати лақабҳоеро, ки «Бани Аббос ба ёрони худ»

[1] Ниг.: Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990. С. 148-152.

додаанд, оварда, аз лақабҳои вазирони хилофат чунин ёдовар шудааст: «Ҳамчунин вузарои хилофат ба соҳибия, яъне «зу» номида шуданд. Монанди Зуляминайн, Зурриётсатайн, Зулкифоятайн, Зуссайфайн, Зулқаламайн. Пас аз он ки он салтанат ба оли Бувайҳ гузашт, ба хулафо монандӣ ҷустанд ва дар номгузорӣ муболиға карданд ва саропо дар дурӯғ ғарқ шуданд. Ва вузарои худро Кофиулкуфот, Кофиавҳад ва Авҳадулкуфот номиданд»[1]. Аз хуси он ки Сомониён ин тавр лақабгузориҳо қабул накарданд, муаллиф овардааст:»Вале Сомониён, ки соҳибони Хуросон буданд, дар ин лақабҳо рағбат нанамуданд ва танҳо ба куния қаноат карданд. Ва дар замони салтанати худ бо ин номҳо хонда мешуданд: Малик, Муайянд, Муаффақ, Мансур, Муаззам ва Мунтасир. Ва пас аз марги худ ин тавр номида шуданд: Ҳамид, Шаҳид, Садид, Ризо ва ғайра.

Валекин Сомониён сипоҳиёни худро аз роҳи пайравӣ ба корҳои хулафо ба Носируддавла, Синонуддавла, Муинуддавла ва Носируддавла мулақаб сохтанд».[2]

Матни арабии ин асар соли 1878 бо заҳмати ховаршиноси олмонӣ К.Е.Захау дар Лейпсиг ба нашр расидааст. Дар тарҷумаи англисии ин олим, «Осору-л-боқия» соли 1880 рӯи чоп дидааст. Китоб бо забонҳои форсию русӣ ва ӯзбекӣ ва ғайра борҳо нашр гардидааст.

Соли 1990 дар асоси нусхаи чопии муҳаққиқи Эрон Акбари Доносиришт (чопи солҳои 1943, 1973) бо истифода аз нусхаи асл (нашри соли 1923, Лейпсиг) ва нусхаҳои русию (1957) ӯзбекӣ (1968) ба забони тоҷики ба табъ расид[3]. Дар пешгуфтори яке аз ба чоп ҳозиркунандагони китоб – А.Девонақулов омадааст: «Дар вақти ба табъ ҳозир намудан лозим омад, ки аввалан то андозае барои ба фаҳми хонандагони тоҷик наздик кардани матни тарҷумаи форсии он калимаву ибора ва баъзе ҷумлаҳоро аз нав каму беш мувофиқи

[1] Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. С.151-152.
[2] Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. С.152.
[3] Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. (Ба чоптайёркунандагон: А. Девонақулов ва дигарон). – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.

талаботи забони тоҷикӣ дигар карда шавад»[1]. Бо ибораи дигар китоб барои тамоми қишри хонандагон фаҳмост.

**Маҳмуди Гардезӣ.** Гарчанде доир ба ҳаёту фаъолияти Абӯсаъид Абулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезии Ғазнавӣ маълумоти амиқе боқӣ намонда бошад ҳам, вале ҳамзамони Байҳақӣ ва Абӯрайҳони Берунӣ буданаш муайян аст. Аз тарафи дигар, китоби солҳои 1050-1052 бо забони тоҷикӣ таълифнамудааш «Зайну-л-ахбор» («Зевари ахбор»), ки ба султони Ғазнин, Зайнулмилла Абдуррашид ибни Маҳмуди Ғазнавӣ (1049-1053) бахшида шудааст, давраи зиндагиашро тасдиқ мекунад. Ин асар воқеаҳои Шарқи исломиро аз замонҳои қадим то соли 1041 дар бар мегирад.

Мундариҷаи китоб ҳаводиси ниҳоят доманадори ҷаҳониро фаро гирифта, дар он таърихи Эрони қадим, пайдоишу густариши ислом дар замони хилофат, анъанаҳои роиҷ ба динҳои зардуштӣ, яҳудиву исавӣ, вазъи сиёсии мулкҳои Турку Ҳинд нисбатан равшан инъикос ёфтааст. Дар қисми ба замони Сомониён бахшида шудаи китоб, доир ба вазъи сиёсиву иқтисодии ин давлат маълумоти ҷолиб ба назар мерасад. Табиист, ки дар ин асар муаллиф бештар ба давраи салтанати Ғазнавиён диққат додааст. Дар он бахусус аз муносибати байни Салҷуқиёну Ғазнавиён сухан меравад.

Гарчанде баъзе қисмҳои ин китоб борҳо ба забонҳои мухталиф тарҷумаву мавриди истифодаи муаррихон қарор ёфта бошад ҳам, матни комили он бо ташаббусу заҳмати муҳаққиқи Афғонистон Абулҳай Ҳабибӣ соли 1347 ҳ. (1982 м.) ба нашр расидааст. Дар он муаллиф доир ба насаби Сомониён ва ба сари қудрат омадану давлатдории онҳо маълумоти ҷолиб овардааст. Шарқшиносони русу аврупоӣ бо ин асар шиносоӣ дошта, пораҳои ҷудогонаи онро тарҷумаву ба доираи илм ворид кардаанд.

**Абулфазли Байҳақӣ.** Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни

---

[1] Девонақулов А.»Осор-ул-боқия»-и Абурайҳон Берунӣ. Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990. С.11-12.

Байҳақӣ (995-1077) яке аз муаррихони тавонои замони Ғазнавиён ҳисоб меёбад. Ӯ дар деҳаи Ҳорисободи Байҳақ ба дунё омада, дар Нишопур маълумот гирифта, ба сифати дабир дар девони рисолати Маҳмуди Ғазнавӣ ва ворисонаш Масъуд, Мавдуд ва Фаррухзод ифои вазифа намудааст. Байҳақӣ муаллифи чанд асари таърихӣ, аз ҷумла «Зиннату-л-куттоб», «Мақомоти Маҳмудӣ», «Мақомоти Бунасри Мушкон», ки ба устодаш – раиси девони рисолат Хоҷа Бунасри Мушкон бахшидааст, «Таърихи оли Сабуктегин» ва ғайра ҳисоб меёбад.

Дар байни осори ӯ «Таърихи Масъудӣ», ки як қисми асари сиҷилдаи (30) «Таърихи оли Сабуктегин»-ро дар бар мегирад, ҳисоб меёбад. Мутаассифона, аз ин миқдор ҳамагӣ шаш ҷилд (ҷилдҳои 5-10) ва аз он ҳам баъзе пурраву чанде нопурра то замони мо расидаанд. Шояд ҳамин боис шуда бошад, ки китоб бо номи муаллиф чун «Таърихи Байҳақӣ» бештар шуҳрат пайдо кардааст. Ҳатто он қисмати дастрасшудаи ин асар мукаммалтарин асари таърихи аҳди Ғазнавиён, аз ҷумла Маҳмуд ва хосатан писараш султон Масъуд ибни Маҳмуд (1030-1041) ҳисоб меёбад.

Доир ба иртиботи ин асари Байҳақӣ ба таърихи давлатдории Сомониён бояд ҳаминро таъкид намуд, ки бунёди давлатдории Ғазнавиён бо давлати Сомониён ҳамбастагии бевосита дошт. Давлати онҳо дар Ғазна дар доираи яке аз вилоятҳои тобеи Сомониён шакл гирифтааст. Бунёдгузори ин давлат, ғуломи собиқи хонадони Сомониён – Алптегин ҳисоб меёбад. Бо ҳар чӣ бештар гардидани нишонаҳои таназзули давлати Сомониён, нуфузи сиёсии Алптегин то рафт зиёд шуда, то дараҷаи сипаҳсолории Хуросон расида, тавонист, ки намояндагони соҳибэътибори сохтори маъмурии маркалии давлатир ба худ тобеъ гардонад. Дар хизмати худ вазир ва донишманди машҳури замон Абӯалии Балъамиро нигоҳ медошт[1]. Ӯ рӯирост аз итоати

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Академик В.В.Бартольд. Сочинения Т. I. – М.: ИВЛ, 1963. С. 310.

Сомониён сар печида, ҳатто соли 962 ба амир Мансур ибни Нӯҳ ҳарб карда, ӯро шикаст дода буд. Фақат марги Алптегин соли 963 имкон дод, ки Сомониён аз нав тобеияти расмии Ғазнаро барқарор намоянд. Вале дере нагузашта соли 965 Мансури Сомонӣ аз нав мустақилияти Ғазнаро шинохт. Аз торафт бештар фаношавии давлати Сомониён истифода бурда, соли 977 ғулом ва домоди Алптегин – Сабуктегин ҳарчанд салтанати Сомониёнро дар Ғазна эътироф мекард, вале амалан лаҷоми ҳокимияти Ғазнаро ба даст гирифт. Вақте давлати тамоман заифшудаи Сомониён соли 999 аз тарафи Қарахониён суқут дода шуд, фарзанди Сабуктегин – Маҳмуд (999-1030) ба давлати комилан мустақили Ғазнавиён асос гузошт. Ҳамин тариқ, бо ибораи Хондамир: «... дар авоили айёми подшоҳии амир Нӯҳ Алптекин дар Ғазнин вафот ёфт. Ва ғуломаш – амир Сабуктекин рояти салтанат барафрошт»[1], ба он маънӣ аст, ки насаби тамоми салотини Ғазнавӣ ба амир Носируддин Сабуктегин, ғуломи Алптегин мепайвандад.

Дар «Таърихи Байҳақӣ» ба сари қудрат омадани Қарахониён, муносибати онҳо бо Ғазнавиён, вазъи сиёсӣ ва иқтисодии Хуросон дар давраи ҳуҷуми Салҷуқиён, лашкаркашиҳои ҳарбии Маҳмуд ба Ҳиндустон, бедодгариҳои Маҳмуд ва merосхӯри ӯ – Масъуд дар Хуросон ва ғайра маълумоти муфассал омадааст. Ҳамчунин дар китоб доир ба ҳаёту фаъолияти аҳли фарҳанг – олимону адибони замон ва осори онҳо, маълумоти ниҳоят ҷолиб метавон ба даст овард. Бесабаб нест, ки ин асар чун яке аз намунаи беҳтарини таърихнигории асримиёнаги форсу тоҷик шинохта шудааст.

«Таърихи Байҳақӣ» борҳо дар Эрон рӯи чопро дидааст. Дар асоси нусхаҳои ҳиндӣ ховаршиноси англис Морлей китобро ба чоп тайёр намуд, вале бо тақозои тақдир дар арафаи ба чоп додан аз олам даргузашт. Ин иқдоми наҷиби ӯро дӯсташ капитани англис Носюлис ба ҳадди анҷом расонда,

[1] Хондамир. Ҳабибу-с-сияр //Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С.407.

соли 1862 китобро аз чоп баровард. Нашри дувуми «Таърихи Масъудӣ» бо кӯшиши Саидаҳмад Адиби Пешоварӣ соли 1884 дар Теҳрон аз чоп баромад. Чопи навбатии китоб маҳсули хидмати устод Саъид Нафисӣ ҳисоб меёбад. Ӯ асарро бо тавзеҳоти мукаммал дар се китоб ба нашр тайёр намуд. Вале оғози ҷанги дуюми ҷаҳонӣ анҷоми ин иқдомро халалдор намуд. Китобҳо бо фосилаи тӯлонӣ солҳои 1941-1954 рӯи чопро дида, ба дасти муҳаққиқону доираи васеи хонандагон расиданд. Нашри чоруми китобро олимони шинохтаи Эрон Ғанӣ ва Файёз ба зимма гирифта, соли 1946 онро ба анҷом расонданд. Бояд қайд кард, ки ин нашр Алиакбари Файёзро қонеъ накард. Ӯ соли 1971 бо тафсили боз мукаммалтаре нашри панҷуми онро рӯи кор овард. Бори шашум «Таърихи Байҳақӣ» бо кӯшиши Халил Хатиби Роҳбар соли 1993 ва бароириши ҳафтуми онро соли 1997 донишманди дигари эронӣ Манучеҳри Донипажӯҳ ба роҳ мондаанд. Китоб ба дигар забонҳо тарҷумаву нашр гардидааст. Аз ҷумла бо заҳмати шарқшинос А.К. Арендс ин асар ба забони русӣ тарҷума ва чоп шуда аст. Ҳамаи ин далелест аз арзишмандии асари муаррихи тавонои замони хеш – Абулфазли Байҳақӣ «Таърихи Масъудӣ» ва ё «Таърихи Байҳақӣ»[1].

**Низомии Арӯзии Самарқандӣ.** Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ки бевосита аз мактаби олими бузургу хирадманди замон Умари Хайём гузаштааст, аз мутафаккирони охири асри XI – ибтидои асри XII Мовароуннаҳр ҳисоб меёбад. Дар Самарқанд ба дунё омада, баъди ба маълумоти зарурӣ соҳиб шудан, бо тақозои замону зарурати такмили дониш дар як қатор шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон, хосатан дар Бомиёну Фирӯзкӯҳ иқомати доимӣ ихтиёр намуда, фаъолияти бисёрсамтаи илмию адабиаш дар дарбори

[1] Муфассал доир ба «Таърихи Масъудӣ» ниг.: Муллоҷон С. «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ (Мируре пиромуни сохтори идорию русумоти дарбори Ғазнавиён). – Душанбе: Ирфон, 2013. – 240 с.

Ғуриён чараён гирифтааст. Дар аҳди Алоуддини Ғурӣ (1151-1163) чун вазир ифои вазифа дошт.

Аз диди таърихнигорӣ китоби «Маҷмаъу-н-наводир», ки чун «Чаҳор мақола» маъруф аст, аз диди таърихию маъхазшиносӣ ниҳоят арзишманд ҳисоб меёбад. Дар бобҳои ин «Чаҳор мақола», ки дар шакли ҳикоёт омадаанд, маълумотҳои ҷолибе аз баъзе воқеоти дар он замон сурат гирифта ҷой дорад. Бахусус вазъи фарҳангии замонро нисбатан равшан кушода, доир ба ҳаёту фаъолияти нобиғаҳои илму фарҳанг Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ ва ғайра маълумоти нисбатан муфассал овардааст. Ин асар ба сифати маъхази нодир аз тарафи муҳаққиқони таърих мавриди истифода қарор ёфтааст.

«Чаҳор мақола»-и Арӯзии Самарқандӣ борҳо ба забонҳои мухталиф нашр шуда аст. Бо кӯшиши Муҳаммади Қазвинӣ матни интиқодии китоб соли 1887 дар Теҳрон ба табъ расидааст, ки нахустин нашри он ҳисоб меёбад. Ҳамин барориши Қазвиниро бо тавзеҳоти муқоисавӣ соли 1956 дигар донишманди эронӣ Муҳаммади Муин рӯи чоп овард. Китоб бо забонҳои русию англисӣ тарҷумаву нашр гардидааст.

**Абулҳасани Байҳақӣ.** Заҳируддин Абулҳасан Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ (1099-1169 ва ё 1106-1174), ки бо Ибни Фундуқ низ маъруф аст, дар Сабзавори Байҳақ ба дунё омадааст. Аз рӯи маълумоти мавҷуда ӯ муаллифи зиёда аз 70 асарест, ки доир ба масоили гуногун бо забони арабию форсӣ таълиф шудаанд. Мутаассифона аз он мероси бузург то кунун намунаи ниҳоят каме боқӣ мондааст. Дар байни осори бозмондаи ин муаррих (асри XII) «Таърихи Байҳақ» хеле ҷолибу нодир ҳисоб меёбад. Дар китоб маълумоти ниҳоят арзишманде доир ба давлатдории намояндагони сулолаҳои Тоҳириён, Сафориён, Сомониён, Салҷуқиён, хосатан таърихи нисбатан мукаммали Байҳақ ва ғайра ҷой дода шудааст, ки бисёре аз ҷузъиёти онҳо дар дигар маъхазҳо бо чунин саҳеҳӣ қаламдод нашудаанд. Матни интиқодии ин асари нодир (ҳамагӣ се нусхаи он ба муҳаққиқон маълум аст) аз тарафи Аҳмади

Баҳманёр бо муқаддимаи донишманди маъруфи Эрон Қазвинӣ ба чоп расидаву дастраси мутахассисону доираи васеи хонандагон гардидааст. Ҳамчунин дигар китобҳои ӯ аз қабили «Машорибу-т-таҷориб фи таворих», «Татимаи савону-л-ҳикмат», «Ҷавомеъу-л-аҳком» «Шоҳу-д-дамия» ва ғайра ба мерос мондааст, ки аз онҳо метавон маълумоти ҷолиби таърихӣ бардошт.

**Самъонӣ** ( тав. 1113), нисбаи пуррааш – Абӯсаъид Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансури Тамимии Марвазӣ буда, бо номи Самъонӣ шуҳрат пайдо карда, аз донишмандони арабзабон буда, аз рӯи маълумоти мавҷуда муаллифи қариб 50 асар доир ба таъриху ҷуғрофиё, аз ҷумла «Таърихи Марв», «Тазйили таърихи Бағдод», «Фазоилу-с-саҳоба» ва ғайра шинохта мешавад. Мутаассифона аз он осори ин марди фозил танҳо «Китобу-л-ансоб» то замони мо расидааст. Китоб дар асл аз 8 ҷилд иборат буда, баъди вафоти муаллиф бо таҳрири муаррихи араб Ибни Асир (ваф. 1234) ба унвони «Китобу-л-лубоб» мухтасаран дар се ҷилд таҳриру китобат шудааст. Дар ин асар доир ба шахсиятҳои маъруфи замон аз ҷумла: Балъамӣ, Рӯдакӣ ва ғайра, намояндагони силсилаи шоҳони Сомонӣ, ҷуғрофиёи шаҳру музофотҳо, вазъи иқтисодии онҳо ва ғайра маълумоти нисбатан муфассал ҷой дорад. Соли 1912 «Китобу-л-ансоб» бо заҳмати ховаршиноси англис Марголиус (1858-1940) ба таври нусхабардорӣ (факсимилӣ) дастраси васеи мутахассисон гардидааст.

**Ибни Асир** (1160-1233) – муаррих ва адиби араб. Номи комилаш – Изуддин Абулҳасан Алӣ ибни Абулкарам Муҳаммад ибни Абдулкарим ибни Абдуллоҳи Шайбонӣ, ки бо исми Ибни Асир маъруф гашт, дар Мавсил ва Шому Бағдод маълумоти ниҳоят гуногунсамта гирифта, дар қатори донишмандони бузурги замон ҷой гирифт. Дар байни осори зиёди аз худ боқигузоштаи ӯ «ал-Комил фи-т-таърих», ки санаи ниҳоии таълифаш ба соли 1222 рост меояд ва гузориши воқеаҳоро то ҳамин давра расондааст, хеле арзишманд ҳисоб меёбад. Аз рӯи мазмуну муҳтаво китоби бисёрҷилдаи «ал-

Комил фи-т-таърих» ҳамрадифи «Таърихи Табарӣ» шинохта мешавад. Дар асари ба номаш мувофиқ, яъне комил доир ба таърихи давлатдории Сомониён дар бобҳои бахшида ба фаъолияти Исмоил писараш Аҳмад ва дигар меросхӯрони ӯ маълумоти боэътимоду ҷолиб хеле зиёд оварда шудааст[1].

Бо кӯшиши шарқшиноси швед К.Ю. Торнберг чопи интиқодии «ал-Комил фи-т-таърих» солҳои 1874-1876 дар Лейден дар ҳаҷми 12 ҷилд ва феҳристи он солҳои 1874-1876 дар 2 ҷилд ба дасти мутахассисон расид. Ин ба нашрҳоиояндаи китоб дар мамлакатҳои араб такони ҷиддӣ бахшид. Таҷумаи пурраи форсии он дар Эрон рӯи чоп омадааст[2].

**Ёқути Ҳамавӣ.** Донишманди самтҳои мухталифи илм, сайёҳ ва ҷуғрофиёшиноси нимаи дувуми асри XII – ибтидои асри XIII – Шиҳобуддин Абӯабдуллоҳ ал-Ҳамавӣ, ки бо исми Ёқут (1179-1229) маъруф аст, бештар тавассути асари ҷуғрофиёии худ «Муъҷаму-л-булдон» («Қомуси кишварҳо») ба эҳтирому эътибори баланди аҳли илм соҳиб шудааст. Бо заҳмати ӯ маҷмӯи маълумоти беш аз сад асари ба забони арабии замонҳои қаблӣ ва давраи худ доир ба халқҳои гуногун, мамлакату шаҳрҳо, афроди намоёни сиёсӣ, илмию фарҳангро ҷамъ оварда, ба наслҳои оянда боқӣ гузоштааст. Китоб аз тарафи шарқшиноси намоёни олмонӣ Ф. Вюстенфелд солҳои 1866-1873 дар 6 ҷилд тарҷума ва ба чоп расид. Порчаҳои ҷудогона аз ин барориш ба забони русӣ тарҷума ва дастраси хонандагон гардидааст.

**Минҳоҷи Сироҷ.** Минҳоҷуддин Абӯумар Усмон ибни Сироҷуддин Муҳаммади Ҷузҷонӣ (1193-1259) чун Минҳоҷи Сироҷ шуҳрат касб кард. Ӯ дар дарбори султони Ғур – Ғиёсуддин Муҳаммад ибни Сом (1163-1202), ки падараш дар Фирӯзкӯҳ мансаби қозӣ ва хатибии давлати Ғурро ба ӯҳда дошт, тарбият ёфта, сипас ба Ҳиндустон муҳоҷират намуда,

[1] Доир ба баёни воқеаҳо ниг.: Ибн Асир. Ал-Комил фи-т-таърих // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл) – Хуҷанд, 1998. С. 305-414.

[2] Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди 2. – Хуҷанд, 1998. С. 305 – 306.

дар мансабҳои муҳими давлатӣ кору фаъолият доштааст. Асари машҳури ӯ «Табақоти Носирӣ» дар он ҷо бо забони тоҷикӣ соли 1259/60 ба итмом расида, ба султон Носируддини Маҳмудшоҳ (1246-1265) бахшида шудааст. Аз ин рӯ номгузории китоб низ ба исми Носируддин иртибот дорад.

Китоб аз 23 табақа (фасл) иборат буда, аз таърихи анбиёву авлиё, шоҳаншоҳони бостонии Аҷам оғоз ёфтааст. Дар ҳар табақаи асар доир ба ҳаёту фаъолияти халифаҳои рошидин маълумот оварда, сипас ба шарҳи зиндагинома ва тарзи идораи маъмурӣ, вазъи сиёсӣ, иқтисодии замони сулолаҳои Умавиён, Аббосиён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Дайламиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён ва ғайра маълумоти барояш дастрас будаӣро ҷой додааст. Маълумот доир ба салтанати Сомониён овардаи муаллиф ниҳоят мухтасар бошад ҳам, дар таърихнигории ин замон набояд сарфи назар шавад. Қисмати охири китоб ба тохтутоз ва истилои Хуросону мулкҳои ҳамҷавор аз тарафи муғулҳо бахшида шудааст, ки муаллиф ваҳшонияти муғулҳоро нисбатан муфассал нишон додааст.

Чопи нахусти «Табақоти Носирӣ» соли 1864 дар Калкутта ва соли 1949, 1953 дар Лоҳур сурат гирифтааст. Соли 1881 шарқшиноси англис китобро бо забони англисӣ тарҷума ва ба табъ расондааст. Соли 1963-1964 бо кӯшиши олими шинохтаи Афғонистон Абулҳай Ҳабибӣ матни дуҷилдаи интиқодии китоб дар Кобул интишор ёфт. Баъзе ҷузъиёти ин асар ба забони русӣ (асосан қисми ба давраи Салҷуқиён бахшида шуда) ва забони фаронсавӣ тарҷумаву дастраси мутахассисону дигар завқмандони таърих гардидааст.

**Хоҷа Низомулмулк.** Дар таърихнигории таърихи халқи тоҷик, наметавон аз асари вазири маъруфи Салҷуқиён – Абӯалӣ Ҳасан ибни Исҳоқ (1018-1092) маъруф ба Хоҷа Низомулмулк «Сиёсатнома» ё «Сияру-л-мулук» («Таърихи подшоҳон») сарфи назар кард. Ин асарро Низомулмулк ба дастури султон Маликшоҳи Салҷуқӣ, ки дар хизматаш қарор дошт, соли 1091 дар 39 боб китобат карда, ба ӯ пешкаш намудааст. Баъди аз назари султон гузаштан, муаллиф

ба ин асар боз 11 боби дигар илова кардааст. Ҳар боби ин китоб ба таҳлили самти муайяни сохтори дастгоҳи давлатӣ бахшида шудааст.

Доир ба сохтори маъмурии давлатӣ маълумот оварда, Низомулмулк чун ҷонибдори идоракунии мутамарказ, нуқсҳои низоми идории Салҷуқиёнро нишон додааст. Аз ҷумла тарзи давлатдорӣ, хираду фазилати сиёсии шоҳони давлати Сомониёнро чун намунаи ибрат арзёбӣ намудааст. Асари мазкур барои таҳқиқи сохтори сиёсию маъмурии давлатҳои шарқи мусулмон, асрҳои X-XI чун маъхази ниҳоят арзишманд эътироф шудааст.

Бобҳои ниҳоии китоб ба таҳлили ҷараёни исмоилия бахшида шуда, доир ба воқеияти таърихии замон маълумоти ҷолиб медиҳанд. Аз ҷумла чи тавр дар аҳди Сомониён, ки адолатпарвар буданду ғуломонро «вобаста ба андозаи хидмату ҳунару шоистагӣ» ба корҳои ҳарбӣ ҷалб намуда, соҳибунвону соҳибмулк мекарданд, дар мисоли ғуломи собиқ Алптегину ғуломи ӯ Сабуктегин ва соҳибтахт гардидани писараш Маҳмуд маълумоти хеле ҷолиб овардааст.

«Сиёсатнома»-и Низомулмулк ба забонҳои мухталиф тарҷумаву нашр шудааст. Аз ҷумла шарқшиноси намоён Ш.Шефер соли 1891 онро бо тавзеҳоти мукаммал ба чоп расондааст, ки аз беҳтарин нусхаҳои чопии китоб ҳисоб меёбад. «Сиёсатнома» дар тӯли беш аз нимасраи охир 6 маротиб нашр шудааст. Дар Тоҷикистон бо ҳуруфи кириллӣ бо заҳмати А.Девонақулов соли 1989 ва А. Ҳоҷиев соли 1998 чоп шуда, дастраси доираи васеи мутахассисону мухлисони таърихи асримиёнагии кишвар гардидааст.

Дар таърихнигории замони Салҷуқиён боз чанде аз муаррихонро ёдовар шудан лозим меояд, ки як силсила асарҳо офаридаанд. Аз ҷумла дар давраи охирин намояндагони Салҷуқиён – султонҳои Ироқ Арслон ва Тоғрули III (1175-1194) муаррихи ба дарбор наздик – Заҳируддини Нишопурӣ (ваф. 1186), китобе бо унвони «Салҷуқнома»-ро бо забони форсӣ таълиф намуд, ки дар он доир ба таърихи салтанати

Салҷуқиён, хосатан хусусиятҳои идоркунии маъмурӣ ва низоми андозситонии онҳо маълумоти ҷолиб медиҳад.

**Ҳамдуллоҳи Муставфӣ** (1281/1282 – ҳудуди солҳои 1349-1359). Ҳамдуллоҳ ибни Абӯбакр ибни Аҳмад ибни Насри Муставфии Қазвинӣ, чи тавре аз нисбааш бармеояд, дар Қазвин аз хонаводаи маъмурони девони муставфӣ ба дунё омадааст. Ҳамин иртиботи касбии авлодӣ буд, ки ӯ ба ҳайси масъули идораи молияи вилоятҳои Қазвин, Занҷон ва ғайра кору фаъолият намудааст. Аз мероси ӯ то замони мо асарҳои «Таърихи гузида», «Зафарнома» ва «Нузҳату-л-қулуб» расидааст. Дар байни онҳо «Таърихи гузида» аз рӯи банду баст, фарохии масоилу ҳаводиси ба доираи ин асар ворид гардида диққати муҳаққиқонро бештар ба худ кашидааст. То андозае ба бозгӯии (компилятсия) осори муаррихони қаблӣ нигоҳ накарда, китоб таърихи ниҳоят тӯлонӣ аз замони қадим то воқеаҳои солҳои 20-уми асри XIII-ро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, чи тавре аз номаш бармеояд, воқеаҳо хеле кӯтоҳу мушаххас оварда шудаанд.. Аз ҷумла муаллиф ба инъикоси замони Тоҳириёну Саффориён ва Сомониён таваҷҷуҳ карда, дар фасли дувум аз боби чаҳоруми китоб – «Дар зикри подшоҳони Сомониён» хеле мухтасар бошад ҳам, доир ба Исмоил ва дигар шоҳони ин сулола Аҳмал, Наср, Нӯҳ ва ғайра маълумоти ҷолиб овардааст.

«Таърихи гузида» кайҳост, ки аз тарафи шарқшиносони сатҳи ҷаҳонӣ ба доираи илмӣ кашида шудааст. Матнҳои литогафӣ ва нусхабардории (факсимилӣ) он дар Лондону Ҳиндустон ва нашри интиқодии он дар Теҳрон бо кӯшиши Эдвард Браун ва Абулҳусайни Навоӣ дар интишороти «Дунёи китоб» соли 1361 ба табъ расидааст.

**Ибни Халдун.** Муаррихи бузурги араб Абузайд Абдураҳмон ибни Муҳаммад, ки ба Ибни Халдун маъруф аст, соли 1332 дар Тунис ба дунё омада, соли 1406 дар Миср аз олам гузаштааст. Дар байни мероси гаронбаҳои дар равияҳои гуногуни илму дониши замон аз худ боқӣ гузошта, асари таърихии ӯ «Китобу-л-ибар» (шакли пурраи номи китоб –

«Китобу-л-ибар ва девону-л-мубтадо ва-л-хабар фи айём-ил-Араб ва-л-Аҷам ва-л-барбар ва ман осараҳум мин зави-с-султон-ил акбар»), ки аз се қисм иборат аст, ба мақоми ниҳоят арзишманд соҳиб гардидааст. Алалхусус, қисмати аввали китоб, ки «Муқаддима» унвон гирифтааст ва дар он то андозае ҷанбаи назариявии фаҳмиши таърихии муаллиф эҳсос мешавад. Дар ҳоле ки дарки таърих пурра ғайриилмӣ, аниқтараш дар доираи фаҳмиши динии суратгирии воқеаҳо – қадария (хости худо, насибаву тақдир) қарор дошт, ин тарзи фаҳмиши раванди воқеаҳо аз дарки одии илмии муаррих Ибни Халдун дарак медиҳад. Дарки се марҳалаи ҷамъияти инсонӣ – ваҳшоният, бодиянишинӣ ва шаҳрнишинӣ ва вобаста ба он мувофиқат намудани ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, барои фаҳмиши таърихии замони ӯ ғайри чашмдошт буд.

Мутаассифона, дарки воқеъбинонаи ҳаводиси таърихӣ баъди Ибни Халдун дар олами ислом то асри XX, ҳатто ба ҳадди дарки Ибни Халдун нарасида, дар доираи фаҳмиши қадария – провиденсиализм (ибораи лотинӣ – «провидение» ба маънои рӯҳ, тақдир, қазову қадар, насиба, сарнавишт) маҳдуд монд.

«Таърих»-и Ибни Халдун якҷоя бо «Муқаддима» бо номи умумии «Китобу-л-ибар» дар ҳафт ҷилд дар мамолики араб ва қисману пурра бо дигар забонҳо борҳо ба чоп расидааст.

Аз диди иртиботи «Муқаддима»-и Ибни Халдун ба замони Сомониён муҳим он аст, ки муаллиф ба раванди пайдоишу инқирози давлатҳо таваҷҷуҳ намуда, давлати Сомониёнро ба ҳайси давлати бузургу мутаммаддини ҷаҳони ислом нишон дода тавонистааст. Аз ҷумла дар он қисмате, ки ба подшоҳони Мовароуннаҳру Хуросон аз намояндагони оли Сомон бахшида шудааст, доир ба фаъолияту фазилати давлатдории ҳар кадоме маълумоти муфассал овардааст[1].

[1] Ниг.: Ибни Халдун. Китоб-ул-ибар. Муқаддима; Китоб-ул-ибар. Таърих // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С.417-482.

**Мирхонд.** Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд, маъруф ба Мирхонд, муаррихи барҷастаи тоҷику форс аз авлоди сайидони Бухоро буда, соли 1433 дар Балх ба дунё омада, соли 1498 дар Ҳирот даргузаштааст. Ӯ дар қатори наздикони Алишер Навоӣ қарор дошта, асари ниҳоят бузурги худ «Равзату-с-сафо»-ро (номи пурраи асар – «Равзату-с-сафо фӣ сират-ил-анбиё ва-л-мулук ва-л-хулафо») ба ӯ бахшидааст. Китоб дар ҳаҷми ҳафт ҷилд таълиф шудааст, ки ҷилди ҳафтум ва қисми хотимавии китобро набераи муаллиф – Хондамир анҷом додааст.

«Равзату-с-сафо» давраи ниҳоят тӯлонӣ, аз замони бунёди олам то давраи охири ҳукмронии Темуриёнро дар бар гирифтааст. Ҷилдҳои чорум ва баъди он ба таърихи сулолаҳои Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён, Дайламиён, Хоразмшоҳиён, Салҷуқиён, Чингизиён ва Темуриён бахшида шудааст. Қисмати ба давлатдории Сомониён бахшида, нисбатан муфассалу ҷолиб ба назар мерасад[1].

Асари мазкур борҳо рӯи чопро дида ва аз тарафи муҳаққиқони таърихи Осиёи Марказӣ ва Эрону Ҳиндустон чун сарчашмаи нодир мавриди истифода қарор ёфтааст.

**Хондамир** (набераи Мирхонд). Ғиёсуддин ибни Хоҷа Ҳумомуддин Муҳаммад ибни Хоҷа Ҷалолуддин Ҳусайнӣ маъруф ба Хондамир тахминан соли 1475 дар Ҳирот таваллуд шуда, дар инҷо зери сарпарастии бобояш – Мирхонд ва дасгирии Алишер Навоӣ дар хизмати дарбор қарор дошта, баъди истилои кӯтоҳмуддати Шайбониён ва баъдан ба дасти Сафавиён гузаштани Ҳирот (1500) дар хизмати онҳо буд. Вале баъди вафоти Исмоили Сафавӣ (1524) бо ранҷише Ҳиротро тарк намуда, ба Ҳиндустон сафар карда, дар онҷо то охири умр (1535) дар хизмати Бобур мирзо (1526-1530) ва писараш Ҳумоюн (1530-1556) қарор дошт.

Дар байни осори аз ӯ боқӣ монда («Ҳабибу-с-сияр», «Мао-

[1] Ниг.: Мирхонд. Равзату-с-сафо // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С.311-373.

сиру-л-мулук», «Номаҳои номӣ», «Хулосату-л-ахбор», «Макориму-л-ахлоқ», «Дастуру-л-вузаро» ва ғайра), «Ҳабибу-с-сияр» мақоми хосса дорад. Китоб аз се ҷилд иборат буда, муҳтавои ҷилди аввал аз бозгӯии пеш ва баъди зуҳури ислом, хулафои рошиддин буда, ҷилди дувум пурра ба ҳокимияти Умавиёну Аббосиён, давлатдории сулолаҳои Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён ва воқеоти то истилои муғулро дар бар мегирад. Дар ҷилди сеюм бошад ҳаводиси замони истилои муғул, салтанати Темуриён ва маълумот аз боби фаъолияти шоҳ Исмоили Сафавӣ, ҳамчунин шарҳи ҳолу осори 70 адиби замони муаллиф инъикос ёфтааст.

Асари мазкур бо диди интиқодӣ аз тарафи муаррихи Эрон дар панҷ ҷилд соли 1983 нашр шуда, дастраси муҳаққиқон ва шумораи васеи алоқамандони таърихи Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон, Эрон ва донишмандони аврупоӣ гардидааст.

Дар ин китоб бобҳои ба сари қудрат омадани Исмоили Сомонӣ, санъати ташкили идораи давлат, амалиёти бобарори ҳарбӣ, рушди фарҳанг ва кору пайкори меросхӯрони ӯ хеле ҷолиб буда, маълумоти нисбатан саҳеҳ оварда шудааст[1].

Бояд қайд кард, ки бисёре аз муаррихон осори худро ба замони салтанати Салҷуқиёну муғулҳо ва Темуриён бахшида, ба ин ё он андоза аз таърихи давлатдории Сомониён ёдовар шудаанд. Яке аз онҳо **Абӯбакри Равандӣ** ҳисоб меёбад. Абӯбакр Наҷмиддин Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон ибни Муҳаммади Равандӣ (тав. тақрибан с. 1159) дар хизмати дарбори султон Тоғрули III қарор дошта, муаллифи китоби «Роҳату-с-судур ва ояту-с-сурур» («Оромии дилҳо ва анвои хурсандӣ») ҳисоб меёбад, ки асари худро баъди суқути Салҷуқиён (1202/1203) ба итмом расондааст. Китоб раванди воқеаҳоро аз ибтидои ба сари қудрат омадани Салҷуқиён то соли 1199 дар бар гирифтааст. Бояд қайд кард, ки муаллиф асари «Салҷуқнома»-и Нишопуриро мавриди нусхабардорӣ

[1] Ниг.: Хондамир. Ҳабибу-с-сияр // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С. 381-421.

қарор дода, фақат дар инъикоси замони ҳукмронии Тоғрул ва баъди он мустақилият зоҳир намудааст.

Дар ин силсила осор китоби **Садруддин ал-Ҳусайнӣ** «Ахбору-д-давлат ас – Салҷуқия» («Ахбор доир ба давлати Салҷуқиён») ворид мегардад, ки ба забони арабӣ навишта шудааст. Китоб баъзе ҷузъиёти таърихи давлатдории Саҷуқиён, алалхусус нимаи дуюми асри XII-ро дар бар мегирад, ки дар осори қаблии муаллифон ба назар намерасанд.

Доир ба таърихи замони салтанати Салҷуқиён дар китоби **Бундари Исфаҳонӣ** «Таърихи силсилаи Салҷуқӣ»**,** ки дар ибтидои асри XIII таълиф шудааст ва «Таърихи Фаришта»-и **Муҳаммад Қосим ибни Ғуломалӣ Ҳиндушоҳи Астарободиро (бо исми Фаришта худро муаррифӣ намудааст)** маълумотҳои барои муҳаққиқон муфид оварда шудаанд. Масалан, дар «Таърихи Фаришта» муаллиф доир ба таърихи Ғазнавиёну Салҷуқиён маълумоти нисбатан саҳеҳ додааст. Дар ин ҳамбастагӣ ӯ аз вазъи сиёсӣ ва аз баъзе ҳодисоти дар Мовароуннаҳру Хуросон рӯй дода, ки дар осори дигар муалифон во намехӯранд, ёдовар шудааст.

Дар ин қатор аз «Маҷмаъу-л-ансоб»-и **Муҳаммади Шабонкораӣ** (1297) метавон ёд кард. Дар ин асар шарҳи воқеаҳои замони истилои муғулҳо то соли 1336 зикр шудаанд. Дар яке аз бобҳои ба воқеаҳои то истилои муғул иртибот доштаи ин асар малумоти мухтасар, вале ҷолиби шарҳиҳолии амирони Сомонӣ оварда шудааст[1]. Ҳамчунин бояд аз **Сайфуддини Уқайлӣ** (Сайфуддин Ҳоҷӣ ибни Низоми Уқайлӣ) – муаллифи «Осору-л-вузаро», аз муаллифони нимаи дувуми асри XV ёдовар шуд, ки мухтасар зикри вазирони Сомониён-ро овардааст.

Ҳамин тариқ, чи тавре аз мазмуну муҳтавои осори муаррихони замони баъди заволи давлати Сомониён бармеояд, ҳаводиси баъди суқути ин давлат дар Мовароуннаҳру Хуросон ва

---

[1] Ниг.: Муҳаммади Шабонкораӣ. Маҷмаъу-л-ансоб //Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С.301-309.

дигар манотиқи ҳамҷавор рӯйдода, дар таърихнигории асрҳои XI-XV тавассути осори муаррихони шоҳиди бевоситаи ҳодисот ва баъдӣ ҳаддалимкон дар доираи диду дарки онҳо равшанӣ ёфтаанд. Вале ин мероси гаронбаҳо хусусияти илмӣ надошта, муаллифони онҳо аз доираи инъикоси оддии воқеаҳо аз чаҳорчӯбаи қадария берун нарафтаанд. Аз тарафи дигар қимати сарчашмавии онҳо бебаҳост. Маҳз дар асоси маълумоти дар осори онҳо ҷой дошта, метавон вазъи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давлати Сомониёнро, ки дар осори ҳамасрони оли Сомон омадааст, тақвият бахшид. Аз тарафи дигар ин маълумот барои таҳлили авзои воқеии Хуросону Мовароуннаҳри асрҳои XI-XV имконияти ҳалкунанда фароҳам оварда метавонад.

Қобили зикр аст, ки дар давраи истилои муғулҳо ва ба доираи тобеияти сиёсиву ҳарбии онҳо кашидани Осиёи Марказӣ, дар таърихнигории минтақа ҳар чӣ камтар ҷой ёфтани таърихи давлати Сомониён ба назар мерасад.

Дар замони ҳокимияти Темуру Темуриён вобаста ба эҳёи аъанаҳои фарҳангии замони Сомониён, ки дар фаъолияти мактабҳои таърихиву адабии Ҳироту Самарқанду Бухоро ва дигар марказҳои фарҳангӣ осори таърихи рушди тоза ёфт. Аз ҷумла дар асарҳои адабӣ ва таърихиву ҷуғрофии ин давра ба бозгӯиҳои маълумоти дар китобҳои замони давлатдории Сомониён ҷой дошта, иловаҳои саҳеҳу ҷиддӣ зам шуд. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки худи Темур ва меросбарони ӯ ба омӯзиши давраи Сомониён таваҷҷуҳи хосса доштанд. Ба ин аз диди мо аз як тараф эҳсоси зарурати тақлид кардан ба шукӯҳу шаҳомати давлатдории Сомониён сабаб шуда бошад, аз тарафи дигар империяи доманфарохи Темур, ки чандин минтақаву давлатҳои соҳибтамаддунро ба доираи тобеияти худ кашида буд, ба забону фарҳанги барои тамоми фазои давлатдории ӯ таъсирбахш ниёз дошт. Инро дигар на дар заминаи арабгароии хилофат ва на дар нигаҳдошти анъаноти ба кӯчиёни муғулу турк хос таъмин кардан мумкин набуд. Дар чунин вазъят ягона воситаи нигаҳдошти мутамарказияти

давлати Темуриён, такя кардан ба анъанаҳои таърихии давлатдорӣ ва фарҳангии ба форсу тоҷик хос боқӣ монда буд.

Ба ин боз чунин воқеияти ҳол далолат мекунад, ки қисмати асосӣ ва фарҳангии аҳолии шаҳрҳои Эрон, Хуросон, Мовароуннаҳр ва қишри муайянкунандаи этникии сокинони Шероз, Исфаҳон, Ҳамадон, Рай, Султония, Қазвин, Язд, Кирмон, Астаробод, Ҷузҷон, Сабзавор, Нишопур, Тус, Кобул, Марв, Тирмиз, Хатлон, Ҳисор, Қабодиён, Бадахшон, Кеш, Насаф, Бухоро, Самарқанд, Урганҷ, Хева, Тошканд ва ғайра тоҷикон буданд. Дар замони Темуриён бо роҳи зӯрӣ ҳам бошад, акнун дар ҳолати парокандагӣ набуда, дар доираи як давлат қарор доштанд. Аз тарафи дигар, худи Темур ва Темуриён ба насабномаи туркиву муғулии худ нигоҳ накарда, дар муҳити бошандагони муқимии ин паҳно – тоҷикон камол ёфта, зиндагӣ доштанд. Табиист, ки ин барои аҳли ин сулола бетаъсир буда наметавонист. Аз ин рӯ, ба ҳамаи амали ҷангҷӯёнаву ваҳшонияти Темуру ворисонаш нигоҳ накарда, сабаби дар замони ҳокимияти онҳо аз нав эҳё шудани арзишҳои фарҳангии Сомониёнро маҳз дар ҳамин замина бояд дид.

Дар асрҳои баъдина (XVI-XVIII) ҳангоми лаҷоми давлатдориро ба даст гирифтани намояндагони қавми муғул: Шайбониён, Аштархониён (Ҷониён) ва давраи аввали Манғитиён (то миёнаи асри XIX) дар таърихнигории минтақа ба истисноӣ чанд асари дорои маълумоти мухтасар аз замони Сомониён дар асрҳои XVI-XVIII офаридашуда қариб чизе ба назар намерасад. Дар ин ҷо фақат метавон аз **«Таърихи Абулхайрхонӣ»-и Масъуд ибни Усмони Кӯҳистонӣ** (бо супориши ҳокими Самарқанд Аблуллатифи Шайбонӣ (1540-1552) таълиф шудаст), **«Таърихи Қипчоқхонӣ»-и Хоҷамқулибеки Балхӣ** (хизматгузори дарбори Субҳонқулихони Аштархонӣ, ки таълифи онро соли 1722 ба итмом расондааст), **«Мунтахабу-т-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон** (нимаи аввали асри XIX), ки таърихи умумӣ ҳисоб ёфта, раванди воқеаҳоро аз давраи қадим дар асоси осори маррихони қаблӣ ба таври

мухтасар оварда, мушоҳидаҳои замони худро илова намудаанд. Дар ин китобҳои зикршуда доир ба давлати Сомониён низ маълумоти умумӣ ҷой дорад.

Дар асрҳои мазкур ба гӯшаи фаромӯшӣ афтидани ин давраи ниҳоят равшану ифтихорбахши таърихи халқи тоҷик бесабаб нест. Сабаби онро дар поин омадани мақому талаботи фарҳангии барои замони парокандагии феодалӣ хос дидан ҷоиз аст.

Давраи нав барои омӯзиши таърихи давраи Сомониён дар таърихнигории ватанӣ ва сатҳи ҷаҳонӣ, агар аз баъзе ишораҳои берабту умумии дар осори шарқшиносони аврупоиву рус то чоряки охири асри XIX сарфи назар намоем, таҳқиқоти воқеан илмии мақоми тамаддунофари давлати Сомониён дар таърихи Осиёи Марказӣ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX оғоз ёфт. Ин ба давраи авҷи баланди мудохилаи давлатҳои мустамликахоҳи абарқудрат, хосатан Англия ва Русия дар минтақа рост омад.

Тасарруфи Осиёи Миёна аз тарафи Русия ва ба тобеияти мустамликавӣ кашидани он, барои омӯзиши бисёрсамтаи илмии минтақа имконияти нисбатан васеъ фароҳам овард. Дар ин ҷода хизмати шарқшиносони сатҳи ҷаҳонии рус, ки ба омӯзиши таърихи сокинони азалии минтақа – тоҷикон ва давлати Сомониён аҳамияти махсус додаанд, хеле равшан ба назар мерасад. Мулоҳизоти муаллифи мазкур доир ба мақоми ин падидаи ифтихорбахши халқи тоҷик дар таърихнигории аврупоиву Русия, дар боби ба ин масъала бахшида оварда мешавад.

## Назаре ба услуби таърихнависӣ ва арзиши маъхазии осори муаррихони асримиёнагӣ

Чи тавре аз зикри муаррихону ҷуғрофиёшиносон ва осори онҳо, ки дар боло ишора ёфта, бармеояд, замони Сомониён новобаста ба забони баёни арабӣ ва форсӣ-тоҷикии асарҳо,

дар воқеъ давраи ташаккулу рушди тарзи классики таърихнигории тоҷик ҳисоб меёбад. Вале ҳамаи ин нишондиҳандаҳои назаррас диди илмиро нисбат ба воқеият наметавонист бедор кунад. Заҳмати беандозаи ин донишмандон дар сабти воқеаҳои гузаштаи дуру замони худ аз доираи фаҳмиши провиденсиалӣ (қадария), яъне ба қазову қадар, насибаву хости Худо вобаста будани воқеаҳои таърихӣ берун буда наметавонист.

Ҳамин тариқ, аз боби рушди донишҳои таърихии замони Сомониён мулоҳиза ронда, бояд қайд кард, ки дар доираи осори муаррихони замон инъикос ёфтани воқеаҳо, ҳанӯз маънии шарҳи бевоситаи илмии ҳаводиси таърихии он давраро надорад. Диққати онҳо бештар ба тавсифи маддоҳонаи подшоҳону сарлашкарон, дарёфти пайванди насабии онҳо ба авлиёву анбиёҳо ва соҳибдавлатони бузурги қаблӣ равона шуда буд. Маҳдудият дар доираи фаҳмиши қадария ба тафаккури амиқи илмӣ дар муайян намудани қонунияти ҳодисаҳои таърихӣ роҳ намедод. Вале ин маҳдудияти ба воқеияти он замон созгор, ҳаргиз арзиши ниҳоят баланди маъхазии осори муаррихони замони Сомониёнро халалдор карда наметавонад.

Инъикоси ҳаводиси таърихии аҳди Сомониён баъди сукути ин давлат дар асарҳои муаррихон низ идома дошт, вале он чи илова шуд, табиист, ки дар заминаи он пойдевору мактаби қавии таърихнигорӣ ба даст омад.

Чи тавре ишора рафт, доир ба таърихи давлатдории Сомониён дар осори муаррихону ҷуғрофиёшиносони асрҳои XI-XV, мисли Абӯнасри Утбӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Ҳусайни Байҳақӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Тамимии Марвазӣ (Самъонӣ), Ёқути Ҳамавӣ, Ибни Асир, Низомулмулк, Арӯзии Самарқандӣ, Зайди Байҳақӣ, Минҳоҷи Сироҷ, Ибни Халдун, Мирхонд ва дигарон маълумоти хеле муфассал омадааст.

Маррихони ин замон низ табиист, ки аз таъсири ҷаҳонбинии ҷомеаи феодалӣ берун буда наметавонистанд. Онҳо фақат аз манзари фаҳмишу ҷаҳонбинии динӣ ба воқеаҳо баҳо

дода, дар муайян намудани сабаб ё қонунияти онҳо оҷиз буданд. Бо ибораи дигар, ба фаъолияти одамон вобаста будани ин ё он ҳаводиси таърихӣ, дар тафаккури муаррихони асримиёнагӣ ғунҷида наметавонист. **Аз ин рӯ назари онҳо ба рӯйдоди ҳаводис, дар доираи маҳдуди донишҳои оддии таърихӣ қарор дошт,** ки барои таҳлили илмии воқеаҳо, дарёфти зарурати қонунии амали онҳо имкон намедод. Вале, чи тавре дар боло ишора рафт, ин қимати маъхазии осори онҳоро ҳаргиз паст карда наметавонад. Чунин арзишмандии осори муаррихону ҷуғрофиёшиносони баъди заволи давлати Сомониён (дар асрҳои XI-XVI) ба арсаи ҳаёту эҷоди касбӣ омада, алалхусус дар маълумоти доир ба замони Сомониён равшан ба назар мерасад, ки зарурати онро дар маърази таҳлили илмӣ гузоштан вазифаи муҳими таърихнигории муосир ҳисоб меёбад.

# БОБИ III

# ТАШКИЛЁБИИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН ДАР АСАРҲОИ МУАРРИХОН ВА ҶУҒРОФИЁШИНОСОНИ АСРИМИЁНАГӢ

## Насабномаи Сомониён

Дар адабиёти таърихии ба намояндагони сулолаҳои соҳибдавлат ва дигар ашхоси шуҳратманд иртиботдошта, маъмулан ба ҷадди аъло ё насабномаи онҳо диққат дода мешавад. Аз чунин шинохти дар таърихнигорӣ ба ҳукми анъана даромада, табиист, ки Сомониён берун буда наметавонанд.

Муаррихон аксаран ба маълумоти дар маъхазҳо ҷой дошта такя карда, насабномаи Сомониёнро ба лашкаркаши диловари аҳди Сосониён – Баҳроми Чӯбина расондаанд. Аз ҷумла дар байни осори хаттие, ки доир ба насабномаи Сомониён маълумот оварда шудааст, асари ниҳоят арзишманди 16 ҷилдаи Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (839-923) «Таъриху-р-русули ва-л-мулук» (санади ниҳоии китобат соли 914 нишон дода шудааст) ҳисоб меёбад. Ин асар дар таърихнигории баъдина бештар бо унвони «Таърихи Табарӣ» ёд мешавад.

Табарӣ ба духтари Хоқони бузург будани модари Ҳурмузи IV ишора карда, аз як тараф қайд намудаст, ки «Ҳурмуз писари Кисро аз адаб баҳраи бисёр дошт» ва аз тарафи дигар, ривояте овардааст: «Ҳурмуз пайваста фирӯз буд ва ҳар чӣ мехост бад-он даст меёфт, марди хирадманду маккор ва бадният буд ва аз холгони турки хеш хӯй гирифта буд ва бузургонро хафиф дошт ва аз донишварону бузургон ва хонадонҳо сездаҳ

ҳазор касу шашсад кас бикушт... Ва бисёр кас аз атрофиёнро дил ба вай бад шуд, ки Худо мехост корашон дигар шавад ва мулкашон биравад. Ва ҳар чизеро сабабе бояд»[1]. Чи тавре мебинем, муаллиф ишора бар он дорад, ки чунин хислатро Ҳурмуз аз «холгони турки хеш гирифтааст».

Вале чунин пайвандии хешӣ Ҳурмузро аз нияти ҷангҷӯёнаи туркон эмин дошта натавонист. Дар ҳолате ки шоҳи Рум ва шоҳи Хазар ва ду сарлашкари араб (Аббоси Аҳвал ва Амр ибни Азрақ) ба қаламрави Ҳурмуз метохтанд ва ба қавле диёри порсиён «ғирболи пурсӯрох»-ро мемонд, Шоба – шоҳи туркон низ ба нияти ҳуҷум ба ин сарзамин наздик шуд. Дар ин ҳолат ба даҳшат афтидани Ҳурмуз ва роҳи халосӣ ҷустани ӯро Табарӣ чунин нишон додааст: «Ва Ҳурмуз сахт бимнок шуд ва ба машварат пардохт ва ҳамагон гуфтанд, ки бояд оҳанги шоҳи туркон кунад ва ӯ Баҳроми Ҷушнасро, ки аз мардуми вай буд ва бо номи Чӯбин шӯҳра буд, бо дувоздаҳ ҳазор мард, ки Баҳром аз солхӯрдагону ҷавонон баргузид, сӯйи туркон фиристод... Ва Баҳром тире бияндохт ва Шобаро бикушт... Ва чун Шоба кушта шуд, Баҳром урдуи вайро ғорат кард ва дар ҷойи ӯ мақар гирифт. Ва Бармуза писари Шоба, ки ҳаммонанди падар буд, биёмад ва бо Баҳром биҷангид ва ҳазимат ёфт ва дар қалъае ҳисорӣ шуд. Ва Баҳром ҳамчунон бикӯшид, то таслим шуд ва ӯро асир кард ва пеши Ҳурмуз фиристод ва аз қалъаи вай ганҷҳои фаровон ба ғанимат гирифт... Аз ғаноими ҷанг аз молу ҷавоҳир ва обгинаву силоҳ ва колои дигар панҷоҳ ҳазор бори шутур барои Ҳурмуз фиристод»[2].

Раванди ояндаи суръат гирифтани воқеаҳоро Табарӣ ни-

---

[1] Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. (Иборат аз 16 ҷилд дар 8 китоб). Мутарҷим Абулқосими Поянда. Бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. Китоби 1, иборат аз ҷилдҳои 1,2,3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014. С. 654-655.

[2] Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 1. – С. 656.

шон дода, қайд кардааст, ки Ҳурмуз ба ҷуз изҳори сипос, чизеро аз ин ғанимат ба Баҳром ва лашкар ҷудо накард, гузашта аз он, бо забону ишораи таҳқир ба Баҳром фаҳмонд, ки ғанимати ба ӯ фиристода, фақат бозмондаи беарзишест аз ганҷи бадастомада. Ин сабаби ихтилофи байни онҳо гардид. Иғвоангезон хостанд писари Ҳурмуз – Парвизро ба тахти шоҳӣ нишонанд. Парвиз, ки аз ин тавр сурат гирифтани воқеа дар ҳарос афтида буд, ба Озарбойҷон фирор кард. Вале ба ин нигоҳ накарда, тарафдорони Парвиз Ҳурмузро аз тахт поин оварда, ба чашмонаш мил кашиданд. Аз ин воқеа хабар ёфта, Парвиз бо наздикони худ баргашта, ба тахти шоҳӣ соҳиб шуд. Баҳром, ки худро шоҳаншоҳ эълон карда буд, ба ин муқобилият кард. Табарӣ доир ба ин тавр сурат гирифтани вазъият чунин маълумоти шунидашро овардааст: «Баҳроми Чӯбин ба дорулмулки Мадоин даромад ва ба тахт нишаст ва бузургону сарон бар ӯ фароҳам шуданд ва сухан кард ва носазои Парвиз гуфт ва мазаммати ӯ кард. Ва миёни ӯву сарони қавм мунозираҳо рафт, ки ҳеҷ кас дил ба ӯ надошт, вале Баҳром ба тахти шоҳӣ нишаст ва тоҷ бар сар ниҳод ва мардум аз бим итоати вай карданд»[1].

Парвиз дар ин муқовимат ба шикаст дучор шуда, ба Тайсабун ба назди падараш рафт ва бо маслиҳати ӯ бо мақсади кумак гирифтан ба Антокия аз он ҷо ба подшоҳӣ Рум – Маврик нома фиристод. Дар нома сухан аз он мерафт, ки боҷи падаронаш аз шоҳони Рум мегирифтаро бекор мекунад. Шоҳи Рум Парвизро хуш қабул карда, духтараш Марямро ба ӯ ба занӣ дода, барои кумакаш ҳазор лашкар ҷудо кард. Бо ин лашкар ба Озарбайҷон рафт. Дар он ҷо ба лашкари ӯ чиҳил ҳазор марди ҷангӣ пайваст. Илова бар он аз Форсу Исфаҳон ва Хуросон ба ёрии ӯ мардум зиёде бархестанд. Дар муҳориба ва ҳатто ҷанги тан ба тан Баҳром шикаст хӯрд. Чи тавре Табарӣ ишора намудааст, «Баҳром ошуфта шуд ва бирасиду сӯи

---

[1] Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таърихуо-р-русули ва-л-мулук. – Китоби 1. – С.661.

Хуросон шуд, он гоҳ сӯи туркон рафт ва Парвиз бист ҳазор ҳазор дирам миёни сипоҳ бахш кард ва онҳоро сӯи Мавриқ фиристод ва ба Мадоин боз рафт»[1].

Доир ба қисмати минбаъдаи Баҳром Табарӣ овардааст: «Баҳром дар миёни туркон мезист ва ба назди шоҳ муҳтарам буд. Ва Парвиз дар кори вай ҳила кард ва марде бо номи Ҳурмузро бо гавҳари гаронқадр ва чизҳои дигар сӯйи туркон фиристод, ки васила барангехт ва гавҳарро бо дигар туҳфаҳо ба хотун зани шоҳ дод ва ӯ кас фиристод ва Баҳромро бикушт»[2].

Вазири Сомониён дар аҳди амир Абдумалик ибни Нӯҳ (954-961) ва Мансур ибни Нӯҳ (961-976) Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ, муаллифи тарҷумаи «Таърихи Табарӣ», ки бо дархости амир Мансур ибни Нӯҳ соли 352 ҳиҷрӣ, баробари 963-и мелодӣ ба тарҷумаи он даст зада, амалан қисматҳои аз диди худ зарурии онро то дараҷаи таълифоти хосса расондааст ва барҳақ чун «Таърихи Табарии Балъамӣ» шуҳрат пайдо кардааст, маълумоти Табариро нисбат ба ҳаёти Баҳроми Чӯбина боз қавитар гардондааст. Ӯ дар ин бора овардааст: «Муҳаммад ибни Ҷарир раҳмату-л-лоҳи алайҳи ҳадиси Баҳроми Чӯбин тамом нагуфтааст ва ман ба китоби «Ахбори Аҷам» тамом ёфтам ва бигӯям». Дар воқеъ, Балъамӣ доир ба даргузашти Нушервон, соҳибтахт шудани писараш Ҳурмуз, ки зодаи духтари хоқони турк буд ва аз мавқеву манзалати Баҳроми Чӯбина дар аҳди давлатдории Ҳурмуз ва писараш Парвиз маълумоти дар «Таърихи Табарӣ» ҷой доштаро хеле васеътару қавитар овардааст[3]. Ба тавзеҳоти нисбатан доманадори дар асари Балъамӣ ҷой дошта, банд нашуда, фақат як нуктаи тавсифи диловариву қиёфаи тоҷико-

[1] Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. – Китоби 1. – С. 661-662.

[2] Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. – Китоби 1. – С. 662.

[3] Ниг.: Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Аз силсилаи «Халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ». – Ҷ. I. С.576-616.

наи ба ҷадди Сомониён хоси ӯро овардан ба мақсад мувофиқ аст.

Балъамӣ зикри Табарӣ дар бораи зарурати бар зидди туркҳо фиристодани Баҳроми Чӯбинаро тақвият дода, нигоштааст: «Ва ӯ Баҳром ибни Баҳром ибни Ҷушнас буд ва аз маликзодагон ва сипаҳбадони Рай буд ва андар он вақт марде аз вай мардонатару мубориззтар набуд ва гуна сиёҳҷарда ва аз боло дароз ва ба тан хушк буд. Бад-ин ҷиҳат ӯро «Чӯбин» хондандӣ»[1].

Дар «Шоҳномаи Фирдавсӣ тавсифи Баҳроми Чӯбина дар чунин мисраҳо хеле барҷаста омадааст:

*Яке кеҳтаре бошадаш зӯрдаст,*
*Саворе сарафрози меҳтарпараст,*
*Ба боло дарозу ба андом хушк,*
*Ба гирди сараш ҷаъдмӯе чу мушк.*
*Қавӣ устухонҳову бинӣ бузург,*
*Сияҳчардаву тундгӯву сутург.*
*Ҷаҳонҷӯй Чӯбина дорад лақаб,*
*Ҳам аз паҳлавонон-ш бошад насаб.*
*Зи ҷое биёяд ба даргоҳи шоҳ,*
*Чунин марди чокар ба андак сипоҳ.*
*Мар он туркро ногаҳон бишканад,*
*Ҳама лашкарашро ба ҳам барзанад*[2].

Дар китоби Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ (849-934) «Масолик ва мамолик» муаллиф дар қатори зикри зиндагиномаи Баҳроми Чӯбина ишора намудаст, ки «Оли Сомон аз фарзандони Баҳром буданд»[3]. Доир ба ҳаёти Баҳроми Чӯбина чун

[1] Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. – Ҷ. I. С. 582.
[2] Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Ҷилди 8. – Душанбе: Адиб, 1990. С.479-480.
[3] Абӯисҳоқ Иброҳими Истахрӣ. Масолик ва мамолик (таҷумаи форсии «Мамолик ал-масолик»). Аз қуруни 4-5 ҳиҷрӣ. Бо эҳтироми Эраҷи Афшор. Теҳрон:Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1340. С.120; ҳамчунин ниг. Ҳамин китоб бароришi соли 1336. С.125; Сомониён дар

ҷадди Сомониён, чунин мисолҳоро аз дигар муаррихони асрҳои IX-X метавон фаровон овард. Вале дар маҷмӯъ муҳтавои маълумоти дар онҳо ҷойдошта чунин хулосаеро пеш меорад, ки дар воқеъ ин марди ҷасури дар хизмати Сосониён қарор дошта, ҳангоми ба Эрон соли 590 ҳамла овардани туркҳо аз тарафи Ҳурмузи IV сипаҳсолор таъйин шуда, ба туркҳо дар Хуросон зарбаи сахт зад. Дар муҳориба Хоқон кушта шуда, писараш асир афтод. Баҳром, ки аз ин зафар рӯҳбаланд гардида буд, худро шоҳ эълон кард. Бадхоҳон аз баланд шудани нуфузи Баҳром хавф бурда, дар байни ӯ ва Ҳурмуз ихтилоф андохтанд, ки он ба ҳадди бархурди низомӣ расид. Дар муҳорибаи ҳамон сол суратгирифта, Ҳурмуз шикаст хӯрда, бо ёрии Хусрави Парвиз ба назди туркон рафта, дар он ҷо паноҳ бурд. Баҳром худро шаҳаншоҳи Эрон эълон кард ва тахти шоҳиро солҳои 590-591 дар ихтиёр дошт. Хусрави Парвиз соҳибсалтанат гардида, бо ёрии султони Рум (императори Византия) Баҳромро шикаст дод. Дар ҳолати ноилоҷӣ ӯ ба дарбори хоқони турк фирор намуда, соли 592 дар он ҷо кушта шуд.

Мавриди зикр аст, ки давраи кӯтоҳи (591-592) дар дарбори туркон будани Баҳром ва издивоҷи онро бо духтари хоқон аз муаллифони замон касе дақиқан нишон надодааст. Вале бархе тахмине мезананд, ки гӯё Баҳромро аз он зан фарзанде ба дунё омад ва ҷадди Сомонхудот ба он мерасад. Дар ин ҷо набояд аз як ҳақиқат сарфи назар кард. Аз рӯи анъанаи аз қадим то кунун барои ҳамаи халқҳо роиҷ муайянкунандаи насаб мардон ҳисоб меёбанд. Аз ин рӯ ҳатто дар ҳолати ҷой доштани издивоҷи Баҳром бо хонуми турк, ба ҳеҷ ваҷҳ дудмони оли Сомонро аз насли турк набояд донист. Аз тарафи дигар, нишондиҳандаҳои антропологӣ ё намуди зоҳирии ҳам Баҳром ва ҳам Сомониён аз рӯи маълумоти муаррихони замони Со-

---

оинаи таърих. Ҷилди дувум (Мутуни арабиасос). – Хуҷанд: Нашриёти Раҳим Ҷалил, 1998. С.83; Ҷаводи Ҳиравӣ. Эрон дар замони Сомониён. Таърихи Сомониён аз оғоз то салтанати Насри дувум. Таҳия ва баргардони С.Сулаймонӣ. – Душанбе: Маркази эроншиносӣ, 1998. С.7-12.

мониён боқӣ гузошта, пурра тоҷикона буданд. Барои тақвияти ин ҳақиқат боз чанд маълумоти дар маъхазҳо ҷой доштаро зикр кардан зарур аст.

Дар таърихи Табарӣ омадааст: «Ва Ҳурмуз сахт бимнок шуд ва ба машварат пардохт ва ҳамагон гуфтанд, ки бояд оҳанги шоҳи туркон кунад ва ӯ Баҳроми Ҷушнасро, ки аз мардуми вай буд ва бо номи Чӯбин шӯҳра буд, бо дувоздаҳ ҳазор мард, ки Баҳром аз солхӯрдагону ҷавонон баргузид, сӯйи туркон фиристод»[1].

Дар ин ҷо бамаврид аст, аз дигар сарчашма – «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и ал-Истахрӣ, ки аз рӯи ақидаи баъзе аз шарқшиносон (В.В.Бартолд, И.Ю.Крачковский) аслан нусхаи такмилшудаи «Сувару-л-ақолим»-и Абузайди Балхист (ин нусха то замони мо нарасидаст), насаби Сомониёнро аз Мовароуннаҳр, яъне пурра тоҷикона нишон додааст, ёдовар шавем. Аз ҷумла дар боби «Диёри Порс»-и китоб омадааст: «Ва аз мулуки Порс касоне, ки дар он ҷо ҳоким буданд ва аз Порс набуданд, аввал оли Сомонанд – аз фарзандони Баҳром ва Баҳром аз Ардашери Хура[2] буд ва дар Рай мутаваттин ва муқим будӣ... Ва оли Сомон аз фарзандони ӯ буданд ва эшон мулуки Мовароуннаҳр будандӣ. Ва наҳри Балх, ки ба Ҷайҳун маъруф аст ва он чи дар навоҳӣ ва атрофи он, таҳти тасаррufи эшон буд ва аморат ва салтанат эшонро ба мерос меафтод. То он гоҳ, ки ба Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад нақл афтод, қавоид ва аркони адл мумаҳҳад ва мушайяд гардонид, то мулки ӯро тамкине ва қароре ҳар чӣ тамомтар ва мустаҳкамтар пазируфт»[3].

---

[1] Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук (иборат аз 16 ҷилд дар 8 китоб). Мутарҷим Абулқосими Поянда. Бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. Китоби 1, иборат аз ҷилдҳои 1,2,3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи тоҷик, 2014. С. 656.

[2] Ардашери Хура – Ардашери Хваррахи бо забони паҳлавӣ ёд шуда, ки асосгузори сулолаи Сосониён буда, бо номи Ардашери Бобакон маълумиятӣ пайдо кардааст.

[3] Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. ал-Масолик ва-ал – мамолик (Аз тарҷумаи

Бояд қайд кард, ки дар тарҷумаи форсии бо кӯшиши муаррихи Эрон Эраҷи Афшор соли 1961 рӯи чоп омада, бо кадом сабабе ҷумлаи «аз мулуки Порс касоне, ки дар онҷо ҳоким буданд ва аз Порс набуданд, аввал оли Сомонанд», партофта шудааст[1]. Ба шарҳи сабаби роҳ наёфтани ин қисмати ҷумлаи дар тарҷумаи асил омада, банд нашуда, хулосаи қавие пеш меояд, ки муаллиф возеҳан аз Мовароуннаҳр будани насаби Сомонхудотро дар назар доштааст. Дар он гарчи вожаи «тоҷик» набошад ҳам, (ин вожаи этникӣ хеле пештар чун нишондиҳандаи халқияти воҳид – маълум бошад ҳам, вале ҳанӯз дар фаҳмиши сатҳи оммавӣ ҷо нагирифта буд) ишораи возеҳе бар он аст, ки ҷадди Сомонхудоту Баҳроми Чӯбина яқинан решаи тоҷикӣ дорад.

Гардезӣ (асри XI) дар «Зайну-л-ахбор» доир ба насаби Баҳроми Чӯбина чунин ишора намудааст: «... пас Ҳурмуз Баҳроми Чӯбинро, ки марзбон буд ва нисбаи Гургин Милод буд ва аз фарзандони Ораши бузург буд азканораи подшоҳӣ бихонд ва бар вай Шуба мулки Туркистон фиристод ба ҳарб ӯ сипоҳе, ки хост бар ӯ дод»[2].

Зарринкӯб дар «Доирату-л-маориф» чунин маълумоте аз маъхазҳои боэътимод пеш овардаст: «Баҳроми Чӯбин худро аз табори Ашкониён медонисту бархе манобеъ вайро аз фарзандони паҳлавони эронӣ Гургин писари Милод ва низ аз насли Тирандози машҳури эронӣ – Ораш донистаанд»[3].

Ҳамин тариқ, метавон аз ба Баҳроми Чӯбина иртиботи бевосита доштани насабномаи Сомониён маълумоти зиёде аз

---

соли 696 ҳ. (1296 м.) Муҳаммад ибни Асъад ибни абдуллоҳи Тустарӣ оварда шудааст) // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд: Наш. давл. ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. С.83.

[1] Ниг.: Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолик ва мамолик (Тарҷумаи форсии Масолик ва-л-мамолик). Аз қарни 5/6 ҳиҷрӣ. Бо кӯшиши Эраҷи Афшор. – Теҳрон, 1340 (1961). С.125.

[2] Маҳмуди Гардизӣ. Зайну-л-ахбор (Таърихи Гардезӣ). Таҳия ва нашри электронии Алиризо Каёнӣ. Таърихи интишорот 1391. Мунташир шуда дар торнамои WWW. TARIKHFA. COM. – Баргаи 56.

[3] Зарринкӯб. Доирату-л-маориф. – Теҳрон..... – С.145.

сарчашмаҳои таърихӣ овард. Масалан, дар яке аз мукаммалтарин асари замони Сомониён «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ доир ба насабномаи Сомонхудот омадааст: «Чун Асад ибни Абдуллоҳ ал-Қасрӣ амири Хуросон шуд ва ба Хуросон омад ва ҳамон ҷо буд, то аз дунё бирафт, дар соли саду бист (738). Ва чун Сомонхудот, ки ҷадди эшон буд, аз Балх бигурехт ва ба наздики вай омад ба Марв ӯро икромӣ кард ва ҳимоят кард ва душманони ӯро қаҳр карда, Балхро боз ба вай дод. Сомонхудот ба дасти вай имон овард.

Ва ӯро Сомонхудот бад-он сабаб хонанд, ки деҳе бино кардааст ва онро Сомон ном карда, ӯро ба он ном хонданд, чунон ки амири Бухороро – Бухорхудот. Чун Сомонхудотро писаре омад, аз дӯстии ӯ писарро Асад ном кард. Ва ин Асад ҷадди Амири мозӣ – Амир Исмоили Сомонист, раҳматуллоҳи алайҳ – Исмоил ибни Асад ибни Сомонхудот. Ва Сомонхудот аз фарзандони Баҳроми Чӯбини малик будааст ва аз он гоҳ боз боргоҳи Сомониён ҳар рӯз баландтар аст, то расид он ҷо, ки расид!»[1]

Ба ҳамин монанд, маълумоти нисбатан саҳеҳ доир ба насабномаи Сомонхудот дар яке аз аввалин асарҳои ба забони форсӣ-тоҷикӣ китобат шуда «Зайну-л-ахбор»-и Абусаъиди Гардезӣ омадааст. Муаллиф нисбаи Баҳроми Чӯбинаро чун ҷадди Сомонхудот таъкид намуда, решаи насаби онро боз ба чандин насли ин авлод то ба Каюмарс, «ки подшоҳи нахустин бар замин буд», расондааст[2].

Албатта метавон бо далелҳои дар боло ишораёфта доир ба насабномаи Сомониён хулосаи қотеъ бардошт: насабномаи оли Сомон бидуни шак ба Баҳроми Чӯбина мерасад. Вале

---

[1] Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Мураттибон Ғ.Ғолибов, К.Олимов, Н.Амиршоҳӣ. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 114.

[2] Маҳмуди Гардезӣ. Зайну-л-ахбор (Таърихи Гардезӣ). Ҷилди аввал. Таҳия ва нашри электронии Алиризо Каёнӣ. Таърихи интишорот 1391. Мунташир шуда дар торнамои WWW. TARIKHFA. COM. – Б. 56, 159-160; Ҳамчунин ниг.: Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Мураттиб ва муҳаққиқ Амиршоҳӣ Н. – Душанбе: Амри илм, 1999. С. 276

наметавон дар ин ҷода аз ақидаи шарқшиноси маъруф А.А. Семёнов сарфи назар кард. Ин донишманди саршиноси таърихи қадим ва асримиёнагии тоҷикон дар мақолаи «Доир ба масъалаи баромади Сомониён»[1], ки вобаста ба таҳқиқи насабномаи сайидҳои Тирмиз дар асоси сарчашмаҳои боэътимод хулосабардорӣ намудааст[2], бо далелҳои хеле боэътимод ба Баҳроми Чӯбин расидани ҷадди онҳоро нишон додааст.

Аз мазмуни ин насабнома бармеояд, ки яке аз авлодони имом Ҳусайн – Ҳасан ал-Амир, ҳамзамони халифаи Аббосиён Муттавакил (232/847 – 247/861) дар соли 235/ 849-850 бо хешовандон ва чанде аз авлодони аҳлу байти пайғамбар Муҳаммад ба Самарқанд кӯчиданд. Дар Самарқанд ӯ 15 сол зиндагӣ карда, сипас ба Балх рафт. Дар ин вақт, сокини Фарғона, авлоди сарлашкари машҳури Ҳурмузи IV Сосонӣ (399-420), рақиби Хусрав барои гирифтани тахти Сосониён бо номи Арқақ баъди фаҳмидани он ки тамоми Хуросон дар ихтиёри халифаҳои Аббосиён қарор дорад, хост дар ин ҷо зиндагии осоишта пеш барад. «Ин тоҷик ба Тирмиз омада, фаҳмид, ки дар Балх яке аз хешони халифа сокин аст». Вай ба Балх ба назди Сайид Ҳасан ал-Амир рафта, хоҳиш намуд, ки барои ба ислом имон овардан иҷозат диҳад. Халифа идораи Балхро ба Арқақ дод. Ӯ ба ин ҷо кӯчида, ҳамеша бо Ҳасан ал-Амир наздикӣ дошт. Баъди ба Тирмиз кӯчидани Ҳасан ал-Амир, Арқақ барои ободонии он аҳолии Балхро сафарбар намуда, барои худ як деҳаро ҷудо карда, бо он Сомон ном гузошт. Ва ба он ҷо кӯчид. Аз Арқақ (дар баъзе аз навиштаҳо Аркак омадааст) Сомон писар ба дунё омад, ки онро Асад бо тахаллусӣ Сомонӣ ном гузошт. Асад меросхӯри падар буда,

[1] Семенов А.А. К вопросу о происхождении Саманидов // Избранные сочинения. – Душанбе: Дониш, 2013. – 408 с.

[2] Семёнов А.А. Происхождение термезских сейидов и их древняя усыпальница «Султан-Садат». Протоколы заседаний и сообщения членов Туркестанского кружка любителей археологии, год XVIII-й, Ташкент, 1914. С. 3-20.

аз ӯ се писар ба дунё омад: Нӯҳи Сомонӣ, Насри Сомонӣ ва Исмоили Сомонӣ[1].

Гарчанде худи А.А.Семёнов ба пурра ҳақиқат будани ин ривоят шубҳа намудааст (ба гумони ӯ ин қисса шояд барои нигоҳдошти эътибори сайидони Тирмиз лозим буд), вале аз авлодони Баҳроми Чӯбина будани Сомонхудотро тақвият бахшидааст.

Гарчи ба сарчашмае истинод накарда бошад ҳам, муаррихи шинохта Н.Неъматов ба номи Арқақ ишора намуда, онро чун «муғи зардуштии Аркак, ки гоҳе дар Фарғона иқомат дошту баъдан дар қасабаи Сомон, ки воқеъ дар наздики Тирмиз буд, сокин шуда, мансаби динӣ-дунявии Сомонхудотро гирифтаст», нишон медиҳад[2].

Дар ин ҷо ба овардани номи сарсулола – Арқақ ё Аркак мутаваҷҷеҳ шудан лозим меояд. Дар дигар сарчашмаҳо ин ном ишора нашудаст. Вале азбаски номи бевоситаи Сомонхудот низ наомадааст (Сомонхудот ном ё насаб набуда, фақат маънои соҳибмулки мавзеи Сомонро дорад), дар он сурат метавон Арқақ будани номи Сомонхудотро тахмин кард. Аз тарафи дигар хулосае низ вуҷуд дорад, ки Арқақ шакли арабишудаи Аршак будааст[3]. Бояд гуфт, ки дар насабномаи бо

---

[1] Семенов А.А. К вопросу о происхождении Саманидов // Избранные сочинения. – Душанбе: Дониш, 2013.С. 38-39. Бояд қайд кард, ки мазмуни маълумоти дар насабномаи содоти Тирмиз ҷойдоштаро муаррихи Эрон Муҳаммадризо Ноҷӣ иқтибос намудааст. Ӯ низ хулосаи А.А.Семёновро нисбат ба ривояти робитаи насабномаи Сомониёнро ба мавзеи Сомони назди Тирмиз ҷонибдорӣ намудааст. Ниг.: Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. С. 56-57 (эзоҳот). Ҳамчунин ниг.: Бостонгуҳар С. Табори силсилаи Сомонӣ // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ (маҷмӯаи мақолоти таҳқиқӣ). – Душанбе: Пайванд, 1998. С.75-82.

[2] Неъматов Н.Н. Давлати Сомониён хориқаи (феномени) беназири таърих // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 1998. С.17-18.

[3] Ниг.: Бостонгуҳар С. Табори силсилаи Сомонӣ Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. Душанбе: Пайванд, 1998. С. 80.

кӯшиши Н. Амиршоҳӣ ба табъ расида, омадааст, ки писараш Хомито падари Сомонхудот будааст, вале номи аслии Сомонхудот зикр наёфтааст. Аз ин рӯ гарчи номи Арқақ бидуни он, ки мушаххасан дар сарчашмаҳо ёд нашудаст, фарзияи ӯро чун номи Сомонхудот тахмин кардан пеш меояд.

Аз ин ҷост, ки ба баъзе аз ихтилофи назари дар маълумоти маъхазҳои мавҷуда ҷой дошта, нигоҳ накарда, дар маҷмӯъ аз мазмуни ҳамаи онҳо як хулоса метавон бардошт: насабномаи Сомониён возеҳан ба Баҳроми Чӯбина мерасад. Дар он решаи туркӣ ҷустани Г. Ҳидоятов ва Ш.Камолиддин баринҳо, ки дар қисми ниҳоии ин рисола ба сари ин масъала бармегардем, маънои аз ҳақиқати таърих қасдан дур рафтан ва онро ба манфиати бепояю ғаразноки худ истифода бурданро дорад.

Насабномаи Сомониён дар осори таърихии замони ҳукумати онҳо боэътимод ва барҷаста инъикос ёфтааст. Аз ҳама муҳим, мазмуну муҳтавои таърихнигории он замон дар ҳамбастагӣ бо далелҳои бостоншиносӣ, мансубияти пурраи сулолавӣ ва давлатдории Сосониёну Сомониёнро ба мардуми азалии Осиёи Марказӣ – тоҷикон комилан тасдиқ мекунад.

## Инъикоси заминаҳои ба соҳибтахтӣ расидани Сомониён

Заминаҳои пайдоишу ташаккули давлатдории пурвусъати тоҷикон дар аҳди Сомониён ба ҳуҷуми арабҳою, паҳн гардидани доираи нуфузи хилофати араб дар ҳудуди Варорӯд бархӯрад ҳам, омили ҳалкунандаро дар нигаҳдошти таъсири дастовардҳои қабл аз исломии таърихиву фарҳанги ин халқи тамаддунофар бояд дид.

Маълум аст, ки арабҳо анъанаву забонҳои ба худ хоси дигар халқу давлатҳои соҳибтамаддуни шимолии Африқо ва Шарқи Наздикро пурра аз байн бурда тавонистанд. Вале ин ғосибон забону анъаноти дар Варорӯд, Хуросон ва Эрон ба

халқҳои ориёинажод хос бударо ҳазм карда натавонистанд.

Ба ҳамаи бедодгариҳои замони ҳукмронии хилофати араб нигоҳ накарда, вобаста ба талаботи рушди муносибатҳои феодалӣ дар Варорӯд, дар асоси ҳар чӣ бештар авҷ гирифтани муборизаи озодихоҳӣ, барои пайдоиши давлатҳои мустақилу мутамарказ заминаи воқеӣ пайдо мешуд. Яъне то рафт ба маъмурони араб бештар аён мегашт, ки бо роҳи зулму ситам дигар аҳолии маҳаллиро дар тобеият нигоҳ доштан имкон надорад. Аз ин рӯ ба қароре омаданд, ки ҳар чӣ бештар намояндагони аҳолии маҳаллиро ба маҷрои идоракунии маъмурӣ ҷалб намоянд.

Шинохти ин заруратро ҳанӯз халифа Абӯҷаъфар ал – Мансур (754-775) эҳсос мекард. Дар замони ҳокимиятдории ворисони ӯ Маҳдӣ (775-785) ва Ҳорунаррашид (786-809) вобаста ба афзоиши нуфузи ашрофони маҳаллӣ, ин воқеият дар фаъолияти сиёсиву ҳарбии ҳокимияти марказии хилофат то рафт бештар ҷой мегирифт. Чунин равандро шинохти манзалати авлодии Бармакиҳо возеҳ нишон медиҳад. Ба намояндаи ин хонадон Фазл ибни Яҳё во гузоштани мансаби волигии Хуросон, солҳои 794-795 низ на аз самимияти холисона, балки аз талаботи воқеии замон бармеомад.

Суръат гирифтани иқтидори ҳарбӣ ва дар ин замина то рафт бештар гардидани хавфи аз итоати хилофат баровардани Хуросон, халифа Ҳорунаррашидро ба хулосае овард, ки ин раванди яқинан барояш хавфноки ҷудоихоҳиро боздорад. Маҳз ҳамин ҳарос буд, ки бо фармони ӯ тамоми намояндагони хонадони Бармакиҳо зери таъқиб қарор ёфта, яке аз шахсиятҳои маъруфи ин хонадон Ҷаъфари Бармакӣ 29 январи соли 803 ба қатл мерасад ва дигар намояндагони ин хонадон дар маҳбаси халифаи Аббосӣ бо ҳазор ранҷу азоб зиндагиро падруд мегӯянд.

Вале ин воқеияти ҷараёнгирифтаи таърихии замонро танҳо бо роҳи зӯрӣ боздоштан номумкин буд. Ба арсаи сиёсӣ баромадани дигар ашрофзодагони аз тоҷикони маҳаллӣ – Тоҳириён, ҷиддан суръат гирифтани чунин амалро собит намуд. Намо-

яндагони ин авлод[1], Розиқ (дар баъзе маъхазҳо бо номи Зурайқ омадаст) ва фарзандони ӯ Мусъаб, Ҳусайн, Тоҳир, ки охири асри VIII – ибтидои асри IX дар вилояти Ҳирот хизматгузории маъмурӣ доштанд, то рафт бештар эътибор пайдо мекарданд. Тоҳир тавонист дар пахш кардани шӯришҳо бар зидди хилофат корнамоӣ нишон диҳад ва бо ин васила ба дараҷаи фармондеҳии лашкари волии Хуросон – халифаи оянда Маъмун, расад. Шикастани муқобилияти бародари Маъмун Амин, ки соҳибтахти хилофат буд, соли 813 барои ба зинаҳои баланди маъмурӣ соҳиб шудани Тоҳир имконияти васеъ фароҳам овард.

Доир ба сиёсати хилофат дар Мовароуннаҳру Хуросон ва раванди ба сари қудрат омадани Тоҳириён дар осори таърихиву адабии асрҳои IX-XI, ки қимати ниҳоят баланди сарчашмавиро соҳибанд, маълумоти зиёде ҷой дорад. Аз ҷумла доир ба хизматгузории Тоҳириён ба хилофат, алалхусус корнамоиҳои ҳарбиву ба ин васила баланд шудани нуфузи сиёсии Тоҳир ибни Ҳусайн, писари ӯ Талҳа дар назди халифа Маъмун (813-833) ва фаъолияти дигар намояндагони ин сулола дар «Таърихи Яъқубӣ» – нахустин китоби мукаммалу фарогири таърихи умумӣ дар олами ислом, ки аз тарафи Аҳмад ибни Исҳоқи Яъқубӣ (ваф. дар ҳудуди солҳои 897 – 900) таълиф шудааст, хеле ҷолиб иъикос меёбад. Муаллиф, ки худ дар хизмати Тоҳириён қарор дошт, пас аз суқути давлати ин сулола (соли 873), ба Ҳиндустон муҳоҷират намудааст. Дар асари номбурда, доир ба раванди воқеаҳои марбут ба замони Тоҳириён маълумоти нисбатан муфассал овардааст. Ӯ, аз ҷумла насабномаи Тоҳирро ҷун Тоҳир ибни Ҳусайн Мусаъйиби Бушанҷӣ овардааст, ки ишораест аз Бушанҷ (Пушанг) зодгоҳи авлодии Тоҳириён. Халифа Маъмун ба ӯ ҳукуматдори шаҳристони Бушанҷи Ҳиротро додааст[2]. Яъқубӣ аз хусуси корнамоиҳои ҷангии Тоҳир ибни Ҳусайн, ки дар воқеъ

[1] Доир ба насабномаи (шаҷара) Тоҳириён пурратар ниг.: Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XV. Мураттиб ва муҳаққиқ Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: Амри илм, 1999. С. 133.
[2] Таърихи Яъқубӣ. С. 452.

сарлашкари боистеъдод буду қариб беист аз тарафи халифа ба муҳорибаҳо сафарбар карда мешуд ва подоши ин хизмат таъйини ӯ ба сифати волии (ҳоким) вилоятҳои бонуфузи қаламрави хилофат, аз ҷумла Алҷазира, Сурия, Ироқ ва Хуросон ҳисоб меёфт, дар китоб маълумоти нисбатан муфассал дода шудааст[1]. Муаллиф иқрори хастагии Тоҳирро аз ин юришҳои бардавоми ҳарбӣ аз забони худи ӯ чунин овардааст: «Амирулмуъминин дар бораи ман инсоф надорад»[2].

Табиист, ки Яъқубӣ аз кӯшиши рӯирости истиқлолиятхоҳии Тоҳир, ки шояд дар он замон возеҳан сарфаҳм рафтан наметавонист, ишорае наовардаст. Вале маълумоти аз заҳр дода куштани он, мантиқан ҷанбаи сиёсии ин амалро пинҳон дошта наметавонад. Сабаби марги фоҷиабори Тоҳирро Яъқубӣ чунин нишон додааст: «Хабаргузори Хуросон навишта ва гузориш дод, ки Тоҳир ибни Ҳусайн дар рӯзи ҷумъа минбар рафта ва барои мардум хутба хонда ва барои амирулмуъминин дуо накардааст». Муаллиф, пас аз ин заҳр дода куштани Тоҳирро равшан қайд намуда[3].

Доир ба ҳукуматдории Тоҳириён бо гузашти қариб ним асри баъди Яъқубӣ дар асари машҳури Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ «Таъриху-р-русули ва-л-мулук» маълумоти зиёде оварда шудааст[4]. Тахмин меравад, ки Табарӣ бо китоби Масъуди шиносоӣ доштааст.

Дар маҷмӯъ аз маълумоти Табарӣ бармеояд, ки баъди пурра ба даст овардани ҳокимият, халифа Маъмун (813-833) подоши хизмат Тоҳир ибни Ҳусайнро (775-822) ба се вазифаи ниҳоят муҳими маъмурӣ: волии ал-Ҷазира, ҳокими Сурия ва

---

[1] Ниг.: Таърихи Яъқубӣ. С. 452-477 ва баъд.
[2] Таърихи Яъқубӣ. С. 463.
[3] Таърихи Яъқубӣ. С.477.
[4] Ниг.: Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук» (Минбаъд чун «Таърихи Табарӣ» оварда мешавад). – Баргадонандаи матн аз форсӣ ба кириллӣ И.Мирзоев. Бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. Китоби 7, иборат аз ҷилдҳои 12, 13. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии тоҷик, 2014. С. 4766-5009.

волии Ироқ таъйин намуд. Баъди 7 сол (820-821), ба ӯ боз мансаби баландтар – волии Хуросон равоದониста шуд. Дар «Таърихи Табарӣ» аз ин қарори Маъмун, чунин ёд шудааст: «Маъмун дар ин сол ҳама вилоятҳоро аз Мадинату-с-салом то ақсои Машриқ ба Тоҳир ибни Ҳусайн супурд, пеш аз он Ҷазира ва нигаҳбонӣ ва ду самти Бағдод ва кумакҳои (муовини) Саводро ба ӯ дода буд. Ва Тоҳир ба кори мардум нишаст»[1]. Табарӣ сабаби вилоятдории Хуросону Машриқро ба Тоҳир додани халифа Маъмунро аз рӯи маълумоти барояш дастрас подоши хизматҳояш дар ба ҷо овардани хизмату ҳифзи қаламрави хилофат аз қувваҳои ҷудоихоҳ буд. Вале ҳамаи ин сипосгузории халифа нияти озодихоҳии ӯро суст карда натавонист.

Баъди чанде дар пойтахти ин бахши муҳими ҳудудии хилофат – Марв пеш бурдани фаъолияти маъмурӣ, дар ниҳоди Тоҳир ибни Ҳусайн ҳар чӣ бештар майли озодихоҳӣ қувват мегирифт. Дар баъзе аз маъхазҳо заҳр дода куштани ӯ ишора ёфтааст. Маълум аст, ки соли 822 дар худбаи намози ҷумъа Тоҳир номи халифа Маъмунро, ки рамзи итоати бечуну чаро ба хилофатро дошт, зикр накард. Ин худ маънои даъват барои мустақилиятро дошт. Шояд ҳамин боис гардид, ки ӯро заҳр дода куштанд.

Табарӣ ба заҳр дода куштари Тоҳир ишора накарда бошад ҳам, ба ривояти барояш дастрас такя карда, навиштааст: «Вафоти Зуляминайн[2] аз табу ҳарорате буд, ки дучори он шуд ва ӯро дар бистараш мурда ёфтанд... Вақте ки дар он мурда буд, надонистанд ва ҳеҷ кас аз ходимони вай аз вақти вафоташ хабар нашуда буд. Ходимро аз хабари вай пурсиданд ва аз охирин хабаре, ки дар бораи вай дониста буд, ки

[1] Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (Минбаъд чун Табарӣ» оварда мешавад). Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 7. С. 4866.

[2] Зуляминайн ва Соҳиби ҳаблу-д-дин номи расмие буд, ки халифа Маъмун барои хизматҳои бузурги ҳарбӣ дар кори ҳифзи амнияти хилофат ба Тоҳир ибни Ҳусайн дода буд. Ниг. Табари. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 7. С.4796-4797.

гуфт: шунидамаш, ки бо порсӣ сухан мегуфт, ки чунин буд: «Дар марг низ мардӣ вояз!»[1].

Табарӣ аз хусуси дар намози ҷумъа нарафтани зикри номи халифаро аз забони шоҳид – амалдори Хуросон Қулсум ибни Собит ба тариқи зайл овардааст: «Ман омили бариди Хуросон будам. Ба рӯзи ҷумъа ҷое нишастам, зери минбар буд. Соли дувисту ҳафтум, ду сол пас аз вилоятдории Тоҳир ибни Ҳусайн, дар маросими ҷумъа ҳузур ёфтам. Тоҳир ба минбар рафт ва суханронӣ кард, аммо чун ба ёди халифа расид, аз дуо гуфтани вай худдорӣ кард»[2]. Ин аз эҳтимоли ғолиби заҳр додa, куштани Тоҳир ибни Ҳусайн гувоҳӣ медиҳад.

Дар «Синӣ мулук-ил-арз ва-л-анбиё»-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ (884-971) ба дараҷаи соҳибтахтӣ расидани Тоҳир ба тариқи зайл омадааст: «Чун Маъмун ба соли 204 (819-820) ба Бағдод расид, ба ислоҳи умур ҳиммат гумошт. Дар соли 205 (820-821), ки маблағи бештаре аз сол гузашта буд, Маъмун ба кори Хуросон пардохт ва Тоҳир ибни Ҳусайнро, ки шуртагии Бағдодро ба ӯҳда дошт, ба ҳамаи навоҳии воқеъ дар миёнаи Бағдод то дуртарин ноҳияи шарқ, ки иборат аз Хуросон, Систон, Кирмон, Қумис, Табаристон, Рӯён, Данбованд ва Рай буд, аморат дод. Ва ҳукумати ҳамаи ин сарзаминҳоро дар рамазони муборак аз соли 205 (11 марти 821) ба номи ӯ бастанд. Вай нахуст Талҳа ибни Тоҳирро ба сӯи Марв равона кард ва худ дар моҳи зулҳиҷҷаи соли мазкур (май-июни 821) пас аз рӯзи қурбон бад-он ҷо раҳсипор шуд ва дар соли 206 (821) ба Марв расид, як солу чанд моҳ дар он ҷо бимонд ва саранҷом дар рӯзи шанбе, се рӯз монда аз ҷумодиюлухро аз соли 207 (ноябри 822) даргузашт»[3]. Чи тавре мебинем, Ҳамзаи Исфаҳонӣ низ ба заҳр додани Тоҳир ишора накардааст.

[1] Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. – Китоби 7. С.4983-4984. «Вояз» ба маънӣ «бояд» аст.

[2] Дар ҳамон ҷо. С. 4984.

[3] Ҳамзаи Исфаҳонӣ. Синӣ мулук-ил-арз ва-л-анбиё // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. С.121-122.

Вале новобаста ба шарҳи мукаммали сабаби даргузашти Тоҳир, ҳақиқати нуфузмандии сиёсии ӯ ғолибан эҳсос мешавад. Маҳз ҳамин эътирофи нерумандии сиёсии Тоҳириён халифа Маъмунро маҷбур намуд, ки ба ин ҳаросу бадбинии худ нигоҳ накарда, писари Тоҳир – Талҳаро ба сифати ҳокими Хуросон (солҳои 822-828) тасдиқ намояд. Ҷузъиёти ин таъйиноти расмиро Табарӣ чунин шарҳ додааст: «Вақте, ки Тоҳир бимурд ва марги вай дар ҷумодиулаввал (сентябр-октябри соли 822) буд, сипоҳиён ба по хостанд ва яке аз хазинаҳои вайро ғорат карданд. Саломи Абрашхоҷа (яке аз фармондеҳони сипоҳ – Ҳ.П) ба корашон пардохт ва муқаррарии шашмоҳашон дода шуд. Он гоҳ Маъмун амали Тоҳирро ба Талҳа супурд ба ҷонишинии Абдуллоҳ ибни Тоҳир. Зеро ба гуфтаи инон аз паси марги Тоҳир Маъмун ҳама амали вайро ба Абдуллоҳ дод, ки дар Ракқа ба кори набарди Наср ибни Шабас буд. Шомро низ бад-ӯ пайваст ва фармони вайро дар бораи Хуросон ва амали падараш барояш фиристод. Абдуллоҳ бародари хешро ба Хуросон фиристод ва Исҳоқ ибни Иброҳимро дар Мадинату-с-салом ноиби хеш кард ва Талҳа ба номи вай ба Маъмун мукотиба дошт»[1].

Аз маълумоти Табарӣ бармеояд, ки бо вуҷуди Талҳа ба ҷои падараш маншури ҳокимияти Хурсонро расман гирифтан, идораи ҳукумати Хуросон зери назари Абдуллоҳ қарор дошт, чунки ӯ тавассути хизматҳояш дар назди халифа бештар нуфуз пайдо карда буд.

Раванди ҳокимиятдории ҳар яке аз сулолаи Тоҳириён аз Тоҳир ибни Ҳусайн сар карда, то охирин намояндаи он Муҳаммад ибни Тоҳир дар «Таърихи Табарӣ» то андозае муфассал баён ёфтааст. Аз рӯи маълумоти дар ин асар ҷой дошта, Талҳа дар муддати 7 сол ҳокими Хуросон буд. Баъди марги ӯ, соли 830 ҳокимият пурра ба дасти Абдуллоҳ (830-844) гузашт. Ӯ Нишопурро ба ҳайси пойтахт қарор дод. Ин бародарон ба сиёсати маҳкумкунандаи халифаҳо Маъмун ва сипас Муътасим (833-842) нигоҳ накарда, амалан идораи му-

[1] Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 7. С. 4985-4986.

стақили давлатро ба даст гирифтанд. Чунин мустақилияти сиёсӣ дар давраи ҳокимиятдории писари Абдуллоҳ Тоҳири II (844-862), ки бо лақаби Абутайиб маъруф буд ва охирин намояндаи ин сулола – волии Хуросон Муҳаммад ибни Тоҳир (862-872-873) бараъло ба назар мерасид.

Аз мазмуни маълумоти дар «Таърихи Табарӣ» доир ба намояндагони сулолаи Тоҳириён бармеояд, ки дар нузули давлатдории онҳо на танҳо зиддият бо намояндагони то рафт бештар қувватгирифтаи Саффориён, хосатан Яъқуб ибни Лайс, ки ҳокимияти Систонро пурра ба даст гирифта буд, инчунин зиддияти байни худи хонадони Тоҳириён сабаб шуд.

Шарҳи ин зиддият дар чунин маълумоти Табарӣ оварда, возеҳ ба назар мерасад. Аз даргузашти Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ёдовар шуда, муаллиф менависад: «Шаби чаҳордаҳуми зулқаъдаи ҳамон сол (13 ноябри 867) Моҳ гирифт, ки ҳамаи он маҳв шуд ё бештари он ниҳон шуд. Чунон ки гуфтанд, бо поён ёфтани моҳгирифтагӣ Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Тоҳирӣ даргузашт. Бемории вай, ки аз он даргузашт қурҳаҳое буд (захм, яра – Ҳ.П.), ки ба гулӯву сараш зад ва ӯро кушт... Вақте бимурд, бародараш Убайдуллоҳ ва Тоҳир – писараш дар бораи намоз кардан ба ӯ низоъ карданд. Оқибат писараш бар ӯ намоз кард, ки ба тавре гуфтанд, дар ин боб васият карда буд.

Пас аз он миёни Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ – бародари Муҳаммад низоъ даргирифт, то он ҷо, ки ба рӯи ӯ шамшер кашиданд ва санг андохтанд». Суханро оид ба ин рӯйдод идома дода, Табарӣ қайд кардааст, ки «ғавғоиёну омма ва ғуломон... сардорон низ ҷониби Убайдуллоҳро гирифтанд, ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳ вайро ба корҳои хеш ҷонишин карда буд ва дар ин бора васият карда буд ва ба омилони хеш навишта буд»[1].

[1] Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 8 (иборат аз ҷилдҳои 14, 15, 16. – Душанбе: Сарредкасияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014. С.5457.

Ин зиддият дар аҳди охирин намояндаи соҳибдавлати Тоҳириён – Муҳаммад ибни Тоҳир (862-873) боз бештар шиддат гирифт[1]. Табиист, ки ба ин суст шудани иқтидори сиёсии Тоҳириён халифа ал-Мансур низ манфиатдор буд. Ҳамаи ин ва то рафт бештар шудани фишори ҳарбии билохира ба завол ёфтани давлатдории Тоҳириён ва ба тасарруфи Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ гузаштани Нишопур ва тамоми қаламрави Тоҳириён оварда расонд.

Муаллифи «Таърихи Систон» аз тасхири Нишопур – пойтахти Тоҳириён тавассути Яъқуби Лайс чунин хабар медиҳад: «Чун Яъқуб ба дари Нишобур омад, расул фиристод сӯи Муҳаммад ибни Тоҳир, ки: «Ман ба саломи ту хоҳам омад. Абдуллоҳ ибни Муҳаммад [ибни] Тоҳирро гуфт: Омадани ӯву саломи ӯ савоб нест, сипоҳ ҷамъ кун, то ҳарб кунем. Муҳаммад ибни Тоҳир гуфт: «Мо бо ӯ ҳарб барнаёем ва чун ҳарб кунем, ӯ зафар ёбаду моро ба ҷон осеб расад»... Муҳаммад ибни Тоҳир ҳама вузаро ва ҳуҷҷобро пеши Яъқуб фиристод ва дигар рӯз худ барнишасту наздики Яъқуб шуд. Чун фуруд омад ва хост, ки бозгардад, Яъқуб фармуд Азиз ибни Абдуллоҳро, ки: «Инонро ҳама маҳбус кун». Азиз ҳамаро боздошт ва бандҳо барниҳод Муҳаммад ибни Тоҳирро ва хавоси ӯро тамом»[2]. Дар ҳамин асар аз рӯзҳои вопасини Муҳаммад ибни Тоҳир чунин ёд шудааст, ки Яъқуб ӯро бо надимону наздиконаш «ба Систон фиристод ба зиндони бузург ба дари масҷиди одина маҳбус карданд. Ва гӯри Муҳаммад ибни Тоҳир андар он зиндон аст, ки беш ба чандин сол он ҷо фармон ёфт. Ва Яъқуб фармон дод, ки ҳам андар он ҳуҷра, ки фармон [ёфт], ӯро дафн кунанд, ки ӯй он рӯз мурд, ки он ҷо маҳбас гашт»[3].

Соҳибтахт будани намояндагони сулолаи Тоҳириён ва за-

---

[1] Доир ба фаъолияти намояндагони сулолаи Тоҳириён муфассалтар ниг: Ҳамзаи Исфаҳонӣ. Синӣ мулук-ил-арз ва-л-анбиё // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл).С. 121-126.

[2] Таърихи Систон. (Таҳияи матн, муқаддима, тавзеҳот ва феҳристҳо аз М. Имомов ва А. Абдусаттор). – Душанбе: Бухоро, 2014. С. 172.

[3] Таърихи Систон С. 173.

воли ҳукуматдории онҳову ба Яъқуб ибни Лайс гузаштани ҳокимиятро шоире аз шоҳидони вақт чунин ба қалам додааст:

*Дар Хуросон з-оли Масъабшоҳ,*
*Тоҳиру Талҳа буду Абдуллоҳ.*
*Боз Тоҳири дигар, Муҳаммад он*
*К-ӯ ба Яъқуб дод тахту кӯлоҳ»*[1].

Омӯзиши маълумоти маъхазии замони Тоҳириён ба хулосае меорад, ки намояндагони ин хонадон фазои васеи тоҷикнишин – Хуросонро аз номи халифаҳои Аббосӣ идора кунанд ҳам, тобеияти онҳо бештар рамзӣ (номиналӣ) буда, фақат ҳамасола ба хазинаи хилофат интиқол додани маблағи муайян ва дар лаҳзаи зарурӣ ёрии ҳарбӣ расондан маҳдуд мешуд. Амалан Тоҳириён сиёсати мустақилонаи худро пеш мебурданд.

Мустақилияти Тоҳириён дар чунин нишондиҳандаҳо зоҳир мегашт: 1) дар хутбаи намоз ёд накардани номи халифа; 2) на волии халифа балки ҳоким ё подшоҳ эътироф шудани онҳо; 3) пешбурди мустақилонаи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ. Тоҳириён тавонистанд ба мутамарказшавии сиёсии сарзамини тоҷикон ибтидо гузошта, бо ин васила ба рушди кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат танзими андоз ва ғайра мусоидат намоянд.

Ободкориҳои Тоҳириён дар сарчашмаҳо ёд шудаанд. Бо ишора ба он дар китоби «Давлатдории тоҷикон» омадаст: «Ва эшон (Тоҳириён – Ҳ.П.) ҳама подшоҳони некэътиқоди ҳунарпарвар буданд». Ва Хуросон дар айёми ҳукумати он табақа дар ниҳояти маъмурӣ ва ободонӣ буд»[2].

Бояд қайд кард, ки вобаста ба воқеияти замон Тоҳириён гарчанде барои мустақилият ва нигаҳдошти анъаноти ба

---

[1] Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Пораҳо аз «Равзату-с-сафо» ва дигар кутуб. Мураттиб ва муҳаққиқ. Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: Амри илм, 1999. С. 183.

[2] Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. С. 183.

тоҷику форс хос талош дошта бошанд ҳам, аз тарафи дигар, барои баланд бардоштани нуфузи дини ислом ва чун такягоҳи боэътимоди худ шинохтани рӯҳониён, ки воситаи муҳими таъмини мутамарказияти давлатӣ ҳисоб меёфт, кӯшиш намуда, мавқеи дини зардуштиро то рафт бештар танг мекарданд.

Вале набояд боз аз чунин ҳақиқат сарфи назар кард, ки дар ин давра дар Эрон пайравони оини зардуштӣ аз ҳифзи дини худ дарак медоданд. Паҳн шудани «Бундаҳишн», «Денкарт» ва мавҷудияти худро нигоҳ доштани чанде дигар аз осори ғайриисломӣ, барои Тоҳириён, ки муносибати душманонаи хилофати Аббосиро возеҳан эҳсос мекарданд, бетаъсир буда наметавонист. Онҳо дар ин замина истеъдоди давлатдории азалии тоҷиконро ба тафаккури мутеъ будан ба хилофат муқобил гузошта, санъати давлатсолорири намоиш дода тавонистанд. Дар ин раванд ҳаракати шуубия, ки ҷунбиши зидди арабӣ ё арабгароӣ буда, тоҷик – эронпарастиро тарғиб мекард ва ба идеологияи ҳаракати халқии зидди хилофат табдил ёфта буд, низ омили таъсиргузор ҳисоб меёфт[1].

Маълум аст, ки баъди истилои арабҳо забони арабӣ ва дини ислом чун идеологияи ягона ва василаи тамаркуз бахшидан ба ҳокимият ҳисоб меёфт. Забони арабӣ аз соли 81 ҳ. /700-701 дар тамоми қаламрави хилофат забони давлативу коргузории расмӣ гардида буд. Рисолаҳои илмӣ ва эҷоди адабӣ низ ҳатман бояд бо ҳамин забон сурат мегирифт. Вале ин забону фарҳанги анъанавии дар тӯли садсолаҳо ташаккулёфтаи тоҷику форсро пурра аз байн бурда натавонист.

«Дар ҳаёти таърихию маданӣ ва адабии халқҳои Эрон ва Осиёи Миёна, – менависад Б. Ғафуров, – роли нисбатан муҳимро забоне бозидааст, ки дар сарчашмаҳо бо номи «забони порсӣ» ё «забони форсӣ» оварда мешавад. Бо ин забон

[1] Доир ба ҳаракати шуубия ва нақши он дар таърихи халқи тоҷик, ниг.: Бекзода К. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. Нақши шуубия дар таърихи худшиносии халқи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 2012. – 433 с.; Ҳамин муалиф: Шуубия: дисситенты средневекового ислама. – Душанбе: Дониш, 2017. – 395 с.

эҷодиёти даҳанакии халқ, бе шакку шубҳа ҳеҷ гоҳ (ҳатто дар замони истилои арабҳо ҳам) қатъ нашудааст... Шароити ба майдони васеи ҳаёти сиёсӣ ва маданӣ баромадани забони форсӣ ва барои дар хатти арабӣ таҷассум кардани он, пеш аз ҳама дар вилоятҳои шарқии хилофат – дар Мовароуннаҳр, Хуросон, Систон пайдо шуда буд. Маҳз дар ҳамин ҷойҳо аввалин давлатдориҳои мустақили Тоҳириён (821-873), Саффориён (873-903), Сомониён (875-999) ба вуҷуд омаданд ва аъёну ашрофи феодалии маҳаллӣ ва доираҳои тарафдори онҳо забони модарии худ, забони аҳолии маҳаллӣ – забони форсиро ба сифати забони давлатӣ ва адабӣ пешниҳод карда, бо ҳамин роҳ истиқлолияти сиёсӣ ва мадании худро дар назди хилофати араб таъкид ва таъйид менамуданд»[1].

Дар «Таърихи Систон» доир ба баланд шудани нуфузи сиёсӣ ва то ҳадди давлатдорӣ расидани Тоҳириён ва нишонаҳои инқирози он ишораҳои ҷолиб оварда шудааст[2].

Аз мантиқи матолиби маъхазҳо ва хулосаи муҳаққиқон бармеояд, ки дар Варорӯд ва Эрон, гарчанде забони арабӣ воситаи ҳатмии муошироти расмӣ ва илмӣ қабул шуда бошад ҳам, мавқеи забони тоҷикӣ-форсиро танг карда натавонист.

---

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва нав. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. С. 504-505. Бояд қайд кард, ки дар осори устод Б. Ғафуров солҳои ҳокимияти Саффориён 873-903 оварда шудааст (ниг.: Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Сталинобод: Нашр.давл.Тоҷ-н; 1947. С. 121; История таджикского народа в кратком изложении. Изд. второе. – М.: Госполитиздат, 1952. С. 156; История таджикского народа в кратком изложении. Изд. третье. – М.: Госполитиздат, 1955. С.177). Дар таҳқиқоти дигар олимон солҳои соҳибдавлатии Саффориён 873-899 / 900 оварда шудааст. Ниг.: Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. С.23-27; Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Мураттиб ва муҳаққиқ: Амиршоҳӣ М.Душанбе: Амри илм, 1999. С. 184; Турсунов Н. Куллиёти осор. Ҷилди I. Таърихи халқи тоҷик. Аз аҳди бостон то инқилоби соли 1917. Нашри дувуми такмилёфта. – Хуҷанд: Ношир, 2017. С.235; История таджикского народа. Том II. Эпоха формирования таджикского народа. – Душанбе, 1999. С.332.

[2] Ниг.: Таърихи Систон. (Таҳияи матн, муқаддима, тавзеҳот ва феҳристҳо аз М.Имомов ва А. Абдусаттор). – Душанбе: Бухоро, 2014. С. 142-158.

Ба ин пояҳои устувори забон имкон надод. Дар ин ҷода набояд аз хизмати Тоҳириён сарфи назар кард. Ба ин раванд, чи тавре ишора рафт, ҳамчунин фаъолияти равияи шуубия, мавҷудияти ҷамъиятҳои зардуштӣ ва дигар таълимоти ғайриисломӣ низ мусоидат мекард.

Ин воқеияти ҳолро Б. Ғафуров тасдиқ карда, ишора намудааст: «Тоҳириён ҳамаи инро ба эътибор нагирифта, наметавонистанд, хусусан, ки аз ҷиҳати сиёсат душмани асосиашон хилофати Аббосӣ буд ва худи онҳо ба ҳамон вилоятҳое такя мекарданд, ки аксари аҳолиашон эронизабон буданд. Маҳз аз ҳамин сабаб Тоҳириён ба шоирон, алалхусус, муътақидони шуубия иҷозат медоданд, ки онҳоро бо подшоҳону қаҳрамонони Эрони пеш аз ислом қиёс карда, ситоиш намоянд. Дар дарбори Тоҳириён дар қатори забони арабӣ забони форсӣ ҳам мустаъмал буд. Дар Марв китобхонае вуҷуд дошт, ки асарҳои ба забони паҳлавӣ навишташуда нигоҳ дошта мешуд»[1].

Ақидаи устод Б. Ғафуровро нисбат ба хизмати Тоҳириён дар нигоҳдошти анъаноти ба мардуми Хуросону Мовароуннаҳр хос, аз ҷумла забони тоҷикӣ-форсӣ, муаррихи дигари тоҷик Н.Турсунов тақвият бахшида, менависад: «Тоҳириён натанҳо бо сабки хосаи идоракунии давлат, балки бо ҳомигӣ ва парастории хеш ба адабиёт ва илм шуҳрат ёфтанд. Дар пойтахти Тоҳириён Нишопур қасрҳо, китобхонаҳо, таълимгоҳҳо, корвонсаройҳо сохта шуданд, олимону адибон ҷамъ омаданд. Худи Тоҳириён шеърҳо эҷод карданд, асарҳои илмӣ навиштанд»[2]. Ҳамчунин аз рӯи эътимоди комили ин муҳаққиқ дар замони Тоҳириён, ба бартарии расмии забони арабӣ нигоҳ накарда, торафт мақоми забони форсӣ тақвият меёфт. Тоҳириён ба аҳли савод, таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекарданд. Бе сабаб набуд, ки дар ин давра падидаҳои дар вазни арӯз бо забони да-

---

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва нав. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. С. 446-447 ва ғайра

[2] Турсунов Н. Куллиёти осор. Ҷилди I. Таърихи халқи тоҷик. Аз аҳди бостон то инқилоби соли 1917. Нашри дувуми такмилёфта. – Хуҷанд: Ношир, 2017. С.232.

рии тоҷикӣ шеърофарӣ ба назар мерасид. Масалан, ба ин забон дар ибтидои солҳои 40-уми асри асри IX дар Нишопур рубоиёти Ҳанзалаи Бодғисӣ иштиҳор доштанд[1].

Мутаассифона кӯшиши пурра ба даст овардани мустақилият ба Тоҳириён муяссар нагардид. Вазъи сиёсии замон, ҳаракати марказгурез дар Хуросону Мовароуннаҳр, ки худи хилофатро нигарон карда буд, ҳанӯз барои иҷрои ин амал имкон намедод. Аз тарафи дигар, дар минтақа нуфузи сиёсиву ҳарбии Саффориёни то рафт бештар неру гирифта, хавфи аз байн бурдани давлати Тоҳириён ҳар чӣ бештар аён мегашт. Ва билохир намояндаи охирини Тоҳириён – Муҳаммад ибни Тоҳир соли 259 ҳ.қ. (873 м.) дар Нишопур ба Яъқуби Саффорӣ асир афтида, бо ҳамин давлати Тоҳириён аз байн рафт[2].

Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар «Таърихи Табарӣ» доир ба сари қудрат омадани Яъқуб ибни Лайс маълумоти нисбатан мухтасар омада бошад ҳам, муаллиф ба ҳаводиси ба тасарруфи Ҳирот, Нишопур, аз байн бурдани давлати Тоҳириён (873) ва талошҳои бобарори ҳарбии он барои гирифтани Хуросон,Табаристон, Гургон, Рай, Форс, Исфаҳон, Балх, Тахористон, Систон, Кирмон, Синд бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст[3].

Аз рӯи маълумоти дар сарчашмаҳо омада, муассиси ин давлат писарони Лайси Саффор (мисгар) – Яъқуб, Амр ва Алӣ буданд, ки шуҳрати сулолавии онҳо – Саффориён низ аз ин шуғли хонаводагӣ баромадааст. Дар «Таърихи Систон» насабномаи Саффориён пурра омадааст, ки дар он зикри қариб 50 номи пешгузаштагони Яъқуб ибни Лайс рафтааст[4].

---

[1] Турсунов Н. Куллиёти осор. Ҷилди I. С.232.

[2] Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. Ба муқобала, тасҳеҳ, ва таълиқоти Абулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳангии Эрон, 1347. С. 40.

[3] Табарӣ. Таъриу-р-русули ва-л-мулук. Китоби 8. С. 5585-5620.

[4] Ниг.: Таърихи Систон. С. 158. Рӯйхати нисбатан мухтасар ва пурраи шаҷараи Саффориёнро ниг.: Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. С.189, 195

Ба доираи сиёсати замон онҳоро Солеҳ ибни Назр ном шахсе, ки бар зидди Тоҳириён баромада, соли 851-852 Систонро ба тобеияти худ дарварда буд, ворид намуд. Аз рӯи маълумоти дар «Таърихи Систон» омада «Солеҳ асл аз Систон буд, аммо дар Буст бузург шуда буд»[1].

Дар асари номбурда, доир ба ширкати фаъоли бародарон, ки дар раванди амалиёти ҷангии Солеҳ бар зидди хориҷиёну мухолифин корнамоӣ нишон дода, дар сафи роҳбарони лашкар ҷой гирифта буданд, маълумоти муфассал оварда шудааст. Аз мантиқи далелҳои дар китоб ҷой дошта бармеояд, ки бо мурури бештар қавӣ гаштани нуфузу эътибори Яъқуб ва бародаронаш дар байни лашкару тамоми аҳолии Систон, онҳо ба мухолифини Солеҳ табдил ёфта, тавонистанд, ки ӯро 3 октябри соли 862 аз Систон ба сӯи Буст фирорӣ намоянд[2].

Яъқуб соли 858 дар Систон ҳокимиятро ба даст гирифта, барои тамоман аз байн бурдани муқобилияти Солеҳ ба Буст ду маротиба, солҳои 862-864 лашкар кашид. Баъди худкушии Солеҳ, Яъқуб пурра Бустро ба қаламрави ҳокимияти худ ҳамроҳ кард. Дар «Таърихи Систон» саҳнаи ҳалокати Солеҳ ба тариқи зайл омадааст: «Солеҳ ба қалъаи Кӯҳаж буд, ҳеҷ хабар надошт, то Яъқуб пиромуни қалъа фурӯ гирифт. Пас чанд рӯз ҳарби саъб карданд. Чун Солеҳ яқин шуд, ки қалъа бихоҳад ситад, хештанро бикушт. Ӯро аз қалъа фурӯ афканданд ва қалъа бидоданду зинҳор хостанд Солеҳро ба Буст оварданд ва ба гӯр карданд. Яъқуб ба қалъа устуворе шинонду боз ба Систон омад»[3].

Дар асари мазкур раванди ба иқтидори зарурии ҳарбӣ ноил гардидани Яъқуб, соли 867 ба самти Хуросон лашкар кашидан ва сипас то соли 870-871 ба тасарруфи худ даровардани Фушанҷ, Ҳирот, Балх, Кобул ва ниҳоят соли 873 аз байн бурдани давлати Тоҳириёнро дар Нишопур пурра ва саҳеҳ

---

[1] Таърихи Систон. С.157.
[2] Таърихи Систон. С. 152-153, 154, 157.
[3] Таърихи Систон. С. 163-164.

инъикос ёфтааст. Ҳамчунин доир ба фаъолияти давлатдории бародари Яъқуб – Амр ибни Лайс (879-900) маълумоти ҷолиб оварда шудааст[1]. Ҳамин тариқ, давлатдории мустақили Сафориён аз тарафи Яъқуб ибни Лайс дар минтақаи Хуросону Мовароуннаҳр мустаққар гардида, то моҳи апрели соли 900 идома ёфт.

Бояд қайд кард, ки Табарӣ аз кӯшиши Яъқуб доир ба тассаруфи пойтахти хилофат – Бағдод маълумоте наовардааст. Шояд ба ин эътиқоди пурраи ӯ ба ислом, ки дар тафсири ниҳоят пурмуҳтавои аз худ боқигузоштаи Қуръони маҷид зоҳир мегардад, монеъ шуда бошад.

Низомулмулк дар «Сиёсатнома» ин қасди Яъқубро барои гирифтани Бағдод, хеле дақиқу ҷолиб шарҳ додааст. Халифа ал-Муътамид (871-892) аз Хуросону Ироқ сафарбар намудани лашкару ба Бағдод ҳаракат намудани Яъқубро бо мақсади сӯйқасд ба ҷони ӯ ва аз байн бурдани хонадони Аббосиёнро фаҳмида, ба наздаш қосид фиристода, ба Кӯҳистону Ироқу Хуросон баргашани Яъқубро талаб кард. Вале ҷавоби то андозае истеҳзоомези Яъқуб чинин буд: «Маро орзу чунон аст, ки лобуд (ҳатман) ба даргоҳ оям ва шарти хидмат ба ҷой орам ва аҳд тоза гардонам, то он накунам, боз нагардам»[2]. Халифа ба ин посухи Яъқуб бовар накарда, ҳангоми машварат бо наздикону надимон изҳор дошт: «Чунон гумон мебарам, ки Яъқуб ибни Лайс сар аз чанбари тоати мо берун бурдаасту бо хиёнат ба ин ҷо меояд, ки ӯро нафармудам, ки ба даргоҳи моояд ва мефармоям, ки бозгардад, бознамегардад. Ва бо ҳама ҳол дар дил хиёнате дорад ва чунон пиндорам, ки дар байъати ботиниён[3] шудааст ва то бад-ин ҷо нарасад, изҳор накунад, моро аз эҳтиёт ғофил набояд буд»[4]. Халифа ал-Муътамид ба-

---

[1] Таърихи Систон. С. 164-228

[2] Низомулмулк. Сиёсатнома. Таҳияи пешгуфтор, тавзеҳот ва луғот аз номзади илмҳои филологӣ А. Ҳоҷиев.– Душанбе: Шарқи озод, 1998. С. 25.

[3] Ботиния – Ҷараёни мазҳаби шиа, ки мувофиқи ақидаи пайравони он шариат дар баробари маъни зоҳирӣ маънии ботинӣ низ дорад.

[4] Низомулмулк. Сиёсатнома. С. 25.

рои пеши роҳи Яъқубро гирифтан ба саҳро лашкар фиристод. Баъди муҳорибаи дурӯза Яъқуб ба Бағдод ба назди халифа қосид фиристода, талаб кард, ки ӯ бояд Бағдодро холӣ кунад. Халифаро ба ҷуз ҳарб кардан дигар илоҷе набуд. Ду лашкар рӯ ба рӯи ҳам саф кашиданд. Пеш аз оғози муҳориба аз лашкари халифа марде бо овози баланд чунин нидо баровард: «Ё маъшару-л-муслимин, бидонед, ки Яъқуб осӣ шуд ва бад-он омадааст, то хонадони Аббосиён барканад ва мухолифи ӯро аз Маҳдия[1] биёрад ва ба ҷои ӯ биншонад ва суннат бардорад ва бидъат ошкоро кунад. Ҳар он кас, ки дар халифаи расули худойро хилоф кард, расули худойро хилоф карда бошад ва ҳар кӣ сар аз чанбари тоати расул берун бурд, ҳамчунон бошад, ки сар аз тоати Худои таоло бикашид ва аз доираи мусулмонӣ берун рафт... Акнун кист аз шумо, ки биҳишт ва дӯзах гузинад ва ҳақро нусрат кунаду рӯй аз ботил бигардонад, бо мо бошад, на ба мухолифи мо»[2]. Ин нидо, бисёре аз умарои Хуросонро ба шубҳа андохт ва аз халифа ҷонибдорӣ намуданд. Дар ҳолате ки то андозае қувваи лашкари Яъқуб коҳиш ёфта буд, муҳорибаро бохта, бо лашкар ба тарафи Ҳузистон ҳаракат кард. Вале халифа ҳанӯз аз муқовимати Яъқуб ҳарос дошт. Аз ин ҳарос номаи ба Ҳузистон ба Яъқуб фиристодаш гувоҳӣ медиҳад, ки ба чунин мазмун омадааст: «Моро маълум гашт, ки ту марди содадилӣ ва ба сухани мухолифон ғарра шудӣ ва оқибати кор нигоҳ накардӣ. Дидӣ, ки эзиди таоло сунъи хеш ба ту чи гуна намуд ва туро ҳам бо лашкари ту зоеъ кард ва хонадони моро нигоҳ дошт. Ва ин саҳве буд, ки бар ту рафт. Акнун донам, ки бедор гаштӣ ва бар он карда пушаймонӣ, иморати Хуросону Ироқро ҳеҷ кас аз ту шоистатар нест ва бар ӯ мазиде ва ихтиёре нахоҳам фармуд ва туро ҳаққи неъмат бисёр аст наздики мо»[3].

---

[1] Маҳдия – пойтахти алавиёни Фотимӣ дар шимоли Африқо (Тунис), ки онро аввалин халифаи Фотимӣ – Абдуллоҳ ал-Маҳдӣ дар соли 303 ҳ. (915 м.) бино намудааст.

[2] Низомулмулк. Сиёсатнома. С.26.

[3] Низомулмулк. Сиёсатнома. С. 27.

Бояд қайд кард, ки ин нома барои Яъқуб таъсире нагузошт. Аз кораш пушаймон набудани ӯро ҷавобе, ки бо ҳамон қосид ба халифа фиристод гувоҳӣ медиҳад. Низомулмулк аз чунин ҷавоби Яъқуб ёдовар шудааст: «Бирав ва халифаро бигӯй, ман марди рӯйгарзодаам ва аз падар рӯйгарӣ омӯхтаам ва ва хӯрдании ман нони ҷавину моҳиву тара ва пиёз будааст ва ин подшоҳиву ганҷу хоста аз сари айёрӣ ва шермардӣ ба даст овардаам, на аз падар мерос ёфтаам, на аз ту дорам. Аз пой нанишинам, то сари ту ба Маҳдия нафиристам ва хонадони туро вайрон накунам. Ё он чи гуфтам ба ҷой оварам ё бо сари нони ҷавину моҳӣ ва пиёзу тара шавам»[1].

Яъқуб барои ин раъйи худро ба ҷо овардан аз нав ба Бағдод лашкар кашид, вале мутаассифона дар роҳ ба маризии шиддатноки қулунҷ дучор шуда, ба Хуросон баргашт. Пеш аз даргузашт умури идории давлатро ба бародараш Амри Лайс васият намуд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ғурури озодихоҳии Яъқуб, парастиши анъаноти ба тоҷику форс хос ӯро намегузошт мутеи арабҳо дар шахсияти халифа бошад. Дар таърихи ислом ба ҷуз аз муқовимату муқобилияти зиддиҳамдигарии арабҳо барои ҳокимияти сиёсӣ, хосатан соҳиб шудан ба тахти хилофат, мисоли дигареро, ки аз тобеони хилофат чун Тоҳириён ва Яъқуб ибни Лайси Саффории ғайриараб барои аз беху бун кандани сохтори идораи марказии онҳо – хилофат мубориза бурда бошад, ба назар намерасад.

Шояд ҳамин амали ба ҳадди ниҳоӣ нарасидаи Яъқуб барои бародараш Амри Лайс бетаъсир набошад, ки ӯ ба халифа роҳи муросоро пеш гирифт. Вале аз ин ҳароси халифа кам нашуд ва барои барканор кардани Амр чораҳо меҷуст. «Валекин, – нигоштааст Низомулмулк, – халифаро истишъоре (нигароние) ҳамебуд, ки шояд, ки ӯ низ ба тариқи бародар равад ва фардо рӯз ҳамон пеш гирад, ки бародараш ба даст гирифта буд. Ҳарчанд, ки Амр ин эътиқод надошт, валекин аз

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. С. 27.

ин маънӣ андеша ҳамекард. Пайваста дар сир кас ҳамефиристод ба Бухоро ба наздики амир Исмоил ибни Аҳмад, ки хуруҷ кун бар Амр ва лашкар бикаш ва мулк аз дасти ӯ берун кун, ки ту ҳақтарӣ аморати Хуросону Ироқро, ки ин солҳо дар дасти падарони ту будааст ва эшон (Саффориён) ба тағаллуб доранд... Пас, суханони халифа дар дили ӯ кор кард ва азм дуруст гардонид, ки бо Амри Лайс мухолифат кунад. Лашкаре, ки дошт, ҳамаро гирд кард ва аз Ҷайҳун бад-ин сӯ гузашт ва ба сари тозиёна бишумурд, даҳ ҳазор баромад... Ва хабар ба Амри Лайс бурданд, ки Исмоил ибни Аҳмад аз Ҷайҳун бигзашт ва ба шаҳри Марв омад ва шиҳнаи Марв бигрехт ва талаби мамлакат мекунад. Амри Лайс дар Нишопур буд... Иттифоқ чунон афтод, ки Амри Лайс шикаста шуд ва ҳафтод ҳазор савори ӯ ба ҳазимат рафтанд, чунон ки якеро ҷароҳате нарасид ва на касе асир гашт, илло аз миёни ҳама Амри Лайс гирифтор шуд. Ва чун ӯро пеши Исмоил бурданд, бифармуд то ӯро ба рӯзбонон (посбонони даргоҳ) супурданд ва ин аз аҷоибҳои дунёст»[1].

Овардани маълумоти нисбатан муфасали дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк оид ба фаъолияти сиёсиву ҳарбии Яъқуб ва Амри Саффорӣ аз эҳсоси зарурати дарки бештари муборизаи озодихоҳии мардуми минтақа ба муқобили хилофат аз як тараф, аз тарафи дигар аз хизмати Низомулмулк ва қимати асари ӯ дар равшангарии талоши чунин абармардон барои мустақилияту эҳёи анъаноти қабл аз истилои арабҳо ба мардуми тоҷику форс хос ёдовар шудан, бармеояд.

Бояд қайд кард, ки пойгоҳи анъанаҳои таърихиву фарҳангии ба мардуми Мовароуннаҳру Хуросон роиҷи қабл аз ҳуҷуму истилои арабҳо, аз ҷумла забони тоҷикӣ-форсӣ дар давраи давлатдории Саффориён боз қавитар гардид. Маҳз чунин амалҳо заминаи муътамад барои ба сари қудрат омадани Сомониён гузоштанд.

Ҳарчанд муборизаи истиқлолиятхоҳии Тоҳириёну Саффо-

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. С. 28-29.

риён, ки дар боло зикри он рафт, чун нишонаи ба даст гирифтани ҳокимияти сиёсӣ ба назар мерасад, вале кӯшиши эҳёву нигаҳдошти анъанаҳои дар тӯли асрҳо сайқалёфтаи ба мардуми тоҷику форс хос, алалхусус забон, ки арабҳо пояҳои таърихии онро суст карда буданд, чун омили ҳалкунанда дар ин раванди ҳаракати озодихоҳӣ ҳисоб меёбад.

Доир ба нуфузи то андозае ҳалкунандаи забони тоҷикӣ-форсӣ, дар «Таърихи Систон» маълумоти ҷолибе оварда шудааст. Дар он аз ҳуҷуми Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ ба Ҳирот ёдовар шуда, қайд гардидааст, ки дар маросими пешвозгирӣ ва табрикот ба муносибати ғалабаи ӯ соли 867 аз рӯи одати дар он замон роиҷ яке аз шоирон бо забони арабӣ шеъре қироат намуд. Яъқуб, ки худ ин забонро намедонист ва эътироф намекард, қироати шеърро ба тоҷикӣ – форсӣ талаб намуд. Чун дар ин ҳамоиши ифтихорбахш дабири девон, донишманду шоири шинохта, Муҳаммад ибни Восиф ҳузур дошт, бо қироати шеъри равони тоҷикӣ-форсӣ, бартарии ин забонро намоиш дода тавонист.

Дар «Таърихи Систон» ин рухдод чунин сабт шудааст: «Чун ин шеър (бо забони арабӣ – Ҳ.П.) бархонданд, ӯ (Яъқуб – Ҳ.П.) олим набуд, дарнаёфт. Муҳаммад ибни Восиф ҳозир буд ва дабоири расоили ӯ буд ва адаб неку донист ва бад-он рӯзгор номаи порсӣ набуд. Пас Яъқуб гуфт: Чизе, ки ман андар наёбам, чаро бояд гуфт? Муҳаммад Восиф пас шеъри порсӣ гуфтан гирифт. Ва аввал шеъри порсӣ андар Аҷам ӯ гуфт ва пеш аз ӯ касе нагуфта буд, ки то порсиён буданд, сухан пеши эшон бо рӯд бозгуфтандӣ ба тариқи хусравонӣ. Ва чун Аҷам барканда шуданд ва араб омаданд, шеър миёни эшон ба тозӣ (арабӣ – Ҳ.П.) буд ва ҳамгинонро илму маърифати шеър тозӣ буд ва андар Аҷам касе барнаёмад, ки ӯро бузургии он буд, пеш аз Яъқуб, ки андар ӯ шеър гуфтандӣ... Муҳаммад ибни Восиф ин шеър бигуфт:

*Эй амире, ки амирони ҷаҳон хосаву ом,*
*Бандаву чокару мавлову саги банди ғулом.*

*Азалӣ ҳаззе дар лавҳ, ки мулке бидиҳед,*
*Ба Абиюсуфи Яъқуб ибн ал-Лайси Ҳумом...»*[1].

Аз ин гуфтори Восиф илҳом гирифта, маҳфили мадҳиясарой ба забони форсӣ нисбат ба Яъқуб тафсид. Басоми Курд, ки аз хориҷ барои сулҳу салоҳ ба назди Яъқуб омада буд, низ ба форсӣ шеърхонӣ кард. Дар идомаи чунин арзи эҳтиром, дигар марди фозил ва шоир Муҳаммад ибни Мухаллад ба шеърхонӣ даромад, ки намунае аз он чунин аст:

*Ҷуз ту назод Ҳавво в-Одам накишт,*
*Шеър ниҳодӣ ба дилу бар маништ.*
*Муъҷизи пайғамбари Маккӣ туӣ,*
*Бо кунишу бо манишу бо гувишт...*[2].

Маҳз ҳамин нигаҳдошти бартарияти нуфузи анъаноти ба аҳолии маҳаллӣ, хосатан тоҷикон хос ва волояти забони тоҷикӣ-форсӣ буд, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр сулолаҳои маҳаллӣ – Тоҳириён, Саффориён то андозае таъмин намуда буданд. Аз ин рӯ бояд таъкид кард, ки давлатдории Тоҳириёну Саффориён ба ҳамаи ихтилофоти байни ҳамдигарии хилофат барояшон раводида нигоҳ накарда, барои ба сари қудрату мустақилияти пурра расидани Сомониён заминаи мусоид фароҳам оварданд.

## Таърихнигории ташкилёбии давлати Сомониён

Доир ба дараҷаи соҳибдавлатӣ расидани Сомониён дар осори таърихи замони онҳо маълумоти зиёде оварда шудааст, ки дар маҷмӯъ такрору тақвиятбахши якдигаранд. Шояд

[1] Таърихи Систон. Аз силсилаи «Тоҷикон дар масири тамаддун». Китоби XII. – Душанбе: Бухоро, 2014. С.165. Дар ин ҷо фақат порчае ба тариқи намуна аз аввали шеър оварда шудааст.
[2] Таърихи Систон. С. 167.

ҳамин такрорбаёнӣ буд, ки маълумоҳои таърихиву ҷуғрофӣ, адабӣ ва дар маҷмӯъ инъикоси воқеияти он давра то замони мо расида, ба сифати маъхазҳои арзишманд дар хизмати муҳаққиқон қарор доранд.

Яке аз манбаъҳои ниҳоят боэътимоди мушоҳиди бевоситаи замон «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ ҳисоб меёбад. Дар китоб ин раванди аз Сафориён ба дасти Насри Сомонӣ гузаштани ҳукумати Бухоро чунин шарҳ ёфтааст: «Ва дар ҳамин сол (аввалҳои июли 874 – мураттибони китоб) Аҳмадро маншури вилояти ҳамаи аъмоли Мовароуннаҳр аз оби Ҷайҳун то ақсои билоди Машриқ биёварданд аз халифа Муваффақ биллоҳ. Ва хутбаи Бухоро ба номи амир Наср ибни Аҳмад ва ба номи амир Исмоил гуфтанд ва номи Яъқуби Лайси Саффор аз хутба афтода буд»[1].

Чи тавре ишора рафт, асосгузори силсилаи хонадони Сомониён – Сомонхудот, ки дини исломро қабул карда, ба туфайли хизмати содиқона ба намояндаи халифаи араб – ҳокими Хуросон Асад ибни Абдуллоҳи Қушайрӣ (725-727, 735-738) дӯстиву пуштибонӣ пайдо карда буд. Чун арзи сипос Сомон писари худро Асад номгузорӣ намуда, бо ин васила тавонист писар ва наберагонашро бо ёрии ин ҳоким ба доираи маъмурони нуфузманд ворид намояд. Дар оянда дар аҳди хилофати Маъмун (814-834) фарзандони Асад (наберагони Сомон): Нӯҳ дар Самарқанд, Аҳмад дар Фарғона, Яҳё дар Чоч ва Уструшан, Илёс дар Ҳирот ба сифати ҳоким таъйин гардида, ба доираи сиёсатҳои бузург кашида шуданд.

Дар байни онҳо Нӯҳ аз ҷиҳати нуфуз фарқ мекард. Бесабаб нест, ки аввалин сиккаҳои мисини сомониро ба номи ӯ зарб зада буданд, ки то андозае аз мустақилияти ин ҳокими Самарқанд гувоҳӣ медиҳад. Меросхӯри ӯ бародараш Аҳмад барои мутамарказ гардондани ин мулкҳои мутааллиқи хонадони Сомониён, кӯшиш ба харҷ медод. Баъди вафоти Аҳмад писараш Наср зимоми ҳокимиятро ба даст гирифт ва соли 875 ха-

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 147.

лифа Муътамид (871-892) ӯро расман чун ҳокими сулолаи Сомониён дар Мовароуннаҳр шинохт. Вале дигар ҳокимони мулкҳои алоҳидаи кишвар ба ӯ муқобилияти шадид нишон медоданд. Аз ҷумла муносибати Наср бо бародараш Исмоил, ки худаш соли 874 ӯро вилоятдори Бухоро таъйин карда буд (то ин вақт Бухоро расман ба доираи мулкҳо қаламрави Сомониён ворид нашуда буд), то рафт тезу тунд мешуд. Исмоил тавонист дар як муддати кӯтоҳ ҳокимияти худро дар Бухоро мустаҳкам ва мустақилияти худро таъмин намояд. Аз ҷумла ӯ аз додани андози муқаррашуда ба Наср саркашӣ намуд. Зиддияти байни бародарон то рафт бештар шиддат гирифта, ҳатто ба задухӯрди мусаллаҳона расонд. Дар «Таърихи Бухоро» доир ба ин мунокишаи бародарон чунин омадааст: «Ва Наср ибни Аҳмад бар Исмоил вазифа ниҳода буд аз амволи Бухоро ҳар соле понсад ҳазор дирам. Ва аз баъди он ӯро ҳарбҳо афтод ва он мол харҷ шуд ва натавонист [фиристодан]. Амир Наср қосидон фиристод ба талаби он мол ва вай нафиристод. Миёни эшон бад-ин сабаб нохӯшӣ падид омад. Амир Наср лашкар ҷамъ кард ва нома фиристод ба Фарғона, ба лашкари бародари худ – Абулашъас (Асад ибни Аҳмад, яке аз 7 писарони Аҳмад, бародари Насру Исмоил – мураттибон) ва бихондаш бо лашкари бисёр. Ва номаи дигар ба Шош фиристод. Ба бародари дигар – Абуюсуф Яъқуб ибни Аҳмад, то бо лашкари худ биёяд ва туркони Исфиҷобро (Сайрами имрӯзаи Қазоқистон – Ҳ.П.) низ биёранд. Ва лашкари азим ҷамъ карданд, он гоҳ рӯй ба Бухоро ниҳод, дар моҳи раҷаб, сол бар дувисту ҳафтоду ду (декабри 885 – январи 886) буд»[1].

Ҳар чанд Наср аз ҳокимиятдории Бухоро Исмоилро баъди задухӯрди аввал, соли 886 расман дур карда бошад ҳам, ин муқовиматро суст накард. Соли 888 ба Исмоил муяссар гардид, ки Насрро шикаст дода, бартарии худро дар минтақа таъмин намояд. Сурат гирифтани муҳорибаро Наршахӣ чунин овардаст: «Чун аз ин ҳол понздаҳ моҳ баромад, амир

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 151.

Наср кас фиристод ба талаби мол, амир Исмоил мол бозгирифт ва нафиристод. Амир Наср нома кард ба Рофеъ[1], ки вай замон карда буд. Рофеъ низ номае ба амир Исмоил кард бадин маънӣ. Амир Исмоил илтифот накард.

Амир Наср дигарбора лашкарҳо ҷамъ кард ҳама аз аҳли Мовароуннаҳр ва Абулашъас аз Фарғона биёмад ва дигарбора рӯй ба Бухоро оварданд ба ҳамон таври пеш ва рӯй ба Бухоро ниҳод. Чун ба Кармина расид, амир Исмоил низ лашкари худ ҷамъ кард... ва ҳарб андар пайваст ва корзор сахт шуд... Амир Исмоил (25 октябри 888) бар лашкари Фарғона зафар ёфт»[2].

Вале ӯ соҳибтахтии Насрро расман аз байн набурда, фақат баъди вафоти ӯ соли 892 зимоми ҳокимиятро пурра ба даст гирифта тавонист, ки мустақилияти давлати Сомониёро бо марказаш Бухоро комилан таъмин намояд[3].

Ба соҳибсалтанатии комил муваффақ шудани Исмоил дар «Таърихи Бухоро чунин ишора ёфтааст: «Ва чун хабари вафоти амир Наср ба амиралмуъминин Муътазид биллоҳ расид, маншури амали Мовароуннаҳр ба амир Исмоил бидод дар моҳи муҳаррам ба таърихи дувисту ҳаштод (март – апрели 893)»[4]. То ин вақт маркази идории Сомониён шаҳри Самарқанд буд ва онро Исмоил ба Бухоро кӯчонд.

Бояд қайд кард, ки санаи ҳокимиятдории ин сулоларо муҳаққиқин ба се давра ҷудо мекунанд:

1) 819-875 – давраи ворисони Сомонхудот ва писари ӯ Асад – Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс, ки тавассути нишон додани садоқати хизматӣ ба хилофат ва қобилият дар умури идорӣ ба сифати волии вилоятҳои Самарқанд, Фарғона, Чочу Уструшан ва Ҳирот таъйин шуда, ба ин васила дар хилофат бонуфуз гардиданд;

---

[1] Рофеъ ибни Ҳарсама, ки он вақт амири Хуросон буд.

[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 153-154

[3] Ниг.: Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 154-154; Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. С.450-452.

[4] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 157.

2) 875-960 – авҷи баландтарини давлатдории хонадони Сомониён, хосатан дар мисоли намояндагони барҷастаи он – Исмоил ва Насри II;

3) 961-999 – чун давраи таназзул ва суқути давлати доманфароху пурвусъати Сомониён шинохта мешавад.

Вале дар адабиёти таърихӣ замони давлатдории Сомониён бештар дар ҳадди ду давраи охир (875-999) ишора меёбад.

Давлати Сомониён на танҳо барои тоҷикон, ҳамчунин барои тамоми давлату халқиятҳои Осиё Марказӣ ва тамоми паҳнои Шарқ намунаи баланди давлатдорӣ ва тамаддунофарӣ шинохта мешавад. Аз ҳама муҳим, ин зинаи пурфайзи таърихиро олимон чун анҷоми раванди ташаккулёбии халқияти тоҷик ва созмондиҳии давлатдории мустақили он тасдиқ намудаанд.

Маълум аст, ки ташаккули халқият чи тавре ишора рафт, дар заминаи давлати аз ҷиҳати иқтисоди нерӯманд ва сохтори идорию маъмурии ба талаботи фарҳангии замон ҷавобгӯ вобастагии ҳалкунанда дорад. Доир ба дараҷаи баланди дастовардҳои кишоварзӣ, ҳунармандию тиҷорат осори зиёде рӯи кор омадааст. Ҳамчунин хусусиятҳои хоси идоракунии маъмурӣ, ки эътидоли сиёсию маъмурии давлатро таъмин мекарданд, барои рушди фарҳангӣ заминаи мусоид фароҳам меоварданд.

Халифаи Аббосӣ дар миёни ҳокими Мовароуннаҳр Исмоили Сомонӣ ва ҳокими Хуросон Амри Саффорӣ нифоқ андохт, ки сабаби ҷангҳои онон гардид. Нахустин набарди Исмоили Сомонӣ бо Амри Саффорӣ 18 шавволи соли 286 ҳ.қ.[1] баробар ба 27 октябри соли 899 дар наздикии Нисо ва Абевард рух дод[2], ки аз сиёсати ҷудоиандозии хилофат ва бо ин роҳ суст намудани муқобилияти сулолаҳои маҳаллӣ бармеомад. Дар ин набард Амри Саффорӣ шикаст хӯрд, вале

[1] Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. – Барги 159.
[2] Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Фақеҳ. Ал-Булдон. Ба кӯшиши Юсуф ал-Ҳодӣ. Бейрут 1996. – С.312.

ҳокимияти Хуросон ҳанӯз зери фармонаш буд. 19 апрели соли 900 дувумин набарди Исмоили Сомонӣ бо Амри Саффорӣ дар наздикии Балх рух дод, ки ба шикаст ва асир афтодани Амри Саффорӣ анҷомид. Муаллифи «Таърихи Бухоро» менависад: «Дар рӯзи шанбеи мунтасафи рабеъулахири санаи сабъа ва самонин ва миатайн (287 ҳ.қ. 19 апрели соли 900) Амри Лайсро ба Балх асир кард ва бар мамлакат муставлӣ гашт»[1]. Дар зимн Гардезӣ низ менависад: «Пас Амр ибни Лайс лашкар бисохт ва силоҳ бидод ва ба олати бисёр ва уббуҳате тамом, рӯй ба Мовароуннаҳр ниҳод аз Нишопур. Чун ба Балх расид, бо Исмоил ибни Аҳмад баробар шуд ва ҳарб карданд ва бас рӯзгоре нашуд, ки Амр ибни Лайсро бишкастанд. Ва лашкари Амр ҳазимат шуд ва андар он Амр ибни Лайс дастгир шуд»[2]. Исмоил Амрро ба Бағдод фиристод ва ҳокимияти тамоми Хуросону Мовароуннаҳрро соҳиб гардид. Бояд гуфт, ки соли 899 дар адабиёти илмии сомониёншиносӣ чун соли ба ҳукумати Мовароуннаҳру Хуросон расидани Исмоили Сомонӣ пазируфта шудааст. Дар ҳоле ки, аз Наршахӣ ва Гардезӣ нақли қавл кардем ва дигар сарчашмҳои таърихӣ онро тасдиқ мекунанд, Исмоили Сомонӣ моҳи апрели соли 900 қаламрави зери фармони Саффориён – Хуросонро ба даст овард. Бинобар ин, соли 900 ба таври расмӣ соли таъсиси давлати бузурги мустақили Сомониён дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳисоб меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамин сана – соли 900 пурра шикаст хӯрдани Амр ибни Лайс ва расман соҳибтахти Мовароуннаҳру Хуросон эълон шудани Исмоили Сомонӣ ба такрор қариб дар ҳама сарчашмаҳои таърихӣ омадааст. Инро муҳаққиқон В.Бартолд, Б.Ғафуров, Н.Неъматов ва дигарон бо такя ба далелҳои маъхазӣ тасдиқ кардаанд[3].

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. – С.143.
[2] Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. – Барги 159.
[3] Ниг.: Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения. – Т.I. – М.: ИВЛ, 1963. С.284; Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. – Т. первый. Изд. второе. –

Ин тавр сурат гирифтани раванди воқеаҳо, бар хилофи тарҳрезии манфиатҷӯёнаи хилофат, имконияти ба низоми муайян даровардани сохтори идоракунии марказӣ ва маҳаллиро пеш овард. Шоҳ Исмоил тарҳи усули идоракуниро кашида бошад ҳам, иҷрои амалии он ба замони ҳукмронии набераи Исмоил – Насри II (914-943), ки дар ин раванд ташаббусу дастгирии вазирони донишманди давлати Сомониён Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҷайҳонӣ (914-918) ва Абулфазл Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ (918-936) хеле назаррас буд.

Ҳамин тариқ, ҳатто аз ёдоварии сатҳии вазъи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII – нимаи аввали IX бармеояд, ки ба ҳадди ҳокимиятдории мустақил расидани Сомониён амри тасодуф набудааст. Кӯшиши бобарори озодихоҳонаи дар аҳди хилофат аз тарафи Тоҳириён ва сипас Саффориён суръатбахшида, ки яқинан аз таъсири ҳифзи забону анъаноти тоисломии ба аҳолии ориёинажоди бумии минтақа хос бармеомад, барои ба соҳибқудративу сипас пурра ба соҳибдавлатӣ расидани Сомониён заминаи муҳим ҳисоб меёбад.

Таҳлили воқеан илмии маъхазҳои дастрас, ақидаи бепояи аз тахмину бофтаҳои хаёлии таърихэҷодкунандагони ғаразманди муосири ҳамсоя, ки бо тамоми қувват, на фақат арзишҳои таърихии минтақаро пурра чун «мероси аҷдодӣ» ҳисоб карда, «ирқияти азалӣ»-и худро дар минтақа нишон доданӣ, инчунин аз қадим дар «саргаҳи давлатсозиву давлатдорӣ» буданашонро исбот карданӣ мешаванд, пурра ботил месозад.

Баъди то андозае шиносоии умумӣ ба таърихи пайванди авлодии Сомониён пайдо кардан, зарурати зикри силсилаи

М.:Госполитиздат, 1952. С. 160; ҳамин муаллиф. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон. – 1998. С. 453; Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. С.21 ва диг.

амирони Сомонӣ, ки дар манбаъҳои мансуб ба замони онҳо қайд шудааст, пеш меоянд.

Дар маълумоти манобеи таърихӣ он бо чунин пайдарҳамии ҳокимиятдории онҳо омадааст:

1. Сомонхудот – асри VIII.
2. Асад ибни Сомон – охири асри VIII – ибтидои асри IX
3. Аҳмад ибни Асад – 819-864.
4. Наср ибни Аҳмад – 864-892.
5. Исмоил ибни Аҳмад – 892-907.
6. Аҳмад ибни Исмоил – 907-914.
7. Наср Ибни Аҳмад – 914-943.
8. Нӯҳ ибни Наср – 943-954.
9. Абдумалик ибни Нӯҳ – 954-961.
10. Мансур ибни Нӯҳ – 961-976.
11. Нӯҳ ибни Мансур – 976-997.
12. Мансур ибни Нӯҳ – 997-999.
13. Абдумалик ибни Нӯҳ – 999.
14. Исмоил ибни Нӯҳ – 999-1005.

Дар «Дастуру-л-вузаро»-и муаррихи барҷаста Хондамир (1475-1535), ки аз ташакули пурраи соҳибдавлатии Сомониён дар Мовароуннаҳру Хуросон чунин ёдовар шудааст: «Насаби мулуки Сомонӣ, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон мутасаддии амри ҷаҳонбонӣ буданд, ба Баҳроми Чӯбин мерасад ва аз эшон нӯҳ нафар ба мартабаи баланди салтанат фоиз гаштаанд ва муддати 102 сол ва касре замони давлати он тоифа қарор ёфт.

Асомии эшон ин аст:

1. Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ.
2. Аҳмад ибниИсмоил.
3. Наср ибни Аҳмад.
4. Нӯҳ ибни Наср.
5. Абдумалик ибни Нӯҳ.
6. Мансур ибни Нӯҳ ибни Наср.
7. Нӯҳ ибни Мансур ибни Нӯҳ.

8. Мансур ибни Нӯҳ ибни Мансур.

9. Абдумалик ибни Нӯҳ ибни Мансур»[1].

Дар «Табақоти Носирӣ»-и Минҳоҷи Сироҷ (тав. 1193) мисли чанде аз дигар маъхазҳо, силсилаи шоҳони Сомониён ба тариқи назм чунин омадааст:

*Гашта ба иморати Хуросон мазкур,*
*Нӯҳ тан буданд аз оли Сомон машҳур:*
*Исмоилеву Аҳмадеву Насре,*
*Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур.*

Бояд гуфт, ки ин мисраҳо дар чанде дигар манбаъҳо, аз ҷумла: «Маосиру-л-мулук»-и Хондамир, «Луббу-т-таворих»-и Яҳёи Қазвинӣ ва ғайра бо ҳамон мазмун, вале бо гузинаҳои дигар омадаанд[2]. Масалан, дар «Осору-л-вузаро»-и Сайфиддин Ҳоҷӣ ибни Низоми Уқайлӣ (нимаи дувуми асри XV), ки аз осори муаррихони пешин истифода намудааст, ба тариқи зайл бозгӯӣ шудаст:

*Нӯҳ тан буданд оли Сомон мазкур,*
*Гашта ба иморати Хуросон машҳур:*
*Исмоилеву Аҳмадеву Насре,*
*Ду Нӯҳу ду Абдумалику ду Мансур.*

Метавон аз асари «Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас», ки шахсияти муалифаш маълум нест ва соли таълифашро муҳаққиқон 1126 муайян намудаанд, инчунин дигар муалли-

---

[1] Ғиёсуддин Хондамир Дастур-ул-вузаро (ҷузъиёте аз мутуни асил) // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд: Нашр. давл. ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. С. 425. Доир ба таборномаи Сомониён, ки асосан такрори гуфтаҳои болост, ҳамчунин ниг.: Ҷаводи Ҳиравӣ. Таърихи Сомониён асри тиллоии Эрони баъд аз ислом. – Теҳрон, Интишороти Амири Кабир, 1382. С. 44.

[2] Ниг.: Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). Таълиқот. – Хуҷанд, 1998. С. 507-508. (Тавзеҳот ба «Табақоти Носирӣ»-и Минҳоҷи Сироҷ. – № 7).

фон давраҳои соҳибтахтии подшоҳони оли Сомонро бо чунин пайдарҳамӣ овард. Вале ин ба ҷуз такрори маълумоти дар бисёр осори муаррихон асримиёнагӣ омада, чизи дигаре нест.

Диди таърихнигорӣ зарурате пеш меорад, ки аз ихтилофоти назари маълумоти дар манобеи ба ин давра иртибот дошта, ёдовар шавем. Масалан, дар «Насиҳату-л-мулук»-и Ғаззолӣ (1058-1111) муддати салтанати Сомониён 130 сол омадааст. Дар «Табақоти Носирӣ»-и Минҳоҷи Сироҷ (тав. 1193) – 180 сол, «Осору-л-вузаро»-и Уқайлӣ (нимаи дуюми асри XV) – 120 солу 6 моҳу 20 рӯз, дар «Ҳабибу-с-сияр»-и Хондамир – 110 сол, «Таърихи нигористон»-и Кошонӣ (тав. 1515) – 102 солу 6 моҳу 20 рӯз ва ғайра. Албатта, ин гуногунмуайянкунии солҳои ҳокимиятдории Сомониён, ки фарқияташ хеле тӯлонӣ буда, аз 102 то 180 солро дар бар мегирад, табиист, ки метавонад иштибоҳе пеш орад.

Шояд аз ҳамин назари мухталифу чигил муаллифони нисбатан возеҳбаёну дарки масъулиятдоштаи асримиёнагӣ дошторо ба хулосае овардааст, ки бештар ҳамин чаҳор санаро ба эътибор гиранд:

1. Соли 819 – дар вилоятҳо ба соҳибҳокимиятӣ расидани писарони Асад ибни Сомон: Нӯҳ ибни Асад, Аҳмад ибни Асад, Илёс ибни Асад ва–Яҳё ибни Асад, ки ба ҳокимии шаҳрҳои бузуги Мовароуннаҳру Хуросон расиданд.

2. Соли 874 –ҳокимияти Мовароуннаҳро ба даст гирифтани Наср ибни Аҳмад.

3. Соли 892 – Ҳокимиятдории Исмоил ибни Аҳмад дар Мовароуннаҳр.

4. Соли 900 – илова ба Мовароуннаҳр ба тобеияти Сомониён гузаштани Хуросон.

Чунин муайян намудани марҳалаҳои васеъ гардидани ҳудуди ҳокимиятдории Сомониён, ки билохира ба ташаккули пурраи давлати Сомониён ё давлатдории комилан мустақили тоҷикон мерасад, бояд дар даврабандии таърихии давлати Сомониён ба асос гирифта шавад.

Маъхазҳои ниҳоят боэътимоди то замони мо боқӣ монда,

кайҳост, ки аз тарафи шарқшиносони сатҳи ҷаҳонӣ дар маърази таҳқиқи воқеъбинона қарор ёфтаанд. Ягона хулосае, ки онҳо бар он иттифоқи назар доранд, аз он иборат аст, ки ин давлати шукӯҳманду абарқудрати асримиёнагии тоҷикон дар тамаддуни минтақа нақши ҳалкунанда бозидааст.

Маълумоти дақиқ доир ба раванди суръатафзои ташаккул ва рушди давлатдории Сомониён дар осори муаррихони шоҳиди замон ва пас аз суқути он ҳамеша мавқеи муайянкунандаи маъхазии худро нигоҳ медоранд. Шиносоии амиқ бо осори таърихии асрҳои IX-XIII ва баъдинаи арабу тоҷику форс ба хулосае меорад, ки дар таърихнигории кунунӣ ба дастовардҳои назаррас нигоҳ накарда, насаби ориёӣ доштану заминаҳои ба сари қудрат омадан ва рушди намунавии давлатдории Сомониён, дар миқёси Осиёи Марказӣ ва берун аз он беш аз пеш ба таҳлили дақиқи бунёдӣ ниёз дорад. Дар ин ҷода маълумоти нисбатан мукаммали ба мерос гузоштаи муаррихони асримиёнагӣ, барои тамоми муҳаққиқони ба ин давра иртиботи бевосита дошта, дар таҳлили таърихи тамаддунофари тоҷикон бояд ҳамеша мавқеи калидӣ дошта бошад. Маҳз бо ин васила чашми муаррихони тангназареро, ки аз ҳақиқати таърих қасдан фосила ҷуста, онро ба маҷрои бароящон дилхоҳ, аниқтараш худхоҳии миллӣ, равона карданӣ мешаванд, метавон кушод.

# БОБИ IV

# ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ СИЁСӢ ВА СОХТОРИ МАЪМУРИИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН ДАР ОСОРИ ҲАМЗАМОНОН ВА БАЪДИ ОНҲО

## Назаре ба ҷуғрофиёи давлати Сомониён

Чи тавре чанде пеш аз заминаҳои ба сари қудрат омадани Сомониён бо такя ба маълумоти дар мероси бозмондаи муаррихони замон ва баъди он сухан рафт, ишора бар он буд, ки вазъи сиёсӣ дар тамоми қаламрави хилофат, хосатан дар манотиқи Хуросону Мовароуннаҳар ниҳоят буҳронӣ ба назар мерасид. Табиист, ки ба сари ҳокимият омадани Сомониён низ аз воқеияти сиёсии замон берун буда наметавонист.

Ба Сомониён муяссар шуд, ки дар ҳудуди ниҳоят васеи ҷуғрофӣ низоми давлатдории худро барқарор намоянд. Паҳнои ин ду минтақа дар осори ҷуғрофии муаллифи номаълуми замони Сомониён «Ҳудуду-л-олам», ки анҷоми он ба соли 982 – 983 рост меояд ва яке аз аввалин асари форсӣ-тоҷикӣ ҳисоб меёбад, хеле муфассал оварда шудааст. Аз номгӯи музофоту шаҳрҳои ин ду минтақаи дар «Ҳудуд-ул-олам» омада, ки шумори онҳо хеле зиёд аст, худдорӣ карда, фақат ба бозгӯии тарҳи умумии ҳудуди онҳо маҳдуд шудан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар «Ҳудуд-ул-олам» Хуросон дар чунин паҳно муайян шудааст: «Ноҳиятест машриқи вай Ҳиндустон аст аз ҷануби вай баъзе аз ҳудуди Хуросон аст ва баъзе ба биёбони Каргаскӯҳ ва мағриби вай навоҳии Гургон аст ва ҳудуди Ғур ва шимоли вай руди Ҷайҳун аст... Ва подшои Хуросон андар қа-

дим ҷудо будӣ ва подшои Мовароуннаҳр ҷудо. Ва акнун ҳарду якест ва мири Хуросон ба Бухоро нишинад ва аз оли Сомон аст ва аз фарзандони Баҳроми Чӯбинанд. Ва эшонро «малики Машриқ» хонанд. Ва андар ҳама Хуросон уммоли ӯ бошад. Ва андар ҳаддҳои Хуросон подшоҳонанд ва эшонро «мулуки атроф» хонанд»[1]. Дар ҷои дигари китоб ҳудудии Хуросон ба тариқи зер тасвир ёфтааст: [Хуросон] «Ноҳиятест, ки машриқи вай Ҳиндустон аст ва ҷануби вай биёбони Синд аст ва биёбони Кирмон ва мағриби вай ҳудуди Ҳарист ва шимоли вай ҳудуди Ғарҷистон ва Гӯзгонон ва Тухористон»[2].

Ҳудудии умумии Мовароуннаҳр бошад, дар асари номбурда ба тариқи зайл муаррифӣ шудааст: «Ноҳиятест, ки ҳудуди машриқи вай ҳудуди Таббат ва ҷануби вай Хуросон аст ва ҳудуди Хуросон ва мағриби вай Ғуз аст ва ҳудуди Халлух ва шимолаш ҳам ҳудуди Халлух аст. Ва ин ноҳиятест азим ва ободон ва бисёрнеъмат ва дари Туркистон ва ҷои бозаргонон. Ва мардумоненанд ҷангӣ ва ғозипеша ва тирандоз ва покдин»[3]. Баъди чанде, муаллиф боз сари масъалаи муайян кардани ҳудуди Мовароуннаҳр баргашта, овардааст: «Ҳудуди Мовароуннаҳр ноҳиятест пароканда, баъзе бар машриқи Мовароуннаҳр аст ва баъзе бар мағриби вай аст. Аммо он-к андар машриқи Мовароуннаҳр аст машриқи вай ҳудуди Таббат аст ва Ҳиндустон ва ҷануби вай ҳудуди Хуросон аст ва мағриби вай ҳудуди Ҷағониён аст ва шимоли вай ҳудуди Сурӯшана аст аз Мовароуннаҳр»[4].

Ҳудудмуайянкунии Хуросону Мовароуннаҳр дар ин асари нодир хеле мукаммал буда, тамоми вилояту шаҳр ва музофотҳои нисбатан маъмулу маълуми онҳо бо маълумоти мух-

[1] Ҳудуд-ул-олам мина-л-Машриқ ила-л-Мағриб Таҳияи матн ва муаллифи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. Зери назари Носирҷон Салимов. Тоҷнома. Аз силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби XI – Душанбе: Бухоро, 2014. С.53. (Минбаъд: Ҳудуд – ул-олам).
[2] Ҳудуд-ул-олам. С. 59-60.
[3] Ҳудуд-ул-олам. С. 62.
[4] Ҳудуд-ул-олам. С. 68.

тасари ҷуғрофӣ ва вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии мавзеоти дар ҳудуди онҳо қарордошта, оварда шудааст[1].

Доир ба муайян намудани сарҳадоти давлати Сомониён ва тақсимбандии маъмурии он, ки Мовароуннаҳру Хуросонро фаро мегирифт, дар осори муаррихону ҷурофиёшиносони асримиёнагӣ аз ҷумла «Мамолик ва масолик»-и Истахрӣ, «Муъҷаму-л-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ, «Ашколу-л-олам»и Ҷайҳонӣ, «Аҳсану-т-тақосим»-и Муқаддасӣ, «Сурау-л-арз»-и Ибни Ҳавқал ва ғайра ба баъзе ихтилофи назар нигоҳ накарда, маълумоти зиёде оварда шудааст. Ба тариқи мисол, ҷурофиёшиноси машҳури замони Сомониён Абӯисҳоқи Истахрӣ нигоштааст: «... ва Оли Сомон... мулуки Мовароуннаҳр будандӣ... То он гоҳ, ки ба Исмоил ибни Асад нақл афтод, қавоид ва аркони адл мушаҳҳад ва мушайяд гардонид, то мулки ӯро тамкине ва қароре ҳар чӣ тамомтар ва мустаҳкамтар пазируфт. То ҳар чӣ бар Муътазид Биллоҳ – амирулмуъминин ба вуфури қуввату шавкат ва ҳашаму хидмат фатҳ ва қабзи он душвор будӣ, бар вай осон шуд ва ҳар чӣ мутафарриқ буд, ҷамъ кард, то тамоми Хуросону Мовароуннаҳр ва Ҷурҷону Табаристон ва Қумису Рай ва Қазвину Абҳару Занҷонро дар таҳти ҳукм овард»[2].

Хулосабардории муҳаққиқон низ дар асоси таҳлили муқоисавии мероси маъхазии гаронмояи муаллифони замони ҳокимиятдории Сомониён ва дигар қарнҳои асримиёнагӣ қарор ёфтааст.

Зумрае аз муҳаққиқони таъриху ҷуғрофиё кӯшиш ба харҷ додаанд, ки ҳудуди ин ду қисмати давлати Сомониёнро бо такя ба далелҳои боэътимод, ҳаддалимкон амиқан муайян намоянд. Аз ҷумла шарқшиноси англис Ле Стренҷ ҷуғрофиёи Мовароуннаҳрро ба тариқи зайл муайян намудааст: «Тамоми ин билодро метавон ба панҷ иёлот қисмат кард, муҳимтарини

---

[1] Ҳудуд-ул-олам. – С. 53-70.

[2] Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммади Форси Истахрӣ. Мамолик ва масолик. Тарҷумаи Муҳаммад Абдуллоҳи Тустарӣ. Бо эҳтимоми Эраҷи Афшор. – Теҳрон, 1373. С.138.

он иёлоти панҷгона Суғд, яъне Суғдиёнаи қадим аст, ки ду марказ, яъне ду курсӣ дошт: яке Бухоро ва дигаре Самарқанд. Дар бохтари Суғд иёлоти Хоразм воқеъ буд, ки имрӯз мавсум аст ба Хева ва шомили делтаи рӯди Ҷайҳун мебошад. Дар ҷануби ховарии иёлат Чағониён буд, ки Хуттал ва вилоёти дигари Ҷайҳуни улёро шомил мегардид. Бадахшон низ бо ин ки дар соҳили чап, яъне соҳили ҷанубии Ҷайҳун дар он сӯи Тахористон онро дар бар гирифта буд, ҷузъи ин иёлат маҳсуб мешуд. Фарғона дар соҳили Сайҳуни улё ва Чоч... ба замимаи вилоёти шимоли бохтарӣ, ки дар асабби рӯди Сайҳун дар ботлоқҳои дарёи (кӯл ё баҳри Арал – Ҳ.П.) имдод доранд, ду иёлати боқимондаи дигар ҳастанд»[1].

Ле Стренҷ доир ба муайян намудани ҳудуди ҷуғрофии қисмати дигари қаламрави Сомониён – Хуросон назари худро, ки ҳамчунин ба маъхазҳо такя дорад, чунин иброз медорад: «...ин исм дар авоили қуруни вусто ба таври куллӣ бар тамоми иёлоти исломӣ, ки дар самти ховари Кавири Лут то кӯҳҳои Ҳинд воқеъ буданд, итлоқ мегардид... Ҳудуди хориҷии Хуросон дар Осиёи Вусто биёбони Чин ва Помир ва аз самти Ҳинд ҷиболи Ҳинд ва Кеш буд, вале баъдҳо ин ҳудуд ҳам дақиктару ҳам кӯчактар гардид, то он ҷо, ки метавон гуфт, Хуросон, ки яке аз иёлоти Эрон дар қуруни вусто буд, аз самти шимоли ховарӣ ва рӯди Ҷайҳун ба он тарафро шомил намешуд, вале ҳамчунон тамоми иртифооти мовароп Ҳиротро, ки акнун қисмати шимолӣ – бохтарии Афғонистон аст, дарбар дошт»[2].

Қобили қайд аст, ки муаррихи тоҷик Н.Неъматов бо такя ба маълумоти дар «Ҳудуду-л-олам» ва манбаъҳои боэътимоди дигар ҷой дошта, мулку вилоятҳои дар итоати пурраи Сомониён қарор доштаро нисбатан дақиқ муайян намуда, ба тариқи зайл нишон додааст: «Давлати Сомониён ду кишвари

[1] Ле Стренҷ Ҷуғрофиёи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ. Тарҷумаи Маҳмуди Ирфон. Чопи саввум. – Теҳрон, 1367. С.461-462.
[2] Ле Стренҷ Ҷуғрофиёи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ. С.408.

азим – Мовароуннаҳр ва Хуросонро дар бар мегирифт. Ба Мовароунаҳр тамоми вилоятҳои воқеъ дар шимолтари дарёи Аму дохил мешуданд. Дар байни онҳо Бухоро, Суғди Самарқанд, Истаравшан, Чоч, Илок, Фарғона, Кеш, Насаф аз ҷиҳати иқтисодӣ, маданӣ ва сиёсӣ мутараққитарин ба шумор мерафтанд. Вилоятҳои ҳавзаи болооби Аму ва шохобҳои он – Чағониён, Хуталон, Қубодиён, Аҳорун, Шумон, Вашгирд, Рашт, Кумед, Бадахшон, Карон, Шикинон, Вахон, Рушон, яъне вилоятҳои ҳудуди ҳозираи қисмҳои марказӣ, ҷанубӣ ва шарқии Тоҷикистону шимоли шарқии Афғонистон ба ин ё он дараҷа дар тасарруфи давлати Сомониён буданд.

Қисми дигари азими давлат – Хуросон ба маънои томаш вилоятҳои ҷанубу ғарбтари дарёи Аму – Балх, Гузганон, Ғарҷистон, Марв, Ҳирот. Худи Хуросон (ба маънои маҳдуди калима бо шаҳри асосиаш Нишопур)-ро фаро мегирифт»[1].

Муҳаққиқи муосири Эрон Муҳаммадризо Ноҷӣ дар асоси маълумоти аз сарчашмаҳои муътамад бардошта, раванди густариши ҷуғрофии давлати Сомониёнро возеҳ муайян намуда, чунин менависад: «Зуҳури Сомониён оғози даврони нав дар таърихи сарзаминҳои шарқии ҷаҳони ислом буд. Ин дудмон дар паҳнои густурдае, аз ҳудуди ғарбии Хуросон то ҳудуди Туркистон дар он сӯи рӯди Ҷайҳун (Амударё) фармон меронданд. Бар саросари ин қаламрав, ки Хуросонро дар ҷануб ва Мовароуннаҳрро дар шимоли рӯди Ҷайҳун дарбар мегирифт ва дар гузаштаи дур таҳти ду низоми султа идора мешуд, бо зуҳури Сомониён, ваҳдати сиёсӣ ҳукмфармо шуд, ки дар шакли хутбаи воҳид ба номи онон намуд меёфт»[2]. Дар ин радиф бояд боз аз як нукта ёдовар шуд, ки муаллифи номбурда, бо такя ба далелҳои муътамад ҳудуди Хуросони таърихиро аз марзҳои кунунӣ фарохтар нишон дода, қайд кардааст: «Хуросон пеш аз ислом ва дар адвори нахустини

---

[1] Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. С. 36.

[2] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе: ЭР-граф, 2011.

исломӣ бар маҳдудаи васеъе далолат дошт ва бахшҳое аз сарзаминҳоеро, ки акнун Осиёи Марказӣ ва Афғонистонаш меноманд, шомил мешуд... ва сарзаминҳои Мовароуннаҳр, хоразм ва Систон низ ҷузъи Хуросони Бузург ё Ховарон (Машриқ) ба шумор меомад ва аз ин ҷиҳат Сомониёнро «амирони Хуросон» мехонданд. Лекин ба мафҳуми хос ва дар таърифи ҷуғрофинигорони ин давра низ Хуросон вилояте буд, ки аз шимол то Ҷайҳун ва аз ҷануб то биёбонҳои Кавири (дашт) Намак ва Кавири Лут густарда буд»[1].

Маълумоту хулосаҳои ниҳоят зиёди дар маъхазу осори муҳаққиқон ҷой дошта, аз ҷумла таҳқиқоти ҷиддии муаррихи тоҷик С. Абдуллоев «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён»[2], зарурати таҳлили доманадори ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониёнро аз байн мебардорад. Аз ин рӯ, фақат ҳаминро қайд кардан лозим меояд, ки барои ба даст овардани ин паҳнои ҷуғрофӣ ба Сомониён фаъолияти муттасили мубоșризаи шадиди сиёсӣ бурдан лозим омад.

## Авзои сиёсӣ

Қариб дар тамоми осори муаррихони асрҳои IX-XIII ва чанде аз ин ба баъд доир ба авзои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр қабл аз Сомониён ва замони салтанати онҳо маълумот ҷой дорад. Вобаста ба аёнияте, ки қисме аз онҳо ба такрор омадааст, фақат ба он манбаъ ва адабиёти бештар воқеияти замонро инъикоскунанда, такя кардан лозим меояд.

Чи тавре аз раванди воқеаҳои ба соҳибҳокимиятии Тоҳириёну Саффориён иртибот дошта, ки дар боло ишора рафт, маълум мешавад, ки вазъи сиёсии хилофат дар нимаи аввали асри IX ниҳоят печидаву мураккаб буд. Ин ба қувват ги-

[1] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С.103-104. Ҳамчунин муфассалтар ниг.: Аҳмади Ранҷбар. Хуросони бузург. – Теҳрон, 1363. С. 86

[2] Ниг.: Абдуллоев С. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён. – Хуҷанд: ДДХ, 2001. – 374 с.

рифтани ҷунбишҳои ҷудоихоҳӣ дар тамоми қаламравӣ он, бахусус Хуросону Мовароуннаҳр мусоидат мекард. Таъсисёбии давлати мустақили Сомониён низ аз ҳамин вазъи сиёсии замон маншаъ гирифта буд. Аз рӯи маълумоти дар осори таърихии асрҳои IX-XIII ҷойдошта, ҳақиқате ба назар мерасад, ки ташкилёбии давлати мутамаркази Сомониён, авзои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳрро комилан муътадил карда натавонист. Қувваҳои марказгурези аз рӯи қонунияти ба давраи феодализм хос, ҳамеша аз худ дарак медоданд.

Муқовимати Наср бо Исмоил, ки бисёре аз муаррихони замон, хосатан Наршахӣ ба он ишора намудаанду ихтисоран дар боло қайд гардид, мисоли равшанест аз ноустувории авзои сиёсии давлати Сомониён. Аз маълумоти Наршахӣ бармеояд, ки бо гирифтани ҳокимияти қонунӣ ба Исмоил лозим омад, ки барои ҳифзи пойдории хилофат, ки амалан он замон ба фоидаи ӯ буд, ба муқобили туркҳо ба Тироз ҳуҷум карда, сипас ба муқовимати Амри Лайс хотима бахшад. Ба ин амали Исмоил ишора намуда, Наршахӣ қайд кардаст: «Ва чун хабари вафоти амир Наср ба амирулмуъминин Муътазид биллоҳ расид, маншури амали Мовароуннаҳр ба амир Исмоил бидод дар моҳи муҳаррам ба таърихи дувисту ҳаштод (март-апрели 893). Ва вай бо ҳамин таърих ба ҳарб ба Тироз рафт ва бисёр ранҷ дид. Ва ба охир амири Тироз берун омад ва ислом овард бо бисёр деҳқонон ва Тироз кушода шуд. Ва калисои бузургро масҷиди ҷомеъ карданд. Ва ба номи амирулмуъминин Муътазид биллоҳ хутба хонданд.

Ва амир Исмоил бо бисёр ғанимат ба Бухоро омад. Ва ҳафт сол подшоҳӣ кард ва амири Мовароуннаҳр буд, то онгоҳ, ки Амри Лайс бузург шуд ва баъзе аз Хуросон бигирифт ва рӯй ба ғазв ниҳод»[1].

Ба ин аз нахустин корномаи ҳарбии Исмоил ишора карда, муаррихи муосири Эрон М. Ноҷӣ қайд менамояд: «Накше таърихӣ, ки Исмоил ба унвони ҳокими Мовароунаҳр ба мерос

---

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 157.

бурд, дифоъ аз марзҳои шимолӣ дар баробари фишори биёбонгардони турк буд. Ӯ дар соли 280 ҳ.қ. /893 ба даруни даштҳо бар зидди харлуххо (қарлуқҳо) ва туркон лашкаркашӣ ва шаҳрҳои Тирозро тасхир кард»[1]. Бояд қайд кард, ки баъди ғалаба дар Тироз Исмоил даҳ ҳазор асир, аз ҷумла падар ва ҳамсари шоҳи туркро ба Самарқанд овард.

Дар маълумоти Наршахӣ ҷолиб он аст, ки ба ҳамаи ташвишу ҳарбе, ки Амри Лайс ба Исмоил раво дид, амир Исмоил дасти ҷаҳолат боло накарда, баъди шикаст ӯро бо хушнудии ҷавонмардона истиқбол намуд. «Ва Амри Лайсро, – менависад, Наршахӣ, – пеши амир Исмоил оварданд. Амри Лайс хост, ки пиёда шавад. Амири Мозӣ (лақаби Исмоил – Ҳ.П.) дастуре надод ва гуфт: «Ман бо ту он кунам, ки мардумон аҷаб доранд».

Ва бифармуд, то Амри Лайсро бо саропарда фурӯд оваранд ва бародари хешро ба нигоҳ доштани ӯ фиристод. Ва аз паси чаҳор рӯз Амрро бидид...

Амри Лайс Исмоилро гуфт: «Ман ба Балх даҳ харвор зар пинҳон кардаам, бифармой то биёваранд, ки имрӯз бад-ин сазовортарӣ».

Амир Исмоил кас фиристод ва биёварданд, ҷумларо ба наздики Амри Лайс фиристод. Ҳарчанд илхоҳ карданд, ҳеҷ қабул накард «[2].

Исмоил баъди гирифтани фармони халифа барои ба назди ӯ фиристодани Амри Лайс, ночор ва бо афсӯси зиёде фармонро иҷро карда, аз халифа хоҳиш намуд, ки ӯро ба қатл нарасонад. Ин хоҳишро халифа қабул кард. Дар муддати ду сол Амри Лайсро дар назорати яке аз ходимон нигоҳ дошта, баъди вафоти халифа Муътазид, соли 903 ӯро ба қатл расонданд[3].

---

[1] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни ислом дар қаламрави Сомониён. Душанбе: ЭР-граф, 2011. С.51.
[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.162, 164.
[3] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 164-165.

Баъди ғалаба аз болои Амри Лайс соли 900 ҳокимияти пурраи тамоми Хуросону Мовароуннаҳрро расман ба ихтиёри амир Исмоил гузашт, ки ин сана ба таъсисёбии давлати комилан мустақили Сомониён ибтидо гузошт.

Бояд қайд кард, ки Наршахӣ пурра дар итоати халифа қарор доштани Исмоилро то андозае муҳобот кардааст. Ин аз эътиқоди баланди динии ӯ ва дар ин замина ҷонибдории эътирофи нуфузи халифа бармеояд. Ин назари Наршахӣ дар чунин баҳои ба Исмоил додаи ӯ равшан зоҳир мегардад. «Ва ҳеҷ кас аз оли Сомон, – таъкид намудааст ӯ, – босиёсаттар аз вай (Исмоилро дар назар дорад – Ҳ.П.) набуд, бо он, ки зоҳид буд, дар кори мулк ҳеҷ муҳобо накардӣ ва пайваста халифаро итоат намудӣ. Ва дар умри хеш як соат бар халифа осӣ нашудӣ ва фармони ӯро бағоят устувор доштӣ»[1].

Вале аз маълумоти дар дигар манбаҳо ҷой дошта бармеояд, ки дар фаъолияти Исмоил, агар аз фиристодани тухфаҳо сарфи назар намоем, қариб пурра сиёсати мустақилона пеш мебурд. Махсус барои ҳифзи пойдории қаламрави хилофат сипоҳ ҷудо накардани Исмоил нишондиҳандаи мустақилияти ӯ ҳисоб меёбад.

Амалиёти ҳарбии дар замони ҳокимияти Исмоил сурат гирифта, аз як тараф аз номусоидии вазъи сиёсӣ дарак диҳад, аз тарафи дигар, далелест аз пурра мутамарказияти давлатро дар дасти худ нигоҳ доштани ӯ.

Дар «Таърихи Табарӣ» маълумоти зиёде доир ба ҷангҳои доманадори Қутайба дар Мовароуннаҳр, ҷанги Асад дар Хатлон, воқеаҳои солҳои 738-777 дар Хуросон сурат гирифта, тафсилоти давлатдории Тоҳириён, зуҳури хонадони Саффориён ва ахбори мухтасар доир ба давлати Сомониён то соли 915 оварда шудааст.

Дар ин асари Табарӣ дар баробари тафсилот доир ба давлати Сомониён, аз ҷанги Исмоил ибни Аҳмад бо туркон соли

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 165.

280 ҳ.қ. (893-894), чунин маълумот медиҳад: «Дар ин сол (893/94 – Ҳ.П.) хабар расид, ки Исмоил ибни Аҳмад ба ғазои диёри турк рафт ва чунон ки мегуфтанд, шаҳри подшоҳашонро кушода ва ӯро ҳамроҳи занаш Хотун ва наздики даҳ ҳазор кас асир гирифта, бисёр кас аз онҳоро кушта ва асбони бисёр ба ғанимат гирифта, ки шумори онҳо дониста нест ва [ҳар] савори мусалмон ба ҳангоми тақсими ғанимат ҳазор дирҳам гирифтааст»[1]. Бояд қайд кард, ки Табарӣ аз миёни муаррихон аввалин шуда доир ба ин набарди Исмоили Сомонӣ бо туркон маълумот оварда аст ва муаллифони баъдина ба ин ахбори ӯ такя кардаанд.

Ҷайҳонӣ ба сари қудрат омадани Исмоилро нишон дода, аз ҷумла қайд кардааст: «Ва оли Сомон подшоҳони Мовароуннаҳр гаштанд то Исмоил ибни Аҳмад. Чун Муътазид шаҳомату дигар мардонагӣ ва кифояти ӯ бидид, ӯро ба Амр ибни Лайс гумошт, то ӯро бишкаст ва бигрифт. Ва подшоҳии Хуросону Мовароуннаҳру Ҷурҷону Табаристону Райю Абҳару Занҷон ӯро шуд. Баъд аз ӯ Аҳмад ибни Исмоил подшоҳи ин ҳама буд ва Систонро фатҳ кард. Асари адли ӯ дар ҷаҳон тоза гашт»[2].

Ҳамчунин муаллифи «Таърихи Гардезӣ» доир ба лашкаркашиҳои бобарори Исмоил мухтасар маълумоти хеле ҷолиб овардааст: «Ва чун вилояти Хуросон мар Исмоилро гашт ва аҳду ливои Муътазид бирасид, Исмоил ибни Аҳмад мар Муҳаммад ибни Ҳорунро бифиристод, то Гургону Табаристон бигирифт. Ва [ҳокими Табаристон] Муҳаммад ибни Зайд ибни Муҳаммадро бигирифт ва сӯи Исмоил фиристод. Ва Исмоил Гургону Табаристон мар Муҳаммад ибни Ҳорунро

---

[1] Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русул ва-л-мулук. Китоби 8. Иборат аз ҷилдҳои 14, 15, 16. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014 С. 5757.

[2] Абулқосим ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. С. 43.

дод»[1]. Бояд қайд кард, ки ин интихоби Исмоил хато буд. Дере нагузашта Муҳаммад ибни Ҳорун ба ӯ хиёнат карда, аз итоат баромад. Исмоил ба хулосае омад, ки ӯро ба ҷазо расонад. Гардезӣ ин амали Муҳаммадро ба тариқи зайд овардааст: «Ва чун якчанде баромад, Муҳаммад ибни Ҳорун осӣ шуд ва Исмоил қасди ӯ кард ва ба Рай шуд ва Ӯкуртамиш кушта шуд. Ва Муҳаммад ибни Ҳорун бо ду писар дастгир шуданд. Ва ин фатҳ ҳафтдаҳуми раҷаб буд санаи тисъа ва самонина ва миатайн (289 ҳ. / 27 июни соли 902 м.)».

Аз рӯи маълумоти дар «Таърихи Гардезӣ» омада Исмоил баъди ин ғалаба Аҳмад ибни Саҳлро ҳокими Гургону Табаристон таъйин намуда, худаш ба Нишопур бозгашт. Ин ба давраи вафоти халифа Муътазид ва ба ҷои ӯ тахти хилофатро ишғол кардани Муктафӣ рост омад. Халифи нав ба ҷуз Хуросон вилоятҳои Рай, Қазвин ва Зангонро ба Хуросон зам намуда, ба ӯ бахшид[2].

Дар бисёре аз маълумоти муаррихони ин замон қайд гардидааст, ки тавассути лашкаркашии моҳирона, сиёсатмадориву кордонӣ Исмоил тавонист ба бодиянишинони мутассил ҳуҷумкунанда зарба зада, бехатарии давлатро таъмин намояд. То замони ӯ барои аз тохтутози кӯчиён эмин нигоҳ доштани деҳоту кишт аҳолии маҳаллӣ деворҳои баланд сохта дидбонгоҳҳо мегузоштанд. Девори Бухоро низ аз рӯи ин зарурат бояд сохта мешуд. Ин маҷбурияти ба зиммаи аҳолӣ гузошта ниҳоят заҳматталаб буд. Ибораи ба Исмоил нисбат додаи «То вақте ки зиндаам, бораи Бухоро ман ҳастам» аз ҳамон воқеъяти замон ва қаҳрамонии Исмоили Сомонӣ маншаъ мегирад.

---

[1] Таърихи Гардезӣ. Таҳия ва нашри электронии Алиризо Каёнӣ ва Эҳсон М. Торнамои WWW TARHFA COM. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1363. – Баргаи 160; Ҳамчунин ниг.: Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсӣ). – Хуҷанд: Нашр. давл. ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. С.103-104.

[2] Таърихи Гардезӣ. Таҳия ва нашри электронии Алиризо Каёнӣ ва Эҳсон М. – Б. 160-161

Наршахӣ аз бемории Исмоил ёдовар шуда, қайд намудааст, ки ӯ дар деҳаи дӯстдоштааш Размози назди Бухоро дар зери дарахти чормағзи бузурге 15 моҳи сафар соли соли 295 (25 ноябри 907) аз дунё гузашт «ва ӯро лақаб «Амири Мозӣ» карданд»[1].

Пас аз вафоти Исмоил писараш Абӯнаср Аҳмад (907-914) ба тахт нишаст. Халифа Муктафӣ ин ҷойгузиниро соли 908 бо маншураш тасдиқ намуд. Вале ӯ мисли падараш оромии мамлакатро таъмин карда натавонист. Аввалин шахсе, ки ба муқобили ӯ қиём бардоштанӣ шуд, амакаш Исҳоқ ибни Аҳмад буд. Аз ин хабардор шуда, Аҳмад Исҳоқро аз Самарқанд ба Бухоро даъват карда, ба муддати се сол ӯро дар маҳбас нигоҳ дошт ва баъди озод кардан ба Самарқанду Фарғона фиристод.

Дигар хавфи ба Аҳмад ибни Исмоил таҳдидкарда, аз тарафи волии собиқи Табаристон ал – Ҳасан ибни Алӣ (Наршахӣ ӯро чун Ҳусайн ибни Алоъ нишон додааст), аз сабаби кар (камшунаво) будан бештар бо лақаби ал-Утруш маъруф буд. Ин вазифаи маъмуриро ба ӯ Исмоил дод. Акнун, ки Аҳмад ба ҷояш Абулаббосро таъйин намуд, сабаби муқобилияти шадиди ӯ гардида, Табаристонро ишғол намуд. Чунин ҷунбиши ҷудоихоҳӣ дар Систон сар зада, фақат дар соли охири ҳокимияти Аҳмад (914) ба итоат даромад.

Бо шунидани хабари аз даст рафтани Табаристон, Аҳмад сахт андӯҳгин шуда буд. Ҳангоми шикор дар Фарибари соҳили Ҷайҳун, шабона ба хаймаи хобаш чанде аз ғуломон даромада, сарашро аз тан ҷудо карданд. Наршахӣ дар баробарӣ аз ноустувории сиёсии замони Аҳмад ибни Исмоил маълумот додан, ба ин фоҷиа ишора карда, қайд намудааст: «Ҷамоате аз ғуломони амир даромаданд ва сарашро бибуриданд дар панҷшанбеи ёздаҳуми ҷумодиюлахир, дар соли сесаду як аз ҳиҷрат (12 январи 914). Ва ӯро ба Бухоро овар-

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 165-166.

данд ва дар гӯрхонаи Навканда ниҳоданд. Ва ӯро «Амири Шаҳид» лақаб карданд»[1].

Аз маълумоти дар осори ҳамзамонон, хосатан Наршахӣ ҷой дошта, хулосае бармеояд, ки вазъи сиёсии давлати Сомониён дар давраи ҳокимияти Аҳмад ибни Исмоил нисбат ба замони амир Исмоил то андозае ноустувор гардида буд.

Баъд аз марги нобаҳангоми Аҳмад ибни Исмоил, наздикони ӯ писари ҳанӯз хурдсолаш (ҳамагӣ ҳашт сол дошт) Абулҳасан Наср ибни Аҳмадро (Насри II) ба тахти давлатдорӣ шинонданд. Аз ахбори сарчашмаҳо бармеояд, ки дар ин кор хизмати вазир Ҷайҳонӣ ҳалкунанда будааст. Аз ахбори Гардезӣ, Абулфазли Байҳақӣ, «Таърихи Систон», Ибни Асир, Минҳоҷи Сироҷ ва ғайра, ки қариб такрори якдигаранд, барои ба дарозо набурдани шарҳ, фақат ба маълумоти дар «Дунболаи Таърихи Табарӣ»-и Урайб ибни Саъди Куртубӣ ва «Таърихи Бухоро»-и шоҳиди замон Наршахӣ муроҷиат мекунем.

Қуртуби ба авзои ноустувори сиёсии давлати Сомониён баъди даргузашти Аҳмад ибни Исмоил ишор карда, ба зайли мухтасар чунин овардааст: «Дар моҳи шаъбон (марти 914) хабар омад, ки Аҳмад ибни Исмоил – фармонравои Хуросонро ғуломонаш куштаанд, дар бистараш ба ғофилгирӣ. Ва чунон шуда буд, баъзе аз онҳоро ҳаросон карда буд, ки ба куштани вай ҳамсухан шуда буданд, пас аз он дигар ғуломонаш фароҳам шуданд ва корро мазбут доштанд ва бо писараш – Наср ибни Аҳмад байъат карданд. Номаи Наср ба Муқтадир расид, ки хоста буд фармон барои вай таҷдид шавад, номаҳои амӯҳо ва писарамӯҳои вай расид, ки ҳар кадомашон яке аз навоҳии Хуросонро мехостанд, аммо халифа танҳо писари Аҳмадро вилоятдор кард ва кор бад ӯ хатм шуд»[2]. Дар ин маълумот ба ду матиқ бояд диққат дод: дар ин

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.169-170.

[2] Қуртубӣ. Дунболаи Таърихи Табарӣ. Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 8 иборат аз ҷилдҳои 14, 15, 16. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014. С. 5882-5883.

лаҳзаи фоҷиабор амаку писарамакони Насри II дар талаби қатъии соҳибистиқлолиятии мулкӣ буда, аз халифа инро хоҳиш кардаанд; сонияи барои расман соҳибтахт эълон шудани намояндаи сулолаи Сомониён фармони (маншур) лозим будааст, ки ин дар назари аввал соҳибистиқлолиятии пурраи онҳоро зери суол мегузорад. Вале аз диди мо, ки аз мантиқи маълумоти дар маъхазҳо бармеояд, ин анъанаи аз давраҳои аввали хилофат ва то андозае то замони Сомониён боқӣ монда, акнун фақат хусусияти рамзӣ (номиналӣ) дошт. Ин аз рӯи маълумоти Наршахӣ доир ба соҳибтахт шудани Насри II оварда равшан ба назар мерасад. Аз рӯи мазмуни он иқдоми вазир Ҷайҳонӣ ва дигар соҳибмансабони дарбор меҳварӣ будааст.

Бояд қайд кард, ки муаллифи «Таърихи Бухоро», аз як тараф вазъи ноустувори сиёсӣ ва талоши зимомдорони давлатро нишон дода бошад, аз тарафи дигар дастовардҳои ба иқтидори пурраи давлатдорӣ соҳиб шудани Наср ибни Аҳмадро хеле равшан қайд кардааст. Барои эҳсоси дақиқи вазъи замон бевосита ба чунин маълумоти Наршахӣ рӯ овардан ҷоиз аст: «Чун аз дафни Амири Шаҳид фориғ шуданд, писари ӯ Насрро «Саъид» лақаб карданд ва вай ҳаштсола буд. Ва вазорати ӯ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Ҷайҳонӣ гирифт ва сипаҳсолор Хамуя ибни Алӣ шуд ва ӯро «Соҳибвуҷуди Хуросон» хонданди»[1].

Сипас Наршахӣ вазъи ноустувори сиёсии ин давраи ниҳоят ҳассосро, ки ҳам душманони беруна ва ҳам салтанатхоҳони ба дарбор наздик, аз он истифода бурданӣ шудаанд, вале барабас рафтани кӯшиши онҳоро ба тариқи зайл овардааст: «Ва кори Амири Саъид (Насри II – Ҳ.П.) ба аввал заиф буд. Ва ба ҳар ҷой фитна падид омадӣ. Амми (амаки – Ҳ.П.) падари вай – Исҳоқ ибни Аҳмад ба Самарқанд байъат хост ва аҳли Самарқанд бо вай байъат карданд. Ва писари ӯ Абӯсолеҳ Манс-

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 169.

ур ибни Исҳоқ ба Нишопур хуруҷ кард[1] ва баъзе аз шаҳрҳои Хуросон бигирифт. Ва кори Исҳоқ ибни Аҳмад ба Самарқанд қавӣ шуд. Амири Саъид сипаҳсолори худ Ҳамуя ибни Алиро фиристод ба ҳарб. Исҳоқ ба ҳазимат шуд ва лашкар ба Самарқанд даромад... (Самарқанд се маротиба аз даст ба даст гузашт – Ҳ.П.).... Ва ҳамаи Хуросону Мовароуннаҳр бар Амири Саъид софӣ шуд ва дар Форс ва Кирмон ва Табаристон ва Гургон ва Ироқ хутба ба номи ӯ гуфтанд»[2].

Наршахӣ аз оқибати фитнаю муқобилияти авлодиро, ки Насри II бо такя ба хираду корозмоиҳои Ҷайҳонӣ ва дигар намояндагони аҳли дарбор шикастааст, чунин ёдовар шуда: «Алқисса бародарони дигари вай хуруҷ карданд ва бисёр фитна ангехтанд ва ба оқибат Абӯзакариё, ки асли фитна буд, бигрехт бо мардуми андак. Ва бебаргу бенаво ба Хуросон рафт. Ва бародарони дигар амон хостанд. Амири Саъид эшонро амон дод ва ба наздики хеш овард, то он фитна биоромид»[3]. Вале аз рӯи дигар маълумоти мавҷуда, бародарон гарчанде сари таслим фуруд оварда бошанд ҳам, аз раъйи худ нагашта, барои балвои нав фурсат меҷустанд. Ин буд, ки онҳоро дар маҳбас нигоҳ медоштанд.

Ҳангоми дар Нишопур будани амир Наср (соли 930) бародаронаш Абӯзакариёи Яҳё, Абӯсолеҳи Мансур ва Абӯисҳоқи Иброҳим, бо қисми зиёди зиндониёни Бухоро, аз ҷумлаи дайламиён, алавиён ва айёрон бо кумаки Абӯбакри Ҳаббози Исфаҳонӣ, ки нигаҳдошту хизмати ин се бародар ва чанде аз лашкариён ба зиммааш буд, аз зиндон гурехта, хазина ва қасрҳои Насрро ба ғорат бурданд. Наср оҷилан ба Бухоро баргашт ва исёнгарони ба Нишопур фирор кардаро шикаст

[1] Писари ҳамон Исҳоқ ибни Аҳмад, ки волии Самарқанд буда, бо писараш Илёс бар зидди Наср ибни Аҳмад исён бардоштааст. Абӯсолеҳро дар вақташ Исмоил ҳокими Рай таъйин карда буд. Соли 910 писари Исмоил Аҳмад ӯро волии Систон таъйин намуд. Акнун ӯ ба муқобили Насри II-и 8-сола, ки ба тахти амирӣ шинонда шуд, исён бардошт.
[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 169.
[3] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 170.

дод. Дар ин раванд бояд аз наҳзатҳои мухталиф, аз ҷумла шииёни дар Нишопуру Бухоро буда, ки вазъи сиёсии давлати Сомониёнро ноустувор мегардонданд, ёдовар шуд[1].

Бояд қайд кард, ки Ибни Асир вазъи сиёсии замони ҳукмронии Насри II-ро (914-943) бо пайдарҳамии воқеаҳо нишон дода, аз ҷумла чунин хуруҷу исёнҳоро қайд кардаст: «Аз касоне, ки тан ба тоати ӯ (Насри II) надодаанд, аҳолии Систон буданд, ҳамчунин амми (амаки ) падараш – Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асад дар Самарқанд ва ду фарзандаш – Мансур ва Илёс ва низ Абулҳасан ибни Юсуф ва Ҳусайн ибни Алии Марврӯдӣ ва Муҳаммад ибни Ҳид ва Аҳмад ибни Саҳл ва Лайло ибни Нӯъмон – сарвари алавиёни Табаристон, Симҷур бо Абулҳасан ибни Носир ва Қаротегин ва Мокони Кокӣ бо ӯ мухолифат карданд. Бародарони ӯ – Яҳё, Мансур, Иброҳим – фарзандони Аҳмад ибни Исмоил ва Ҷаъфар ибни Абӯҷаъфар, Ибни Довуд, Муҳаммад ибни Илёс, Наср ибни Муҳаммад ибни Мут, Мардовиҷ ва Вушмгир – ду фарзанди Зиёр бар ӯ қиём карданд ва Саъид (Наср ибни Аҳмад) бар ҳама пирӯз шуд»[2]. Ин ҳаводиси ба мухолифатҳои зидди Наср иртибот дошта, дар «Таърихи Гардезӣ» низ ба тафсил оварда шудааст[3].

Аз маълумоти дар боло ишораёфта, хуласае пеш меояд, ки замони Насри II ба ҳамаи санъату хиради ҳокимиятдории ӯ ва шахсиятҳои таърихии дар хизмати идораи умур ва сиёсати давлат қарордоштаи замон, аз ҷумла Ҷайҳонӣ нигоҳ накарда,

---

[1] Ниг.: Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 101-106.

[2] Ибни Асир. Ал-Комил фӣ-т-таърих // Сомониён дар оинаи Таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. – 325. Доир ба ин хуруҷу исёнҳо муфассалтар ниг.: Тарҷумаи тоҷикии ҳамин асар дар китоби номбурда. С.319 – 368.

[3] Ниг.: Таърихи Гардезӣ. Таҳия ва нашри электронии Алиризо Каёнӣ ва Эҳсон М. Торнамои WWW TARHFA COM. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1363. – Баргаи 163-166; ҳамин матн. Таърихи Гардезӣ // Сомониён дар оинаи таърих. ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд. 1998. С.106-112.

аз рӯи амали қонунияти барои замони феодалӣ хос, авзои сиёсии давлати Сомониён пурра орому субот ёфта наметавонист. Вале дар таърихи давлатдории ин сулолаи тоҷиктабор Насри II баъди шукӯҳи соҳибтахтии Исмоил нақши пойдоре гузоштааст. Аз хислатҳои неки ӯ Наршахӣ ёдовар шуда, қайд кардааст: «Ва Амири Саъидро сиву як сол мулки ӯ буд. Ва подшоҳи одил буд. Ва ӯ аз падари хеш одилтар буд. Ва шамоили ӯ бисёр будааст, ки агар ҳамаро ёд кунем, дароз гардад»[1]. Ибни Асир низ ин хислати Насрро қайд карда, ишора намудаст: «Муддати аморати ӯ сӣ солу сиву се рӯз, умри ӯ сиву ҳашт сол буд. Ӯ бурдбор ва сахӣ ва хирадманд буд»[2].

Аз рӯи маълумоти ба Ибни Асир дастрасшуда, Наср аз бемории сил фавтидааст. Дар он сол, – қайд намудааст муаллиф, – моҳи раҷаб (марти 943), амири саъид Наср ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ – амири Хуросон ва Мовароуннаҳр вафот ёфт. Бемории ӯ сил буд, ки сездаҳ моҳ давом кард». Аз рӯи шарҳи вазъи хонадони Сомониён дар ин рӯзи реҳлати Наср, маълум мегардад, ки шахсияти ба тахт муносиб қариб намонда будааст. Ба ин ишора карда, Ибни Асир менависад: «Ҳеҷ яке аз бузургони хонадони давлати Сомон зинда намонда буд, зеро фанои якдигар кӯшиданд ва баъзе ҳам бо марги табиӣ даргузаштанд»[3]. Худи ҳамин ишора бозгӯе аз вазъи фоҷиабори сиёсии замони ҳокимиятдории Насри II.

Дар зикри ҳаводиси ба марги Насри II ва ба сари тахт омадани писараш Нӯҳ, қариб дар ҳамаи сарчашмаҳо як далел ё ривояти дар боло ишораёфта тафсир шудааст. Вале дар ин бора танҳо Низомулмулк ахбори дигареро овардааст, ки ботил донистану сарфи назар кардани он маънии аз талаботи ҳақиқатнигории таърихӣ масофа ҷустанро дорад.

Аз рӯи мазмуни маълумоти дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк омада, дар замони амирии Наср ибни Аҳмад яке аз му-

---

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.171.
[2] Ибни Асир. Ал-Комил фӣ-т-таърих // Сомониён дар оинаи Таърих. Ҷилди дувум С.356-357.
[3] Ҳамон ҷо. С.356

холифони он, Ҳусайн ибни Алии Марварудӣ, ки ба мазҳаби ботиниён (исмоилиён) гаравида буд, ин шуғлро пеш аз вафот ба яке аз наздиконаш бо номи Муҳаммад ибни Аҳмади Нашхабӣ васият кард, ки аз Ҷайхун гузашта, ба Бухорову Самарқанд рафта, ин мазҳабро дар байни мардум паҳн намояд. Нашхабӣ «аввал мардумонро ба мазҳаби шиъа мекашид, он гаҳ ба тадриҷ дар мазҳаби ботиниён мебурд, то раиси Бухорову соҳиби хироҷ ва деҳқонону аҳли бозорро дар ин мазҳаб овард»[1].

Бо мурури зиёд шудани пайравонаш, Нахшабӣ майли подшоҳро ба ин мазҳаб кашидан намуд. Низомулмулк ин нияти ӯро чунин овадаст: «Чун табаи ӯ бисёр шуданд, оҳанги подшоҳ кард ва хавосси подшоҳро бар он дошт, то сухани ӯро бо мастиву ҳушёрӣ пеши Наср ибни Аҳмад ёд мекарданд. Чандон гуфтанд дар мастиву ҳушёрӣ, ки Наср ибни Аҳмад ба дини ӯ рағбат кард. Пас Муҳаммад Нахшабиро пеши амири Хуросон бурданд ва ба доноӣ ӯро бисутуданд. Амири Хуросон ӯро харидор шуд ва азиз медошт... Дар ҷумла, кори ӯ ба ҷое расид, ки Наср ибни Аҳмадро даъват кард ва Муҳаммади Нахшабӣ бад-ин чунон муставлӣ гашт, ки подшоҳ он кардӣ, ки ӯ гуфтӣ. Ва кори Нахшабӣ бад-ин ҷой расид, ки даъват ошкоро кард ва ҳар ки аз наздикони подшоҳ буданд, нусрати ӯ карданд. Ва мазҳаб ошкоро шуд ва подшоҳ ҳампуштии шиъаён мекард. Туркон ва сарони лашкарро нохуш омад, ки подшоҳ қарматӣ шуд. Ва он рӯзгор ҳар ки дар ин мазҳаб шудӣ, ӯро қарматӣ хонданди»[2].

Гаравидани шоҳ ба мазҳаби дигар табиист, ки вазъи сиёсии мамлакатро хеле ноором гардонд. Мардуми маъмур ва нуфузманди Бухоро ва атрофи он рӯ ба сипаҳсолорон оварда, шикоят бурданд, ки шоҳи карматӣ дигар наметавонад, ки шоҳи мо бошад. Дигар рӯз ин хабарро ба Наср ибни Аҳмад

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. Таҳияи матн, пешгуфтор, тавзеҳот ва луғот аз А.Ҳоҷиев. – Душанбе: «Шарқи озод», 1998. С.194-195.
[2] Низомулмулк. Сиёсатнома (1998). С.195-196.

расонданд, вале ӯ аз раъйи худ нагашт. Аз рӯи маълумоти Низомулмулк оварда, сипаҳсолорони турк ба хулосае омаданд, ки бо роҳи суйиқасд шоҳро кушта, намояндаи худро ба тахт нишонанд. Барои иҷрои ин мақсад аз сипаҳсолори бонуфузи солхӯрда – Тулунуко тадбир пурсиданд. Маслиҳат шуд, ки он сипаҳсолор дар сарои худ бояд базме ороста, тамоми сарҳангони лашкар ва бузургонро даъват намояд. Барои гузаронидани ин базми бошукӯҳ аз хазина ва шаробхонаи шоҳ чизи зарурӣ аз ҷумла «зарринаву симина ва фаршу дебо» ба орият гирифта, ба сарои хеш бибарад. Ин ба он мақсад буд, ки баъди базм он ганҷҳоро ба сарони лашкари ҳузур дошта бахшанд. Нақша он буд, ки баъди таъому шароб хӯрдан, ҳама бояд қасам ёд мекарданд, ки шоҳи аз дин баргаштаро кушта, ҳамин сипаҳсолори солхӯрдаро ба тахт нишонанд.

Дар рӯзи таъйиншуда базм ороста шуд. Яке аз надимон ноаён ба назди Нӯҳ ибни Наср омада, ӯро аз ин нақша огоҳ кард. Нӯҳ оҷилан ин хабарро ба падар расонд. Наср бо писараш Нӯҳ маслиҳати тадбир намуда, ба хулосае омаданд, ки бояд ба сарои ин зиёфат ороcташуда, ду ходимро фиристода, ноаён соҳиби маъракаро барои гирифтани инъоми қимати ба ин зиёфат шукӯҳбахшанда, ба назди шоҳ даъват намоянд. Ҳамин ки ӯ ҳозир шуд, сарашро бурида, ба турба андохта, падару писар ба сарои базм рафта, дар назди ҷамоа, Наср писараш Нӯҳро бояд валиаҳд эълон карда, ба тахт нишонад.

Ҳамин тавр падару писар ба марака ҳозир шуданд. Аҳли суҳбат бо чашми ҳайрат ба шоҳу писараш нигариста, аз ҷой бархостанду онҳоро ба ҷойи барояшон муносиб шинонданд. Баъди фориғ шудан аз таъому шароб шоҳ Наср ибни Аҳмад ба аҳли базм рӯ оварда гуфт: «Бидонед, ки он чи шумо дар ҳаққи ман андешидаед, маро хабар шуд, ки қасди ман хостед кардан. Дили шумо бар ман бад шуд ва дили ман бар шумо. Дар миёни мо рӯи эминӣ дигар намондааст. Агар ман аз роҳи суннат биафтодам ва мазҳаби бад гирифтам, дилҳои шумо аз ин сабаб бад шуд.. Нӯҳро, ки писари ман аст, дар ӯ ҳеҷ айбе ҳаст?» Гуфтанд: «На». Гуфт: «Ӯро валиаҳди хеш

кардам, подшоҳи шумо акнун ӯст. Агар хато кардам ва агар савоб, баъд аз ин ба узру тавба машғул шавам ва мағфират аз Худои таоло мехоҳам, ки магар Худои таоло тавбаи маро қабул кунад. Ва он кас, ки шуморо бар ин дошт, ҷазои хеш ёфт». Фармуд то он сар аз турба бароварданд ва пеши эшон андохтанд. Ва худ аз тахт фурӯд омаду бар мусаллии намоз биншаст ва Нӯҳ бар тахт шуду ба ҷои падар бинишаст»[1]. Вақти шунидани ин суханони Наср ва ба тахт нишастани Нӯҳ, ҳозирини моту маҳбут шуда, дафъатан сари таъзим фуроварда, шоҳи навро таҳният гуфта, изҳор доштанд, ки «ҳама ҷурм сипаҳсолорро буд ва мо бандаему фармонбардор». Акнун шоҳи нав бо як ғурури барои аҳли нишаст умедбахш гуфт: «Ман дар ҳамаи маонӣ Нӯҳам, на Наср, ҳар чи рафт, рафт. Ман ин хатои шумо савоб ангоштам ва муродҳои шумо ҳама аз ман ҳосил аст. Гӯш ба фармони ман доред ва бар сари айши хеш бошед».

Пас банд хост, то бар пои падар ниҳоданд ва дарҳол ба куҳандиз бурданд ва маҳбус карданд. Гуфт: «Акнун бархезед, то ба маҷлиси шароб шавем».

Чун ба маҷлис биншастанд ва ҳар кас се қадаҳ шароб бихӯрданд, Гуфт: «Иттифоқи шумо чунон буд, ки се қадаҳ шароб бихӯред, олоти маҷлис ҳама баргиред ва бар якдигар қисмат кунед. Ҳар касе се олати маҷлис баргиранд, то ба ҳамагинон бирасад».

Ҳама бардоштанду дар ҷуволҳо карданд ва муҳр барниҳоданду ба муътамаде супурданд»[2].

Дар анҷоми ин нишасте, ки натиҷаашро табаддуллот гуфтан равост, Нӯҳ супориш дод, ки ба таъқиби пайравони Муҳаммади Нахшабӣ ва падараш оғоз намуда, ҳамаро ба қатл расонанд. Ба ин вазъ ишора намуда, Низомулмулк нигоштааст: «Пас Ҳасан ва Абӯбакр ва Мансури Чағонӣ ва Ашъасро бо чандон амир, ки ботинӣ шуда буданд, гардан бизаданд ва

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. С.198-199.
[2] Низомулмулк. Сиёсатнома. С.199

дар шаҳрҳо афтоданду ҳар киро аз эшон меёфтанд, мекуштанд... Пас ҳафт шабонарӯз дар Бухорову ноҳияти он мегаштанду мекуштанд ва ғорат мекарданд, то чунон шуд, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон яке аз эшон намонданд ва он ки монд, дар ошкоро наёрист омад ва ин мазҳаб пӯшида бимонд»[1].

Муддао аз ба дарозо кашидани шарҳи чи тавр ба тахт расидани Нӯҳ аз рӯи баёни Низомулмулк, сабаб он аст, ки дар дигар маъхазҳо чунин маълумот, чи тавре дар боло ишора ёфт, бо дигар маънӣ омадааст.

Акнун суоле пеш меояд. Кадоме аз маълумоти доир ба ин тавр анҷом ёфтани қисмати Насри II ба ҳақиқат наздик аст? Албатта бо қатъият ҳар кадомеро қабул кардан ниҳоят мушкил ба назар мерасад. Фақат хулосае пеш меояд, ки муаллифони дар мавқеи зидди ботинияи замони Сомониён шояд бештар майли инро ифшо накардан доштаанд. Баъди пош хӯрдани давлати Сомониён муаррихони дар хизмати ҳокимони суннимазҳаб буда низ аз овардани ин воқеияти ҳол худдорӣ намудаанд. Вале Низомулмулки шофеимазҳаб, ки дар хизмати Салҷуқиён (вазири дарбори Алпарслон – с. 1062-1072 ва писараш Маликшоҳ – с. 1072-1092) қарор дошт ва душмани сарсахти исмоилиён буд ва дар натиҷа дар вақти бо Маликшоҳ ҳамсафар будан дар наздикии Кирмошоҳ соли 1092 аз тарафи яке аз фидоиёни исмоилия кушта шуд,[2] ин ахборро пинҳон надошт. Аз ин ҷост, ки ифшои ҳақиқати ба сари тахт омадани Нӯҳ дар давраи соҳибдавлатии туркманони Салҷуқӣ осонтару бехавфтар буд. Аз тарафи дигар ин маълумотро чун ҳақиқати бебаҳс қабул кардан, дар ҳолати рӯи даст набудани дигар далели онро тасдиқкунанда, низ шубҳаомез ба назар мерасад. Аз ин рӯ то пайдо шудани ягон маълумоти

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. С.199-200. Ин маълумоти дар фасли чиҳилу ҳафтуми Сиёсатнома омада, ҳамчунин ниг.: Низомулмулк. Сиёсатнома. Ба чоп тайёркунанда А.Девонақулов. – Душанбе: Адиб, 1989. С.152-158.

[2] Ниг. Пешгуфтори таҳиягари «Сиёсатнома А Ҳоҷиев. Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе: Шарқи озод. 1998. С. 12-19.

боэътимоди маъхазӣ, эътирофи мусовии ҳар ду тахмин боқӣ мемонад. Эътирофи тахмини дувум (дар маҳбас фавтидани Наср) боз аз он пеш меояд, ки дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ бо такя ба дигар маълумот омадааст: «Ва Амири Ҳамид (Нӯҳ) аз дунё бирафт (августи 954). Ва муддати мулки дувоздаҳ сол буд.

Ва Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Наср гӯяд, ки Муҳаммад ибни Ҷаъфар ан-Наршахӣ ин китоб бо номи ӯ кардааст, ба аввали аҳди вай (943-944). Ва он чи дар аҳди Амири Ҳамид будааст, ба тамомӣ дар китоби хеш ёд накардааст». Яъне он чи доир ба Нӯҳ дар китоб омадааст, дар таълифи баъдинаи он илова шудааст. Аз тарафи дигар, ал-Қубовӣ, ки ин асарро соли 1128 аз арабӣ ба форсӣ тарҷума кард, чунин ишорае дорад: «Ва чун дар он нусхаи арабӣ зикри чизҳое буд, ки бар он маслиҳате бозбаста набуд ва низ табиатро аз хондани он малолат афзудӣ, зикри он чизҳо карда нашуд»[1].

Доир ба ин тахмину ривояту ҳақиқаткобиҳо хулосаи В.Бартолд, ки беасос буда наметавонад, хеле ҷолиб ба назар мерасад. Ӯ чун муаррихи дақиқназар, кайд намудааст, ки «Яке аз шохаҳои мазҳаби шиа аз сабаби душмани доштан ба аъёну ашроф ва муттаҳидони динии онҳо амири сомонӣ Насрро (914-943) ба зери ҳимояи худ гирифтанд, ки ин сабаби аз тахт афтондондани ӯ гардид»[2].

Ҳамин тариқ, баъди даргузашти Наср, ки акнун ду тахмини сабаби фавташ пеш омад (аз касали сил ё дар зиндон), писараш Нӯҳ ибни Наср (10 апрели 943) соҳибтахт эълон гардид, ки ӯро лақаб Ҳамид буд. Аз маълумоти дар осори муаррихони замон омада, аз ҷумла Наршахӣ, Ибни Асир, Гардезӣ ва ғайра хулосае бармеояд, ки сустшавии иқтидори сиёсиву иқтисодии давлати Сомониён аз ҳамин давраи

---

[1] Ниг.: Пешгуфтори Ғ. Ғоибов ба «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ. Наршахӣ Таърихи Бухоро. – Душанбе, 2012. С. 4-20.

[2] Бартольд В.В. История Туркестана (конспект лекций) // Сочинения. – Т.II. – Ч.1. – М.: Наука, Изд-во восточней литературы (ИВЛ), 1963. С. 122.

ҳокимияти Нӯҳ оғоз ёфт. Дар замони ӯ турконе, ки аз падараш ҳарос доштанд, акнун хеле фаъол шуданд. Барои ризоияти онҳоро ба даст овардан, Нӯҳ умури идораи кишварро ба шахси аз сиёсат дур Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмади Суламӣ, ки лақаби Ҳокими Ҷалилро гирифта буд, супурд. Бародарони Наср, ки қаблан исён бардошта, хазинаро ғорат карда буданд, акнун ба амали ошкорои зидди Нӯҳ баромаданд. Аз вазъи барои давлатдорӣ номусоид истифода бурда, лашкари бар зидди туркон ва ҷунбишҳои дар Хоразм ва Хуросон (солҳои 943 ва 951) сурат гирифта сафарбаршуда, сидқан амалиёти ҳарбӣ нагузаронданд. Аз тарафи дигар, қувваҳои шиамазҳаби оли Бӯя, ки дар ғарби Эрон қувват гирифта, дар Рай ва Эрони Марказӣ мавқеи устувор пайдо карда буданд, акнун ба рақиби ҷиддии давлати Сомониён табдил ёфтанд. Дар чунин ҳолат барои таъмини сипоҳ Нӯҳ фармон дод, то хироҷи солонаро ду маротиба зиёд кунанд, ки вазъро боз муташанниҷтар гардонд.

Нӯҳ ба ҳайси волӣ ва сипаҳсолори Хуросон Абӯалии Чағониро таъйин намуд. Номбурда Райро, ки ба дасти Рукнудавлаи Бӯйӣ гузашта буд, озод карданӣ шуда, ба он ҷо лашкар кашид, вале хиёнати баъзе аз сипоҳиёнаш сабаби шикасти ӯ гардид. Бо ҷурми ин нокомӣ Нӯҳ ӯро аз мақоми сипаҳсолорӣ дур карда, ба ҷояш Иброҳим ибни Симҷурро таъйин намуд. Абӯалӣ, ки муқобилияти Рукнудавларо дар Рай то андозае суст ва шаҳрҳои Ҷабалро аз нав ба итоати Нӯҳ баргардонда буд, аз ин тавр сурат гирифтани муносибати шоҳ ранҷида, ҳамроҳи сипоҳиёни содиқаш ба амалиёти мухолифини Нӯҳ, ки бо сардории амакаш Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Аҳмади Сомонӣ сурат гирифта буд, ҳамроҳ шуд. Бо ҳуҷуми муштарак онҳо Нишопурро ишғол намуданд.

Бо шунидани ин хабар Нӯҳ ба Марв омад. Вале муқобилияти онҳоро шикаста натавониста, ба Бухоро ва сипас ба Самарқанд баргашт. Абӯалии Чағонӣ баъди истилои Марв (соли 946) Бухороро ишғол кард. Дар Бухоро ҳатто хутбаро ба номи Абӯисҳоқ хонданд. Вале Абӯисҳоқ шояд аз ҳарос бошад, ба

зудӣ аз раъйи хеш, ки соҳибтахт шуданӣ буд, гашт. Гӯё бар ивази ин гузашт аз Нӯҳ хоҳиш кард, ки зимоми сипаҳсолориро ба дасташ диҳад.

Сабаби ин «гузашт» – ро Наршахӣ чунин тафсир намудааст: «Ва баъд аз муддате ӯро [Абӯисҳокро] маълум шуд, ки лашкари вай бо вай дил бад кардаанд ва бо Амири Ҳамид рост шудаанд ва қасди он доранд, ки ӯро бикушанд, аз Бухоро бозгашт ва ба Чағониён рафт. Ва Амири Ҳамид сипаҳсолорӣ Мансури Қаротегинро дод ва ба Марв фиристод ва он фитнаро фурӯ нишонд»[1].

Бояд қайд кард, ки бо ин муборизаи тахтхоҳӣ анҷом наёфт. Бори дигар Нӯҳ маҷбур шуд, ки Бухороро тарк карда, ба Самарқанд равад. Натиҷаи муқовимат ба он расонд, ки Нӯҳ тавонист аз нав (соли 946) ба Бухоро баргашта, амакаш Иброҳим ва бародарони худ Муҳаммад ва Аҳмадро кӯр карда, сипоҳиёнро ба итоат дарорад[2].

Чунин амалиёт барои ҳифзи ҳокимият аз тарафи Нӯҳ қариб беист гузаронда мешуд. Ишора ба ин вазъият дар «Таърихи Бухоро» омадааст: «Ва Амири Ҳамидро дар муддати мулки хеш бо ҳар касе аз толибони мулки хеш ҳарбҳои бисёре афтод ва ба таърихи сесаду чиҳилу як (952-953) вилоятҳо бар Амири Ҳамид софӣ шуд»[3].

Ин тавр сурат гирифтани воқеаҳо дар давраи ҳукумати Нӯҳ ибни Наср, ки аз маҷмӯи маълумоти муаррихони замон бармеояд, далелест аз аз устувор набудани пояҳои давлатдории Сомониён. Акнун мисли пешин барои нигаҳ доштани вазъи муътадили сиёсӣ ва мутамарказии давлатӣ азми ҷиддиро талаб мекард. Ин ба талоши қатъиву хиради давлатдории намояндагони ояндаи сулолаи Сомониён вобаста буд.

Вале чи тавре аз маълумоти дар осори муаррихони замон ҷой дошта бармеоянд, меросхӯрони оянда давлати оли Сомон

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.173.
[2] Ниг.: Ноҷӣ. М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С.109-117.
[3] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.173.

ба ин қодир буда натавонистанд. Минбаъд таназзули давлат ҳар чӣ бештар ба назар мерасид.

Баъди даргузашти Нӯҳ ибни Наср, аз панҷ писарони ӯ (Абдумалик, Мансур, Наср, Аҳмад ва Абдулазиз) Абдумалик ибни Нӯҳ соҳибтахт гардид. Гарчанде дар «Таърихи Бухоро» синни ӯ ҳангоми ба тахт нишастан даҳсола омада бошад ҳам, вале дар дигар маъхазҳо онро нуздаҳсола нишон додаанд.

Ӯ ба мансаби вазир Абӯмансур Муҳаммад ибни Узайр ва сипаҳсолор Абӯсаъид Бакр ибни Молики Фарғонӣ ва волиёни вилоятҳоро аз рӯи салоҳдиди худ таъйин намуд.

Аз рӯи маълумоти Ибни Асир оварда, соли 955 Абдулмалик ду лашкар аз Хуросон ба Рай ва Исфаҳон фиристод. Бо фармони Абдулмалик сипаҳсолор бо Абулҳасани Бӯия, ки бо Абдумалик ихтилоф дошт, сулҳ кард. Пас аз фатҳи Исфаҳон, Рай ва шаҳрҳои Ҷабалро барои пардохти молиёт ба ихтиёри Абӯсаъиди Бакр дод. Вале баъди чанде амир ӯро ба алоқамандӣ ба Дайламон ва олӣ Бӯя муттаҳам карда, ба қатл расонд ва ба вазифаи сипаҳсолор Алптегини ҳоҷибро таъйин намуд[1]. Дар давраи охири ҳукмронии хеш Абдумалик Абӯалӣ Муҳаммади Балъамиро, ки нуфузи баланд пайдо карда буд, ба ҳайси вазир ба хизмат гирифт. Дар байни сипаҳсолор Алптегин ва вазир Балъамӣ муносибати дӯстӣ то рафт бештар таҳким меёфт. Ин сабаби устуворгардии мақоми сиёсии Алптегин гардид. Доир ба ин муносибати онҳо дар Таърихи Гардезӣ омадааст: «Ва миёни Алптегину Абӯалии Балъамӣ аҳд буд, ки ҳар ду ноиби якдигар бошанд ва Балъамӣ ҳеҷ кор бе илму машварати Алптегин накардӣ. Алптегин аз баҳри Абдумалик ҳадяҳо фиристод»[2].

Доир ба Алптегин (тақрибан 885-963) ҳаминро гуфтан ҷоиз

[1] Минҳоҷи Сироҷ. Табақоти Носирӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С. 266.

[2] Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. Бо муқобалаву тасҳеҳ ва таҳшияву таъликӣ Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон: Интишори бунёди фарҳанги Эрон, 1347. – С.159-161; ҳамчунин ниг.: Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С. 121.

аст, ки дар ибтидо яке аз ғуломони турки Сомониён буда, барои хизмати содиқонааш то дараҷаи сарлашкарӣ дар Нишопуру Хуросон расидааст. Низомулмулк, ки ҳаёту кирдори ӯро аз рӯи маълумоти барояш дастрас омӯхтааст, тавсифи мукаммале аз ӯ боқӣ гузоштааст. Дар «Сиёсатнома» аз ҷумла омадааст: «Ва Алптегин, ки бандаву парвардаи Сомониён буд, ба сиюпанҷсолагӣ сипаҳсолории Хуросон ёфт... Ва ҳамаи сирати Сомониён дошт ва волии Хуросону Ироқ солҳо ӯ буд ва ду ҳазору ҳафтсад ғуломү бандаи турк дошт...

Ва Алптегинро Аҳмади Исмоил харида буд ва дар охири умр писари Наср Аҳмадро чандин сол хизмат кард, чун Наср низ андар гузашт, Нӯҳ ибни Насрро хизмат кард ва сипаҳсолории Хуросон дар айёми Нӯҳ ёфт ва чун Нӯҳ даргузашт, Мансур ибни Нӯҳро ба подшоҳӣ бинишонданд. Чун шаш сол аз подшоҳии ӯ бигузашт ва Алптегин молҳо базл мекарду ҳар ҷаҳде, ки мумкин буд, бикард, ба ҳеҷ гуна дили Мансур ибни Нӯҳро ба даст натавонист овардан, аз тахлити соҳибғаразон»[1]. Аз рӯи баъзе аз маълумот, дар давраи ҳукмронии Нӯҳ ибни Наср Алптегин дар Хуросону Мовароуннаҳр ба 500 деҳа, дар шаҳрҳо ба боғу корвонсаройҳо, миллион сар гӯсфанд садҳо аспу шутуру хачирро соҳиб шуда буд.[2]

Абдулмалик дар солҳои пеш аз марги фоҷиавиаш бештар ба айшу нӯшу аспсавориву гӯйбозӣ майл мекард. Ба аспҳои Алптегин ҳадя карда, бо навбат савор шуда, асптозӣ менамуд. Ҳамин буд, ки рӯзе (20 ноябри 961) баъди нӯшидани шароб майли чавгонбозӣ карда, савори асп шуд. Ба гуфти Гардезӣ асп «аз зери Абдумалик биҷаст ва ӯро бияндохт ва сару гардани ӯ хурд бишкаст, ӯро мурда бардоштанд ва «Рашид» лақаб карданд»[3]. Аз ин ба баъд мустаҳкам шудани нуфузи лашкаркашони турк, ки аз Алптегин оғоз ёфта буд, аз ояндаи неки ин давлатдорӣ дарак дода наметавонист. Дар «Таърихи

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. С.105.
[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. (Тавзеҳот № 441). С.441.
[3] Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. С.97-98.

Бухоро» омадаст: «Ва чун ӯро [Абдумаликро] дафн карданд, лашкар бишӯриданд ва хилоф карданд. Ва ҳар касе тамаи мулк карданд ва фитнаҳо зоҳир шуд»[1].

Аз рӯи маълумоти дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ, «Маҷмау-л-ансоб»-и Шабонкораӣ ва ғайра баъди марги фоҷивии Абдулмалик, бо ташаббуси Балъамӣ ва Алптегин писари хурдсоли Абдулмалик бародараш Наср соҳибтахт эълон шуд. Бо ин восита онҳо мехостанд, ки аз номи ӯ лаҷоми идораи давлатро ба дасти худ гиранд. Вале бисёре аз бузургони хонадони Сомониён ва соҳиблашкарон ин қарорро қабул накарданд. Онҳо ҳамроҳи лашкариён ва ғуломон исён бардоштанд. Қасри Абдумаликро ғорат карда, оташ заданд. Баъди як рӯз Фоиқ саркадаи дарбор, ки аз давраи кӯдакии Мансур (писари дувуми Нӯҳ) бо ӯ буд, Насрро аз тахт афтонда, Мансурро соҳибсалтанат эълон кард.

Алптегин аз ин воқеа огоҳ шуда, ба Балх рафт ва ба воситаи ҷорчиҳои худ эълон кард, ки ба Ҳиндустон ба ғазо рафтанист. Ба лашкари ӯ аз Балху Хутталон ихтиёриёни зиёд ҳамроҳ шуданд. Мансур аз ҳуҷуми ӯ хавф бурда, бар зидди ӯ сипоҳ фиристод. Аз ин огаҳ шуда, Алтегин аз Балх бо лашкари сершумор ба дараи танги Хулм омад. Дар ин ҷо ба лашкари Бухоро зарбаи сахт зад. Дар ин муҳориба 4750 сарбози Бухоро бо фармондеҳи лашкар кушта шуда, боқимонда рӯ ба гурез ниҳоданд. Баъди ин ғалаба Алптегин Бомиён ва Кобулро ишғол намуда, сипас ба Ғазна лашкар кашид. Аҳли шаҳр таслим шуд ва Алптегин соли 961 Ғазнаро қароргоҳи худ интихоб намуд. Баъди як сол (962) Мансур бо 25-30 ҳазор сарбоз ба Ғазна ҳуҷум кард, вале аз лашкари 6-ҳазораи Алптегин шикаст хӯрда, пас гашт ва баъди ин мағлубият дигар бо ӯ ҷуръати ҷангидан накард[2].

---

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухор. С.175.

[2] Ниг.: Низомулмулк. Сиёсатнома. С.102-114; Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. С.161-162; Муҳаммад ибни Алии Шабонкораӣ. Маҷмау-л-ансоб. Ба тасҳеҳи Мирҳошими Муҳаддис. – Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1376. С.29 ва ғайра.

Дар «ал-Комил фи-т-таърих»-и Ибни Асир доир ба исёни аҳолии Систон, лашкаркашии амир Мансур ба он ҷо ва мулки Рай, сулҳи миёни Мансур ва Рукнудавла ва Азудуддавла, ҳамчунин дасгирӣ ёфтан аз аъёни Хуросону Форсу Ироқ хеле саҳеҳ баён ёфтааст. Аз ҷумла Ибни Асир чунин овардааст: «Дар ин сол (971-972) сулҳ миёни амир Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ – фармонравои Хуросон ва Мовароуннаҳр ва Рукнуддавла ва фарзанди ӯ – Азудуддавла саранҷом ёфт ва муқаррар гардид, ки Рукнуддавла ва Азудуддавла ҳар сол яксаду панҷоҳ ҳазор динор ба амир Мансур ибни Нӯҳ, тақдим доранд. Ва Нӯҳ[1] бо духтари Азудуддавла издивоҷ кард ва ҳадоёву армуғонҳое барояш бифиристод, ки ҳаммонанди он барои ӯ ҳамл нашуда буд ва номаи сулҳ байни онҳо навишта шуд. Ва аъёни Хуросону Форс ва Ироқ бар он гувоҳӣ навиштанд.[2]

Он кас, ки сулҳро барқарор кард, Муҳаммад ибни Иброҳими Симҷур – фармондеҳи лашкару сипоҳи Хуросон аз ҷониби амир Мансур буд»[3].

Аз мантиқи ин маълумот бармеояд, ки авзои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар давраи ҳукумати Мансур ибни Нӯҳ низ хеле ноорому серташвиш будааст. То андозае ба эътидол омадани он баъди ба роҳ мондани муносибати дӯстонаи байни Мансур ва Рукнудавла ва писараш ба назар мерасад.

Мансур ибни Нӯҳ соли 977 дар Бухоро даргузашт, ки

---

[1] Дар инҷо дақиқ нест, ки ин издивоҷ байни духтари Азидуддавла бо Нӯҳ – писари Мансур буд, ё худи Мансур. Агар аз ҳисоби он, ки баъди даргузашти Мансур (с.оли 977) писарашро ба тахт шиноannd. Ӯ он замон ҳамагӣ сездаҳ сол дошт. Вақти ин издивоҷ ба соли 972 рост меояд, ки он вақт писари Мансур – Нӯҳ 7 ё 8 сола буд. Аз ин рӯ метавон хулоса кард, ки ба духтар худи Мансур издивоҷ кардааст.

[2] Ибн Асир. Ал-Комил фи-т-таърих. // Сомониён дар оинаи таърих.Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд. – 1998. С.385.

[3] Ибн Асир. Ал-Комил фи-т-таърих. // Сомониён дар оинаи таърих.Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд. – 1998. С.381-385.

давраи соҳибтахтиашро муаллифон бо андаке ихтилоф понздаҳ солу панҷ моҳ ё шонздаҳ сол муайян намудаанд[1].

Пас аз марги ӯ писари сездаҳсолааш Нӯҳ ибни Мансурро (бо лақаби Разӣ) ба тахт шинонданд. Соли 978 халифа ат-Тоеъ Абдукарим ал-Фазл ал Мутии Аббосӣ (974-992) ин тоҷгузориро расман тасдиқ кард. Вақти ба тахт нишондан ӯ ҳамагӣ сездаҳ сол дошт ва модараш кафолати давлатдориро ба худ гирифт. Дар иҷрои ин масъулият ӯ ба Фоиқи Хосса ва ҳоҷиби бузург – Ҳисомуддавла Абулаббоси Тош, ки сипаҳсолор буд, такя мекард.

Дар «Таърихи Бухоро», гар чанде ин фасл баъди Наршахӣ илова шудааст, ба тахт нишондани Нӯҳ ибни Мансур ва раванди воқеаҳои ба он масубиятдошта ба тариқи зайл омадааст: «Чун амири Садид (Мансур ибни Нӯҳ) аз дунё бирафт, рӯзи душанбе писари вай ба мулк биншаст ва бо вай байъат карданд. Ва Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Ҷайҳонӣ вазир шуд ва боз ба сабаби пирӣ узр хост ва баъ аз вай ду-се рӯзи дигар шуд. Он гоҳ амир Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Узайр (падари ӯ Абӯмансур Абдуллоҳ ибни Узайр дар замони Абдумалик ибни Нӯҳ чанд муддат вазир буд – Ҳ.П.) вазир шуд ва кори мулк боравнақ шуд. Ва Абулаббоси Тош (собиқ ғуломи турки вазир Абӯҷаъфари Утбӣ, ки онро Утбӣ ба амир Мансури I (961-976) тақдим кард. Подоши хизмати содиқона то дараҷаи сипаҳсолорӣ расида буд – Ҳ.П.), ки сипаҳсолори лашкар буд, маъзул шуд, Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим сипаҳсолор шуд. Абулаббоси Тош хилоф кард ва Нишобур бигирифт. Ва сипаҳсолор Абулҳасан ва писари вай Абӯалӣ ва Абулҳасан ал-Фоиқу-л-хосса[2] ба Нишобур рафтанд ва ӯро ҳазимат карданд ба соли сесаду ҳафтоду ҳафт (987-988). Ва Абулаббос аз Ни-

---

[1] Ниг.: Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. С. 126.

[2] Фоиқ, аслаш аз ғуломони Византия (Рум), ки беш аз чил сол дар вилоятҳои гуногуни Хуросон ба сифати амиру волӣ хизмат кардааст. Лақаби хосса барои мураббии писари Нӯҳ – Мансур ибни Нӯҳ буданаш гирифтааст. Яке аз бадтинатони иғвогаре, ки дар афтондани давлати Сомониён бевосита даст доштааст. Доир ба хиёнаткориҳои ӯ ниг.: Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тавзеҳот, № 385. С.456-461.

шопур бигурехт. Ва ба Гургон гурехт. Алӣ ибни Ҳасан[1] бо вай ёр шуд ва ба Гургон даровардаш»[2].

Сипас воқеаҳо тавре сурат гирифтанд, ки ду саркардаи турк – Абулҳасани Симҷур, писараш Абӯалӣ ва Фоиқи аслаш ғуломи румӣ иттиҳоди зидди амир Нӯҳ ибни Мансур ташкил намуданд. Дере нагузашта, онҳо қариб тамоми Хуросонро дар байни худ тақсим карданд. Нӯҳ дар ҳолати ниҳоят ногувор қарор гирифта буд. Баъди марги Симҷур (соли 991) писаронаш Абӯалӣ ва Абулқосим ин амали тахтхоҳии ӯро идома доданд. Нӯҳ аз ноиloҷӣ Абӯалиро сипаҳсолори Хуросон таъйин намуд.

Вале қабл аз ба ин вазифа расидани Абӯалӣ, бино ба маълумоти «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ ҷараёни воқеаҳо чунин сурат гирифта буд, ки баъди даргузашти Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим (марти 989) писараш (аз рӯи исми ба сифати сипаҳсолор ишораёфта ӯро низ Абулҳасан ном будааст) сипаҳсолор таъйин гардид. Дере нагузашта амир Нӯҳ ибни Мансур ӯро озод карда, сипаҳсолориро ба Фоиқ супорид. Абулҳасан аз ин амали амир ранҷида, ба муқобили Фоиқ баромад. Фоиқ дар Ҳарӣ аз зарбаи ӯ шикаст хӯрда, (баҳори 989) ба Марв гурехт[3].

Дар «ал-Комил фи-т-таърих»-и Ибни Асир ин авзои ниҳоят ташвишовари замони Нӯҳ ибни Мансур нисбатан муфассал шарҳ ёфтааст. Аз ҷумла аз мазмуни навиштаҳои ӯ ва дигар муаллифон бармеояд, ки муддате нагузашта Фоиқ бо лашкари худ бе иҷозати Нӯҳ роҳи Бухороро пеш гирифт. Аз хиёнати ӯ хавф бурда, амир Нӯҳ бо сардории ҳоҷиб Анаҷ ба муқобили

---

[1] Ному насаби пурраащ Фахруддавла Алӣ ибни Рукнуддавла Ҳасан ибни Бӯя (Бувайҳ). Соли 977 дар Рай ба сари қудрат омад. Ҷурҷон ва баъди дагузашти Муайидуддавлаи Бӯя (983) Ҳамадону Исфаҳонро низ ишғол карда, то охири умраш (997) дар дасти худ нигоҳ доштааст. Ниг.: Ҳамдуллоҳи Муставфӣ. Таърихи Гузида. Бо эҳтимоми Абулҳусайни Навоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1339. С.417-420; Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. Бо тасҳеҳу таълиқи Абдулҳаййи Ҳабибӣ. – Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳанги Эрон, 1347. С.165-173.

[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.178.

[3] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.178-179.

Фоиқ лашкар фиристод. Фоиқ шикаст хӯрда, ба сӯи Тирмиз гурехт. Амир Нӯҳ ба ҳокими Ҷузҷон – Фариғунӣ мактуб навишта, хоҳиш кард, ки ба муқобили Фоиқ биҷангад. Вале дар ин муҳориба Фоиқ ғолиб шуда, Ҷузҷонро ба ғорат дод. Акнун ба Фоиқи хиёнатпеша барои афтондани ҳокимияти Сомониён ҷиддан роҳ кушода шуд. Ӯ ба Буғрохони турк мактуб навишта, хоҳиш кард, ки аз фурсат истифода бурда, барои суқути Сомониён ба Бухоро ҳуҷум кунад. Буғрохон ба ҳуҷум гузашт, аз ин огоҳ шуда, Нӯҳ бо сардории ҳоҷиб Анаҷ ба муқобили Буғрохон лашкар фиристод. Дар муҳориба Буғрохон ғолиб омада, Анаҷ ва чанде аз саркардаҳои аскарашро асир гирифт. Фоиқ бо лашкари Буғрохон пайваста, якҷоя ба Бухоро ворид шуданд. Нӯҳ Бухороро тарк кард. Барои ин ҳамраъйӣ Буғрохон барои гирифтани Балх ба Фоиқ иҷозат дод. Буғрохон бошад сахт бемор шуда, Бухороро тарк кард. Нӯҳ акнун тавонист ба Бухоро баргардад. Фоиқ, ки ҷиддан мақсади Бухороро гирифтан дошт, соли 994 аз Балх ба ҳаракат даромад. Нӯҳ тавонист, лашкари зиёде сафарбар намуда, ӯро шикаст диҳад. Акнун Фоиқи ҷон ба саломат бурда, гурехта ба Хуросон, ба назди Абӯалии Симҷур рафта, ӯро ба ин муборизаи зидди Нӯҳ кашид.

Дар ин ҳолати барояш ногувор, Нӯҳ ба ҳокими Ғазна – Сабуктегин мактуб навишта, аз ӯ кумак пурсид ва ба ивази он ҳокимияти Хуросонро барояш ваъда дод. Фоиқ ва Абӯалӣ бошанд, аз Фахруддавлаи Бӯия ёрӣ хостанд. Лашкари Сабуктегину писараш Маҳмуд ва лашкари Нӯҳ дар назди Ҳирот бо ҳам расиданд. Ҳамин тариқ, байни ҳарду лашкари иттифоқчиёни мухолиф дар Ҳирот муҳориба оғоз ёфт. Дар ин маврид Қобус ибни Вушмгир[1] бо сарбозонаш аз Абӯалӣ ҷудо шуда, ба лашкари Нӯҳ пайвастанд. Ин барои қувваҳои ҷангии Фоиқ ва Абӯалӣ бетаъсир намонд. Онҳо шикаст хӯрда, бо боқимондаи лашкар ба тарафи Нишопур гурехтанд. Баъди

[1] Қобуси Вушмгир, Ковус ибни Вушмгир ибни Зиёр мулаққаб ба Шамсулмаолӣ, аз авлоди подшоҳони олӣ Зиёр (976-982) будааст.

чанде Нӯҳ ва Сабуктегин ба Нишопур ҳуҷум карданд. Аз ин бохабар шуда, Фоиқ ва Абӯалӣ бо ҳарос аз Нишопур ба Ҷурҷон рафтанд. Ғолибон думболагириро қатъ намуда, Нӯҳ ба Бухоро рафт ва Сабуктегин писараш Маҳмудро дар Нишопур монда, худ ба Ҳирот баргашт.

Вале ин ҳанӯз маънои қатъ шудани муқовиматро надошт. Соли 995 Фоиқу Абӯалӣ ба Нишопур, ки дар он Маҳмуд бо начандон лашкари калон монда буд, ҳуҷум оварданд. Маҳмуд медонист, ки мудофиаро таъмин карда наметавонад, ба назди падараш ба Ҳирот ақибнишинӣ кард. Сабуктегин ҳамроҳи писараш Маҳмуд бо лашкари зиёде ба ҳуҷум гузашта, дар назди Тус ба Фоиқу Абӯалӣ зарбаи сахт зад. Онҳо бо боқимондаи лашкари худ ба сӯи Абевард гурехтанд. Сабуктегин Маҳмудро боз ба сифати волии Нишопур монда, худ рақибонашро то қарибиҳои Марв думболагирӣ намуда, пас гашт. Абӯалӣ ва Фоиқ аз Марв ба Омули Шатт рафтанд. Абӯалӣ дигар ба ғалаба умед баста наметавонист, аз Фоиқ ҷудо шуда, ба Ҷурҷония рафт.

Фоиқ бошад ҳанӯз аз раъйи ҳокимиятхоҳӣ нагашта, барои ёрӣ ба назди Эликхон рафта, илтиҷо намуд, ки барои Самарқандро ба ӯ додан, ба Нӯҳ мактуб нависад. Нӯҳ аз ноилоҷӣ ин хоҳиши Эликхонро иҷро карда, Самақандро ба Фоиқ дод[1].

Чи тавре аз муҳтавои матолиби муаррихони зикри номашон рафта, бармеояд, авзои сиёсии замони амир Нӯҳ ибни Мансур ниҳоят ноорому шадидан фоҷиабор буд. Душманон, хосатон аз ғуломони собиқ, амирону вазирони Сомониён, ки аз рӯи воқеияти ба замони пуршӯри фитназо, то ба дараҷи ҳокимиву сипаҳсолорӣ расида буданд, вале ҳанӯз дар ботин ваҳшонияти авлодиро нигоҳ медоштанд, барои ба ҳукумат расидан тамоми воситаи нангинро истифода мебурданд.

[1] Ниг.: Ибни Асир. ал-Комил фи-т-таърих. // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 394-400; ҳамчунин ниг.: Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе: Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон., 2011. С.127-154.

Дар чунин вазъи торафт бештар фишороварӣ ба ҳокимияти марказӣ ва болоравии майли ба тахт соҳибшавии ғуломони собиқу хоҷагону лашкардорон амир Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ даргузашт. Ин лаҳзаи ба ҳадди ниҳоӣ расидани раванди суқути давлати Сомониёнро Ибни Асир чунин қаламдод намудааст: «Дар раҷаби ин сол (июли 997) амири Разӣ Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ падруди зиндагӣ гуфт. Бо марги вай кишвари дудмони Сомонӣ дастхуши ихтилол гардид ва заъфе ошкор дар кори ин хонадон падид омад ва умарои атроф тамаъ ба мулки онон бастанд ва пас аз муддате кӯтоҳ завол пайдо карданд»[1].

Пас аз марги ӯ писарашро ба тахт шинонданд. Ин лаҳзаи ҳассоси сиёсиро Ибни Асир чунин тавсиф мекунад: «Ҳамин ки амир Нӯҳ даргузашт, писараш – Абулҳарас Мансур ибни Нӯҳ (Мансури II – Ҳ.П.) ба подшоҳӣ нишаст. Умаро ва саркардагон ва соири мардум бо вай байъат карданд, бақоёи дороӣ байни онҳо пахш кард ва бар тоаташ иттифоқ намуданд. Ва кори давлат ва тадбири мулкро Бектузун (сарлашкари турки Сомониён – Ҳ.П.) дар ӯҳда гирифт. Чун хабари марги амир Нӯҳ ба Эликхон расид, рӯй ба Самарқанд ниҳод. Фоиқ ал-Хосса низ ба ӯ пайваст». Бояд гуфт, ки Мансур аз ин амали онҳо огоҳ шуда, дар ҳарос монд ва Бухороро тарк кард. Вале Фоиқ ваъда дод, ки фақат барои ёрии ӯ ба Бухоро меравад. Ба ин бовар карда, «амир Мансур ба Бухоро баргашт ва Фоиқ корҳо ба даст гирифт ва ҳукуматро қабза кард ва Бектузунро фармондеҳи сипоҳи Хуросон дод»[2].

Албатта, дар ин ҳолат Фоиқро аз мақсади пурра ба тахт соҳиб шудан, муносибати аҳли Бухоро нисбат ба ӯ нигоҳ

---

[1] Ибни Асир, ал-Комил фи-т-таърих. С.401-402.

[2] Ибни Асир, ал-Комил фи-т-таърих. С.403; ҳамчунин ниг.: Абулфазли Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. Боби «Қиссаи амир Мансури Нӯҳи Сомонӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С.183-186; Баҳоуддин ибниИсфандиёр. Таърихи Табаристон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С. 250-253.

дошт. Ҳангоми ба Бухоро ворид гардидан Фоиқ ва Эликхон бо мардуми бонуфуз суҳбат ороста, ҳис карданд, ки аҳли ҷамоа баргардондани амир Мансурро талаб доранд. Вазъиятро ба назар гирифта, онҳо тайёр будани худро барои кумаки Мансур ибни Нӯҳ изҳор намуданд.

Ин дар вақте сурат мегирифт, ки Маҳмуд ибни Сабуктегин бо бародараш – Исмоил дар ҳолати ҷанг қарор дошта, ба мудохилаи корҳои дар Бухоро сурат гирифта имкон надошт. Бурди муваққатии Мансур ибни Нӯҳ боз дар он буд, ки ҳамин соли 997 ҳам Сабуктегин баъди бист соли ҳакимиятдорӣ ва Фахрудавлаи Бӯия (Бувайҳ) даргузаштанд. Ин ҳам хеле кӯтоҳмуддат бошад, шиддати фазои сиёсиро паст кард.

Раванди ояндаи вазъи сиёсии давлати Сомониён аз рӯи маълумоти дар осори муаррихон, аз ҷумла Утбӣ, Ибни Асир, Гардезӣ ва ғайра омада, ин тавр сурат гирифта буд. Соли 998/99 Маҳмуд писари Сабуктегин ба Нишопур омад. Бектузун, ки ин замон дар Нишопур қарор дошт, онро тарк карда, бо лашкараш ба Марврӯд рафт. Баъди чанде ӯ ба назди амир Мансур, ки дар Сарахс буд, рафта, хост, ки доир ба ягон нақшаи барояш манфиатовар суҳбат дошта бошад. Вале ӯро амир пазироии барояш дилхоҳ накард. Аз он хавф бурд, ки гӯё ба хиёнат даст заданаш ба амир маълум бошад. Бектузун аз чи тавр сурат гирифтани суҳбаташ бо амирро ба Фоиқ расонд. Ҳарду ба хулосае омаданд, ки Мансурро аз тахт вожгун сохта, бародари ҳанӯз хеле ҷавонаш Абдулмаликро ҷойгузини ӯ эълон намоянд.

Дар иҷрои ин нақшаи хабисонаи худ онҳо аз ҳисоби чанде аз нуфузмандони Бухоро ва сипоҳиён ҳамфикрон пайдо карданд. Чун ҳама гӯё барои маслиҳат дар назди Мансур ҷамъ омаданд, Бектузун фармон дод, ки ӯро бигиранд, ба чашмонаш мил кашиданд ва бародараш Абдулмаликро соҳибтахт эълон карданд. Аз ин амали онҳо Маҳмуд бохабар шуда, гарчанде ин амали онҳоро маҳкум карда бошад ҳам, вале вазъи суратгирифтаро ба фоидаи худ ҳал карданӣ шуд. Ӯ ба муқобили Фоиқу Бектузун ва Абдумалики пурра дар таъсири

онҳо монда, ҳуҷум карда, соли 999 дар Марв ба онҳо шикасти сахт расонд. Вале барои пурра торумор кардан онҳоро думболагирӣ накарда, ба Хуросон баргашт. Чунки нақшаи ниҳоии Маҳмуд, ки пурра Хуросонро аз Мовароуннаҳр ҷудо кардан буд, акнун дар ҳолати тамоман бемадор шудани давлати Сомониён амалӣ мешуд.

Фоиқу Абдумалик баъди ин шикаст аз лашкари Маҳмуд ба Бухоро баргаштанд. Бектузун, ки ба Нишопур фирор карда буд, низ ба Бухоро омад. Маслиҳати онҳо ба он анҷомид, ки бояд бо Маҳмуд ҷангида, Хуросонро аз нав ба итоати Сомониён (амалан ба итоати худ) баргардонанд. Амалӣ шудани ин фитнаи нави Фоиқро марги ӯ халалдор кард. Вале ин пеши роҳи суқути давлати Сомониёнро гирифта наметавонист. Аз вафоти Фоиқ се моҳ нагузашта, соли 999 Эликхони Турк Абунаср Аҳмад ибни Алӣ бо лашкари худ ба Бухоро ворид гардида, қариб бе муқобилияти ҷиддӣ онро ишғол намуд. Бо фармони ӯ Абдумалику Бектузун ва тамоми шахсиятҳои бевосита ба хонадони Сомониён иртиботи хешӣ доштаро асир намуда, ба Узганди Фарғона бурданд[1].

Ибни Асир аз рӯи маълумоти барояш дастрас қариб пас аз ду аср доир ба таърихи давлатдории Сомониён, аз ҷумла рӯзҳои вопасини мавҷудияти давлати Сомониёнро чунин ба қалам додааст: «Дар ин сол (998-999) давлати дудмони Сомониён ба дасти Маҳмуд ибни Сабуктекин ва Эликхони турк мунқариз гардид. Номи Эликхон Абӯнаср Аҳмад ибни Алӣ ва лақаби ӯ «Шамсуддавла» буд.

Маҳмуд Хуросон бигрифт. Ва дар дасти Абдумалик ибни Нӯҳ танҳо Мовароуннаҳр боқӣ монд... Фоиқ ва Бектузун ва соири умаро ва бузургон ҷамъ омаданд ва рӯҳияашон нерӯ ёфт. Ва шурӯъ ба гирд овардани сипоҳ карданд ва тасмим ги-

[1] Ниг.:Абӯнасри Утбӣ. Таърихи Яминӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 256-259; Ибни Асир. Ал-Комил фи-т-таърих // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С.403-410; Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. С.165-173 ва ғ.

рифтанд, ки ба Хуросон баргарданд. Иттифоқан Фоиқ даргузашт (июни 999).... Хабари моҷарои онҳо ба Эликхон расид, бо гурӯҳе аз туркон ба Бухоро рафт... Пас аз он рӯзи сешанбеи даҳуми зулқаъдаи ин сол (октябри 999) вориди Бухоро шуд. Абдумалик бо қиллати адад намедонист чӣ кунад, пас махфӣ шуд. Эликхон ба дорулидора фуруд омад ва ҷосусон дар талаби Абдулмалик бигумошт, то ин ки бар ӯ даст ёфт ва ӯро зиндонӣ кард ва ҳамон ҷо ҳам даргузашт. Ва ӯ охирин подшоҳ аз дудмони Сомониён буд ва давлати ин хонадон онҷунон ба дасти ӯ поён расид, ки гӯё аз дирӯз вуҷуд надошт, ҳамчу давлатҳои дигари пеш аз ӯ. Ва ин ибратест мардуми бино ва равшанбинро. Ҳамроҳ бо Абдулмалик бародараш – Абдулҳарас Мансур ибни Нӯҳ, ки пеш аз ӯ подшоҳ буд ва бародараш – Абӯиброҳими Исмоил ва Абӯяъқуб – фарзандони Нӯҳ ва аъмомаш – Абӯзакариё ва Абӯсулаймон ва ғайра ҳам аз хонадони Сомониён зиндонӣ шуданд ва барои ҳар як ҳуҷраи воҳиде таъйин шуд, ки дар он зиндонӣ буданд»[1].

Доир ба кӯшиши дигарбора ба тахт расидани намояндаи дудмони Сомониён – Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳ (мулаққаб ба Мунтасир) ҳамин муаллиф маълумоти нисбатан саҳеҳ овардааст. «Дар ин сол (999-1000) Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳ, – менависад Ибни Асир, – аз маҳбаси худ берун омад. Ӯро Эликхон пас аз тасарруфи Бухоро бо гурӯҳе аз бастагонаш зиндонӣ карда буд. Сабаби наҷоти ӯ ин буд, ки канизе дар зиндон меомад ва хидмати ӯ мекард. Ва аз аҳволи ӯ огаҳӣ пайдо кард, пас аз он чи он каниз пӯшида буд, ба ӯ бипӯшонд ва аз зиндон берун омада, ба назди пиразане аз аҳли Бухоро пинҳон шуд. Пас аз он, ки ҷустуҷӯ барои ёфтани ӯ ором гирифт, аз Бухоро ба Хоразм рафт ва мулаққаб ба «Мунтасир» шуд»[2].

Аз рӯи мазмуни дар асари Ибни Асир омада[3], баъди ин

[1] Ибни Асир. Ал-Комил фи-т-таърих // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С.409-410.
[2] Ибни Асир. Ал-Комил фи-т-таърих. С.411.
[3] Ниг.: Ибни Асир. Ал-Комил фи-т-таърих. С. 412-414; ҳамчунин ниг.:

сарнавишти Исмоил (Мунтасир) ба тариқи зайл сурат гирифт. Дар Хоразм ӯ тавонист лашкар гирд оварда, ба Бухоро ҳаракат карда, шабохун ба қисми лашкари дар онҷо қарор доштаи Эликхон зарба зада, онро шикаст диҳад. Боқимондаи онро то Самарқанд думболагирӣ карда, дар онҷо низ, ки лашкари зиёди Эликхон ҷой дошт, ҳуҷум оварда, муқобилияти онҳоро пурра шикаст. Дар Бухоро Мунтасирро бо самимият истиқбол гирифтанд.

Вале ин ҳанӯз ғалаба набуд. Эликхон тавонист лашкари зиёде ҷамъ карда, ба Бухоро ҳуҷум кунад. Аз сабаби кам будани лашкар Мунтасир ба ҷанг надаромад. Ӯ Бухороро тарк карда, аз Омӯ гузашта, аввал дар Омули Шатт ва аз он ҷо ба Абевард рафт. Баъди чанде Мунтасир ба Нишопур рафта, бародари Маҳмуд Наср ибни Сабуктегинро, ки дар он ҷо ҳоким буд, шикаст дода, Нишопурро ишғол намуд. Аз ин Маҳмуд бохабар шуда, ба лашкари зиёде ба он ҷо шитофт. Мунтасир бе муқобилият аз Нишопур баромада, ба назди Қобус ибни Вушмгир ва аз он ҷо ҳамроҳи писарони Қобус ба Рай рафт. Дар он ҷо низ пойгоҳ наёфта, аз нав ба Нишопур баргашта, бародари Маҳмуд – Насрро шикаст дод. Вале дере нагузашта ба ҳамлаи нав Наср сарлашкари Мунтасир – Арслон Болуро шикаст дод. Мунтасир аз ин шикаст дар ғазаб шуда, Арслонро ба қатл расонд. Ин сабаби норозигии лашкар гардид.

Баъди бо як душворӣ лашкарро ором кардан, Мунтасир ба Абевард. Сипас ба Ҷурҷону Сарахс рафта, хироҷи яксоларо ҷамъ карда, то андозае қувват гирифт. Вале ин дер давом накард. Наср ибни Сабуктегини қаблан шикастхӯрда соли 1001-1002 аз нав ба ҳуҷум гузашт. Мунтасири мағлубшуда, роҳи гурезро пеш гирифт ва худро ба назди туркманҳои ғуз,

---

Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. С.145-150; Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе: Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон., 2011. С.163-170; Ҷаводи Ҳиравӣ Таърихи Сомониён асри тиллоии Эрони баъд аз ислом. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1382. С. 467-473.

ки ӯро хуш қабул карданд, расонд. Бо ёрии онҳо аз нав лашкар ҷамъ карда, соли 1002-1003 ба Самарқанд ҳуҷум карда, Эликхонро, ки дар он ҷо қарор дошт, шикаст дод. Саркардаҳои ғузҳо молу амволи Эликхонро ба ғорат бурда, ба ҷои зисти худ баргаштанд. Мунтасир ба Бухоро рафт. Аз ин Эликхон бохабар шуда, аз нав ҳуҷум карда, Мунтасирро шикаст дод. Ӯ бо боқимондаи лашкар ба Дабусия рафт. Мардуми Самарқанд ба датгирии ӯ омаданд. Эликхон июни 1004 ба Самарқанд ҳуҷум кард, вале шикаст хӯрда, ба сӯи Туркистон гурехт ва боз аз нав қувва ҷамъ намуда, ба ҳуҷум гузашт. Дар муҳорибаи назди Истаравшан Мунтасир шикаст хӯрд ва аз Амударё гузашта, ба Ҷузҷон рафт.

Бояд гуфт, ки ин муҳорибаҳои беохир, ки гоҳо ба ғалаба ва гоҳо ба шикаст анҷом меёфтанд, наздикону лашкари ӯро хеле хаста карда буданд. Бисёре аз онҳо Мунтасирро тарк намуданд. Бо қувваи ниҳоят кам борҳо тавонист, ки аз иҳотаи лашкари Эликхон барояд. Боре баъд аз таъқиб раҳо ёфта, дар қароргоҳи қабилаи араби дар итоати Маҳмуд буда, паноҳ бурд ва ибтидои соли 1005 аз тарафи кадоме аз ин тоифа хоинона кушта шуд[1].

Бо ҳамин кӯшиши аз нав барқароркунии ин давлати абарқудрати замон, ба шуҷоату ғайрати панҷсолаи охирин

---

[1] Ниг.Баҳоуддин ибни Исфандиёр. Таърихи Табаристон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С. 250-253; Ҳамдуллоҳи Муставфӣ. Таърихи гузида // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С. 289-291; Мирхонд Равзат-ус-сафо // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С.366-373; Хондамир. Ҳабибу-с-сияр // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С.416-419; Абӯнасри Утбӣ. Таърихи Яминӣ. Аз арабӣ тарҷумаи Абӯшараф Носеҳ ибни Зафари Ҷурфодиқонӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 259-269; Ибни Асир. Ал-Комил фи-т-таърих // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С.409-414; Ибни Халдун. Китоб-ул-ибар. Муқаддима // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 411-414; Ибни Халдун. Китоб-ул-ибар. Таърих // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С.479-481.

намояндаи ин сулола Исмоил ибни Нӯҳ (Мунтасир) ба ҷуз фоҷиаи нав дигар натиҷае дода натавонист.

Албатта, метавон бо ҳамин ба раванди воқеаҳои ба таърихи салтанати Сомониён, ҳукмронии намояндагони ин сулола, ки аз мантиқи маълумоти дар мероси шоҳидони замон ва муаррихони баъдина бардошта шудааст, хотима бахшид. Вале мавҷудияти баъзе ихтилофоти назари дарки воқеии раванди соҳибтахт шудани намояндагони сулолаи Сомониёнро халалдоркунанда, водор месозад, ки маълумоти мухтасари дар китоби «Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас»-и муаллифи номаълуми нимаи аввали асри XII-ро барои хонандагон бозгӯӣ намоем. Дар китоби номбурда аз ҷумла омадааст: «Аввалин подшоҳии Сомониён Исмоил ибни Аҳмадро буд ва насаби ӯ ба Баҳроми Чӯбин кашад: Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад ибни Сомон ибни Сомак ибни Баҳроми Шӯбина ибни Кушасб. Ва насаби эшон ба Каркину Милод расад. Ва Асад ибни Сомон ба деҳе нишастӣ, ки онро Сомон хондандӣ. Ва чаҳор писар будаш: Нӯҳу Аҳмаду Яҳёву Илёс. Ва андар он рӯзгор, ки Маъмун аз Хуросон ба Ироқ омад, Нӯҳ ибни Асад бо вай буд. Баъд аз ин вайро Мовароуннаҳр дода [шуд] аз қибали Тоҳириён. Ва баъд аз он Муътазид ҷумлаи Мовароуннаҳр ва он ҳудуд ва Хуросон ба мирӣ Исмоил ибни Аҳмадро дод андар соли дувисту ҳаштоду ҳафт (287/ 900). Ва Ҳамзаи Исфаҳонӣ (муаллифи китоби «Синӣ мулук-ил-арз ва-л-анбиё») дар таърихи худ гӯяд: Пеш аз Исмоил бародараш Наср ибни Аҳмад Мовароуннаҳр аз қибали Тоҳириён дошт нуздаҳ сол. Ва аз он пас Исмоил [Хуросон] фаро гирифт ва андар соли дувисту наваду панҷ (295 / 907) бимурд... Баъд аз ӯ писараш Аҳмад ибни Исмоил биншаст... ва ғуломонаш дар ҷомаи хоб бикуштандаш сол ба сесаду як (301 / 914)... пас аз он писари ӯро биншонданд Наср ибни Аҳмад... Ва ба моҳи раҷаб андар соли сесаду сиву як (331 / март апрели 943) бимурд... Аз паси ин Наср Нӯҳ – писараш биншаст... Пас дар моҳи рабеъулохир бимурд соли сесаду чиҳил 340 / сентябр-октябри 951)... Пас Абдулмалик ибни Нӯҳро подшоҳ карданд. Ва асбаш хато

кард андар майдон бимурд... Ва баъд аз ӯ бародараш Мансур ибни Нӯҳ биншаст... Ва дар ин вақт Сабуктегин ва писараш Маҳмуд нав хоста буданд андар атрофи Хуросон. Ва писари Симҷуру Фоиқ ал-Хосса, ки ходим буд ва бандаи Сомониён, қувват гирифтанд ва хуруҷ карданд андар соли сесаду ҳаштоду чаҳор (384 / 994-995). Ва Мансури Нӯҳ аз Сабуктегину Маҳмуд ёварӣ хост ба ҳарби эшон. То эшонро ҷумла бишкастанду пирӯз омаданд. Ва андар ин вақт Сабуктегинро «Носируддавла» лақаб доданд ва Маҳмудро «Сайфуддавла». Ва аввали рӯзгори Маҳмудиён аз ин таърих буд... Андар соли сесаду ҳаштоду ҳафт рӯзи одина ба моҳи раҷаб / июл-августи 997) Нӯҳ ибни Мансур бимурд... Ва ҳамин сол Сабуктегин ба Нишобур бимурд. Ва аз ин пас изтиробҳо афтод. Ва Абулҳарас Мансур ибни Нӯҳ – набераи ӯро мил даркашиданд дар соли сесаду ҳаштоду нӯҳ / 998-999). Ва бародари ӯ Абулфаворис Абдулмалик ибни Нӯҳ биншаст ва Фоиқи ходим бимурд. Ва кори Маҳмуди Сабуктегин андар Хуросон бузург шуд ва лашкари Симҷуру Фоиқ ҳазимат кард ва бипароканд. Ва андар Бухоро кори Арслони Элик қавӣ гашт. Ва Абдулмалики Сомониро бигрифту бандаш кард. Пас Хуросон Маҳмудро софӣ кард ва Наср ибни Сабуктегин бародарашро ба Нишобур фиристод ва корҳо истиқомат гирифт. Ва баъд аз ин давлати Сомониён сипарӣ гашт»[1]. Чи тавре мебинем, муаллиф ба тарзи ниҳоят мухтасар раванди ба тахт соҳибшудани намояндагони сулолаи оли Сомон, таназзулу шикасти онро, батакрор, вале бо баъзе назарбиниҳои ҷузъӣ овардааст, ки дар маҷмӯъ аз тасдиқи ихтилофи бардавоми сиёсии замон ҳисоб меёбад.

Бояд қайд кард, ки тахтнишинони Сомониро бо ҳамин пайдарҳамӣ, вале бо маълумоти бештари кору фаъолияти онҳо дар китоби «Маҷмаъу-л-ансоб»-и Муҳаммади Шабонкораӣ (1297-1336) омадааст[2]. Ҳамчунин маълумоти нисбатан

---

[1] Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С. 194-196.

[2] Ниг.: Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммади Шабонкораӣ. Маҷмаъ-ул-ансоб // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. С. 301-309.

мукаммал доир ба рӯзгору фаъолияти давлатдорӣ, мушкилоти сиёсиву ҳарбии ба сари амирони Сомонӣ афтида, дар «Равзату-с-сафо»и муаррихи тавоно Мирхонд (1433-1498), чанде мухтасар дар «Маосиру-л-мулук»-и Хондамир (1475-1535) ва «Таърихи нигористон»-и Кошонӣ оварда шудааст[1].

Аз мазмуни маълумоти дар осори муаррихони асрҳои IX-XV доир ба авзои сиёсии давлатдории Сомониён ҷой дошта хулосае пеш меояд, ки чи тавре дар боло ишора рафт, онҳо чун фарзандони замони худ наметавонистанд аз доираи фаҳмиши ҷаҳонбинии таърихии ба давраи феодализм хос берун бошанд. Ин дар кӯшиши зоҳир накардани муносибати худ доир ба таҳлили замина ва сабабҳои ин ё он ҳаводис, муайян накардани вобастагии онҳо ба воқеияти замон ва ғайра равшан ба назар мерасад. Барои муҳаққиқон осори муаллифони асримиёнагӣ, чун сарчашмаи ниҳоят боэътимод, ҷиҳати равшан кардани ҳаводиси ниҳоят печидаи сиёсии замони давлатдории Сомониён имконияти васеъ фароҳам меоранд.

## Таърихнигории сохтори маъмурии давлати Сомониён

Чи тавре аз мазмуни маҷмӯии осори муаллифони замони Сомониён ва баъди суқути давлатдории онҳо бармеояд, сохтори сиёсии оли Сомон ба талаботи замони феодализми мутараққӣ мувофиқат карда, дорои чунин хусусиятҳои ба худ хос буд.

– дар давлати Сомониён ҳамаи нишонаҳои барои ҷомеаи феодалӣ хос ба назар мерасид;

– бо кӯшиши пайгиронаи Исмоили Сомонӣ давлат аз тобеияти пурраи хилофати араб раҳо ёфт;

[1]Ниг.: Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд Мирхонд. Равзат-ус-сафо // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. С. 311-373; Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин Ҳусайнии Хондамир. Дар ҳамон маҷмӯа. С. 435 – 438; Қозӣ Аҳмад ибни Муҳаммади Ғаффории Кошонӣ. Таърихи нигористон. Дар ҳамон маҷмӯа. С. 439-453.

– аъаноти асосии идораи давлатии замони Сосониён нафақат эҳё шуд, инчунин дар заминаи нав сохтори он вусъати тоза пайдо кард;

– идоракунӣ на дар асоси конгломерати халқҳои гуногун ва истисмори сахти давлатӣ, балки дар асоси таҷрибаи тӯлонии таърихии тоҷикон сохтори давлатдорӣ мувофиқи талаби замон ба роҳ монда шуд. Маҳз дар заминаи ҳамин таҷриба, баъди ба даст овардани истиқлолияти комили сиёсӣ, Сомониён тавонистанд фаъолияти босубот ва неруманди ҳокимияти марказиро таъмин намоянд;

– Нерумандии ин анъана дар он зоҳир гардид, ки ҳатто баъди суқути Сомониён ин сохтори мавзуни идоракунии давлатӣ натанҳо дар замони силсиласулолаҳои аҷнабиву кӯчии бегонатабори Осиёи Миёна, балки берун аз он мавриди такрору тақлид қарор гирифт[1].

Сомониён низоми мавзуну мувофиқи давлатдориро ташкил намуданд. Дар он амир ё шоҳ тамоми ҳокимиятро дар дасти худ нигоҳ дошта, давлатро ба воситаи муассисаҳои ҳарбӣ-шаҳрвандӣ – девонҳо, ки дар Эрони замони Сосониён оғози амал пайдо карда буд, идора мекард. Шояд фоидаовар будани таъсиси девонҳоро дар низоми идораи давлатӣ эҳсос намуда, халифаҳои Аббосӣ онро дастгирӣ мекарданд. Ин дастгирӣ то андозае ба Сомониён барои ташкил намудани девонҳо шароити мусоид фароҳам оварда тавонист[2].

Дар таърихнигории асримиёнагӣ сохтори маъмурии давлати Сомониён яке аз масъалаҳои марказӣ ҳисоб меёбад. Ин нишондиҳанда аз фазилатҳои ниҳоят муҳиму хоссаи давлатдории Сомониён буда, ташаккули он на аз рӯи тасодуф, балки аз анъаноти пешини давлатдории тоҷику форс, хосатан замони Сосониён маншаъ гирифтааст.

1 Пирумшоев Х. Время, породившее гения // Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа. Сборник избраных статей. – Душанбе: Ирфон, 2014. С.47.

2 Ниг.: Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения. – Т. I. – М.: ИВЛ, 1963. С. 285; Мец А. Мусульманский ренессанс. Перев. с немец. Д.Е.Бертельса. – М.: Наука, 1966. С. 70-73.

Доир ба ин масъала, гарчи дар осори бисёре аз муаррихони замони Сомониён ва баъди пошхӯрии он маълумоти ҷолибу нисбатан муфассал ба назар расад ҳам, вале ишораҳои мухтасари дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ омада, чун манбаи дасти аввал, қимати баланди маъхазӣ доранд. Аз ин рӯ бештар ба он такя кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Сохтори маъмурии давлати Сомониён ба талаби замони феодалӣ созгор буда, чун намунаи баланди идории давлатӣ, на танҳо дар қаламрави ниҳоят васеи онҳо, инчунин берун аз он эътироф шудааст. Наршахӣ ба сохтори мавзуни маъмурии ҳокимияти марказии Сомониён ишора намуда, аз мавҷудияти чунин девонҳо ёдовар шудааст:

1.**Девони вазир ё Хоҷаи бузург** (бо унвони Девони вазорат низ ёд мешавад), ки аз ҷиҳати нуфуз дар идораи давлат дар зинаи баландтарин қарор дошт. Вазир баъд аз шоҳ ба олитарин мақоми давлатӣ соҳиб буд. Амир гарчи худ дар таъйини вазир мустақил буд, вале аз рӯи анъанаи ба дарбори Сомониён хос, доир ба ин таъйинот бо сипоҳсолори бузург машварат мекард;

2) **Девони муставфӣ ё хазинадор** (маъмулан девони хироҷ ё дору-л-хироҷ низ мегуфтанд), тамоми умури молӣ: ҷамъоварии хироҷ, баҳисобгирии даромади молӣ, дахлу харҷ, танзими ҳисоботи молии вилоятҳо ва тамоми мамлакатро ба даст мегирифт;

3) **Девони расоил ё амиду-л-мулк**, корҳои муҳими давлатиро ба ӯҳда дошт. Ба зиммаи ин девон вазифаи иншои фармонҳои ҳукуматӣ, мукотиботи идоравӣ, номаҳои расмии амир, ки ба халифа ва дигар давлату ҳукуматҳо фиристода мешуданд;

4) **Девони соҳибу-ш-шурта ё соҳибу-ш-шурот**, сарварии гвардияи Сомониён, сарпарастии артиш, таъмини силоҳу хӯрокаи неруҳои ҳарбӣ, маоши лашкариён, интизоми лашкар ва дар маҷмӯъ таъмини бехатарии давлатро ба ӯҳда дошт;

5) **Девони соҳибу-л-барид**, низоми алоқаи марказро бо маъмурияти маҳаллии давлатӣ таъмин менамуд. Амалан кор-

мандони ин девон бевосита дар итоати шоҳ буданд. Онҳо аз фаъолияти амалдорони расмӣ дар марказу маҳалҳо назорати махфӣ бурда, дар мавриди зарурӣ ба марказ оҷилан мактубу гузоришот пешниҳод мекарданд;

6) **Девони ҳисба ё муҳтасиб** аз иҷрои бечуну чарои аҳкоми шариат аз дидгоҳи фиқҳ ва адолат назорат мебурд. Муҳтасиб чи дар марказ ва чи дар вилояту шаҳрҳо фаъолияти доимӣ дошт. Таъмини шариатии муомилоти савдо, тартиботи шаҳрдорӣ ва ғайраро назорат мебурд;

7) **Девони ишроф ё мушриф (хазинадор)**. Бояд қайд кард, ки доир ба фаъолияти ин девон дар замони Сомониён маълумоти амиқе дастрас нест. Вале аз рӯи мантиқи худи ибораи «ишроф» (аз арабӣ ба маънои «назорат аз ҷои баланд») хулосаи муҳаққиқон бар он аст, ки вазифаи ин сохтори давлатӣ назорати қатъӣ бурдан аз дахлу харҷи хазина иборат буда, ба замми ин зимомдории сирру асрори давлатиро дар даст дошт. Бо супориши амир кормандони ин идора ба таври пинҳонӣ фаъолияти ашхоси масъулро зери назорат қарор медоданд;

8) **Девони мамлукаи хос (амлоки хосаи султон) ё девони зиёъ**. Ба зиммаи ин девон ҷамъоварии андоз аз мулкҳои султонӣ (давлатӣ) гузошта шуда буд. Даромади аз ин мулкҳо ба даст омада, бояд пурра ба хазинаи давлат ворид мегардид;

9) **Девони ал-қазо ё қозӣ**. Аз иҷрои вазифаҳои шариатии қозиҳо назорат мебурд. Дар доираи Хуросону Мовароуннаҳр беш аз сӣ ҳавзаи идорӣ амал мекард, ки дар ҳар кадом фақеҳе дар мансаби қазо (қозӣ) фаъолият менамуд. Онҳо бевосита дар итоати сардори девони қазо буда, дар навбати худ иҷрои шариатии додрасӣ ва ҳукмномаҳоро аз қозиёни маҳаллӣ талаб мекарданд.

10) **Девони авқоф ё вақф**. Ин идораи бонуфузи маъмурии марказӣ, дахлу харҷи моликияти вақфро зери назорат нигоҳ медошт. Дар замони Сомониён суннати вақф кардани амволу амлоки давлатмандон ба масҷиду мадрасаҳо, мазору қаландархонаҳо бемористону китобхонаҳо, работу кӯпрукҳо ва ашхоси алоҳида хеле ривоҷ ёфта буд. Дар ин ҷода амали худи амир Исмоили Сомонӣ намунаи ибрат ҳисоб меёфт.

Бо фармони Насри II барои фаъолияти ин 10 девон дар Регистони Бухоро биноҳои муҳташам сохта шуданд. Чунин ҷараён гирифтани сохтори ниҳоят мавзуни дар замони асримиёнагӣ намунавӣ барои рушди босуботи иқтисодию фарҳангӣ мусоидат мекард[1].

Бояд қайд кард, ки ба замми ин даҳ девони номбаршуда, баъзе аз мутахассисон бар он ақидаанд, ки боз ду девон фаъолият дошт:

**Девони сипоҳ**. Амалан ин идораи (дафтар) маъмурии марказие буд, ки онро «ҷаридаи савдоъ» ном мебурданд. Дар ин дафтар ҳамасола ному насаби фармондеҳон, ба кадом тоифа ва халқ мансубият доштан, миқдори лашкари савора ё пиёдаnизоми дар ихтиёрашон буда (бо нишондоди талафоту аз нав пурра кардани сафи лашкар), таъминоти силоҳ, пардохти маош ва ғайра ба қайд гирифта мешуд.

**Девони об**. Дар давлати Сомониён идороти мутасаддии умури об ва обёрӣ амал мекард. Ин идораи маъмурии муҳими давлатӣ, назорати иншоотҳои муҳими обёрӣ ва даромади аз истифодаи онҳо ба хазинаи давлат воридшавандаро дар даст дошт.

Ин ду идораи дар фарҷоми номгӯи девонҳо ишораёфтаро муҳаққиқи муосири эрон Муҳаммадризо Ноҷӣ илова намудааст[2]. Албатта мавҷудияти чунин идороти маъмурии марказии муҳим ҳақиқати таърихист. Вале расман ном бурдани онҳо

[1] Абӯбакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Мураттибон: Ғ. Ғоибов, К. Олимов, Н.Амиршоҳӣ. – Душанбе: Пайванд, 2012. С. 60. Доир ба самтҳои фаъолияти девонҳо пурратар ниг.: Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон. 1998. С.454-457; Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX – X. – Душанбе: Ирфон, 1989. С.29-35; Мухторов С. Сомониён: замон ва макон. – Душанбе: Сурушан, 1999. С.97-104; История таджикского народа. Том II. Эпоха формирования Таджикского народа. – Душанбе: Алҳудо, 1999. С.337-341; Ноҷӣ Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. (Баргардон ба хати сириллик ва муаллифи пешгуфтор Л. Бойматов). – Душанбе: Алхудо, 2011. С. 293-480.

[2] Ниг.: Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 418-480.

чун девон дар сарчашмаҳои ба давлатдории Сомониён хос ба назар намерасад. Чи тавре ба «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ истинод шуд, фақат номгӯи даҳ девон ва биноҳои онҳо омадааст.

Аз тафсилоти нисбатан доманадори ҳар яке аз девонҳо бо назардошти он, ки дар осори муҳаққиқини таърихи Сомониён ин масъала бо такя ба маълумоти дар осори муаррихони асримиёнагӣ, то андозае ҳалли худро ёфтааст, банд нашуда, фақат аз вазирони номдори Сомониён ёдовар шудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар воқеъ, вазир олитарин мақоми давлатӣ ҳисоб меёфт ва ба унвони хоси ӯ дар ин давра вожаи «шайх» ҳамроҳ мешуд. Албата ин унвон вобаста ба эътибори вазир тағйир меёфт. Масалан, Ҷайҳонӣ бо унвонҳои «аш-шайху-л-амид», «аш-шайху-л-ҷалил» ва Ҷайҳонии Кабир ёд мешавад.

Аз рӯи маълумоти дар осори муаррихони асримиёнагии ба тавсифи замони Сомониён иртибот дошта, вазирон дар нигаҳдошти эътидоли сиёсӣ, таъмини рушди иқтисодию фарҳангии давлати Сомониён ба хизмати шоҳон дар як радиф қарор доштанд. Кам нестанд мисолҳое, ки вазирон дар муддати муайяне (баъзан то ба синни болиғ расидани шоҳон, ё ягон табаддулоти дарборӣ) пурра ҳокимиятро ба даст гирифта, давлатро аз пошидан нигоҳ медоштанд. Масалан, дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ ишора меравад, ки вақте амир Наср ибни Аҳмади 8-сола ба тахт нишаст, вазир Ҷайҳонӣ ӯро аз суйқасди намояндагону талошмандони тахт раҳо карда[1], инони давлатдориро то ба ҳадди булуғ расидани шоҳ, пурра ба даст гирифта тавонист.

Муаррихон Кирмонӣ (охири асри XIII –ибтидои асри XIV), Уқайлӣ (нимаи дуюми асри XV), Хондамир (1475-1535) ва дигарон дар осори аз худ боқӣ гузошта, ки ба таърихи вазирони аҳди Сомониён ва чанде аз соҳибдавлатони сулолаҳои баъдина бахшидаанд, метавон доир ба фаъолияти вазирони

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.169.

бонуфузи давлати Сомониён Абулфазли Балъамӣ, Абӯҷаъфари Утбӣ, Абулҳусайни Утбӣ, Абулҳасани Музнӣ, Абдуллоҳ ибни Азиз, Абӯнаср ибни Абӯзайд ва Абулмузаффар ибни Иброҳими Барғушӣ (ё Бузғушӣ) ва дигарон маълумоти нисбатан муфассал дарёфт[1].

Бояд қайд, ки чунин низоми идоракунӣ дар вилояту музофотҳо низ роиҷ шуда буд. Ба маълумоти дар осори муаррихон Гардезӣ, Ёқут, Самъонӣ, Ибни Ҳавқал ва ғайра такя карда, муаррихи Эрон М. Ноҷӣ қайд намудааст: «Ба ҷуз вузарои амирони Сомонӣ дар дору-л-амораи Бухоро, ҳукуматҳои маҳаллӣ (асҳобу-л-атроф) ва сипаҳсолорони Хуросон низ аз афроде ба унвони вазир ёрӣ мегирифтанд. Мансаби вазорат дар дастгоҳи ин амирон ба сабк ва сиёқи дарбори Сомониён, вазиронашон низ ҳамчун вузарои Сомонӣ ғолибан олим ва кордон буданд»[2]. Ин муаллиф чун намуна аз чанде вазирони маҳалии маъруфбуда, аз ҷумла Мунқадирӣ, Марзбон, Абулқосим Аҳмади Балхӣ, Абӯзаиди Балхӣ, Наср ибни Исҳоқ, Абулҳусайни Форсӣ, Абӯабдуллоҳи Шиблӣ, Абулҳасани Аҳвозӣ, Муҳаммад ибни Иброҳим, Абдурраҳмон ибни Аҳмад, ки дар ин ё он вилоят, ба сифати вазирони ҳукуматҳои маҳаллӣ фаъолият мекарданд, ёдовар шудааст[3].

Чунин тарзи ба номгӯи девонҳои марказӣ мувофиқ, ки низоми идоракунии маҳалиро дар асоси итоати бечуну чаро ба ҳукумати марказӣ таъмин мекарданд, дар тамоми қаламрави давлати Сомониён ба ҳукми анъана даромада буд[4].

---

[1] Ниг.: Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим –ул-асҳор мин латоим-ил-ахбор //Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди I (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С.293-299; Сайфуддин Ҳоҷӣ ибни Низоми Уқайлӣ. Осор-ул-вузаро. Ҳамон ҷо. С. 375-379; Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин Ҳусайнии Хондамир. Дастур-ул-вузаро. Дар ҳамон ҷо. С. 423-432. Ҳамчунин ниг.: Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 299-334.

[2] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 334.

[3] Ниг.: Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 334-338.

[4] Пурратар ниг.: Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 334-480.

В.В.Бартолд ба маъхазҳои барояш дастрас такя карда, доир ба тартиби маъмурӣ дар музофоту маҳалҳо чунин хулосабардорӣ намудааст: «Дар музофотҳо мо ҳамон вазифаву муассисаҳои маъмурие, ки дар марказ буданд, ба назар мерасанд, зимнан вазирони музофотиро ҳоким ё кадхудо мегуфтанд. Дар давраи Сомониён ва Ғазнавиҳо амалдорони маҳаллӣ аксаран аз тарафи шоҳ таъйин ва озод мешуданд. Дар оянда усули бюрократии идоркунии маҳалҳо (муаллиф пас аз Сомониёнро дар назар дорад – Ҳ.П.) ба он оварда расонд, ки сардорони муассисаҳои идорӣ дар шаҳрҳои музофотӣ муовинонашонро бо салоҳдиди худ таъйин мекарданд... Намояндагони дин дар давлати Сомониён нуфузу имтиёзҳои зиёд доштанд. Мебинем, ки ҳатто асосгузори ин сулолаҳо ҳокимияти худро дар Бухоро бо ёрии пешвои рӯҳониён барқарору мустаҳкам менамуд»[1]. Дар Моварооуннаҳр, ки мазҳаби ҳанафия нуфузи ҳалкунанда дошт, рӯҳониҳоро аввал устод меномиданд, баъди чанде лақаби шайхулисломро соҳиб шуда, дар идоракунии давлат таъсиргузор буданд[2].

Аз рӯи анъанаи ба замони давлатдории Сомониён роиҷ, фақат олимон дар назди шоҳ заминбусӣ намудан озод буданд. Дар замони ҳокимияти Исмоил – олим, устод чун вазифа шинохта мешуд. Дар Моварооуннаҳр онҳоро расман бо ибораи «донишманд» ном мебурданд[3]. В.В. Бартолд ҳанӯз нуфузмандии маъмурии худро нигоҳ доштани баъзе аз намояндагони сулолаҳои қаблӣ дар Балх, Хоразм. Исфиҷоб, Ҷағониён, Хуттал, Рашт, Элок ва ғайраро нишон дода, ба эътироф намудани онҳо аз тарафи ҳокимияти марказӣ ишора намудааст[4].

---

[1] Бартольд В.В. Туркеста в эпоху монгольского нашествия // Сочинения Т.I. – М.:ИВЛ, 1963. С. 291.
[2] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби якум. С. 456.
[3] Бартольд В.В. Туркеста в эпоху монгольского нашествия. С.291-292.
[4] Бартольд В.В. Туркеста в эпоху монгольского нашествия. С. 292-293.

# БОБИ V

# ИЪИКОСИ ВАЗЪИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН ДАР ОСОРИ МУАРРИХОНИ АСРИМИЁНАГӢ

## Кишоварзӣ ва чорводорӣ

Чи тавре ба мутахассисони соҳа маълум аст, омили муҳимтарин ва муайянкунандаи сатҳи нуфузи сиёсиву ҳарбии ҳар кадом давлат, дараҷаи иқтидори иқтисодии ӯ мебошад. Вале ҳамеша дар сатҳи баланд нигоҳ доштани ин нишондиҳанда ғайри имкон аст. Ин барои давлати Сомониён истисно буда наметавонист. Раванди он ҳаводиси сабаби ноустувории вазъи сиёсӣ гардида, табиист, ки ба истеҳсолоти неъматҳои моддӣ – нишондиҳандаҳои сатҳи кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат бетаъсир намемонд. Масалан, он рушди босуботи замони ба иқтидори сиёсӣ соҳиб будани давлат, хосатан дар давраи ҳокимияти Исмоил ибни Аҳмад (892-907) ва Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил (914-943) дар давраи ҳукумати дигар намояндагони оли Сомон ба назар намерасид.

Бояд қайд кард, ки масоили иқтисодиву иҷтимоии давлати Сомониён дар мадди назари муаррихони замони Сомониён ва пас аз суқути он ҳамеша ҷой доштааст.

Аз рӯи маълумоти дар осори муаррихон ҷойдошта, минтақаҳои ниҳоят фарохи қаламрави Сомониён аз ҳар ҷиҳат барои зироткорӣ иқлими мувофиқ буданд. Ҳосилхезии хоки ин сарзамин сайёҳони ба ин паҳно сафар доштаро дар ҳайрат мегузошт. Дарёҳои калону сероб – Ҷайҳуну Сайҳун (Аму, Сир), Зарафшон, ки аз силсилакӯҳҳои Тяншон, Помиру Олой

ва Ҳиндукуш сарчашма мегирифтанд, бо шохобҳои худ, масоҳати калонеро фарогир буданд. Наҳру коррезҳои бо заҳмати мардум рӯи кор омада, замини зархези минтақаро шодоб мегардонданд.

Ҳосилхезии замини Мовароуннаҳрро Ҷайҳонӣ (ваф.942), ки ба бисёр мамлакатҳо сафар доштаву мушоҳидоту мулоҳизоти худро дар боби Иқлими бистуми «Ашколу-л-олам» (Зикри Мовароуннаҳр ва тавобеи он), чунин васф намудааст: «Ба ҳамаи Мовароуннаҳр мавзеъе холӣ нест, баъзе деҳҳо ва шаҳрҳо ҳаст ва баъзе зироати беоб ва баъзе марғзорҳо. Ва ҳар таоме, ки аз он чора набошад, дар Мовароуннаҳр бошад...

Меваҳои эшон дар Суғд ва Уструшана ва Фарғона ва Шош чандон аст, ки аз хӯрдани эшон боқӣ мемонад ва чаҳорпоён мехӯранд. Барда аз ҷумлаи Туркистон бад-он ҷо мебаранд. Ва он чи аз эшон зиёдат меояд, ба дигар вилоятҳо мерасад»[1]. Муаллиф дар ҷои дигари «Ашколу-л-олам» ин хулосаи мушоҳидаи худро тақвият дода, овардааст: «Ва заминҳои Бухоро ба об наздик аст, бад-ин сабаб дарахтони беховари баланд чун чанор ва ҷавз ва амсоли он набшад. Ва меваҳои Бухоро хуштар ва созвортар, дурусттар аз меваҳои Мовароуннаҳр бошад. Заминҳои Бухоро чунон барӯманд бувад, ки агар касе чизе дар замин бикорад ва иморат кунад, дахли ӯ ба харҷ баробар кунад ва маоши ӯ аз он ҳосил ояд»[2].

Ҷайҳонӣ дар «Иқлими нуздаҳум»-и китоб, ки «Зикри Хуросон ва тавобеъ» унвон гирифтааст, доир ба навоҳии он маълумоти ҷолиб оварда, аз ҷумла аз Бадахшон ёдовар шуда, қайд кардааст, ки дар он ҷо кони лаъл, беҷода, лоҷуворд ва мушки тар мавҷуд аст.

Доир ба Мовароуннаҳр ва мулку ноҳияҳои он дар «Иқлими бистум» маълумоти ниҳоят зиёде ба чашм мерасад. Дар ин боб муаллиф аз ободии Мовароуннаҳр бо як самимияти хоса

[1] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 51-52.
[2] Ҳамон ҷо. С.59.

ёдовар шуда, чунин изҳор доштааст: «Мовароуннаҳр аз ҷумлаи вилоятҳо хуштару бонеъматтар аст ва мардумони он басаломаттаранд. Ва ончи эшонро даст диҳад, ҷавонмардтар ва мардумони далер бо олати тамом аз асбу силоҳ. Ва дар фарохсолӣ ҳеҷ иқлим нест, ки ёд кардаем, ки дар он ҷо борҳо қаҳт набудааст, магар Мовароуннаҳр, барои он ки агар офате ба зироати эшон расад, он ғалла, ки боқӣ монад, аз иртифои эшон тамом бошад ба сабаби бисёрӣ... Меваҳои эшон дар Суғд ва Усрушана ва Фарғона ва Шош чандон аст, ки аз хӯрдани эшон боқӣ мемонад ва чаҳорпоён мехӯранд... Аммо саховату ҷавонмардии асҳоби Мовароунаҳр, дар бештари вилоят ва шаҳрҳои эшон чунин аст, ки гӯӣ ҳамаи мардумон дар як сароянд ва хеши якдигаранд ва ҳеҷ кас ба хонаи якдигар наравад, ки напиндорад, ки хонаи хеш аст... ба Мовароуннаҳр зиёда аз даҳ ҳазор работ бошад. Ва бештар чунин аст, ки ҳар ки фуруд ояд, он чи эҳтиёҷ дорад аз таом ва улуфаи чаҳорпоён ба ӯ бидиҳанд. Ва бар шаҳри Самарқанд ҳеҷ кӯе ва маҳалле ва бозоре ва корвонсарое нест, ки дар тобистон аз яхоби сабил холӣ бошад»[1]. Чунин тавсифи авзои иқтисодию иҷтимоӣ, ки дар нишондиҳандаҳои кишоварзӣ, тиҷорату ҳунармандӣ инъикос ёфтаанд, хеле равшан ба назар мерасад. Аз хусуси маълумоти ҷуғрофӣ бошад, он дар маркази асар ҷой дошта, муаллиф мавқеи ҷуғрофии тамоми шаҳру навоҳии Мовароуннаҳр ва масофаи байни онҳоро хеле саҳеҳ нишон додааст. Ҳамаи ин аз рушди ҳамаҷонибаи Мовароуннаҳру Хуросони замони Сомониён дарак медиҳад.

Сайёҳ ва ҷуғрофиёшиноси араб – Истахрӣ ба табиати барои кишоварзӣ ниҳоят мувофиқи Мовароунаҳр ишора намуда, қайд кардаст, ки «иқлими Мовароуннаҳр дар сабзӣ ва назоҳат ба ғояте аст, ки дар шаҳрҳои ислом мисли он кас нишон надодааст». Аз рӯи маълумоти ӯ дар «Масолик ва мамолик» оварда, мардуми Мовароуннаҳр дасткушоду саховат-

[1] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л олам //Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С.51-53.

манданд ва шермарду сулҳдӯстанд. Дар ин ҷо мисли дигар мамлакатҳо қаҳтӣ намешавад, чунки захираи як сол аз ғалла таъом ва меваи ҷамъовардаи мардум ба чанд сол мерасад. Ҳосили мева чунон зиёд аст, ки онро шутурону дигар ҳайвоноти хонагӣ мехӯранд ва боқимондаашро ба дигар ҷойҳо мебурданд. Дар кӯҳҳо ва саҳроҳо обҳо фаровон ва шутуру дигар чаҳорпоён хеле зиёд будааст. Аз рӯи анвои зиёди маъдани дар кӯҳҳо буда, Мовароуннахр дар байни дигар кишварҳо дар ҷои аввал қарор дошт. Муаллиф ҳамчунин аз сифати баланди карбосу қоғази Самарқанд ёдовар шудааст[1].

Чунин баҳо дар «Ҳудуду-л-олам» доир ба Хуросон ба тариқи зайл омадааст: «Ва ин [Хуросон] ноҳиятест бузург бо хостаи бисёр ва неъмати фарох ва наздики миёнаи ободонии ҷаҳон аст. Ва андар вай маъданҳои зар аст ва сим ва гавҳарҳое, ки аз кӯҳ хезад. Ва аз ин ноҳият асп хезад ва мардуми ҷангӣ ва дари Туркистон аст. Ва аз ӯ ҷомаи бисёр хезад ва зар ва сим ва пирӯза ва доруҳо. Ва ин ноҳиятест бо ҳавои дуруст ва мардумони ботаркиби қавӣ ва тандуруст»[2]. Муалифи «Ҳудуду-л-олам» нисбат ба Мовароуннаҳр чунин баҳо дода, аз ҷумла қайд кардааст, ки «ноҳитест азим ва ободон ва бисёрнеъмат. Ва андар кӯҳҳои вай маъдани сим аст ва зар, сахт бисёр бо ҳамаи ҷавҳарҳои гудозанда, ки аз кӯҳ хезад, бо ҳама доруҳо, ки аз кӯҳ хезад чун: зогу зарних ва гӯгирду навшодир»[3]. Дар китоби ҷуғрофии номбурда, доир ба табиату замини ҳосилхези ҳар навоҳии Мовароуннаҳру Хуросон маълумоти ҷолиб оварда шудаст[4].

Ибни Ҳавқал, ки фарохнеъматии Мовароуннаҳрро хеле равшан шарҳу тавсиф менамояд, аз ҷумла доир ба Чочу

---

[1] Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ Масолик ва мамолик. (Бо чоп тайёркунанда Эраҷи Афшор). – Теҳрон, 1340. С.226-227; ҳамчунин ниг.: Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С.87.

[2] Ҳудуду-л-олам. С. 53.

[3] Ҳудуду-л-олам. С.62.

[4] Ниг.: Ҳудуду-л-олам. С. 53-70

(Шош) Фарғона қайд кардааст: «...Дар Чоч ва Фарғона созу барг чунон аст, ки дар ҳеҷ як аз марзҳо дар замони мо монанд надорад, то он ҷо ки як тан раият дар ҳудуди сад то панҷсад то ду ҳазор раъс чорпо дорад ва аз умарои султон ҳам нест. Мардуми Мовароуннаҳр бо он, ки аз Арабистон дуранд, пештар аз ҳама ва бо молу анбӯҳу шутурони худ ба ҳаҷ мераванд ва шумораи онон нисбат ба ҳоҷиёни навоҳии дигар бештар аст»[1].

Дар «Муъҷаму-л-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ, гарчи хеле дертар, қариб ду аср (1224) аз «Ашколу-л-олам»-и Ҷаҳонӣ таълиф шуда бошад ҳам, доир ба ободии Мовароуннаҳр айнан тавсифи ӯро ба тариқи зайл такрор кардааст: «Мовароуннаҳр аз ҷумлаи хуррамтарин, бонеъматтарин, пурбаракаттарин иқлимҳост. Мардуми он ба хайру сахо ва бахшиш ба муҳтоҷон рағбати тамом доранд... Аммо фарохии неъмати он аз ҳадди тавсиф бештар аст ва дар тамоми билоди ислом ва ғайри он мислаш набошад, ки аҳли он борҳо дучори қаҳт нашудаанд, магар Мовароуннаҳр. Ва агар мардуми он гоҳе аз гармову сармо зарар бинанд ва ё офате ба зироати эшон бирасад, ҳамон ғаллае, ки пас аз офат дар заминҳояшон боқӣ монад, аз зиёдӣ эшонро басанда аст ва ниёзе ба нақли он аз шаҳрҳои дигар надоранд»[2]. Ин маълумоти худро бештар тақвият дода, Ҳамавӣ қайд кардааст, ки «дар тамоми Мовароуннаҳр мавзеъе холӣ аз иморатҳо, шаҳрҳо, деҳаҳо, обҳо, киштзорҳо ва чарогоҳҳо нест. Ва ҳар чизе, ки мардумро аз он чора набошад, эшонро бошад – ба ҳадде бештар аз истеъмолашон... Чун ба Суғду Уструшана ва Фарғонаву Шош ворид шудӣ, хоҳӣ дид, ки меваҳои эшон он қадар фаровон аст, ки аз ҳама офоқ зиёдат намояд»[3].

Дар осори таърихиву ҷуғрофии муаллифони замони Сомо-

---

[1] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 141.
[2] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 289.
[3] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон. С. 289-290.

ниён ва баъди суқути ин давлат маълумоти зиёде доир ба вазъи кишоварзии ноҳияву мулкҳои дар итоати Сомониён буда, аз ҷумла Нишопур, Гургон, Рай, Тус, Ҳирот, Зобулистон, Ғарҷистон, Систон, Сарахс, Марв, Чоч, Усрушана. Фарғона, Хуҷанд, Хуттал, Ҷағониён, Шумон ва ғайра маълумоти зиёде доир ба иншоотҳои обёрикунанда ва вазъи кишоварзӣ оварда шудааст. Дар ин радиф аз Истахрӣ ёдовар шудан ба маврид аст[1]. Аз ҷумла ин ба иқлими ниҳоят барои кишовазӣ мусоиди Мовароуннаҳр ишора намуда, қайд кардааст: «Ва иқлими Мовароуннаҳр дар сабзӣ ва назоҳат ба ғояте аст, ки дар шаҳрҳои ислом мисли он кас нишон надидааст. Ва ҳеҷ иқлиме ва шаҳре дида ва шунида нашуд, ки дар сабзӣ ва назоҳат монанди Бухоро бошад, ҷиҳат он ки агар касе болои куҳандизи он биистад, ба ҳар тараф, ки назар андозад, сабзиву оби равон ӯро муояна ва мушоҳада афтад». Ҳамин баҳоро дар иртибот ба Самарқанд оварда, қайд мекунад, ки «дар Суғди Самарқанд ва нафаси шаҳр чун ба куҳандизи он касе биистад, тамомат ҳама сабзу хурраму назаҳ бошад». Бо ҳамин маънӣ аз Фарғонаву Шошу Усрушана ва дигар шаҳру мавзеъҳои Моваруннаҳр ёдовар шуда, мегӯяд, ки «дарахтон ба якдигар даромада ва меваҳои бисёр. Ва марғзорҳо бо якдигар пайваста ва мусолиқ аст, чунонки дар тамоми офоқ мисли он нест»[2].

Чи тавре маълум аст, дар Мовароуннаҳру Хуросон, ки маҳсулоти кишоварзӣ асосан аз ҳисоби обёрии заминҳо гирифта мешавад, дар он замон бе сохтмони иншоотҳои обёрикунанда пешбурди ин соҳа ғайри имкон буд Аз ин рӯ дар замони Сомониён ба ин масъала диққати махсус дода мешуд. Чи тавре дар боло ишора рафт, идороти мутасаддии умури об ва обёрӣ амал мекард, ки сохтмону назорати иншоотҳои муҳими обёрӣ ва даромади аз истифодаи онҳо ба хазинаи давлат воридшавандаро таъмин менамуд. Маҳз ҳамин

[1] Ниг.: Истахрӣ. Масолик ва мамолик // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С.83-101.

[2] Ҳамон ҷо. С.87-88.

диққати махсус зоҳир кардани ҳокимияти марказии давлати Сомониён ба ин соҳа, баъзе аз муҳаққиқонро ба хулосае овардааст, ки дар низоми умури давлатӣ гӯё девони дувоздаҳум – девони об амал мекард.

Бояд қайд кард, ки хилофат ҳанӯз то замони Сомониён ба обёрии Хуросону Мовароунаҳр диққати махсус медод, чунки даромади ба хазинаи халифа воридшаванда аз сохтмон, нигаҳдошт ва истифодаи самараноки иншоотҳои обёрикунанда вобастагии ҳалкунанда дошт. Истахрӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, қайд кардааст: «Ва дар Мовароуннаҳр чанд аз тавобеъ ва лавоҳиқ аст. Ва он чи аз ин диёр мулосиқ ва мусобиқи Ҷайҳун аст, мисли шаҳри Бухоро, ки дар маъбари Хуросон аст ва тамомат, ки ба Самарқанд мансуб мебошад ва бадон муттасил аст, мисли Шошу Ушрусанаву Фарғонаву Кешу Насафу Сағониён ва аъмоли ҳаволии он ва дигар Хуттал ва он чи ба канораи рӯд мекашад аз Тирмиз ва дигар – Қуводиён ва Ахсисак ва Хоразм.

Ва аммо Порёб ва Испиҷоб то Тароз ва Элоқ, то Шош – тамомат аз ҳисоби садади Мовароуннаҳр мегирад, ҷиҳат он ки эшон дар миёнаи рӯди Вахшобу Ҷарёб мавзӯъанд.

Ва Хоразм низ аз ҳисоби садади Мовароуннаҳр аст, ҷиҳат он ки онро Вароуннаҳр мехонанд ва аз эшон ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр наздиктаранд аз шаҳрҳои Хуросон.

Аммо Бухорову Кешу Насаф – тамомат аз аз ҳисобу садади Суғд буданд, валекин аз эшон ҷудо карда шуд, то дар тафсил сабуктар ва осонтар шавад»[1]. Ҳамчунин ин муаллиф аз рӯдҳои зиёде, ки шаҳру навоҳии минтақаро обёрӣ мекунанд, ёдовар шудааст[2].

Шиносоӣ бо «Масолик ва мамолик»-и Истахрӣ ба хулосае меорад, ки дар он вазъи иқтисодию иҷтимоии шаҳру навоҳии Мовароуннаҳру Хуросонро хеле равшан инъикос ёфтааст. Дар

[1] Истахрӣ. Масолик ва мамолик // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 89-90.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. С. 84-101.

ин асар, дар баробари нишондиҳандаҳои аз рушди кишоварзӣ даракдиҳанда, инчунин доир ба ҳунармандӣ, тиҷорат, санъати меъмории шаҳрҳои Мовароуннаҳр – Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Шош, Тирмиз, Ӯш, Ҳулбук, Қабодиён, Чағониён ва ғайра, ки дар маҷмӯъ шуморашононро беш аз 120 нишон додааст, маълумоти ниҳоят ҷолиб ба назар мерасад.

Дар «Таърихи Бухоро» зикри чунин 12 рӯдҳои шаҳри Бухоро ва атрофи он: Кармина, Шопурком, Харқонату-л-улё, Харқонрӯд, Ави Хитфар, Сомҷан, Байконрӯд, Фаравезу-л-улё, Фаравезу-с-суфло, Арвон, Кайфар ва Рӯди Зар рафтааст[1].

Ибни Ҳавқал дар «Сурату-л-арз» аз чаҳордаҳ ҷӯйҳои Бухоро ёдовар шуда, онҳоро чунин ном бурдааст: Шофирком, Харғонрӯд, Наҷҷорхитфар, Чарғ, Навканда, Барахша, Кушиа, Ромитана, Фаровези Поён, Арвон, Фаровези Боло, Хома, Навкандаи дуюм, ки Навбоғи амирро шодоб мекард ва Ҷӯи Зар. Ба ғайр аз Ҷӯйи Зар, ки аз Дарёи Суғд ҷорӣ шуда, рабази (работ) Бухороро обёрӣ мекард, дигар ҳама аз дарёи Зарафшон саргаҳ гирифта буданд. Ҳамчунин ин муаллиф ҷӯйҳоеро, ки аз шаҳр берун то Пайканду дигар ҷойҳо мерасиданд, номбар кардааст[2].

Бояд қайд кард, ки низоми обёрии замони Сомониён дар асоси маълумоти хаттӣ ва маводи ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ ба даст омада, нисбатан мукаммал омӯхта шудааст. Дар боби хизмати муҳаққиқони асри XX – ибтидои асри XXI дар баррасии ин масъала, мулоҳизоти муаллиф пешниҳод мешавад. Вале дар ин ҷо ба маврид аст, аз бардошти В.В. Бартолд ва боз чанде аз муҳаққиқон доир ба вазъи обёрии замони Сомониён ёдовар шавем.

«Сулолаҳои Тоҳириён ва Сомониён (асрҳои IX – X) нисбат ба худи арабҳо, – менависад В.В. Бартолд, – бо муваффақияти калон исломро паҳн карда, ҳифзи сарҳадҳои худро аз ҳуҷуми

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 69-70.
[2] Ибни Ҳавқал Абулқосим ан – Насибӣ. Сурату-л-арз. – Бейрут: Мактабату-л-ҳаёт, 1992. С.401-402, 399-400; ҳамчунин ниг.: Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тавзеҳоти ба чоптайёркунандагон – № 169. С. 276-278.

бегона ҳифз менамуданд. Онҳо бо роҳи осоишта намояндагони сулолаҳои томусулмониро дур карда, доир ба муттаҳид намудани он ба як давлати воҳид, ки ба ҳайати он дар баробари Мовароуннаҳр Хуросон низ ворид мешуд, чораҷӯӣ мекарданд. Дар замони Тоҳириён пойтахти ҳамаи давлати Хуросон – шаҳри Нишопур ва дар замони Сомониён бошад, Бухоро ҳисоб меёфт. Муттаҳидшавии сиёсӣ, мисли ҳарвақта доир ба беҳдошти низоми обёрикунанда (ирригатсия) имкон дод; мо мебинем, ки ба ташкилотчии Хуросон, Абдулллоҳ ибни Тоҳир (830-844), сохтмони як қатор иншоотҳои обёрикунандаро дар моварои вилояти Каспӣ нисбат медиҳанд. Ҳатто ҳукумати дурдасти Бағдод дар ин корҳо иштирок дошт ва ҳамзамони Абдуллоҳ, халифа Муътасим (833-842) барои сохтмони наҳри (канал) атрофи Тошканд ду миллион дирҳам (қариб 500 000 пули русӣ) чун ҳадя бахшид»[1].

Низоми обёрии замин дар замони Сомониён бештар ривоҷ ёфт. Ба ин В.В.Бартолд мароқ зоҳир намуда, қайд кардааст: «Аз низоми обёрикунии давлати Сомониён, аз ҳама мукаммал Мурғоб ҳисоб меёфт... Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар баъзе ҷойҳо, монанди ҳавзаҳои Мурғоб ва Зарафшон, дар боробари заминҳои обӣ, замини зиёди лалмӣ низ буд. Ҳосили аз ин заминҳо ба даст омада, барои таъмини як шаҳри калон мерасад»[2].

Сохтмони дарғоту корезҳо дар замони Сомониён хеле ривоҷ ёфта буд. Аз рӯи маълумоти боқимонда, чунин дарғоту обанбори бузург дар Хоразм сохта шуда буд, ки муғулҳо онро вайрон карданд. Боқимондаи чунин дарғоти дар асри X сохта шуда, дар кӯҳҳои Нурота пайдо шудааст. Чунин мисолҳо кам нест[3]. Табиист, ки сохтмони чунин иншотҳои азими обёрикунанда, дониши баланди гидротехникиро талаб мекард.

---

[1] Бартольд В.В. К истории орошения Туркестана //Сочинения. – Т.III. – М.: Наука, 1965. С.107.

[2] Бартольд В.В. К истории орошения Туркестана. С. 109.

[3] Ниг.: Билалов А.И. Научные основы ирригационной практики X – XI вв. // Абуали ибн Сино и его эпоха. Сборник статей (К 1000-летию со дня рождения). – Душанбе: Дониш. 1980. С. 68-69

Чи тавре аз натиҷаи ковишҳои бостоншиносон бармеояд, сохтмону рушди низоми обёрӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон хеле пеш, ҳанӯз аз замонҳои қадим то паҳн кардани ислом ва замони давлатдории Тоҳириёну Саффориён чун талаботи зарурии таъминкунандаи воситаи зиндагии мардум, ба ҳукми анъана даромада буд. Масалан, аз рӯи маълумоти дар осори қадимаи таърихии Юнону Рим ва дигар давлатҳо буда, санъати сохтмони иншоотҳои обёрикунандаи замони Ҳахоманишҳо дар Бохтар, Суғд, Хоразм, Порт ва ғайра, замони юнонӣ-бохтарӣ ва хосатан давраи Сосониён, ки сохтмони онҳо то андозае дар зиммаи давлат қарор дошт, хеле пеш рафта буд[1].

В.В. Бартолд дар асоси таҳқиқи сарчашмаҳо хулосаи худро доир ба дастоварҳои замони Сосониён чунин иброз доштаст: «Дар замони Сосониён техникаи обёрикунӣ (ирригатсия) на фақат дар вилоятҳои ғарбӣ, инчунин шарқӣ, дар Мурғобу Ҳилманд дар сатҳи хеле баланд мукаммал гардида буд. Низоми обёрикунии Мурғоб ба арабҳо то дараҷае таъсир гузошт, ки яке аз каналҳои дар Басра дар асри VIII кандашударо бо ин унвон номгузорӣ карданд; Маҳз «донандагони об»-и (обшиносон) Систон, ки истилогарони араб дар асри VII аз Систон бурда буданд, корҳои обёрикунии атрофи Маккаро ба анҷом расонданд»[2].

Вале низоми мукаммали ирригатсионӣ дар минтақаро на ҳама вақт дар ҳолати шукуфоиву рушд нигоҳ доштан муяссар мегардид. Борҳо аз ҳуҷуми аҷнабиён ва ҳаводиси табиӣ вайрону валангор гардида, боз бо заҳмати мардум сохта мешуданд. Бояд қайд кард, ки на ҳама вақт ин азнавсозӣ ба иқти-

---

[1] Ниг.: Бартольд В.В. К истории орошения Туркестана //Сочинения. – Т.III. С.99-107; Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. С.99, 213-214, 241-245. 336-337; Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. С.74-78; История таджикского народа. Том II. Эпоха формирования таджикского народа. – Душанбе: Алхудо – Исламскя Республика Иран, 1999. С. 356-359.

[2] Бартольд В.В. К истории орошения Туркестана. С. 105.

дори пештара расонда мешуд. Масалан дар замони Сомониён ба ҳамаи кӯшиш нигоҳ накарда, дар водии Вахш низоми обёрии қадимаро пурра барқарор карда натавонистанд[1].

Чунин маълумот доир ба барқарор нашудани корезҳои болооби Зарафшон ва Истаравшан боқӣ мондааст. Аз ҳафт корезҳои ниҳоят азими ин минтақа, ки дар давраи ҳуҷуми арабҳо вайрон шуда буданд, дар замони Сомониён низ ба дараҷаи қаблӣ барқарор нашуданд. Вале бояд қайд кард, ки дар аҳди Сомониён аз корезҳои машҳури гузашта Кофиру Таги Камар барқарор шудаву корези нав – Форметан сохта шуд, ки мислаш на то асри X ва на пас аз он дар тамоми Мовароуннаҳр ба назар намерасад. Дарозии ин корез ба 3,2 км, аз ҳама ҷои чуқуриаш ба 40 м мерасид[2]. Дар Истаравшан нисбат ба минтақаи болооби Зарафшон корезҳо камтар осеб дидаанд. Аз ин иншоотҳо бештар корезҳои азим – Тағояккуркат ва Каллахона ҳисоб меёфтанд[3].

Усули обёрикунӣ бо корезҳо, чи тавре ишора рафт, аз замонҳои қадим дар дигар манотиқи Мовароуннаҳру Хуросони замони Сомониён хеле васеъ ба кор бурда мешуд. Аз рӯи хулосаи муҳаққиқони замони Шӯравӣ, ки ба сарчашмаҳои хаттӣ ва ҳафриёти бостоншиносӣ асос ёфтаанд, дар Хуросони асри IX то 42 ҳазор корезҳо муайян шудаанд. Қисми зиёди онҳо дар Нишопур ва мавзеъҳои кӯҳӣ дар истифодаи умум қарор доштанд. Дар Кӯҳистони Хуросон манбаи болоизаминии об қариб мавҷуд набуд. Аз ин рӯ дар низоми обёрӣ корезу чоҳҳо мавқеи ҳалкунанда доштанд[4].

---

[1] Зеймаль Т.И. Древние и средневековые каналы Вахшской долины //Страны и народы Востока. – М., 1971. – Вып. X. С. 44-46.

[2] Эшонкулов У. Начало исследований истории ирригации Верхнего Зарафшана // Археологические открытия в СССР. 1983. – М., 1985. С.572-573; его же. История ирригации Верхнего Зарафшана. Автореферат дисс. канд. ист. наук. – Самарканд, 1989. С. 16-18.

[3] Ниг.: Билалов А.И. Каризы Уструшаны // Материалы по археологии и истории Таджикистана. – Душанбе, 1977. С. 43-55; Ҳамин муаллиф. Из истории ирригации Уструшаны. – Душанбе, 1980. С. 73, 83, 92-95.

[4] История таджикского народа. Том II. С. 358-359.

Аз аҳамияти хосаи низоми обёрикунӣ чунин далел шаҳодат медиҳад, ки барои самаранок истифода бурдани об қоида ва қонуни расмӣ муайян шуда буд. Ҳанӯз Абдуллоҳи Тоҳир ба донишмандони соҳа ва олимони Хуросонро супориш дода буд, ки ҳамаи қонунҳои қаблиро ҷамъ оварда, дар асоси онҳо маҷмӯаи қоидаи истифодаи обро тартиб диҳанд. Натиҷаи кори онҳо дар маҷмӯае бо унвони «Китобу-л-Куний» ҷамъбасту пешниҳод гардид. Ин амал то андозае зиддияту мунокишаи мулкдорону соҳибзаминонро кам карда, онро ба танзим даровард[1].

Ин худ далелест, ки барои ҳалли масъалаи обёрӣ, хосатан сохтмони иншоотҳои зарурӣ бе ҷалби донишмандони соҳа ва олимон ҳалли худро ёфта наметавонист. Аз ин ҷост, ки барои тартиби нақшаи асосноки илмӣ дар сохтмони корезҳои Нишопур олими машҳури табитшинос Абӯрайҳони Берунӣ даъват шуда буд.

Чи тавре аз маълумоти дар осори муаррихони асримиёнагӣ ва муҳаққиқони ба омӯзиши рушди кишоварзӣ ва низоми обёрии замони Сомониён бармеояд, ин соҳаи ҳаётан муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ дар замони Сомониён ба авзои мураккаби сиёсӣ нагоҳ накарда, нисбат ба дигар давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун дар сатҳи пешрафта қарор дошт.

Табиист, ки аҳамияти калидии низоми обёрикунӣ барои рушди зироаткорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ низ бетаъсир буда наметавонист.

Тибқи хулосаи аз маълумоти маъхазӣ бардоштаи М. Ноҷӣ «Ба рӯзгори Сомониён кишти анвои маҳсулоти зироатӣ ва кошти дарахтони гуногуни мева, вуҷуди чарогоҳҳо ва маротеъи васеъ, ин минтақаро аз ҳар ҷиҳат бениёз ва афзун бар ин, таъминкунандаи ниёзи дигари манотиқ сохта буд»[2].

Муаллифи номбурда, ба сохтмони иншоотҳои обёрикунада

---

[1] Неъматов Н. Давлати Сомониён. С. 75; История таджикского народа. Том II.С. 359.

[2] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 554.

дар ҳавзаи дарёҳои манотиқи Хуросону Мовароуннаҳр сохташуда ишора намуда, аз ба даст овардани навъҳои маҳсулоти кишоварзии ҳатто беш аз меъёри ниёзи мардум, аз қабили зироати гуногуни ғалладона, аз ҷумла биринҷу ғалла, пахта, маҳсулоти полезӣ ва ғайра, ҳамчунин аз боби рушди боғпарварию чорводории замони Сомониён бо такя ба маълумотҳои аз манобеи боэътимод ва хулосаҳои аз осори муҳаққиқон бардошта, далелҳои зиёде овардааст[1].

Аз ин рӯ, ба бозгӯии ин муаллиф ва дигар муҳаққиқони ба омӯзиши таърихи давлати Сомониён, аз ҷумла вазъи кишоварзӣ иртибот дошта, банд нашуда, вобаста ба муҳтавои таърихнигории осори мазкур, фақат бо овардани боз чанд мисол аз асарҳои муаррихини замон иктифо мекунем.

Дар «Ҳудуду-л-олам» маълумоти зиёде доир ба равнақи кишоварзӣ дар вилоятҳои Хуросон, аз ҷумла дар Балх зиёд коштани турунҷ, норанҷ, найшакар, нилуфар, Тахористон макони асп, гӯсфанд ғаллаи бисёру меваҳои гуногун, дар Бӯст меваҳои тару хушк ва ғайра оварда шудааст[2].

Истахрӣ аз усули обёрӣ ва ҳосилнокии баланди замин дар Мовароуннаҳру Хуросони замони Сомониён, ки бевосита ба ҳунару ғайратмандии кишоварзони одӣ вобаста буд, таваҷҷуҳ намуда, қайд кардааст: «Ва иқомати аморати Бухоро чунон аст, ки як мардро бо аҳлу аёл ба ҳам ба як ҷариб замин, ки зироат кунад, қаноат меафтад ва маоши ӯ аз он муҳайё мебошад»[3].

Дар «Муъҷаму-л-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ шарҳи неъматҳои кишоварзии замони Сомониён дар Мовароунннаҳр ба тариқи зайл ба хонанда пешниҳод шудааст: «Мовароуннаҳр аз ҷумлаи хуррамтарин, бонеъматтарин, пурбаракаттарин иқлимҳост... Фарохии неъмати он аз ҳадди тавсиф бештар

---

[1] Ниг.: Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 553-575.

[2] Ниг.: Ҳудуду-л-олам. С.58-59.

[3] Истахрӣ. Масолик мамолик // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 97.

аст ва дар тамоми билоди ислом ва ғайри он мислаш набошад... Ва агар мардуми он аз гармову сармо зарар бинанд ва ё офате ба зироати эшон бирасад, ҳамон ғаллае, ки пас аз офат дар заминҳояшон боқӣ монад, аз зиёдӣ эшонро басанда аст ва ниёзе ба нақли он аз шаҳрҳои дигар надоранд... Ва дар тамоми Мовароуннаҳ мавзеъе холӣ аз иморатҳо, шаҳрҳо, деҳаҳо, обҳо киштзорҳо ва чарогоҳҳо нест. Ва ҳар чизе, ки мардумро аз он чора набошад, эшонро бошад – ба ҳадде бештар аз истеъмолашон»[1].

Дар осори муаррихони замони Сомониён доир ба маҳсулоти кишоварзӣ, қариб тамоми намуди анвои ғалладонаву полезӣ ва дигар ғизоии ба мардум дастрас буда, ёд мешавад. Тибқи маълумоти онҳо дар тамоми шаҳру навоҳии Хуросону Мовароуннаҳр боғҳои меваҷот, ки хосили баланди себ, анор, анҷир, ангур ва анвои дигари меваҷот истеҳсол мешуд, нафақат талаботи парваришкунадаҳо инчунин мардуми кӯчии атрофро таъмин мекарданд[2].

Маълум аст, ки яке нишондиҳандаҳои муҳими вазъи зиндагии мардуми шаҳру деҳот соҳаи чорводорист. Иқлими Хуросону Мовароуннаҳр, ки дар ин паҳно мардуми бодиянишин ё кӯчӣ як қисми аҳолиро ташкил мекард, барои рушди ин самти шуғли мардум хеле мувофиқу созгор буд. Вале чорвопарвариро пурра шуғли кӯчиён ҳисоб кардан низ ба ҳақиқат рост намеояд. Чорводории хонагӣ пурра ҳам набошад, то андозае талаботи аҳолии муқимиро қонеъ мекард. Дар осори муаррихони замони Сомониён ва асрҳои баъдин маълумоти зиёде доир ба ин самти шуғли мардум боқӣ мондааст.

Дар «Ҳудуду-л-олам» муаллиф аз ноҳия ва шаҳрҳои Хуросон мисли Нишопур, Сабзавор, Нисо, Бовард, Тус, Ҳарӣ, Бодғиз, Сарахс, Марв, Гӯзгонон, Толиқон, Балх, Тухористон,

---

[1] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 289.
[2] Ниг.: Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С.553-575.

Самангон, Ғарҷистон, Бадахшон ва ғайра, ҳамчунин аз шаҳру мавзеъҳои Мовароуннаҳр: Бухоро, Самарқанд, Суғд, Кеш, Чағониён, Шумон, Вашгирд, Хуҷанд, Фарғона, Сурушана, Бутамон, Хатлон ва ғайра ёдовар шуда, онҳоро чун макони кишоварзиву боғдорӣ ва чорвопарварӣ нишон додааст[1].

М. Ноҷӣ маълумоти дар осори Муқаддасӣ, Ибни Ҳавқал, Истахрӣ ва хулосаҳои муҳаққиқони муосирро доир ба вазъи чорвопарварӣ дар аҳди Сомониён мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор дода, қайд кардааст, ки дашту даман ва чарогоҳҳои васеи Хуросону Мовароуннаҳр барои парвариши чорпоён хеле мусоид буданд. Бесабаб набуд, ки шутурҳои бузурги хуросонии дар Самарқанд парваришёфта, аспони чолоку бодпойи хатлонӣ, гӯсфандони Леваканди Вахш, гӯсфанду аспҳои Фарғона ва Туркистон, ҳайвоноти мӯинадеҳи Хоразм мисли самур, санҷоб, қоқум, рӯбоҳ, дала, шутурҳои хуросонӣ, шутурҳои бахтии Балх ва ғайра дар тамоми Осиёи Марказӣ ва кишварҳои дур маъруф буданд[2].

## Ҳунармандӣ ва тиҷорат

Дар боло аз маълумоти доир ба иқлими барои зиндагӣ хеле мувофиқи Хуросону Мовароуннаҳр дар осори таърихии замони Сомониён ва баъди суқути давлатдории онҳо ҷой дошта, то андозае мукаммал набошад ҳам, дар маъразги таҳлил гузошта шуд. Дар ин раванд лозим меояд, ки ба дараҷаи инъикоси вазъи ҳунармандӣ ва тиҷорати ин давлати дар асрҳои IX-X шуҳратёри тоҷикон дар осори муаррихон назар андозем.

Мафҳуми ҳунармандӣ ниҳоят васеъ буда, садҳо шуғли ҳунарии мардуми сарзамини зархези Мовароуннаҳру Хуро-

---

[1] Ниг.: Ҳудул-ул-олам, – Душанбе: Дониш, 1983. С.53-61.

[2] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 575-578.

сонро дар бар мегирад. Вале вобаста ба ҳадафи таҳқиқоти мазкур, аз таҳлили доманадори самтҳои гуногуни ҳунармандӣ дар аҳди Сомониён сарфи назар карда, фақат ба муайян кардани дараҷаи инъикоси шуғли мардуми ҳунарманд дар осори муаррихони асримиёнагии ба таърихи давлатдории Сомониён иртибот дошта маҳдуд шудан ба мақсад мувофиқ аст.

Яке аз намудҳои ниҳоят муҳими ҳунармандӣ истихроҷу коркарди маъдан ҳисоб меёбад. Аз ҷиҳати сарватҳои табиӣ ниҳоят бой будани Мовароуннаҳр ба касе пӯшида нест. Паҳнои Мовароуннаҳру Хуросон аз замони қадим, яке аз марказҳои коркарди биринҷу нуқраву тилло ва ба мамлакатҳои дуру наздик интиқол додани онҳо ва тиҷорати маҳсулоти аз ин ва дигар филизоту сангҳои арзишнок тайёр кардаи ҳунармандони маҳаллӣ ҳисоб меёбад. Ҳунармандӣ, алалхусус дар замони Сомониён хеле рушд ёфта буд. Инро маълумоти дар осори муаррихон ҷойдошта, равшан тасдиқ менамояд.

Дар «Ҳудуду-л-олам» доир ба сарватҳои табиии дар худуди Хуросон мавҷудбуда маълумоти зиёде оварда шудааст. Аз ҷумла ба бисёр будани «маъданҳои зар [тилло] ва сим ва пирӯза ва доруҳову гавҳарҳое, ки аз он хезад» ишора рафтааст[1]. Аз рӯи маълумоти дар асари мазкур омада дар навоҳии Тус, аз ҷумлаи Турон, Навқон, Баждеғур (Баруғун), Ройгон, Банвода, ки дар миёни кӯҳҳост «Ва андар кӯҳҳои вай маъдани пирӯза ва маъдани мис ва сурб ва сурма ва шаба ва деги сангин ва санги фасон... хезад»[2]. Ба ҳамин монанд дар кӯҳҳои Гӯзгонон «маъдани зар ва сим аст ва оҳан ва сурб ва мис ва санги сурма ва зогҳои гуногун»[3], дар Бадахшон мавҷуд будани сим, зар, беҷода ва лоҷвардро нишон додааст[4].

Чунин нишондиҳандаҳо нисбат ба Мовароуннаҳр низ оварда шудаанд. Аз ҷумла бисёр будани симу зар, зок, зар-

---

[1] Ҳудуду-л-олам. С. 53.
[2] Ҳудуду-л-олам. С. 54.
[3] Ҳамон ҷо. С. 57.
[4] Ҳамон ҷо. С.61.

ник, гугирд ва дигар намуди маъдану сангҳои арзишманд қайд шудааст[1].

Аз ҳамин бойгарии табиӣ дар Мовароуннаҳр ҷой дошта, Ёқути Ҳамавӣ дар асараш «Муъҷаму-л-булдон» чунин ёдовар шудааст: «Ва дар кишвари эшон [Мовароуннаҳр] конҳои оҳан чандон аст, ки аз эҳтиёҷоташон дар аслиҳаву адавот зиёдат меояд. Ва дар он ҷо конҳои тиллову нуқра ва симоб ҳаст ва дар фаровонии ин мавод кишвари дигар ба Мовароуннаҳр баробар набошад, ба ҷуз Банҷаҳир дар нуқра. Симоб, тилло ва мис, ки аз конҳои Мовароуннаҳр истеҳсол мешавад, беҳтарин навъҳои ин мавод маҳсуб мешаванд»[2].

Чунин маълумот дар чанде аз дигар осори замони Сомониён ва баъди он, ки такрори ҳамдигар буда (аз тарафи муҳаққиқон низ то андозае мавриди омӯзиш қарор ёфтаанд), дар ин ё он манотиқ мавҷуд будани маъданҳои тилло, нуқра, мис, оҳан, навшодир, сурб, симоб ва ғайра мавриди истихроҷ қарор доштанд, ба назар мерасад[3].

Табиист, ки мавҷудияти садҳо конҳои истихроҷи намудҳои гуногуни маъдан, канданиҳои барои рӯзгори мардум ва тиҷорат зарурӣ барои рушди ҳунармандӣ мусоидат мекард. Дар осори муаллифони замони Сомониён доир ба ҳунармандӣ маълумоти зиёде оварда шудааст. Ба шинохти вазъи ҳунармандӣ маводи ниҳоят зиёди бостоншиносон, ки дар тамоми манотиқи Осиёи Марказӣ ба даст омадааст, маълумоти муаррихони асримиёнагиро тақвият мебахшад. Доир ба

---

[1] Ниг.: Ҳудуду-л-олам. С. 62-70.

[2] Ёқути Ҳамавӣ Муъҷаму-л-булдон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 290.

[3] Ниг.: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. С. 467-469; Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. С.79-83;История таджикского народа. Том II Эпоха формирования таджикского народа. – Душанбе: Алҳудо Исламская Республика Иран, 1999. С.364-370; Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе:Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2010. С.578-585.

омӯзишу таҳқиқи истихроҷ ва коркарди маъдан дар замони Сомониён аз тарафи бостоншиносону муҳақиқон муфассал дар боби таърихнигории давраи навтарин ва муосири ин масъала сухан хоҳад рафт.

Чи тавре қайд гардид, яке аз маъхазҳои боэътимоди дасти аввал «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ ҳисоб меёбад. Дар ин асар, аниқтараш бо он ислоҳоту ихтисорҳои то ба имрӯз расида, гарчанде муфассал набошад ҳам, ба вазъи ҳунармандӣ ва тиҷорати замони Сомониён ишора рафтааст. Аз ҷумла дар ин китоб деҳаи Искаҷкати назди шаҳри Бухоро чун яке аз марказҳои муҳими савдо омада, қайд шудааст, ки дар қадим «дар миёни зимистон ҳар соле даҳ рӯз аз вилоятҳои дур омадандӣ ва бозаргониву савдо кардандӣ. Ва он чи аз он ҷо хостӣ, бештар ҳалвои мағзин будӣ аз дӯшоб карда, қинтор (қинтори хушоб – дору барои бастани хун ва қатъи истиҳол) будӣ ва чубтор ва моҳии хушк ва моҳии тоза ва пӯстини гӯсфандӣ ва аз барра. Ва бисёр бозаргонӣ шудӣ. Ва имрӯз ба рӯзгори мо, ҳар одина бозор бошад, ки аз шаҳру навоҳӣ бозаргонон ба он ҷо раванд ва он чи аз он деҳ хезад, имрӯз бозаргонон ба вилоятҳо баранд... Ин деҳро амир Исмоили Сомонӣ, ҷумлаи зиёъоту ақороти (замину об ва ғайра) ӯро бихарид ва он ҷумларо вақф кард бар работе, ки карда буд ба «Дарвозаи Самарқанд» дар даруни шаҳри Бухоро»[1].

Дар «Таърихи Бухоро» ва асарҳои Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ, ас-Самъонӣ, Ёқути Ҳамавӣ ва ғайра аз деҳаи бузурги Зандана, ки дар чорфарсахии (тахм. 24-километрии) шимоли Бухоро ҷой дошт ва муҳимтарин маркази истеҳсоли матоъ ҳисоб меёфт, ёдовар шудаанд. Аз ҷумла доир ба ин деҳа дар «Таърихи Бухоро» омадааст: «Зандана кандизе бузург дорад ва бозори бисёр ва масҷиди ҷомеъ [ки] ҳар одина он ҷо намоз гузоранд ва бозор кунанд. Ва он чи аз вай хезад, онро «занданаҷӣ» гӯянд, ки карбос бошад, яъне аз деҳаи Зандана, ҳам некӯ бошад ва ҳам бисёр бувад. Ва он карбос ба бисёр

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.41-42.

деҳаҳои Бухоро бофанд ва онро ҳам «занданачӣ» гӯянд, аз баҳри он, ки аввал бад-ин деҳа падид омадааст. Ва аз он карбос ба ҳамаи вилоятҳо баранд, чун Ироқ ва Форс ва Кирмон ва Ҳиндустон ва ғайри он. Ва ҳамаи бузургону подшоҳон аз он ҷома созанд ва ба қимати дебо (ҳарири тунук, ҷомаи абрешимӣ) бихаранд»[1].

Доир ба ниҳоят баланд будани талабот ба матои занданачӣ дар «Таърихи Бухоро», ки ҳатто ба маркази хилофат – Бағдод ҷома ва матоъ барои либоси фохир шахсан ба халифа мефиристоданд, маълумоти ҷолибе омадааст ва матни онро дар асл овардан ба мақсад мувофиқ аст: «Ва аз Бағдод ҳар сол омиле алоҳида биёмадӣ ва он чи хироҷи Бухоро будӣ, аз ин ҷома иваз бурдӣ. Боз чунон шуд, ки коргоҳ муаттал монд ва он мардумон, ки ин саноат мекарданд, пароканда шуданд. Ва андар шаҳри Бухоро устодон будандӣ, ки муайян буданд мар-ин шуғлро. Ва аз вилоятҳо бозургонон биёмадандӣ, чунонки мардум занданачӣ мебурданд ва аз он ҷомаҳо бурдандӣ то ба Шому Миср ва дар шаҳрҳои Рум ва ба ҳеҷ шаҳри Хуросон наёфтандӣ. Ва аҷаб он буд, ки аҳли ин саноат ба Хуросон рафтанд баъзе аз он чи олати ин ки шуғл буд, бисохтанд ва аз он ҷома бофтанд [бар он обу равнақ] наёмад.

Ва ҳеҷ подшоҳу амир ва раису соҳибмансаб набудӣ, ки вайро аз ин ҷома набудӣ. Ва ранги вай сурх ва сафед ва сабз будӣ. Ва имрӯз занданачӣ аз он ҷома маъруфтар аст ба ҳама вилоятҳо»[2].

Ибни Ҳавқал аз намудҳои либосҳои дар Бухоро истеҳсолу ба бозор баровcovarда мешуданд ёдовар шуда, чунин маълумот

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.42-43; Ҳамчунин ниг.: Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз. – Бейрут: Мактабату-л-ҳаёт, 1992. С. 405; ал-Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фи маърифати-л-ақолим. – Бейрут: Дор иҳёа-т – туроса-л-арабӣ, 1987. С. 224; ас – Самъонӣ. Китобу-л-ансоб. Қадама лаҳо Муҳаммад Аҳмад Қаллоқ. – Ҷ. II. – Бейрут: Дор иҳёа-т-туроса-л-арабӣ, 1999. С.379; Ёқут Шиҳобуддин ибн Абдуллоҳ ар-Румӣ ал-Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон. – Бейрут: Дор эҳёа-т – туроса-л-арабӣ, 1988. – Ҷ.III. С.154.

[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.49-50.

овардааст: «Либоси мардуми Бухоро ағлаб қабо ва кулоҳ ҳамчун малбуси мардуми пушти Ҷайҳун аст. Дар андарун ва беруни шаҳр бозорҳо бо ҳам пайваста аст, ки дар мавоқеи муайяне доир мешавад ва дар онҳо ба доду ситади чаҳорпо ва либос ва барда ва колоҳои дигар аз қабили рӯй (сурб) ва мис ва зуруфу лавозим захирае мепардозанд. Ҷомаҳои пунбаи маъруф ба «бухорӣ», ки сангин ва маҳкам бофта шуда ва мавриди таваҷҷуҳи араб аст ва низ фарш ва ҷомаи пашмӣ барои рахти хоб, ки бағоят зебост ва зиллу ва саҷҷодаи меҳроб дар Бухоро ва навоҳи он таҳия мешавад ва ба Ироқ ва соири ҷоҳо содир мегардад»[1].

Дар «Ҳудуду-л-олам» аз шаҳру музофотҳои Хуросону Мовароунаҳр ба дигар ҷойҳо бурдани молу маводу ишора ёфта, аз ҷумла доир ба истеҳсоли ҷомаҳои гуногун, абрешим ва пахта дар Нишопур[2], карбосу собун ва меваи хушк дар дар Бӯст[3], «собуни нек, бурёи сабз ва бодбизан, пайтоба, гилемҳо ва бисоти пашмин», дар Марсамандаи Дизах, ки ҳар соле як рӯз бозор аст «он рӯз дар он бозор афзун аз сад ҳазор динор бозургонӣ кунанд»[4], Чоч ҷои бозургонон аст», дар он ҷо камон ва тири хаданг тайёр мекунанд[5], дар Исбиҷоб неъмати бисёр ва ҷои султон аст хостаи бисёр аст. «Ва маъдани бозаргонони ҳама ҷаҳон аст»[6], Марв яке аз марказҳои муҳими савдо ҳисоб ёфта, «андар ҳамаи Хуросон шаҳре нест аз ниҳоди бозори вай некӯ»[7], дар Балх «шаҳристонест бо бораи маҳкам ва андар рабази ӯ ҷои бозургонон буда, бозорҳои бисёр аст»[8] ва ғайра қайд шудааст. Маҳсуло-

---

1 Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. – С. 145-146.
2 Ҳудуду-л-олам. С. 53.
3 Ҳудуду-л-олам. С. 60.
4 Ҳудуду-л-олам. С. 64.
5 Ҳудуду-л-олам. С. 67.
6 Ҳудуду-л-олам. С. 67.
7 Ҳудуду-л-олам. С. 56.
8 Ҳудуду-л-олам. С. 58.

ти ин марказҳои ҳунамандиро бозургонон ба дигар ҷойҳо мебурданд[1].

Аз маълумоти муаррихони дар боло зикрашон рафта ва боз чанде аз осори муаллифони асримиёнагӣ бармеояд, ки дар тамоми шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон мисли Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Суғд, Тирмиз, Фарғона Чоч, Усрушана, Марв, Балх, Ҳирот, Нишопур ва ғайра, фаъолияти бозорҳо аз рӯи низоми барои замон мувофиқ ба роҳ монда шуда буд. Дар ҳар яке аз ин шаҳрҳо чанд бозор амал мекард, ки ҳар кадоме фурӯши кадоме аз намуди молро ба роҳ монда буд. Дар назди бозорҳо ё дар работи назди дарвозаҳо растаҳои корхонаҳои ҳунармандӣ ҷой доштанд, ки тоҷирон бевосита маҳсулоташонро харидорӣ мекарданд. Маҳсулоти ҳунармандони касбҳои мухталиф, ба савдо бароварда шуда, нафақат эҳтиёҷи мардуми маҳаллиро таъмин мекарданд, ҳамчунин моли гаронарзиши аз ин бозору дӯконҳои ҳунармандӣ дастраси тоҷирон гардида, ба мамлакатҳаи наздику дур расонда шуда, шуҳрати давлати Сомониёнро меафзуданд. Дар назди бозорҳо корвонсаройҳои бошукӯҳ сохта шуда буд. Ин қисмати шаҳрҳо на танҳо макони савдову тоҷирон, инчунин марказҳои маъмули фарҳангӣ шинохта мешуданд[2]. Аз рӯи маълумоти мавҷуда, дар Мовароуннаҳр то 10 ҳазор корвонсаройҳо барои қабули тоҷирону меҳмонону муҳоҷирон тайёр буданд. Аз рӯи анъанаи ба замони Сомониён роиҷ ин корвонсаройҳо аз тарафи одамони сарватманд сохта мешуданд[3].

Доир ба меҳмоннавозиву саховати мардуми сарватманди Мовароуннаҳр дар «Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал омадааст: «Дар Мовароуннаҳр ҳар молик ва тавонгаре кӯшиш мекунад,

---

[1] Ниг.: Ҳудуду-л-олам. С. 53-70.

[2] Доир ба мавқеи шаҳру бозорҳои Мовароуннаҳру Хуросон ниг.: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Китоби якум. – С. 480-484; Неъматов Н. Давлати Сомониён. С. 91-97; Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 585-591 ва диг.

[3] История таджикского народа. – Т.II. С. 387.

ки қасри бузурге бисозад ва меҳмонсарое бузург низ тартиб диҳад. Он гоҳ тамоми рӯзро дар андешаи таъмини ниёзмандиҳои меҳмон ба сар мебарад ва бо шавқи фаровон аз меҳмон пазирой мекунад»[1].

Бояд қайд кард, ки ҳам мушоҳидони ҳол – муаррихону ҷуғрофиёшиносони замони Сомониён ва ҳам муаллифони осори баъдинаи асримиёнагии ба ин давра иртибот дошта, доир ба намудҳои ҳунармандӣ, мисли оҳангарӣ, кулолгарӣ, бофандагӣ, заргарӣ, чармгарӣ ва ғайра маълумоти пурра наоварда, фақат бо ишораҳои хеле ҷудогонаву сатҳӣ маҳдуд шудаанд. Вале бо заҳмати муҳаққиқон, дар асоси омӯзиши маълумоти дар осори муаррихони асримиёна ҷойдошта ва маводи ба дастовардаи бостоншиносон, вазъи ҳунармандии замони Сомониён дар таърихнигории муосир то андозае равшан шудааст. Дар ин ҷода метавон аз хизмати В.В. Бартолд, Б.Ғ. Ғафуров, Н. Неъматов, С. Абдуллоев, муаррихони Эрон – М.Ноҷӣ, Ҷ.Ҳиравӣ ва дигарон, ҳамчунин аз таҳлили муфассали масъала дар асари бунёдии «Таърихи халқи тоҷик» (ҷилди II) ёдовар шуд. Чун дар боби ба ин масъала бахшида бармегардем, фақат аз тариқи намуна, аз чанде хулосаҳои муҳаққиқин, ки онҳо низ қисман ба маълумоти маъхазии асримиёнагӣ такя доранд, ёдовар шудан ба мақсад мувофиқ аст.

В.В.Бартолд дар асоси таҳлили муқоисавии маълумоти дар осори Байҳақӣ, Наршахӣ, Муқаддасӣ, Ибни Ҳавқал, Саолибӣ, Истахрӣ ва ғайра вазъи ҳунармандӣ ва савдоии замони Сомониёнро воқеъбинона нишон додааст. Аз ҷумла дар Тирмиз истеҳсол намудану ба дигар мамлакатҳо ба савдо баровардани собун, аз Бухоро қолинҳои маҳин, намудҳои гуногуни матоъ, фонусҳои мисин, зину афзори асп, аз Карминаву Дабусия матои пурқимате, ки дар Бағдод онро «парчаи Хуросон» ном мебурданд, аз Хоразм – мӯинаҳои (пӯст) гаронбаҳои самур,

[1] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз// Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд, 1998. С. 139.

қокум, хаз, саги обӣ, савсор, рӯбоҳ, қундуз, харгӯш, зину афзори асп, кулоҳу ҷавшани ҷангӣ, аз Самарқанд – қоғаз, парча, матои симгун ва сурх, дегҳои калони мисин, зину афзори асп ва маҳсулоти ҳунармандии дар дигар шаҳрҳо истеҳсолшуда, мисолҳои зиёд овардааст. Ҳамаи ин ба гуфтаи олим, далелест, ки давлати Сомониён ба хориҷи қаламрави худ молу маводи ниҳоят гуногуну зиёдеро интиқол дода, аз берун нисбатан кам ворид мекард[1].

Дар ҳолати аз берун ворид гадидани мол, боҷи гумрукӣ ситонда мешуд. Чунин нуқтаҳои гумрукӣ дар ҳар гузаргоҳи дарёи Аму ҷой доштанд. Хизматгузорони гумрук аз ҳар шутурбор ду дирҳам, аз ҳар бори дар асп ё маркаб аз нуқтаи гумрукӣ гузашта 1 дирҳам мегирифтанд. Гузарондани сабиқаи (дар қолаби муайян рехта шуда – слитка) нуқра фақат ба воситаи бозрасии гумрукӣ ба Бухоро иҷозат дода мешуд[2].

Дар муносибатҳои тиҷоратии замони Сомониён, мавқеи кӯчиён хеле муҳим ба назар мерасид. Аҳолии кӯчии дар паҳнои Осиёи Марказӣ буда, шаҳру музофотҳоро аз чорво ва маҳсулоти ҷорводорӣ, пӯсту пашму равған ва ғайра таъмин мекарданд. Онҳо маҳсулоти худро ба молу матои ниёздошта иваз мекарданд. Яке аз нишонаҳои савдои байни аҳолии муқимӣ ва кӯчӣ ин таъмин намудани бозори қувваи корӣ аз ҳисоби ғуломони турк буд. Бояд қайд кард, ки ғуломони турк бо иҷозатномаи расмӣ фурӯхта мешуданд. Дар замони Сомониён (асри IX) арзиши миёнаи ғуломи турк ба 300 дирҳам баробар буд[3].

Муомилоти пулӣ намунаи муҳими вазъи иқтисодии ҳар як давлат ҳисоб меёбад. Ин барои давлати Сомониён истисно буда наметавонист. Аз рӯи маълумоти муаррихони шоҳиди замон ва баъди он, дар замони давлатдории Сомониён сиккаҳои тилло, нуқра ва мис дар муомилоти савдоӣ буда,

---

[1] Ниг.: Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения. – Т. I. – М.: ИВЛ, 1963. С. 294-295.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. С. 299.
[3] Ҳамон ҷо.

онҳоро динор, дирҳам ва фулус ном мебурданд. Динор тангаи тиллоиро мегуфтанд, ки на танҳо дар ҳудуди давлати Сомониён, балки берун аз он ба сифати мол харидорӣ мешуданд ва арзиши ҳар донаи онро аз рӯи вазн (гуногунвазн буданд) муайян мекарданд. Бе сабаб нест, ки динорҳои тиллоии Сомониён бештар дар дигар мамлакатҳо низ пайдо мешаванд. Ба ақидаи Б.Ғафуров дар осори муаррихони он замон қариб номбар нашудани динорҳои тиллоӣ ба он сабаб ҳаст, ки ин сиккаҳо «фақат василаи андӯхтан буданд, яъне онҳоро ҷамъ карда, дар хазина нигоҳ медоштанд». Барои тақвияти ин хулоса олим чунин далел пеш меорад: «Агар дараҷаи нархҳои он давра ва миқдори тиҷоратро ба назар гирем, ҳатто калонтарин харидуфурӯшро бо пули нуқра, бо дирамҳо анҷом додан мумкин буд»[1]. Бо ибораи дигар, қимати баланд доштани динорро ба назар гирифта, онро танҳо дар хазина нигоҳ медоштанд ё ба сифати моли ниҳоят арзишманд, ба бозаргонони хориҷӣ мефурӯхтанд. Онҳо ин динори тиллоро чун дастоварди гаронбаҳо ба ватанашон мебурданд. Аз ин ҷост, ки нисбат ба динор, барориши дирҳам ба маротиб зиёдтар буд.

Ба ҳамин монанд, сиккаҳои нуқрагии расмии давлатӣ, ки дар асри X муомилоти мунтазам доштанд, бо номи тангаи «исмоилӣ» маъруф буданд, чун воситаи тиҷорати байнидавлатӣ, мисли динорҳои тилло бештар ба хориҷи мамлакат бурда мешуданд. Бесабаб нест, ки дафинаҳои чунин дирамҳо дар ҳудуди Русия ва Аврупои Шарқӣ хеле зиёд пайдо шудаанд[2].

Дар ҳудудии давлати Сомониён чун воситаи муомилоти пулӣ бештар дирҳамҳои хоразмӣ, мусайябӣ, муҳаммадӣ ё ғитрифӣ дар гардиш буданд. Мавриди қайд аст, ки зарробхонаҳо дар баъзе вилояту мулкҳои тобеи Сомониён низ вуҷуд доштанд. Аз рӯи маълумоти аз сарчашмаҳои хаттӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ ба даст омада, дар ҳудуди давлати

---

[1] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби якум. С.481.
[2] Ҳамон ҷо. С. 481-482.

Сомониён дар давраҳои гуногун аз 30 то қариб 50 нуқтаҳои зарробӣ муайян шудааст, ки дар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон фаъолият мекарданд. Аз ҷумла дар Бухоро, Самарқанд, Ахсикат, Узганч, Шош, Фарғона, Суғд, Усрушана, Тирмиз, Хуттал, Бадахшон, Систон, Марв, Толиқон, Ғарҷистон, Ҳирот, Ҷибол, Қазвин ва ғайра сиккахонаҳо ё нуқтаҳои зарробӣ амал мекарданд[1]. Дар ин ҷода, дарёфту омӯзиши ганҷинаи дар деҳаи Бодомтуи Кӯлоб, пайдошуда, хеле ҷолиб аст. Аз шумори тахминии қариб 1900 дирҳами он 1405 дирҳам ва 104 дирҳампора дастрас ва дар Осорхони миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад. Аз ин миқдор 581 адад дирҳам сиккаи замони Сомониён буда, дар зарробхонаи Хуттал зарб шудаанд[2], ки ин аз як тараф аз иқтидори иқтисодии рушди тиҷоратии давлати Сомониён дарак диҳад, аз тарафи дигар, шаҳодатест, аз андозаи мустақилияти маъмурии вилоятҳои дар тобеияти ин давлати пурқудрату мутамаркази замон ҷой дошта.

Бояд қайд кард, ки аз аз рӯи маълумоти дар осори муаррихону ҷуғрофиёшиносонӣ асримиёнагӣ ҷой дошта, дирҳамҳо бо номҳои муҳаммадӣ, мусаййабӣ, ғитрифӣ ва сомонӣ сикка зада мешуданд. Аз рӯи ривояте, ки муаллифон Наршахӣ, Ибни Хурдодбеҳ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ ва ғайра ба он такя кардаанд, ин дирҳамҳо номи аввалин ашхоси сиккаи онҳоро ба роҳ монда – волиёни халифаи Бағдод дар Хуросон: Мусайяб ибни Зуҳайр (солҳои 780-783), Ғитриф ибни Ато (792-793), ва Муҳаммад Амин ибни Зубайраро гирифтаанд[3].

Дар «Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал роҷеъ ба воқеияти дар доираи муносибатҳои савдоӣ ҷой доштани сиккаҳои ғитрифӣ, муҳаммадӣ ва мусайябӣ чунин омадааст: «Нуқудашон

---

[1] Ниг.: История таджикского народа. – Т.II. С.393; Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 592-600.

[2] Пуратар доир ба ин ганҷина ниг.: Шарифзода А. Ганҷинаи Кӯлоб (Дирҳамҳои сомонӣ). – Душанбе: Шарқи озод, 2019. – 648 с.

[3] Ниг.: Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 77-78; Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 593-595.

[дар Хуросон] дирҳам ва динор аст ва бо коло низ доду ситад кунанд ва дирҳаме бо номи «ғитрифӣ» доранд, ки аз оҳанурӯю сурб ва ҷуз он аст ва бо ҷавоҳири гуногун таркиб шудааст. Ин дирҳам ҷуз дар Бухоро ва ҷоҳои хоси воқеъ дар пуштии рӯд роиҷ нест ва низ дирҳаме ҳаст ва ба номи «муҳаммадия», ки маскук аст ва суратҳое мусаввар бо ҳуруфи нохоно дорад ва нишонаҳояш маъруф ва аз зарби ислом ва амали умарои гузаштаи Сомониён аст. Ва низ «мусайябия» доранд, ки аз захоири бухориён аст ва ҳамаи инҳоро бо дирҳами исмоилия тарҷеҳ медиҳанд. Ва Абӯиброҳим истеъмоли маскуки нуқраро аз ҳамаи ин дароҳим беҳтар донист ва ҳам ӯ буд, ки дар Мовароуннаҳр зарби онро оғоз кард. Дар доду ситад аз фулус истифода мекунанд»[1]. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки ин намуди сикка танҳо дар Бухоро гардиш мекард. Сабаб дар он буд, ки сиккаҳои нуқрагӣ бештар ба тиҷорати хориҷ сарф мешуданд. Ин қимати нуқраро афзуда, муомилоти дохилии онро коҳиш дод. Лозим омад, ки барои савдои дохилии худи Бухоро сиккаҳоеро бароранд, ки гаронии арзиши нуқраи софро надошта бошанд. Аз ин рӯ, тангаи ғитрифии нав аз омехтаи шаш филиз: зар, нуқра, мушк, арзиз, оҳан, мис, зарб мешуд[2].

Дар давлати Сомониён одате қабул шуда буд, ки ҳар вилоят бояд хироҷи худро бо ҳамон сиккаи муайянкардаи ҳокимияти марказӣ мепардохт. Масалан, вилоятҳои Шош ва Хуҷанд хироҷи худро бо дирҳами мусайябӣ, Суғду Фарғона – бо дирҳами муҳаммадӣ. Бухоро – бо ғитрифӣ, Уструшана – бо дирҳамҳои муҳаммадию мусайябӣ ва ғайра пардохт мекарданд. Масалан, Ҷайҳонӣ ба муомилоти савдоии Бухоро, ки бо ғитрифӣ сурат мегирфт ишора карда, қайд намудааст: «Нақди он дирҳам аст ва ба зар хариду фурӯхт камтар кунанд ва

[1] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди 2. С. 145.
[2] Бартольд. В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения. – Т.I. – М.: ИВЛ, 1963. С. 262.

дирҳамро эшон ғитрифӣ хонад ва он симе аст аз оҳан ва рӯй ва мис ва сурб. Ва ин сим ҷуз дар амали Бухоро равон набошад»[1].

Дар ин ҷода ҳамчунин бояд аз маълумоти Самъонӣ доир ба мақоми ғитрифӣ дар мумилоти савдоии Бухоро бояд ёдовар шуд. Ӯ аз ҷумла қайд кардааст: «Муомилоти аҳли Бухоро дар рӯзгори Сомониён бо дирҳамҳо будааст ва байни худ эшон бо динорҳо муомила накунанд. Тилло дар миёнаи эшон монанди молу арз аст. Ва эшонро дирҳамҳо аст, ки онро «ғитрифӣ» мехонанд ва он аз оҳану рӯй ва сурб ва ҷавоҳире дигар мураккаб аст. Ва он ба ҷуз аз Бухоро ва навоҳии он ҷои дигар мустаъмал нест»[2].

## Тиҷорат

Сатҳи иқтидори сиёсиву иқтисодии ҳар давлат аз рӯи дараҷаи истеҳсоли маҳсулот ва муносибатҳои тиҷоратии он муайян карда мешавад. Ин нишондиҳанда барои давлати Сомониён истисно буда наметавонад.

Чи тавре дар боло зикри фузунии неъмати табиӣ ва истеҳсолии Мовароуннаҳру Хуросони замони Сомониён рафт, ин ҳама нафақат талаботи дохилиро пурра таъмин карда метавонист, инчунин аз тарафи бозургонони худиву бегона ба мамлакатҳои дуру наздик интиқол ёфта, шуҳрати боигарии ин давлатро ба дуриҳои дур мерасонд.

Муносибатҳои савдоӣ, аниқтараш табодули мол бо саҳронишинони турк, ки ба шуғли доимӣ ва табиии мардуми минтақа ва берун аз он табдил ёфта буд, чун анъанаи оддии рӯзгордорӣ ба назар мерасид. Бо такя ба маълумоти муаррихон Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ ва ғайра, ба муносибатҳои тиҷоратии байни аҳолии муқимӣ ва кӯчӣ ишора наму-

---

[1] Абулқомим ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С.60

[2] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-Булдон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. – С.285.

да, М. Ноҷӣ чунин қайд кардааст: «Бозаргонӣ бо туркони саҳронишин ҳамеша дорои аҳамияти фаровон буд. Саҳронишинон ба миқдори бисёр чаҳорпоёни борӣ ва кишторӣ ва чарму пӯстина ва барда (ғулом) бо худ ба нуқоти маскунии Мовароуннаҳр меоварданд. Аз ин рӯ бо далели воридоти бисёри гӯсфандон аз сарзаминҳои туркон гӯшт дар сарҳадоти шимолии Мовароуннаҳр арзон буд. Туркон дар иваз, аз шаҳрҳои марзӣ пӯшок ва гандум бо худ мебурданд. Эҳтиёҷ ба коло барои мубодила бо саҳронишинон муҷиби тараққӣ ва пешрафти бисёр мансуҷои пашмӣ ва нахӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр гардид»[1].

Дар «Ҳудуду-л-олам» чун маркази бузурги савдо будани баъзе шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр ишора ёфта, аз ҷумла қайд карда мешавад, ки Бухоро шаҳре бузург аст ва ободтарин шаҳрест андар Мовароуннаҳр... Ва аз ӯ бисот ва фарш ва мусаллои намоз хезад накӯ, пашмин ва шӯра хезад, ки ба ҷойҳо бибаранд»[2]. Муаллифи китоб Самарқандро низ чун «шаҳри бузург» ном бурдаст, ки «аз вай қоғаз хезад, ки ба ҳама ҷаҳон бибаранд ва риштаи қанаб хезад». Дар ин радиф бояд қайд кард, ки дар охири асри X қоғази Самарқанд дар тамоми ҷаҳони араб папирус (қоғази аз пӯсти рустанӣ тайёршуда) ва пергаментро (қоғази аз пӯст тайёршуда) танг карда бароварда буд[3]. Дар «Ҳудуду-л-олам ҳамчунин аз Кеш ёд мешавад, ки «андар кӯҳҳои вай маъдани доруҳост. Ва аз ӯ астарони нек хезад ва тарангубин ва намаки сурх, ки ба ҳама ҷаҳон баранд»[4]. Дар бозори Масмандаи Дизак ҳар соле як рӯз бозор будааст, ки он рӯз бозургонон дар ҳадди беш аз сад ҳазор динор доду гирифти тиҷоратӣ анҷом медоданд[5]. Исбиҷоб низ шаҳре будааст « бузург ва бо неъмати зиёд... Ва

[1] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 533.
[2] Ҳудуду-л-олам. С. 62.
[3] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения. – Т. I. – С. 296.
[4] Ҳудуду-л-олам. С. 63.
[5] Ҳамон ҷо. С.64.

маъдани бозаргонони ҳама ҷаҳон аст»[1]. Чунин мисолҳоро доир ба мақоми баланди тиҷоратии дигар марказҳои савдоии Мовароуннаҳру Хуросони замони Сомониён дар осори Муқаддасӣ, Истахрӣ, Ибни Фазлон ва дигарон хеле зиёд ба назар мерасад.

Бо даргузашти қариб ду аср аз замони сукути давлати Сомониён, ба маълумоти аз осори муаррихону ҷуғрофиёшиносони қаблӣ ҷойдошта, такя карда, Ёқути Ҳамавӣ доир ба мавқеи тиҷоратии Мовароуннаҳр дар аҳди Сомониён чунин менигорад: «Ва аз пӯшок, либосҳои пахтагин бад-он ҷо [Моваруннаҳр] чандон бошад, ки аз эшон зиёдат меояд ва кишварҳои олам мебаранд. Ва онҳоро қаззу суфу пашмина бисёр аст, ҳамчунин абрешими хуҷандӣ, ки абрешиме афзал бар он набошад. Ва дар кишвари эшон конҳои оҳан чандон аст, ки аз эҳтиёҷоташон дар аслиҳаву адавот зиёдат меояд. Ва дар он ҷо конҳои тиллову нуқра ва симоб ҳаст ва дар фаровонии ин мавод кишваре дигар ба Мовароуннаҳр баробар набошад, ба ҷуз Банҷаҳир дар нуқра. Симоб, тилло ва мис, ки аз конҳои Моваруннаҳр истеҳсол мешавад, беҳтарин навъҳои ин мавод маҳсуб мешаванд. Чун ба Суғду Усрушана ва Фарғонаву Шош ворид шудӣ, хоҳӣ дид, ки меваҳои эшон он қадар фаровон аст, ки дар ҳама офоқ зиёдат меояд. Ғуломонро эшон аз Туркистон, ки бар кишвари онҳо муҳит аст, меоранд ва он чи аз эҳтиёҷоташон беш аст, ба дигар кишварҳо мебаранд»[2].

Доир ба он, ки дар байни молу колои барои фурӯшу мубодилот фурӯши ғуломон мавқеи муҳим дошт, дар дар маъхазҳои ба давраи Сомониён иртиботдошта, аз ҷумла дар осори Яъқубӣ, Муқаддасӣ, Истахрӣ ва «Ҳудуду-л-олам» маълумоти зиёде ба назар мерасад. Аз мантиқи онҳо меояд, ки ғуломон бештар аз ҳудуди Туркистон, аз ҳисоби туркони ҳанӯз исломро қабулнакарда ва асир гирифта ба минтақаҳои

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 67.

[2] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С. 289-290.

сарҳадии Фарғона ва Испиҷоб оварда дар бозорҳои Мовароуннаҳр ба фурӯш мебароварданд.

Ибни Ҳавқал дар муқоиса бартарии ғуломони туркро нисбат ба дигар ҳамтақдиронашон қайд карда, менависад: «Гаронбаҳотарин аз Балх ва гаронбаҳотарин барда аз билоди турк аст, ки дар саросари дунё беназир аст ва бардае дар баҳо ва зебоӣ бад-он нарасад. Баҳои канизи туркӣ ба се ҳазор динор мерасад ва дар саросари дунё барда ва канизе румӣ ё муваллада надидам, ки бад-ин баҳо бошад. Ва низ ҳаргиз шунида нашудааст, магар ин ки бардае олати симоъ дошта ва дар соз задан устод бошад ва аз ин қабил дар хонаҳои Сомониён ва бузургону сарони мардуми Хуросон бисёр аст...»[1]. В.В. Бартолд ба маълумоти Ибни Хурдодбеҳ такя карда, менависад, ки ҳар сол Тоҳириён ба дарбори халифа 2000 ғулом мефиристоданд, ки қимати умумиашон ба 600 000 дирҳам баробар аст. Ҳамин тариқ арзиши миёнаи ғуломи турк ба 300 дирҳам мерасид[2]. Ин амали аз Мовароуннаҳр ба Бағдод ба дарбори Халифа бурдани ғуломони турк дар замони Сомониён низ идома дошт.

Дар ин ҷо бозгӯии навиштаҳои Низомулмулк (1018-1092) доир ба қоидаҳои нигаҳдошту ба зинаҳои хидматӣ расондани ғуломон дар замони Сомониён бамаврид аст. Ин вазири донишманди Салҷуқиён аз ҷумла овардааст: «Ҳанӯз дар аҳди Сомониён ин қоида бар ҷой будааст, ки ба тадриҷ бар андозаи хидмату ҳунар ва шоистагӣ ғуломонро дараҷа меафзуданд̣ӣ. Чунон ки ғуломеро, ки харидандӣ як сол ӯро пиёда дар рикоб хидмат фармудандӣ ва ба қабое занданичӣ ва мӯза. Ва ин ғуломро фармон набудӣ, ки пинҳону ошкоро дар ин як сол бар асп нишастӣ ва агар маълум шудӣ, молиш (ҷазо) додандӣ. Ва чун як сол хидмат кард, вусоқбошӣ бо ҳоҷиб бигуфтӣ ва ҳоҷиб маълум кардӣ, он гаҳ ӯро қабоеву аспе туркӣ бидодан-

---

[1] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С. 139.

[2] Бартольд. В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. С. 299 (примеч).

дӣ бо зинаке дар хом гирифта ва лагоме аз дуволи сода. Ва чун як сол бо аспу тозиёна хидмат кардӣ, дигар сол ӯро қароҷурӣ (туркӣ, ба маънии шамшери саркаҷ ё камари шамшер) додандӣ, то бар миён бастӣ ва соли чаҳорум кишу қирбон (тирдону камондон) фармудандӣ, то вақти барнишастан дарбастӣ. Ва соли панҷум зине беҳтар ва лагоми мукавкаб (ситорадор) ва қабои рӯйдореву даббусе (гурз), ки дар даббус ҳалқа овехтӣ. Ва соли шашум соқӣ фармудӣ бо аспдоре ва қадаҳе аз миён даровехтӣ ва соли ҳафтум ҷомадорӣ. Ва соли ҳаштум хаймае шонздаҳмехӣ бидодандӣ ва ва се ғуломаке навхарида бидодандӣ ва дар хайли ӯ кардандӣ ва ӯро вусоқбошӣ (хонадор, манзилдор) лақаб кардандӣ ва кулоҳе намадини симкашида ва қабое ганҷаӣ дар ӯ пӯшида. Ва ҳар сол ҷоҳу таҷаммул ва хайлу мартабати ӯ меафзудандӣ, то хайлбошӣ (сардори гурӯҳ) шудӣ. Пас ҳоҷиб (дарбон) шудӣ. Агар шоистагиву ҳунари ӯ ҳама ҷо маълум шудӣ ва кори бузург аз дасти ӯ баромадӣ ва мардумдору худованддӯст будӣ, он гоҳ то сиюпанҷсола нашудӣ, ӯро амирӣ надодандӣ ва вилоят номзад накардандӣ»[1].

Чи тавре ки аз тавсифи Низомулмулк бармеояд, ғуломони турк бо роҳи нишон додани вафодорӣ ва содиқии худ дар дарбори Сомониён ба зинаҳои баланди маъмурию ҳарбӣ мерасиданд. Масалан, Алптегин – «бандаву парвардаи Сомониён» ба туфайли ба ҷо овардани бандагиву хидмати содиқона дар сиюпанҷсолагӣ ба мансаби ҳарбии сипаҳсолории Хуросон таъйин гардид ва солҳои дароз волии Хуросону Ироқ ва соҳиби дуҳазору ҳафтсад ғуломи турк буд.

Вале таҷрибаи талхи Сомониён нишон дод, ки ин тоифа бо сархамию итоати беҷуну чаро боварии соҳибонашонро ба даст оварда, бо мурури эҳсоси соҳибқудратӣ ба хиёнат даст мезаданд. Бо ин васила, ҳатто ба дараҷаи соҳибтахтӣ ҳам расидаанд. Инро дар мисоли ғуломони собиқ: Қаротегин, Бектузун, Тош, Фоиқи Хосса ва дигарон, ки барои қисмат

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. С. 102

кардани давлати Сомониён то дами вопасини худ талош доштанд, метавон дид. Ҳамин ғуломи зархариди дар боло ишора ёфта, Алптегин дар Ғазна бунёди давлатдорӣ гузошт ва бо тақозои замон ба ғуломи Алптегин – Сабуктегин ва писари ӯ Маҳмуд бошад, пурра аз байн бурдану ба тахти оли Сомон дар Хуросон соҳиб шудан муяссар гардид[1].

Мовароуннаҳри замони Сомониён қариб бо тамоми манотиқу давлатҳои дуру наздик савдову мубодилоти молӣ дошт. Ёқути Ҳамавӣ инро дар назар дошта, қайд кардааст: «Ва мушкро аз Туббату Хирхиз ва заъфаронро аз Чағониён бад-он ҷо меоранд ва ба соири мамолики исломӣ мебаранд. Ҳамчунин пашми самуру санҷобу рӯбоҳ ва нодиртарин шамшеру ороишоту сарулибос, ки подшоҳон бад-он муҳтоҷанд, аз мавзеи дигар бад-он ҷо меоранд ва офоқу ақтор мебаранд»[2].

Метавон аз осори муаррихону ҷуғрофиёшиносони замони Сомониён ва баъди онҳо маълумоти зиёде доир ба тиҷорати хориҷии ин давлат пайдо кард. Бозаргонони Мовароуннаҳру Хуросон, ки дорои молу моводи савдо ва пулу сармояи зиёде буданд, имконияти васеи бо дигар манотиқу давлатҳо робитаи васеи тиҷоратӣ пайдо карданд. Ба ҳамин ишора карда, М. Ноҷӣ чунин қайд намудааст: «Бозаргонони Мовароуннаҳр, ки ашрофи соҳиби пул ва сармоя буданд, дар натиҷаи тиҷорати корвонӣ бо Чин ва дигар кишварҳо сарвати калон касб карда буданд. Аз гуфтаи ҷуғрофидонони мусалмон ва кашфиёри ахири бостоншиносӣ дониста мешавад, ки ширкатҳои бозаргонии суғдиён бисёр дуртар ба сӯи машриқ ва то Лоб Нор дар қисмати шарқии Синкянги Чин густарда ва барпо буданд»[3]. Пешсафии Суғдро дар тиҷорати Чин бисёре аз муаллифон ишора намудаанд. Албатта ин бесабаб набуд. Чин аз қадимулайём яке аз марказҳои тамаддунофари Шарқ, дар ҷаҳон чун

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома. С. 102-103.
[2] Ёқути Ҳамавӣ. Мӯъҷам-ул-булдон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С. 290.
[3] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С.529-530.

кишвари ҳунармандону тоҷирон маъруф буд ва то имрӯз ин анъанаи аҷдодиро нигоҳ медорад. Ҳамин тариқ, равобити тиҷоратӣ байни Чину Мовароуннаҳр таърихи ниҳоят аз давраҳои қадим ба ҳукми анъана даромадааст, дар замони Сомониён ба рушди хосса соҳиб гардид.

Мақоми назарраси Чинро дар муносибатҳои савдоии Мовароуннаҳру Хуросон чанде аз муаррихону сайёҳони асримиёнагӣ қайд карда, сабаби онро бештар дар пешсафии истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандии он дидаанд. Аз ҷумла дар «Ҳудуду-л-олам» омадааст: «Ва гӯянд, ки мулки Чин сесаду шаст ноҳият дорад, ки ҳар рӯзе аз сол моли як ноҳият ба хазина [хазинаи император, ки онро «фағфури Чин» меномиданд] оранд. Ва мардумони ин ноҳият мардумоне хубсанъатанд ва корҳои бадеъ кунанд ва ба рӯди Инон (ё Ғиён) андар нишаста, ба Таббат (Тибет) оянд ба бозаргонӣ... Ва аз ин ноҳият зар бисёр хезад ва ҳарир ва паранд ва ховхири чинӣ ва дебо ва ғазора ва дори синӣ ва хуту, ки аз ӯ дастаҳои корд кунанд ва корҳои бадеъ андар ҳар ҷинсе»[1]. Муалифи ин китоб (чи тавре ишора рафт, мутаассифона ному насабаш маълум нест) доир ба мавқеи хунармандию савдоии баъзе аз шаҳру навоҳи Чин, (чанде бо гӯиши форсӣ ва суғдӣ ишора ёфтаанд) маълумоти ҷолиб овардааст. Масалан, аз Хумдон (шояд Чонган-фу ё Ҳвонг-Ҳу бошад) чун яке аз қасабаҳои Чин ёдовар шуда, қайд гардидаст, ки шаҳрест азим ва бевосита дар итоати фағфури Чин буда, макони марворид аст ва сокинонаш ҷомаҳои дебову ҳарири остинфарох ва домандароз истеҳсол мекунанд. Ҳамчунин доир ба дар Савкчу, ки дар сарҳади Таббат ҷой дорад, мавҷуд будани оҳуи мушк (эҳтимолан сухан аз мушки Хутан меравад) ва ғашгов (ба маънои «гови абрешим» омадааст, шояд қуттос дар назар бошад), дар кӯҳҳои Хутан санги яшм, дар Сарандеб бисёр будани алмосу ёқутҳои гуногун ва ғайра маълумот ҷой дорад[2].

[1] Ҳудуд ул-олам. С. 38.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. С. 39-40.

Бозаргонони Чин аз ин молу маводи номбаршуда ба қаламрави Сомониён оварда, ба ивази он аз инҷо асп, маҳсулоти шишагӣ, қоғази машҳури Самарқанд ва ғайра мебурданд.

Алоқаи тиҷорати Мовароуннаҳр бо дигар кишвари бузурги ҳамсоя – Ҳиндустон низ аз умқи асрҳои ниҳоят қадим оғоз ёфтаву ҷараёни доимӣ доштааст. Ин анъана дар замони Сомониён бо сифати нав рушд намудааст. Аз ин рӯ дар мадди назари муаллифони осори асримиёнагии муаррихону ҷуғрофиёшиносон ҷой доштани он ҳам аз ҳамин ҳамбастагии таърихӣ маншаъ гирифтааст. Ҳиндустон низ аз рӯи сарватҳои табиӣ ва аз қадим чун макони ҳунармандӣ ва тиҷорат шуҳрат доштан диққати тамоми тоҷирони оламро ба худ мекашид. Дар «Ҳудуду-л-олам» тавсифи ин мақоми Ҳиндустон ба тариқи зайл омадааст: Ҳиндустон «ноҳиятест бисёрнеъмат ва ободон ва бисёрподшойӣ. Ва андар вай шаҳрҳои бисёр аст. Ва кӯҳ аст ва биёбон аст ва дарёст ва рег аст. Ва аз вай тибҳои гуногун хезад ва мушк ва уд ва анбар ва кофур ва гавҳарҳои гуногун хезад ва марворид ва ёқут ва алмос ва марҷон ва дурр. Ва аз ӯ доруҳои бисёр хезад беадад ва ҷомаҳои аҷаби гуногун. Ва андар даштҳо ва биёбонҳои вай ҷонварони гуногунанд, чун пил ва карг ва товус ва куркурӣ ва тутак ва шорак ва он-ч бад-ин монанд»[1]. Дар ин радиф аз боигарии табииву истеҳсолоти ҳунармандии баъзе аз навоҳию шаҳрҳои Ҳиндустон ёдовар шуда, аз ҷумла омадааст: дар шаҳри Қомарун (дар шарқи Ҳиндустон) Карг, маъдани зар, сумбода ва уди тар, дар Садафу Ҳандал уди санафӣ ва уди мандалӣ (ишора ба чӯби уд аст), дар шаҳрҳои Намёс, Ҳарканд, Ӯршин, Самандар, Андрос, Тӯсул Нӯбин. Ӯрафшин, Малай (Молобор), Самур. Синдон, Қандаҳор, Балаҳорӣ, Лоҳур, Салобур ва ғайра аз зиёд будани пахта (пунба), ки аз дарахт буда, солҳои дароз ҳосил медиҳад. Фил, мушк, ҷомаи махмал, шора (матои барои либоси занона ва

[1] Ҳудуд-ул-олам. С. 40.

дастор), дорувор, шакару понид ва ангубину ҷавзи ҳиндӣ ва ғайра хеле зиёд аст[1].

Дар «Ҳудуд-ул-олам» Балх чун нуқтаи муҳими савдо бо Ҳиндустон ишора ёфтааст. Тибқи маълумоти дар он ҷой дошта Балх «ҷои бозаргонон аст. Ва ҷое бисёрнеъмат аст ва ободон ва боркадаи Ҳиндустон аст»[2]. Балх ва Хулм дар роҳи корвонгарди Ҳиндустон қарор доштанд. Дигар роҳи тиҷорат бо Ҳиндустон аз Помир ба тарафи Кашмир мегузашт. Дар ин роҳ корвонсаройҳои зиёде мавҷуд буд, ки дар хизмати тоҷирон қарор доштанд.

Аз рӯи маълумоти мавҷуда дар роҳи тиҷоратии аз Помиру Тибетро бо Ҳиндустон пайвандкунанда, тоҷирони Самарқанд фаъолияти назаррас доштанд. Амалиёти доимии тиҷорати худро онҳо дар деҳаи сарҳадии Мовароуннаҳр бо номи Самарқандоқ ба роҳ монда буданд. Ишора ба он дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст: «Самарқандоқ деҳаест бузург ва андар вай ҳиндувонанд ва таббатиёнанд ва вахиёнанд ва мусулмононанд. Сарҳад аст ва охири ҳудуди Мовароуннаҳр»[3].

Яке аз марказҳое ки роҳи тиҷорати Мовароуннаҳру Хуросонро бо Ҳиндустон мепайваст, Мансура ё Мултон буд, ки онро дарвозаи Ҳиндустон меномиданд. Шаҳр Ламғон, Динур (Динпур), Виҳанд ва ғайра шаҳрҳое буданд, ки бозаргонони ҳарду тараф онҳоро қароргоҳи доимии савдоӣ ҳисоб мекарданд. Тоҷирони шаҳрҳои муҳими савдоии Хуросон ва дигар мамолики мусулмон ба таври ҳамешагӣ дар ин шаҳрҳо ба муомилоти савдоӣ машғул буданд[4].

Албатта дар ин радиф наметавон аз муносибати тиҷоратии Сомониён бо шаҳрҳои марказии Эрон ёдовар нашуд. Дар Исфаҳон маҳалле буд бо номи Тироз, ки пойгоҳи доимии тоҷироне буд, ки аз шаҳри Тирози қаламрави Сомониён

[1] Ниг.: дар ҳамон ҷо. С. 40-45.
[2] Ҳудуд-ул-олам. С. 58.
[3] Ҳудуд-ул-олам. С. 70.
[4] Ниг.: Ҳудуд-ул-олам. С.44-45; Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 531-532.

меомаданд. Эҳтимолан ҳамин сабаби чунин ном гирифтани ин пойгоҳ гашта буд. Робитаи тиҷоратии давлати Сомониён бо Миср низ хеле равшан ба мушоҳида мерасид. Тоҷироне буданд, ки маҳз бо Миср алоқаи доимии тиҷоратӣ доштанд. Масалан, яке аз чунин тоҷирон Абулҳусайн ибни Муҳаммади Астарободӣ, ки бо номи Ибни Аби Наъим (ваф. 999) маъруфият пайдо кардаву дар Бухоро иқомати доимӣ дошт, бо Миср тиҷорати доимӣ дошт[1]. Чунин робитаҳои муттасили тиҷоратӣ дар замони Сомониён бо тамоми паҳнои мулкҳои араб ба роҳ монда шуда буд. Тоҷирони араб, хосатан аз мамлакатҳои Шарқи Наздик дар бисёре аз шаҳрҳо ва марказҳои савдоии Мовароуннаҳр фаъолияти тиҷоратӣ мекарданд[2].

Дар осори муаррихону ҷуғрофиёшиносони аҳди Сомониён ва асрҳои баъдина аз ҷумла: Наршахӣ, Ибни Хурдодбеҳ, Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Ибни Асир, Муқаддасӣ ва ғайра доир ба робитаи тиҷоратии давлати Сомониён бо давлати Рус ва мамлакатҳои Аврупо маълумоти нисбатан сатҳӣ ҷой дошта бошад ҳам, вале он дар маҷмӯъ хулосаеро пеш меорад, ки нисбат ба давраҳои қаблӣ дар замони Сомониён ин муносибат ба рушди бештаре соҳиб гардида буд. Ин хулосаи умумиро дар Аврупои Шарқӣ ва Русия пайдо намудани дафинаҳои хеле зиёди дирҳами замони Сомониён тақвият мебахшад.

Маълум аст, ки ба хати пайвандгари тиҷоратии Мовароуннаҳр бо мамлакатҳои Ғарб ҳанӯз дар давраҳои қадим суғдиён ибтидо гузошта буданд. Ин роҳи корвонгузар, ки тавассути соҳилҳои ғарбии баҳри Арал ва шимолии баҳри Каспӣ аз Қафқози Шимолӣ гузашта, ба Рим ва Византия (Рум) мерасид, дар ибтидои асри миёна мақоми махсус пайдо карда буд. Дар давраи Сомониён доираи ин хатсайри тиҷоратӣ хеле васеъ шуд. Тоҷирони тоҷик нафақат бозорҳои қад-қади соҳили Волга инчунин дигар мамлакатҳои Аврупоро аз худ наму-

[1] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 535.
[2] История таджикского народа. Том II. С. 390-391.

данд[1]. Ба гуфти А.Метс аз худ кардани шимоли Рус аз тарафи тоҷирони мусулмон кашфиёти бузурги асри X ҳисоб меёбад[2].

Тоҷирони тоҷик аз Мовароуннаҳр ба соҳилҳои Волга намудҳои гуногуни матоъҳои пахтагӣ ва абрешимӣ, либос, чодар, маводи зинатӣ, меваи хушк, чормағз, сиккаҳои нуқра – дирҳам бурда, ба ивази он аз Хазар ва Булғор ба Мовароуннаҳр мӯинаи маҳини самур, қоқум, савсор, шireши моҳӣ, мис, шамшер, ҷавшан. ғуломони славянӣ ва ғайра меоварданд[3].

Муаррихи намоёни рус В.О.Ключевский (1841-1911) бо такя ба маълумоти Хурдодбеҳ, ки ҳамзамони асосгузорони давлати Руси Киевӣ (асри IX) Рюрик ва Асколд буд, доир ба робитаи тиҷоратии тоҷирони рус бо давлатҳои наздику дур чунин хулоса карда аст:»... тоҷирони рус аз кишварҳои ҷудогонаи мамлакати худ ба Баҳри Сиёҳ, ба шаҳрҳои юнонӣ, дар куҷое, ки императори Византия (Рум) аз онҳо даҳяк (боҷи воридотӣ) мегирад, мерафтанд. Ин тоҷирон ба воситаи Дон ва Волга ба пойтахти Хазарҳо мераванд, ки ҳокими Хазар низ аз онҳо даҳяк мегирад. Аз ин ҷо ба баҳри Хазар баромада, ба соҳилҳои ҷанубӣ-шарқии он расида, ҳатто борҳои худро бо шутур то Бағдод, ки Ҳурдодбеҳ онҳоро дар он ҷо дидааст, мебаранд»[4]. Барои тақвияти ин хулоса, муаллиф ба дарёфти дафинаҳои сиккаҳои давраи Сомониён дар ҳудуди Русия ишора намуда, афзудааст, ки дар атрофи Днепр дафинаҳои зиёди тангаҳои арабии қадима ва дирҳамҳои нуқрагӣ пайдо шудааст. Қисми зиёди онҳо ба асрҳои IX ва X, ба давраи рушди босуръати савдои шарқии Рус дар замони Сомониён рост меояд[5].

Ба дарёфти зиёди сиккаҳои мутааллиқи асрҳои VII-X дар

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 391

[2] Мец А. Мусульманский ренессанс. – М.: Наука, 1973. С. 366.

[3] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. С. 295.

[4] Ключевский В.О.Курс русской истории. Сочинения в девяти томах. Часть первая. – М.: Мысль, 1987. С.139.

[5] Ключевский В.О.Курс русской истории. С. 150.

ҳудуди Русия ишора намуда, сиккашиноси асри XIX П.А. Савелев қайд намудаст, ки замони ҳокимиятдории Аббосиён дар қисмати ғарбӣ ва Сомониён дар Осиёи Миёна давраи гулгулшукуфии муносибатҳои тиҷоратии русҳо бо Шарқ ҳисоб меёбад[1].

Муносибатҳои назарраси тиҷоратии Рус бо давлатҳои Шарқ, хосатан бо Мовароуннаҳру Хуросон дар осори таърихии Русияи тоинқилобӣ ва таҳқиқоти олимони Шӯравӣ, Х.Н. Френ, Я.В.Хаников, И.Срезневский, А.Шепелев, М.Д.Тебенков, А.И.Макшеев, Ф.И.Лобисевич, А.Якубовский, А.Чулошников, С.П.Толстов, Б.Ғ.Ғафуров, Н.Н.Неъматов, Е.А.Давидович ва дигарон мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор ёфтааст, ки аксаран ба сифати далел ба дафинаҳои дарёфтшудаи сиккаҳои давраи Сомониён дар Русия ва давлатҳои Аврупои Шарқӣ ишора намудаанд[2].

Дар воқеъ, дар Русия пайдо кардани дафинаҳои хеле зиёди дирҳамҳои замони Сомониён, худ шаҳодати равшанест аз рушди муносибатҳои тиҷорати Сомониён бо давлати Руси Киевӣ. Сиккашиноси тоҷик Д. Довудов дар асоси мадракҳои барояш дастрас ба робитаи тиҷоратии байни давлати Сомониёну Русия баҳо дода, қайд менамояд: «Дирҳамҳои Сомонӣ махсусан дар савдои байналмилалӣ ва пеш аз ҳама дар савдо бо Русия ва дигар кишварҳои Аврупои Шарқӣ васеъ истифода бурда мешуданд. Дар ин бора бозёфти садҳо дафинаҳои дирҳамҳои мусулмонӣ, аз ҷумла сомонӣ, ки аз даҳҳо то ҳазорҳо сикка доранд ва садҳо дирҳамҳои ҷудогона дар ин кишварҳо шаҳодат медиҳанд. Дирҳамҳои сомонӣ дар аксар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва ҳатто берун аз он дар Русия,

[1] Савельев П.С. Мухаммеданская нумизматика в отношении к русской истории. СПб., 1847. С.XXVI; доир ба дафинаҳо тангаҳои шарқ дар Аврупои Шарқӣ ниг.: Янин В.Л. Денежно-весовые системы русского средневековья. – М., 1966.

[2] Ниг.: Пирумшоев Х. Российско-среднеазиатские отношения XVI Середины XIX веков в русской историографии. – Душанбе: Маориф, 2000. С.39-41; Пирумшоев Х., Маликов М. Россия – Таджикистан: История взаимоотношений. – Душанбе: РТСУ, 2009. С. 13-17.

Украина, Эстония, Литва, Финландия, Шветсия, Норвегия, Дания, Германия, Полша, Англия Ирландия ва Исландия ёфт шудаанд»[1].

Аз муҳаққиқони муосири Эрон Ҷаводи Ҳиравӣ дар қатори дигар масоили марбут ба таърихи Эрон дар замони Сомониён, ба масъалаи тиҷорати байни Сомониён ва давлати қадимаи рус – Руси Киевӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар асоси далелҳои барояш дастраси бостоншиносон, қайд кардааст: «Захоири сиккаҳои Сомониён ёфтшуда дар Киев аз аҳамияти тиҷоратии ин шаҳр бо давлати Сомониён ҳикоят дорад. Барои намуна бояд ёдовар шуд, ки захоири сомонии ҷолибе, ки соли 1863 дар Киев ёфт шуда аз 93 дар сад дирҳамҳояш сомонӣ ҳастанд, 43 дар сади онҳо мутааллиқ ба Шошанд ва 40 дар сад марбут ба Самарқанд ва Андароба ва Балху Нишопуру Марв»[2]. Аз рӯи таҳлили мутахассисон дар тамоми Аврупо дирҳамҳои замони Сомониён хеле зиёд пайдо шудаанд, ки аз 2/3 ҳиссаи онҳо сиккаҳои ин давлат буданд[3]. Чунин мисолҳоро метавон хеле зиёд овард.

Дар чунин ҳолат суоле пеш меояд, ки бо кадом зарурат давлатҳои Аврупо, хосатан Рус ба ин сиккаҳо ҳавасмандӣ зоҳир намуда, ба онҳо чун ганҷ ё сарват муносибат мекарданд. Барои Руси Киевӣ дар ду омил ин зарурат зоҳир мегашт: аз набудани захираи нуқра, аниқтараш ҳанӯз мувофиқ ба талаботи замон истихроҷ накардани ин филизи нодиру қиматнок; б) ҳанӯз мавҷуд набудани дасгоҳи зарби ин ё дигар намуди пули расмӣ барои корбурди амалиёти савдоӣ. Аз ин ҷост, ки дирҳамҳои Сомониён дар Рус ба сифати воҳиди қиёсии пул (валюта) амал мекарданд[4]. Мавриди қайд аст, ки дар Русия ва баъзе мамлакатҳои Аврупо ҳатто дирҳамҳои шика-

[1] Довудов Д. Сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар давлати Сомониён // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форси тоҷикӣ. (Маҷмӯаи илмӣ). С. 69-70.
[2] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 540.
[3] История таджикского народа. – Т.II. С.391.
[4] История таджикского народа. – Т.II. С.391; ҳамчунин ниг.: Довудов Д. Сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар давлати Сомониён. С. 71.

ста низ дар муомилот буданд. Аз сабаби кам будани сиккаҳо, дар бисёр мавриҳо дирҳамҳоро шикаста ба ҷои пули майда истифода мебурданд. Шояд аз ҳамин бошад, ки то имрӯз ибораи русии «тангаи шикаста» («ломаный грош»), ки ба маънии чизи ниҳоят камарзиш фаҳмида мешавад, васеъ мавриди истифода қарор дорад. Аз мисолҳои дар боло ишораёфта хулосае бармеояд, ки муносибатҳои молию пулии давраи Сомониён, новобаста ба тарзи истеҳсолоту муомилоти феодалӣ хеле пешрафтаву барои Аврупо, хосатан Русия таъсиргузор будааст.

## Низоми андозситонӣ

Бояд қайд кард, ки низоми андозгирӣ ҳанӯз дар замони ҳукумати Тоҳириён ва Сафориён шакл гирифта, дар давраи Сомониён тартибу низоми он такмил ёфт. Чанде аз муҳаққиқон ба маълумоти хеле ҷолиби ибни Хурдодбеҳ, ки доир ба ҷуғрофиё ва андозситонии давлати Тоҳириён (821-873) овардаст, мароқ зоҳир карда, онро иқтибос намудаанд. Вобаста ба мансубияти мантиқии асари мазкур зарурати бозгӯии пурраи ин масъала, ки то андозае аз вазъи иқтисодиву иҷтимоии замон дарак медиҳад, пеш меояд.

Дар «Ал-Масолик ва-л-мамолик»-и ибни Хурдодбеҳ миқдори хироҷи аз Хуросон ва дигар манотиқи дар тобеияти давлати Тоҳириён (821-873) буда, ки дар давраи ҳокимияти Абулаббос Абдуллоҳ ибни Тоҳир (826-827) барои ду сол (826-827) ситонда шудааст, ба тариқи зайл омадааст: «... Хироҷи Хутталон, Балх, Саъдхурра ва кӯҳистонҳояш саду наваду се ҳазору сесад дирҳам, Хулм – дувоздаҳ ҳазору сесад дирҳам, Қабруғаш – чаҳор ҳазор дирҳам, Тирмиз – ду ҳазор дирҳам, Руб ва Самангон – дувоздаҳ ҳазору шашсад дирҳам, Ревшорон – даҳ ҳазор дирҳам, Бомиён – панҷ ҳазор дирҳам, Бармахон, Бумарин, Банҷор – дусаду шаш ҳазору пансад дирҳам, Тирмиз – чиҳилу ҳафт ҳазору сад дирҳам аст, Байнақон – се ҳазору пасад дирҳам, Каррон – чаҳор ҳазор

дирҳам, Шиқинон – чиҳил ҳазор дирҳам, Вахон – бист ҳазор дирҳам, Мандаҷон – ду ҳазор дирҳам, Аҳарун – сию ду ҳазор дирҳам, Каст – даҳ ҳазор дирҳам, Наҳом – бист ҳазор дирҳам, Чағониён – чиҳилу ҳашт ҳазору панҷсад дирҳам, Босоро – ҳафт ҳазору сесад дирҳам, Вошҷирд – ҳазор дирҳам, Андамин ва Замсон – дувоздаҳ ҳазор дирҳам ва сесад сар чорпо, Кобул – ду милёну панҷсад дирҳам ва аз асирони ғуз ҳазор тан, ки арзиши онон шашсад ҳазор дирҳам аст..., Насаф – навад ҳазор дирҳам, Кис – саду ёздаҳ ҳазору панҷсад дирҳам, Бутам – манҷ ҳазор дирҳам, Бокбакин – шаш ҳазору дусад дирҳам, рустоқи Ҷовон – ҳафт ҳазор дирҳам, рустоқи Рӯён – ду ҳазору дусаду бист дирҳам, Афна – чиҳилу ҳашт ҳазор дирҳам, Хоразм ва Курдар – чаҳор саду ҳаштоду нӯҳ ҳазор дирҳами хоразмӣ, Омул – дусаду наваду се ҳазору чорсад дирҳам аст.

Дар он сӯи рӯд Бухоро қарор дорад, ки дорои куҳандиз аст, хироҷаш як милёну саду ҳаштоду нуҳ ҳазору дусад дирҳами ғитрифӣ (дирҳаме, ки бо амри волии Хуросон Ғитриф ибни Ато (792-793) сикка зада шудааст – Ҳ.П.) аст. Суғд ва дигар ноҳияҳое, ки дар назорати Нӯҳ ибни Асад аст, – сесаду бисту шаш ҳазору чорсад дирҳам, ки дусаду ҳаштод ҳазор дирҳами муҳаммадӣ аз Фарғона ва чиҳилу шаш ҳазору чорсад дирҳами хоразмӣ ва мусайябӣ (номи дирҳамҳое, ки дар баробари дирҳамҳои ғитрифӣ дар Бухоро ва ноҳияҳои дигари Мовароуннаҳр дар гардиш буд – Ҳ.П.) аз шаҳрҳои Туркистон аст. Аз карбосҳои ғализи қундаҷӣ низ ҳазору саду ҳаштоду ҳафт пироҳан ва аз варақҳои оҳан ҳазору сесад қитъаи дунима, ки маҷмӯъан ду милёну саду ҳафтоду ду ҳазору панҷсад дирҳами муҳаммадӣ мегардад, як милёну ҳаштоду нуҳ ҳазор дирҳами муҳаммадии он аз Суғд. Ва маъдан дар Буттам ҳосил ояд ва маъдани намак дар Кис ва хироҷи Кис, Насаф, Буттам ва дигар ноҳияҳои Суғд як милёну ҳаштоду нуҳ ҳазор дирҳами муҳаммадӣ мебошад. Хироҷи Усрушана панҷоҳ ҳазор дирҳам, ки чиҳилу ҳашт ҳазор дирҳами он муҳаммадӣ ва ду ҳазор дирҳами дигар мусайябӣ аст. Шош маъдани нукра

– шашсаду ҳафт ҳазору сад дирҳами мусайябӣ, Хуҷанд – сад ҳазор дирҳами мусайябӣ аст»[1].

Доир ба гирифтани хироҷ дар замони Сомониён дар «Аҳсану-т-тақосим фи маърифат-ил-ақолим»-и Муқаддасӣ (946-990) чунин маълумот омадааст: «Хироҷ: бар Фағона – дувисту ҳаштод ҳазори муҳаммадӣ, бар Шош – яксаду ҳаштод ҳазори мусайябӣ, бар Хуҷанд – сад ҳазори мусайябӣ, бар Суғд, Кеш, Насаф ва Усрушана – як милёну сиву нуҳ ҳазору сиву як дирами муҳаммадӣ аст. Хироҷи Исбиҷоб чаҳор доиқӣ аст бо як микнаса аст (?), ки ба ҳадоёи дигар ҳамасола барои султон фиристода мешавад. Хироҷи Бухоро як милёну яксаду шасту шаш ҳазору ҳаштсаду наваду ҳафт дирҳами ғитрифӣ аст»[2].

Дар «Сурату-л-арз», ки нигориши он ба замони давлатдории Сомониён рост меояд, муаллиф Ибни Ҳавқал (нимаи дуюми асри X), ба риояи ҳадди инсофи хироҷбандии ҳукумати оли Сомон, ки дар Машриқ устувору комилтарин ҳисоб меёбад, ишора намуда, қайд кардааст: «... ба ҳангоми мусофирати ман бад-он ҷо ҷибояти Хуросон ва Мовароуннаҳр мутааллиқ ба Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ буд ва дар сол ду бор, яъне дар ҳар шашмоҳа бист милён дирҳам ҳамл мешуд. Ва агар хироҷи ҳарду шашмоҳа лозим менамуд, ҷамъан чиҳил милён дарҳам мерасид. Хироҷи як ҷариби (масоҳати тахминан ба даҳ ҳазор метри мураббаъ баробар) кӯчак аз 1/4 дирҳам то 2/3 ва то 3/4 аст ва ман Мансур ибни Нӯҳро дидам, ки ҳар сол чаҳор ҷира (миқдори ғизо ва пӯшоке, ки ба ғулому навкар муқаррар мешуд) ба таври мудовим ва лоянқатеъ (ба таври доимӣ) медод ва ҳар ҷира дар сари навад рӯз (се моҳ) пардохт мешуд ва нахуст ба ғуломон ва хосону сарони лашкар ва сипас ба соири коргузорон мепардохт. Маблағи ҳар

---

[1] Ибни Хурдодбеҳ. Ал-Масолик ва-л-мамолик // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С.15-16.

[2] Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фи маърифат-ил-ақолим // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С.158

ҷира панҷ милён дирҳам ва чаҳор ҷира муодили маблағи як хироҷ буд ва ин кор дар охири сол ба соири мардумони мамлакат шомил мешуд. Ва атоёе, ки ба мардум медоданд, бо ҷибоёти мазкур баробарӣ мекард ва аз рӯи тайиби нафс, шодиву масаррати хотир ва ғибтае, ки ба барқарории адолати комил доштанд, анҷом мегирифт»[1].

Ҳамин риояи адолати андозбандиро дар мисоли аз сабаби обхезӣ ва дигар ҳаводис осеб дидани мардум, озод намудани Кармина аз хироҷ, Наршахӣ ба тариқи зайл овардааст: «Ба рӯзгори оли Сомон ва умарои Сомон яке бор ҳазор ҳазор ва саду шасту ҳашт ҳазору понсаду шасту шаш (1 168 566) дирҳам ва панҷ донгу ним будааст бо хироҷи Кармина. Ва аз баъди он ба ҳар тараф хироҷ шуда ва баъзе зиёъ ба об ғарқ шуда, султон хироҷ аз он мавзеъ бардоштааст. Ва онро, ки об бурда хироҷи онро низ вазъ кардааст. Ва баъзе ба дасти алавиён ва фуқаҳо афтодааст, султон хироҷи онро низ вазъ кардааст. Ва баъзе зиёъи султон шуда ва хироҷ аз девон пок шудааст, чун Байканд ва бисёр рустоҳои дигар. Ва хироҷи Кармина аз амали Бухоро берун рафтааст»[2].

Дар ин ҷода наметавон аз як маълумоти ҷолиби дигари Наршахӣ сарфи назар кард. Чи тавре маълум аст, ба ғайр аз андозситонии ниҳоят вазнин, ки бидуни қоидаҳои шариатӣ пурра дар ихтиёри соҳибмансабони замони феодалӣ қарор дошт, боз маҷбуриятҳои дигаре аз қабили роҳу кӯпруку каналсозиҳо ва бо роҳи ҳашари иҷборӣ анҷом додани сохтмони масҷиду мадрасаву кӯшкҳо ва ғайра заҳмати тоқатшикан ба гардани аҳли заҳмат бор мешуд. Масалан, дар замони Тоҳириён барои пеши ҳуҷуми кӯчиён ё дигар аҷнабиёнро гирифтан, бо роҳи сафарбаркунии маҷбурии мардуми шаҳр ва атрофи он, рабази (работ – маҳали берун аз девори шаҳр) ниҳоят устуворе бо девори баланду бурҷҳо ва дарвозаҳо бино

[1] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С.142.
[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.72.

карданд, ки сохтмони он соли 849-850 анҷом ёфт. Ҳар қисмати он, ки аз тарафи ҳуҷуми роҳзанони кӯчӣ хароб мегардид, боз аз нав, бо роҳи сафарбаркунии маҷбурӣ таъмир мешуд[1].

Амир Исмоил ин маҷбуриятро низ то андозае ба танзим даровард. Инро дар мисоли сохтану тармими девори Бухоро, ки Наршахӣ ёдовар шудааст метавон рашан тасаввур кард. «Ва ҳар амире, – менависад Наршахӣ, – ки будӣ баъд аз он иморат мефармуд ва нигоҳ медошт ва маунату харҷе азим бар мардумони Бухоро буд. Ва ҳар соле моле азим бибоистӣ ва ҳашарҳои бисёр то ба рӯзгори амир Исмоили Сомонӣ, раҳимаҳу-л-лоҳ, ки ӯ халқро раҳо кард, то он девор хароб шуд ва гуфт: то ман зинда бошам, бораи вилояти Бухоро ман бошам!» Ва он чӣ пазируфт, тамом кард ва пайваста ба тани хеш ҳарб мекард ва нагузошт, ки ба вилояти Бухоро душман зафар ёбад»[2].

Аз хусуси то андозае риоя намудани адолати иҷтимоӣ нисбат ба донишмандону ҳунармандон низ далелҳо ба назар мерасанд. Рушди ҳунармандӣ ва тиҷорат ба танзими ҳаҷми барои мардум дастраси андозу маҷбуриятҳои феодалӣ бетаъсир набуд. Масалан, даромади Сомониён 45 миллион дирҳам муайян шудааст, ки бевосита ба ихтиёри онҳо ворид мешуд. Андози барои халифа муайяншуда аз вилоятҳои шарқӣ дигар ба маркази хилофат интиқол дода намешуд. Аз маблағи ба хазинаи Сомониён воридшуда 20 миллион дирҳам барои музди маоши ҳарбиён (дар ҳар се моҳ – 5 миллион) ҷудо карда мешуд. Хизматчиёни маъмурии дар вилоятҳо дар сатҳи як вазифа буда, музди якхела мегирифтанд[3]. Вале ин маънои онро надорад, ки масъалаҳои иҷтимоӣ ҳалли худро ёфта бошанд. Дар замони истибдоди феодалӣ ин фақат орзуи дасторас буда метавонист. Маълумоти дар ин бора овардаи муаллифони асримиёнагиро чун ҳақиқати бебаҳс қабул кардан

[1] Ниг.: Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.75.
[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.74.
[3] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения. – Т.I. – М.: ИВЛ, 1963. С. 298.

шарт нест. Онҳо, ки аксаран хизматгузорони дарбор буданд, аз мадҳбаёнӣ фосила гирифта наметавонистанд.

Ҳамчунин аз осори онҳо пайдо кардани маълумоти пурраи оморӣ доир ба тарзу ҳаҷми андозбандӣ ва хароҷоти расмии маблағи дар хазинаи давлат ё шоҳ ҷамъ омада, ниҳоят мушкил, аниқтараш ғайриимкон аст. Сабаби онро дар мавҷудияти хоҷагидории натуралӣ номутамарказии низоми моливӣ, номуназзамии интиқоли пул ба хазинаи давлат, ки дар бисёр маврид волиёни саркашу ҷудоихоҳ онро ҷиддан халалдор мекарданд ва билохира дар соҳибихтиёрии пурраи амир доир ба хароҷоти маблағи ба хазина воридшуда, бояд дид. Хулоса, тарзи муносибатҳои иқтисодии ба ҷомеаи феодалӣ хос, барои ба тартиб овардани маълумоти зарурии оморӣ ба муалифони замон имкон намедод. Аз ин рӯ наметавон дар осори ба мерос гузоштаи онҳо маълумоти ҷамъбастиву таҳлилии тарзу ҳаҷми андозбандиро пурра барои тамоми қаламрави давлати Сомониён дарёфт.

Ин водор месозад, ки муҳаққиқон таҳқиқу таҳлили амалиёти молиявии ба воридоту хароҷоти маблағи ба хазинаи давлат иртиботдоштаро, танҳо дар асоси маълумоти ба вилоятҳои ҷудогона бахшидаи муаррихони асримиёнагӣ, муқоиса ва ҷамъбасту хулосабарорӣ намоянд. Вале ин ҳаргиз маънои беъэтибор ва камэътибор будани маълумоти дастраси маъхазиро надорад. Муаллифон аз доираи таъсири воқеияти замон берун буда наметавонистанд. Аз ин манзар маълумоти онҳо то имрӯз қимати маъхазии худро нигоҳ дошта, барои муҳаққиқони оянда чун манбаи пурарзиши таърихӣ хизмат хоҳад кард.

# БОБИ VI

# ФАРҲАНГИИ ЗАМОНИ СОМОНИЁН ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ АСРИМИЁНАГӢ

## Шаҳрсозӣ ва меъморӣ

Аз рӯи анъана ҳар гоҳ сухан аз боби маданияти моддии ҳар давлату халқ меравад, санъати шаҳрдориву шаҳрсозӣ, хосатан меъморӣ пеши назар меояд. Ин воқеияти таърихӣ барои давлати Сомониён истисно буда наметавонад. Аз тарафи дигар ҳар дастоварди таърихиро дар ин ҷода, набояд чун падидаи як давраи муайни таърихӣ қабул кард. Санъати шаҳрсозӣ низ дар заминаи таҷрибаву дастовардҳои қаблӣ ташаккул ёфта, вобаста ба талаби замон зуҳуроти тозаву ба талаби замон мувофиқ пайдо мекунад.

Аз рӯи маълумоти маъхазии мавҷуда, санъати меъморӣ дар Мовароуннаҳру Хуросони замони Сомониён бавуҷудомада, низ амри тасодуф набуда, аз анъаноти ба ин минтақа хос, ки дар солҳои тӯлонӣ ба ҳукми анъана даромадааст, маншаъ мегирад. Ин равандро Наршахӣ дар мисоли Бухоро хеле равшан нишон додааст.

Чунонки хонанда огаҳӣ дорад, дар боло зикри тадвини китоби Наршахӣ «Таърихи Бухоро»-ро, ки соли 943/944 ба забони арабӣ навишта, ба амир Нӯҳ ибни Наср ибни Исмоили Сомонӣ тақдим карда буд, рафт. Вале ин асари пурқиммати замон соли 1128 аз тарафи Абӯнаср ал-Қубавӣ ба тоҷикӣ-форсӣ бо баъзе иловаҳову ихтисорот, ки «зикри онҳо малолӣ афзудӣ» тарҷума шудааст. Китобати нави ин тарҷумаи Абӯнаср соли 1178 аз тарафи Муҳаммад ибни Зу-

фар ибни Умар бо чанде аз ихтисорҳо анҷом дода шуд. Муддао аз такрори ин гуфтаҳо аз зарурате пеш омад, ки он чӣ доир ба таърихи замони дури Бухоро омадааст, тарҷумон онро аз «Хазоину-л-улум»-и Абӯлҳасан Абдурраҳмон Муҳаммад ан-Нишобурӣ (донишманди охири асри X) илова намудааст.

Аз ривояти дар он омада, Бухоро дар қадим ҷои марғзори серқкамишу сердарахт будааст. Баъди он ки дар рӯди азими назди Самарқанд обхезии азим шуда, маҷрояш ин марғзори барои зисти мардум ношоямро шуста тоза кардан «мардумон аз ҳар ҷониб ҷамъ омаданд ва он ҷо хуррамӣ гирифт... Он мардумонро ин вилоят хуш омад, ин ҷо мақом карданд... Ва якеро баргузиданд ва амир карданд»[1]. Идомаи ин ривоят бар он аст, ки амири интихобшуда, баъди чанде истисмору ситами мардумро зиёд кард, бисёриҳо кӯч бастанд, дигар ба муқобилаш хеста аз берун аз ҳокими Туркистон ёрӣ хостанд. Ҳоким писараш Шеркишварро ба лашкари зиёде фиристода, Абрӯйро шикаст дода, ба ҷуволи пур аз занбӯри сурх андохта, ба ҳалокат расонд. Акнун, ки Шеркишвари ҳоким тавонист вазъиятро муътадил гардонад, гурезагон аз на баргашта ин мулкро обод карданд. Шеркишвар бо ёрии яке аз мардуми (деҳқон) тавонгару сарватманд шаҳристони Бухороро бино карда, бист сол подшоҳиро дар даст доштааст. Аз ин пас дигарон ҳоким шуданд, аз он баъд ҳокимият ба Туғшодаву писаронаш расид[2].

Ҳамин тариқ доир ба бино ёфтани ин шаҳр ривоятҳои гуногун боқӣ мондааст, ки худи Наршахӣ низ баъзе аз он ҷузъиёт ёдовар шудааст. Аз ҷумла ӯ овардааст, ки аз Бедун ном бухорхудот, писари ширхорааш Туғшода, ки аз номи ӯ модараш Хотун дар муддати понздаҳ сол сарварии мулки Бухороро ба ӯҳда дошта, онро аз арабҳо ба василаи инъом мол додан, истиқлолияти онро таъмин карда тавонистааст,

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.27-27.
[2] Ниг.: Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 27-31.

вале баъди фавти ӯ ва пурра соҳибтахт шудани писараш Туғшода, арабҳо тавонистан Бухороро ба тасарруфи худ дороранд[1].

Аз рӯи ривояти дигаре, ки дар «Таърихи Бухоро» аз «Хазоин у-л-улум»-и Абӯлҳасани Нишобурӣ омадааст, гӯё ҳисори арки Бухоро Сиёвуш ибни Кайковус ва аз рӯи дигар ривоят Афросиёб бино кардааст, вале бо гузашти солҳо он ба ҳолатӣ вайронӣ расидааст. Онро аз нав Бандуни бухорхудот – шавҳари Хотун ва падари Туғшодаи дар боло ишораёфта, аз нав обод кард. Вале минбаъд бо мурури замон ин Ҳисор чандин бор харобу аз нав обод шудааст[2].

Наршахӣ гарчӣ аз гузаштаи дури шаҳри Бухоро ёд карда бошад ҳам, ободкориҳои давраи Сомониён, алалхусус сохтани биноҳои боҳашамати девонҳоро, ки худ бевосита шоҳид буд, воқеъбинона шарҳ додааст. Ӯ аз ҷумла чунин қайд кардааст: «Аз дари ғарбии ҳисори Бухоро то ба «Дарвозаи маъбад», ки «Регистон» хонанд, дар ин Регистон саройҳои подшоҳон будааст аз қадим боз дар ҷоҳилият (то ислом). Ва дар рӯзгори оли Сомон амири Саъид Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ас-Сомонӣ ба Регистон сарое фармуд ва сарое сохтанд бағоят некӯ ва моли бисёр дар вай харҷ кард. Ва бар дари сарои хеш сарои уммол фармуд бино карданд, чунон, ки ҳар омилеро алоҳида девоне будӣ дар сарои хеш, бар дари сарои султон, чун: девони вазир, ва девони муставфӣ ва девони амидулмулк ва девони соҳибшурат (таъминкунандаи амният) ва девони соҳибмуаййид (соҳиби барид – почта) ва девони шараф (мушриф) ва девони мамлакаи хос ва девони муҳтасиб ва девони авқоф ва девони қазо(қозӣ). Бад-ин тартиб давовин (девонҳо) фармуд бино ниҳоданд»[3].

Бинои ҳар девон дар воқеъ ниҳоят мунаққашу дилрабо буд. Вале баъди вафоти Абдулмалик ибни Нӯҳ (961) ғуло-

---

[1] Ниг. ҳамон ҷо. С. 32 – 37.
[2] Ниг.: ҳамон ҷо. С.56-59; доир ба ҳокимиятдории Хотун ниг. ҳамин китоб С.81-90.
[3] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С.60.

мону канизон «мунозаат карданд ва саройро оташ заданд, то ҳама бисӯхт». Баъди ба тахт нишастани Мансур ибни Нӯҳ (ноябр-декабри 961) он биноҳоро аз нав барқарор намуданд. Вале баъди чанде, ҳангоми ҷашнгирии «шаби сурӣ», аниқтараш «чоршанбеи сурӣ», ки аз рӯи анъана мардуми ориёинажод гулхан гиронда барои пок шудан аз болои он мепариданд, боз аз нав алангаи оташ паҳн шуда ҳамаро сӯзонд. Баъди ин сарои нави пошоҳон дар ҷои биҳиштосои Ҷӯйи Мӯлиён сохта шуд.

Бояд қайд кард, ки бино ба маълумоти дар «Таърихи Бухоро» омада, Ҷӯйи Мӯлиёнро дар вақташ Исмоил харида, саройҳову бӯстонҳо сохт ва бештар ба маволиён вақф кард. Аз ин рӯ шакли дурусти он «Ҷӯи Маволиён» будааст, вале дар талаффузи мардум чун «Ҷӯйи Мӯлиён» мондааст. Ҳамчунин амир Исмоил Ҳисори Бухоро – Даштакро, ки пештар найистон будаст харида онро ба масҷиди ҷомеъ вақф кардааст[1]. Васфи биноҳои дар мавзеи Ҷӯйи Мӯлиён сохташударо бисёре аз муаррихони ба таърихи Бухоро иртибот дошта овардаанд. Аз ҷумла Наршахӣ васфи ин мавзеъро ба тариқи зайл овардааст: «... беҳтар аз мақоми нафиси биҳиштойини Ҷӯйи Мӯлиён дар Бухоро ҷое ва манзиле набудааст, чаро ки ҳама ҷои ӯ сароҳову боғҳо ва чаманҳову бӯстонҳо ва обҳои равони алалдавом дар марғзорҳои ӯ дар ҳам печида, аз миёни ҳамдигар ҷӯйҳо мегузаштаанд ва ба ҳазор ҷониб ба тарафи марғзорҳо ва ба гулзорҳо мерафтанд. Ва ҳар кас, ки тамошои обҳои равон мекард, дар ҳайрат мешуд, ки аз куҷо меояд ва ба куҷо меравад»[2].

Наршахӣ ҳамчунин мавзеи аз «Дари Регистон» то Даштаки шаҳри Бухороро бо фасоҳати хеле баланд васф намудааст. «Ва дигар аз «Дари Регистон» то Даштак, – менависад муаллиф, – ба тамом хонаҳои авзуну мунаққаши олии сангин ва меҳмонхонаҳои мусаввар ва чаҳорбоғҳои хуш ва сарҳавзҳои

[1] Дар ҳамон ҷо. С. 63
[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. С. 62.

некӯ ва дарахтҳои гуҷум хиргоҳе буда, ба навъе, ки заррае офтоб аз ҷониби шарқӣ ва ғарбӣ ба нишастгоҳи сарҳавз намеафтода. Ва дар ин чаҳорбоғҳо меваҳои алвон аз ношпотӣ ва бодом ва фундуқу гелос ва уннob. Ва ҳар мевае, ки дар биҳишти анбарсиришт ҳаст, дар он ҷо бағоят некӯву латиф будааст»[1].

Дар қатори баъзе аз шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳри замони Сомониён[2] васфи Бухоро дар «Ашколу-л-олам»-и Ҷайҳонӣ (ваф. 942) бештар ба назар мерасад. Бино ба маълумоти ин муаллифи муосири вақт оварда, Бухоро шаҳре буд, ки гирдогиди онро кӯшку бӯстонҳо, маҳаллу деҳоти бо ҳам пайваста иҳота карда буданд. Масоҳати шаҳрро ӯ дувоздаҳ дар дувоздаҳ фарсанг муайян кардааст[3]. Ҷайҳонӣ ба бузургии шаҳр ишора карда, навиштааст: «Шаҳрро ҳафт дар аст: якеро дари Шаҳристон гӯянд, дувумро Дари Нав, сеюмро Дари Ҳафра, дари чаҳорумро Дари оҳанин, панҷумро Дари Куҳандиз, шашумро Дари Банӣ Асад ва ҳафтумро Дари Бани Саъд. Куҳандизро ду дар аст: якеро Дари Регистон гӯянд ва дигареро Дари Масҷиди ҷомеъ. Ва рабази берунро дарҳост: Дари Майдон, Дари Иброҳим, Дари Рабуд, Дари Марви Қамиша, Дари Калобод, Дари Самарқанд, Дари Навбаҳор, Дари Лафозкун, Дари Ромина, Дари Пули Бозорча, Дари Форҷак, Дари Дарвоҷа, Дари Кӯи Муғон»[4]. Номгӯи дарвозаҳои Бухоро дар «Масолик ва мамолик»-и Истахрӣ (тав. 849) низ бо ҳамин мазмун такрор ёфтааст[5].

Чунин мисолҳое, ки аз санъати баланди шаҳрсозиву меъморӣ дар маркази давлати Сомониён – шаҳри Бухоро

---

[1] Дар ҳамон ҷо.
[2] Ниг.: Абулқосим ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ (минбаъд – Ҷайҳонӣ). Ашколу-л-олам // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С.43-72.
[3] Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С. 58
[4] Ҷайҳонӣ. Ашкол-ул-олам. С. 58-59.
[5] Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. ал-Масолик-ва-л-мамолик. Тарҷумаи форсӣ бо кӯшиши Эраҷи Афшор. – Теҳрон, 1340. С.239.

шаҳодат медиҳанд дар осори дигар муаррихону ҷуғрофиёшиносони асримиёнагӣ хеле зиёд ба чашм мерасад. Дар «Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал аз ҷумла омадааст: «... Дорулимораи саросари Хуросон дар Бухорост ва ин вилоят дар муқобили ҳамаи вилоёти Мовароуннаҳр қарор дорад ва навоҳии муттасил бад-он пас аз он воқеъ аст ва онро Бумиҷкас низ мегӯянд, Бухоро дар ҷулга қарор дорад ва биноҳои он аз ҷӯб мушаббак аст ва пиромуни онро қасрҳо ва боғҳо ва маҳаллаҳо ва кӯчаҳои сангфарш ва қурои ба ҳам пайваста ба масоҳати дувоздаҳ дар дувоздаҳ фарсах (1 фарсах ё фарсанг ба 7-8 км рост меояд – Ҳ.П.) фаро гирифта. Ҳамаи ин қасрҳо ва биноҳо ва қуро ва қасаботро боруе (девор) иҳота кардааст ва дар лобалои онҳо ҳаргиз замини боиру вайрон ба чашм намехӯрад. Ва илова бар ин бору, қасрҳо ва хонаҳо ва маҳаллаҳое, ки аз қасаба маҳсуб мешавад, бад-он мепайванданд ва сокинони он мардуми қасаба ҳастанд, ки дар зимистону тобистон дар он ҷо иқомат доранд. Ҷуз ин бору боруи дигаре низ ба тӯли як фарсах дар як фарсах вуҷуд дорад. Дар дохили он бору шаҳре ҳаст, ки онро низ боруи устувор фаро гирифта. Дар беруни шаҳр куҳандизе муттасил бад-он дида мешавад, ки худ шаҳри кӯчаке аст ва қалъае дорад ва хонаҳои ҳукмронони Хуросон, ки аз тарафи Сомониён таъйин мешаванд ва низ зиндон, дар ҳамин куҳандиз аст...»[1].

Аз ин маълумот хулосае бармеояд, ки шаҳри Бухоро масоҳати калонеро дар бар мегирифт. Бостоншиноси тоҷик Ю. Яъқубов тахмини муаррихи шӯравӣ О.Г. Болшаковро, ки масоҳати шаҳри Бухоро беш аз 400 гектар нишон додааст, ҷонибдорӣ кардааст. Вале дар айни замон қайд менамояд, ки ин нишондиҳанда ҳанӯз ҳақиқати бебаҳс буда наметавонад. Дар ин ҳисоб кӯшкҳои боҳашамати давлатмандону амалдорон, ки берун аз работи шаҳр буданд, ворид нашудаанд. Агар ин ба ҳисоб гирифта шавад, он гоҳ масоҳати шаҳри Бухорои

---

[1] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз // Сомониён дар оинаи таърих. – ҷилди дувум. С.144-145.

замони Сомониёнро 800-900 гектар тахмин кардан асоси воқеӣ дорад[1].

Чунин маълумот доир ба Самарқанд низ хеле зиёд ба назар мерасад. Дар «Муъҷаму-л-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ аз ҷумла омадааст: «Масоҳату давраи девори он [Самарқанд] дувоздаҳ фарсах аст ва дар он бӯстонҳову мазраъҳову осиёҳост. Ва он дувоздаҳ дарвоза дорад ва аз як дарвоза то дарвозаи дигар як фарсах (7-8 км) роҳ аст. Ва дар баландтарин девори он тоқҳо ва бурҷҳои дидбонӣ мавҷуд аст. Дувоздаҳ дарвозаи шаҳр – ҳамагӣ аз оҳананд ва миёни ҳаряк ду дарвоза манзилест барои ояндагон. Чун аз мазраъҳо бигзарӣ, ба рабаз бирасӣ, ки дар он биноҳову бозорҳост. Ва дар рабази он мазраъҳост, ки масоҳати он дувоздаҳ ҳазор ҷариб аст. Ва дар ин шаҳр, яъне шаҳри андарунӣ, чаҳор дарвоза аст, ки соҳати онҳо ду ҳазору понсад ҷариб мебошад. Ва он дар масҷиди ҷомеъ ва куҳандиз ва сарои султон воқеъ аст... Чун ба куҳандизи шаҳр бароӣ, биноҳои онро дидан натавонӣ зеро онҳо дар паси боғову дарахтон пинҳон шудаанд. Ва аммо бозор дар шаҳристони калон аст ва дар он водиҳо ва рӯдҳо ва чашмаҳо ва кӯҳҳост. Ва бар куҳандиз дарвозаест оҳанин ва андаруни он дарвозаи оҳанини дигар аст»[2].

Табиист, ки фақат дар мисоли Бухоро ва Самарқанд раванди шаҳрсозӣ ва шукӯҳу шаҳомати шаҳрҳои замони Сомониёнро нишон додан, маънои маҳдуд намудани муҳтавои ин масъаларо дорад. Аз рӯи ҳисоби яке аз мутахассисони таърихи шаҳрсозии шарқи исломӣ О. Г. Болшаков дар асри X фақат дар ҳудуди Мовароуннаҳр беш аз 280 шаҳр ва дар ҳудуди Хуросони замони Сомониён низ дар доираи ҳамин миқдор

---

[1] Ниг.: Беленицкий А.М., Бентович И.Б. Большаков О.Г. Средневековый город Средней Азии. – Л., 1973; Якубов Ю. Бухара – столица государства Саманидов // Саманиды: эпоха и истоки культуры. (Сборник статей посвященной 1150-летию Абуабдулло Рудаки). – Душанбе:НК «ICOMOS», 2007. С. 17.

[2] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С. 294-295.

шаҳрҳо мавҷуд будааст[1], ки ин худ нишондиҳандаи ниҳоят баланди маданияти шаҳрдориву шаҳрсозӣ ҳисоб меёбад.

Албатта маданияти шаҳрсозиву шаҳрдорӣ механизми ниҳоят мураккаб буда, нишондиҳандаи он на танҳо санъати баланди меъморӣ, ки дар биноҳои барҳавову боҳашамати масҷиду мадрасаҳо, кӯшку корвонсаройҳо, боғу гулгаштҳо, инчунин дар иншоотҳои обтаъминкунӣ – ҳавзу чоҳҳои захираи оби тозаи нӯшокӣ дошта, бемористон, гармоба, нуқтаҳои хӯроки умумӣ, инчунин раставу бозорҳои тартиби муайян дошта ва ҳатто партобҷойҳои ахлоту мағзобаи ба талаботи санитари замон ҷавобгӯ, зоҳир мегардад. Аз рӯи маълумоти дар маъхазҳои хаттӣ ва нишондиҳандаҳои дастраси муҳаққиқони бостоншинос гардида, дар шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳри замони Сомониён ин хусусиятҳои барои шаҳрҳои калони марказиву баъзе аз музофотӣ хос равшан ба назар мерасад[2].

Муҳаққиқони соҳа асосан ҷонибдори ақидаеанд, ки дар давраи Сомониён, гарчанде дар заминаи анъанаҳои қаблӣ шаҳрсозӣ пеш рафта бошад ҳам, таъсири талаботи замон вобаста ба бештар неруманд гардидани идеологияи ба талаботи ислом ҷавобгӯ барои дар заминаи нав рушт намудани шаҳрҳо бетаъсир буда наметавонист.

Бояд қайд кард, ки дар асрҳои V-VIII шаҳрҳо асосан ҳанӯз аз истеҳсолоти кишоварзӣ ҷудо нашуда, нишондиҳандаи фарқкунандаи онҳо дар санъати меъмории ба биноҳои қалъаву кӯшкҳои боҳашамати барои феодалон хос ба назар мерасид. Дар замони давлатдории Сомониён бошад, шаҳрҳои калон аз тарзи истеҳсолоти кишоварзӣ ҷудо шуда, ба маркази ҳунармандӣ, савдо, илму фарҳанг ва санъати баланди меъморӣ табдил ёфтанд. Дар шаҳрҳо намуди ҷадиди

[1] Большаков О.Г. Город Средней Азии в конце VIII – начале XIII вв. Афтореф. доктор. диссертации. – М., 1974. С. 10-13.

[2] Ниг.: Мирбабаев А. Благоустройство городов эпохи Саманидов // Саманиды: эпоха и истоки культуры. Сборник статей. – Душанбе: НК «ICOMOS», 2007. С. 79-89.

биноҳои ба талаботи ислом ҷавогӯ – мадраса, масҷидҳо, мақбараву хонақо ва ғайра равнақ пайдо намуданд. Дар баробари ин қасрҳои амиру маъмурони сатҳи олии давлатӣ (девонҳо) ва маҳаллӣ, марказҳои ҳунармандиву тиҷоратӣ, корвонсарой ва дигар биноҳои ба талаботи маишиву маданӣ шаҳр ҷавобгӯ, симои шаҳрҳои давраи Сомониёнро куллан тағйир дода буданд[1].

Дар давраи Сомониён вобаста ба талаботи рӯзафзун ба маҳсулоти ҳунармандӣ ва рушди тиҷорат, мавқеи иқтисодии шаҳрҳо то рафт мустаҳкам мешуд, вобаста ба ин аҳолии шаҳрҳо меафзуд. Ба неруманд будани муносибатҳои феодалӣ ва мақоми хоҷагии натуралӣ нигоҳ накарда, тақсимоти меҳнат шарти асосии талаби замон гардида буд.

Ба маркази ҳунармандиву савдо, илму фарҳанг ва дар баробари ин ба нуқтаҳои марказии таблиғоти динӣ табдил ёфтани шаҳрҳо барои таҳаввулоти ҷадиди меъморӣ, ки дар сохтани биноҳои ба талаботи шариати исломӣ мувофиқ: масҷиду мадрасаҳо, хонақоҳ, мазору оромгоҳҳо ва биноҳои маъмурӣ, қасру кӯшкҳои шоҳону сарватмандон ва ғайра ба назар мерасид, барои рушди шаҳрҳо мусоидат мекард. Аз тарафи дигар дар ин раванд наметавон аз ҳавасмандии худи амирони Сомонӣ, хосатан Исмоилу Наср, ки аз рӯи маълумоти шоҳидони ҳол дар пешравӣ ва ободии шаҳрҳо ширкати бевосита доштанд, сарфи назар кард. Беҳуда набуд, ки дар асрҳои IX – X ҳудуди шаҳри Бухоро 12-15 ва Самарқанд то 4-5 маротиба васеъ шудааст[2]. Аз рӯи маълумоти Н. Неъматов ба даст оварда, дар Бухоро намояндагони оли Сомон ва аъёну ашроф ба миқдори зиёд қасрҳо, кӯшкҳо, масҷидҳо сохта бу-

---

[1] Ниг.: Мамаджанова С. Градостроительные традиции Мавераннахра эпохи Саманидов // Саманиды: эпоха и истоки культуры. С.149-160.

[2] Большаков О. К. Некоторые вопросы изучения среднеазиатского города VII-VIII вв. в свете общей проблематики истории городов Востока // Краткие сообщения Института истории материальной культури АН СССР. – Вып.122. – Археологическое изучение Средней Азии. – М., 1970. С. 96-100.

данд. Аз ҷумла қасри Мансури Сомонӣ дар назди Дарвозаи нав, қасри Наср дар Регистон, масҷиди вазир Абӯҷаъфари Утбӣ, манораи Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ ва ғайра аз қабили онҳо буданд[1].

## Илму фарҳанг

Давраи ҳокимияти Сомониён дар тамоми маълумоти аз ҳамасрону муаллифони баъдина боқӣ гузошта, чун замони рушди назарраси фарҳангии сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ шудааст. Албатта метавон аз хизмати донишмандони соҳаҳои мухталифии илми замон гузориши тӯлоние пеш овард, вале бо назардошти мавҷудияти таҳқиқоти зиёд доир ба шахсиятҳои намоёни илму фарҳанги ин замони ифтихорбахши таърихи тоҷикон дар доираи маълумоти умумӣ маҳдуд шудан, ба мақсад мувофиқ аст.

Замони Сомониён дар сатҳи ҷаҳонӣ барҳақ замони ташаккулу рушди равияҳои гуногуни илмӣ эътироф шудааст. Дар воқеъ, дар ин давра як теъдод олимоне ба майдон омаданд, ки дастовардҳои илмии онҳо дар соҳаи кайҳоншиносӣ, риёзиёт, кимиё, тиб ва ғайра дар тамоми дунё маъруф шуда, ба рушди илмии давраи эҳё дар Аврупо мусоидат намудаанд.

Ҷойгоҳи чунин нобиғаҳои ҳамадон (энсиклопедист) мисли Муҳаммад ал-Хоразмӣ (тахм. 780-850), Абӯбакри Розӣ (чоряки охири асри IX – чоряки аввали асри X), Абӯнаср Муҳамад ибни Муҳаммади Форобӣ (873/874-950/951), Абӯалӣ Ҳусайн ибни Сино (980-1037), Абӯрайҳони Берунӣ (973-1048) дар таърихи илми умумибашарӣ бо хатти зарин сабт шудааст[2].

Боиси ифтихор аст, ки осори илмии ин бузургмардони илм ба ҳамаи мушкилоти ҳаводиси асримиёнагӣ нигоҳ накарда,

[1] Неъматов Н. Давлати Сомониён. С.37-38.

[2] Доир ба ҳаёту фаъолияти ин нобиғаҳои илми замони Сомониён ниг.: История таджикского народа. – Т.II. Эпоха формирования таджикского народа. – Душанбе: Типография Алҳуд», Исламская Республика Иран, 1999. С.512-529.

борҳо китобату нусхабардорӣ шудаанд. Ҳамчунин кам не-станд асарҳое, ки ба хизмати ин олимон дар маҷмӯъ ва мушахасан ба ҳар кадом онҳо бахшида шудаанд.

Хизмати олимони замони Сомониён: Аҳмад ибни Абдуллоҳ ал-Марвазӣ (ваф. 870), Абдумаъшар Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ (ваф. 886), Абулҳасан Собит ас-Собӣ ал-Хоронӣ ибни Қора (836-901), Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Касир ал-Фарғонӣ (асри IX), Абӯҳамид Устурлобии Сағонӣ (ваф. 989/990), Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ (ним. дуюми асри X), Абдулвафо Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Бузҷонӣ (940-998), Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмад ан-Насавӣ (ваф. 1030) дар рушди кайҳоншиносӣ, физика, риёзиёт, нуҷум ва соири дигар илмҳои дақиқ хеле назаррас аст.

Аз донишмандони соҳаи ҷуғрофиё – Аҳмад ибни Муҳаммад ибни ат-Тойиб ас-Сарахсӣ (ваф. 899), Абӯзайд Аҳмад ибни Саҳл ал-Балхӣ (850-934), Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Насри Ҷайҳонӣ (ваф.943), Абулаббос Ҷаъфар ибни Аҳмад ал-Марвазӣ (ваф.887), Хурдодбеҳ (820-913), муаллифи номаълуми «Ҳудуд-ул-олам»ва дигарон шуҳрат доштанд, ки то имрӯз он идома меёбад.

Илми кимиё ва тибро бе донишмандони оламшумул – Закариёи Розӣ ва Абӯалӣ ибни Сино, ки зикрашон рафт, тасаввур кардан аз имкон берун аст. Дар ин ҷода ҳамчунин бояд аз хизмати Абӯбакр Рабеъ ибни Аҳмад Аҳовайнии Бухорӣ, Ҳакими Майсарӣ (асри X), Абӯмансур Музаффақ ибни Алӣ ал-Ҳаравӣ (нимаи дуюми асри X), Абӯмансури Бухорӣ (ваф. 990/991), Абӯсаҳли Масеҳӣ (ваф. 1000), Абдулҳакими Хоразмӣ (нимаи дуюми асри X-аввали асри XI) ва дигарон ёдовар шуд.

Аз муаррихон, илова бар он, ки дар боло зикри ному насаб ва хизмати онҳо рафт, бояд аз Аҳмад ибни Абӯтоҳири Тайфур (ваф. 893), Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Асхари Ахборӣ (ваф. 937), Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Сулаймони Бухорӣ (ваф. 924), Абӯалӣ Ҳусайн ибни Аҳмади Салломӣ (миёнаи асри X), Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Аҳмад

(Муҳаммад)-и Фарғонӣ (ҳамзамону шогирди Табарӣ), Аҳмад ибни Абуллоҳи Фарғонӣ (ваф. 1007), Абӯисҳоқ Аҳмад ибни Ёсин ал-Ҳаддодӣ (ваф 954) ва дигарон, ки осори онҳо то замони мо нарасидааст, ёдовар шуд.

Ҳамчунин рушди забон ва адабиёти тоҷику форсро наметавон бе хизмати Абӯбакр Муҳаммади Хоразмӣ (ваф. 933), Абӯмуайяди Балхӣ (асри IX), Ҷаъфар ибни Аҳмад Абулаббоси Марвазӣ (ваф. 887/888), Алӣ ибни Муҳаммад Абулҳасани Шобастӣ (ваф. 902/903), Муҳамад ибни Абдулвоҳид Мутризи Боварзӣ (ваф. 955/956), Абдурраҳмон ибни Аҳмани Мақолӣ (ваф. 947/948), Алӣ ибни Муҳаммад Абулқосими Аскофӣ (ваф. 961/962), Муҳаммад ибни Абӯбакри Хоразмӣ (ваф. 993/994), Исҳоқ ибни Иброҳими Форобӣ (ваф. 961/962), Ҳасан ибни Абдуллоҳ Абӯхалили Аскарӣ (ваф. тахмин 1001/1005), Муҳаммад ибни Аҳмад Абӯмансури Азҳарӣ (ваф. 980/981) ва ғайра тасаввур кард [1].

Чи тавре дар боби заминаҳои ба сари қудрат омадани Сомониён сухан рафт, ҳифзи анъаноти пешин дар замони ишғол ва ҳокимияти арабҳо ба фишори сахти аҷнабиён нигоҳ накарда, аз пойдории решаҳои бисёрасраи қаблӣ маншаъ мегирифт. Нишондиҳандаи муҳими садоқати мардум Моваруннаҳру Хуросон ба гузаштаи худ, ба мушкилоти зиёде нигоҳ накарда, дар таъмини ташаккулу рушди забон ва дар ин замина ба роҳ мондани адабиёти оламшумули тоҷику форс ҳисоб меёфт. Дар шароите, ки дар минтақа зӯран забону адаби араб ба сари мардум бор шудаву аҳли савод аксаран ба он гаравида буд, таваҷҷуҳи сокинони азалии ин паҳно ба забони форсӣ-тоҷикии ба марраи ташакули ҷадиди худ роҳ кушода, ҳар чӣ бештар мегардид.

[1] Доир ба намояндагони илму фарҳанги замони Сомониён Ниг.: Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. С.185-219; Негматов Н. Таджикский феномен: история и теория. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. С.156-161; История таджикского народа. – Т.II. С.498-529; Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе:: ЭР-граф, 2011. С.994-1081.

Аз хусуси он ки забони арабӣ забонҳои зиндаи Эрон ва Хуросону Мовароуннаҳрро аз байн бурда натавонист, назари академик Б. Ғафуров чунин аст: «Забони арабӣ ба сифати забони адабиёти хаттӣ танҳо дар байни қисмати микдоран ночизи табақаи ашроф, шоирон ва олимони дарбор ривоҷ ёфта буд. Оммаи васеи аҳолии шаҳру деҳкадаҳои Моваруннаҳр, Хуросон, Систон, Эрони Ғарбӣ бошад, бо забони модарӣ суҳбат мекарданд, ба ин забон суруд ва достонҳои қаҳрамонӣ эҷод менамуданд. Забони арабӣ барои онҳо ҳамеша бегона монд... Дар ҳаёти таърихию маданӣ ва адабии халқҳои Эрон ва Осиёи Миёна роли нисбатан муҳимро забоне бозидааст, ки дар сарчашмаҳо бо номи «забони порсӣ» ё «забони форсӣ» оварда мешавад. Бо ин забон эҷодиёти даҳанакии халқ, бе шакку шубҳа, ҳеҷ гоҳ (ҳатто дар замони истилои араб ҳам) қатъ нашудааст»[1].

Аз рӯи ақидаи забоншиноси маъруфи тоҷик Додихудо Карамшоев паҳншавии забони тоҷику форс то ҳадди забони гуфтугӯии байниэтникӣ чун нишондиҳандаи забонҳои шарқиэронӣ ҳанӯз то истилои арабҳо (асрҳои V-VI) сурат гирифта буд[2]. Ин назари худро тақвият бахшида, олим қайд намудааст: «Иваз кардани оинҳои зардуштӣ, буддоӣ, насронӣ ба мусулмонӣ зарурати забони барои ҳама фаҳмо ва барандаи анъаноти динӣ ва забонии қаблиро пеш овард. Аз ин рӯ, паҳншавии забони форсӣ-тоҷикӣ ба раванди паҳншавии ислом алоқамандии бевосита пайдо кард»[3].

Ҳамин эътиқоду нигаҳдошти забон ва дигар анъаноти қабл аз истилои араб, омили амиқе буд, ки мардум аз суннатҳои таърихии худ канда нашуданд. Маҳз ҳаминро дар назар до-

---

[1] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадим ва асрҳои миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. С.503-504.

[2] Карамшоев Д. О восточноиранских языках и роли персидско-таджикского в эпоху Саманидов и последующие периоды //Саманиды: эпоха и истоки культуры. Сборник статей. – Душанбе: НК «ICOMOS», 2007, – С.285.

[3] Карамшоев Д. О восточноиранских языках... С.287-288.

шта, адабиётшиноси дақиқназари тоҷик Худоӣ Шариф қайд намудааст: «Эрониён бо омадани ислом ва қабули он бори фарҳангӣ ва илмиву мадании худро дар чорроҳаи таърихӣ нагузоштанд, балки бо ҳама мушкиливу гаронии ин бор пушти ҳиммат қавӣ доштанд, то ба сарманзили нав расиданд. Агар ин дафъа қатъи робита мешуд, умеди ба он баргаштан чун риштаи ҷон гусаста мегардид. Шукр, ки ин тавр нашуд, вагарна тақдири мардумони Африқои Шимолӣ ва баъзе мамолики дигар шояд эрониёнро ҳам дар пеш мебуд. Форсии дарӣ дар асри даҳи милодӣ гузашта аз таъсире, ки дар сохтори ҷумла аз арабӣ дошта, дар луғату таркиб ва вожа бар бунёди аз хоку гили қадима рехта, девори бинои худро ёфта буд»[1].

Мутаасифона назарногир бошад ҳам, ҳастанд ашхосе, ки воқеияти дар Мовароуннаҳру Хуросон ташаккул ёфтани забони тоҷикӣ-форсиро зери шубҳа гирифтанӣ мешаванд. Ин «донишмандон»-и ғаразпеша маълумоти дар осори муаррихони замони Сомониён доир фарқияти забони суғдӣ ва дарӣ ишора ёфтаро чун далели ба Мовароуннаҳр аз Эрон овардани забони форсӣ-дарӣ (тоҷикӣ) нишон доданӣ мешаванд.

Аслан дар ягон маъхаз аз хусуси барои ҳамдигар нофаҳмову бегона будани ин ин ду забон сухан намеравад. Масалан, Ҷайҳонӣ қайд кардааст, ки «забони аҳли Бухоро забони Суғд аст, магар андаке, ки аз он бигардад ва забони эшон дарӣ аст. Мардуми Бухоро дар адаб ва фазл беҳтар аз ҷойҳои дигаранд»[2]. Ба ҳамин монанд, хусусияти забони суғдӣ ва фазилату одоби мардуми Бухоро, ки бидуни шак комилан аз қавми тоҷик буданд, Ибни Ҳавқал чунин шарҳ додааст: «Забони мардуми Бухоро забони суғдӣ бо андаке таҳриф аст ва ба забони дарӣ низ сухан мегӯянд»[3].

---

[1] Худоӣ Шарифов. Сухан аз адабиёти миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Пайванд,2009. С.6-7.

[2] Абулқосим ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С.60

[3] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С. 145.

Дар ин ду маълумоти шоҳидони замон, муқобилгузории ин ду забон комилан ба назар намерасад. Дар ин бора чунин ақидаи адабиётшинос ва муаррихи шинохтаи тоҷик А.Мирзоевро чун ҳақиқати бебаҳс бояд эътироф кард: «... забони дарии порсӣ-тоҷикӣ на ин ки дар вақти истилои ҳукмронони араб аз қисмати ҷанубӣ-ғарбии Эрон – вилояти Форс ба Хуросон ва Мовароуннаҳр оварда нашудааст, балки вай забони аҳолии маҳаллии мардуми эронинажоди ҳамин сарзамин будааст»[1].

Аз маълумоти ҳамасрону муаллифони баъдина бармеояд, ки амирони Сомонӣ аҳли адабро дастгирӣ ва фазои барои эҷодашон нисбатан озод муҳайё мекарданд. Шоирон ҳамнишини бузургони давлат ва хосса амирон буданд. Маҳз дар ҳамин заминаи мусоид ташаккулу рушди минбаъдаи анвои шеъри тоҷикӣ-форсӣ суръат гирифт. Бесабаб набуд, ки бузургтарин шоирони ин давра: Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯмансур Муҳаммади Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абулҳасан Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Робиаи Балхӣ, Абулҳусейн Муродии Бухороӣ, Абӯмансур Амора ибн Муҳаммади Марвазӣ, Масъуди Марвазӣ, Муҳаммад ибни Восиф, Фирӯзи Машриқӣ, Абулҳасани Оғоҷӣ, Мантиқии Розӣ, Шокири Бухороӣ, Абулҳасан Кисоии Марвазӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Ҳаким Абӯтоҳири Хусравонӣ, Мунҷиқи Тирмизӣ, Абулфатҳи Бустӣ, Қамарии Ҷурҷонӣ ва дигарон зодаву парвардаи ҳамин замони барои рушди фарҳанг созгор ҳисоб меёбанд.

Адабиётшиноси муосири тоҷик Мирзо Муллоаҳмад, ба рисолати таърихии адабиёти тоҷику форси замони Сомониён дар маҷмӯъ чунин баҳои воқеъбинона медиҳад: «Адабиёти асри X аз пурбортарин ва дурахшонтарин давраҳои адабиёту фарҳанги мардуми тоҷик ва кулли форсизабонони дунё ба шумор меравад. Дар воқеъ, машъали назме, ки устодони бузурги ин давра Рӯдакиву Фирдавсӣ ва

[1] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. Сталинобод, 1958. С. 33.

муосиронашон афрӯхтаанд, роҳи минбаъдаи адабиёти моро мунаввар кардааст»[1].

Табиист, ки доир ба ҳаёту фаъолияти намояндагони равияҳои мухталифи илму дониш, аҳли адаб, ки дар боло зикрашон рафт, дар осори хусусияти сарчашмавӣ доштаи то замони мо расида, маълумоти хеле зиёд метавон пайдо кард.

Аз рӯи ақидаи Худоӣ Шариф «шинохти шеър ва шоирони аҳди Сомониён ва шеъру сухани форсии асрҳои IX ва X дар оғози асри XI, яъне замони Ғазнавиён шурӯъ шудааст»[2]. Дар оянда ба ашъори пурғановати шоирони ин замон рӯ овардан идома ёфт. Мавриди зикр аст, ки дар «Мадҳи Ҳаким Унсурӣ»-и Манучеҳри Домғонӣ, ба фаълияти 40 шоир аз ҳамасрони Рӯдакӣ ишора меравад. Дар тазкираи «Лубобу-л-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ доир ба рӯзгору ашъори 34 шоир, дар «Тазкирату-ш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ва дигарон низ доир ба зиндагиву эҷоди шоирони асри Сомониён маълумоти ҷолиб оварда шудааст.

Омӯзиши адабиёти асри Сомониён мисли дигар равияҳои фарҳангии ин замон дар асри XX вусъати тоза пайдо кард. Қисмати асосии маълумоти дастрасшуда, аз тарафи муҳаққиқон дар маърази омӯзиш қарор ёфта, хулосаҳои боэътимоди илмӣ бардошта шудааст. Аз чумла, кӯшиши гирд овардану омӯхтани маълумоти дар манбаъҳои хаттӣ доир ба шоирони аҳди Сомониён ҷойдошта, хизмати донишмандон Садриддин Айнӣ, Саъид Нафисӣ, Аҳмад Идорачии Гелонӣ, Маҳмуди Мудаббирӣ, Абулғанӣ Мирзоев, Худоӣ Шарифов, Мирзо Муллоаҳмад ва дигарон хеле арзандаву назаррас аст.

Аз ин рӯ, ба таҳлили ҷузъиёти масъалаҳои ба илму фарҳанги замони Сомониён иртибот дошта, банд нашуда, ба тариқи намуна, чанд мисоле аз инъикоси ин масоил дар

---

[1] Муллоаҳмад М. Назми ситоиш ва тасвир // Осори эроншиносӣ. Ҷилди аввал. – Душанбе: ҶДММ Дониш Граф, 2017. С. 73.

[2] Шарифов Х. Адабиёти аҳди Сомониён // Сухан аз адабиёти миллӣ. (Маҷмуаи мақолаҳо). С. 24.

таърихнигории асримиёнагӣ овардан, ба мақсад мувофиқ аст.

Дар замони давлатдории Сомониён аҳли фарҳанг хеле зиёд қадршиносӣ мешуд, дар осори ҳамзамонон ва муаррихони сонӣ, маълумоти зиёде боқӣ мондааст. Масалан, Муқаддасӣ (947-986, бо дигар тахмин, 990) муносибати ифтихорбахши амирони Сомониро бо донишмандон чунин нигоштааст: «Дар фарҳанги ин хонадон [оли Сомон] чунон аст, ки донишмандонро дар баробари шоҳ маҷбур ба заминбӯсӣ намекунанд. Дар шабҳои одина дар моҳи рамазон маҷлиси мунозара месозанд. Шоҳ ин ҷаласаҳоро бо пурсише мекушояд, сипас дигарон ба сухан меоянд»[1].

Дар байни донишмандони ба таъриху фарҳанги замони Сомониён руҷӯъкарда, Низомии Арӯзии Самарқандӣ (охири асри XI – ибтидои асри XII) мақоми назаррас дорад. Дар асари ниҳоят ҷолиби худ – «Чаҳор мақола», ин мутафаккири замон бо мисолҳои мушаххас ба авзои мусоиди фарҳангии асри X ишора намуда, доир ба ҳаёту фаъолияти илмиву адабии чунин нобиғаҳои замон, монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ Ибни Сино, Берунӣ ва дигарон маълумоти зиёде овардааст, ки ба қимати маъхазии онҳо муҳаққиқон баҳои баланд додаанд.

Арӯзии Самарқандӣ мақому мартабаи таърихиву ҷамъиятии олимону адибонро аз шоҳон баландтар гузошта, қайд кардааст: «... Пас подшоҳро аз шоири нек чора нест, ки бақои исми ӯро тартиб кунад ва зикри ӯро дар давовину дафотир мусаббат гардонад, зеро ки чун подшоҳ ба амре, ки ногузир аст, маъмур шавад, аз лашкару ганҷ ва хазинаи осор намонад ва номи ӯ ба сабаби шеъри шоирон ҷовид бимонад... Ва асомии мулуки асру содоти замон ба назми роеъ ва шеъри шоеъи ин ҷамоат боқӣ аст. Чунон ки асомии оли Сомон ба устод Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ ва Абулаббоси Рабанҷанию Абулмасали Бухорӣ ва Абӯисҳоқи Ҷӯйборию

[1] Муқаддасӣ. Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-и-ақолим // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С.157.

Абӯҳасани Ағҷӣ ва Таҳовӣ, Хаббозии Нишобурӣ ва Абулҳасани Кисоӣ...»[1]. Муаллиф муносибати Маҳмудро, ки заҳмати Фирдавсии бузургро қадр накардааст, мазаммат карда, навиштааст: «Ҳама худовандони хирад донанд, ки ин ҷо ҳашмати Маҳмуд намонда буд, ҳурмати Фирдавсӣ буду назми ӯ. Ва агар султон Маҳмуд дониста будӣ, ҳамоно ки он озодмардро маҳруму маъюс нагузоштӣ»[2].

Арӯзии Самарқандӣ дар «Мақолати дувум» – и китоб, ки аз «моҳияти шеър ва салоҳияти шоир» сухан меравад, аз рисолати ниҳоят баланди шоирии Рӯдакӣ ёдовар шуда, аз ҷумла дар бадеҳатан шеърофарӣ ҳамто надоштани ӯро чунин қайд намудааст: «Ва он иқбол, ки Рӯдакӣ дар оли Сомон дид, ба бадеҳа гуфтану зудшеърӣ, кас надидааст»[3]. Чун мисол аз Бухоро баромадану дар муддати чаҳор сол дар Ҳарӣ мондани Наср ибни Аҳмад, ки майли Бухоро намекард ва наздикони дарбор аз Рӯдакӣ хоҳиш карданд, ки бо шеъри ҷаззобе дар бораи Бухоро майли амирро барои баргаштан бедор кунад. Ин сабаби эҷоди шеъри машҳури «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме» (дар баъзе маъхазҳо чун «Боди ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме, Бӯйи ёри меҳрубон ояд ҳаме» зикр шудааст[4]) гардид[5]. Бо шунидани байти охирин:

*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*
*Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.*

«Амир чунон мунфаил гашт, ки аз тахт фуруд омаду бе мӯза пой дар рикоби хинги навбатӣ оварду рӯй ба Бухоро ниҳод, чунон ки ронайну мӯза то ду фарсанг дар паи амир бу-

[1] Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. С.202-203.
[2] Ҳамон ҷо. С.203.
[3] Ҳамон ҷо. С. 203.
[4] Ҳамдуллоҳи Муставфии Қазвинӣ. Таърихи гузида. Ба эҳтимоми Абдулҳусайни Навоӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1387. С.379.
[5] Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. С.203-206.

данд – ба Буруна ва он ҷо дар пой кард ва инон то Бухоро ҳеҷ боз нагирифт»[1].

Муаллиф ҳикоятеро доир ба муносибати беэътиноёнаи Маҳмуди Ғазнавӣ нисбат ба Фирдавсӣ, ки «Шоҳнома»-ро барояш пешкаш кардаву инъоме нагирифта буд, вале ин ғурури шоирро шикаста натавонист, хеле ҷолиб овардааст[2]. Ҳамчунин дар китоб нисбат ба олимони забардасти замон Абӯрайҳони Берунӣ, Закариёи Розӣ, Абӯалии Сино маълумоти хеле муфассал оварда шудааст[3], ки аз тарафи муҳаққиқон чун маъхази боэътимод мавриди истифода қарор ёфтаанд.

Аз боби он ки Рӯдакӣ шоири тавонотарини айёми давлатдории Сомониён – поягузори назми тоҷику форс буд, маълумоти зиёде боқӣ мондааст. Эътирофи ин нобиғаи замон дар осори донишмандани арабзабон низ ба назар мерасад. Самъонӣ (тав. 1113), яке аз чунин муаррихони арабзабон ба Рӯдакӣ баҳои воқеъбинона дода, қайд кардааст: «Рӯдакӣ – шоири самарқандӣ маъруф аст, ки гуфтораш ба форсӣ малеҳ ва девонаш дар шаҳрҳои Аҷам пароканда аст. Шеъри ӯ накӯ ва гуфтораш матин аст. Ва вай аввал касест, ки ба форсӣ шеъри хуб гуфтааст». Самъонӣ баҳои Балъамӣ – вазири Сомониёнро ба ёд оварда, мегӯяд: «Рӯдакиро дар Арабу Аҷам назир нест»[4].

Аз боби баланд будани нуфузи олимону шоирон дар дарбори Сомониён сухан ронда, Ҳамдуллоҳи Муставфӣ (1282-1349 ё 59) дар «Таърихи гузида» ҳамин фасоҳати шеърофарию шеърхонии Рӯдакиро амиқ баён кардааст. Аз ҷумла муаллиф дар Ҳирот хеле тӯлони қарор гирифтани амир Наср ибни Аҳмад ва хизмати Рӯдакиро барои оҷилан ба Бухоро баргаштанаш, ба тариқи зайл овардааст: «Баъд аз муддате [амир] ба тамошои Ҳирот рафт. Дар наздаш хуш омад, он ҷо фурӯ

---

[1] Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. С.205-206.
[2] Ниг.: Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. С.207-211.
[3] Ниг.: Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. С.212-223.
[4] Самъонӣ. Китобу-л-ансоб // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С. 276.

кашид. Амирони ӯро ҳавои зану бача буд. Амир Наср на азми Бухоро кардаву на амиронро дастурӣ додӣ, ки ба хона раванд ва ё зану бача ба Ҳирот оваранд. Амирон аз тоқат тоқ шуданду бим буд, ки бар амир Наср хуруҷ кунанд. Ҳар чанд ба муқаррабони ҳазрат василат меҷустанд, фоида набуд, то Рӯдакиро пазируфтҳо карданд. Ва ин абёт («Боди Ҷӯи Мӯлиён» дар назар аст Ҳ.П.) дар сифати хушии Бухорову таҳайюҷи амир Наср бар азимати он ҷо бихонд.

Амир Насрро пас аз ин ором намонд, ки абёт тамом хонад ва равон шуд, чунон ки бе мӯза барнишаст. Ва Рӯдакӣ бо ин абёт аз инъоми амирон ғанӣ шуд»[1].

Доир ба он, ки пеш аз Фирдавсӣ ба навиштани «Шоҳнома» Дақиқӣ шурӯъ намудааст Хондамир (1475-1535) чунин ишора намудааст: «Дақиқӣ муосири амир Нӯҳ буд ва дар мадҳи ӯ ашъор назм менамуд. Дар «Таърихи Гузида» мастур аст, ки Дақиқӣ аз достони «Гуштосп» Кариб ҳазор байт дар силки назм кашида буд. Ва Фирдавсӣ он абётро дохили»Шоҳнома» гардонида... Ва дар «Баҳористон» мастур аст, ки ду ҳазор байт чизе кам ё беш аз «Шоҳнома» натиҷаи табъи Дақиқӣ аст»[2].

Чунин мисолҳое, ки аз инъикоси ҳаёту қудрату заҳматии эҷодии донишмандони дар маълумоти ҳамзамонон ва осори муаллифони баъдина дарак медиҳанд, хеле зиёданд. Яке аз чунин асарҳое, ки соли соли 987/988 китобат шудаву ба сифати шиносномаи бузургмардони илму маърифати замони Сомониён беш аз ҳашт аср (китоб баъди ду асри даргузашти муаллиф шуҳрат пайдо кард) дар хизмати наслҳо қарор дорад, «Ал-Феҳрист»-и Ибни Надим (ваф. 990) ҳисоб меёбад. Дар китоб доир ба зиёда аз сӣ равияҳои гуногуни илму дониш бо

---

[1] Ҳамдуллоҳи Муставфӣ (Қазвинӣ). Таърихи гузида // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. С.282. Ҳамчунин ниг.: Қозӣ Аҳмади Ғаффории Кошонӣ. Таърихи нигористон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. С.441.

[2] Хондамир. Ҳабибу-с-сияр // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. С. 414-415.

унвону муҳтавои китобҳо ва муаллифони онҳо маълумоти дақиқ оварда шудааст. Гарчанде нусхаҳои хаттии «ал-Феҳрист» аз тарафи мутахассисон мавриди истифода қарор ёфта бошанд ҳам, вале нашри илмӣ-интиқодии он, ки бо кӯшиши донишманди Эрон Ризо Таҷаддуд соли 1971 анҷом ёфтааст, имконияти дастрасиро ба ин маъхази нодир бештар гардонид.

Чунин маълумотҳоеро, ки аз рушди оламгири адабиёти форсу тоҷик дар замониён Сомониён равшан дарак медиҳанд, дар осори таърихиву тазкираҳои он давраи барои тоҷикон ифтихорбахш ва баъди он хеле зиёд метавон дарёфт.

# БОБИ IV

# НАЗАРЕ БА ТАНАЗЗУЛУ ИНҚИРОЗИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН ВА АВЗОИ СИЁСИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН БАЪДИ СУҚУТИ ОН (АСРҲОИ X-XV)

## Сухане чанд доир ба суқути давлати Сомониён

Маълум аст, ки муаррихони асримиёнагӣ ба таназзул, шикаст ва аз байн рафтани давлатҳову эҳёи нави онҳо назари бетафовут дошта наметавонистанд. Онҳо ба таври фаҳмиши худ, кӯшиш ба харҷ медоданд, ки сабаби ин раванди тӯлониву батакрор содиршавандаро ба хонандагон расонанд. Вале маҳдудияти дарки илмӣ ба фаҳмиши заминаю сабабҳои ҳаводиси таърихӣ имкон намедод. Бо ибораи дигар, тобеияти донишҳои таърихӣ, нигаҳдошти ҳатмии онҳо дар чаҳорчӯбаи қадария ё провиденсиализм садди роҳи ҳалли илмии ин ё он зуҳуроти таърихӣ мегардид.

Аз ин рӯ, мулоҳизоти муаррихони замони асримиёнагӣ доир ба суқути салтанати Сомониён, якрангу аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда наметавонад. Дар муқоиса ақидаи Ибни Халдун (1332-1406) доир ба дарёфти сабабҳои аз байн рафтану аз нав эҳё шудани давлатҳо хеле ҷолиб ба назар мерасад. Шояд саволе пеш ояд, ки чаро маҳз ба ҳамин муарриху мутафаккири олами ислом таваҷҷуҳ бояд зоҳир кард?

Аз диди мо, гарчанде Ибни Халдун низ чун зодаи замони ниҳоят печидаи сиёсӣ, аз фазои идеологияи барои ҷомеаи феодалӣ созгор (тобеияти пурраи динӣ) берун буда наметаво-

нист, вале дар тафаккури ӯ баъзе нишонаҳои тамоюли фавқи фаҳмиши сабабҳои амали ҳаводиси таърихиро метавон эҳсос кард.

Дар қисмати аввали «Китобу-л-ибар»-и ӯ, ки бо унвони «Муқаддима» маъруф аст, муаллиф, диди худро доир ба пайдоишу рушди ҷомеаи инсонӣ, аз ҷумла сабабҳои пайдоишу суқути давлатҳо ва марҳалаҳои таърихии инсоният: ваҳшоният, бодиянишинӣ, зиндагии муқимӣ ё шаҳрнишиниро хеле ҷолиб ба риштаи таҳлили ба фаҳмиши худ мувофиқ кашидааст. Ба таҳлили мукаммали таърихнигории асар банд нашуда, фақат назари муаррихро доир ба сабабҳои сууд ва суқути давлатҳо, ки ба дараҷаи фаҳмиши ӯ мувофиқат мекунад, овардан ба мақсад мувофиқ аст.

Барои шиносоии амиқ ба назари Ибни Халдун оид ба сабаби заиф гардидан ва фаношавии давлат, ки онро дар худкомагии соҳибдавлат дидааст, зарурати овардани чунин иқтибоси нисбатан тӯлонӣ пеш меояд. «Бояд донист, ки нахустин осоре, ки аз фарсудагӣ ва пирии давлат падидид меояд, – менависад муаррих, – тақсим ва таҷзияи он аст, зеро подшоҳӣ ҳангоме ки ба марҳалаи азамат ва вусъат мерасад ва ба охирин сарҳади нозу неъмат ва одату кайфияти таҷаммулхоҳӣ ноил меояд, худойгони он ба худкомагӣ ва ягонасолорӣ мегарояд. Онвақт ӯ аз иштироки дигарон дар амри фармонравоии худ сар боз мезанад ва то ҳадди имкон ба решакан сохтани муҷиботи он ҳиммат мегуморад, чунонки ба ҳар як аз хешовардони худ шак барад, ки ӯ номзади мансаби пошоҳӣ аст, вайро аз миён бармедорад. Ва чӣ басо, ки шикати ҷӯяндагони вай дар ин бора худ бадгумон мешаванд ва аз бим ба сӯи навоҳии дур ва марзҳо раҳсипор мегарданд. Ва касоне, ки монанди онон мавриди бадгумонӣ ва дар маърази хатар мебошанд, дар гирдашон фароҳам меоянд. Ва дар ин ҳангом доираи марзҳои давлат рафта-рафта тангтар мешавад ва нуфузи давлати марказӣ аз навоҳии дур рахт бармебандад. Аз ин рӯ, ин гуна касон, ки ба марзҳо ва навоҳии дур мераванд, ба сабаби қаробат дар он ноҳия дирафши истиқлолталабӣ ва худ-

комагиро ба эҳтизоз дармеоваранд ва ба иллати танг шудан ва маҳдудияти доираи марзҳои давлат ин гуна истиқлолталабон боло мегирад. Дар натиҷа давлат таҷзия мешавад ё дар маъразии он қарор мегирад»[1].

Ибни Халдун барои тасдиқи ин ақидаи худ ба гунаи мисол аз таърихи тақсимоти давлатҳои исломии Умавиён ва Аббосиён ёдовар шуда, аз ҷумла тақсимшавии давлати Аббосиёнро оварда, аз ба сари қудрат омадани Сомониён ба тариқи зайл ёдовар шудааст: «... Ин вазъ дар давлати бани Аббос рӯй дод ва ҳангоме, ки давлати онон ба марҳалаи фартутӣ расид ва сояи қудрат ва нуфузи он аз навоҳии дурдаст кӯтоҳ шуд, Сомониён дар Мовароуннаҳр ва Хуросон фармонравоӣ ёфтанд»[2].

Чи тавре аз мантиқи хулосабарории Ибни Халдун доир ба пайдоишу нузулу давлатҳо маълум мешавад, муаллиф фақат он сабабҳоеро пеш меорад, ки чун аёнияти воҳид ба назар мерасанд. Абатта ӯ сабабҳои ниҳоии қонунияти раванди ҷомеаи ба замони феодалӣ хосро сарфаҳм рафта наметавонист. Маҳдудияти ҷаҳонбинии дар сатҳи одии донишҳои таърихӣ қарордошта, ба таҳлили илмии зуҳуроти таърихи имкон намедод. Аз ин рӯ муаррихон, аз ҷумла Ибни Халдун ба тарзи истеҳсолот вобаста будани падидаву гардишҳои сиёсиро, ки ба замони ташаккули комили илми таърих хос аст, наметавонист дарк кунад. Онҳо ҳоло ба дарки ҳақиқате, ки маҳаки чунин амали воқеоти таърихиро дар хоҷагии натуралӣ ва номутамарказии фишангҳои иқтисодӣ бояд ҷуст, нарасида буданд.

---

[1] Ибни Халдун. Китоб-ул-ибар. Муқаддима // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С. 419.

[2] Ибни Халдун. Муқаддима // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С. 421. Бояд қайд кард, ки тарҷумаи «Муқадимма»-и Ибни Хадун бо ибтикори Ҳамза Камол дар маҷаллаи «Фаҳанг» солҳои 2006-2008 ба чоп расидааст. Доир ба масъалаи пайдоишу пошхӯрии давлатҳо ниг.: Ибни Халдун. Муқаддима. Идомаи «Китоби нахуст. Дар табиъати иҷтимоъи башарӣ. // Фарҳанг – март апрели 2006 (№ 2). С. 2-10.

Вале ин ҳаргиз маънои комилан ботил шуморидани фаҳмиши муаррихони асримиёнагӣ доир ба сабабҳои пайдоишу нузули сиёсиву иқтисодӣ ва ахиран аз байн рафтани давлатҳоро надорад. Гарчанде онҳо ба фаҳмиши назариявӣ ё воқеан илмии ин рӯйдодҳо қодир набошанд ҳам раванду ҷузъиёти амали то дараҷаи ниҳоӣ расидани воқеаҳоро равшан нишон дода тавонистаанд. Дар ин ҷода пешсафии Ибни Халдун ба назар мерасад.

Аз рӯи амали қонунияти барои парокандашавии ба замони феодалӣ хос, вазъи сиёсию иқтисодии давлати Сомониён, аз миёнаи асри X то рафт бештар буҳронӣ шуда, ахиран ба суқути он оварда расонд. Ин ба таври тасодуф суръат гирифта наметавонист. Албатта метавон сабабҳои онро бо даҳҳо далели раднопазир исбот намуд. Хулосаҳои олимон дар масъалаи муайян намудани омилҳои суқути ин давлати мутамаркази тоҷикон аз ҳар ҷиҳат ба ҳам наздику якдигарро пурра мекунанд. Дар маҷмӯъ муҳтавои хулосаи мутахассисони соҳа доир ба заминаву сабабҳои суқути давлати Сомониён, ки дар асоси маълумотҳои муаррихони шоҳиди замон ва баъди он бардоштаанд, чунин банду баст шудааст:

1. аз ҳад гузаштани меъёри андозситонӣ;

2. суръат гирифтани муборизаи байни феодалҳои дохилӣ;

3. ба ҳокимияти марказӣ итоат накардани волиёни як қатор вилоятҳо аз ҷумла Хоразм, Исфиҷоб, Ғарҷистон, Гургон (Ҷурҷон), Ғазна, Чағониён, Хуттал (Хутталон) ва ғайра. Масалан, дар Хуттал малик ё амирон аз сулолаи Баниҷуриҳо ҳукумат мекарданд. Фарғона сиккаҳои худро ба гардиш даровarda буд;

4. тезу тунд шудани муборизаи байни намояндагони сулолаи Сомониён;

5. Мушкилоти молиявӣ барои нигаҳдошти маъмурияти марказӣ ва ҳарбиён;

6. Пурзӯршавии фишори сиёсии сардорони гвардияи туркҳо, дар давраи амир Абдумалик ибни Нӯҳ (954-962).

Бо назардошти дар боби ба авзои сиёсии замони давлатдо-

рии Сомониён бахшидаи рисолаи мазкур, ки дар асоси осори муаррихони шоҳиди воқеаҳо ва маълумоти дигар муаллифони асримиёнагӣ доир ба муборизаи шадиди амирони Сомонӣ барои ҳифзи давлат аз душманони дохиливу хориҷӣ ва собиқ ғуломони турки ба доираи идораи давлатӣ ва фармондеҳии ҳарбӣ роҳ ёфтаву ахиран давлатро ба ҳадди инқироз расонда, соҳибтахт гардида буданд, таҳлили нисбатан муфассал дода шудааст, фақат дар доираи шарҳи мухтасари ин масъала маҳдуд шудан лозим меояд.

Тибқи маълумотҳои маъхазии дастрас, хокимияти Хуросонро Абдулмалик баъд аз Симҷур ба Абумансур Муҳаммад ибни Абдулраззоқ дода буд, ки як деҳқони номовари Хуросон буд. Аммо чанде баъд ӯро аз ин вазифа барканор карда, Ҳирот ва ҳукумати Хуросонро ба Алптегин дод. Мансаби вазорат ба Абӯалии Балъамӣ дода шуд, ки дар воқеъ дастнишондаи Алптегин буд. Онҳо бо амали якҷоя ҳокимиятро пурра ба дасти худ гирифтанд. Дарбор ва девони Сомониён дар ин айём ба шиддат зери таъсири ғуломони турк ва саркардагони сипоҳ буд ва раҳоӣ аз зери нуфузи Алптегин барои Абдулмалик муяссар нагардид. Оҳиста-оҳиста осори фаношавии давлати оли Сомон падид меомад.

Туркон дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлати Сомониён нуфуз пайдо карданд. Амири Сомонӣ бе ризогии ҳоҷиби бузург – Алптегин ҳеҷ масъаларо ҳал намекард. Ҳатто кор ба ҷое расид, ки бе рухсати ӯ ягон шахсро аз мансаб гирифта, ба мансаб таъйин карда наметавонист. Дар ҳамин айём буд, ки Абдулмалик дар бозии чавгон аз асп афтода, ҳалок гардид (350 ҳ.қ.-961) ва тахти Бухоро холӣ монд. Марги ногаҳонии Абдумалик ибни Нӯҳ боиси кашмакашиҳои дохилию норозигии умум гашт. Бо талаби Алптегин писари хурдсоли вай Насри III-ро Балъамии вазир ба тахт нишонд. Аммо ин интихоб боиси қабули бузургон нашуд ва подшоҳии ӯ ҳамагӣ як рӯз давом кард. Ихтилоф аз нав шиддат гирифт. Бо пешниҳоди Абулҳасани Фоиқ бародари Абдумалик – Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳро (961-976) ба

тахт нишонданд. Алптегин, ки дарбор ва сипоҳи Бухороро бар зидди худ дид, аз саҳнаи рақобат худро канор кашид ва аз роҳи Тахористон ба Ғазна рафт – ҷойе, ки вай ҳукумати Ғазнавиёнро дар он ҷо бунёд ниҳод. Сипас тавонист, ки чанде аз вилоёти Хуросон ва Ҳиндустони шимолу ғарбиро ба тасарруфи худ оварад.

Баъди вафоти Алптегин (963) Сабуктегин ба ҳайси меросбар ва сипаҳсолори ӯ шинохта шуд. Дар Бухоро қудрат ба дасти Фоиқ афтод, ки аз кӯдакии Абӯсолеҳи Мансур мурабии ӯ буд ва бар Абӯсолеҳи Мансур нуфузи калон дошт. Балъамӣ низ бо Фоиқ ҳамназар шуд ва то поёни умр (363 ҳ.қ.) мансаби вазорати худро ҳифз кард.

Мубoризаи ҳокимиятхоҳони дарбор, ҷунбишҳои феодалон ва волиёни маҳаллӣ, алалхусус дар давраи ҳукмронии Нӯҳи II (976-997) шиддат гирифт. Аз заъфи ҳокимияти марказӣ истифода бурда, туркони Қарахонӣ (қабилаҳои яғмо, қарлуқҳо ва ғайра) дар Ҳафтрӯд ва Қошқар давлат ташкил карда, соли 992 сипоҳи онҳо ба ҳудуди Мовароуннаҳр ворид гашт. Нӯҳи II мардумро ба мудофиа сафарбар карда натавонист. Аниқтараш аҳолии қашшоқу аз тарафи маъмурини ин замони Сомониён ғоратшуда амири худро дастгирӣ накард. Даъват ба ҷиҳод низ натиҷае набахшид, чунки туркони Қарахонӣ исломро қабул карда буданд. Ҳарбиёни худӣ низ хиёнат карданд. Волии Хуросон Абӯалии Симҷур ба таври пинҳонӣ бо Буғрохони Қарахонӣ аҳд баста, ба тарафи ӯ гузашт. Ин амалро сарлашкари дигари Сомониён – Фоиқ низ такрор кард. Нӯҳи II ба таҳлуқа афтода, Бухороро тарк кард.

Қарахониён ба осонӣ пойтахтро ишғол намуданд. Ба таври ногаҳонӣ мурдани Буғрохон вазъиятро каме тағйир дод. Қарахониёни бесардор Бухороро ғорат карда, аз шаҳр берун омаданд. Нӯҳи II ба Бухоро баргашта, аз ҳокими Ғазна Сабуктегин ёрӣ хост. Бо кумаки ӯ тавонист, ки қувваҳои исёнгари Абӯалии Симҷур ва Фоиқро дар Балхи Хуросон шикаст диҳад. Барои ин хизмат писари Сабуктегин – Маҳмуд волии Хуросон таъйин гардид. Солҳои 995-996 вилоятҳои шимолу

шарқии Сомониён (ҳавзаи Сирдарё) ба дасти Қарахониён гузашт. Дар Хуросону Мовароуннаҳр то рафт нуфузи Ғазнавиён меафзуд.

Соли 997 ба тахти оли Сомон Мансур ибни Нӯҳ нишаст (997-999). Худро соҳибтахт эълон кардани Маҳмуди Ғазнавӣ ( 997-1030) низ ба ҳамин давра рост омад. Аз наздикшавии онҳо хавф бурда, тарафдорони Қарахониён дар дарбор Бектузун ва Фоиқ Мансурро кӯр карда, ба ҷои ӯ бародараш Абдумалик ибни Нӯҳро ба тахт нишонданд. Ин баҳонае барои ҳуҷуми Маҳмуд гардид. Абдумалик ноилоҷ аввал соҳили чапи ҳавзаи Амударё ва баъди чанде тамоми Хуросонро аз даст дод.

Акнун қаламрави Сомониён фақат дар доираи Мовароуннаҳр маҳдуд мешуд. Аз ин истифода бурда, элоки Қарахонӣ – Наср ба ҳуҷум гузашт. Маҳмуди Ғазнавӣ соли 999 аз нав ҳуҷум карда, Абдумаликро шикаст дод. Абдумалик ҳамроҳи Фоиқ ба Бухоро гурехта, барои муқобилият кардан мардумро даъват намудаанд. Бо марги нобаҳангоми Фоиқ ва дастгирӣ наёфтан аз мардум умеде барои баргардондани Хуросон батамом аз байн рафт. 23 октябри соли 999 Карахониён пойтахти Сомониён-Бухороро ишғол карда, амири Сомонӣ Абдулмалик, бародараш Абӯиброҳими Исмоил ҳамроҳ бо Бектузун ва тамоми амирзодагону амирони бозмондаи оли Сомонро асир гирифта, ба Узганд фиристода, ба зиндон андохтанд. Бад-ин гуна Бухоро тахтгоҳи Сомониёнро ба қаламрави туркон ҳамроҳ сохтанд. Дар Мовароуннаҳр мисли Хуросон рӯзгори қудрати оли Сомон поён ёфт ва дар фосилаи як сол баъд аз барканор кардани Мансур қаламрави Сомониён байни Қарахониён ва Ғазнавиён тақсим шуд.

Абӯиброҳим бо кумаки каниззане аз зиндон фирор карда, ба Бухоро омада, пинҳон шуд. Баъди хотима ёфтани таъқиб ба Хоразм баргашт ва дар атрофаш боқимондаи сипоҳи Сомониён ва саркардагони он барои муқовимат ва ба даст овардани тахт муборизаро оғоз карданд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ Абӯиброҳим бо тахаллуси ал-Мунтасир (Фотеҳ) зикр

шудааст. Мунтасир бо мушкилии ниҳоят сангин ба муқовимати тӯлонии зидди ғосибони тахти Сомониён оғоз намуд. Гарчи ин муқобилияти ӯ ба ғалаба анҷом наёфта бошад ҳам. дар таърих чун нишондиҳандаи талоши қаҳрамонона барои ба соҳибони қонуниаш баргардондани тахти шоҳии Сомониён дар Хуросону Мовароуннаҳр боқӣ монд.

Мунтасир – охирин бозмондаи далери Сомониён бо лашкари ҷамъовардааш турконро соли 1001 аз Бухоро, баъди чанде аз Самарқанд берун ронд, ба тахти аҷдоди худро дубора соҳиб гашта, ба номи худ сикка зад. Вале баъди ҳуҷуми дубораи Насри Қарахонӣ ба Бухоро Мунтасир аз анбӯҳи сипоҳи туркон шикаст хӯрда, ба Хуросон ақибнишинӣ кард. Моҳи марти соли 1001 ӯ шаҳри Нишопурро пурра ба даст даровард. Маҳмуди Ғазнавӣ аз ин амали қатъии Мунтасир барои ба даст овардани ҳокимияти Сомониён хавотир гашта, ба назди Насри Қарахонӣ барои бастани шартномаи мубориза и муштарак бар зидди Мунтасир қосид фиристод. Иттиҳоди онҳо бо издивоҷи Маҳмуди Ғазнавӣ ба духтари Насри Қарахонӣ тақвият пайдо кард. Акнун Амударё чун сарҳад миёни Қарахониён ва Ғазнавиён шинохта шуд.

Мунтасир баъди шикаст аз Маҳмуди Ғазнавӣ дар охири соли 1001 дар наздикии Сарахс бо гурӯҳи хурде аз сипоҳиёнаш ба Мовароуннаҳр баргашт. Дар бозгашт ба Мовароуннаҳр, Мунтасир аз туркони муздури ғуз, ки ба Насри Қарахонӣ душмании дерина доштанд, лашкар гирд оварда, муборизаро идома бахшид ва ҳатто дар моҳи раҷаби соли 394 ҳ.қ. (апрел-майи соли 1004) ғалаба ба даст овард. Вале чун саркардагони ғуз ба хиёнат даст зада лашкари ӯро тарк карданд, Мунтасир ноилоҷ ба Хуросон рафт. Баъди чанде, ҳангоми бозгашт аз Хуросон ба Мовароуннаҳр лашкари ӯ аз сипоҳи Насри Қарахонӣ шикаст хӯрда, худ аз аз майдони ҷанг саломат баромада тавонист. Вале бо тақозои тақдир. Мунтасири мубориз дар биёбони Марв ба дасти яке аз намояндагони қабилаи арабҳои муҳоҷир, ки дар он ҳудуд зиндагӣ мекарданд, соли 1005 кушта шуд. Ҳамин тариқ, охирин талоши

намояндаи Оли Сомон барои бозгирифтани қудрати аздастрафта, ба нокомӣ анҷом ёфт.

Чи тавре аз ин омилҳои дар маҷмӯъ ба сифати сабаб пеш овардаи муаллифон бармеояд, шикасти давлати Сомониён ба таври тасодуф ва амали яклаҳзаина сурат нагирифта, аз силсилаи авҷи муттасили ҳаводиси сиёсӣ, сустшавии тамаркузу иқтидори иқтисодиву ҳарбии ба қонунияти барои замони феодалӣ хос, маншаъ гирифтааст.

## Авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон баъди суқути давлати Сомониён то миёнаи асри XVI

Пӯшида нест, ки дар кадом зинаи таърихие, ки набошад, таъсиргузори рушди гуногунсамтаи ҳар давлат ба авзои сиёсии он вобастагии амиқ дорад. Табиист, ки ин барои илму дониш истисно буда наметавонад. Аз ин рӯ қабл аз он, ки ба вазъи донишҳои таърихӣ дар маҷмӯъ, хосатан дараҷаи инъикоси таърихи Сомониён баъди суқути давлати онҳо дар осори таърихии муаррихони асрҳои XI-нимаи аввали XVI шиносоии амиқ пайдо намоем, мебояд ба авзои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар ҳамин фосилаи таърихӣ шиносоии умумӣ дошта бошем. Бо эҳсоси чунин зарурат авзои сиёсии минтақаро пеши назар овардан ба мақсад мувофиқ аст.

**Давлати Қарахониён.** Дар таъсису ташаккули давлати Қарахониён (999-1212) нақши асосиро қабилаҳои туркии яғмо, чиғил ва қарлуқ бозидаанд. Номи давлат низ аз исми ҳокими аввалинашон Сотуқ Абдулкарими Қарахон, ки исломро қабул карда буд, гирифта шудааст. Нахустдавлати онҳо ҳанӯз то солҳои 90-уми аср X ташкил ёфта буд, ки ҷуғрофиёи он фазои байни Қошғару Исфиҷобро (феълан Сайрам, ҷанубии Қазоқистон) дар бар мегирифт. Сипас қаламрави ҳокимияти ин қабилаҳои нимкӯчӣ васеъ шуд.

Дар ибтидои чоряки дуюми асри XII қабилаҳои сершумор – кидониҳо Ҳафтрӯдро бо шаҳри Баласоғун ишғол намуда,

давлати ниҳоят васеи худро бо номи Қарахитоиҳо ташкил карданд, ки то шимолу шарқии дарёи Енисей мерасид. Онҳо соли 1137 дар назди Хуҷанд лашкари Салҷуқиёну Қарахониҳоро шикаст дода, Бухоро ва тамоми Мовароуннаҳри марказиро забт намуданд. Вале Қарахитоиҳо ба идоркунии Қарахониён дахолат накарда, давлатдории онҳо ҳамоно боқӣ монд. Қарахониҳои шарқӣ торафт бештар қувват гирифта, соли 1156 Самарқандро аз нав ба итоати худ даровarданд.

Бояд қайд кард, ки давлати Қарахитоиҳо ё Кидониҳоро соҳибтахтон бо унвони гурхонҳо идора мекарданд. Ба корҳои дохилии тобеони худ, аз ҷумла Балх, Хоразм, Хутан, Гаочан ва ғайра дахолат накарда, фақат аз ҳар оила 1 динор андоз меситонд. Соли 1218 қаламрави давлати Қарахитоиҳо аз тарафи Чингизхон пурра ишғол гардид.

Доир ба муносибати Қарахониёну Ғазнавиён ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки рақобати онҳо ҳамоно боло мерафт. Давлати Қарахониён ба вилоятҳо ҷудо шуда, мутамарказ набуда, муборизаи байни онҳо ба ҷудо шудани Мовароуннаҳр аз Ҳоқонати ғарбӣ оварда расонд. Дар миёнаи асри XI Насри II Бӯритегин тавонист дар Мовароуннаҳр давлати мутамаркази Қарахониёнро ташкил намояд. Ӯ пойтахтро аз Узганҷ ба Самарқад кӯчонид. Дар давраи ҳукмронии вориси Бӯритегин – Шамсулмулк заминҳои шимолии Мовароуннаҳрро Қарахониҳои шарқӣ гирифтанд. Бо боло гирифтани нуфузи Салҷуқиён Қарахониён то дараҷае ба тобеияти онҳо афтиданд. Баъди чанде Қарахониёну Салҷуқиён, гарчанде мустақилияти рамзии худро нигоҳ дошта бошанд ҳам, ба кидониҳо тобеъ буданд. Ҳамин тариқ, гарчанде зоҳиран Қарахониён нуфузи сиёсии худро нигоҳ дошта бошанд ҳам, Мовароуннаҳр дар ҳолати низои сиёсии доимӣ ва парокандагии феодалӣ қарор дошт. Аз ин истифода бурда, султон Муҳаммади Хоразмшоҳ соли 1207 Бухороро забт намуда, соли 1212 давлати Қарахониёнро пурра аз байн бурд.

**Давлати Ғазнавиён.** Чи тавре дар боло ишора рафт, давлати Ғазнавиён соли 961 дар Ғазна аз тарафи саркардаи

ҳарбии Сомониён Алптегин таъсис ёфт. Баъди Алптегин ғуломи собиқи ӯ Сабугтегин, ки яке аз фармондеҳони сипоҳи Сомониён ҳисоб меёфт, ҳокимиятро ба даст гирифт, вале ӯ тобеяти худро ба Сомониён эътироф мекард. Пас аз Сабуктегин ҳокимият ба писараш Маҳмуд расид.

Замони ҳукмронии султон Маҳмуди Ғазнавӣ (999-1030) давраи рушди давлати Ғазнавиён ҳисоб меёбад. Ӯ тавонист баъди сукути давлати Сомониён мулкҳои мустақили Систон, Хоразм, Ғур, Хатлон, Чағониён, Рай Исфаҳон ва ғайраро тобеъ ва пурра мутамарказии давлати худро таъмин намояд. Аз қудратмандии ҳарбии ӯ далеле шаҳодат медиҳад, ки дар давраи ҳукмронияш 17 маротиба ба Ҳиндустон лашкар кашидааст. Гарчанде соли 1006 баъди задухӯрди ҳарбии Ғазнавиён бо Қарахониён Амударё хатти сарҳадии байни онҳо муайян шуда бошад ҳам, Маҳмуд тавонист баъзе мулкҳои Мовароуннаҳр: Хуттал, Чағониён, Қубодиён ва Хоразмро ба тобеияти худ дарорад. Бояд қайд кард, ки ин давлат низ аз рӯи қонуният ба давлатдориҳои асримиёнагӣ хос дуру дароз пойдор буда наметавонист. Муқобилияти дурударози Ғуриён ин давлатро заиф гардонд ва соли 1186 ин давлат аз тарафи Ғуриён барҳам дода шуд.

**Давлати Салҷуқиён.** Дигар давлате, ки баъди чанде аз пошхӯрии давлати Сомониён дар ҳуди Хуросону Мовароуннаҳр арзи вуҷуд карда тавонист, давлати Салҷуқиён буд, ки дар заминаи зиддиятҳои ворисони султон Маҳмуд тавонист, ки шакл гирифта, рушд намояд. Қабилаҳои туркмани салҷуқӣ тавонистанд дар муҳорибаҳои зидди лашкари Ғазнавиён борҳо дастболо шуда, соли 1040 дар мавзее бо номи Дандоноқон дар наздикии Марв лашкари Ғазнавиёнро торумор карда, бештари ҳудуди онро ба ҳайати давлати акнун аз тарафи асосгузори он Туғрул (1040-1063) таъсисёфта ҳамроҳ намоянд. Соли 1055 ишғол намудани маркази хилофат – Бағдод, аз пурвусъатии давлати Салҷуқиён шаҳодат медиҳад.

Салҷуқиҳо дар солҳои ҳокимияти Алп Арслон (1063-1072), соли 1072 Амударёро убур карда, Бухороро ишғол намуданд,

дар ғарб сарҳади худро то Рум расонданд. Дар замони ҳукмронии вориси Алп Арслон – Маликшоҳ бештари ҳудуди Мовароуннаҳр, аз ҷумла соли 1089 Самарқандро ба худ тобеъ карда, мавқеи Қарахониёнро ниҳоят танг намуд. Дар рушди иқтидори давлати Салҷуқиён хизмати вазири донишманд Низомулмулк (1063-1092) бағоят калон аст. Султон Санҷар (1118-1157) баъди Маликшоҳ аз бузургтарин намояндагони Салҷуқиён ҳисоб меёбад. Аз тарафи дигар заифшавии ин давлат низ дар давраи салтанати султон Санҷар оғоз ёфт. Кашмакашу ошӯбҳои дохилӣ то дарҷае расиданд, ки соли 1141 дар муҳорибаи Катвон (наздикии Самарқанд) лашкари Салҷуқиёну Қарахониён аз қарахитоиҳо шикаст хӯрд. Баъди марги султон Санҷар ҳудуди бештари Салҷуқиёнро Хоразмшоҳиён ба давлати худ ҳамроҳ намуданд.

**Давлати Ғуриён** (1147-1215). Қаламрави давлати Ғуриён, ки дар таърих чун давлатдории тоҷикон эътироф шудааст, дар солҳои авҷи рушди хеш, сарҳади хеле васеъ – аз кӯҳистони сарҳади Ҳарирӯд сар карда, то Ҳироту Бомиён ва Кобулу Ғазнаро дар бар мегирифт. Маълум аст, ки ин паҳно аз қадим макони тоҷикон буд. Шоҳони Ғур аз сулолаи тоҷиктаборони Шинасбониён буданд. Намояндагони ин хонадон ҳанӯз дар миёнаи асри VIII ҳокимият менамуданд. Ғуриҳо гарчанде ҳокимияти Тоҳириён, Саффориён ва Сомониёну Ғазнавиёнро шинохта бошанд ҳам, ин итоати онҳо фақат рамзӣ буд. Амалан онҳо мустақилияти худро нигоҳ дошта, аз тарафи сулолаи маҳаллӣ идора мешуданд.

Асосгузори сулолаи Ғуриён Сайфуддини Сурӣ пойтахтро дар минтақаи Остия қарор дода, дар замони ҳокимияти бародараш Қутбуддин қалъаро бо номи Фирӯзкӯҳ сохта, пойтахтро ба он ҷо кӯчонд.

Маҳмуди Ғазнавӣ барои ин давлатро пурра ба тобеияти худ даровардан кӯшиши зиёде ба харҷ дод, вале бенатиҷа. Сокинони ғаюри он аз худ дифоъ карда тавонистанд. Ғазнавиён дар давраи ҳукумати Баҳромшоҳ бо роҳи фиреб амирони Ғур Қутбуддинро соли 1147 ва Сайфуддинро соли 1149 ба

қатл расонида бошанд ҳам, дар давоми беш аз 40 сол муқобилияти Ғуриёнро натанҳо шикаста натавонистанд, балки ин корзори тӯлонии ҷанг ба суқути салтанати Ғазнавиён овард. Алоуддини Ғурӣ (1149-1161) соли 1150 лашкари бузурги Ғазнавиёнро шикасти қатъӣ дода, пойтахти бошукӯҳи онҳо Ғазниро оташ зад. Бо фармони ӯ устухонҳои султонҳои Ғазнавиро аз гӯр бароварда, сӯзонданд. Барои ин амал ба ӯ лақаби Ҷаҳонсӯз доданд.

Рақиби дигари ҷиддии Ғуриён султон Санҷари Салҷуқӣ (1118-1157) ҳисоб меёфт, ки борҳо ба қаламравашон лашкар кашидааст, вале агар аз баъзе музаффариятҳои назарногири ҷузъии онҳо сарфи назар намоем, бартарии Ғазнавиён ҳамеша назаррас буд.

Авҷи рушди ҳамаҷонибаи давлати Ғуриён ба давраи ҳокимияти бародарон Ғиёсуддин (1163-1202) ва Муизуддин (1174-1206) ҳисоб меёбад. Соли 1187 лашкари Ғуриён охирин маскангоҳи давлати Ғазнавиён Лоҳурро ишғол намуда, ба ҳукмронии Ғазнавиён дар шимоли Ҳиндустон хотима бахшиданд. Қисми зиёди қаламрави Салҷуқиҳо низ ба тасарруфи Ғуриён афтид. Ба Ғуриён муяссар шуд, ки солҳои 70 – ибтидои 90-уми асри XII шаҳрҳои намоёни замон: Гардез (1174), Ҳирот (1175), Мултон (1175), Фушанҷ (1177), Лоҳур (1181), Марв (1192) ва Деҳлиро (1192) ба тасарруфи худ дароранд.

Шинохти давлати Ғуриён аз тарафи халифаи Аббосиён аз қудратмандии давлати онҳо дарак медиҳад. Иқтидори ҳарбии Ғуриён Муҳаммад Хоразмшоҳро низ чунон ба тахлуқа андохта буд, ки барои наздик шудан ӯ модараш Турконхотунро ба султони Ғур Ғиёсиддин ба занӣ доданӣ шуд. Давлати Ғуриён то дараҷае доманфарох гардида буд, ки аз се пойтат: Фирӯзкӯҳ, Ғазна ва Бомиён идора мешуд.

Таназзули давлати Ғуриён ба ибтидои асри XIII рост омад. Баъд аз давраи ҳукмронии бародарон Муизуддин ва Ғиёсуддин (1206) зиддиятҳои дарборӣ ва кашмакашиҳои феодалӣ онро батамом заиф намуданд. Ин замон Муҳаммад Хоразмшоҳ ба авҷи иқтидорӣ худ расида, Эрон ва қисме аз

Хуросонро ба тасарруфи худ дароварда буд. Ӯ ҳатто аз халифаи араб талаб намуд, ки идораи маъмурии Бағдодро низ ба ихтиёри ӯ супорад, вале ҷавоби рад гирифта, ба ҷояш саид Алоулмулки Тирмизиро таъйин кард. Ӯ тавонист ба давлати Ғуриён лашкар кашида, ғолиб шавад ва онро аз байн барад.

Вале ҳокимияти Муҳаммад Хоразмшоҳ устувор набуд. Истисмори то рафт бештар суръатгирандаи аҳли меҳнат аз тарафи ҳокимияти марказӣ ва феодалони маҳаллӣ, муқобилияти оммаро метезонд, Бенизомӣ дар байни лашкар низ ба назар мерасид. Ҳамаи ин сабаби дар муҳорибаҳои аввал ба осонӣ мағлуб шудану пурра зери тасарруфи муғулҳо мондани давлати дар назар фароҳдомани ӯ гардид.

**Истилои муғул.** Ин давраи ниҳоят фоҷиабори таърихи халқи тоҷик, дигар халқҳои Мовароуннаҳр ва кишварҳои ҳамҷавори минтақа дар асрҳои XIII – миёнаи XIV ҳисоб меёбад. Бояд қайд кард, ки анъанаи таърихнигории ба замони Сомониён хос, ки баъди заволи ин давлат то истилои муғул новабаста ба рӯйдодҳои сиёсӣ нигоҳ дошта мешуд, дар давраи фоҷиабори ҳокимияти муғулҳо дар минтақа қариб аз байн рафт. Баъзе ишораҳои ҷолиби ба давлатдории Сомониён иртиботдошта дар осори муаррихони асрҳои XIII-XIV «ал Комил фи-т-таърих»-и Ибни Асир (1160-1234), «Табақоти Носирӣ»-и Минҳоҷи Сироҷ (1193-1259), «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ (1281-1359) барои он буд, ки инҳо дар доираи ҷуғрофии берун аз итоати муғулҳо қарор доштанд.

Табиист, ки муваққатан аз байн рафтани анъанаҳои таърихнависии замони Сомониён ва идомаи он дар муддати беш аз ду асри баъди сукути онҳо дар замони истило ва ҳокимияти муғулҳо (1219-1370) қариб пурра аз байн рафт. Албатта муаррихоне низ буданд, ки ваҳшонияти Чингизхон ва ворисонашро хеле равшан инъикос намудаанд. Ба ин мисол шуда метавонад «Таърихи ҷаҳонкушой»-и Ҷувайнӣ (1226-1283), ки бевосита дар хизмати муғулҳо буда, тамаллуқи хешро пинҳон надоштааст, «Таърихномаи Ҳирот» (ё «Таърихи мулуки Курт»)-и Сайфи Ҳиравӣ (1282-пас аз соли

1321), ки дар он муаллиф қатли омми дар Ҳирот гузарондаи Тулихонро нишон додааст ва ғайра.

Дар маҷмӯъ дар таърихнигории замони муғул доир ба замони Сомониён маълумоти пурраву саҳеҳ хеле кам ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз метавон ин давраи фоҷиаборро то андозае нузули анъаноти таърихнависии халқи тоҷик номид. Албатта он пурра аз байн рафта наметавонист, вале ин ишоратест ба тамоман таваҷҷуҳ накардани муаррихони ин замон ба таърихи давлатдории Сомониён. Албатта ин бесабаб набуд. Ба муборизаи шадиди ватанхоҳонаи тоҷикон ва дигар халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон нигоҳ накарда, ғасби бераҳмонаи шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Гурганҷ ва дигар марказҳои тамаддунофари тоҷикон, мисли шаҳрҳои Балх, Ҳирот, Марв, Нишопур Рай ва ғайра, ки ба хок яксон карда шуданд, маънои аз байн бурдани анъанаву мактабҳои адабиву таърихиро низ дошт.

Дар ҳолате ки ду намуди муносибатҳои истеҳсолӣ ва анъанаҳои фарҳангии ба ҳам муқобил – муқимӣ ва кӯчӣ дар ҳолати муқовимати доимӣ қарор доштанд, ба эътидол омадани низоми сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангӣ ниҳоят мушкил буд. Ҳатто баъди сад соли барқарор гардидани ҳокимияти муғулҳо ин мушкилот ҳалли худро ёфта натавонист.

Он фоҷиаю харобиҳои, ки муғулҳо ба сари халқҳои Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон оварда буданд, дар тамоми давраи ҳокимияти онҳо, то миёнаи асри XIV ҳолати пешинаи худро нигоҳ медошт.

Дар Мовароуннаҳр солҳои 40 – 60-уми асри XIV тезутундшавии вазъи сиёсӣ ба задухӯрдҳои ҳарбӣ ба парокандагии феодалӣ расонд. Аз ин истифода бурда, моҳҳои феврал-марти соли 1360 хони Муғулистон Туғлуқ Темур ба Мовароуннаҳр ҳуҷум кард. Дар ин паҳно қуввае пайдо нашуд, ки ба ӯ ҷиддан муқобилият намояд. Ҳокими Балх амир Ҳусайн – набераи Қазаған, ки даъвои тахти Мовароуннаҳрро дошт, бо сипоҳи зиёд то соҳили Вахш омад. Дар муҳорибаи аввалин, иттифоқчии ӯ ҳокими Хатлон – Кайхусрави Хатлонӣ хиёнат

намуда, ба тарафи Туғлуқ Темур гузашт. Баъди шикаст додан, Туғлуқ Темур амир Ҳусайни гурезаро то Бағлону Қундуз думболагирӣ карда, ин вилоятҳоро ғорат намуда, ба Мовароуннаҳр баргашт. Вале ҳокимияти ӯ дар минтақа пойдор буда наметавонист. Бо тақозои таърих, ба майдони муборизаи сиёсӣ дар минтақа шахси дигар – Темур ё Темурланг ворид гардид.

**Давлати Темуриён.** Темур ба саҳнаи сиёсӣ соли 1361, ҳангоми ҳокимияти Мовароуннаҳрро муваққатан дар даст доштани Туғлуқ Темур ворид гардид. Ӯ ихтиёран ба хизмати ин истилогар гузашта, барои ин садоқат ба сифати ҳокими Кеш ва фармондеҳи лашкари даҳҳазорнафара таъйин гардид. Вале дере нагузашта ба Туғлуқ Темур хиёнат карда, бо ҳокими Балх амир Ҳусайн якҷоя ба муқобили ӯ баромаданд.

Соли 1364 ба амир Ҳусайн ва Темур муяссар гардид, ки дар Мовароуннаҳр ҳукмронии худро барқарор намоянд. Вале баъди як сол писари Туғлуқ Темур Илёсхоҷа ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карда, дар муҳорибаи назди дарёи Чирчиқ (ҷанги Лой) лашкари амир Ҳусайн ва Темурро шикаст дод. Онҳо бо боқимондаи лашкари худ ба Балх фирор намуданд.

Илёсхоҷа баъди ин ғалаба бо лашкари худ ба сӯи Самарқанд равон шуд. Дар ҳоле ки қисми зиёди аҳолӣ баъди шикастхӯрии Ҳусайну Темур шаҳро тарк карда буданд ва Илёсхоҷа ҳам ба ғалабаи осони худ боварӣ дошт, тамоми мардуми шаҳр ва атрофи он бо даъвати донишомӯзи мадраса Мавлонозода, зери шиори «Сар ба дор медиҳему шаҳрро намедиҳем» ба мудофиаи шаҳр бархестанд. Ду ҳамлаи муғулҳо натиҷае набахшид. Онҳо баъди ғорат кардани маҳаллаҳои гирду атрофи шаҳр ақиб гаштанд.

Аз ин ғалабаи Сарбадорон огоҳӣ ёфта, Ҳусайну Темур бо лашкари худ то ба дарвозаи Самарқанд наздик шуда, сардорони шӯришро бовар кунонданд, ки ғараз аз омадани онҳо фақат кумак расондану якҷоя душманро саркӯб кардан аст. Вале ба ҷуз аз Мавлонозода дигар сардони шӯришро аҳдшиканона ба қатл расонида, ҳокимиятро ба даст гирифтанд.

Аммо ин ҳамдастии иттифоқчиён дуру дароз идома ёфта натавонист. Дере нагузашта ихтилофи Ҳусайну Темур ба ҳадди душманӣ расид. Дар ин мубориза барои яккаҳукмронӣ Темур дасболо шуд. Ӯ соли 1370 Ҳусайнро ба қатл расонда, ҳокимиятро дар Самарқанд пурра ба даст гирифт.

Темур дар як муддати кӯтоҳ тавонист муқобилияти қувваҳои парокандаи намояндагони муғулро пурра шикаста, мутамарказии давлати худро таъмин намояд. Акнун ӯ ба ҷангҳои харобиовари худ оғоз намуда, соли 1372 бо ваҳшонияти зиёде Хоразмро ба тасарруфи худ даровард. Вале аҳолии Хоразм беист муборизаро идома медод. Баъди маротибаи панҷум шикастани муқовимати онҳо бо фармони Темур пойтахти Хоразм – Урганҷро пурра вайрону валангор карда, ҷав коштанд. Баъди чанде ӯ муғулҳои Ҳафтрӯдро пурра торумор намуд.

Дар ҳар лашкаркашӣ ваҳшонияти Темур бештар мегардид. Дар ин амал ҷонибдории намояндагони дин, ки ӯро чун ҳомии боэтимоди ислом тарғиб мекарданд, бетаъсир набуд. Ба ӯ муяссар гардид, ки ба ғайр аз Хуросону Мовароуннаҳр бо як бераҳмии гӯшношунид, шаҳру деҳоти Эрон, Сурия, Ироқ, Осиёи Хурд, Ҳиндустон, шаҳрҳои қисмати ҷанубии Русия ва ғайраро ишғол ва ба хоку хун кашад. Ӯ соли 1381 давлати Куртҳо ва Сарбадорони Хуросонро шикаст дода, ба худ тобеъ намуд. Соли 1392 Арманистону Гурҷистонро ба тасарруфи худ даровард.

Феврали соли 1395 Темур ба муқобили Тухтамиш ба Дашти Қипчоқ лашкар кашида, онро шикаст дода, бо ҳамин ба нуфузи сиёсии Ӯрдаи Тиллоӣ дар Русия хотима дод. Ӯ ба ҷониби Ҳиндустон моҳи марти соли 1398 ҳуҷуми худро оғоз карда, оқибат моҳи декабри ҳамон сол бо ваҳшонияти зиёде қисми шимолии Ҳиндустонро бо шаҳри Деҳлӣ ишғол намуда, садҳо ҳазор аҳолии минтақаро аз дами теғ гузаронд.

Темур моҳи июли соли 1402 яке аз ҳокимони неруманди замон – султони турк Боязидро дар муҳорибаи Анқара шикаст дода, асир гирифт. Акнун ӯ орзуи ба худ тобеъ намудани

Чинро дар дил мепарварид. Оқибат зимистони соли 1405 ба ин амал оғоз намуда, бо лашкари бузурге ба сӯи Чин ҳаракат кард. Вале ба ин мақсад нарасид. 18 феврали соли 1405 дар Утрор – ҳамон шаҳри сарҳадие, ки Чингизхон ба амалиёти забткоронаи худ ба Мовароуннаҳр оғоз карда буд, вафот кард.

Баъди вафоти Темур давлати фароҳдомани ӯ ба чаҳор қисм тақсим шуд. Ҳокимиятро дар Мовароуннаҳр алорағми васияти Темурланг, ки ба набераaш Пирмуҳаммад карда буд, набераи дигараш – ҳокими Тошканд Халил султон соҳиб шуд. Хуросон, Систон ва Мозандарон ба итоати Шоҳрух гузаштанд. Мулкҳои Форс дар байни се писари Умаршайх тақсим шуданд, писарони Мироншоҳ – Умар ва Абӯбакр ҳокими Озарбойҷон гардиданд. Барои ҳокимият миёни ворисони Темур мубориза тезу тунд мешуд.

Дар байни онҳо Шоҳрух (1405-1447) то андозае шукӯҳу шаҳомати давлати Темуриёнро (1405-1447) ҳифз кард. Қаламрави он ба ду қисмат ҷудо мешуд: Хуросон бо маркази Ҳирот, ки онро худи Шоҳрух бевосита идора мекард ва Мовароуннаҳр, ки Шоҳрух писараш Муҳаммад Тарағой, маъруф ба Улуғбекро ҳокими он таъйин намуд ва ин қаламрав аз Самарқанд идора мешуд. Улуғбек бо вуҷуди он ки дар Самарқанд соҳиби даргоҳ ва дастгоҳи идорӣ буд, аммо то марги Шоҳруг (1447) ҳокими мустақили Мовароуннаҳр ҳисоб намеёфт. Ҳокимияти мутлақи Хуросону Мовароуннаҳр дар ихтиёри Шоҳрух қарор дошт ва он аз Ҳирот идора мешуд. Дар тамоми вилоёти Мовароуннаҳр ба номи ӯ хутба мехонданд ва ба исмаш сикка мезаданд. Улуғбек ҳамчун хокими Мовароуннаҳри тобеи падар бо дархости ӯ ба Ҳирот сарбоз мефиристод ва дар муборизаҳо барои тавсеаи сарзамини зери фармони Шоҳрух ба падараш кумак менамуд. Улуғбек ҳар доим ба Ҳирот ба таъзими падар мерафт ва тамоми иқдомоти худро бо Шоҳрух ҳамоҳанг мекард.[1] Ин аз он далолат мекунад, ки

[1] История таджикского народа. Т.III. Душанбе: Дониш, 2013. С.454-455.

Улуғбек дар тасмимгириҳои хеш то марги Шоҳрух мустақил набудааст.

Дар оянда аз рӯи амали қонунияти ба воқеияти замони парокандагии феодалӣ мувофиқ, авҷи зиддияти намояндагони ин сулола, ба тақсимоти мулкҳои амалан мустақил ва билохира ба пошхӯрии давлатдории Темуриён оварда расонд.

# БОБИ VIII

# ДАВЛАТИ СОМОНИЁН ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

## Сабаби нодида гирифтани ҷойгоҳи давлати Сомониён дар таърихнигории охири асримиёнагӣ

Шиносоӣ ба муҳтавои китоби мазкур, табиист, ки фаҳмидани сабаби аз таҳлили таърихнигории давраи охири асримиёнагии давлати Сомониён қариб пурра сарфи назар карданимуаллифро пеш меорад. Бояд қайд кард, ки ин ҳаргиз маънии қасдан аз масъала масофа ҷустанро надорад.

Таҳлили амиқи мероси таърихиву ҷуғрофии муаллифони баъди асри XVI ба хулосае меорад, ки ба ҷуз аз баъзе ишораҳо то миёнаи асри XIX доир ба давлати Сомониён дигар маълумоти ҷиддие дар осори онҳо ба назар намерасад. Сабаби ин фаромӯшхотирии таърихиро дар воқеияти сиёсии замон, пеш аз ҳама дар парокандагии феодалӣ ва ба сари қудрат омадани сулолаҳои нисбатан камиқтидор ва бегона ба фарҳангу тамаддуни Мовароуннаҳру Хуросон баъди суқути давлати Темуриён бояд дид.

Баъди афтидани давлати Сомониён, агар аз тасарруфу салтананатронии муғулҳо сарфи назар намоем, чи тавре дар боло ишора рафт, шукӯҳу шаҳомати давлатдории Сомониён барои силсиласулолаҳои баъди суқути он ба сари қудрат омада, чун

намунаи нигаҳдошту пешбурди давлати мутамарказу доманфарох лозим буд. Аз ин ин лиҳоз таҷрибаи Сомониён барояшон чун маҳаки муайянкунандаи идеологияи давлатдорӣ лозим буд. Муаррихони дар хизмати дарбор қарордошта, ба таърихи давлатдории Сомониён рӯ оварда, онро ба сифати намунаи баланд ва чун дастури амал барои таъмини боэътимоди идораи давлатӣ, нигаҳдошти мутамарказии сиёсӣ ва рушди иқтисодиву иқтидори ҳарбӣ пешниҳод мекарданд.

Баъди пошхӯрии давлати Темуриён, ҷудоии сиёсиву мазҳабии Мовароуннаҳру Хуросон, дар Мовароуннаҳр шакл гирифтани хонигариҳо ва мулкҳои зиёди мустақилу ниммустақил, ки аз қонунияти талаботи парокандагии феодалӣ бармеомад, эҳтиёҷи рӯ овардан ба таърих ва тарзи давлатдории Сомониён аз байн рафт. Бо ибораи дигар, барои намояндагони сулолаҳои ба сари қудрати сиёсии ин хонигариҳо омада, шарти асосии давлатдорӣ дар ҳифзи қаламрави худ аз таҷовузи хоноти ҳамсоя, бо пайдоиши имконияти мувофиқ васеъ кардани он аз ҳисоби тасарруфи заминҳои мулкҳои мустақили ҳамҷавор, ҳифзи сохтори давлатӣ ва маъмурӣ, то рафт бештар ба манфиати худ мувофиқ кардани низоми андозситонӣ ва иҷрои маҷбуриятҳои феодалӣ ҳисоб меёфт. Аз ин рӯ дар таърихнигории ин давраи Мовароуннаҳр ба ҷуз аз баъзе ишораҳои умумӣ гузориши муайян ё муфассале ба назар намерасад. Чунин тарзи муносибат баъди пурра ба итоати Эрон гузаштани Хуросон дар заминаи мухолифати мазҳабӣ бештар эҳсос мешуд.

Аз ин рӯ ба омӯзиши таърихи давлатдории Сомониён ба таври нисбатан ҷиддӣ машғул шудани муаррихон, хосатан шарқшиносони русу аврупоӣ аз миёнаи асри XIX оғоз ёфт. Ин падидаи илмӣ бесабаб буда наметавонист. Аввалан омӯзиши таърих ба зинаи воқеан рушди илмии худ ворид шуда буд, сониян зарурати омӯзиши таърихи мамлакатҳои Шарқ аз сиёсати мустамликадории давлатҳои ба маҷрои истеҳсолоти ба замони сармоядорӣ хос бармеомад. Дар ин раванд Русия ба ақибмонии иқтисодии худ нигоҳ накарда, ҳар

чӣ бештар ба гирдоби рақобати мустамликахоҳии давлатҳои абарқудрат ворид мешуд.

## Сомониён дар таърихнигории тоинқилобии Русия

Аз таърихи омӯзиши Мовароуннаҳр ёдовар шуда, қайд кардан ҷоиз аст, ки он хеле пештар оғоз ёфта буд. Вобаста ба равнақи иқтидори сиёсиву ҳарбии Русия, алалхусус дар замони салтанати Пётри I (1689-1725), ки ин давлат ба империяи абарқудрат табдил ёфта буд, Мовароуннаҳр ба доираи геополитикии он бештар ворид мешуд, омӯзиши бисёрсамтаи ин минтақа ба ҳадди сиёсати давлатии Русия баромад. Аз ин рӯ, дар адабиёти илмӣ-оммавӣ, матбуоти даврӣ ҳанӯз то замони истилои минтақа ба мустамлика табдил додани он, маълумоти хеле зиёд доир ба таърих, вазъи сиёсӣ, иҷтимоии хониҳои Осиёи Миёна ба табъ расида буд. Дар ин ҷода бояд аз қимати илмию маъхазии (барои замони худ) китобу мақолот, қайдҳои сафариву ёддошт ва дигар навиштаҳои аз худ боқигузоштаи муаллифони рус Флорио-Беневени, Н.Муравёв, Ф.С.Ефремов, Е.К.Мейендорф, П.С.Савелев, бародарон Н.В. ва Я.В.Ханиковҳо, В.В.Завялов, В.В.Веляминов-Зернов, Г.И. Данилевский, Н.Г.Залесов, С. Зиков, П.И.Неболсин, А.Н.Попов ва дигарон ёдовар шуд[1]. Гарчи номбурдагон му-

[1] Ниг.: Посланник Петра I на Восток. Посольство Флорио-Беневени в Персию и Бухару в 1718-1725 гг. – М.,1986; Муравьёв Н.Н. Путешествие в Туркмению и Хиву в 1819 и 1820 годах. – Ч. 1-2. – М., 1822; Ефремов Ф.С. Странствование надворного советника Ефремова в Бухарии, Хиве, Персии и Индии и вовращение оттуда через Англию в Россию. СПб., 1894. Последнее 5-е издание. – М.,1952; Мейендорф Е.К. Путешествие из Оренбурга в Бухару (Под ред. и вст. стат. Н.А.Халфина). – М.,1975; Савельев П.С. Бухара в 1835 г. с присоединением известий обо всех европейских путешественниках посещавших этот город до 1835 года включительно. СПб., 1836; аз ҳамон муаллиф. Мухаммеданская нумизматика в отношении к русской истории. СПб.,1847; ҳамон муаллиф. Хива сто лет назад. // Сын отечества. – 1842. – Ч.I. – № 1. С.33-39; Ханыков Н.В. Описание Бухарского ханства. СПб.,1843; ҳамин муаллиф

стақиман таърихи давлати Сомониёнро ҳадафи омӯзиш қарор надода бошанд ҳам, дар мероси боқигузоштаи чанде аз онҳо доир ба иртиботи бевоситаи давлати Сомониён ба тоҷикон ишора рафтааст. Масалан, шарқшиноси намоён П.С.Савелев хулосаи сиккашиноси олмонии охири асри XVIII – ибтидои асри XIX О.Г.Тихсенро, ки дар асоси омӯзиши тангаҳои дар Аврупо ва қисмати аврупоии Русия пайдошуда, робитаи қавии тиҷоратии байни давлати қадимаи рус (Руси Киевӣ) ва Осиёи Миёнаро муайян карда буд, дастгирӣ намуд. Дар асоси пешниҳоди гузориши расмӣ, олим бо кумаки ҳукумат тавонист, ки ба таҳқиқи сиккаҳои қадимаи дар Русия пайдо шуда, ҷиддан машғул шавад. Омӯзиши дафинаҳо ба ӯ имкон дод, ки дар асоси далелҳои боэътимод, равобити тиҷоратии байни Русияву мамолики Шарқро нисбатан амиқ равшан карда тавонад[1]. Хулосаи қавии П.С.Савелев бар он қарор дорад, ки «замони ҳокимиятдории Аббосиён дар Ғарб ва Сомониён дар Осиёи Миёна давраи мусоид барои рушди тиҷоратии байни Русия ва Шарқ ҳисоб меёбад»[2].

---

Поездка из Орска в Хиву и обратно, совершенная в 1740-1741 годах Гладышевым и Муравиным // О Средней Азии (Сборник статей) и отчет Географического общества за 1850 г. СПб.,1851. С.1-85; Ханыков Я.В. Пояснительная записка к карте Аральского моря и Хивинского ханства с их окрестностями // Зап. Императорского Русского географического общества. – Кн.V. – 1851. С.268-358; Завьялов В.В. Исторический обзор путешествия в Бухару. – Уфа, 1858; Вельяминов-Зернов В.В. Исторические известия о Кокандском ханстве от Мухаммеда Али до Худоёрхана. СПб., 1856; Данилевский Г.И. Описание Хивинского ханства // Зап. Императорского Русского георафического общества. – Кн.V. – 1851. С.62-159; Зыков С. Хивинские дела 1839 по 1842 (Экспедиция в Хуву Перовского 1839-1840 гг.) // Русское слово. – 1862. – № 3. С.1-58, – № 4. С.1-23; Небольсин П.И. Очерки торговли России со странами Средней Азии; Хивой, Бухарой и Кокандом (со стороны Оренбургской линии). СПб.,1856; Попов А.Н. Сношения России с Хивой и Бухарою при Петре Великом. СПб., 1853 и др.

[1] Савельев П.С. Мухаммеданская нумизматика в отношении к русской истории. СПб., 1847. С.XXXVIII.

[2] Савельев П.С. Мухаммеданская нумизматика в отношении к русской истории. С.XIV.

П.С. Савелев дар баробари дигар масъалаҳои ба алоқаи тиҷоратии байни Русиву Мовароуннаҳр иртибот дошта, сайрхати корвонгузари интиқоли маводи савдоии тарафайнро муайян намудааст. Тибқи ақидаи ӯ ин алоқа тавассути соҳилҳои Амударё ҳанӯз аз ибтидои асри VIII маълум буд[1]. Хулосаи олимро доир ба таърихи қадимаи равобити тиҷоратии байни Русу Мовароуннаҳрро муҳаққиқон Я.В.Хаников, И.Срезнёвский, А.Шепелев, А.И.Макшеев, Ф.И.Лобисевич ва дигарон тасдиқ кардаанд[2].

Н.В.Хаников қайд намудааст, ки «тоҷикон аҳолии бумии кишвар буда, аввалин шуда ба коркарди замин, киштукору боғдорӣ машғул шуда, бо меҳнатқаринии худ шуҳрат ёфтаанд. Вале ҳуҷуми арабҳо ин раванди ҳаёти онҳоро халалдор намуд». Муаллиф бахусус мустақилияти давлатдории тоҷиконро дар замони Сомониён нишон дода, қайд кардааст, ки «ин сулола аз тарафи ӯзбекҳо аз байн бурда шудааст»[3].

Имконияти аз наздик шинос шудану таҳқиқоти илмӣ бурдани мутахассисону доираҳои ҳарбиву дипломати рус баъди ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна ба Русия ба маротиб беҳтар гардид.

---

1 Савельев П.С. Мухаммеданская нумизматика в отношении к русской истории. С.XVI.

2 Ханыков Я. В. Пояснительная записка к карте Аральского моря и Хивинского ханства с их окрестностями // Записки Императорского русского географического общества (ЗИРГО) – Кн. V. – 1851. С. 282; Срезневский И. Следы древнего знакомства с Южной Азией. Девятый век // Вестник Императорского русского географического общества (ВИРГО) за 1859 г. – Книжка, I. СПб, 1854. С. 52–53; Шепелев А. Очерк военных и дипломатических сношений России со Средней Азией. Материалы для истории Хивинского похода 1873 г. – Ташкент, 1879. С.1; Макшеев А. И. Географические сведения «Книги Большого Чертежа» о киргизских степях и Туркестанском крае. Отт. из ЗИРГО по отделению этнографии. – Т. VI. СПб, 1879 С. 3–4; Он же. Исторический обзор Туркестана и поступательного движения в него русских. СПб, 1890. С. 49–50; Лобысевич Ф. И. Поступательное движение в Среднюю Азию в торговом и дипломатическо-военном отношениях. Дополнительный материал для истории Хивинского по хода 1873 года. СПб, 1900. С. 6–7 и др

3 Ханыков И. Описания Бухарского ханства. СПб., 1843. С. 53-55.

Акнун ин империяи аз ҳар ҷиҳат барои ба тобеияти худ даровардани хониҳои Осиёи Миёна имконияти бештареро соҳиб гадида, ин масъаларо, ки ҳанӯз хеле пештар дар маркази сиёсати хориҷии худ ҷой дода буд, соли 1864 амалиёти ҳарбӣ оғоз намуд. Баъди аз ҳисоби заминҳои бевосита ба зери тасарруфи Русия кашида шуда, соли 1867 воҳиди расмии маъмурӣ – генерал-губернатории Туркистон ташкил ёфтан, масъалаи ҳамроҳ намудаи минтақа асосан ҳал шуда буд, Вале амалиёти оянда: солҳои 70-ум (экспедитсияи Искандаркӯл) амалиёти низомии тасарруф ва (1868) барҳам додани хонии Хуқанд (1876), миёнаи солҳои 80-ум шикастани муқобилияти қабилаҳои туркман ва ҳамроҳ кардани Помир (1895), гарчанде мустақилияти рамзии аморати Бухоро ва хонии Хева нигоҳ дошта шуда бошад ҳам, амалан ҳамроҳ кардани митақа пурра анҷом ёфт.

Доир ба раванд ва қубҳу ҳусни ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна ба Русия осори ниҳоят зиёде ба табъ расидааст. Аз ин рӯ ба бозгӯӣ ва таҳлили ин масъала банд нашуда, таъкид намудан ба маврид аст, ки ба доираи сиёсати мустамликавии Русия подшоҳӣ кашида шудани Осиёи Миёна барои омӯзиши таъриху фарҳанги халқҳои минтақа, хосатан тоҷикон имконияти васеъ фароҳам овард. Дар ин замина, таҳқиқи таърихи давлатдории Сомониён дар таърихнигории Русия аҳамияти махсус пайдо кардааст.

Қариб тамоми муҳаққиқони ба таърихи асримиёнагии Осиёи Миёна ва ё муносибатҳои давлати қадимаи Рус (Руси Киевӣ) бо ин минтақа мароқ зоҳир намуда (С.М.Соловёв, В.В. Григорев, Н.И.Веселовский, В.О.Ключевский, В.А. Жуковский ва дигарон) аз хусуси давлати бузургу фарохдомани Сомониён, ки дар тамаддуни ҷаҳонӣ нақши муҳиме гузоштааст, ба ин ё он дараҷа таҳлил намудаанд. Масалан, шарқшиноси намоёни рус Н.И.Веселовский (1848-1918) ба таҳқиқи таърих ва ковишҳои бостоншиносии шаҳрҳои Осиёи Миёна машғул шуда, аз ҷумла зери роҳбарӣ, ҳаммуалифӣ ва таҳрири ӯ «Масҷидҳои Самарқанд», «Ёдгориҳои дипломатӣ ва муноси-

батҳои тиҷоратии Руси Москвагӣ ва Форс» ва ғайра рӯи чоп омадаанд[1]. Дар китоби аввал маълумоти зиёде доир ба санъати меъмории замони Сомониён, дар мақолаи «Қайдҳо доир ба истеҳсоли шиша дар Осиёи Миёна» дар асоси маъхазҳои бостоншиносӣ санъати баланди ин навъи ҳунармандиро дар замони Сомониён нишон додааст[2].

Таҳлили ҷолиби масоили таърих, раванди ташаккул ва рушди забон, адабиёт, эҷоди шифоҳӣ, мардумшиносии Эрон, ки ба таъриху фарҳанги тоҷикон иртиботи бевосита доранд, дар таҳқиқоти В.А.Жуковский хеле равшан ба назар мерасад. Алалхусус асари ӯ доир санъати меъмориву шаҳрсозии замони Сомониён «Харобаҳои Марви кӯҳна»[3] хеле ҷолиб буда, аз тарафи мутахасисон баҳои баланд гирифтааст. В.А.Жуковский соли 1890 ба Хуросон сафар карда, аз Машҳад дидан кард. Натиҷаи ин сафари ӯ навиштани мақола доир ба Фирдавсӣ гардид. Олим ба асари гаронмояи Фирдавсӣ – «Шоҳнома», ки маҳсули назми оламшумули замони Сомониён аст, баҳои баланд додааст[4].

Албатта метавон аз ишораҳои дигар муҳаққиқони рус, ки дар боло зикри номашон рафт, доир ба замони Сомониён мисолҳо овард. Вале ба ҳамаи қимати илмии осори ин ховаршиносон нигоҳ накарда, дар маҷмӯъ онҳо бо сабабҳои дар боло ишора ёфта, мақоми марказӣ доштани тоҷиконро мушахасан нишон дода натавонистаанд.

---

[1] Веселовский Н.И. Мечети Самарканда. (под редакцией Н.И.Веселовского). – Вып. 1.СПб., 1905; Памятники дипломатических и торговых сношений Московской Руси с Персией. (Под. ред. Н.И.Веселовского). – Т. 1-3. – СПб., 1890-1898.

[2] См.: Веселовский Н.И. Заметки о стеклянном производстве в Седней Азии // Записки Восточного отделения русского археологического общества. Вып. VIII. СПб., 1894.

[3] Жуковский В.А. Развалины Старого Мерва // Материалы по археологии России. – Вып. 6. СПб.,1894. Рӯйхати корҳои илмии В.А. Жуковскийро ниг.: Очерки по истории русского востоковедения. Сб. 5. – М..1960.

[4] Бартотольд В.В. Памяти В.А. Жуковского // Сочинения. – Т. IX. – М.: Наука, 1977. – С. 695-696.

# Нақши академик В.В. Бартолд дар сомониёншиносии тоинқилобии рус

Аз нақши муаррихону шарқшиносони тоинқилобии рус дар омӯзиши таърихи тоҷикон, хосатан шуҳрати давлатдории Сомониён ёдовар шуда, табиист, ки ба мадди аввал хизмати академик В.В. Бартолд мебарояд. Тавассути заҳмати сангин ва истеъдоди фавқулодаи хеш дар омӯзиши таърихи тамоми паҳнои Шарқ, хосатан Ховари Миёна ин олими ҷаҳоншумул нафақат дар Русия, ин чунин дар тамоми ҷаҳони ховаршиносӣ ба мавқеи пешсафӣ расида, қутбнамоеро мемонд, ки дигар муҳаққиқон аз манзари диди ӯ хулосаҳои илмии худро пешниҳод мекарданд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти ба таърихи давлатдории Сомониён бахшидаи ин шарқшиноси маруфро, ки дар маҷмӯъ нишондиҳандаи тамоми арзишҳои илмии Русияи тоинқилобӣ ва солҳои аввали ҳокимияти Шӯравӣ дар ҷодаи сомониёншиносӣ ҳисоб меёбад, ҳадафи таҳлили таърихнигорӣ қарор додан, ба мақсад мувофиқ аст.

Аввалин таҳқиқоти бунёдие, ки аз ба арсаи илми таърих омадани олими бузургноми оянда – В.В.Бартолд дарак медод, «Туркистон дар замони истилои муғулҳо» ҳисоб меёбад. Қисми аввали он бо унвони «Матнҳо («Тексты») соли 1898 дар Санкт-Петербург ба нашр расид. Он асосан аз тарҷумаи русии осори муаррихону ҷуғрофияшиносони асримиёнагӣ, ки фақат дар дастнависҳо ҷой дошта ва ҳанӯз дастраси мутахассисон нагардида, иборат буд[1]. Қисми дувуми ин китоб, ки бевосита таҳқиқоти мукаммал эътироф шуд, соли 1900 чоп шуда, ҳамон сол ба сифати рисолаи магистрии таърихи Шарқ пешниҳод гардид. Баъди дифоъ бо назардошти муҳимияти ин мавзӯъ барои илм ва дараҷаи баланди таҳқиқи он, унвонҷӯи ҷавон бо талабу дастгирии олимони намоёни соҳа –

[1] Ниг.: Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия Введение. Источники. 1. Домонгольский период. // Сочинеия. – Т.I. – М.: ИВЛ, 1963. С. 45-113.

Н.И.Веселовский, В.А.Жуковский ва дигарон, ба дараҷаи доктори илм соҳиб шуд.

Нахуст В.В.Бартолд танҳо таҳқиқи таърихи замони истилои муғулҳоро ба нақша гирифта буд, вале дар рафти пажӯҳиш ба хулосае омад, ки таърихи қаблии Осиёи Марказиро низ ҳадафи таҳлил қарор диҳад. Дар «Туркистон», раванди ҳуҷуми арабҳоро таҳқиқ намуда, олим ба хулосае расид, ки ин воқеа танҳо аз омили берунӣ иборат набуда, барои таҳаввулоти ҷиддӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, шаклҳои нисбатан нави мутамарказияти давлатӣ, низоми андоз ва дар маҷмӯъ ба сари қудрат омадани намояндагони сулолаҳои маҳаллӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

В.В.Бартолд дар асоси маводи зиёди маъхазӣ хусусиятҳои давлатдории Тоҳириён, Саффориён ва хосатан Сомониёнро, ки дар воқеъ падидаи таърихии асрҳои IX-X ҳисоб меёбанд, омӯхта, омилҳои барои мутамарказӣ ва рушди иқтисодиву фарҳангии он мусоидаткунандаро аз назари методологии ба талаби замон мувофиқ, дар маърази таҳлили воқеан илмӣ қарор додааст. Ӯ аз ҷумла қайд кардааст, ки Сомониён ба сифати ҳокимони Мовароуннаҳр, вале дар тобеияти волии Хуросон ҳанӯз пеш аз Тоҳириён таъйин шуда буданд[1]. Дар таҳқиқоти номбурда, доир ба асосгузори сулола – Сомонхудот, ки аз авлоди Баҳроми Чӯбина буда, тавассути бо волии Хуросон Асад ибни Аблуллоҳ ал-Қушайрӣ наздикӣ пайдо кардану бо дастгирии ӯ наберагонаш, писарони Асад: Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс ба доираҳои маъмурии Мовароуннаҳру Хуросон ҷалб шуданд, маълумоти муфассал оварда, сипас дар асоси таҳлили муқоисавии доираи ниҳоят васеи сарчашмаҳои хаттӣ раванди пурра ба соҳибдавлатӣ расидану истиқлолияти комили худро дар доираи ниҳоят васеи Мовароуннаҳру Хуросон таъмин намудани Сомониёнро дар таърихнигории рус аввалин шуда, ба риштаи таҳқиқи нисбатан муфассал кашидааст.

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 267.

Ба ақидаи мутахассисони соҳа, дар баробари гиреҳкушоиҳои зиёди дар ин таҳқиқот қарор ёфта, яке аз нишондиҳандаҳои ҷолиби илмии В.В. Бартолд таҳлили воқеияти раванди аз марказҳои собиқи ашрофии берун аз шаҳрӣ ба нуқтаҳои ҳунармандӣ-савдоии наздишаҳрӣ (работҳо) гузаштани шаҳрнишинони оянда ҳисоб меёфт. Дар асоси ин ақида, олимони шӯравӣ М.Е.Массон, А.Ю.Якубовский ва дигарон қонуниятҳои ба худ хоси сохтори шаҳри асримиёнагии мамлакатҳои исломиро возеҳ кушода тавонистанд[1].

В.В.Бартолд аз муҳаққикони русу аврупоӣ аввалин шуда, фаҳмиши ҳудуди ҷуғрофиву ҷузъиёти маъмурии Мовароуннаҳри замони истилои арабҳову давраи Сомониёнро нисбатан пурраву равшан кушодааст. Муаллиф ба ин масъала боби аввали асари – «Очерки ҷуғрофии Мовароуннаҳр»-ро бахшидааст[2].

Дар боби дувуми китоб – «Осиёи Миёна то асри XII» раванди ҳокимиятдории Тоҳириёну Саффориён, вазъи номусоиди сиёсӣ, ки дар мухолифати онҳо бо хилофат ва амалиёти ҳарбии байни ҳамдигар, муқобилияти қувваҳои марказгурез ва ғайра зоҳир мегардид, таҳлили муфассал ёфта, муаллиф то рафт суст шудани пойдории ҳокимияти марказиро нишон додааст. Хулосабарории олим бар он қарор дорад, ки халифаҳо бад-ин минвол сурат гирифтани воқеаҳо ҳавасманд буданд. Қисмати асосии боби дуюмро муҳаққиқи ба раванди дар ин замина пайдоишу суръатгирии омилҳои ба сари ҳокимият омадани Сомониён ва ба марраи дилхоҳ – мустақилияти комил расидани онҳо бахшидааст.

«Таваҷҷуҳу некбинии муаррихон дар таҳлили муборизаи байни Сомониён ва Саффориён, – таъкид намудааст В.В.Бартолд, – бешубҳа дар тарафдории Сомониён ба назар мерасад. Аз рӯи пайдоиш Сомониён, бар акси намояндагони

---

1 Петрушевский И. Предисловие. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения Т.I. – М.:ИВЛ, 1963. С.26.

2 Ниг.: Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. С.114-237.

истибдодгари ҳарбӣ (ҳокимиятдории Саффориён дар назар аст – Ҳ.П.), давомдиҳандаи кори Тоҳириён буда, муҳофизони табиии суботу низом, ки табақаҳои болоии ҷомеа ба он ҳавасмандӣ зоҳир мекарданд, ҳисоб меёфтанд»[1].

Ба мустақилияти пурраи Сомониён ишора намуда, В.В.Бартолд чунин қайд кардааст: «Дар сари давлат, ҳамин тавр ҳукмрони мутлақ қарор дошт. Агар дар чашми ҳукумати Бағдод Сомониён фақат чун амир (волӣ), «фармонбардори амиралмуъминин» ва аз он камтар, фақат омил (ҷамъоварандаи андоз) ба назар расанд ҳам, амалан ва бидуни шубҳа, комилан ҳокимиятдори мустақил буданд»[2]. Ин шарқшиноси боризназар дар асоси маъхазҳои боэътимод сохтори давлативу маъмурии Сомониён, вазифаву фаъолияти девонҳо ва маъмурияти маҳаллиро чи тавре дар боло аз хусусиятҳои хоси он ишора рафт, мавриди таҳлили аз назари маъхазшиносӣ воқеан асоснок қарор додааст[3].

Аз диди В.В.Бартолд замони Тоҳириёну Сомониёнро замони мутлақияти маърифатӣ (просвященый абсолютизм) бояд эътироф кард. Барои дар мамлакат таъмин намудани ҳокимияти қавӣ ва оромӣ, Тоҳириён ва Сомониён худро чун ҳомии синфҳои поён нишон дода, пеши роҳи фишору истибдоди ҳокимонро мегирифтанд ва маорифпарвариро тарғиб мекарданд[4].

Олим дар асоси далелҳои муътамад, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлати Сомониёнро возеҳан кушода, бо пайдарҳамии муттасили мантиқӣ ҳусну қубҳи ҳокимиятдории ҳар яке аз амирони Сомониро нишон додааст. Дар баробари фаъолияти созандагии дохилӣ, ки дар рушди кишоварзӣ, ҳунармандиву савдо ба назар мерасид, сиёсати оқилонаи хориҷӣ пеш бурда, амирони Сомонӣ, хосатан Исмоил ва

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. С. 284.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. С.285.
[3] Ниг.: Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. С.286-315.
[4] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. С. 271.

набераи ӯ – Насри II нуфузи байналхалқии худро дар дараҷаи намунавӣ таъмин карда тавонистанд. Раванди ин самти фаъолияти давлатӣ дар рушди тиҷорат бо мамлакатҳои наздику дур хеле равшан кушода шудааст[1].

Дар ин таҳқиқоти воқеан бунёдӣ, В.В.Бартолди ҷавон, бо тафаккури мантиқии ба олими тавоно хос, сабабҳои ба буҳрони фарогири сиёсӣ ва иқтисодӣ дучор ва ба сукут расидани давлати Сомониёнро ба риштаи таҳлил кашидааст. «Дар давраи ҳукмронии Нӯҳ ибни Наср (943-954), – қайд намудааст олим, – алакай нишонаҳои заъфи ин сулола ба назар мерасад»[2]. Ӯ заминаву сабабҳои оғози раванди ин фаношавӣ ва аз миён рафтани давлати Сомониёнро бо далелҳои муътамад исбот кардааст[3].

Шиносоӣ бо ин таҳқиқоти бесобиқа касро ба ҳайрат нагузошта наметавонад. Аз рӯи банду баст, ниҳоят доманадории масоили ба доираи он кашида шуда, баррасии муқоисавии маводи бағоят зиёди маъхазии дасти аввал ва таҳлили илмии онҳо касро ба хулосае меорад, ки ба ин заҳмат фақат олими дорои собиқаву таҷрибаи бисёрсолаи таҳқиқотӣ қодир буда метавонад. Дар воқеъ ин асари бузург маҳсули илмии ҷавоне буд, ки ҳанӯз синнаш дар остонаи сӣ қарор дошт. Заҳмати ба харҷ додаи муаллиф на танҳо дар тайёр намудану ба сифати рисолаи илмӣ ба чоп расондани он, инчунин бештар, дар масоили назариявие, ки дар маърузаи унвонҷӯӣ ҳангоми дифои рисолаи магистрӣ пешниҳод шудааст, зоҳир мегардад[4]. Дар ин суханронии ифтитоҳӣ, унвонҷӯ аз хусуси рӯзмарра будани рисолаи худ ҳарф зада, ҳанӯз таваҷҷуҳи кам зоҳир намудани аҳли илмро ба асарҳои муҳаққиқони аврупоӣ Дегин, Каён, Пети де ля Круа, Гобил, д' Оссон ва чиншиноси рус Иакинф Бичурин қайд кардааст. Ӯ сababи ин беэътиноиро дар сар-

---

[1] Ниг. асари номбурда. С. 294-300.
[2] Бартолд В.В. асари номбурда. С. 306.
[3] Ниг. асари номбурда. – С. 306-334.
[4] Бартольд В.В. Речь перед защитой диссертаии. Приложее №2 // Сочинения. Т.I. С. 604-610.

фаҳм нарафтан ба қимати илмии таърихи халқҳои Шарқ, хосатан Осиёи Марказӣ дидааст.

В.Бартолд мавҷудияти қубҳи омӯзиши илмии таърихи Осиёи Миёнаро дар Аврупо, дар «тамоман набудани таъсири мактаби нави таърихӣ-шарқшиносӣ, ки ҳанӯз солҳои 40-ми асри гузашта, дар дастовардҳои илми таърихи Аврупо арзи ҳастӣ намудааст», нишон медиҳад. Аз асосгузорони мактаби нави шарқшиносӣ Вейл – муаллифи «Таърихи халифаҳо», Шпренгер – муллифи асар доир ба ҳаёт ва фаъолияти Пайғомбари ислом Муҳаммад, Дози – «Таҷрибаи таърихи ислом» ва «Таърихи мусулмонони испанӣ» ёдовар шуда, қайд кардааст, ки онҳо ҳақиқати илмии таърихи Шарқро кушода, нишон додаанд, ки ба гуногунии ҳаёти фарҳангӣ нигоҳ накарда, дар байни мардуми Шарқу Ғарб фарқияте вуҷуд надорад. Аз ин рӯ дар ин халқҳо ҷустани фарқияти ирқиву миллӣ аз рӯи адолати илмӣ буда наметавонад. Аз диди В.В.Бартолд зарурати фаҳмидану фаҳмонидани илмии таърихи Шарқ аз он бармеояд, ки донишҳои фақат дар асоси таърихи Аврупо рӯи кор омада, маҳдудият ва фаҳмиши яктарафа дошта, барои дарки мақсади ниҳоии илми таърих – муайян намудани қонунуниятҳои раванди ҷомеаи инсонӣ имкон намедиҳанд[1].

Ин диди назариявии худро тақвият бахшида, В.В.Бартолди акнун ба доираи бузурги илм ворид гардида, бо таъкид изҳори ақида намудааст, ки акнун омӯзиши таърихи Шарқ на танҳо бо мақсади гирифтани маълумоти иловагӣ барои таҳқиқи таърихи Аврупо лозим аст, балки ба он чун шохаи муҳиму мустақили илмӣ муносибат бояд кард. Хулосаҳои аз он бармеомада, бояд дар фаҳмондани раванди таърихи умумибашарӣ ҷиддан ба назар гирифта шаванд. Фаҳмидани ҳақиқатеро, ки одам аз рӯи табиати хеш дар ҳама ҷо як хел аст ва шароити зиндагии таърихӣ барояш бетаъсир буда

[1] Бартольд В.В. Речь перед защитой диссертации // Сочинение. – Т.I. С. 607.

наметавонад, шарти муҳими илми таърих ҳисоб меёбад. Маҳз эҳсоси чунин ҳақиқат ба муносибати ҳавобаландонаву нигоҳи нафратомез ба таърихи мардуми дар дараҷаи пасттари зиндагиӣ қарор дошта, роҳ намедиҳад. Фақат бо чунин ақидаи инсондӯстона, муаррих метавонад ба саҳифаҳои торики гузаштаи одамон равшанӣ бахшад.

Аз ин манзар В.В.Бартолд ба вазъи омӯзиши таърихи Шарқ дар охири асри XIX назар андохта, қайд намудааст, ки «тавассути корҳои илмии нав таърихи қисмати ғарбии ҷаҳони мусулмонӣ, хосатан мамлакатҳои араб то андозае омӯхта шудааст, вале нисбат ба таърихи Осиёи Миёна ҳанӯз кори назаррасе анҷом наёфтааст»[1]. Бо ин сухани худ акнун ин шарқшиноси пурра ба маҷрои ин илмии аз диди аврупоиён мураккабу чигил ворид гардида, ҳушдор додааст, ки ин масъулияти сангинро ба дӯш хоҳад бардошт. Дар ин ҷода ӯ хато накардааст. Таҳқиқоти номбурдаи ӯ дар воқеъ ҷаҳишеро мемонд, ки якбора барои пешсафии доимии олим дар шарқшиносии умумибашарӣ заминаи ҳалкунанда гузошт.

Албатта метавон доир ба арзиши илмии ин асари В.В. Бартолд ва таҳлили масоили зиёди ба таъриху фарҳанги давлати Сомониён бахшидаи ӯ гузориши тӯлонии таърихнигорӣ бахшид. Аз тарафи дигар, наметавон аз муносибати олим мушахасан ба ҷойгоҳи – тоҷикон, чун соҳибдавлатони воқеӣ дар таърихи ташаккулу рушди он ибрози назар накард.

Аз мазмуни умумии асар бармеояд, ки олим тоҷиконро чун халқи воҳид ва азалии ин минтақа аз форсҳо ҷудо накардааст. Давлати Сомониёнро чун ҷузъи таркибии давлатдории Эрон нишон дода, бештар ба мавқеи туркҳо дар минтақа мароқ зоҳир намудааст. Худи номгузории китоб: «Туркистон дар давраи ҳуҷуми муғулҳо» низ аз ин шаҳодат медиҳад. Дар ин асари бузург олим ба ибораи «тоҷикон» ҳамагӣ чор маротиба ишора намудааст: 1) дар эзоҳот доир «ба эронӣ (тоҷик) буда-

[1] Бартольд В.В. Речь перед защитой диссертации // Сочинение. – Т.I. С. 608-609.

ни аҳолии Офаринкент ва Даҳбеди»[1] назди Самарқанд; 2) дар овардани маълумоти Ҷувайнӣ ва Ҷузҷонӣ доир ба аз тарафи Хоразмшоҳ барои ҳифзи Самарқанд аз ҳуҷуми муғулҳо сафарбар намудани сипоҳи иборат аз туркону тоҷикон[2]; 3) баъди забти Нишопур ва тамоман вайрон кардани шаҳр аз тарафи Тулу (соли 1221) тибқи маълумоти Ҷувайнӣ ва Насавӣ ба хизмат гирифтани 400 тоҷик[3]; 4) то ба дараҷаи вазирии Чағатой расидани тоҷик Қутбиддин Ҳабаш Уммедро, ки аз маълумоти Ҷувайнӣ оварда шудааст[4]. Чи тавре мебинем, ибораи «тоҷик» фақат дар бозгӯиҳои иқтибосӣ ба назар мерасад. Дар қисмати ба давлати Сомониён бахшидаи таҳқиқот ба ҷои «тоҷик», комилан ибораҳои «форсӣ» ва «эронӣ» мавриди истифода қарор ёфтааст.

Ба таваҷҷуҳи хосаи В.В.Бартолд нисбат ба таърихи турку муғулҳо ишора карда, муаллифи пешгуфтор барои ҷилди дувуми осори ин муҳаққиқи бузург, Р. Ромодин қайд кардааст: «Бартольд дар бисёр маврид ба мақоми истилои муғул ва оқибати он барои халқу кишварҳои истилошуда баҳои нодуруст додааст»[5]. Масалан, дар матни лексияҳои соли 1926 дар Боку ба чоп расидааш, олим ин ақидаашро бо чунин ишора ба хонанда пешниҳод намудааст: «Гуфтан мумкин, ки агар Форс дар кадом вақте ҷои аввалро дар мақоми фарҳангӣ ишғол карда, пешсафи тамоми малакатҳо бошад, он танҳо ба замони муғулҳо рост меояд»[6].

Баъди чанде, олим боз ба сари ин масъала баргашта, барои

---

[1] Ниг.: Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения Т.I С.147. Примеч. 4.
[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения Т.I С. 479.
[3] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения Т.I С.514.
[4] Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения Т.I С. 540
[5] Ромодин В. Предисловие к Бартольд В.В. Сочинения. – Т.II. – Кн.1. – С.13.
[6] Бартольд В.В. Место прикаспийских областей в истории мусульманского мира // Сочинения. – Т. Т.II. – Кн.1. – С.717.

тақвияти ақидаи аз диди баъзе аз муҳаққиқони шарқшинос нодурусти худ иброз доштааст: «... муғулҳо бо худ ташкилоти ниҳоят пурқуввати давлатиеро оварданд, ки ба ҳамаи камбудии худ нигоҳ накарда, ба ҳамаи вилоятҳои ба империяи муғулҳо ворид гардида таъсири бузург расонд. Дар ҳама ҷо шумо баъди муғулҳо нисбат ба қабл аз муғулҳо эътидоли қавии сиёсиро мебинед»[1]. Вале ин эрод ҳаргиз арзиши илмии таҳқиқоти В.В.Бартолдро кам накарда, нишонаи беэътиноии олим нисбат ба форсҳо ё тоҷикон буда наметавонад. Ба хизмати олим аз диди воқеияти замон бояд баҳо дод.

Ибораи «Туркистон» баъди ба Русия ҳамроҳ намудани минтақа ва чун бахши ҷуғрофӣ-маъмурии Русия – Генерал-губернатории Туркистон, ба сифати истилоҳи расмӣ дар сохтори давлативу маъмурии империя қабул шуда, аслан ҷавобгӯи ҳақиқати таърихӣ набошад ҳам, В.В.Бартолд ба ҷуръат ва густурдагии доираи фаҳмиши илмии худ нигоҳ накарда, дар солҳои 90-уми асри XIX –ибтидои асри XX ҳанӯз аз таъсири таърихнигории ба Аврупо хос ба пуррагӣ фосила гирифта наметавонист. Аз ин рӯ, бояд русуми ба давлати абарқудрати соҳибмустамлика хосро риоя мекард.

Дувум, худи мафҳум ё этноними «тоҷик» ва ё «тоҷикон», чун нишонаи этникии ин бошандагони азалии минтақа, гарчанде ҳанӯз дар замони Сомониён ва аз рӯи ақидаи зумрае аз муҳаққикон, хеле пештар ба сифати ифодакунандаи номи ин халқ арзи вучуд дошта бошад ҳам, вале маъмулан ва расман дар истифодаи умум қарор наёфта буд. Тибқи анъанаи барои давраҳои қадим ва асримиёнагӣ роиҷ, номи ин ё он халқ на аз рӯи мафҳуми фарогири этникӣ, балки аз рӯи номи зодгоҳ муайян карда мешуд. Яъне таъсири ҷанбаи ҷуғрофӣ, омили муайянкунандаи этникӣ ҳисоб меёфт. Бесабаб набуд, ки то асри XIX тоҷиконро дар минтақа аз рӯи хусусиятҳои забонӣ чун форс мешинохтанд.

---

[1] Бартольд В.В. Место прикаспийских областей в истории мусульманского мира. – С.719.

Бо мафҳуми ифодакунандаи «тоҷик» ва «тоҷикон» ин халқи бостониро ба русҳо ва аврупоиён аввалин шуда, афсари ҷавони ба омӯзиши минтақа шавқманд – Е.К.Мейендорф (узви сафорати Русия ба Бухоро соли 1820 бо сардории Негри) ва шарқшинос Н.В.Хаников, ки дар ҳайати сафорати навбатии Русия соли 1840-1841 ба ин аморат сафар доштанд, муаррифӣ намудаанд. Табиист, ки ин ҳанӯз маълумияти васеъ пайдо накарда буд. Аз тарафи дигар то миёнаи асри XIX таҳқиқоти таърихии шарқшиносони Аврупо дар доираи омӯзиши мамолики араб ва қисмати ғарбии ҷаҳони ислом маҳдуд шуда буд. Чи тавре дар боло ишора рафт, В.В. Бартолд аз аввалин муҳаққиқоне буд, ки ба таҳлили воқан илмии Осиёи Миёна оғоз намуда ва ба эътирофи шарқшиносони сатҳи ҷаҳонӣ ноил гардида буд. Аз ин назар, табиист, ки В.В.Бартолд дар ҳолати ҳанӯз мавҷуд набудани таҳкурсии нисбатан боэътимоди илмӣ, дар ин таҳқиқоти нахустини худ, ки дар маркази он таҳлили истилову ҳокимияти муғулҳо қарор дошт, шукӯҳу шаҳомати тоҷиконро чун асосгузору таъминкунандаи рушди давлати фарохдомани тамаддунофари Сомониён пурра кушода наметавонист.

Вале инро чун нишонаи дар ибтидои фаъолияти илмии хеш ба мавқеи таърихии тоҷикон шиносоӣ надоштани В.В.Бартолд ҳисоб кардан хатост. Ҳанӯз дар яке аз таҳқиқоти аввалини худ «Очерки таърихии Ҳафтрӯд», ки соли 1898 дар Верний (Алмата) ба чоп расидааст, дар боби «Муғулҳо то фурӯпошии давлати Чағатойӣ», бо далелҳои сарчашмавӣ такя карда, олим чунин қайд намудааст: «Аз намояндагони халқҳои бофарҳанг, агар баъзе лаҳзаҳоро ба инобат нагирем, фақат мусулмонҳо (махсусан тоҷикон) ва уйғурҳо дар идоракунии берун аз ватани худ мақом дошта, ба хонҳо (хонҳои муғул Ҳ.П.) таъсир расонида метавонистанд»[1]. Гарчанде дар ин ҷо сухан аз замони ҳокимияти муғулҳо равад ҳам, ман-

[1] Бартольд В.В, Очерки истории Семиречья // Соч. Т.II. – Ч.1. – М.: ИВЛ, 1963, С.61.

тиқан ба он маънӣ омадааст, ки тоҷикон мақоми сиёсии соҳибдавлатии дар давраи Сомониён доштаи худро баъди суқути онҳо аз даст дода бошанд ҳам, нуфузи сиёсиву фарҳанги худро нигоҳ дошта тавонистаанд. Бо чунин шиносоии ниҳоят доманадору ҷиддӣ бо маъхазҳо В.В.Бартолд наметавонист аз ин мақоми таърихии тоҷикон назари бетафовут дошта бошад.

Дар оянда, хосатан баъди инқилоби Октябр таҳаввулоти илмии ба давлати Шӯравӣ хос аз як тараф ва боз неруманд шудани пойгоҳи маъхазии олим аз тарафи дигар, таваҷҷуҳи ин муҳаққиқи ҷаҳоншумулро нисбат ба таъриху фарҳанги тоҷикон бештар гардонид.

# БОБИ IX

# ДАВЛАТДОРИИ СОМОНИЁН ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ШӮРАВИИ СОЛҲОИ 20-40-И АСРИ XX

## Назаре ба гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илм дар таърихнигории тоҷик

Аз гузоришоти раванди таърихнигории бобҳои қаблии ин китоб хулосае бармеояд, ки халқи тоҷик нафақат дорои таърихи ифтихорманди тӯлонист, инчунин муаррихонеро ба дунё овардааст, ки дар ҷаҳони афкори таърихӣ ба мақому манзалати хосса соҳиб гаштаанд. Донишҳои нисбатан мукаммали таърихии ба ин халқ мансубият дошта, аз замони Авасто ибтидо гирифта, бо инъикоси ҳаводиси замони Ҳахоманишҳо, Юнону Бохтар, Кушониёну Сосониён ва Сомониён ғанӣ гаштаву ба маҷрои ба худ хосу нотакрор пеш рафтаанд.

Хизмати чунин муаррихони асримиёнагӣ ва давраи нав монанди Ибни Қутайба, (827-879), ал-Бухорӣ (ваф. 927), Табарӣ (ваф. 923), Фирдавсӣ (924-1021), Берунӣ (978-1051), Байҳақӣ (995-1077), Утбӣ (қарни X-XI), Гардезӣ (асри XI), Ҷузҷонӣ (ваф. 1047), Ҷувайнӣ (1225-1283), Шомӣ (асрҳои XIV-XV), Ҳофизи Абрӯ (ваф.1420), Абдураззоқи Самарқандӣ (ваф. 1482), Мирхонд (ваф.1498), Хондамир (1475-1535), Биноӣ (1453-1512), Ҳофизи Таниш (1549-1635), Муншӣ (асри XVII), Аҳмади Дониш (1827-1897), Мирзоазими Сомӣ (1837-1909) ва бисёр дигарон, ки дар боло доир ба ҳолномаву нақши

чанде аз онҳо дар пайвастагӣ ба таърихи давлати Сомониён ишора рафт, ба касе аз таърихнигорон пӯшида нест.

Маҳз ба туфайли хизмати онҳо таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ, хосатан тоҷикон нафақат дар доираи минтақа, инчунин дар сатҳи умумибашарӣ муаррифӣ шудааст. Вале ба ҳамаи доманфарохии ахбори раванди ҳаводиси дар ин ё он замон ба вуқӯъ пайваста нигоҳ накарда, ин муаррихон аз доираи фаҳмиши **қадария – провиденсиализми** (тақдир, қазову қадар, насиба, сарнавишт) ҳодисоти таърихӣ берун нашуданд. Бо ибораи дигар, то замони Аҳмади Дониш онҳо аз кӯшиши муайян намудани қонунияти воқеии таърихӣ дурӣ ҷуста, вуқӯъ ва амали ҳаводисро ба амри тақдир, қазову қадар ё насибу сарнавишт медонистанд, ки ин аз талаби воқеияти замон бармеомад.

Ин дар ҳоле идома дошт, ки дар мамолики Ғарби асрҳои XVI-XVII ба ҳодисоти таърих бо диди нисбатан **бошуурона – ратсионализм** (аз лотинӣ – ақл, хирад, идрок, шуур) нигоҳ мекарданд ё падидаҳои таърихиро дар доираи фаҳмиши **прагматикӣ** (аз юнонӣ – кор, фаъолият), чун хизмату фаъолияти ашхоси воҳид маънидод менамуданд. Чунин муносибат ба омӯзиши таърих гарчи ҳанӯз илмӣ набошад ҳам, нисбат аз фаҳмиши қадария ба дарки илмӣ наздиктар буд.

Давраи аз донишҳои таърихӣ ба илм гузаштан дар мамлакатҳои Ғарб ба асри XVIII рост меояд, ки ин бесабаб набуд. Аввалан, ба ин худи ҳаракатиислоҳотгароӣ дар Калисои насронӣ роҳ кушода бошад, сониян ва аз ҳама муҳим, раванди гузариши ҷомеа ба муносибатҳои сармоядорӣ, ки чун сохтори сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ба мафҳуми «капитализм» маъмул гашта, ба фаҳмишу таҳқиқи воқеан илмии таърих мусоидат намуд. Ҳарчанд дар ин давра таърих низ дар қатори дигар илмҳо ба талабу мақсади ҷомеи сармоядорӣ хизматгузорӣ дошта бошад ҳам, таҳлили илмӣ то андозае ба назар мерасид. Маҳз дар замоне, ки дар маркази диққат роҳҳои ҳар чӣ бештар ба даст овардани сармоя ва афзудани капитал ҷой гирифт, дар ин замина сиёсати мустамликадорӣ

ба мадди аввал баромад, фаҳмишу таҳлили таърих низ ба воқеияти замон ҳамоҳангу созгор гардид. Яъне ҳисси манфиатҷӯӣ таҳлили таърихиро аз қазову қадар то андозае дур кард.

Ҳамин воқеияти замон ва зарурати гузаштани донишҳои таърих ба илм буд, ки дар Аврупои асри XVIII ба пайдоишу ташаккули равияи барои дарки илмии таърих ниҳоят муҳим – **таърихнигорӣ** заминаи мусоид фароҳам омад. Акнун, ки донишҳои таърихӣ дар заминаи илмӣ қарор ёфта буданд, зарурати таҳлили амиқи дараҷаи омӯзишу таҳлили масоили таърихӣ ба миён омад. Ин сабаби пайдоишу ташаккули равияи нави илмӣ – таърихнигорӣ гардид. То ин замон дар Аврупо ашхоси ба касби таърихдонӣ, таърихшиносӣ, таърихнависӣ машғул бударо таърихнигор – историограф (аз лотинӣ – «таърихнавис») ном мебурданд. Яъне дар маҷмӯъ «таърихнигор» («историограф») маънии муаррихро дошт. Акнун, ки таърих чун илм дар ҷомеа мавқеъ ёфта буд, худ ба омӯзишу таҳлил ниёз пайдо намуд. Бо ибораи дигар, зарурати омӯзиши рушди илми таърих ва равияҳои мухталифи методологии он, сабаби пайдоиши маҷрои нави илмӣ – **таърихи таърих ё таърихнигорӣ (историография)** гардид. Акнун историография ба ду маъно: а) чун илме, ки инкишофи донишу сипас илми таърихро дар ҳамбастагӣ бо маъхазҳои таърихӣ меомӯзад; б) чун таҳлили як асар ё маҷмӯи асарҳои ба ягон давра ё масоили мушаххаси таърихӣ бахшида, фаҳмида мешавад.

Дар ин ҷода бояд таъкид намуд, ки усулу услуби нави фаҳмишу таҳлили воқеаҳои таърихӣ аз як тараф, сабаби пайдо шудани равияҳои ниҳоят мухталифи таҳқиқи таърих шуда бошанд, аз тарафи дигар, барои дарёфти ҳақиқати таърих заминаи нисбатан мусоид фароҳам оварданд. Маҳз ҳамин гуногунназарӣ ба кӯшиши дарёфти заминаю сабабҳои воқеоти таърихӣ асоси қавӣ гузошт. Акнун маълум гашт, ки пайи ҳам овардани воқеаҳои таърихӣ ва сабти раванди онҳо, бо усули анъанавии муаррихони асрҳои қадиму миёна, ҳанӯз илм

набуда, фақат ба афзудани маълумоту донишҳои одии таърихӣ мусоидат мекард.

Ашхоси касби таърихшиносиро ҷиддан пеша карда, бояд дар хотир дошта бошанд, ки таърих дар қатори илмҳои дақиқ, чун риёзиёт, ҳандаса, физика, кимиё, заминшиносӣ ва ғайра қарор дорад. Дақиқ будани ин илм на ба он мазмун аст, ки ҳаводис дар доираи маълуми замон, вақту макон сурат мегиранд. Ин фақат як тарафи ҳақиқат аст. Ҳақиқати асил ва аз ҳама муҳим, дарёфти қонунияти падидаҳои таърихист, ки таҳлили бисёрсамтаи дақиқро тақозо дорад. Муҳтавои илмии таърихро низ дар ҳамин нукта бояд дарёфт. Маълум намудани ин ҳақиқат фақат ба олими асил даст дода метавонад.

Дар ин радиф бояд боз аз як шарти муҳими таърихшиносии касбӣ ёдовар шуд, ки дар раванди таърих ягон ҳодиса ба таври тасодуф сурат нагирифтааст ва нахоҳад гирифт. Вазифаи илми таърих низ дар муайян намудани қонунияту зарурати вуқӯи онҳост. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки воқеаҳои ба гардиши таърихии ҷомеа марбут буда, бе мудохилаи одамон мегузаранд. Баръакс, онҳо куллан ба фаъолияти одамон, шахсиятҳои ин фаъолиятро ба маҷрои барои худ дилхоҳ бурда метавонанд, вобастаанд. Вазифаи таърих чун илми ҷомеашиносӣ низ дар он аст, ки барои зарурати замон ва талаботи ҷомеаро дурусту илмӣ эҳсос намудан, имкон дода, нерӯи бузурги ин илмро барои худшиносии миллию созандагӣ бояд равона созад.

Аз воқеияти таърихи гузашта сабақ бардошта, онро ба манфиати ҷомеа пешниҳод намудан, талабу шарти зарурии таърихогаҳии илмист. Аз ин лиҳоз таърих илмест, ки нафақат гузаштаро меомӯзад, инчунин роҳи ояндаро низ метавонад бехато муайян намояд. Воқеаҳои таърихӣ занҷиреро мемонанд, ки ҳалқаҳои он бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд ва маҳз дарку дарёфти амиқи ҳамин ҳамбастагӣ, шарти асосӣ ва вазифаи илми таърих ҳисоб меёбад.

Чунин фаҳмиши амиқи таърих моро ба хулосае меорад, ки осори муаррихони тоинқилобии минтақа бо ҳама ҷиддияти

маълумоту фарохии фарогирии инъикоси воқеоти таърихӣ нигоҳ накарда, ҳанӯз пояи амиқи таҳлили илмӣ надоштанд, аз ин ҷиҳат қимати онҳо фақат дар пояи маълумоти одии таърихӣ қарор ёфтааст.

Вале ин назар ҳаргиз маънои онро надорад, ки муаррихони Шарқ, аз ҷумла тоҷикон дар фаҳмиш, таълифу баёни ҳодисоти таърих аз аврупоиён ҳамеша қафо будаанду дар ҳолати тақлид кардани усули таърихнигории онҳо қарор доштаанд. Аз рӯи ақидаи назариявии ховаршиноси тавонои рус В.В.Бартолд, дар муқоиса бо Ғарб бартарии муаррихони Шарқи асримиёнагӣ бараълост. «Дар муносибати Ҳеродот ба маъхазҳои хаттӣ ва шифоҳӣ, – менависад В.В.Бартолд, – ҳоло ягон нишонаи муносибати таҳқиқотӣ ба назар намерасад; Ҳеродот ҳанӯз аз қонунияти раванди таърих, аз алоқамандии табиии байни воқеаҳо ва ҳаёти одамон тасаввурот надошт. Монанди пешгузаштагони худ ӯ имконоти тағйироти раванди воқеаҳоро дар мудохилаи қувваи фавқуттабиа медид»[1]. Яъне олим дарки таърихии муаррихони бостониву асримиёнагиро гарчанде равшан ифода накарда бошад ҳам, дар доираи провиденсиализм (қадария) медонист.

В.В.Бартолд фаҳмиши назариявии таърихи хешро бо чунин навиштаҳо иброз доштааст: «Умуман, бо мурури пешрафту комёбиҳои шарқшиносӣ бештар маълум мегардад, ки таърихи Шарқ бо он усулҳое фаҳмида мешавад, ки барои омӯзиши таърихи Аврупо мавриди истифода қарор ёфтаанд. Дар таърихи Шарқ, чун таърихи Аврупо, рушду суқути фарҳангӣ бештар бо наздику омехташавӣ бо дигар халқҳои соҳибтамаддун ё дараҷаи бегонашавӣ бо онҳо фаҳмида мешавад, чунки дар ин занҷири таъсири тарафайни фарҳангӣ фосилае дар байни Шарқ ва Ғарб вуҷуд надорад. Инро зарурати омӯзиши таърихи Шарқ барои фаҳмидани таърихи умумиҷаҳонӣ, ки дар он нафақат таърихи Аврупо дар назар аст,

[1] Бартольд В.В. История изучения Востока в Европе и России // Сочинения. – Т. IX. – М.: Наука, 1977. С.213.

ба миён овардааст»[1]. Бо ин диду хулосаи худ олим ба назарияи бепояи аврупомеҳварӣ ё аврупомарказӣ (европоцентризм) зарбаи ҷиддӣ задааст.

В.В.Бартолд ҳатто кӯшиш ба харҷ додааст, то бартарии фаҳмиши таърихии асримиёнагии муаррихони Шарқро нисбат ба аврупоиён собит созад. Тибқи хулосаи ӯ, «дар равияҳои илмии риёзӣ, ахтаршиносӣ (астрономия), ҷуғрофиё, табиатшиносӣ, тиб ва фалсафа мусулмонон шогирдони бевоситаи юнониён буданд… Вале умуман, таърихнигории мусулмонӣ берун аз таъсири ин қолабҳои антиқа буда, анъаноти фарҳангии то мусулмонии арабу форсро ба мерос гирифтааст»[2].

Баъдан олим ин хулосаи худро боз дақиқтар карда менигорад: «Ҳанӯз дар давраи ислом арабҳо ва форсҳо ба шакли солнома ва қиссапардозии таърихӣ гузашта буданд; охири қарни XIV, муаррихи араб Ибни Халдун дар ҷаҳони ислом аввалин ва ягона кӯшиши аз қиссапардозии таърихӣ ба диди прагматикӣ, яъне ҳаводиси таърихиро чун натиҷаи фаъолияти ашхоси муайян нишон доданӣ шудааст ва дар ин замина ӯ усулеро ба асос гирифтанӣ буд, ки сабабҳои раванди ҳаводиси таърихи умумибашариро дар ҳамбастагии моҳиятан табиию муқаррарӣ нишон диҳад»[3]. В.В.Бартолд ба мундариҷаи таърихи умумиҷаҳонии Ибни Халдун такя карда, ба мустақилияту фарқияти назари ӯ аз муаррихони юнонӣ ишора намудааст. Ин «бартарии бечуну чаро»-и осори Ибни Халдунро нисбат ба муаррихони антиқа ишора намуда, В.В.Бартолд чунин хулоса мекунад: «Ибни Халдун боварии қавӣ дошт, ки бо ин низоми таърихии худ ӯ ба «илми нав» асос гузоштааст. Дар ҳақиқат ӯ фақат роҳи офариниши эҳтимолияти ба чунин илм расиданро нишон доданӣ шуд, вале кӯшиши ба ин роҳ рафтани муаррихони мусулмони оянда ва

[1] Ҳамон ҷо. С.238.
[2] Ҳамон ҷо. С.207.
[3] Ҳамон ҷо. С.218.

ҳатто худи Ибни Халдун ба назар намерасад… На аз рӯи банду басти мавод, на аз рӯи муносибати интиқодии муаллиф нисбат ба маъхазҳо, асари ин «бунёдгузори илми нав» аз дигар навъҳои таълифи талфифии (компилятсия[1]) ба муаррихони мусулмон хос буда, фарқ карда наметавонад»[2].

Бояд қайд кард, ки ин кӯшиши Ибни Халдун дар садаи XIX дар Аврупо дар заминаи нав такрор гардид. Ҳарчанд асосгузори он мутафаккири итолиёвӣ Вико соли 1876 рисолаи худро чун Ибни Халдун ба унвони «Бунёди илми нав» пешкаши хонандагон карда бошад ҳам, он баҳои воқеӣ нагирифта, пайравони худро пайдо накард. Вале ин назари воқеан тозаи олим, ба пайдоиши равияҳои гуногуни фалсафӣ ва назариявии таърих, ки барои омӯзиши воқеан илмии таърих то андозае мусоидат мекарданд, пойдевори ҷиддӣ гузошт. Албатта таҳлили ин раванд, ки барои Русияю халқиятҳои ба доираи нуфузи он гузашта, аз ҷумла таърихнигории халқи тоҷик бе таъсир буда наметавонист. Ин худ гузориши таҳлилии махсусро тақозо дорад.

Дар доираи диди мантиқии раванди кӯшиши ба харҷ додаи муаррихон барои дарки воқеан илмии таърих бояд боз возеҳтар аз чунин зуҳуроти муҳими таърихнигорӣ ёдовар шуд, ки раванди таърих барои тамоми халқу давлатҳо дар доираи чаҳорчӯбаи қонунияти муайяни таърихи умумибашарӣ амал менамояд. Вале он ҳаргиз маънии инкор кардани хусусиятҳои минтақавӣ ва давлативу миллиро надошта, баръакс фаҳмиши илмии ҳамбастагии онҳоро бо қонуниятҳои раванди таърихи умумибашарӣ боз қавитар мегардонад. Сарфаҳм нарафтан ба мантиқи ин хусусияту ҳамбастагӣ аз маҳдудияти дарки амиқи илмии раванди воқеоти таърихӣ дарак медиҳад. Ин ҳақиқат дар таҳлили амиқи таърихи минтақаи Осиёи Миёна, хосатан халқи тоҷик возеҳан эҳсос мешавад.

Гузаштан аз донишҳои таърихӣ ба илм дар таърихнигории

---

[1] Истифодаи комил аз таълифоти дигар муаллифон
[2] Бартольд В.В. Асари номбурда. С.219.

тоҷик заминаву сабабҳои мушаххаси худро дорост. Он ба таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақа дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX ҳамбастагии ногусастанӣ дорад.

Дар арафаи аз тарафи империяи Русия тасарруф шудани Осиёи Миёна, халқи тоҷик дар ҳолати парокандагии сиёсию иқтисодӣ қарор дошт. Қисми зиёди тоҷикон дар қаламрави аморати Бухоро сукунат дошта, ҳарчанд дар ҳаёти сиёсии давлат нуфузи муайянкунандаро соҳиб набуданд, вале мавқеи ҳалкунандаи фарҳангии ин халқ бараъло ба назар мерасид. Хамин бартарии тоҷикон дар хонии Хуқанд низ эҳсос мешуд. Ба замми ин тоҷикон чун бошандагони бумӣ ва муқимии мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ, Помиру Бадахшон ва дигар навоҳии мушкилгузари кӯҳистон, дар ҳолати мушкилоти парокандагии феодалӣ ва истисмори хонҳои минтақа зиндагии худро аз рӯи анъаноти тӯлонии таърихӣ пеш мебурданд. Дар ин замина онҳо анъанаҳои дар тӯли асрҳо ташаккулёфтаи нигориши асарҳои таърихиро нигоҳ медоштанд. Бояд ба чунин нукта таъкид намуд, ки нафақат аксари муаррихони минтақа аз тоҷикон буданд, инчунин намояндагони дигар халқҳои талоши ин касб карда, асарҳои худро бо забони тоҷикӣ таълиф менамуданд.

То миёнаи асри XIX дар усулу услуби таърихнависӣ, аниқтараш таърихэҷодкунии муаррихон, тағйироти назаррасе эҳсос намешуд. Муаллифон аз доираи дарки анъанавии таърихнависии асримиёнагӣ берун шуда натавонистанд. Албатта ин бесабаб набуд. Ҳанӯз неруманд будани муносибатҳои истеҳсолии феодаливу патриархалӣ, парокандагии сиёсӣ барои худшиносии таърихию фарҳангӣ ва дар маҷмӯъ миллӣ имкон намедод. Ин карахтии асримиёнагӣ дар таълифи осори маррихон равшан эҳсос мешуд.

Ҷунбишҳо дар шикасти қолаби таърихнависии пешин фақат дар нимаи дувуми асри XIX оғоз ёфт. Ин ба воридшавии зуҳуроти нави сиёсиву иқтисодӣ ва дар заминаи дигаргунсозиҳои ба воқеияти замон мувофиқ пайдо шудани авва-

лин падидаҳои ҷаҳонбинии нави таърихӣ, вобастагӣ дошт. Маҷмӯи ин дигаргунсозиҳоро берун аз сиёсати мустамликадории Русия дар минтақа, ки соли 1864 бевосита аз ишғоли Чимкент ва сипас Тошканд (соли 1865) оғоз шуд ва бо ҳамроҳ намудани Помир дар асоси Шартномаи сарҳадмуайянкунии байни Русияю Инглистон соли 1895 хотима ёфт, ба риштаи таҳлили воқеан илмӣ кашидан номумкин аст.

Баъди ба доираи мустамликавии Русия ворид гаштани Осиёи Миёна таваҷҷуҳи ховаршиносони рус ба таъриху фарҳанги халқҳои минтақа бе таъсир буда наметавонист. Ҳамин воқеияти замон ба ташаббуси нави фаҳмиши таърих ва ҷунбишҳои маорифпарварӣ асос гузошт. Маҳз дар ҳамин замина ҷунбиши гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илм эҳсос мешавад.

Ибтидои дарки бошуурона ва то андозае кӯшиши ба амали воқеан таҳқиқотии таърих гузаштан дар асарҳои таърихии поягузору аламбардори ҷунбиши маорифпарварӣ дар минтақа Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1997) хеле равшан ба назар мерасад. Гарчи чунин кӯшиш дар осори дигар пайравону ҳамфикрони ӯ, мисли Мирзо Азими Сомӣ (1837-1909), Мирзо Сироҷи Ҳаким (1877-1914), Тошхоҷа Асирӣ (1864-1915), Сайидаҳмади Сиддиқӣ (1865-1927), Абдурауфи Фитрат (1884-1937) ва дигарон мушоҳида мешавад, вале мақому манзалати Аҳмади Дониш дар ин амр хеле баланд ба назар мерасад.

Табиист, ки таҳлили нисбатан пурраи раванди гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илм худ таҳқиқоти бунёдию доманадор ва ба доираи он кашидани тамоми омилҳои ба он муттаалиқ, аз ҷумла саҳмгузории мутафаккирони зикри исмашон рафтаро тақозо дорад. Мантиқу муҳтавои ин нигориш чунин ҳаҷмро бардошта наметавонад. Аз ин рӯ аз омилҳои воқеияти замони ба ин раванд таъсир гузошта ва алоқамандони бавоситаю бевоситаи ин гузариш сарфи назар намуда, ба ибрози чанде аз мулоҳизоти хеш доир ба саҳми ду муттафаккири барҷастаи халқи тоҷик, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ,

ки бояд онҳоро чун ду пояи шаҳпули гузариши донишҳои таърихӣ ба илм расман эътироф намуд, иктифо кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Аҳмади Дониш дар Бухоро ба дунё омада, дониши ибтидоиро аз модараш, ки мактаби худро кушодаву ба тадриси духтарон машғул буд, гирифтааст. Бо зеҳни баланду тафаккури мантиқии хеш Аҳмади Дониш ҳанӯз аз давраи наврасӣ шуҳрат пайдо карда буд. Замони таҳсил дар мадраса ӯ аз донишмандони дигар низ таълим гирифта, дар тамоми самтҳои дастраси илмии замона мавқеи пешсафӣ пайдо карда буд.

Дастовардҳои бисёрсамтаи илмию адабии ӯ дар воқеъ нишондиҳандаи афкори пешқадами илмӣ ва сиёсиву ҷамъиятии минтақа шинохта шудаанд[1]. Табиист, ки ташаккули ҷаҳонбинии сиёсиву таърихии ӯ берун аз воқеияти замон нагузаштааст. Дар баробари омилҳои дохилӣ, мисли: а) таъсири афкори сиёсиву фалсафии дар асрҳои пешин ташаккулёфтаи халқи тоҷик, ки дар осори намояндагони назми оламшумули классикии тоҷику форс нақши мукаммал гузоштааст: б) дигаргунсозиҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии чун пайёмади сиёсати мустамликадории Русия ба ин кишвар ворид гашта: в) ба воситаи ин империяи дар минтақа нуфузи ҳалкунандаро соҳиб гашта, шиносоӣ ба усули сиёсӣ ва сохтори идории давлатҳои абарқудрати ҷаҳон, дар маҷмӯъ омилҳои ҳалкунандае буданд барои ба сӯи шинохти воқеан илмии таърих гом ниҳодани муаррихони замон, алалхусус Аҳмади Дониш.

Шиносоии ӯ бо сохтори сиёсиву маъмурӣ, вазъи иқтисодиву дастовардҳои илмии Русияи подшоҳии нимаи дувуми асри XIX, ки ба сифати узви фаъоли сафорати Бухоро се маротиба (солҳои 1857, 1869, 1873) ба пойтахти он империя сафари

---

[1] Ниг.: Раджабов З.Ш. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX-XX вв. Сталинабад, 1954; Ҳамон муаллиф. Выдающийся просветитель таджикского народа Ахмад Дониш. Сталинабад,1961; Муаллифи номбурда. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. – Душанбе,1964.

расмӣ дошт, барояш бетаъсир намонд. Он замон ҳарчанд Русия чӣ аз ҷиҳати сохтори давлатдорӣ, чи аз дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ нисбат ба давлатҳои пешқадами аврупоӣ дар ҳолати қафомондагӣ қарор дошта бошад ҳам, вале дар муқоиса бо аморати Бухоро ва дигар хониҳои Осиёи Миёна, дар тамоми самтҳо бартарияту пешсафиаш эҳсос мешуд. Ба ҳар ҳол, Аҳмади Дониш аз сабаби надоштани дигар манбаи қиёс, Русияро чун намунаи давлатдории солим ва макони пешқадами илму ирфон муаррифӣ кардааст.

Маълум аст, ки қариб дар ҳамаи асарҳои Аҳмади Дониш ҷанбаи хеле мукаммали фаҳмиши таърихии муаллиф ба назар мерасад, вале асарҳои аз ҷиҳати банду баст ва таҳлил, бевосита таърихии ӯ «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития», «Рисолаи сиёсӣ», «Наводиру-л-вақоеъ» ва ғайра, гарчи аз анъаноти классикии тарзи баён орӣ набошанд ҳам, аз дарки чашмраси воқеан илмии муаллиф дарак медиҳанд. Чунин хулосаро ҳатто таҳлили ниҳоят сатҳии осори таърихии муаллиф тасдиқ карда метавонад.

Бар хилофи муаррихони пешгузашта, Аҳмади Дониш харобии аморат ва қашшоқии иҷтимоии раъиятро дар сохтори номукаммали давлатӣ ва қубҳи давлатдорон медид. Аз назари ӯ ҳарчанд ҳаёт ба Офтобу Зуҳраву Муштарӣ ва дигар сайёраву қишрҳои табиат алоқамандии ногусастанӣ дошта бошад ҳам, вале «сабаби ободии ҷаҳон ҳаёту обу адл бувад ва боиси харобии (ӯ) маргу беобӣ ва нузул бошад»[1], ки худ нигоҳи илмист.

Аҳмади Дониш аз таърихи ба сари давлат омадани амирони манғития ёдовар шуда, бо як ҷасорати барои замон фавқулода, ба таҳлили таърихи замони салтанати ин қавм даст задааст. Ӯ бештар сабабҳои карахтию қафомондагии аморатро дар воқеияти замон, дар сохтори шахшудаи асримиёнагӣ дидааст. Маҳз ҳамин назар ӯро барои дар аморат за-

[1] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи хонадони салтанати манғития. – Душанбе: Сарват, 1992. С.4.

рурати гузаронидани ислоҳот водор сохтааст. Ин тафаккури ислоҳотпарастии муаллиф дар «Рисолаи сиёсӣ»-и ӯ возеҳан эҳсос мешавад[1].

Аҳмади Дониш сабаби харобии низоми давлатдорию заифии сатҳи иқтисоду иҷтимоиёти аморати замони ҳукмронии амир Дониёлро (1758-1785) бо чунин далеҳо вобаста кардааст: «Бад-он ки дар айёми ҳукумати амир Дониёл ба дору-л-аморати Бухоро хеле тафовути фоҳиш дар умури миллат воқеъ шуда, аксар мадрасаҳо ва масҷид аз дарси намоз таътил ёфта, ҳуҷраоти мадорис коҳхонаи хари обкашу ғалладони баққол шуда, аз сабаби он ки мардуми ӯзбак дар умури давлатӣ тадохул ёфта (аст), ҷиҳати безабтии салтанат шуда, ҳар чи аз ҳар ҷо ёфтаанд, мутасаррифу молик шуда, шуъла аз чароғи бевазан ва нон аз анбори ӯ қоқ дуздида, ба масрафи шикаму харҷи худ мерасониданд ва касеро маҷоли бозхост набуд ва бозори хамру қимор ва фисқу фасод бисёр роиҷу гарм буда дар миёни умаро ва ҳукком. Лекин фуқаро ва раъоёро маҷоли ҳаракату сукун набуда аз фарти зулму заҷр ва олуқу солуқ, мисли аминонаю вакилона ва арзонии никоҳу қиматии никоҳона. Масалан, маҳри муаҷҷал даҳ дирам ва никоҳонаи қозӣ даҳ динор ва як ман гандум даҳ танга, ҳақу-л-мизон понздаҳ танга...

Ва дар аксари маносиби аморат худи писарони амир Дониёл мансуб буда, ишоати фисқу фасод менамуданд…»[2]

Аҳмади Дониш раванди воқеаҳои замони ғасби кишварро аз тарафи Русия, аз ҷумла зуҳуроти ҷангии Русияю Бухоро хеле воқеъбинона қаламдод намудааст. Аз мундариҷаи китоби «Таърихи салтанати хонадони манғития» бармеояд, ки шикасти амир дар ҷабҳаи зидди Русия на аз сарнавишти беадолатонаи тақдир, балки аз сустии низоми давлатӣ, дурии амир Музаффар (1860-1885) аз хиради зарурии давлатдорӣ ва

---

[1] Ниг.: Раджабов З.Ш. О «Политическом трактате» Ахмада Дониша (краткий очерк). – Душанбе, 1976.

[2] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. С.8.

билохира аз қафомондагии иқтисодиву ҳарбии тамоми хоноти минтақа сар задаст. Он чи муаллиф аз ҷузъиёти шикасти амир дар китоб овардааст, ҳаргиз тасвири барои хонанда ҷолиби адибона набуда, инъикоси воқеии ҳақиқати ҳол мебошад[1].

Маълум аст, ки баъди комилан шикаст хӯрдани амир Музаффар Русия метавонист, тамоми аморатро ба қаламрави худ бипайвандад, вале истиҳолаи чунин воқеият импраторро аз ин ният боздошт: 1) Русия намехост, ки қаламрави сарҳадоташ ба ҳудуди сарҳади Ҳиндустон – «зумурради тоҷи давлатии империяи Британиё» бархӯрад. Ин сабаби афзудани рақобати бе ин ҳам тезу тунди ду империя абарқудрат ва эҳтимолияти задухӯрдҳои ҳарбӣ дар минтақа мегардид: 2) Истилои минтақа ва чун воҳиди маъмурӣ таъсис ёфтани генерал-губернатории Туркистон, ки қисми асосии ҳудуди онро дар бар мегирифт, барои давлатҳои абарқудрати мустамликавии замон бе таъсир буда наметавонист. Русия табиист, ки намехост дар маркази ихтилофоти тақсимоти нави ҷаҳонӣ қарор дошта бошад; 3) аморати Бухоро ҳарчанд аз рӯи аксари нишондиҳандаҳо иқтидори асримиёнагии худро аз даст дода бошад ҳам, вале чун маркази бонуфузи исломӣ дар Шарқ шинохта мешуд ва метавонист Русияро ба муқобилияти шадиди мусулмонони минтақа рӯ ба рӯ гардонад. 4) аморати Бухоро ва хонии Хева аз шаҳру музофотҳои бештар фоидаовари худ маҳрум шудаву (онҳо ба ҳайати маъмурияти генерал-губернатории Туркистон ҳамроҳ шуда буданд) чун мустамлика дар тобеияти пурраи мутлақияти рус қарор ёфта буданд.

Акнун амири Бухоро аз пештара дида, зери итоати Русия худро оромтару бехавфтар эҳсос мекард. Аз ин сабаб ӯ истисмори раъиятро боз бештар кард, ки ин ба фоидаи Русия низ буд. Аҳмади Дониш то ҷое имкон даст додааст, фаъолияти хилофи манфиати раъият пеша кардани амиронро хеле ҳақиқатбинона қаламдод намудааст. «Воқеан, – навиштааст

[1] Ниг.: Асари номбурда. С.20-76.

Аҳмади Дониш, – дар асри ин ду подшоҳ (амир Музаффар (1860-1885) ва амир Абдулаҳадро (1885 – 1910) дар назар дорад. – Ҳ.П.), аз ҷиҳати беназмию бенақсии вилояту иҷмоли ҳокимон, доим нархи таом гарон буд ва аз ҷиҳати адами эҳтисоб ва маҳкумии шаръ ба амр, доим бозори фисқу фуҷур роиҷ омада, шурби мудом ва мубошарати қаҳбаю ғулом бараъло ба сари бозорҳо ва ҳавоиши бисоти даври уғур ва чавкии раққосон шоеъ шуд ва қабоҳати умури номашрӯъ дар назарҳо мустаҳсин омад»[1].

Аҳмади Дониш, ки худ шоҳиду муҳаққиқи вазъи замони амирӣ буд, қисмати ояндаи аморатро бо чунин пешгӯии оқилонаю олимона хулосаю ҷамъбаст кардааст: «Дар оянда касоне, ки зиндаанд, хоҳанд дид, ки ҳар чӣ давлату моле дар хазонаи омира бад-ин гуна зулму заҷр ҷамъ гардидааст, тӯшаи куффору ғанимати фуҷҷор гардида, саркардагони охир сари худҳоро ба дор хоҳанд супорид ва амирону волоён ҳамчунон бенасиб ба хусрони абадӣ гирифтор хоҳанд шуд[2].

Албатта аз мундариҷаи дигар асарҳои таълифнамудаи таърихии Аҳмади Дониш боз далелҳои зиёде овардан мумкин, ки аз диди тозаи таърихогаҳию таърихнависии муаллиф дарак медиҳанд. Вале он чӣ иқтибос мешавад, ҳанӯз маънои пурра ба қолаби илмии нигориши таърихӣ гузаштани ӯро надорад. Дар осори муаллиф нуктаҳое низ вомехӯранд, ки аз таъсири низому услуби асримиёнагии омӯзиши таърих далолат мекунанд. Масалан, ӯ дар маҷмӯъ тарзи идорот ва ҳокимиятдории амирони манғитияро аз нуқтаи назари танқидӣ дар маркази таҳлил гузошта, қубҳи онро воқеъбинона нишон дода бошад ҳам, то охир ба ин ақида содиқ буда натавонистааст. Масалан, ба фаъолияти амир Шоҳмурод ё амири Маъсум (1785-1800), чун ҳокими адолатпеша баҳо додан[3], нишонаи боварии ӯст ба хиради раъиятпарварии чунин соҳибтахтон, ки

[1] Ҳамон ҷо. С.86.
[2] Аҳмади Дониш. Асари номбурда. С.96.
[3] Ниг.: Аҳмади Дониш. Асари номбурда. С. 12-15.

гӯё асоси рушди кишвару беҳдошти иҷтимоиётро таъмин карда метавонанд. Ин ихтилофоти диди ӯ нишонаест аз ҷустуҷӯи роҳи дарёфти ҳақиқати таърихӣ. Аҳмади Дониш чун зодаи замон аз банду таъсири воқеияти он пурра озод будa наметавонист.

Зиндагии ӯ ба давраи пуртазоди гузариш ба фазои нисбатан нави шинохту таъсири тафаккури аврупоӣ аз як тараф, аз тарафи дигар, ҳанӯз неруманд будани анъаноти асримиёнагӣ рост омад. Барои табдили тафаккури наву ҷаҳонбинии таърихии ҷавобгӯи талаби замон шароити нисбатан мусоид фароҳам наомада буд. Дар ҳолати дар аморати Бухоро қавӣ будани тафаккури асримиёнагӣ, ҷуръати нигоҳи тозаи худро ба ҷомеа пешниҳод кардани Аҳмади Дониш бешубҳа қаҳрамонист. Муҳим он аст, ки маорифпарвари бузург ба рушди афкори сиёсию ҷамъиятӣ, ҷаҳонбинии нави таърихӣ такони ҳалкунанда бахшид. Ақидаҳои бисёрсамтаи пешқадами ӯро пайравону шогирдони зиёдаш, аз ҷумла Садриддин Айнӣ ба зинаи баланди ҳақиқатнигории таърихӣ расонданд.

Ҳамин тариқ, ҷунбиши гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илм, ки ба он Аҳмади Дониш ибтидо гузоштааст, дар фаъолияти дигар маорифпарварон низ то андозае ба назар мерасад. Раванди ин гузариш то ибтидои асри гузашта фаъолтар гардида, дар таҳқиқоти адабиётшиносӣ ва таърихии Садриддин Айнӣ, алалхусус дар таҳқиқоти нимаи аввали садаи гузаштаи ин адибу муаррих возеҳ ба назар мерасад.

Ташаккули ҷаҳонбинии илмии Садриддин Айниро низ бе ҳамбастагии амиқ бо воқеияти замон муайян намудан, маънии аз ҳақиқат фосила ҷустанро дорад. Дар он ба ҷуз омилҳои дохилӣ таъсири дастовардҳои илмии ховаршиносони рус, мисли В.В.Бартолд, шогирдону пайравонаш А.А.Семенов, М.С.Андреев ва дигарон бешубҳа эҳсос мешавад.

Фаъолияти илмии В.В.Бартолд ба давраи гузариши донишҳои таърихӣ ба илм рост омад. Дар ин раванд, ба хизмати ӯ аз муаррихони миллӣ, поягузори воқеан илмии таърихии

халқи тоҷик устод Садриддин Айниро дар як мақом гузоштан аз рӯи адолат мебуд. Фарқиятро дар он бояд дид, ки В.В.Бартолд ба омӯзиши таърихи халқҳои минтақа, аз ҷумла тоҷикон дар доираи талаботи барои Русия ва Аврупо маъмули воқеан илмӣ асос гузошта бошад, таҳқиқотҳои таърихии Садриддин Айниро чун анҷоми гузариш ба омӯзиши илмӣ дар таърихнигории тоҷикон бояд эътироф кард. Маҳз аз ин манзар ба арзишҳои илмии В.В.Бартолд ва устод Айнӣ бояд баҳо дод. Ба тарзи дигар, ҳамчунин арзишҳои илмии В.В.Бартолдро метавон дар муқоиса ба хизмати Бобоҷон Ғафуров дар роҳи таҳқиқи таърихи халқи тоҷик баркашид. Дар чунин ҳолат яқинан ба назар мерасад, ки В.В. Бартолд ва Садриддин Айнӣ дар саргаҳи омӯзиши илмии таърихи халқи тоҷик қарор дошта бошанд, Бобоҷон Ғафуров дар он таҳкурсии ховаршиносони рус ва Садриддин Айнӣ гузошта, ба талаби замону дастовардҳои маъхазӣ мувофиқ, бинои муҳташами илмии таърихи миллатро бунёд карда, ба ҷаҳониён гузаштаи тамаддунсози тоҷиконро возеҳан муарифӣ намудааст.

Пӯшида несст, ки баъди Инқилоби Октябр, то тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ (1924), тоҷикон ҳанӯз дар вазъи парокандагӣ қарор доштанд. Як қисми онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон ва қисми дигар дар ҳайати аморати Бухоро ва сипас (баъди пирӯзии инқилоби халқӣ, соли 1920) Ҷумҳурии Халқии Бухоро шомил буданд. Ҳангоми оғози ташаббуси ҳалли масъалаи миллӣ аз тарафи ҳукумати марказии Шӯроҳо, тоҷикон ҳанӯз ба дараҷаи худшиносии миллӣ нарасида буданд. Дар баробари фишори пантуркистон, яке аз сабабҳои онро бояд дар таърихноогаҳии худи тоҷикон бояд ҷуст. Аз ин лиҳоз касе аз намояндагони ин халқи дар гузашта соҳибтаъриху тамаддунофар то замони амалӣ гаштани тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, доир ба таъсис додани давлати миллӣ ё ҷумҳурии мустақил талоши ҷиддӣ наварзидааст. Ҷунбиши ватанхоҳӣ фақат баъди тақсимоти миллӣ-ҳудудии соли 1924, замоне ки аллакай имконоти муфид аз даст рафта буд, ибтидо гирифт. Ҳангоми ин зарурат маҳз ховаршиносони

рус, хосатан В.В.Бартолд ин талаби ҷумҳурии мустақил будани Тоҷикистонро кушоду равшан изҳор медоштанд.

Бояд аз чунин ҳақиқат сарфи назар накард, ки оғози омӯзиши воқеан илмии таърихи халқи тоҷик ба замони дигаргусозиҳои баъдиинқилобӣ рост омад. Азбаски дар минтақа мактаби расмии тайёр намудани мутахассисони соҳаи таърих вуҷуд надошт, ҳалли ин масъаларо олимони рус ба зимма гирифтанд. Ба ин роҳбарияти давлати навбунёди Шӯравӣ мусоидат мекард. Қадами нахуст дар ин ҷода 7 сентябри соли 1920 таъсисёбии Донишгоҳи давлатии Туркистон дар шаҳри Тошканд ҳисоб меёбад.

Дар таълифу чопи нахустин мақолоти илмӣ хизмати устод Садриддин Айнӣ хеле бузург аст. Маҳз бо ташаббуси ӯ ва роҳбарияти Ҷумҳурии мухтори Туркистон соли 1919 дар Самарқанд маҷаллаи илмӣ-омавии «Шуълаи инқилоб» ба табъ расид, ки нахустин нашрияи тоҷикӣ ҳисоб меёфт. Дар ин маҷалла мақолоти зиёди устод Айнӣ, аз қабили «Масъалаи Шарқ» (1919), «Инқилоби Бухоро» (1920) ва ғайра ба табъ расиданд. Фақат солҳои 1920-1921 дар ин маҷалла 27 очеркҳои устод бо унвони «Таърихи хонадони манғития» рӯи чопро диданд, ки ин нахустин таҳқиқоти ҷиддии таърихӣ аз тарафи муаррихони маҳаллӣ ҳисоб меёбад. Баъди чанде соли 1923 ин мақолот дар шакли китоби мукаммал «Таърихи амирони манғития» пешкаши хонандагон гардид. Ин асари воқеан ҷанбаи ҷиддии таҳқиқотӣ дошта, худ нишондиҳандае буд, ки аз гузариши донишҳои таърихӣ ба илм дарак медод. **Ин падидаро чун нишондиҳандаи ба фазои илмӣ гузаштани омӯзиши таърих бояд ҳисоб кард.**

Албатта дар ин радиф боз бояд аз асарҳои дигари С. Айнӣ «Маводҳо оид ба таърихи инқилоби Бухоро» (1926) ва «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ёдовар шуд, ки ин воридшавиро ба маҷрои воқеан илмӣ дар таърихнигории тоҷик тақвият бахшиданд.

Вале, то рӯи чоп дидани ин асарҳои устод С.Айнӣ, олимони рус барои омӯзиши таърихи халқҳои Осиёни Миёна, аз

ҷумла тоҷикон, чандин корҳоро анҷом дода буданд, ки ба ин раванди гузариш бе таъсир намонданд. Масалан, бо ташаббуси ховаршиносон зери роҳнамоии академик Н.Я Марр тирамоҳи соли 1918 дар асоси Институти (пажӯҳишгоҳ) Лазареви забонҳои Шарқи Москва, Институти Шарқи Наздик ва баъди чанде Институти москвагии забонҳои зиндаи Шарқ (Институти москвагии шарқшиносӣ ё ховаршиносӣ) ташкил ёфт, ки дар омӯзиши таъриху фарҳанги Ховари Миёна, аз ҷумла тоҷикон ҷиддан фаъолият мекард. Бо кӯшиши ховаршиносони Москва ва Петроград (Ленинград, Санкт-Петербург) дар шаҳри Тошканд марказҳои шарқшиносӣ таъсис ёфтанд. Нахуст чунин марказ моҳи ноябри соли 1918 бо унвони Институти Шарқ ташкил ёфта, ба фаъолият шурӯъ намуд. Ба сифати роҳбари ин муассисаи илмию таълимӣ муарриху мардумшиноси бузург М.С.Андреев таъйин гардид. Дар пешбурди фаъолияти илмиву таълимии он ба замми роҳбар хизмати шарқшиносони дар ҷаҳони илм эътирофгашта, В.В.Бартолд, С.Ф.Олденбург, Е.Э.Бертелс, А.А.Семёнов, И.Д.Ягелло, Н.И.Умняков ниҳоят равшану калидӣ ба назар мерасад. Аз ин мактаб нахустин олимони мардумшиноси (этнограф) Тоҷикистон, Р.Л.Неменова, А.Е.Маджи ва Н.Н.Ершов баромадаанд. Ҳамчунин нахустин китобҳои дарсӣ ба чоп расидаанд.

Соли 1922 А.А.Семёнов «Намунаҳои ҳуҷҷатҳои расмии тоҷикӣ»-ро ба чоп расонд. Дар китобхонаи Институт то соли 1923 5 300 нусхаи китобҳои дастнависи нодир ҷамъ шуда, пешкаши мутахассисон гаштанд. Соли 1924 ин Институт расман ба Донишгоҳи Давлатии Осиёи Миёна (қаблан Туркистон) якҷо шуд.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи он давраи гузариш ҳифзу омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ҳисоб меёфт. Солҳои 20-ум ҳифзи ёдгориҳо дар Осиёи Миёна бо ташаббуси ховаршиносони номбурда, ба сиёсати давлатӣ табдил ёфта буд. Роҳбарияти марказӣ ва маҳаллӣ ба ташкили экспедитсияҳои (сафарҳо) илмӣ ҳаматарафа кумак мекарданд. Дар ин ҷода махсусан хизмати В.В.Бартолд хеле

бузург буд. Ӯ солҳои 1920-1928 борҳо барои фаъолияти муштараки осорхонаву нуқтаҳои бостоншиносиро бо муассисаҳои илмии марказӣ ба роҳ мондан ба Тошканд сафар карда, бевосита дар Донишгоҳи давлатии Туркистон, сипас Осиёи Миёна, курсҳои махсуси таълимӣ ва илмӣ гузаронидааст. Дар ҳисоботи сафарҳои кории худ ба Туркистон соли 1920 аз ҷумла чунин навиштаст: «Дар ҳоли ҳозир нисбат ба замони қабл аз инқилоб барои омӯзиши таъриху фарҳанги халқҳои кишвар шароити бештар мусоид фароҳам омадааст. Акнун хотираи таърихии халқро, ки аз он сиёсатмадорони русикунонии марказ метарсиданд, зинда кардан хавфи ҷудоиандозӣ надорад. Бештар кӯшидан лозим аст, ки корҳои таҳқиқотиро дар хониҳои собиқи Бухоро ва Хева ба роҳ монем»[1].

Соли 1921 дар назди Комиссариати вилоятии маорифи Самарқанд Комиссия доир ба ҳифзи ёдгориҳои қадима таъсис дода шуд. 23 майи ҳамон сол дар назди Комиссариати халқии маорифи Ҷумҳурии мухтори Туркистон Комитет доир ба фаъолияти осорхонаҳо ва ҳифзи ёдгориҳои қадимӣ, маданӣ ва табиӣ (Туркомстарис) таъсис дода шуд, ки дар он ташаббуси ҳалкунандаи В.В. Бартолд бараъло эҳсос мешуд.

Баъди тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ (1924) Туркомстарис соли 1925 ба Комитет доир ба кори осорхонаҳо ва ҳифзи ёдгориҳои қадимӣ, фарҳангӣ ва табиӣ дар назди Комиссариати халқии маорифи Осиёи Миёна фаълияти илмиву тарғиботии худро бо унвони Средазкомстарис то соли 1928 идома бахшида, дар омӯзиши таърихи минтақа, алалхусус таърихи тоҷикон, хизмати босазое кардааст.

Моҳи январи соли 1925 бо ташаббуси В.В.Бартолд, М.С.Андреев ва А.А.Семёнов, бо дастгирии бевоситаи ҳукумати Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки ба тозагӣ дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиали-

[1] Бартольд В.В. Отчет о командировках в Туркестан с 1920 г. // Изв. РАИМК. – Т.2. – Пг.,1922. С.21.

стии Ӯзбекистон таъсис ёфта буд, Ҷамъияти ихтиёрӣ доир ба омӯзиши Тоҷикистон ва халқҳои эронии берун аз он бо марказаш дар Тошканд таъсис дода шуд.

Ин нахустин ташкилоти илмии кишваршиносӣ дар доираи Иттиҳоди Шӯравӣ ҳисоб меёфт. Ҳамон сол аъзои ин Ҷамъият дар ҳамкорӣ бо Кумитаи Осиёимиёнагӣ доир ба кори осорхонаҳо ва ҳифзи ёдгориҳои таъриху табиат (Средазкомстарис) экспедитсияи (сафари илмӣ) чормоҳаи ҷамъияти номбурдаро ташкил намуданд. Аз рӯи нақша сайрхати омӯзиши экспедитсия Ӯротеппа, водии Зарафшон, Фалғар, Яғноб, силсилакӯҳҳои Ҳисор, ағбаи Анзоб, Душанбе, Қаротегин, Дарвоз, Помир ва Ошро фаро мегирифт. Ба ин сафари дарозмуддати илмӣ М.С.Андреев роҳбарӣ мекард. Дар асоси маводи таърихиву мардумшиносии аъзои ин экспедитсия ҷамъоварда, чандин мақолаву маҷмӯаҳои илмӣ таълиф шудаву ба чоп расидаанд.

Намоишгоҳи дар шаҳри Тошканд дар асоси ин дастовардҳо ташкилёфта, аҳли илмро дар ҳайрат гузошт. Фақат аз Ӯротеппа, Хуҷанд, Риштон, Конибодом зиёда аз 200 маводи аҳамияти баланди таърихиву мардумшиносӣ дошта, ҷамъоварӣ шуданд. Дар рафти экспедитсия олимон маводи зиёди эпиграфӣ (сангнавиштаҳо)-ро пайдо намудан, ки дар оянда олимон, аз ҷумла А.Мухторов, бевосиста ба таҳқиқи онҳо машғул гардиданд.

Ин Ҷамъияти илмӣ-кишваршиносӣ диққати олимони зиёди марказиро ба худ мекашид. Дар фаъолияти он намояндаи Комиссариати халқии корҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Осиёи Миёна А.А.Знаменский, сайёҳи машҳур, кошифи чандин қуллаю пиряххои Помир Н.Л.Корженевский, геолог И.И.Бездека ва В.В.Бартолд, ки ба сифати узви фахрии Ҷамъият интихоб шуда буд, бевосита ширкат доштанд.

Соли 1925 мақолаи машҳури барномавии В.В.Бартолд «Омӯзиши Шарқ – вазифаи муҳимтарини академия» аз чоп баромад. Дар он аз ҷумла қайд шудааст, ки ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ теъдоде аз тамаддунҳои каронаҳои шимолии

дирӯзу имрӯз, мисли Шарқи бостон, насрониҳои шарқӣ, мусулмонӣ ва буддоӣ шомиланд, аз ин лиҳоз имконияти мо барои омӯзиши он бештар аст. Омӯзиши илмии минтақа барои кашфиёти ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо дар рушди тамаддун роҳ мекушояд. «Ба таърихи Осиёи Миёна на танҳо русҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Вале аз ҳама бештар русҳо ин минтақаро барои илм кушодаанд ва бе таҳқиқоти бевоситаи олимони рус омӯзиши Осиёи Миёна ғайри имкон аст»[1]. Фаъолияти амалии Ҷамъият солҳои 20-м дар гузаронидани як қатор экспедитсияҳои илмӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва чопи мақолаву маҷмӯаҳо зоҳир мешуд. Дар тӯли фаъолияти худ (1925-1929) аз тарафи Ҷамъият 4 экспедитсияи илмӣ гузаронида шуда, 14 корҳои ҷиддии илмӣ ба табъ расидаанд. Ширкаткунандагони экспедитсия аз боби кашфиётҳои илмии худ дар Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна садҳо лексия ва гузоришҳо додаанд. Ҳамчунин доир ба ин дастовардҳои илмӣ, дар байни аҳолии Тоҷикистон муттасил оид ба аҳамияти омӯзиши таърихи халқи тоҷик тарғибот гузаронида, худшиносии миллиро бедор мекарданд.

Соли 1925 дар Душанбе филиали (шуъбаи) ҷамъияти номбурда таъсис ёфт, ки дар ташкили он М.С.Андреев бевосита ширкат дошт. Дар ҳайати Ҷамъият 4 филиал ва 2 маҳфили илмӣ фаъолият мекарданд. Аз ҷумла дар Бухоро бо 13 аъзо, Самарқанд – 24, Душанбе – 30 аъзо ва дар Хоруғ амал мекарданд. Дар асоси Филиали тошкентии Ҷамъият соли 1928 Институти тоҷикии маориф (Тоҷикинпрос) таъсис ёфт. Чанде аз олимони ояндаи тоҷик ба доираҳои фаъолияти он кашида шуданд. Аз ҷумла муаррихи шинохта, академик Б.И. Искандаров фаъолияти касбии худро аз ҳамин муассисаи илмиву таълимӣ оғоз намудааст.

Шуъбаҳои дигари он дар Бухоро, Самарқанд ва Хоруғ фаъолият мекарданд. Дар заминаи Ҷамъият дар Тошканд соли

[1] Бартольд В.В. Изучение Востока – главнейшая задача Академии // Сочинения. Т. IX. – М.: Наука, 1977. С.581.

1928 Институти тоҷикии маориф (Тоҷикинпрос) таъсис ёфт. Чанде аз олимони ояндаи тоҷик ба доираҳои таълимию илмии он кашида шуданд. Албатта фаъолияти илмии Ҷамъият худ метавонад мавзӯи мушаххаси таҳқиқот қарор ёбад.

Натиҷаи назарраси Ҷамъият барои тоҷикон дар ибтидои фаъолияти худ (соли 1925) тайёр намудан ва ба чоп расонидани маҷмӯаи мақолаҳо бо унвони «Тоҷикистон»[1] ҳисоб меёбад. Дар он 13 очерк, ки ба самтҳои гуногуни илмӣ бахшида шуда буданд, ворид гаштаанд. Очерки таърихии В.В.Бартолд, «Тоҷикон», ки махсус барои ин маҷмӯа таълиф шуда буд, бешак падидаи бузургтарини илмӣ дар таърихнигории Ҷумҳурии мухтори навтаъсиси Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар ин бо як фасоҳати борикбинонаи таҳлили воқеан илмӣ, таърихи мухтасари 24 асраи тоҷикон ғунҷонда шудааст.

Маҳз барои фаъолияти баланди илмӣ дар омӯзиши мардумшиносии Яғноб соли 1927, ки натиҷааш матнҳои Яғноб ва омӯзиши Помир, хосатан водии Хуф соли 1929, ки бо маблағгузории Академияи ИҶШС экспедитсия ташкил шуда буд, бо пешниҳоди академикҳо В.В.Бартолд, С.Ф.Олденбург, Ф.И.Щербатский ва И.Ю.Крачковский, М.С.Андреев узви вобастаи АИ ИҶШС интихоб гардид.

Далелҳои дар боло зикрашон рафта, бешак аз пайдоиши шароити нисбатан мусоид барои ба фазои воқеан илмӣ ворид гаштани фаҳмиши таърихии муаррихони тоҷик ҳисоб меёбад. Бо маънии дигар солҳои 20-ми асри XX солҳои воқеан қолабшикании фаҳмиши таърихии халқи тоҷик буд. Ин ба давраи ибтидои эҳёи давлатдории халқи тоҷик рост омад. Ин даврае буд, ки барои таҳқиқи таърихи миллат пояҳои устувори илмӣ гузошта шудааст. Дар он, чи тавре ишора рафт, хизмати устод Садриддин Айнӣ барҷаста ба назар мерасад.

Шиносоӣ бо асарҳои таърихии устод ба хулосае меорад, ки ҳам тарзи баён, ҳам усули истифодаи далелҳои таърихӣ, пур-

---

[1] Таджикистан. Сб. ст. Под редакцией Н.Л.Корженевского. – Ташкент, 1925. – 283 с.

ра ба талаботи илмӣ мувофиқат мекунанд. Ӯ дар ҳама ҳолат кӯшиш ба харҷ додаст, то заминаю сабаби воқеаҳоро кушода, қонунияти онҳоро муайян намояд. Масалан дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» муаллиф сабаби ба тахт соҳиб шудани манғитҳоро ҳар чанд хеле мухтасар бошад ҳам, дар заминаи воқеияти замон қаламод намудааст. Ин асари пурра ба таърихи салтанати амирони манғит бахшида шуда, масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аморатро дар доираи хронологии аз соли 1753 то инқилоби Бухоро – 2 сентябри соли 1920-ро дар бар гирифтааст.

Аз диди муаллиф, вазъи хонигарии Бухоро дар аҳди намояндагони охирини сулолаи Аштархониён (1599-1753), алалхусус давраи Абулфайзхон (1711-1747), дар ҳолати харобию таназзул қарор дошт ва дар ин замина яке аз соҳибнуфузони дарбор Ҳаким атолиқ, ҳар чӣ бештар дар сиёсати дарбор роҳ ёфта буд. Ин ҳолати ноустувори сиёсӣ ба давраи кӯшиши ҷаҳонгирии шоҳи Эрон Нодиршоҳи Афшор (1736-1747), ки бо қасди ғасби Мовароуннаҳр вуруди Бухоро гашта буд, рост омад. Нодиршоҳ дар Бухорою Хева амалиёти шадиди ҳарбӣ нагузаронда бошад ҳам, то андозае тобеияти онҳоро ба даст овард. Ҳангоми бозгашт ба Эрон аз рӯи одати барояш маъмул чанде аз намояндагони қабиларо дар рикоби худ гирифта бурд. Дар қатори онҳо писари Ҳакимбий атолиқ аз қабилаи манғит Раҳимбий низ буд. Баъди чанде ҳуҷуми қабилаҳои Қипчоқ ба Бухоро оғоз ёфт. Нодиршоҳ шикасти Абулфайзхонро фаҳмида, як даста аз лашкарони худро бо сардории Раҳимбий ба Бухоро фиристод. Раҳимбий тавонист қипчоқҳоро шикаст диҳад. Барои бардоштани нуфузи хеш ӯ эрониёни чун сарбоз ҳамроҳ овардаашро дар Фатҳободи Бухоро маскан дод. Бо ҳамин ин намояндаи қабилаи манғит тавонист ҷилави ҳокимиятро ба даст гирифта, Абулфайзхонро ба қатл расонад. Дере нагузашта писарони Абулфайзхон, сараввал Абдулмуъмин ва баъди қатли он Убайдуллои хурдсолро ба тахт нишонда, «дар андак муддат ӯро низ аз миён бардошта», ба тахти Бу-

хоро соҳиб гаштааст[1]. «Пӯшида мабод, – менависад устод Айнӣ, ки Ҳаким аталиқ ва писари ӯ Раҳимхон аз заъфи идораи Абулфайзхон истифода карда, ҳукуматро ба силсилаи худ нақл доданӣ буданд»[2].

Навиштаҳои устод аз боби ба сари ҳокимият омадани намояндаи сулолаи нав – манғития аз кӯшиши дарёфти ҳақиқат дарак медиҳанд. Муаллиф ин гардиши сулолавиро аз вазъи воқеии замон ҷудо накардааст. Таҳлили ӯ бешубҳа илмист. То замони мушоҳидоти бевоситаи худ таҳлили муаллиф дар асоси манбаъҳои боэтимод қарор дорад. Аз ҷумла аз китоби сафири Англия дар эрон Малколм «Таърихи Эрон», дастнависи «Таърихи шоҳрухӣ»-и Мулло Ниёз, «Тоҷу-т-таворих»-и амир Абдурраҳмонхон «Таърихи салотини манғития»-и Мирзо Азими Сомӣ, «Таърихи Туркистон»-и Муллоолим Маҳмудхоҷа ва ғайра истифода намудааст. Донишманди тоҷик Раҳим Ҳошим фарзияе пешниҳод намудааст, ки аз рӯи он Садриддин Айнӣ ба таълифи китоб гӯё дар арафаи инқилоби Бухоро шурӯъ намуда бошад[3]. Дар ҳақиқат ин дар сабки нигориши бобҳои аввали китоб то андаозае ба назар мерасад.

Бояд қайд кард, ки устод Айнӣ нисбат ба муаллифони пешин ба таҳлили фазои носолими дарбор, зиддияти ваҳшиёнаи намояндагони сулола ҳангоми зарурати баъди даргузашти амир ишғол намудани тахт, фисқу фуҷури салтанатнишинон ва наздиконашонро воқеъбинона инъикос намудааст. Навоварии Айнӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки ба вазъи иҷтимоии аҳли заҳмат диққати махсус додааст. Дар китоб низоми андозситонӣ, номгӯи зиёди андозҳои ғайришариатӣ, ки аз деҳқонону дигар қишрҳои иҷтимоӣ меситониданд, нишон дода шуда, муаллиф маҳз дар ҳамин замина

[1] Ниг.:Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро // Куллиёт. Ҷилди 10. С.7-10.
[2] Ҳамон ҷо. С.13.
[3] Ҳошим Р. «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва услуби нигориши он // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи IV. – Душанбе: Дониш,1971. С.107.

носолимии вазъи сиёсии ҷомеаро дидааст. Вале бояд қайд кард, ки ин интихоби тасодуфии устод Айнӣ набуда. аз эҳсосу заковати илмии ӯ бармеояд. Инро аз гуфтаҳои зерини устод бараъло пайхас кардан мумкин аст: «Инак ин равише, ки мо илтизом кардем, як аксуламали маслаки пешиниёни мост. Мо дар ин амалиёти худ чун ҷарроҳи сахтдили чобукдаст бо нештари қалам бераҳмона ҷароҳатҳои омос кардаамонро шикофтем ва буридем. Оре! Сафҳаҳои мусаффоро бо чирку хун олуда кардем. Лекин умед аст, ки ин захмҳои амалиётдидаи мо баъд аз ин ба ҳам омада, қисми фигори моро саҳати комил муяссар гардад»[1].

Муаллиф дар китоб, сабабҳои тассаруфи Осиёи Миёна аз тарафи Русия, шикасти амир Музаффар (1860-1885) ва ғайраро бо далелҳои муътамад дар маърази таҳлил қарор дода, вазъи Осиёи Миёнаро ниҳоят борикбинона инъикос намуда, қубҳи хонотро кушодааст. Аз рӯи далелҳои овардаи муҳаққиқ хулосае бармеояд, ки хоноти Осиёи Миёна дар арафаи тасарруфи Русия ба ҳеҷ ваҷҳ мустақилияти худро нигоҳ дошта наметавонистанд. Дар ин замина муаллиф раванди воқеаҳои таҳти тасарруфи Русия қарор гирифтани Осиёи Миёна ва забту ташкилёбии сохтори маъмурии генерал-губернатории Туркистонро ниҳоят дақиқ инъикос намудааст[2]. Ҳамчунин муҳақиқ масоили ба тобеияти Русия афтидани Бухороро аз нуқтаи назари илмӣ ба мизони таҳқиқ кашидааст. Ин муносибати муаллиф дар раванди минбаъдаи давлатдории амирони манғит равшан ба назар мерасад. Ҳарчанд мисолҳо хеле зиёданд, вале ба баъзе аз ишораҳо аз замони ҳукмронии амир Абдулаҳад (1885-1910) ёдовар мешавем.

Амир Абдулаҳад аз ҷараёни инқилоби аввали (1905-1907) Русия сахт ба таҳлуқа афтида буд, чунки вазъи Бухоро ба таъсири он мусоидат мекард. Худи амир, ки ба гуфти Айнӣ «табъан ба ғоят ҳариси мол буд… Ҳукком ва қуззот ба ҳар

[1] Ҳамон ҷо. С.126-127.
[2] Ниг.: Таърихи амирони манғитияи Бухоро. С.46-89.

восоит раоёро тороҷ мекарданд, ҳар чанд умеди наҷоте набуд, маазолика баъзе раоёи ситамдида барои додхоҳӣ ба пойтахт меомаданд. Табиӣ ин аҳвол айши амирро талх мекард. Бинобар ин кори фуқародориро тамоман ба қозикалон ва қушбегии Бухоро ҳавола намуда, худ ба гӯшаи комронӣ дар Кармина мунзавӣ гардид»[1]. Муаллиф дар мисолҳои хеле саҳеҳ тарзи андозситонӣ, ихтирооти амирон дар ин самт, ки ҳар сол теъдоде аз андозҳои ғайришариатӣ зам мешуд, пешкашу ҳадия ва тухфаҳо, ҳангоми таъйини мансаб, муайян намудани «ҳаққи подшоҳӣ», ки ду се баробар аз нархи бозори маҳсулоти кишоварзӣ баланд буд, ба ҳақиқати ҳол ишора кардааст. «Бисёр воқеъ шудааст, – менависад муаллиф, – ки деҳқон ҳама чизашро, ҳатто баъзан писар ва духтарашро фурӯхта, ҳаққи подшоҳиро адо намудааст. Деҳқонеро, ки ба ҳеҷ ваҷҳ аз аз ӯҳдаи адои ҳаққи подшоҳӣ намебаромад… амлокдори худобехабар барои ибрати дигарон дар миёнаи бозор аз бағалаш ба як дарахт овехта мемонд… Ин буд тариқи истифои ҳаққи султонӣ»[2]. Ин тарзи андозситонӣ дар гирифтани закоти савоим низ ба мушоҳида мерасид. Аз онҳое, ки падар ё бобояшон рамаи гӯсфанд доштаву бо сабабе ҳамааш нобуд шуда бошад ҳам, аз писар ё набераи он дар ҳаҷми ҳамон миқдор закот меситонданд. Ҳатто аз пашму пӯсти барраи онҳо закоти иловагӣ мегирифтанд[3].

Албатта мо метавонем мисолҳои зиёде аз навиштаҳои устод Айнӣ биёварем, ки саршор аз далоили беинсофию тороҷи мардум ва фаҳшу разолати дарбор буда, нишондиҳандаи таҳлили воқеъбинонаи илмии ин адибу муаррихи миллат ҳисоб меёбанд.

Дигар асари устод Айнӣ, ки ба доираи воқеан илмӣ кашидани афкори таърихии замон гувоҳӣ медиҳад «Таърихи инқилоби Бухоро»-и ӯст. Аз гуфти айнишиноси маруфи тоҷик

[1] Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. С.107-108
[2] Ҳамон ҷо. С.112.
[3] Ҳамон ҷо.

Раҳим Ҳошим асари мазкур соли 1920[1], замони ҷунбиши инқилобӣ ва пирӯзии он дар Бухоро таълиф шудааст. Худи устод Айнӣ дар охири навиштаҳои «Хотима»-и китоб ба 23 марти 1921 ишора намудааст[2], ки хулосаи Раҳим Ҳошимро тасдиқ мекунад. Вале нусхаи мухтасари асар бо забони ӯзбекӣ соли 1926 дар Москва рӯи чоп дидааст. Бароришҳоиояндаи асар дар шакли пурра низ бо забони ӯзбекӣ нашр гардида буданд. Дар тарҷумаи тоҷикӣ, китоб (мутарҷим Раҳим Ҳошим) фақат соли 1987 ба табъ расидааст.

Албатто мо метавонем дар бораи сабабҳои таълифи асар, бартарии таҳлили илмии он суханронии тӯлоние дошта бошем, вале зарурату муҳтавои ин таҳқиқотро аз бозгӯии худи устод оғоз намоем. Дар сарсухани муаллиф, ки бо «Як ду сухан» унвон гирифтааст, омадааст: «Сабабҳои оташи инқилобро, ки дар моҳи апрели соли 1917 сар зада, дар 29 августи соли 1920 бо даҳшати сахте шуълавар гардида, дар дуюми моҳи декабр амирро бо тахту бахташ нест карда, сабаби тағйироти бузурге гардид, аз замонҳои гузашта ҷустуҷӯ карда омаданомон лозим аст»[3]. Дар ин ишора ду нукта ба назар мерасад: а) устод ибтидои инқилобро аз инқилоби дуюми рус (февралии соли 1917) гирифтаанд; б) ба замони гузаштаи қабл аз инқилобӣ мурoҷиат намудани муаллиф мазмуни кӯшиши дарёфти заминаву қонунияти воқеаро дорад, ки худ шарти муҳими таҳқиқоти илмист.

Худи саволгузории олим аз ҷустуҷӯи ҳақиқат дарак медиҳад. Аз мантиқи сарсухани муалиф бармеояд, ки ӯ замони қадиму асримиёнагии Бухороро бо вазъи кунунии он муқоиса намуда, сабабҳои пешрафти давраҳои тамаддунсози гузаштаи онро ёдовар шуда, мехоҳад чунин ҳақиқатро муайян намояд: «Оё ҳукумати мустабиди Бухоро дар замонҳои қадим низ чунин ваҳшӣ ва золим буд ё ин ки рафта фосид шуд?

[1] Раҳим Ҳошим. Аз мутарҷим //Айнӣ С.Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987. С.239.
[2] Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. С.233.
[3] Ҳамон ҷо. С.5.

Уламои Бухоро дар собиқ ҳам динфурӯш, ҷоҳпараст ва ҷоҳил буданд ё ки баъдҳо ба ин разолатҳо дучор гардиданд? Агар ҳукумати Бухоро ва уламои Бухоро аз аввал ваҳшӣ, золим, динфурӯш, ҷоҳпараст ва ҷоҳил бошанд, пас сабаб чист, ки Бухоро як замонҳо манбаи илму маърифат ва маркази маданият шуда тавонист? Ҳол он ки маданият, илм ва маориф бо ваҳшат, зулм ва ҷаҳл ба як ҷо намеғунҷанд.

Агар ҳукумати Бухоро ва уламои Бухоро баъдҳо аз адлу рафъат ва илму маърифат ва ахлоқи ҳасана ҷудо шуда бошанд, ба ин кӣ ва чӣ сабаб гардид? Ҳол он ки миллатҳо ва мамлакатҳои дунё рӯз ба рӯз таназзул не, балки тараққӣ карда омадаанд»[1].

Муаллиф дар қисми аввали китоб кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба ин саволҳо ҷавоб гӯяд. Албатта чун муаррих устод сабабҳои гуногунро пеш овардаанд, вале дар марказ касодии илму фасодии уламоро гузошта, дар ин замина касодии иқтисодӣ, вусъати бемайлони зулму истибдоди хонҳо ва тамоми дастгоҳу низоми давлатдориро кушодааст. Қисми аввали китоб саршори далелҳоест, ки натанҳо монеаи рушди мамлакат, инчунин сабаби майли ақибравӣ доштани тамоми омилҳои мусоидаткунандаи пешравӣ гардидаанд[2].

Қисми дуюми китоб таҳқиқи масъалаҳоеро дар бар гирифтаст, ки аз диди хронологӣ ба солҳои 1908-1917 рост меоянд. Муаллиф, ки он вақт ҳанӯз аз таъсири ғояҳои маорифпарварӣ дур нашуда буд, аз вазъи мактабу маориф оғоз намуда, заруратиислоҳоти онро пеш овардааст. Ба муқобилияти мутаассибони манфиатпараст нигоҳ накарда, устод Айнӣ зарурати ислоҳоти соҳа ва ҷорӣ намудани усули таълимро, ки худ яке аз ташаббускорони он буд, хеле воқеъбинона нишон додааст. Дар китоб таъсири ҳаракати инқилоби аввали Русия дар Бухоро, аз ҷумла пайдо шудани ҳаракатҳои сиёсӣ ва ғайра таҳлили ҷиддии илмӣ ёфтаанд.

---

[1] Ҳамон ҷо.
[2] Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. С.10-25.

Дар қисми севуми китоб, ки фақат воқеаҳои солҳои 1917-1918-ро дар бар мегирад, аз диди замон маҳдуд бошад ҳам, давраи ниҳоят печидаи сиёсӣ, бuҳрони шадиди иқтисодию иҷтимоӣ ҳисоб меёбад. Муаллиф дар ин боб кӯшидааст, ки аз таҳлили инқилоби февралии Русия, соли 1917 оғоз намуда, таъсири онро ба Бухоро, ки берун аз воқеияти вазъи дохилии аморат намегузашт, инъикос намояд. Алалхусус талаботи ислоҳотчигӣ, иртиҷопарастии амир ва қушбегӣ оид ба ин масъала, суръат гирифтани ҳаракати ҷавонон дар роҳи ислоҳот, намоишу аксулҳаракатҳо ва ғайраро ба риштаи таҳлилу таҳқиқ даровардааст.

Дар заминаи баёни воқеаҳои дар се қисми аввали китоб омада, устод Айнӣ раванди инқилоби Бухороро нишон медиҳад, ки боби интиҳоии (қисми чорум) асар ба таҳлили он бахшида шудааст. Муаллиф тавонистааст, ки баёни онро аз воқеаи Колесов оғоз намуда, то ғалабаи инқилоби Бухоро анҷом диҳад. Олим дар вайрон шудани муносибати Бухоро ва ҳокимияти навтаъсиси Шӯравӣ, бештар сиёсати душманонаи амир Олимхони ба таъсири душманони инқилоб афтодаро дидааст. «Чунонки дар бобҳои охирини қисми сеюми таърихамон гуфтем, – таъкид намудааст муаллиф, – ҳукумати Бухоро пас аз инқилоби Октябр роҳҳои дигаре пеш гирифта, бо ҳавоҳои дигаре ба ракс даромад. Дар лаҳзаҳои вазнин ва таҳлуканоки Ҳукумати советӣ онро ба расмият нашинохт ва ҳатто ба душманони он рӯи хуш нишон дод»[1].

Бояд таъкид кард, ки муаллиф китобро бештар дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ навиштааст. Дар хусуси иҷрои шарти асосии илмӣ, ки нигоҳи воқеъбинонаву беғаразона мебошад, муаллиф муносибати худро чунин шарҳ додааст: «Инро ҳам бояд ёдовар карда гузарам, ки яке аз шартҳои муҳими таърихнависӣ муҳокимаронии бетарафона аст. Дар воқеъ ман бетараф набошам ҳам, вақти навиштани ин саҳифаҳо ба қадри иқтидорам (агар бо шиддати таъсири фоҷиаҳо аъсобам вай-

[1] Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. С. – 207.

рон шуда, аз назоҳати қаламӣ берун баромада, баъзе суханони пуршиддат нагуфта бошам) дониставу фаҳмида, қасдан чизи дурӯғе нанавишта, бар хилофи виҷдон муҳокимае наронадаам. Инро даъво карда метавонам ва ҳусни заннам бар ин аст, ки бародаронам, ки маро нағз мешиносанд, инро тасдиқ хоҳанд намуд»[1].

Муаллиф дар асоси далелҳои ниҳоят зиёди дар китоб оварда, қонунияти инқилоби Бухороро чунин натиҷабардорӣ намудааст: «… инкилоби Бухоро як инқилоби илмӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва умумие буд, ки бо иштироки тамоми миллатҳои сокини Бухоро, бо иштироки зан ва духтарони онҳо ба вуҷуд омад»[2].

Таҳқиқотҳои таърихии устод Айнӣ ба гузариши бебозгашти илмӣ дар ин соҳа ва ташаккули таърихнигории миллӣ асос гузоштанд. Вале ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки ин олими борикназар аз тамоми қубҳи касбӣ орӣ будааст. Барои таърихнигории дирӯзу имрӯз ва фардои тоҷик муҳим он аст, ки хизмати ӯ дар ин ҷода бояд дар пояи илмӣ эътироф гардад. Барои ин мақоми устодро равшан кардан, бояд таҳқиқоти мушахасе анҷом дод.

Ҳамин тариқ, шиносоии амиқ бо асарҳои таърихии солҳои 20-ми асри гузашта ба хулосае меоранд, ки дар таърихнигории тоҷик маҳз Садриддин Айнӣ асоси боэътимоди илмӣ гузоштааст. Албатта олим дар солҳои оянда низ асарҳои ҷолиби таърихӣ таълиф намудааст. Дар ин радиф боз бояд аз як нукта ёдовар шуд, ки дар тамоми осори ин олиму адиби нотакрор ҷанбаи таърихӣ хеле равшан ва то андозае ҳалкунанда ба назар мерасад. Ин худ мавзӯест, ки таҳлили мушаххасро тақозо дорад.

Албатта таърих мисли дигар равияҳои илмӣ доимо дар ҳаракату пешравист. Зинаҳои пешравии он дар солҳои 30-40, алалхусус солҳои 50-80-уми асри гузашта хеле аён ба назар

[1] Ҳамон ҷо. С.233.
[2] ҳамон ҷо. С.232.

мерасанд. Дар ҷумҳурӣ таъсис ёфтани аввалин мактабҳои олӣ бо факултаҳои таърих, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, хосатан Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1948), Академияи илмҳои ҷумҳурӣ (1951) ва дар назди он фаъолият намудани Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш барои пешрафти илми таърих заминаи муътамад гузоштанд. Маҳз бо туфайли заҳмати устод Садриддин Айнӣ, А.А.Семёнов, М.С.Андреев ва кумаки муассисаҳои илмии маркази Умумииттифоқ илми таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа ба мавқеи пешсафӣ баромад. Дар оянда шуҳрати ин соҳаи барои ҷомеа ниҳоят зарурии илмиро академик Бобоҷон Ғафуров ба дараҷаи эътирофу эътибори байналмилалӣ баровард. Вале дар ҳама ҳолат, набояд аз мақоми В.В.Бартолд, ки аз таъсиргузорони ба ин зинаи назарраси илмӣ расидани таърихнигории миллӣ ҳисоб меёбад, сарфи назар намоем.

## Академик В.В.Бартолд ва ибтидои таҳқиқи илмии таърихи тоҷикон дар замони Шӯравӣ

Чи тавре дар боло ишора рафт, пеш аз инқилоб ба пешбурди сиёсати мустамликадории Русия нигоҳ накарда, барои омӯзиши илмии кишвар аз ҷумла Тоҷикистони кунунӣ то андозае имконият фароҳам омада бошад ҳам, он барои ба худшиносии миллӣ ва ҷунбиши эҳёи давлатӣ имкон дода наметавонист. Чунин имконият маҳз баъди ғалабаи инқилобу аввалин дигаргунсозиҳои ба Ҳокимияти Шӯравӣ алоқаманд пайдо шуд.

Пӯшида нест, ки баъди инқилоби Октябр, то тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ тоҷикон дар вазъи парокандагӣ қарор доштанд. Як қисми онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии мухтори Шӯравии сотсилистии Туркистон ва қисми дигар дар ҳайати аморат ва сипас Ҷумҳурии Халқии Бухоро шомил буданд. Ҳангоми оғози ташаббуси ҳалли масъалаи миллӣ-ҳудудӣ аз тарафи ҳукумати маркази Шӯроҳо, тоҷикон ҳанӯз ба дараҷаи худшиносии

миллӣ нарасида буданд. Аз ин лиҳоз касе аз намояндагони тоҷикон то замони амалӣ гаштани тақсимот, масъалаи таъсис додани давлати миллӣ ё ҷумҳурии мустақилро пешниҳод накардааст. Овози намояндагони тоҷик фақат баъди тақсимоти миллӣ – ҳудудии соли 1924, ки алакай имконияти муфид аз даст рафта буд, шунида шуд. Ҳангоми ин зарурат маҳз шарқшиносони рус, хосатан В.В.Бартолд ва А.А.Семёнов ин талабро кушоду равшан изҳор медоштанд. Бояд ин хизмати онҳо дар таърихи миллат таъкид гардад.

Шарқшиносони адолатпешаи рус, алалхусус В.В.Бартолд ин имконияти фароҳамомадаро барои омӯзиши воқеан илмии таъриху маданияти гузаштаи халқҳои собиқ мустамлика, хосатан тоҷикон амалӣ мекарданд. Аз ин рӯ, оғози омӯзиши илмии таърихи халқи тоҷик ба замони дигаргунсозиҳои баъдиинқилобӣ рост омад. Хушбахтона, он дар таҳкурсии пойдоре, ки шарқшиносони тоинқилобии рус гузошта буданд, бунёд ёфт.

Сафарҳои кории олим ба Осиёи Миёнаи дар замони Шӯравӣ ба дарёфти ин ҳақиқат таъсири ҳалкунанда гузоштанд. Аз ин рӯ, аз тарафи В.В.Бартолд омӯзиши тариху фарҳанги халқи тоҷикро ба ду давра ҷудо кардан лозим меояд: давраи аввал аз охири солҳои 90-уми асри XIX то ғалаба ва барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ; давраи дуюми фаъолияти таҳқикотии олим ба замони Шӯравӣ рост меояд. Дар боби қаблии тадқикоти мазкур гарчанде доир ба саҳмгузории В.В.Бартолд дар таҳлили пойгоҳи таърихии давлати Сомониён изҳори назар доштем, вале чи тавре маълум аст, кисмати дуюми умри олим ва фаъолияти илмии ӯ ба давраи дигаргунсозиҳои сиёсиву фарҳанги баъдиинқилобӣ рост меояд. Аз ин рӯ, ба идомаи таҳлили нақши меҳварии академик В.В.Бартолд дар сомониёншиносӣ ва ташаккули илми таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргаштан ба мақсад мувофиқ аст.

Бояд қайд кард, ки ин ё он масъалаи ба таъриху фарҳанги тоҷикон иртиботдошта, дар бисёре аз таҳқиқоти дар замони Шӯравӣ ба чоп расонидаи олим, аз ҷумла дар «Таърихи Тур-

кистон» ва «Таърихи ҳаёти фарҳангии Туркистон» вожаи «тоҷик» ва мақоми он бештар ба назар мерасад. Масалан, дар боби «Истилои арабҳо ва Туркистон»-и «Таърихи Туркистон» доир ба ҷои забони суғдиро пурра гирифтани забони тоҷикӣ ишора намуда, олим то андозае ваҷҳи тасмия (этимология)-и вожаи «тоҷик»-ро кушодааст[1].

Дар китоби «Таърихи ҳаёти фарҳангии Туркистон» В.В.Бартолд ба мавқеи таърихии тоҷикон боз бештар диққат додааст. «Дар асри XI, – қайд намудааст олим, – ва шояд аз ин пештар, туркҳо дар Осиёи Миёна калимаи тожикро бо талаффузи туркии тоҷик чун ибораи этнографӣ барои мардуми зиёди барояшон маълуми мусулмон, ба маънии эрониҳо истифода бурда, забони онҳоро акси забони турку арабҳо ҳисоб мекарданд»[2].

Дар боби дувуми «Таърихи Туркистон», ки дар асосии матни лексияҳояш барои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Туркистон таълиф шудааст, В.В.Бартолд аз таърихи Туркистони замони ҳукмронии арабҳо ва аҳди Сомониён ёдовар шуда, нигоштааст: «Ба рушди ҳаёти шаҳрӣ ва саноат, аз рӯи эҳтимолият, муҳоҷиршавӣ аз Форс таъсир расонидааст, маҳз ин раванд сабаби аз водиҳо танг карда шудани забони суғдӣ гаштааст, ки фақат дар водии Яғноб боқӣ мондааст. Забони суғдӣ ҷояшро ба забони тоҷикӣ дод, ки аз забони форсӣ кам фарқ мекунад»[3].

Доир ба мафҳуми забони тоҷикӣ ва бо мурури замон танг кардани он В.В.Бартолд низ борҳо таҷдиди назар намудааст. Аз ҷумла дар «Таърихи ҳаёти фарҳангӣ дар Туркистон» мушоҳидаҳои худро доир ба танг кардани забони тоҷикӣ дар замони ҳокимияти русҳо дар минтақа чунин овардааст: «Натиҷаи рушди этнографӣ дар ҳолати дар

[1] Бартольд В.В. История Туркестана // Сочинения Т. II. – Ч. 1. – М.: ИВЛ, 1963. С. 121-122.
[2] Бартольд В.В. История культурной жизни Туркестана // Сочинения. – Т.II. С. 196.
[3] Бартольд В.В.. История Туркестана. // Соч. Т.2, Ч.1. – М.1963, – С.162.

дасти русҳо будани муносибатҳои савдоӣ таъмин шуд, ки танг кардани забони эронӣ (тоҷикӣ дар назар аст – Ҳ.П.) аз тарафи забони аксарияти сокинони минтақа – забони туркӣ торафт бештар шиддат мегирад. Пештар забони тоҷикӣ хеле қавӣ ва қариб ягона буд, вале ҳоло вазъият дигар аст. Дар Бухоро соли 1920 ман фақат як бор шунидам, ки туркиро намедонам». Чи тавре мебинем, ҳарчанд ин гуфтаҳои олим аз равнақи пантуркизм дарак диҳад ҳам, аз ошкоро қайд кардани он худдорӣ кардааст.

Таъриху фарҳанги тоҷикон дар тамоми асарҳои ба таърихи халқу давлатҳои Осиёи Марказӣ бахшидаи В.В.Бартолд во мехӯрад. Вале он бештар дар чунин таҳқиқоти олим аз қабили «Туркистон дар замони ҳуҷуми муғулҳо», «Таърихи ҳаёти фарҳангии Туркистон», «Аз таърихи забткориҳои араб дар Осиёи Миёна», «Аз таърихи Марв», «Доир ба таърихи обёрикунии Туркистон», «Пахтакорӣ дар Осиёи Миёна аз давраҳои таърихӣ то воридшавии русҳо», дар бисёре аз силсиламақолаҳои барои «Қомуси ислом» ва ғайра ба назар мерасад.

Чи тавре дар боло ишора рафт, дар таҳқиқоти қаблии худ, В.В.Бартолд тоҷиконро чун халқи воҳид аз фаҳмиши умумии форсу эрониҳо ҷудо накарда бошад ҳам, вале бо мурури шиносоии амиқ дар осори олим, ибораи «тоҷик» ва мақоми таърихии ин халқи азалии минтақа пойгоҳи қавӣ пайдо кардааст. «Тоҷикон»-и В.В.Бартолд бешак падидаи бузургтарини илмӣ ҳисоб меёбад. Дар он шарқшиноси нотакрор ба таври хеле мухтасар ва ниҳоят мудаллал таърихи 24 асраи тоҷиконро ба таҳлили воқеан илмӣ кашидааст. Рӯи чоп дидани ин таҳқиқоти пуразиши академик В.В.Бартолд соли 1925 ба оғози пурра ба чаҳорчӯбаи илмӣ гузаштани донишҳои таърихии халқи тоҷик рост омад. Бо тамоми ҷиддият метавон қайд кард, ки очерки таърихии «Тоҷикон»-и ӯро ҳамчун хулосаи ниҳоят муътамади илмии тамоми таҳқиқоти олим дар ин ҷода бояд ҳисоб намуд.

Агар дар таҳқиқоти қаблӣ, олим таърихи тоҷиконро бо

бартарии истилоҳҳои «форсҳо» ва «эрониён» сипас дар омехтагӣ бо онҳо ҷой дода бошад, дар осори таърихии давраи Шӯравӣ истилоҳи «тоҷик», ки ба «гурӯҳи халқҳои эронӣ шомил аст», ба дараҷаи марказӣ баромадааст. Муҳим боз он аст, ки В.В.Бартолд тоҷиконро чун сокинони бумии Туркистон ҳисоб мекунад. Аз ҷумла ӯ қайд кардааст: «Аҳолии таҳҷоии Туркистони ҳозира халқҳои эронинажоданд. Зимнан масъалаи мураккабу баҳсталаб ватани қавмҳои эронӣ, ҳудуди паҳншавии онҳо дар замонҳои қадим ва пайваста маҳдуд шудани ин марзҳоро дар асрҳои миёна як сӯ гузошта, бо таъйини ҳамин далел иктифо менамоем, ки дар тӯли беш аз 1500 сол, аз садаи VI то мелод, дар ҳудуди Туркистони ҳозира аз ду халқи муттамаддини эрониасл – суғдиён ва хоразмиҳо ёд мешавад»[1].

Сипас раванди воқеаҳои ба тоҷикон иртиботи таърихӣ доштаро то ҳуҷуми арабҳо дар асоси маъхазҳои барояш дастрас оварда, назари худро ба тариқи зайл ияброз доштааст: «Дар замоне, ки форсҳо аз рӯи ватандӯстӣ анъанаҳои давлатдории Сосониёнро нигоҳ медоштанд, ин анъанаҳоро дар баробари забони форсӣ эронитаборони Осиёи Миёна қабул карданд. Дар ҳаёти сиёсии Туркистон намояндагони ашрофи маҳаллӣ, ки аввал чун волии халифа ва баъд чун ҳокимиятдори авлодӣ шинохта мешуданд, насабномаи худро ба Сосониён расонда буданд. Намояндагони аз ҳама давлати пурқудрати ин сулола – Сомониён, ки дар асри X аз Бухоро Туркистон ва Хуросонро идора мекарданд худро чун ворисони Сосониён медонистанд. Чунин эҳсос дар ҳокимони маҳаллии вилояти Хутталон дар асри XII низ ҷой дошт. Аҳолии ҳатто Бухоро дар асри X ҳанӯз бо суғдӣ гап мезад, вале забони ҳуҷҷатгузории расмӣ дар давлати Сомониён дар баробари арабӣ форсӣ буд, ки онро «дарборӣ» (дарӣ) меномиданд. Яке аз шоирони зодаи Са-

[1] Бартольд В.В. Таджики. Исторический очерк // Сочинения. – Т.II. – Кн. 1. С.451; Ниг. ҳамин асарро дар тарҷумаи М.Муллоаҳмадов: Андар шинохти тоҷикон. Аз силсилаи «Китобхонаи Донишҷӯ. Китоби якум. – Душанбе: ДДОТ, 1916. С. 6.

марқанд – Рӯдакӣ ҳатто дар қатори шоирони классикии адабиёти мусулмонӣ-форсӣ қарор дошт»[1].

Чи тавре ба назар мерасад, В.В.Бартолд ҷойгоҳи устод Рӯдакиро чун асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс ҳанӯз пурра нашинохта, ӯро танҳо ба «қатори шоирони классикии адабиёти мусулмонӣ-форсӣ»ворид намудааст. Дар муайян кардани нақши устувори ин поягузори шеъри ноби тоҷикиву форсӣ хизмати Садриддин Айнӣ, тақвиятбахшони ин баҳои устод, донишмандони бузурги Эрону Тоҷикистон Саид Нафисӣ ва Абулғанӣ Мирзоев бисёр муҳим аст[2].

В.В.Бартолд дар очерки «Тоҷикон» то ҷое ки маъхазҳои барояш дастрас имкон додаанд, шарҳи гуногунмаънии вожаи «тоҷик», андозаи иртиботи он бо вожаҳои муайянкунандаи гурӯҳҳои этникии ба «ғалча», «ғарча», «сорт» маълумро ба риштаи таҳлил кашида, анъаноти хоҷагидориву этникӣ, ҷойгоҳи ҷуғрофии онҳоро муайян намудааст[3].

Вале аз хизмати В.В.Бартолд ёдовар шуда, бояд қайд кард, ки назари ӯ доир ба пайдоиши вожаи «тоҷик» аз калимаи арабии «тозӣ» ва алоқамандии «тозӣ» ба маънои «араб» ва «тоҷик» пояи амиқи бебаҳс дошта наметавонад. Қобили қабул набудани назари дар ин хусус пешниҳоднамудаи В.Бартолдро мутахассисони соҳа тасдиқ намудаанд. Аз ҷумла Б.Ғафуров бо такя ба далелҳо шарҳи воқеан илмии ин масъаларо пеш овардааст[4]. Бояд қайл кард, ки ин диди олим хизмати бузурги ӯро дар омӯзиши таърихи гузаштаи халқи тоҷик халалдор накардааст. Он шояд аз гуногунбаёнии маъхазҳо маншаъ гирифта бошад.

Дар ин ҷо бамаврид аст, ки аз муносибати то андозае но-

---

[1] Бартольд В.В. Таджики. Исторический очерк // Сочинения. – Т.II. – Кн. 1. С.451.
[2] Ниг.: Муллоаҳмадов М., Қурбонова С. Рӯдакишиноси шинохта // Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ. Ҷилди аввал. – Душанбе:Дониш Граф, 2017. С.412-421.
[3] Ниг.: Бартольд В.В. Таджики. С. 457-462.
[4] Ниг.: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. С.501.

равшани шарқшиносони бофуз К.Э.Босфорт, Б.Шпулер, Р.Грусе ва Р.Фрай, ки Сомониёнро чун сулолаи эронӣ нишон дода, иртиботи бевоситаи давлатдории онҳоро ба тоҷикон чун ҳақиқати бебаҳс равшан изҳор дошта натавонистаанд, ёдовар шуд. Албатта, наметавон инро чун беэътиноии онҳо нисбат ба мавқеи таърихии тоҷикон нишон дод. Дар воқеъ, ҳамбастагии этникӣ, анъанаҳои давлатдорӣ ва фарҳангӣ намегузоранд, ки дар байни эрониён ва тоҷикон садди ихтилофомезе гузошта шавад. Табиист, то миёнаҳои асри XX, аниқтараш то пурра аз ҷиҳати илмӣ равшан шудани таърихи тоҷикон, ки дар он хизмати олимони рус то андозае ҳалкунанда ба назар мерасад, таърихи ин ду миллати решапайвандии ягонадоштаро ҷудо кардан ниҳоят мушкил буд. Дар ин раванд В.В. Бартолд истисно буда наметавонист. Аз шарқшиносони рус А.А.Семёнов аввалин шуда, аз хусуси сулолаи тоҷикон будани Сомониён соли 1914 ишора карда, дар оянда бо қатъияти том ин ақидаро тасдиқ намудааст[1]. Аз ҷумла дар боби «Насабномаи Сомониён» ишораи А.А. Семёнов «... ин тоҷик ба Тирмиз омада, фаҳмид, ки дар Балх яке аз хешони халифа сокин аст,»[2] хулосаи олимро доир ба ин масъала равшан муайян менамояд.

В.В.Бартолд дар «Тоҷикон» чи тавр ҷараён гирифтани ҳаёти тоҷиконро дар замони ҳокимияти сулолаҳои кӯчӣ то барқароршавии Ҳокимияти шӯравӣ ва давраи баъдиинқилобии он ба таври мухтасар шарҳ дода, доир ба раванди омӯзиши таърихи ин халқи бостонӣ мулоҳизоти худро пешниҳод

[1] Ниг.: Семёнов А.А. Происхождени термезских сейидов и их древняя усыпальница «Султан Садат». Протоколы заседаний и сообщения членов Туркестанского кружка любителей археологии. Год XVIII-й. – Ташкент, 1914. С.3-20; Ҳамин муаллиф. К вопросу о происхождении Саманидов // Сборник статей посвященных истории и культуре периода формирования таджикского народа и его государственности (IX-X вв.). Сталинабад: Изд-во АН ТаджССР. С. 3-14; Данная статья: А.А.Семенов. Избранные сочинения. – Душанбе: IFEAC, 2013. С. 37-52.

[2] Семенов А.А. К вопросу о происхождении Саманидов // Избранные сочинения. – Душанбе: IFEAC, 2013. С.38.

кардааст. Аз ҷумла қайд намудааст, ки бахшида ба вазъи мулкҳои тоҷикнишин дар асри XIX маълумоти зиёде аз тарафи сайёҳони аврупоӣ ва муаллифони рус рӯи кор омадааст, вале дар онҳо ихтилофи зиёде мавҷуд аст. Аз ин рӯ ба ақидаи олим, вақти он расидааст, ки ин мавод ба таври интиқодӣ омӯхта ва хулосабарорӣ шавад. Аз диди ӯ дар вилоятҳои болооби Амударё қариб мавҷуд набудани маъхазҳои хаттӣ ба истисноӣ очерки «Таърихи Шуғнон»-и Саид Ҳайдаршо, «Қатаған ва Бадахшон»-и Бурҳонуддини Кушкакӣ, инчунин кам будани сокинони аз гузашта бохабари одамони минтақа, мушкилии зиёде пеш меорад[1].

Боиси ифтихор аст, ки андешаи В. Бартолд доир ба «қариб мавҷуд набудани маъхазҳои хаттӣ» бо дарёфту омӯзиши маводҳои бостоншиносӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии маъмуриву сатҳи хоҷагидории асримиёнагӣ дар оянда, дар таърихнигории замони Шӯравӣ то андозае ҳалли худро ёфта тавонистанд.

Доир ба масъалаи ҳифзи нуфузи забони тоҷикӣ дар хониҳои Осиёи Миёна В.В.Бартолд қайд намудааст: «Аз се хонии ӯзбеки Туркистон, забони тоҷикӣ дар сатҳи бештари ҳуҷҷатгузорӣ ва фарҳангӣ дар Бухоро, камтар дар Хева; дар хонии Хуқанд ин нишодиҳанда дар байн қарор дорад. Дар муқоиса бо Хева нишонаҳои тоҷикӣ дар Бухоро то дараҷае ҷой доранд, ки таърихнависи хевагӣ лашкари Бухороро чун лашкари тоҷикон номидааст... Забони тоҷикӣ на танҳо дар хонии Бухоро, инчунин дар Ҷумҳурии Бухорои моҳи сентябри соли 1920 таъсисёфта забони давлатӣ ҳисоб меёфт»[2].

Аз беҳуқуқии ин халқи дар гузашта соҳибдавлату тамаддунофар ёдовар шуда, В.В.Бартолд бо таасссуф қайд кардааст: «Вақте, ки соли 1920 Конститутсияи Ҷумҳурии Туркистон қабул карда шуд, ба сифати «миллатҳои маҳаллӣ» фақат қирғизҳо, ӯзбекҳо ва туркманҳо қайд гардида; сокинони бо-

---

[1] Бартольд В.В. Таджики. С. 464-665.
[2] Бартольд В.В. Таджики. С. 467.

стонии маҳаллӣ – тоҷикон ба фаромӯшӣ афтиданд. То кадом андоза ба эҳёи миллати тоҷик тақсимоти миллӣ-ҳудуди соли 1924 мусоидат карда метавонад, вақт нишон медиҳад»[1]. Чи тавре вақт нишон дод, тақсимоти миллӣ-ҳудудии соли 1924 низ бо сабабҳои ғаразнок тақдири тоҷиконро аз рӯи адолати таърихӣ ҳал накард. Вале дар он давраи ҳассоси тақдирсоз гузоштани таҳкурсии боэътимод барои эҳёи давлатдорӣ, аз ҳар ҷиҳат бурди таърихии ин халқи тамаддунофари бостонӣ ҳисоб меёфт.

Аз омӯзиши осори ин олими бузургном, ки бевосита дар он таъриху маданияти тоҷикон яке аз ҷойҳои марказиро ишғол менамояд, бешак чунин хулоса бармеояд: Академик В.В. Бартолд яке аз поягузорони назари воқеъбинона ба таърихи пурғановати тоҷикон, аз ҷумла замони давлатдории Сомониён буда, дар омӯзиши илмии гузаштаи он нақши ниҳоят бузургу пойдор гузоштааст.

## Устод Садриддин Айнӣ дар саргаҳи сомониёншиносии илмии миллӣ

Чи тавре дар боло ишора рафт, солҳои 20-ми асри гузашта дар баробари дигаргунсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии дар давлати Шӯравӣ ҷараён гирифта, илми таърих низ ба талаботи идеологии барои замон мувофиқ ба роҳ монда шуд. Ин давра барои Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна давраи анҷоми гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илм ҳисоб меёфт. Шарҳи ниҳоят мухтасари хусусиятҳои ин раванд барои Тоҷикистон қаблан оварда шуд. Аз муҳтавои умумии масъала хулосае пеш омад, ки бо кумаки бевоситаи марказҳои илмии Иттиҳоди Шӯравӣ: Москва, Ленинград, Тошкент ва ғайра дар як муддати кӯтоҳ барои ташаккулу дурнамои рушди ояндаи илми таърих дар Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам омад.

[1] Ҳамон ҷо. С. 468.

Таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон (1924), сипас ҶШС Тоҷикистон (1929), ки барои ташаккули худшиносии миллӣ мусоидат мекард, ба сифати яке аз масъалаҳои муҳиму расмии давлатӣ, зарурати омӯзиши илмии таърихи гузаштаро пеш овард. Дар ҳолате ки ақидаҳои миллатгароии пантуркистӣ ҳанӯз аз миёнаи асри XIX арзи ҳастӣ намуда, дар даҳсолаи аввали баъди барқароршавии Ҳокимияи Шӯравӣ бо суръати баланд рушд меёфт ва яке аз ғояҳои марказии он аз комилан инкор намудани таърихи тамаддунофари сокинони азалии Осиёи Марказӣ – тоҷикон иборат буд, ҳифзи арзишҳои таърихӣ, табиист, ба madди аввал баромад.

Акнун дар асоси маъхазҳои хаттӣ ва маводи бостоншиносӣ муайян кардани мавқеи тамаддунофари тоҷикон, ташкилёбии аввалин давлати комилан мустақил, пуриқтидору доманфарохи онҳо – давлати Сомониён ба дараҷаи масъалаи марказии таърихнигории миллӣ табдил меёфт.

Аз муаррихони миллии замони Шӯравӣ аввалин шуда Садриддин Айнӣ ҳанӯз соли 1920 аз нақши таърихии Сомониён ёдовар шуда, навишта буд: «Мо аз таърихи қадим чашм пӯшида, танҳо аҳволи пас аз исломиятро ба назар орем, мебинем, ки ба ҳар кори маданӣ пештару роҳбар тоҷикон буданд. Чунончи, дар аҳди Сомониён адабиёт ва саноеъ чӣ қадарҳо пеш рафта ва роҳбарони ин корҳо тоҷикон буданд. Он иморатҳои бузург, кӯшкҳои фалакнамой, айвонҳои кайвонбунён ва боғҳои ҷаннатнишон, ки дар аҳди Сомониён дар Бухоро бунёд ёфта буд, муассиси ҳамаи инҳо тоҷикон буданд. Таъсири ин маданият буд, ки ҷаҳонгири бузург – Темури Курагон «Тузуки темурӣ»-ро ба тоҷикӣ навишт. Сарои худро аз уламо ва удабои тоҷик зинат дод, катибаҳои ҳамаи иморатҳои худро ба тоҷикӣ сабт кунонд»[1].

С. Айнӣ ба ташаккули забону назми оламгири тоҷикон рӯ оварда, шукӯҳу шаҳомати фарҳангии бесобиқаи ин халқи бо-

[1] Айнӣ С. Публитсистика, мақола, ҳикоя ва фелетонҳо // Куллиёт. – Ҷ.9. – Душанбе: Ирфон, 1969. С. 217.

стонро дар аҳди Сомониён кушода тавонист. Асари ин адибу муаррихи масъулияти ташкилу пешбурди адабиёти навини тоҷикро ба зимма дошта – «Намунаи адабиёти тоҷик», ки соли 1925 дар Самарқанд мураттаб шуда ва соли 1926 дар Маскав ба табъ расидааст, дар воқеъ, муждае буд аз оғози сомониёншиносии Шӯравӣ.

Садриддин Айнӣ он замон ҳанӯз шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо накарда бошад ҳам, бо як хиради азалӣ зарурати ба таърихи тоҷикону пойгоҳи тамаддунофари он – давлати Сомониён ҷиддан рӯ овarданро эҳсос намудааст. Ин муносибати олимонаву одилонаи ӯ нисбат ба таърихи халқаш дар оғози пешгуфтори ба китоб бахшидааш равшан ба назар мерасад. «Аз бозе ки вақоеъро таърих қайд мекунад, – ишора намудааст муҳаққиқ, – то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳру Туркистон, чунон ки як қавми муаззам бо номи «тоҷик» ё ки «тозик» истиқомат дорад, ҳамчунон забону адабиёти эшон ҳам ривоҷ ёфта омадааст. Ривоҷи забону адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳру Туркистон махсус ба асре ё тасаллути подшоҳеву амире нест. Чунончи мо мебинем, адабиёти тоҷик дар ин сарзамин дар аҳди Сомониён, ки ирқаи форсизабон ҳастанд, чӣ қадар ривоҷ дошта бошад, дар замони авлоди Чингиз, Темур, Шайбонӣ, Астархонӣ ва манғит, ки ирқаи муғул, турк ва ӯзбак ҳастанд, ҳамон қадар ривоҷ ёфта ҳаст. Пас маълум мешавад, ки ривоҷи забону адабиёти тоҷик дар ин ҷоҳо маҳз бо сабаби тасаллути Сомониён ё ки муҳоҷирати эрониён набуда, сабаби ҳақиқӣ мавҷудияти як қавми бузург ба номи «тоҷик», ки мансуб ба ирқи орист, дар ин ҷоҳост»[1]. Ба ин иқтибос агар таваҷҷуҳ мекунем, мебинем, ки устод С.Айнӣ бо дарки воқеияти таърихӣ миёни Мовароуннаҳр ва Туркистон ҳад гузоштааст. Дар манобеи таърихӣ низ миёни ин мафҳумҳои ҷуғрофиёӣ ҳамеша фарқ гузоштаанд. Чуноне ки муаллифи рисолаи «Атабату-л-катаба» менависад: «Худо-

[1] Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Чопхонаи «Mega Basim», 2010. С. 9.

ванди олам Муизуддунё ва-д-дин (лақаби султон Санҷари Салҷуқӣ) мамолики Мовароуннаҳр ва билоди Туркистонро ба ибни ами ӯ хоқон Ҳасан Тегин арзонӣ дошт».[1]

Бо номи Туркистон, ки онро Ясӣ низ мегуфтанд, дар ҷануби Қазоқистони имрӯза, дар 160 километрии Чимкент шаҳри қадим мавҷуд аст, ки онро 12 июни соли 1864 баъд аз муқовиматҳои шадид гурӯҳи полковник Верёвкин, ки бо дастаи низомиёни русии 1200 нафара аз тарафи Оренбург ба ин самт ҳаракат карда буд, ишғол кард. Истилоҳи ҷуғрофиёии Туркистон дар мафҳуми густурдааш баъд аз он ки Русия ба ишғоли сарзаминҳои Осиёи Миёна оғоз кард ва 5 феврали соли 1865 аз ҳисоби заминҳои ишғолшуда аз хонии Хуқанд вилояти Туркистонро дар ҳайати генерал-губернатории Оренбург таъсис дода, сарвари ин вилояти навбунёдро ба генерал Черняев супорид, арзи вуҷуд намуд.

Моҳи марти соли 1867 ба дастури императори Русия як кумитаи махсус бо сарварии вазири ҳарбӣ барои баррасии мавзӯи сохтори идории сарзаминҳои нави ишғолшуда дар Осиёи Миёна ташкил шуд. Баъди омӯзиши ин масъала кумитаи махсус ба хулосае омад, ки сарзаминҳои ишғолшуда ба сохтори нави идорӣ зарурат доранд ва ба ин далел вилояти Туркистонро, ки дар ҳайати генерал-губернатории Оренбург таъсис дода шуда буд, аз ҳайати он баровардa, ба ниҳоди мустақили низомию маъмурӣ табдил дод. Ин назари кумитаи махсус дар қолаби як гузориш ба император ироа гардид ва он аз ҷониби императори Русия тасвиб шуд ва бар асоси он дар моҳи июли соли 1867 генерал-губернатории Туркистон бо маркази Тошканд таъсис ёфт. Истилоҳи ҷуғрофиёии «Туркистон» ба сарзаминҳои ишғолшуда, мисли Самарқанд, Хуҷанд, Уротеппа, Нов, Ҷиззах, Тошкант, навоҳии водии Зарафшон ва ғайра, ки дар онҳо аксаран тоҷикон зиндагӣ мекарданд аз ҷониби Русия таҳмил гардид. Ба ҷуз аз бахше вилояти Ҳафтрӯд, дигар сарзаминҳои ишғолӣ дар ҳайати генерал-

[1] Мунтаҷабуддин Бадеъ Атобак ал-Ҷувайнӣ. Атабату-л-катаба. С.4.

губернатории Туркистон аз нигоҳи таърихӣ ва этникӣ ба Туркистон ҳеҷ робитае надоштанд. Дигар ин ки дар ин ҳудуд теъдоди туркнажодон нисбат ба эронинажодон ба маротиб кам буданд. Ин номгузории барғалат, ки аз натиҷаи дар доираи ҳукуматдорону низомиёни Русияи подшоҳӣ нодида гирифтани воқеияти таърихӣ ва ҳайати этникии ин сарзамин сарчашма мегирад, дар солҳои 20-уми асри гузашта дар тақсимоти ҳудудии Осиёи Миёна таъсири манфии худро гузошт.

Устод С.Айнӣ хост собит кунад, ки Мовароуннаҳр маҳди забону адаби тоҷикист ва ба ин манзур «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро навишта, танҳо такя ба шоирону адибоне кард, ки дар ин қаламрав зиндагӣ кардаанд. Дар суҳбате, ки соли 1940 бо шарқшиноси барҷаста И.С.Брагинский устод С. Айнӣ дошт, иқрор шудааст, ки камбудии «Намунаи адабиёти тоҷик» дар он дида мешавад, ки шоирони тоҷик мисли Фирдавсӣ, Хайём ва дигарон, ки берун аз ҳудуди имрӯзаи Осиёи Миёнаи Шӯравӣ зиндагиву фаъолият доштанд, шомили ин китоб нагардидаанд. Сабаби чунин муносибатро устод ба вазъи сиёсии замон пайвастааст[1]. И.С. Брагиский чун шоҳиди ҳол, ёдовар шудааст, ки С.Айниро дар он вақт барои майл ба панэронизм ва дар китоб ворид намудани шеъри Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме» гунаҳгор карда буданд. Мисраъҳои дар ин қасида доир ба ташвиқи амир Наср ибни Аҳмади Сомонӣ барои аз Ҳирот ба Бухоро баргаштан ҷой доштаро рамзи даъват намудани амири дар натиҷаи инқилоб соли 1920 сарнагуншудаи Бухоро, шарҳ дода, адибро чун тарафдори қувваҳои аксулинқилобӣ айбдор намуданд.

И.С. Брагинский солҳои 20-ум маҳз дар ҳамин вазъи ногувор қарор доштани С.Айниро дар назар дошта, қайд намудааст: «Дар чунин вазъият С. Айнӣ наметавонист ба ин тазкира чунин шоирон, мисли Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва бисёр ди-

[1] Брагинский И.С. Двадцать пять встреч с Садриддином Айнӣ // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи IV. – Душанбе, Дониш, 1971. С.301-302

гаронро ворид намояд. Инро дар аснои суҳбат ӯ ба ҳайси камбудӣ арзёбӣ карда, адиб доир ба зарурати ислоҳ намудан чунин ибрози назар намудааст: «Барои он ки касе нагӯяд тоҷикон ҳуқуқи форсҳоро ба мероси умумии классикӣ ба инобат намегиранд, мо ин шоиронро «форс-тоҷик» ном мебарем. Тоҷикон инро рад намекунанд, вале аз ҳаққи худ даст кашиданӣ нестанд...». Ҳаминро ба асос гирифта, С.Айнӣ истилоҳи «форс-тоҷик», ё «адабиёти форсу тоҷик»-ро мавриди истифода қарор дод, ки дар ҳоли ҳозир илм онро қабул кардааст»[1].

Аз ин рӯ, аз кадом самте, ки ба гуфтаҳои устод С.Айнӣ – шахсияти воқеан дар саргаҳи илми таърихи ватанӣ қарордошта назар накунем, аз онҳо чунин ҳақиқати маҳз мебарояд: 1) тоҷикон ориёинажод буда, сокинони азалии Осиёи Марказӣ ҳисоб меёбанд; 2) асосгузори давлати шукӯҳманди Сомониён тоҷикон буданд.

Маълум аст, ки дар тазкираҳо Рӯдакӣ танҳо ба сифати асосгузори шеъри форсӣ ба эътибору эътирофи баландтарин соҳиб шудааст. Масалан, Рашидии Самарқандӣ ба таври рамзӣ дар ин мисраҳо ӯро зеби сари шоирон хондааст:

*Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некӯшоирӣ,*
*Рӯдакиро бар сари он шомрон зебад сарӣ.*

Ё байти Низомии Арӯзӣ:

*К-он кас, ки шеър донад, донад, ки дар ҷаҳон,*
*Соҳибқирони шоирӣ устод Рӯдакист.*

Дар ин радиф ҳамчунин наметавон аз баҳои муаррихи арабзабони зодаи Марв Абӯсаъид Тамимии Марвазӣ (тав. 1113), ки маъруф ба Самъонист, ёдовар нашуд. Ин муаллиф ба зодаи Самарқанд будани Рудакӣ ишора карда, мегӯяд: «Ва

[1] Брагинский И.С. Двадцать пять встреч с Садриддином Айнӣ. С.302-303.

бад-ин ҷо Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ҳаким ибни Абдурраҳмон ибни Одами Рӯдакӣ – шоири самарқандӣ маъруф аст, ки гуфтораш ба форсӣ малеҳ ва девонаш дар шаҳрҳои Аҷам пароканда аст. Шеъри ӯ накӯ ва гуфтораш матин аст. Ва вай аввал касест, ки ба форсӣ шеъри хуб гуфтааст»[1].

Муаллифи номбурда, барои тақвияти назари худ, ба гуфтаҳои бузургони қаблӣ истинод намуда, қайд кардааст: «Абӯсаъди Идрисии Ҳофиз (адиб ва муаррихи аразабони асри XI – Ҳ.П.) гуфтааст: «Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар замони худ дар шеъри форсӣ бар ҳамгинони худ пешӣ дошт». Самъонӣ ҳикояти шунидаашро, ки ба Балъмӣ мансубият дорад, чунин бозгӯӣ намудааст: «Абулфазли Балъамӣ – вазири фармонравои Хуросон Исмоил ибни Аҳмад мегӯяд, ки Рӯдакиро дар Арабу Аҷам назир нест»[2].

Албатта, метавон боз чандин иқтибосоти тавсифотии ба устод Рӯдакӣ бахшидашударо пеш овард. Вале хизмати бузурги устод С. Айниро ба ҳайси расман сардафтари адабиёти тоҷику форс эътироф шудани зодаи фазои адабии замони Сомониён Абӯабдулоҳ Рӯдакӣ дар он аст, ки ӯ ин маълумоти маъхазиро аз мизони воқеъбинонаи илмӣ гузаронда, тавонист дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф намудани мақоми ин шоири тоҷикро чун сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик комилан асоснок намояд.

С. Айнӣ аз аввалин адабиётшиносони дар пояи воқеан илмӣ қарордошта, ба устод Рӯдакӣ чунин баҳо додааст: «Назар ба иттифоқи аҳли тазкира ва тароҷими аҳвол, устод Рӯдакӣ аввалкасест, ки шеъри форсиро аз қасида, ғазал, қитъаву рубоӣ тадвин карда.

Ҳарчанд пеш аз Рӯдакӣ мисли Баҳроми Гӯр, ҳаким Абӯҳафзи Суғдӣ ва Хоҷа Абулаббоси Марвазӣ шеъри форсӣ

---

[1] Самъонӣ. Китобу-л-ансоб // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (Мутуни арабиасос). – Хуҷанд: Нашриёти давлати ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. С. 276.

[2] Самъонӣ. Китобу-л-ансоб. С.276.

иншо карда бошанд ҳам, гуфтаи эшон ба дараҷаи девон нарасида, бинобар ҳамин сабаб номи Рӯдакӣ ба сардафтарии «Намунаи адабиёти тоҷик» гузашт...

Ба ҳар ҳол, зуҳури устоде мисли Рӯдакӣ аз Мовароуннаҳр боиси ифтихори тоҷикон аст»[1].

Дар ин радиф бояд қайд кард, ки устод С. Айнӣ дар асари номбурда аз шоирони тоҷику форси замони Сомониён: Фазл ибни Аббос, Дақиқӣ (Абӯмансур Муҳамад), Оғочии Бухороӣ (Мирзо Абулҳасан), Абӯнасри Форобӣ, Маънавии Бухороӣ, Маҷдуддин Абӯисҳоқи Кисоӣ, Абӯалӣ Сино ёдовар шуда, намунаи ашъори эшонро пешкаши хонандагон намудааст[2]. Дар маҷмӯъ, ишораҳои дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷой дошта, далоили боэътимоде ҳисоб меёбанд, ки аз ташаккули забони адабии тоҷик дар замони Сомониён дарак медиҳанд. Ҳамин кӯшиши барои илм ниҳоят ниҳоят зарурии С.Айнӣ дар мақолаи «Устод Рӯдакӣ», ки соли 1940 ба табъ расондааст[3], бештар тақвият ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки оянда, бо мурури эътирофи мақому эътибори илмии устод С.Айнӣ дар таҳқиқи таъриху фарҳанги тоҷику форс, дар маҷмӯъ тамоми Осиёи Марказӣ, дар доираи роҳбарияти олии Иттиҳоди Шӯравӣ ва шарқшиносии сатҳи байналмилалӣ, барои ибрози озодонаи ақидаҳои илмии эшон заминаи мусоид фароҳам омад. Ба ҳайси аввалин Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудани устод (14 апрели соли 1951) намунаи амиқи эътирофи пешсафии илмии ӯ буд. Маҳз ҳамин пешсафиро дар назар дошта, собиқ Раиси филиали тоҷикистонии АИ ИҶШС, академики АИ ИҶШС. Е.Н. Павловский ҳангоми номзадии устодро ба ин фазифаи масъул пешниҳод кардан, иброз доштааст: « Устод Айнӣ оғозгари таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи улуми иҷтимоӣ дар асри XX Тоҷикистон аст»[4].

---

[1] Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. С. 17.
[2] Ниг.: Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. С. 17-21.
[3] Ниг.: Айнӣ С. Устод Рӯдакӣ // Шарқи сурх. – 1940. – № 2-4.
[4] Айнӣ К.С. Дебоча ба кит.: Айнӣ С. Шайхураис Абӯалӣ Сино. – Душанбе:

Дар воқеъ солҳои 30 ва 40-уми асри гузашта, хулосаҳои илмии С.Айнӣ доир ба ин ё он масоили таърихиву фарҳангии замони асримиёнагӣ ва нави тоҷику форс ва соири дигар халқҳои Осиёи Марказӣ чун ҳақиқати қобили қабул дар илм эътироф мешуданд. Бесабаб нест, ки то имрӯз мероси гаронбаҳои устод таровати илмии худро нигоҳ медорад. Ин дар мисоли хулосаи ӯ доир ба мақоми таърихии давлати Сомониён равшан ба назар мерасад.

Чи тавре дар боло ишора рафт, гарчанде устод С.Айнӣ ба таҳлили таърихи давлати Сомониён таҳқиқоти махсус набахшида бошад ҳам, дар саргаҳи воқеан омӯзиши илмии ин масъала қарор доштану онро аввалин шуда чун давлати шукӯҳманди тоҷикон нишон додан, аз хизмати бесобиқаи таърихии муҳаққиқ дар ин ҷода гувоҳӣ медиҳад.

Бесобиқа шинохтани хизмати ӯ ҳаргиз маънои онро надорад, ки дар таърихнигории давраи тӯлонии собиқ таърихи Сомониён ҷой надошта бошад. Бобҳои қаблии таълифоти мазкур доир ба ҳамеша дар осори муаррихони асри миёнагӣ ва давраи нав ҷой доштани таърихи Сомониён бо такя ба далелҳои сарчашмавии боэътимод сухан рафт. Вале борҳо ишораи ҳақиқате пеш оварда шуд, ки маълумоти дар маҷмӯъ ниҳоят қавии муаррихон характери илмӣ надошта аз бозгӯии оддии воқеаҳо беш буда наметавонист. Аз тарафи дигар, то ибтидои асри XX, аниқтараш то барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ ва эътирофи илмии тоҷикон чун халқи эронинажод, ки роҳи тӯлонии ба худ хоси таърихиро тай намуда, чун миллати воҳид ташаккул ёфтааст, касе аз муаррихон давлати Сомониёнро чун давлати комилан хоси тоҷикон муаррифӣ накардааст. Муаррихон онро ҳамеша қисмати таърихӣ ва таркибии давлати Форсу Эрон муаррифӣ намудаанд. Аз ин рӯ, устод С.Айниро ба ҳайси гиреҳкушои ҳақиқати таърихӣ дар шинохтани давлати тамаддунофари Сомониён чун давлати тоҷикон бояд эътироф кард.

Матбуот, 2005. С.IV.

Ҳарчанд устод С.Айнӣ ба ин далел ҳанӯз соли 1926 дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ишора карда бошад ҳам, вале дар рисолаи «Шайхурраис Абӯалӣ Сино», ки соли 1940 бо алифбои лотинӣ дар Сталинобод (Душанбе) ва соли 1941 дар Ленинград (Санкт-Петербург) бо ҳуруфоти кириллӣ рӯи чоп дидааст[1], бештар таваҷҷуҳ намуда, ин қазияро боз возеҳтар кушодааст. Аз ҷумла дар ин китоб омадааст: « Баъд аз тахминан 200 соли истилои араб Эрон ва Азияи Миёнаро, дар канораҳои мамлакат – дар ҷоҳои дуртар аз маркази хилофат ҳукуматҳои феодалии миллӣ ташкил ёфтанд, ки онҳо исман ва расман ба Бағдод (маркази хилофат) тобеъ буда, ҳақиқатан дар худ мустаҳкам буданд. Яке аз бузургтарин ва дарозумртарини ин гуна ҳукуматҳо ҳукумати Сомониён буд...

Кам-кам сулолаи Сомониён қувват ёфта, аввал Самарқандро ба худ марказ карда, дар вақти Исмоили Сомонӣ Бухороро пойтахти худ намуда, аз соли 875 то 999 дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳукумат ронданд.

Мовароуннаҳр ва Хуросон, ки дар вақти истилои араб тамоман ба тороҷ рафта буд... Аммо дар вақти ҳукумати Сомониён ҳукумат марказият пайдо кард ва эксплотатсия қариб аз тарафи як даст – дасти ҳукумати марказӣ мерафт. Баъд аз он ки Сомониён дар Хуросон ҳукумати Саффориёнро тамоман нест карданд, дар шарқ ва шимол роҳи ҳуҷуми кӯчманчиёни бодиягардро бастанд ва дар дохил феодалеро, ки даъвои ҳукумат кунад, боқӣ нагузоштанд. Мовароуннаҳр ва Хуросон аз дохил ва хориҷ амнияти куллӣ пайдо кард...

Сабаб ин буд, ки дар замони шавкати Сомониён Хуросон ва Мовароуннаҳр нисбат ба замони бевосита ҳукумат рондани волиёни араб ба таври шинохтаношуданӣ ободӣ пайдо кард... Дар замони Сомониён баробари мустақил шудани ҳокимияти миллии феодалӣ забон ва адабиёти миллӣ – форсӣ, ки дар охирҳо дар Азияи Миёна номи тоҷикиро гирифт, таш-

[1] Ниг. Айнӣ С. Куллиёт. – Ч.II (китоби якум), – Душанбе, 1963. С.51-88. 487)

кил ёфт... Абулҳасани Рӯдакӣ, Муродии Бухорой, Дақиқӣ ва дигарҳо дар ҳамин давра расидаанд, ки онҳо сардафтари адабиёти баъд аз исломии форс – тоҷик ҳисоб мешаванд... Дар замони шавкати Сомониён Бухоро ранги Бағдоди дуюмро гирифт, аз ҳар тараф ба ин дарбор рӯ оварданд, донишмандони маҳаллӣ расиданд ва дар шаҳри Бухоро китобҳои нодири дунё ғун гардиданд»[1]. Ҳадаф аз овардани чунин иқтибоси тӯлонӣ дар он аст, ки дараҷаи баҳои воқеъбинонаи устод ба бартарияти давлатдории Сомониён чун дастоварди муҳимтарин ва бесобиқаи тоҷикон равшантар эҳсос шавад.

Дар ин ҷо ба як нуқта бояд диққат дод, ки устод ба ҷои мафҳуми «халқият» «миллат»-ро овардааст, ки барои воқеияти замони феодалӣ мувофиқат намекунад. Ин худ нишонаест аз ҳанӯз боқӣ мондани таъсири забони арабӣ, ки маъмулан мафҳуми миллатро ба ҷои халқият истифода мебаранд.

Доир ба масъалаи мансубияти Сомониён ба даҳои давлатсолории тоҷикон дар дигар асари Устод С. Айнӣ «Маънии калимаи «тоҷик» дар луғатҳо ва ҷои кор фармуда шудани он дар таълифоти муаллифони Шарқ ва баромадгоҳи ин калима» боз возеҳтар баён ёфтааст. Аз ин рӯ ба таҳлили вожаи «тоҷик», ки устод С. Айнӣ дар асоси маъхазу луғатҳои зиёди мухталиф ниҳоят дақиқназарона маънидод намудааст, банд нашуда, фақат бо овардани баъзе аз нуктаҳо дар иртиботи фарҳанги тоҷикони аҳди Оли Сомони иктифо мекунем. Аз ҷумла устод ба фарҳангсолории тоҷикон, ки дар тамоми таърихи тӯлонии онҳо дар Осиёи Марказӣ ва ҷаҳони ислом ҳамеша пешсаф будаанд, ишора намуда, ин рисолати азалии онҳоро дар замони Сомониён дақиқан чунин муайян намуда:»Тоҷикон дар замони пеш (масалан, дар замони Сомониён) маданитарини халқҳои Шарқи исломӣ буданд.

Тоҷикон дар асри Х устод Рӯдакӣ барин доҳии забон ва санъатро расонданд, ки тамоми халқҳои фосизабон дар

[1] Пурратар ниг.: Айнӣ С. Шайхурраис Абӯалӣ Сино. – Душанбе: «Матбуот», 2005. С.3-9

адабиёти оламшумули худ аз ин устод миннатдор мебошанд. Аз миёнаи тоҷикон ва дар асри X расида баромадани устод Рӯдакӣ як ҳодисаи тасодуфӣ набуда, балки ифодакунандаи таланти миллии ин халқ аст. Дар ҳамон давру замон расида баромадани Хусравонӣ, Шаҳиди Балхӣ, Муродии Бухороӣ, Дақиқӣ ва дигар шоирони бузург ва баъд аз замони Рӯдакӣ ва бевосита ба замони ӯ расидани Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ барин шоирон ин қавли моро исбот мекунанд... Тоҷикон хидмати худро дар илму адабиёт дар асрҳои поинтар ҳам – дар асрҳое ҳам, ки ба сабаби шабу рӯз бо ҳам ҷангидани амирону хонон ва ба сабаби зулму бедоди аз ҳад зиёди онҳо мамлакат хеле хароб шуда буд, низ давом додаанд»[1].

Устод С.Айнӣ ин баҳои худро нисбат ба точикону давлатдории Сомониён идома дода, менависад: «Тоҷикон натанҳо дар илму адабиёт хидмат кардаанд, балки онҳа ба сифати арбоби давлату сиёсат ҳам дар олам Шарқ, хусусан дар Осиёи Миёна ва Эрон, ролҳои калон бозӣ кардаанд.

Мо дар хусуси Сомониён аз ҷиҳати шуҳраташон чизе нагуфтаем, фақат ҳаминро хотиррасон мекунем, ки тамоми халқи тоҷику форс дар хусуси ин ки баъд аз истилои араб мисли як миллат бо забон, адабиёт ва маданияти худ дар ҷаҳон боқӣ мондаанд, аз Сомониён миннатдоранд (ба китобе, ки таҳқиқотчии бузурги муосири мо – Саид Нафисӣ ба Рӯдакӣ бахшида навиштааст, мурочиат карда шавад). Аз тоҷикон вазирон ва арбоби сиёсат бисёр баромадаанд ва бештарини онҳо барои мустаҳкам намудани давлат ва обод кардани мамлакат хидматҳои намоён кардаанд»[2].

Чи тавре аз мазмуни осори ба таъриху фарҳанги форсу тоҷик бахшидаи устод С.Айнӣ бармеояд, ӯ ин решапайвандиро амиқ эҳсос менамояд ва дар байнии он садде гузоштанӣ нест. Вале бархилофи муаррихони арабу форси

---

[1]Айнӣ С. Маънии калимаи «Тоҷик» ва дар луғатҳо кор фармуда шудани он дар таълифоти муаллифони Шарқ ва баромадгоҳи ин калима //С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2010. – С. 372-373.
[2] Ҳамон ҷо. С.374.

(тоҷики) асримиёнагӣ ва муҳаққиқони замони нав, ки бо сабабҳои дар боло ишораёфта, мавқеву мақоми тоҷиконро дар ин раванди дар назар тавъами таърихӣ ҷудо накарда буданд, устод С.Айнӣ тавассути эҳсоси воқеан илмии худ, тавонист мақоми муайянкунандаи тоҷиконро дар фазои доманфарохи фарҳангии Осиёи Марказӣ ва Эрон кушода тавонад. Хосатан давлати Сомониёнро чун даҳои давлатофарии тоҷикон нишон додани ӯро бояд чун падидаи ниҳоят воқеъбинонаи илмӣ, дар таърихнигории миллӣ, бояд шинохт. Дар маҷмӯъ устод С.Айнӣ барои омӯзиши воқеан илмии таърихи халқи тоҷик пойдевори ниҳоят қавӣ гузошт. Маҳз он заминаи муътамаде гардид, барои дар оянда рӯи кор омадани таърихи мукаммали тамаддунофару ифтихоровари халқи тоҷик.

## Сомониёншиносии Шӯравӣ дар солҳои 30-40-ум

Анҷоми гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илм дар солҳои 20-ум, ки дар он С.Айнӣ нақши калидӣ дошт, баъди таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон (соли 1929) бо дастгирии марказҳои бонуфузи илмии Иттиҳоди Шӯравӣ имконияти бештаре пайдо кард.

Акнун масъалаҳои зарурии соҳа бевосита дар ҷумҳурӣ тарҳрезӣ шудаву ҳалли худро меёфтанд. Зарурати дар оянда ба талаби замон мувофиқ ба роҳ мондани илм, аз ҷумла таърих дар доираҳои олии роҳбарияти ҷумҳурӣ ҳар чӣ бештар эҳсос мешуд. Аз ин рӯ дар асоси қарори раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии (КИМ) Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 28 январи соли 1930 дар назди КИМ Кумитаи илм таъсис ёфт.

Баъди гузаронидани корҳои зарурии ташкилӣ, Шӯрои Комиссариати Халқии ҶШС Тоҷикистон доир ба ташкил намудани «Институти илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон» қарор қабул намуд. Ин қарор масъалаи боздиди фаъолияти «Ҷамъият доир ба омӯзиши Тоҷикистон ва халқиятҳои эронии берун аз ҳудуди он»-ро пеш овард.

Ҳамин тариқ, таъсисёбии Институти илмӣ-таҳқиқотии ҶШС Тоҷикистон (ИДИТТ) дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ навиде буд аз мустақилияти илмӣ ҷумҳурӣ ва кушодани уфуқҳои рушди бемайлони он. Танҳо баъд аз таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон то 1932 фаъолият намудани беш аз 30 муассисаю ҷамъиятҳои гуногуни илмӣ, барои ташаккули раванди илмӣ-таҳқиқотӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд,

Таъсисёбии Пойгоҳи (База) тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС соли 1932 аз мавҷуд будани имконияти мусоид барои чунин сохтори ҷиддии илмии сатҳи умумиттифоқ дарак медиҳад. Ташкил намудани сектори махсуси таъриху лингвистӣ далелест аз ҳар ҷӣ бештар мустаҳкам шудани мавқеи омӯзиши таърих дар ҷумҳурӣ. Табиист, ки таъсисёбии чунин воҳиди бонуфузи илмӣ зарурати ба он ворид намудани ИДИТТ-ро пеш овард. Аз ин рӯ дар асоси қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон ИДИТТ аз 28 марти соли 1933 ба сектори таърих у лингвистии Пойгоҳи Тоҷикистонии АИ ИҶШС ҳамроҳ карда шуд[1].

Пойгоҳи тоҷикистонии АИ ИҶШС дар солҳои фаъолияти худ (1932-1940) бо тамоми мафҳум ба маркази муайянкунандаи иқтидори илмии ҷумҳурӣ табдил ёфт. Дар асоси секторҳои мавҷудаи илмӣ соли 1940 чор институтҳои таҳқиқотӣ ташкил ёфт. Аз ин сетоаш равияи илмҳои табиӣ (геология, ботаника, зоология ва паразитология) дошта, чаҳорумаш дар равияи илмҳои гуманитарӣ (таърих, забон ва адабиёт) таҳқиқот мебурд. Институти таърих, забон ва адабиёт дар асоси қарори Шӯрои Комиссарони Халқи ҶШС Тоҷикистон аз 2 июли соли 1940 расман таъсис ёфт. Пойгоҳи тоҷикистонӣ ҳамасола ба раёсати АИ ИҶШС ҳисоботи мукаммал пешниҳод мекард, ки дар онҳо дастовардҳои назарраси илмӣ дар самтҳои таҳқиқотӣ нишон дода мешуданд.

Маҳз натиҷаи ҳамин дастовардҳо буд, ки барои тағйири

---

[1] Масов Р.М. История исторической науки и историография социалистическог строительства в Таджикистане. – Душанбе: Дониш, 1988. – С. 70.

шинохти расмии пойгоҳ заминаи мусоид фароҳам омад. Бо назардошти дастовардҳои ҷиддӣ дар фаъолияти таҳқиқотии Пойгоҳи тоҷикистонии ШКХ ҶШС Тоҷикистон ба хулосае омад, ки ба ШКХ ИҶШС масъалаи ба филиали АИ ИҶШС табдил додани онро пешниҳод намояд.

Ин пешниҳодро ба назар гирифта, ШКХ ИҶШС доир ба табдили Базаи тоҷикистонӣ ба Филиали тоҷикистонии АИ ИҶШС аз 19 ноябри соли 1940 (№ 2341) қарор ирсол намуд[1]. Ташкилёбии чунин пойгоҳи муҳим барои рушди илм дар ҷумҳурӣ имконияти боз бештареро фароҳам овард. Ин дар мисоли дастовардҳои нисбатан назаргири илми таърих равшан эҳсос мешуд. Аз чунин раванди муфиди илмӣ сомониёншиносӣ дар канор буда наметавонист.

Хусусияти хоси ин самти илмӣ дар он зоҳир мегашт, ки таваҷҷуҳи олимони рус ва дигар халқияту миллаҳои бевосита дар ҷумҳурӣ фаъолияти илмии худро ба роҳ монда, бештар афзуд. Акнун вобаста ба заҳмати онҳо, хулосаи С.Айнӣ доир ба тоҷикон мансубияти пурра доштани давлати Сомониён бештар тақвият мегирифт.

Муҳаққиқон дар солҳои 30-юм бештар ба омӯзиши тарафҳои мухталифи фарҳангӣ: санъати шаҳрсозии замони Сомониён, истихроҷи маъдан, тиҷорат ва фарҳангу илм диққат додаанд. Ин дар силсилаи таҳқиқоти ба таърихи қадимаи шаҳри Тирмиз бахшидаи Б.П.Денике[2], Б.Н.Засипкин[1],

[1] Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941 гг. Сборник документов, в двух томах. – Том I. – Душанбе: Ирфон, 1966. С.398.

[2] Денике Б.П. Резная штуковая декорация в Термезе // Тр. секции искусствознания российской Ассоциации научно-исследовательских институтов общуственных наук ( РАНИОН). – М.,1928. – Т.III. С.61-65; Ҳамин муаллиф: Изображение фантастических зверей в Термезской резной декорации // Искусство Средней Азии. РАНИОН, 1930; Ҳамин муаллиф: Прикладное искусство Средней Азии // Художественная культура Советского Востока. – М.; Л.,1931; Ҳамин муаллиф: Архитектурный орнамент Средней Азии. – М.; Л., 1939; Ҳамин муаллиф: Резная декорировка здания, раскопанного в Термезе // III Международный конгресс по иранскому искусству и археологии. – М.; Л.,1939.

В.Д.Жуков[2], «Ёдгориҳои меъмории Бухоро»-и В.А.Шишкин[3], маводҳои дар ковишҳои шаҳраки бостони Арбинҷон пайдо кардаи А.Ю. Якубовский[4], таҳқиқоти В. Л. Вяткин доир ба истеҳсоли маҳсулоти сафолин[5], М.Е.Массон доир ба истихроҷи маъдан[6], Л.И. Ремпел масоили вобаста ба хусусияти меъмории мақбараи Исмоили Сомонӣ[7] таҷассум ёфтанд. Аз хусуси омӯзиши илму фарҳанги замони Сомониён дар солҳои 30-юм мебояд аз хизмати В.Н.Терновский, А.Ю. Якубовский, А.Я.Борисов[8] ва дигарон ёдовар шуд.

[1] Засыпкин Б.Н. Памятники архитектуры Термезского района // Культура Востока. – Т.II. – М.,1928.

[2] Жуков В.Д. Археологическое обследование в 1937 г. двора термезских правителей // Изв. АН УзССР. Серия 1. История, археология. Термезская археологическая комплексная экспедиция. – Ташкент. 1945. – Т. 2. С. 133-162.

[3] Шишкин В.А. Архитектурные памятники Бухары. – Ташкент 1936. С.18-19.

[4] Якубовский А.Ю. Археологическая экспедиция в Зарафшанскую долину 1934 г. // Труды Отдела Востока Государственного Эрмитажа (ТОВГЭ). – Л., 1940. – Т. II. С. 157-162; Ҳамин муаллиф: Феодальное общество Средней Азии и его торговля с Восточной Европой в X-XV вв. // Материалы по истории Узбекской, Таджикской и Туркменской ССР. – Л.,1932. – Ч.I; Ҳамин муаллиф: Из истории археологического изучения Самарканда // ТОВГЭ. – Л.,1940. – Т.II.

[5] Ниг.: Вяткин В.Л. Городище Афрасияб. – Ташкент, 1927.

[6] Массон М.Е. К истории добычи ртути в Средней Азии // Народное хозяйство Срелней Азии. – Ташкент, 1930. – № 5. С. 92; Ҳамин муаллиф: Из истории горной промышленности Таджикистана. Былая разработка полезных ископаемых. – Л.,1934 // Материалы Таджиеско-Памирской экспедии. – 1933 г. – Вып. 20. С. 13, 18,19, 33 и посл.; Аз ҳамин муаллиф: К истории добычи азбеста в Средней Азии // За недры Средней Азии. – Ташкент, 1934. С. 93; Ҳамин муаллиф: Работы Термезской археологической комплексной экспедиции 1937 и 1938 гг. // Труды АН Узбекской ССР. Серия I. История, археология. Термезская археологическая экспедиция. – Ташкент, 1945. – Т.II ва ғ.

[7] Ремпель Л.И. Мавзолей Исмаила Самани // Архитектура СССР. – 1936. – № 5; Ҳамин муаллиф: Мавзолей Исмаила Саманида // Сб. Академии архитектуры. – № 5. – М.,1936.

[8] Ниг.: Терновский В.Н. Авицена, его жизнь и труды в области биологии и медицины // Тр. Казанского государственного медицинского института. – Т.II. – Казань, 1937; Якубовский А.Ю. Время Авицены // Изв Отдел.

Чи тавре аз муҳтавои илмии осори муҳаққиқони Шӯравии охири солҳои 20 ва солҳои 30-юми дар боло ишораёфта бармеояд, онҳо ғолибан ба осори ҳунармандиву фарҳангии давлати Сомониён диққат дода, таҳлили вазъи сиёсиву иқтисодии он замон то андозае аз мадди назар берун мондааст.

Вале таъсисёбии Филиали тоҷикистонии АИ ИҶШС ва дар ҳайати он ташкилёбии Институти таърих, забон ва адабиёт бо воҳидҳои (секторҳо) таърих, забон адабиёт ва эҷодиёти шифоҳӣ (фолклор)[1] вазъиятро тағйир дод. Тибқи қарори махсуси КМ ҲК (б) Тоҷикистон, ҳанӯз соли 1939 «вазифаи масъули таълифи китоби «Таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон»-ро ба зиммаи База гузошта шуд[2]. Барои иҷрои он аз ҳисоби олимон ва ходимони ҳизбию шӯравӣ бо сардории Б.Ғафуров, ки он замон мудирии Шуъбаи матбуоту нашриёти КМ ҲК (б) Тоҷикистон (солҳои 1937-1939) ва баъди чанде (1941-1945) котибии КМ ҲК (б) оид ба ташвиқоту тарғиботи ҷумҳуриро ба ӯҳда дошт, гурӯҳи корӣ ташкил ёфт. Дар заминаи ҳамин супориш, бахшида ба 20 солагии Инқилоби халқии Бухоро китоби Б.Ғафуров ва Н.Прохоров «Афтидани аморати Бухоро» рӯи чопро дид[3]. Гарчанде ин асар ба таърихи замони Сомониён иртиботе надошта бошад ҳам, ба раванди кори нақшавӣ оид ба омӯзиши таърихи тоҷикон ибтидо гузошт. Иҷрои нақшаи таҳқиқоти мукаммалро дар ин самт оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) халалдор намуд.

обществ. Наук АН СССР. – 1938. – № 3; Борисов А.Я. Авиценна как врач и философ // Изв Отдел. обществ. Наук АН СССР. – 1938. – № 1, 2; Бертельс Е.Э. Авиценна и персидская литература // Изв Отдел. обществ. Наук АН СССР. – 1938. – № 1 ва ғайра.

[1] 50 лет советской исторической науки. Хроника научной жизни. 1917-1967 гг. – М., 1971. С.225.

[2] Наука в Таджикистане // Труды Таджикского филиала АН СССР. – Т.XXI. Сталинабад, 1945. С.8.

[3] Гафуров Б., Прохорон Н.Н. Падение Бухарского эмирата. К 20-летию Советской революции в Бухаре (1920-1940 гг.). Сталинабад: Госиздат, 1940. – 96 с.

Акнун масъалаҳои таҳқиқотии нақшавии қаблан қабул шуда, қариб куллан тағйир ёфта, дар марказ мавзӯъҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ гузошта шуданд.

Ба ҳамаи мушкилот нигоҳ накарда, омӯзиши таърихи қадим, асримиёнагӣ ва муосири халқи тоҷик дар давраи фоҷиабори Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва мушкилоти азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ бештар мавриди омӯзиш қарор ёфт. Дар ин раванд, масоили марбут ба таърихи давлатдории Сомониён истисно буда наметавонист.

Доир ба масъалаи ҳунармандӣ соли 1943 мақолаҳои Е.А. Давидович «Шиша аз Нисо»[1], А.А.Биков «Дафинаи нави сиккаҳои куфӣ аз Тоҷикистон»[2], Б.Н. Засипкин «Меъмории Осиёи Миёна»[3], Писарчик А.К. «Ёдгориҳо дар Қармина»[4] рӯи чоп омаданд. Дар қатори ин мақолот бояд аз асари С. Айнӣ «Шайхурраис Абӯалӣ Сино» ёдовар шуд[5]. Ҳамчунин асарҳои ба Абӯалӣ Сино бахшидаи П.М. Факторович ва А.А. Семёнов ба рушди илми замони Сомониён иртибот доранд[6]. Дигар асари устод С.Айнӣ «Маънии калимаи «тоҷик» дар луғатҳо ва ҷои кор фармуда шудани он дар таълифоти муаллифони Шарқ ва баромадгоҳи ин калима», ки дар боло зикри он рафт, дар ҳамин давра таълиф шудааст[7]. Ба ҳамин монанд ба ҷуз аз

---

[1] Давидович Е.А. Стекло из Нисы //Тр. Южно-Туркменская археологическая комплексная экспедиция (ЮТАКЕ). – Т.I. – Ашхабад, 1943. С. 373-399.

[2] Быков А.А. Новый клад куфических манет из Таджикистана // Труды отдела нумизматики Государственого эрмитажа – Т.I. – Л.,1945. С.126-130.

[3] Ниг.: Засыпкин Б.Н. Архитектура Средней Азии. – М.,1943.

[4] Писарчик А.К. Памятники в Кермине // Сообщ. Инстита истории и теории архитектуры Академии архитектуры СССР. – М., 1944. –Вып. 4.

[5] Айнӣ С. Шайхурраис Абӯалӣ Сино. Бароришн дуюм. – Сталинобод; Л.,1941.

[6] Факторович П.М. Великий бухарский ученый Ибн Сина (Авиценна). Самаркад, 1941; Семенов А.А. Абу Али ибн Сино (Авиценна) Сталинабад, 1945.

[7] Ниг.: Айнӣ С. Маънии калимаи «Тоҷик» ва дар луғатҳо кор фармуда шудани он дар таълифоти муаллифони Шарқ ва баромадгоҳи ин калима //С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2010. – С.366-384.

чанде мақолаҳои ба ин ё он дараҷа ба замони Сомониён иртиботдошта, асари мукаммале рӯи чоп наомадааст. Вале инро набояд чун қубҳи таърихнигории замон ҳисоб кард. Баръакс боиси миннатпазирист, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқон ҳатто дар замони мудҳиши ҷанг доир ба омӯзиши ин масъала коҳиш ёфта бошад ҳам, аз миён нарафтааст.

Баъди ғалаба аз болои фашизм таърихи асримиёнагии минтақа аз нав дар маркази диққати шарқшиносии Шӯравӣ қарор ёфт. Вобаста ба ин таваҷҷуҳи олимони ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, хосатан Тоҷикистон ба таърихи давлатдории Сомониён беш аз пеш афзуд.

Чи тавре дар боби ҷуғрофиёи давлати Сомониён ишора рафт, ҳудуди он паҳнои ниҳоят васеи Мовароуннаҳру Хуросонро дар бар мегирифт. Доир ба имкониятҳои фарохи табиӣ, боигарии бо дигар манотиқи ислом муқоисанашавандаи ин сарзамини ягона, нуфузи шаҳрҳо чун марказҳои фарҳангӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорати ҷаҳонӣ дар замони салтанати оли Сомон дар осори таърихии асримиёнагӣ маълумоти зиёде боқӣ мондааст, ки чанде дар ин рисола қаблан мавриди бозгӯӣ қарор ёфтаанд. Хизмати муаррихони Шӯравӣ дар солҳои 40-ум ва минбаъд дар он зоҳир мегардад, ки ба маводҳои дар рафти ковишҳои бостоншиносӣ ба даст омада, такя карда, маълумоти муаррихони қаблиро аз ҷиҳати илмӣ тақвият бахшидаанд.

Дар ин ҷода хизмати мутахасиси дар сатҳи байналмилал эътирофшудаи таърихи қадиму асримиёнагии Осиёи Марказӣ, бостоншиноси соҳибмактаб А.Ю Якубовский хеле бузург аст. Ӯ ба маводи дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ солҳои 30-40-ум ба даст овардааш, дар сатҳи барои замон ниҳоят баланд қарор доштани санъати шаҳрсозӣ ва меъморӣ, ҳунармандӣ ва муносибатҳои савдои дохилию робитаи тиҷоратии сатҳи байналмилалии Сомониёнро хеле воқеъбинона дар маърази таҳлил қарор додааст. Осори илмии дар солҳои 40-ум ба табъ расонидаи А.Ю Якубовский, мисли

«Доир ба як фулуси давраи аввали Сомониён»[1], ки дар он ба ибтидои ба доираи давлатдорӣ кашидани намояндагони Сомониён сухан меравад ва «Масъалаҳои даврабандии таърихи Осиёи Миёна»[2], ки баъзе аз масоили марбут ба муносибатҳои аграрӣ дар замони Сомониён таҷдиди назар шудааст, хеле ҷолибанд. Дар таҳлили ҷаъбасти натиҷаи корҳои Экспедитсияи Суғдӣ-Тоҷикии бостоншиносон А.Ю. Якубовский ба таҳлили маводи дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ ба даст омада, ба рушди шаҳрсозӣ, меъморӣ, санъати баланди кандакории замони Сомониён, дар мисоли ҳунармандии навоҳии болооби Зарафшон диққати махсус дода[3], дар мақолаи «Масъалаҳои аввалдараҷаи омӯзиши таърихи рушди шаҳрҳои Осиёи Миёна» онро бештар тақвият бахшидааст[4]. Албатта дар ин радиф метавон аз корҳои шарқшиноси барҷастаи Шӯравӣ И.Ю. Крачковский, аз ҷумла «Ҷуғрофиёи риёзии арабҳо»[5] ва мақолаи олими акнун ба маҷрои илм ворид гардида А.С. Содиков «Доир ба масъалаи пайдоиши химия дар Осиёи Миёна», ки ба рушди илм дар замони Сомониён иртиботи бевосита доранд, ёдовар шуд[6].

Ҳарчанд нишондиҳандаи рушди хату хушнависӣ дар замо-

1 Якубовский А.Ю. Об одном раннесаманидском фальсе (Из ранней истории Саманидского дома) // Краткие сообщения Института истории материальной культуры АН СССР (минбаъд; КСИИМК). – М.; Л., 1946. – Вып. XII.

2 Якубовский А.Ю. Вопросы периодизации истории Средней Азии в средние века (VI-XV вв.) // КСИИМК. – М.; Л., 1949. – Вып. XXVIII.

3 Якубовский А.Ю. Итоги работ Согдийско-Таджикской археологической экспедиции в 1946-1947 гг. // Труды Согдийско-Таджикская археологическая экспедиция (минбаъд: СТАЭ). – Т.I. – Материалы и исследования по археологии СССР (минбаъд: МИА СССР). – М.; Л., 1950. – № 15.

4 Якубовский А.Ю. Главные вопросы изучения истории развития городов Средней Азии // Труды Таджикского филиала АН СССР. – Т.XXIX. Сталинабад, 1951,

5 Крачковский И.Ю. Математическая география у арабов (от ал-Хорезми до Улугбека) // Научное наследство. – М.; Л., 1948; Ҳамчунин ниг.: Крачковский И.Ю. Избр. сочин. – Т.IV. – М.; Л., 1957.

6 Садыков А.С. К вопросу о возникновении химии в Средней Азии // Материалы по истории отечественной химии. – М.; Л., 1950 С.176-188.

ни Сомониён бештар аз рӯи ороиши китобҳо муайян карда мешавад, вале В.А.Крачковская ҳадафи таҳқиқоти худ хати куфии зарфҳои сафолӣ ва дар болои сиккаҳо ҳаккокишударо қарор дода, ба хулосаҳои хеле ҷолиб доир ба дастовардҳои ниҳоят баланди ин санъати наққошӣ расидаст[1].

Дар қатори олимони ба таҳқиқи ин ё он масоили таърихӯ фаҳанги замони Сомониён дар солҳои 40-ум муносибат дошта, А.М. Беленитский мақоми назарас пайдо кардааст. Ба ин ковишҳои фаъоли бостоншиносии олим солҳои 1946-1947, ки дар водии Вахшу Хатлон гузаронда, шукуфоии шаҳрҳои онро дар замони Сомониён муайян карда буд, имкон додааст[2]. Шарҳу эзоҳи ба боби «Дар бораи оҳан»-и Берунӣ бахшидаи ӯ доир ба истихроҷу коркарди ин филизи барои истеҳсолот ниҳоят самарабахш дар замони Сомониён хеле ҷолиб аст[3]. Ҳамчунин А.М. Беленитский дар иртибот ба санъати баланди меъмории замони Сомониён, мақбараи Сайёди дар ноҳияи Шаҳртуз ҷойдоштаро ҳадафи омӯзиш қарор додааст[4]. Қобили қайд аст, ки мақолаҳои А.М. Беленитский, ки дар боло ишора ёфтанд, фақат аз оғози ҷой ёфтани Сомониён дар таҳқиқоти олим дарак медоданд. Дар фаъолияти таҳқиқотии ӯ солҳои оянда, масоили марбут ба таърихӯ фарҳанги замони Сомониён мақоми бештаре пайдо кардааст, ки дар боби оянда ин рисола ибрози назар хоҳем кард.

Албатта метавон аз иртиботи корҳои зумрае аз муҳаққиқони дигари солҳои 40-ми Шӯравӣ, аз ҷумла М.М.

---

[1] Ниг.: Крачковская В.А. Эволюция куфического шрифта в Средней Азии // КСИИМК. – Вып.28. – М.; Л., 1949; Ҳамон муаллиф: Эволюция куфического письма в Средней Азии // Эпиграфика Востока (Минбаъд: ЭВ). –. – Т. III. С. 3-27.

[2] Ниг.: Беленицкий А.М. Отчет о работе Вахшского отряда в 1946; Отчет о работе Вахшского отряда в 1947 // Труды СТАЭ. – Т.I. – М.; Л., 1950. – № 15.

[3] Беленицкий А.М. Глава «О железе» минералогического трактата Бируни // КСИИМК. – М.; Л., 1950. – Вып XXXIII. С. 139-144

[4] Ниг.: Беленицкий А.М. Мавзолей у селения Саят // Труды СТАЭ. – Т. I. – МИА СССР. – М.: Л., 1950. – № 15. С.207-209.

Дяконов, В.Н. Кононов, А.М.Тереножкин, П.И.Князев, Г.А.Пугаченкова, И.И. Гинзбург (яке аз мутахассисони соҳаи антропология, ки дар муайян намудани қиёфаи ориёи тоҷикон саҳмгузорӣ доштааст), Н.М. Бачинский, В.П. Воронина[1] ва дигарон, ки дар таҳқиқоти ба ин ё он масоили замони Сомониён таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, ёдовар шуд.

Албатта ҳар кадоме аз ин муаллифон, ки бештар ба маводи бостоншиносӣ такя доштанд, тавонистанд ба воқеияти замони Сомониён ҷузъиёте илова намуда, дар маҷмӯъ барои таҳқиқоти бунёдӣ доир ба муайян намудани мақоми таърихии ин давлати фарохдоману тамаддунофари тоҷикон заминаи нисбатан мусоиди илмӣ фароҳам оваранд.

## Бобоҷон Ғафуров – асосгузори таҳқиқоти мукаммали илмӣ доир ба давлати Сомониён

Чи тавре дар боло зикри он рафт, ба сомониёншиносии илмӣ дар таъихнигории миллӣ устод С.Айнӣ асос гузошт. Вале ин падидаи беқиёси таърихиро то дараҷаи расман ба маҷрои шарқшиносии байналмилалӣ ворид намудан, ба хира-

[1] Ниг.: Дьяконов М.М. Работы Кафирниганского отряда // Тр. СТАЭ. – Т.I. – МИА. – М.; Л., 1950. – № 15. С.180-185; Кононов В.Н. Технологическое обследование ткани из раскопок городища Ниса в 1946 г. // Труды ЮТАКЭ. – Т.I. – Ашхабад, 1949; Тереножкин А.М. Согд и Чач //КСИИМК. – Вып. XXXIII – М.; Л., 1950; Князев П.И. Разведочно-археологические работы в квартале металлистов древнего Термеза // Труды АН УЗССР. Сер. 1. История, археология. Термезская археологическая экспедиция. – Т. II. – Ташкент, 1945. С. 168-174; Пугаченкова Г.А. Архитектурные паятники Нисы // Труды ЮТАКЭ. – Т.I. – Ашхабад, 1949; Гинзбург В.В. Палеоантропологические материалы к этногенезу народов Средней Азии. – Краткие сообщения Института этнографии им. Н.Н. Миклухо-Маклая АН СССР. – 1949. – № 6. С. 54-57; Ҳамон муаллиф: Первые антропологические материалы к проблеме этногенеза Бактрии // Труды СТАЭ. – Т.I. – МИА СССР. – М.; Л.,1950. С. 241-250 ва дигарҳо; Бачинский Н.М. Резное дерево в архитектуре Средней Азии. – М., 1947; Воронина В.Л. Резное дерево Зеравшанской долины // Труды СТАЭ. – Т.I. – МИА СССР. – М.; Л., 1950. – № 15. С.210-220 ва дигарҳо.

ди илмии Б. Ғафуров вобастагии амиқ дорад. Аввалин таҳқиқоте, ки нақши давлати Сомониёнро дар таърихи ниҳоят тӯлонии сокинони азалии Осиёи Марказӣ – тоҷикон нисбатан равшан кушода тавонист, «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и Бобоҷон Ғафуров[1] ҳисоб меёбад. Бо назардошти он ки ба хизмати Б.Ғафуров дар ин ҷода банди махсус ҷудо карда мешавад, фақат ишора кардан ба маврид аст, ки аз рӯи банду баст, «Таърихи мухтасар», чуноне аз номаш бармеояд, дар таърихнигории илмии миллӣ аввалин кӯшишест дар як рисолаи начандон бузург ғунҷондани таърихи ниҳоят тӯлонӣ. Муллиф дуруст эҳсос мекард, ки ин таҷрибаи аввал аз камбудӣ орӣ буда наметавонад, аз ин рӯ дар руҷӯи китоб инро қайд кардааст[2].

Муаллиф аз муаррихони тоҷик аввалин шуда, ниҳоя мухтасар бошад ҳам, сабабҳои ба соҳибқудратӣ расидани сулолаҳои эронинажод: Тоҳириён, Саффориён ва Сомониёнро дар Хуросону Мовароуннаҳр нишон дода, қайд намудаст: «Сабаби аз тарафи хулафои Аббосӣ ба корҳои идоракунии мамлакат кашида шудани аристократияи заминдори тоҷик ва эронӣ нафақат он буд, ки Аббосиён мехостанд дар мубориза бар зидди шӯришҳои халқӣ дар шахсияти онҳо барои худ такягоҳе дошта бошанд, балки аз он сабаб низ буд, ки онҳо назар ба арабҳо бештар соҳиби маданият буданд»[3]. Барои боз бештар тақвият бахшидани ин диди худ, олим идома медиҳад: «Рӯз аз рӯз зиёд шудани нуфузи унсурони тоҷик-эронӣ дар хилофат бесабаб набуд. Ин ба он роле, ки мардуми Осиёи Миёна дар сарнагун кардани хилофати Бани Умия ва ба сари хилофат шинондани Аббосиён бозида буданд, сахт алоқаманд буд»[4].

Табиист, ки то рафт мустаҳкам шудани нуфузи сиёсии

---

[1] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷилди I. – Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1947. – 284 с..
[2] Ғафуров Б. Аз муаллиф. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. С. 2.
[3] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. С. 118.
[4] Ҳамон ҷо. С.119.

«аъён ва ашрофи заминдори тоҷик-эронӣ» барои муътадил нигоҳ доштани вазъи сиёсӣ ва рушди иқтисодӣ муваққатан мусоида намуда бошад, аз тарафи дигар хавфи пурра мустақилиятро ба даст даровардану аз итоати халифа баромадан ҳокимони арабро то рафт бештар ба таҳлука меандохт. Сабаби бераҳмона аз байн бурдани хонадони Бармакиҳо, ки дар идоракунии хилофат 50 сол таъсири ҳалкунанда доштанд, маҳз дар ҳамин буд. Вале ин пеши роҳи рушди нуфунузи ашрофи маҳаллиро гирифта наметавонист[1].

Дар ин рисола Б. Ғафуров хулосаи С.Айниро дар хусуси ба тоҷикон мансубият доштани давлати Сомониён тақвият бахшида, чи тавр ба доираҳои сиёсиву маъмурӣ кашида шудани намояндагони ин сулола ва ахиран ба мустақилияти комили давлатдорӣ соҳибшудани Исмоили Сомониро нишон дода, қайд кардааст: «Исмоили Сомонӣ дар таърихи халқи тоҷик яке аз ҳайкалҳои барҷастаи олами сиёсат ва мардонагӣ аст, ки вай пас истилои араб аввалин дафъа сарзамини дар натиҷаи низоъ ва задухӯрдҳои феодалӣ аз ҳам парокандашудаи тоҷиконро ба ҳам муттаҳид намуда, давлати бузурге ба вуҷуд овард»[2].

Дар воқеъ ин аввалин хулосаи қатъӣ, дақиқан илмӣ ва равшанест дар таърихнигории давлати Сомониён. Ин фишурдаи ақидаи худро олим дар асарҳои ояндаи илмии худ, дар асоси сарчашмаҳои муътамади хаттӣ, далелҳои аз тарафи бостоншиносон рӯи даст омада, бемайлон тақвият бахшида, аз минбарҳои баланди сатҳи байналмилалӣ онро дифоъ намудааст.

Маҳз ҳамин заҳмати бурдборонаи муаррихи тавоно ва нотакрори миллат, академик Б. Ғафуров барои дар ховаршиноии ҷаҳонӣ комилан эътироф шудани ҳақиқати бебаҳси ба тоҷикон пурра мансубият доштани давлати Сомониён мусоидат намуд. Ин дар ҳолате буд, ки ҳанӯз на ҳама ба мавқеи

[1] Ҳамон ҷо. С.119
[2] Ҳамон ҷо. С.126.

хоси тоҷикон дар таъриху фарҳанги умумифорсӣ сарфаҳм мерафтанд ва назари пантуркистӣ дар минтақа фаҳмиши воқеан илмии ин масъаларо халалдор мекард (чунин таърихсозии бепоя имрӯз низ аз худ дарак медиҳад, ки ба сари ин масаъала хоҳем баргашт).

Албатта, ин корнамоии илмии аллома Б.Ғафуров доир ба муайян намудани мавқеи тоҷикон дар таъриху фарҳанги қадимаву асримиёнагии Шарқ, хосатан Осиёи Марказӣ таҳлили мукаммали таърихнигориро тақозо дорад. Ҳаҷму муҳтавои ин нигориш ба таҳлили доманадори масъала имкон надиҳад ҳам, ба гузориши мухтасари он баъди чанде баргаштанро зарур мешуморем.

Ҳоло мавриди зикри воқеияте пеш меояд, ки чаро барои шинохти давлати Сомониён чун падидаи беназири давлатдории тоҷикон ба донишандӯзони асримиёнагиву муҳаққиқони баъдина роҳи ниҳоят тӯлонӣ ва ақидаҳои ихтилофомезро гузаштан лозим омад?

Чи тавре маълум аст, дар замонҳои қадим ва асрҳои миёна ташкилёбии давлатҳои бузург ва ҳатто империяҳо дар доираи як халқи воҳид сурат гирифта наметавонист. Ин давлатҳо аз конгломерати (зуран муттаҳид кардан) қабилаву халқиятҳои гуногун иборат буда, баъзан номи қабила ё халқияти дар ин муттаҳидкунӣ мавқеи ҳалкунанда доштаро (германҳо, русҳо ё росҳо, македонҳо, суғдҳо бохтарҳо ва ғайра) мегирифтанд ё бо номи шахсияти муттаҳидкунандаи (шоҳу сарлашкар) аз доираи авлодии онҳо баромада (Ҳахоманишҳо, Сосониён, Сомониён, Темуриён, Шайбониён ва ғайра) иртибот пайдо мекард. Аз ин рӯ, дар бисёр мавридҳо таърихи ин ё он халқу ҷузъиёти этникӣ дар ҳамбастагии умумӣ бо воҳиди ягонаи давлатдорӣ фаҳмида мешуд. Ин барои тоҷикон истисно буда наметавонист. Дар воқеъ, тоҷикон ҳарчанд дар давраи Сомониён чун халқияти пурра ташаккул ёфта бошанд ҳам, барои онҳоро аз қаринаи фаҳмиши умумии форсҳо, эрониён ё ориёиён ҷудо кардан, дониши мукаммали этникӣ намерасид. Дар ҳолате ки аз рӯи маҳдудияти илмӣ нишондиҳандаҳои ба

халқият хос, мафҳуми «тоҷик» – ҳанӯз чун нишонаи ҳувияти як халқи воҳид, мавриди эътироф қабул нашуда буд, таъриху фарҳанги ба ин халқ хосро бидуни ҳамбастагӣ бо тамоми фазои ҷуғрофии Форсу Эрон дар тасаввури донишмандон намеғунҷид. Фақат баъди гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илм, чи тавре дар боло ишора рафт, дар таърихнигории ватанӣ зарурати ҳалли ин масъала пеш омад. Вале барои таҳқиқу дар доираҳои баланди илмӣ муайян намудани мақоми таърихиву фарҳангии Сомониён чун давлати мустақили тоҷикон саъю талоши зиёде ба харҷ додан лозим омад.

# БОБИ X

# СОМОНИЁНШИНОСИИ ШӮРАВӢ ДАР СОЛҲОИ 50-80-УМИ АСРИ XX

## Вазъи омӯзиши масъала дар солҳои 50-ум

Чи тавре дар боло ишора рафт, солҳои 30-40-ми асри гузашта барои ба маҷрои илмӣ гузаштани сомониёншиносии Шӯравӣ имконияти нисбатан мусоид фароҳам омад. Ба ин ҳар чӣ бештар истифодаи маъхазҳои хаттӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ то андозае мусоидат намуданд. Ба доираҳои илмии байналмилалӣ баровардани ҳақиқати иртиботи бевоситаи давлати Сомониён бо тоҷикон аз тарафи Б.Ғафуров, хосатан дар нашри русии китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (Москва, 1949) ба омӯзиши воқеъбинонаи ин масъала асоси боэътимоди илмӣ гузошт. Аз тарафи дигар таъсисёбии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (1951) ва дар ин замина Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ, барои рушди бисёрсамтаи илми таърих, имконияти мусоид фароҳам овард. Ин дар мисоли дастовардҳои илмии солҳои 50-ум равшан ба назар мерасид. Табиист, ки дар ин раванд сомониёншиносӣ истисно буда наметавонист.

Рӯи чоп омадани барориши дуюм ва сеюми русии китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и Б. Ғафуров[1], ки дар он ба

[1] Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. Том первый. С древнейших времён до Великой Октябрьской социалистической револююии 1917. Издание второе исправленное и дополненное. – М.: Гос. Издательство политической литературы, 1952. – 504 с.; Асари номбурда. Издание третье, исправленное и дополненное – М.: Госизд. Полит. литературы, 1955. – 544 с.

таърихи фарҳанги замони Сомониён ва аз ҳама муҳим, боз равшантар нишон додани ин давраи дурахшони таърихи тоҷикон[1] дар таърихнигории миллӣ ва Умумииттифоқӣ аҳамияти консептуалӣ дошт.

Дар ин бароришҳо олим ба таҳлили масоили гуногуни таърихи Сомониён чор боби мукаммал (дар барориши дуюм) ва се боб (дар барориши сеюм) бахшида, дар асоси маводи боэътимоди сарчашмавӣ заминаҳои ташкилёбӣ, сохтори сиёсӣ, маъмурӣ, вазъи иқтисодӣ ва фарҳангии онро дар маърази таҳлили воқеан илмӣ гузоштааст [2]. Илова бар ин, Б. Ғафуров таваҷҷуҳи шарқшиносонро ба ин масъала ба назар гирифта, сабабҳои сууд ва суқути давлати Сомониёнро мавриди таҳқиқи махсус қарор медиҳад[3].

Солҳои 50-ум як силсила мақолаҳои илмӣ рӯи чоп омаданд, ки ба ин ё он масъалаи таърихи фарҳанги замони Сомониён нисбат ба даҳсолаи пешин бештар равшанӣ андохтаанд. Китобу мақолаҳои муҳаққиқон А.А.Семёнов «Доир ба масъалаи насабномаи Сомониён»[4], О.А. Сухарева – «Доир ба масъалаи топографияи таърихии Бухорои асрҳои X-XII»[5], О.Г.Болшаков – «Кайдҳо доир ба топографияи таърихии водии Зарафшон дар асрҳои IX-X»[6], О.В. Обелченко – «Доир ба

---

[1] Ниг.: Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. Издание второе. С. 152 – 210; Ҳамин асар.: Издание третье. С. 173-233.

[2] Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. Том первый. С древнейших времён до Великой Октябрьской социалистической революоии 1917. Издание второе исправленное и дополненное. – М.: Гос. Издательство поритической литературы, 1952. – 504 с.; Асари номбурда. Издание третье, исправленное и дополненное – М.: Госизд. Полит. литературы, 1955. – 544 с.

[3] Ниг.: Гафуров Б.Г. О причинах возвышения и падения Саманидов // Советское востоковедение. – 1958. – № 1. С.51-55.

[4] Семёнов А.А. К вопросу о происхождении Саманидов // Труды АН ТаджССР. – Т. XXVII – Сталинабад, 1954. – С. 3-11.

[5] Сухарева О.А. К вопросу об исторической топографии Бухары X-XII вв. (Городские стены и ворота) // Труды АН ТаджССР. – Т. XXVII – Сталинабад, 1954; Ҳамчуни ниг. ҳамон муалиф: К истории городов Бухарского ханства. – Ташкент, 1958. С. 15-44.

[6] Большаков О.Г. Заметки по исторической топографии долины Зарафша-

масъалаи сохтмони Кампир-девор»[1], Н.Н.Неъматов – «Ҷуғрофиёшиносони асрҳои IX-X доир ба Хуҷанд ва вилоятҳои он»[2], М.Е. Массон – «Маълумотҳои нав доир ба таърихи Марв», «Оҳангарон», «Димнаи Нисо»[3], Я.Г. Ғуломов – «Таърихи обёри Хоразм аз замонҳои қадимтарин то рӯзҳои мо»[4], силсилаи мақолоти Б.А. Литвинский[5], П.Д. Зотов – «Доир ба таърихи истеҳсоли қоғаз дар Шарқ»[6], С.А. Труднов-

---

на в IX-X гг. // КСИИМК. – Вып. 61. – 1956; Ҳамон муаллиф:Арабские надписи на поливной керамике Средней Азии и Закавказья IX-XII вв. // Эпиграфика Востока. – Т. XII. – 1958; Т. XV. – 1963. С. 73-87; т. XVI. – 1963. С.35-55; Т. XVII. – 1966. – С.54-62.

[1] Обельченко О.В. К вопросу о времени возведения стены Бухарскоо оазиса Кампыр-Дувал // Труды ТашГу. – нов. Сер. – № 172. Исторические науки. – Кн. 37. Археология Средней Азии. – V. – Ташкент, 1960. С. 11-31.

[2] Негматов Н.Н. Географы IX-X вв. о Ходженте и его области // Изв. Отд. обществ. Наук АН ТаджССР. – Вып. 8. – Душанбе, 1956. С. 103-109.

[3] Массон М.Е. Новые данные по древней истории Мерва // Вестник древней истории (минбаъд: ВДИ). – 1951. – №4; Ҳамон муалиф: Ахангеран. Археолого-топографический очерк. – Ташкент, 1953. С.30-40; Ҳамон муаллиф: К вопросу о «черных дирхемах» мусайаби // Труды Института истории, археологии и этнографии АН Узбекской ССР. – Вып. 7. – Ташкент, 1955; Ҳамон муаллиф: Городища Нисы в селении Багир и их изучение // Труды ЮТАКЭ. – Т.I. – Ашхабад, 1959. С.16-115.

[4] Гулямов Я.Г. История орошения Хорезма с древнейших времен до наших дней. – Ташкент, 1957. С. 246-259.

[5] Ниг.: Литвинский Б.А. Горные инструменты из коллекции Ленинабадского краеведческого музея // Известия Отдел. Обществ. Наук Ан ТаджССР. Вып.2. – 1952. С. 83-91; Ҳамон муаллиф: Из археологических материалов по истории горной техники Средней Азии (преимущественно X-XIII вв.) // Труды АН ТаджССР. – Т. 27. – 1954. С.119-171; Литвинский Б.А.. Исламов О.И. О некоторых орудиях и приёмах средневековых рудокопов Средней Азии // Известия Отдел. обществ. наук АН ТаджССР. – Вып. 3. – 1953. С. 21-44; Литвинский Б.А. О некоторых моментах развития средневекового города Средней Азии // Известия Отдел. обществ. Наук АН ТаджССР. – Вып. 4. – 1953; Ҳамон муаллиф: Архитектурный комплекс Ходжа Нахшран // Труды АН ТаджССР. – Т.XVII. – 1953. С. 131-135; Ҳамон муаллиф: Среднеазиатский горный промысел в средние века (IX-XII вв.). Техника // Материалы второго совещания археологов и этнографов Средней Азии. – М.; Л., 1959. С. 47-52 и др.

[6] Зотов П.Д. К истории бумажного производства на Востоке // Труды ИВ

ская – «Шиша аз димнаи Шохсанам»[1], М. Аминджанова – «Доир ба истеҳсоли махсулоти шишагӣ»[2], Е.А. Давидович – «Маълумоти сиккаҳо доир ба муносибатҳои федалӣ дар замони Сомониён»[3], В.Л. Воронина – «Доир ба тавсифи меъмории Осиёи Миёнаи замони Сомониён»[4], А.М. Прибиткова – «Доир ба баъзе масъалаҳои анъанаҳои маҳаллии меъморӣ дар Осиёи Миёна асрҳои IX-X»[5], А.П.Ковалевский – «Китоби Аҳмад ибни Фазлон»[6], Л.И. Ремпел – «Ёдгориҳои барҷастаи меъмории Ӯзбекистон»[7], В.А. Крачковская – «Доир ба махсулоти бофандагии асримиёнагӣ дар Осиёи Миёна»[8], Н.И. Леонов – «Мақбараи асри X дар водии Зарафшон»[9] ва ғайра барои бештар вусъат пайдо кардани сомониёншиносӣ таъсиргузор буданд. Дар ин робита ҳамчунин лозим меояд аз маҷмӯаҳои илмии «Рӯдакӣ ва замони ӯ» ва «Устод Абӯабдул-

---

АН УзССР. – Вып. III. – Ташкент, 1954. С. 155-166; ниг. Ҳамон муаллиф: К вопросу о «шелковых бумагах». Общественные науки в Узбекистане. – 1961. – № 9. С. 48-54.

[1] Трудновская С.А. Стекло с городища Шах-Сенем // Археологические и этнографические работы Хорезмской экспедиции 1949-1953 гг. – М., 1958. С. 421-430.

[2] Аминджанова М. О производстве стеклянных изделий в средневеково городе Кува // Научные работы и сообщения. – Кн. 1. – Ташкент, 1960. С. 83-91.

[3] Давидович Е.А. Нумизматические материалы для истории развития феодальных отношений в Средней Азии при Саманидах // Труды АН ТаджССР. – Т. XXVII. – 1954. С. 75-112.

[4] Воронина В.Л. К характеристике архитектуры Средней Азии эпохи Саманидов // Труды АН ТаджССР. – Т. XXVII. – Сталинабад, 1954.

[5] Прибыткова А.М. О некоторых местных традициях в зодчестве Средней Азии IX-X вв. // Архитектурное наследство. – М., 1953. – № 11. С. 133-144.

[6] Кавалевский А.П. Книга Ахмеда ибн Фадлана о его путешествии на Волгу в 921-922 гг. – Харьков, 1956.

[7] Ремпель Л.И. Выдающиеся памятники архитектуры Узбекистана. – Ташкент, 1958.

[8] Крачковская В.А. О средневековых текстильных изделиях в Средней Азии (Мервские ткани IX-X вв.) // Материалы Первой Всесозной научной конференции востоковедов. – Ташкент, 1959. С. 615-620.

[9] Леонов Н.и. Мавзолей X в. в Зеравшанской долине // СА. – 1960. – № 4. С.186-190.

ло Рӯдакӣ», ки ба 1100-солагии устод бахшида шуда, дар онҳо самтҳои гуногуни воқеияти замони Сомониён мавриди таҳлил қарор ёфтанд, ёдовар шуд[1].

Албатта метавон боз аз муҳаққиқони солҳои 50-ум, ки ба таъриху фарҳанги замони Сомониён, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, масоили гуногуни ин давлати тоҷиконро мавриди омӯзиш қарор додаанд, ёдовар шуд. Алалхусус муҳаққиқон бештар ба омӯзиши осори нобиғаҳои илму фарҳанг Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯнасри Форобӣ, Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Абӯрайҳон Берунӣ, ал-Хоразмӣ ва дигарон машғул шуда, осори ҷолиб рӯи кор овардаанд. Вале ба он ҷузъиёте, ки ҳар кадоме аз муҳаққиқон доир ба самтҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Сомониён илова намудаанд, нигоҳ накарда, дар маҷмӯъ онҳо ба дараҷаи дарки воқеан илмии сомониёншиносии Б. Ғафуров нарасидаанд.

Мавриди қайд аст, ки ҷилди аввали нахусткитоби таърихи мукаммали Ӯзбекистон – «Таърихи халқҳои Ӯзбекистон», ки соли 1950 нашр шудааст, аз сабаби набудани мутахассисони маҳаллӣ ба сифати муаллифон аксаран шарқшиносони намоёни рус, С.П. Толстов, А.Ю. Якубовский, А.А. Семёнов ва дигарон, ки дар ин ҷумҳурӣ фаъолияти доимии илмӣ доштанд, ҷалб карда шудаанд[2]. Аз ин рӯ, дар қисмати ба асрҳои IX ва X бахшидашудаи китоб, дастовардҳои илмии солҳои 30-40-м ба назар гирифта шудаанд. Аз ҷумла таъсири назари Б.Ғафуров то андозае эҳсос мешавад. Мавриди қайд аст, ки дар ин асар таърихи Сомониён чун намоди давлатдории

---

[1] Ниг.: Рудаки и его эпоха (Сборник статей). – Сталинабад, 1958; Устод Абӯабдулло Рӯдакӣ (Маҷмӯаи илмӣ бахшида ба 1100-солагии устод Рӯдакӣ). – Сталинобод, 1958.

[2] Бояд қайд кард, ки тартиби хронологии барориши ин ду ҷилд чунин сурат гирифт: История народов Узбекистана. – Т. I. С древнейших времен до начала XVI в. – Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1950; История народов Узбекистана. – Т. II. От образования государства Шейбанидов до Великой Октябрьской социалистической революции. – Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1947.

тоҷикон равшан инъикос наёфта бошад ҳам, дар қисмати дастовархои фарҳангӣ, бартарияти забони тоҷикӣ ва шинохти Рудакӣ чун асосгузори назми тоҷик зикр ёфтааст.

Дар ҷилди аввали (китоби якум) бароriши дуюми ин таҳқиқоти бунёдӣ, ки акнун на ба унвони «Таърихи халқҳои Ӯзбекистон» балки бо номи «Таърихи ҶШС Ӯзбекистон» баъди панҷ сол аз нашр баромад[1], ин масъала нисбатан возеҳтар ба назар мерасад. Муаллифи қисми сеюми китоб (бобҳои II – XI, ки замони феодалӣ то асри XV-ро дар бар мегирад), А.Ю. Якубовский беш аз 50 саҳифаи онро ба таҳлили замони Сомониён бахшидааст[2]. Шиносоии амиқ ба назари муаллиф доир ба заминаву сабабҳои ташкилёбии давлати Сомониён, рушди иқтисодӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ, вазъи иҷтимоӣ, сохтори маъмурӣ, рушди шаҳрсозӣ ва дастовардҳои илмиву фарҳангии замон ба хулосае меорад, ки ин олими дар доираи Умумииттифоқ ва берун аз он маъруф, дараҷаи шинохти илмии мавқеи таърихиву фарҳангии давлати Сомониёнро дар ин ҷумҳурии бародар нисбат ба ду даҳсолаи қаблӣ баландтар бардоштааст. Вале дар мавриди таҳлили вазъи сиёсӣ, иқтисодивӣ, иҷтимоӣ ва сохтори идораи маъмурии замони Сомониён нақши ҳалкунандаи тоҷиконро аз дигар халқу қабилаҳои дар паҳнои ин давлат зиндагӣ ба сар бурда, ҷудо нишон дода набошад ҳам, дар қисмати ба илму адабиёт бахшида шуда, мавқеи хоссаи забони тоҷикӣ, саҳми олимону фозилони замон Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯнасри Форобӣ Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Абӯрайҳон Берунӣ ва дигарон то андозае равшан баён шудааст.

Барои тасдиқи ин назар, зарурати ба баъзе аз ишораҳои дар китоб омада, истинод намудан пеш меояд. Масалан дар боби

[1] История Узбекской ССР. Т. I. Книга первая. – Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1955. – 544 с.

[2] Якубовский А.Ю. Отпадение Средней Азии от арабского халифата и образования самостоятельных феодальных государств (IX-X вв.) // История Узбекской ССР. Т.I. Книга первая. – Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1955. С.187-237.

ба ҳаёти фарҳангии давлати Сомониён бахшидашуда омадааст: «Ба идоракунии Сомониён рушди босуръати ҳаёти фарҳангии Хуросон ва Мовароуннаҳр, замоне ки Марв, Бухоро, Самарқанд, Урганҷ ҳар чӣ бештар шарафи бонуфузтарин марказҳои фарҳангии давраи худро ба даст оварда буданд, пурра алоқаманд мебошад»[1]. Ба торафт бештар мустаҳкам шудани мавқеи забони тоҷикӣ ишора карда, А.Ю. Якубовский қайд намудааст: «Вазъият баъди аз ҳайати халифа, аз Бағдод ва Аббосиён ҷудо шудани вилоятҳои шарқии он, ва ба сари ҳокимият омадани Тоҳириён, сипас Сомониён тағйир ёфт. Агар дар асри IX ва ибтидои асри X аҳолии эронизабони Мовароуннаҳр бо забони худ наменавишт, дар миёнаи асри X вазъият дигар шуд ва забони адабии тоҷик, ки қариб тамоман бетағйир то замони мо расидааст, ҳар чӣ бештар дар адабиёт, бахусус назм нуфузи ҳалкунанда пайдо кард»[2]. Барои тақвияти ин далел, муаллиф Рӯдакии тоҷикро чун нобиғаи қасида ва дигар жанрҳои адабии замони Сомониён нишон дода, менависад: «Хусусияти фарқкунандаи эҷодиёти Рӯдакӣ дар комилан мукаммалу фасеҳияти забони шоир, дар кӯшиши тоза кардани он аз вожаҳои арабӣ ба назар мерасад. Рӯдакӣ чун падари назми тоҷик пазируфта шудааст»[3]. Ин нобиғаи назми тоҷику форс танҳо набуда, дар қатори ӯ чунин бузургони адабиёти тоҷику форс мисли Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ ва дигарон зодагони асри Сомониён, шуҳрати адабиёти тоҷикро ба дараҷаи эътирофи умумибашарӣ расондаанд.

Муаллиф ба самтҳои гуногуни рушди илму фарҳанги замони Сомониён аҳамияти ҷиддӣ дода, доир ба ҳаёту фаъолияти муҳаққиқони доманаи таҳқиқоташон тамоми равияҳои илмиро фарогир, мисли Абӯҷаъфари Хоразмӣ, Аҳмади Фарғонӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва дигарон, ҳамчунин доир ба рушди шаҳрсозӣ, санъати меъморӣ ва ди-

[1] История Узбекской ССР. Т.I. Книга первая. – Ташкент, 1955. С. 223.
[2] Ҳамон ҷо. С.224.
[3] Ҳамон ҷо. С.225-226.

гар намудҳои ҳунари нафисаи давраи Сомониён маълумоти нисбатан муфассал овардааст[1]. Бояд қайд кард, ки дар нашрҳои ояндаи «Таърихи ҶШС Ӯзбекистон»[2] дар давраи Шӯравӣ иловаи назаррасе доир ба нақши меҳварии тоҷикон дар ташаккулу рушди давлати Сомониён ворид нагардидааст. Дар таърихнигории муосири Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир ба ин масъала бештар муносибати ғаразноку аз ҷиҳати илмӣ беасос ба назар мерасад. Ин зарурати ба дараҷаи бемасъулиятии илмии чанде аз сомониёншиносони ҷумҳурии ҳамсоя шинос намудани хонандаро пеш меорад, ки албатта ба таҳлили он хоҳем баргашт.

## Дастоварҳои сомониёншиносӣ дар солҳои 60-ум

Аз муҳтавои мантиқии дар боби пешин омада, хулосае бармеояд, ки дар солҳои 50-ум нашр шудани мақолаҳои зиёди ба масоили гуногуни таърихии асрҳои IX-X Осиёи Миёна бахшидаи муҳаққиқон, аз ҷумла муҳтавои илмии дар ду бориши охири «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и академик Б.Ғафуров нигоҳ накарда, таҳқиқоти бунёдии махсус ба ҳамин масъала бахшида шуда рӯи кор наомад. Вале маҳз дар ҳамин даҳсола барои таҳқиқи нисбатан пурраи замони Сомониён дар доираи Умумииттифоқ, хосатан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти васеъ фароҳам омад. Ба ин аз як тараф рушди суръатафзои Институти шақшиносии АИ ИҶШС, ки сарвариаш аз соли 1956 ба зиммаи Б. Ғафуров гузошта шуда буд, сабаб шуда бошад, аз тарафи дигар ва аз ҳама муҳим бо ташаббуси роҳбарияти Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон ва дастгирии ҳукумати ҷумҳурӣ ба нақша гирифтани таҳқиқоти бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» такони ҷиддӣ

[1] Ниг.: Ҳамон ҷо. С. 227-236.
[2] История Узбекской ССР с девнейших времен до наших дней. – Ташкент: Фан, 1974. – 583 с.

бахшид. Вале қабл аз муайян намудани дараҷаи сомониёншиносӣ дар Тоҷикистони солҳои 60-ум, лозим меояд, ки ба таври умумӣ ба муносибати муҳаққиқони берун аз ҷумҳурӣ доир ба омӯзиши ин масъала то андозае равшанӣ андозем.

Чи тавре маълум аст, таърихи тамоми халқҳои ҷумҳуриҳои ҳамҷавори минтақа то ҳадде бо ҳам печидааст, ки бе иртиботи ҳамбастагӣ омӯхтани онҳо ниҳоят мушкил мебошад. Ин дар раванди таҳқиқи воқеан илмии давлати Сомониён, ки фарогири ду минтақаи ниҳоят фарох – Мовароуннаҳру Хуросони буд, ба назар мерасад. Бесабаб нест, ки муаррихони ҷумҳуриҳои бародари минтақа, хоҳ нохоҳ аз рӯйдодҳои таърихии асрҳои IX-X – замони ҳокимияти Тоҳириёну Саффориён ва хосатан Сомониён сарфи назар карда наметавонистанд. Рӯи чоп омадани чандин китобу мақолаҳои ба масоили мухталифи замони Сомониён иртиботдошта дар ин даҳсола, далели равшанест аз муносибати муҳаққиқони берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ин табиист, ки зарурати шиносоии умумиро бо чанде аз маллифон ва осори онҳо пеш меорад.

Агарчи ягон таҳқиқоти ҷиддии дар маҷмӯъ фарогири таъриху фарҳанги замони Сомониён дар ин давра ба назар нарасад ҳам, масоили ҷудогонаи сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии ин замон то андозае ҳадафи омӯзиш қарор ёфтаанд. Дар ин самт метавон аз осори чанде аз муҳаққиқон ба тариқи намуна ёдовар шуд. Аз ҷумла китобу мақолаҳои А.М. Беленитский ва И.Б. Бентович – «Аз таърихи шоҳибофӣ дар Осиёи Миёна»[1], М. Аминҷонова – «Доир ба баъзе зарфҳои шишагии Мовароуннаҳр»[2], Г.А. Фёдоров-Давидов – «Дафинаи сик-

[1] Беленицкий А.М., Бентович И.Б. Из истории среднеазиатского шелкоткачества ( к идентификации ткани «занданачи») // Советская археология. – 1961. – № 2. С. 66-78.

[2] Аминджанова М. О некоторых стеклянных сосудах Мавераннахра // История материальной культуры Узбекистана (минбаъд – ИМКУ). – Вып. 2. – 1961. С. 241-254; Ҳамон муаллиф: Средневековые стеклянные сосуды из музеев Ташкента и Самарканда // ИМКУ. – Вып. 3. – 1962. С. 87-100; Ҳамон муаллиф: Средневековое стекло Мавераннахра. Автореферат дисс. канд. ист наук. – Ташкент, 1962 и др.

каҳои тиллоии асри X аз Самарқанд»[1], Б.А. Шишкин – «Варахша»[2], Б. Тургунов – «Доир ба ҷойгиршавии шаҳри асримиёнагии Иштихон»[3], Ю.Ф. Буряков – «Маводи бостоншиносӣ доир ба таърихи Тункет ва Абрлиг»[4], А.А. Абдуразоқов – силсилаи мақолаҳо доир ба истеҳсоли шиша дар замони Сомониён[5], Ш.С. Тошхоҷаев – доир ба санъати кулолгарӣ[6], Л.И. Ремпел ва Г.А. Пугаченкова – «Таърихи санъати Узбекистон»[7], С.Г. Агаҷонов – «Очерки таърихи оғуз ва туркманҳо»[8], О.Г. Болшаков – «Ислом ва санъати тасвирӣ»[9], А.М. Прибиткова – «Меъмории Осиёи Миёнаи асрҳои IX-X»[10] ва ғайра хеле ҷолиб буда, чи тавре аз мантиқи номгузориашон

---

[1] Федоров-Давыдов Г.А. Клад золотых монет X в. из Самарканда. – М.,1962.

[2] Шишкин Б.А. Варахша – М., 1963. – 244 с.

[3] Тургунов Б. О местоположении средневекового города Иштихан // Общественные науки в Узбекистане. – 1963. – № 11. С.54-57.

[4] Буряков Ю.Ф. Надписи на глазурованных сосудах Тункета // Материалы по истории Узбекистана. – Ташкент, 1963; Ҳамон муалиф: Археологические материалы по истории Тункета и Абрлыга // Материалы по истории Узбекистана. – Ташкент, 1966. С.76-154.

[5] Ниг.: Абдуразаков А.А. Сырьевые ресурсы средневекового стеклоделия Средней Азии // Исследование минерального и растительного сырья Узбекистана. – Ташкент, 1962. С.3-17; Ҳамон муаллиф: Средневековые стекла Кувы // Научные работы и сообщения. – Кн. 7. – Ташкент, 1963. С. 237-245; Абдуразаков А.А., Безбородов Ш.А., Заднепровский Ю.А. Стеклоделие Средней Азии в древности и средневековье. – Ташкент, 1963 и др.

[6] Ташходжаев Ш.С. Художественная поливная керамика Самарканда IX-XIII вв. – Ташкент, 1967.

[7] Ремпель Л.И., Архитектурный орнамент Узбекистана. История развития и теория построения. – Ташкент, 1961; Ремпель Л.И. Пугаченкова Г.А. История искусств Узбекистана с древнейших времен до середины девятнадцатого века. – М., 1965.

[8] Агаджанов С.Г. Очерки истори огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв. – Ашхабад, 1969.

[9] Большаков О.Г. Ислам и изобразительное искусство. Культура и искусство Востока. – Вып 7 // Труды Государственного Эрмитажа. – Т. 10. – Л., 1969. С. 142-156.

[10] Прибыткова А.М. Архитектура Средней Азии IX-X вв. // Всемирная история архитектуры. – Т. 8. – М., 1969.

бармеояд, маллифон масъалаҳои нисбатан ҷузъии ба замони Сомониён иртиботдоштаро ҳадафи таҳлил қарор додаанд.

Дар ин радиф бояд қайд кард, ки дар осори солҳои 60-ум нашршуда, бартарии таҳлили масоили ба илму фарҳанги замони Сомониён иртиботдошта, бештар ба назар мерасад. Муҳаққиқони осори нобиғаҳои замон, аз ҷумла Абӯрайҳони Берунӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Арӯзии Самарқандӣ ва дигаронро ба чоп тайёр намуда, дар баробари матни интиқодӣ, вазъи сиёсиву фарҳангии замонро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Вале шиносоии амиқ ба асарҳои солҳои 60-уми ҷумҳуриҳои бародар ба хулосае меорад, ки ба бисёр кушоишҳои ҷиддии илмӣ нигоҳ накарда, мисли пештара ҳақиқати маҳз – давлати тоҷикон будани он зери пардаи «саҳми» умумии тамоми халқҳои минтақа дар ин давлатсозӣ ва давлатдориву дастоварҳои фарҳангӣ мондааст.

Кӯшиши таҳлили воқеан илмии таърихи давлатдории Сомониён, мисли солҳои қаблӣ бештар дар асарҳои дар Тоҷикистон таълифшуда ба назар мерасад. Бо ибораи дигар, дар ин ҷода пешсафии муҳаққиқони Тоҷикистон дар таърихнигории Шӯравии солҳои 60-ум ба касе аз таърихогаҳон ноаён буда наметавонист. Албатта метавон номгӯи ниҳоят тӯлонии осори олимони тоҷикро, ки ба масоили гуногуни давлатдории Сомониён бахшида шудааст, пеш овард. Вале аз як тараф ҳаҷми рисолаи мазкур ҳамаи номгӯй ва таҳлили ҷузъии ба ин ё он масоили таърихиву фарҳангии давлати Сомониён иртиботдоштаро бардошта наметавонад, аз тарафи дигар, далелу хулосаҳои дар онҳо ҷойдошта, дар доираи таҳқиқоти нисбатан ҷиддиву фарогири ба ин давра бахшидаи муҳаққиқони ватанӣ ба назар гирифта шудааст. Аз ин рӯ, ба тариқи намуна аз чунин корҳои нисбатан ҷолиби олимони ҷумҳурӣ, мисли М.А. Бубнова – «Аз таърихи филизотгудозии нуқра дар Осиёи Миёна»[1], Э.Ғуломова – «Шиша аз шаҳрчаи Ҳулбук»[1], Э.В.

[1] Бубнова М.А. Из истории металлургии серебра в Средней Азии // Изв. Отдел. обществ. Наук АН ТаджССР. – Вып. 1 (24). – 1961. С.3-10; Ҳам-

Сайко – «Сафоли сирдори Осиёи Миёна асрҳоиVIII-XII»[2], Н.Н. Неъматов ва Хмелнитский – «Шаҳристони асримиёнагӣ»[3], Пӯлодов Ӯ.П. – «Чилҳуҷра»[4], Е.Э.Бертелс – «Таърихи адабиёти форсу тоҷик»[5], Мирзоев А.М. – «Рӯдакӣ. Ҳаёт ва фаъолият»[6] ва ғайраро, ки махсули таҳқиқоти солҳои 60-уми асри гузаштаи ҷумҳурӣ ҳисоб меёбанд, ба ёд овардан лозим меояд.

Вале бо назардошти муҳтавои хулосаҳои бардоштаи олимон доир ба самтҳои гуногуни таъриху фарҳанги замони Сомониён, ки бо заҳмати таҳқиқоти муқоисавии муарриху бостоншиноси намоёни тоҷик Нӯъмон Неъматов ба сифати як боби мукаммал, дар асари бузургу бунёдии гурӯҳи муҳаққиқони шинохтаи ҷумҳурӣ ва берун аз он – «Таърихи халқи тоҷик» (дар се ҷиду панҷ китоб) ворид гардидааст[7], за-

---

чунин ниг. ҳамон муаллиф: Извлечение серебра купелированием в Средней Азии в IX-XI вв. // Изв. Отдел. обществ. Наук АН ТаджССР. – Вып. 1(28). – 1962. С. 29-39; Ҳамон муаллиф: Добыча серебро-свинцовых руд в Шельджи в IX-XII вв. // Археологические памятники Таласской долины. – Фрунзе, 1963. С. 225-262.

[1] Гулямова Э. Стекло с городища Хульбук // Изв. Отдел. обществ. Наук АН ТаджССР. – Вып. 1 (24). – 1961. С. 11-24.

[2] Сайко Э.В. Глазури керамики Средней Азии VIII-XII вв. – Душанбе, 1963; Ҳамон муаллиф: История технологии керамического ремесла средней Азии. – Душанбе. 1966.

[3] Негматов Н.Н., Хмельницкий С.Г. Средневековый Шахристан / Материальная культура Уструшаны. – Душанбе, 1966; Хмельницкий С.Г., Негматов Н.Н. Михраб в с. Ашт // Советская археология. – 1963. – № 2. С. 192-202; Хмельницкий С.Г. Пештак и михраб. (К вопросу происхождения портальных форм среднеазиатского зодчества) // Известия Отдел. обществ. наук АН ТаджССР. – № 2. – 1968. С. 33-45; Негматов Н.Н., Салтовская Е.Д. О работах Ходжентско-Уструшанского отряда в 1960 г. // Археологическая работа в Таджикистане (минбаъд. АРТ). – Вып. VIII (1960 г.). – 1962. С. 83-85; Негматов Н.Н. Раскопки уструшанской столицы Бунджиката // Средневековые города Средней Азии и Казахстана. – Л., 1970. С.45-49.

[4] Пулатов У.П. Чильхуджра. – Душанбе, 1968.

[5] Бертельс Е:.Э. История персидско-таджикской литературы. – М., 1960.

[6] Мирзоев А.М. Рудаки. Жизнь и творчество. – М., 1968.

[7] Негматов Н.Н. Средняя Азия в период Тахиридов и Саманидов. Складывание таджикской народности. (Глава третья ). В кн.: История таджик-

рурати таҳлилу тафсили доманадори навиштаҳои дар ин давра ба чопрасондаи мутахассисон аз байн меравад.

Қаблан бояд изҳор дошт, ки бо мурури шиносоии амиқ ба ин боби ба Сомониён бахшидаи Н.Неъматов, хонандаи маънишинос консепсияи илмии академик Б.Ғафуровро равшан эҳсос мекунад. Н. Неъматов бо як пайдарҳамии тақвиятбахши мантиқӣ, заминаҳои ба сари хокимият омадани Сомониён, аз ҷумла сабабҳои ташкилёбии давлати Тоҳириён ва Саффориҳо ва чи тавр сурат гирифтани воқеаҳое, ки ногузир ба доираи маъмурияти хилофати араб кашидани намояндагони дудмони Сомониён ва ба соҳибдавлатии мустақил расидани онҳоро таъмин намудаанд, бо далелҳои муътамад асоснок намудааст. Муаллиф тавонистааст вазъи сиёсиву хусусиятҳои идораи маъмурӣ, дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ташаккули муносибатҳои ба замони феодалӣ хос, сиёсати нисбатан мавзуни дохиливу хориҷӣ, рушди шаҳрдориву шаҳрсозӣ, низоми обёриву равнақи кишоварзӣ, ҳунармандиву бозургонӣ, усули ба талаби замон мувофиқи андозситонӣ ва ғайраро дар заминаи маъхазҳои дастраси хаттиву бостоншиносӣ дар маърази таҳлил қарор дода, хулосаҳои ҷолиб бардорад.

Қисми зиёди ин боб ба таҳлили дастоварҳои фарҳангии давлати Сомониён бахшида шудааст. Муаллиф ба далелҳои боэътимод такя карда, нақши фарҳангии шаҳрҳоро муайян намуда, менависад: «Дар асрҳои IX-X шаҳрҳои намоёни Мовароуннаҳру Хуросон – Бухоро, Самарқанд, Балх, Марв. Нишопур, Ҳирот, Хуҷанд ва ғайра ба марказҳои бузурги илм ва фарҳанг табдил ёфта буданд.

Дар байни онҳо пойтахти Сомониён – Бухоро, ки ба яке аз марказҳои калонтарини фарҳангии Шарқ табдил ёфта буд, мақоми махсусро соҳиб буд. Дар ин ҷо бисёре аз ходимони фарҳангии дар ҷаҳон маъруф, кору фаъолият доштанд. Дар ин

---

ского народа. Том II. Книга первая. Возникновение и развитие феодального строя (VI-XVI вв.). Под редакцией Б.Г. Гафурова и А.М. Беленицкого. – М.: Наука, 1964. – С.129-225.

ҷо асарҳои олии назму наср бо забони тоҷикӣ, ёдгориҳои азиму босалобати меъморӣ ва санъати ороишӣ офарида шудаанд... Бухорои асри X яке аз шаҳрҳои асримиёнагии Шарқи Наздик буд, ки аввалин муассисаҳои таълимии олӣ – мадрасаҳо пайдо шуданд... Асрҳои IX ва X замони гулгулшукуфии санъати феодалии Осиёи Миёна, хосатан меъморӣ ва ҳунари бадеӣ ҳисоб меёфт»[1].

Муаллиф то андозае маълумоти доир ба ҳаёту фаъолияти олимони бузурги ҳамадони (энсиклопедист) замон: Муҳаммад Хоразмӣ (910-980), Абӯбакри Розӣ (864-925), Абӯнасри Форобӣ (тахм. 873-950), Абулвафои Бузҷонӣ (940-998). Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) ва намояндагони дигар равияҳои мухталифи илму дониши дар сатҳи ҷаҳонӣ шуҳрат доштаро тақвият додааст[2].

Ҳамчунин таҳлили муаллиф доир ба ташаккулу рушди адабиёти оламшумули тоҷик дар асри Сомониён, хеле асосноку аз ҷиҳати илмӣ ҷиддист. Дар қатори асосгузори назми классикии тоҷику форс – Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абулқосим Фирдавсӣ ва дигар шоирони замони Сомониён, мисли Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Абӯтоҳири Хусравонӣ, Ҳаббози Нишопурӣ, Маъруфи Балхӣ, Шокири Бухорӣ, Истичнои Нишопурӣ, Туркикаши Элокӣ, Абӯмуайяди Балхӣ, Равнақи Бухороӣ, Абӯмансур Дақиқӣ, Кисоии Марвазӣ ишора намуда, аз нақши барои замон ниҳоят назаррасии онҳо (агарчи аз меросашон хеле кам ё қариб чизе боқӣ намонда бошад ҳам) ёдовар шудааст[3]. Чунин мисолҳо доир ба рушди санъати мусиқӣ, меъморӣ, санъати нафиса ва ғайра хеле зиёд ба назар мерасад. Дар ин боби китоб ташаккулёбии пурраи халқияти тоҷик, ки ба воқеияти таърихии замони Сомониён рост меояд, бо такя ба хулосаи аз ҷиҳати илмӣ ниҳоят қавии академик Б.Ғафуров доир ба раванди тӯлонии ин ни-

[1] История таджикского народа. – Т. II. – М., 1964. С. 176-177.
[2] Ниг. ҳамин китоб. С. 178-196.
[3] Ниг.: История таджикского народа. – Т.II. С. 196-207.

шондиҳандаи муҳими таърихи миллат, нисбатан равшан кушода шудааст[1].

Мавриди қайд аст, ки омӯзиши фазои сиёсиву иқтисодии замони Сомониён аз тарафи олимони тоҷик, чи тавре дар ин боби ишораёфтаи «Таърихи халқи тоҷик « омадааст, фақат дар атрофи сокинони муқимиву азалии минтақа – тоҷикон маҳдуд нашуда, дараҷаи иртиботи қабилаҳои кӯчии турк низ, дар ҳадди воқеияти замон ба назар гирифта шудааст. Аз ҷумла муаллиф дар хулосабандии раванди ташакули халқияти тоҷик қайд кардааст: «Аз лиҳози муносибатҳои фарҳангӣ дар давраи таркиб ёфтани умумияти халқи тоҷик, вилоятҳои дар пешсафӣ қарордоштаи водии Зарафшон бо калонтарин марказҳои фарҳангӣ ва сиёсии он – Бухорову Самарқанд ва Балху Хуросон ҳисоб меёфтанд.

Ҳамаи ин дар маҷмӯъ имкон медиҳад тасдиқ намоем, ки дар асри X тоҷикон чун халқияти ягона ва воҳид дар шароити муносибатҳои феодалӣ пурра ташаккул ёфтанд. Ба ҳамин давра инчунин раванди шаклгирии халқҳои туркзабони Осиёи Миёна рост меояд»[2].

Аз рӯи ақидаи муаллиф, ки ба далелҳо такя дорад, дар Осиёи Миёнаи замони Сомониён дар Фарғона, Хоразм, Чоч ва дигар ҷойҳо дар қатори аҳолии муқимӣ, чанде аз қабилаҳои туркзабон зиндагӣ ба сар мебурданд. Вале дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои муқимиву шуғли кишоварзӣ дошта, қисмати асосии аҳолиро тоҷикон ташкил мекарданд[3].

Ҳамин тариқ, муҳтаво ва мантиқи умумии осори солҳои 60-уми бевосита ё бавосита ба таъриху фарҳанги замони Сомониён иртибот дошта мавқеи калидӣ ва манзалати волои тоҷиконро дар ин давлатдорӣ аз ҷиҳати илмӣ бештар тақвият бахшидаанд.

[1] Ниг. Ҳамон ҷо. С. 219-225.
[2] Ҳамон китоб. С.225.
[3] Ҳамон ҷо. С. 225.

# Мақоми давлати Сомониён дар таърихнигории Шӯравии солҳои 70-80-ум

Натиҷаи дастовардҳои сомониёншиносии солҳои 60-ум нишон доди, ки шарқшиносони Иттиҳоди Шӯравӣ доир ба ин масъала дар таърихнигории байналмилалӣ ба пешсафӣ баромадаанд. Дар он мақоми олимони тоҷик ниҳоят равшан ба назар мерасид. Ҳамаи ин барои ҳалли масоили назариявии чунин падидаи беназир дар таърихи халқи тоҷик ва дар асоси дарёфту таҳлили сарчашмаҳои муътамад кушодани саҳифаҳои ноаёни сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии давлати Сомониён заминаи мусоид фароҳам овард.

Маҳз ба туфайли ҳамин таҳкурсии боэътимоди илмӣ, сомониёншиносӣ дар солҳои 70-ум ба зинаи сифатан нави таҳқиқотӣ бардошта шуд. Дар ин ҷода бояд ба хизмати М.Е. Массон, А.М. Бубнова, М.Н.Фёдоров, А.М. Прибиткова, Л.Ю Манковская, С.Б. Лунина, А.А.Иерусалимская, О.И. Смирнова, А.М. Беленицкий, И.Б. Бентович, О.Г. Болшаков, А.Р. Муҳаммадҷонов. У. Эшонқулов, Е.А. Давидович, А.Анорбоев, Г.В. Шишкина, А.А. Ҳакимов, Д.А. Фахриддинова, Г.А. Пугаченкова, Р.И. Ремпел, Л.Г. Брусенко, Т.В. Беляева ва дигарон[1], ки ба таҳқиқи чанде аз масоили сиёсиву

---

[1] Массон М.Е. Столичные города в области низовьев Кашкадарьи с древнейших времен. – Ташкент. 1973; Ҳамон муалиф: Материалы по истории киргизов и Киргизии. – Вып. 1. – М., 1973; Бубнова М.А. Древние сребрянные рудники в Шугнане (Западный Памир, полевые исследования 1971 г.) // АРТ. – Вып. 11 (1971 г.). С. 236-248; Ҳамон муаллиф: Изучение памятников, связанных с горным промыслом на территории Таджикистана в 1970 г. // АРТ. – Вып. 10 (1970 г.). – М., 1973. С. 205-214; Ҳамон муаллиф: К истории добычи полезных ископаемых в верховьях Зеравшана // Материальная культура таджикистана (минбаъд – МКТ). – Вып. 4. – 1978. С. 155-175; Ҳамон муаллиф: Рудник Кух-и-лал // МКТ. – Вып. 2. – 1971. С. 120-142; Ҳамон муаллиф: Серебрянные рудники Илака и Буттама (К вопросу датироки) // Абуали ибн Сино и его эпоха. – Душанбе, 1980. С. 58-66; Ҳамон муаллиф: Организация горных работ и бытовые условия на рудниках Средней Азиии в X-XII вв. // Истоки развития горной науки и техники. –

иқтисодии давраи ҳокимияти Сомониён тақвият бахшидаанд, баҳои муносиб дод.

Ин равандро рӯи чоп омадани китобҳои «Осиёи Миёна ва Эрон»[1], «Саҳифаҳои таърих ва маданияти моддии Қирғизистон»[2], «Маданият ва санъати қадима ва асримиёнагии халқхои Осиёи Миёна»[3], «Абӯалӣ ибни Сино ва замони ӯ»[4], «Аз таърихи обёрикуни Истаравшан»[5], «Доир ба топографияи

М.,1984. С. 118-132 ва ғайра; Федоров М.Н. О покупательной способности дирхема и динара в Средней Азии и сопредельных с нею странах в IX-XII вв. // Советская археология. – 1972. – № 2. С. 73-80; Прибыткова А.М. Строительная культура Средней Азии IX-XII вв. – М.,1973; Маньковская Л.Ю. Типологические основы зодчества Средней Азии (IX – начала XX вв.). – Ташкент, 1980; Лунина С.Б. Города Южного Согда в VIII-XII вв. – Ташкент, 1984; Ҳамон муаллиф: Историческая топография западной части рабада средневекового Мерва // Труды ЮТАКЭ. – Т. XV. – Ашхабад, 1974. С.182-230; Иерусалимская А.А. К сложению школы художественного шелкоткачества в Согде // Средняя Азия и Иран. – Л., 1972. С..5-56; Смирнова О.И. Очерки из истории Согда. – М., 1970; Беленицкий А.М., Бентович И.Б., Большаков О.Г. Средневековый город Средней Азии. – Л., 1973; Большаков О.Г. Город Средней Азии в конце VIII – начале XIII вв. – М., 1974; Мухаммеджанов А.Р. История орошения Бухарского оазиса. – Ташкент, 1978; Давидович Е.А. Клады древних и средневековых монет Таджикистана. – М.,1979; Анарбаев А. Благоустройство средневекового города Средней Азии. – Ташкент, 1981; Шишкина Г.В. Глазурованная керамика Согда. – Ташкент, 1979; Ҳамон муаллиф: Ремесленная продукция средневекового Согда. – Ташкент, 1986; Хакимов А.А. Изобразительно-орнаментальные образцы и мотивы прикладного искусства // Художественная культура средней Азии IX-XIII вв. – Ташкент, 1983; Фахретдинова Д.А. Ювелирное искусства Узбекистана. – Ташкент. 1988; Пугаченкова Г.А., Ремпель Л.И. Очерки искусства Средней Азии. – М., 1985; Брусенко Л.Г. Глазурованная керамика Чача IX-XII вв. – Ташкент. 1986; Беляева Т.В. Глазурованная керамика IX-XII вв. Ходжента // МКТ. – Вып.4. – Душанбе 1987. С. 211-224;

[1] Средняя Азия и Иран. – Л.,1972.

[2] Страницы истории и материальной культуры Киргизистана. – Фрунзе, 1975.

[3] Культура и искусство народов Средней Азии в древности и средневековье. – М., 1979.

[4] Абуали ибн Сино и его эпоха (К 1000 – летию со дня рождения. – Душанбе, 1980.

[5] Билалов А.И. Из истории ирригагации Уструшаны. – Душанбе. 1980.

таърихии Самарқанди қадим ва асримиёнагӣ»[1], «Санъати тасвирии Осиёи Миёна дар асрҳои IX-XIII»[2], «Маданияти асримиёнагии Таҳористон»[3], «Маданияти шаҳрии асримиёнагии Қазоқистони Ҷанубӣ ва Ҳафтрӯд»[4], «Таърихи шаҳрҳои қадим ва асримиёнагии Мовароуннаҳри шарқӣ»[5] ва ғайра идома бахшидаанд.

Ба ин нигоҳ накарда, принсипи ҳақиқатнигории таърихӣ водор месозад ки ҳамаи ин асарҳоро бо як ченак чен кардан ва баробар баҳо додан хатост. Дар ҳоле ки баъзе аз муаллифон дастовардҳои фарҳангии замони Сомониёнро чун мероси миллати худ нишон дода, аз ҳақиқати ба тоҷикон бевосита иртибот доштани далелҳои истинод кардаашон фосила меҷӯянд, бояд бе ҷавоб намонад. Аз тарафи дигар бояд иқрор шуд, ки бидуни ин суйистифода аз манфиати худ, дар маҷмӯъ муаллифон барои равшан намудани баъзе аз ҷузъиёти таъриху фарҳанги замони давлатдории Сомониён ба ин ё он дараҷа саҳмгузорӣ намудаанд.

Дар ин ду даҳсола диққати муаррихон бештар ба таҳқиқи рушди илму фарҳанги замони Сомониён равона шуд. Ин дар мисоли осори Г.П. Матвиевская, Х Телашев, Х.Ф. Абдуллозода[6] ва дигарон ба назар мерасад. Дар ин ҷода, бахусус таҳқиқоти Н. Кубесов, М. Диноршоев ва дигарон, силсилаи

---

[1] К исторической топографии древнего и средневекового Самарканда. – Ташкент, 1981.

[2] Художественная культура Средней Азии IX-XIII вв. – Ташкент, 1983.

[3] Литвинский Б.А., Соловьев В.С. Средневековая культура Тохаристана. – М., 1985.

[4] Байпаков К.М. Средневековая городская культура Южного Казахстана и Семиречья. – Алма-Ата, 1986.

[5] Древний и средневековый город Восточного Мавераннахра. – Ташкент, 1990.

[6] Ниг.: Математика и астрономия в трудах ученых средневекового Востока. – Ташкент., 1977; Матвиевская Г.П., Телашев Х. Математические и астрономические рукописи ученых Средней Азии X-XIII вв. – Ташкент, 1981; Абдулла-заде Х.Ф. История астрономии в средневековом Хорасане и Мавераннахре (IX-XV вв.). Автореферат дисс. докт. историч. наук. – Душанбе., 1990

таҳқиқоти ба 1100-солагии Абӯнасри Форобӣ, 1000-солагии Абӯалӣ ибни Сино, 1000-солагии Абӯрайҳон Берунӣ[1], ҳамчунин корҳои ба фаъолияту эҷодиёти Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ ва дигар шоирони замони Сомониён бахшидашуда, ҷиддиву аз ҷиҳати илмӣ арзишманд ҳисоб меёбанд.

Дар байни асарҳои ба бахшҳои мухталифи давраи соҳибқудратии Сомониён бахшида, метавон маҷмӯаи мақолаҳо – «Абӯалӣ ибни Сино ва замони ӯ»-ро, ки ба 1000-солагии ин нобиғаи илми тоҷик бахшида шудааст, қайд кард. Китоб аз ду боб: «Таърих ва фарҳанги замони Абӯали ибни Сино» ва «Абӯалӣ ибни Сино ва таърихи илм» иборат буда, дар он мақолаҳои олимони шинохтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он Б.А.Литвинский, А.М. Беленитский, Н.Н Неъматов, Ю.Яъқубов, М.М. Ашрафи, А.С. Дун ва ғайра ба чоп расидаанд, ки қимати баланди илмиро соҳибанд[2].

---

[1] Кубесов Н. Математическое наследие ал-Фараби. – Алма-Ата, 1974; Ҳамон муаллиф: Педагогическое наследие ал-Фараби. – Алма-Ата, 1989; Научное наследство. – Из стории физико-математических наук на средневековом Востоке. – Т. 6. – М., 1983; Гафуров Б.Г.. Касымджанов А.Х. Аль Фараби в истории культуры. – М., 1975; Ҳамон муаллифон: Фараби – крупнейший мыслитель средневековья. (К 1100-летию со дня рождения Абу Насра Фараби). – Ташкент, 1973; Сатыбеков С.К. Гуманизм аль-Фараби. – Алма-Ата, 1975 ва ғайра; Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. – Душанбе 1985; Ҳамон муалиф: Аз таърихи фалсафаи тоҷик. – Душанбе, 1988; Абу Али ибн Сино. К 1000-летию со дня рождения. – Ташкент, 1980; Абуали ибн Сино и его эпоха. – Душанбе: Дониш. 1980; Абу Али ибн Сино. Избр. произв. – Душанбе, 1980; Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб. – Ҷилдҳои 1, 2, 3. – Душанбе: 1980, 1983, 1985. Номгӯи адабиёти илмии ба Ибни Сино бахшидаро ниг.: История таджикского народа. Том. II. Эпоха формирования таджикского народа. – Душанбе, 1999. Примечания. С. 745 – 747; Булгаков П.Г. Жизнь и труды Бируни. – Ташкент. 1972; Кедров Б.М., Розенфельд Б.А. Абу Райхон Бируни (к 1000-летиюсодня рождения). – М., 1973; Шарипов А. Великий мыслитель Абу Райхан Бируни. – Ташкент, 1972; Умаров Г.Я. Беруни, Коперник и современная наука. – Ташкент, 1973 ва ғайра.

[2] Ниг.: Негматов Н.Н. Основные исторические процессы эпохи Абуали ибн Сино // Абуали ибн Сино и его эпоха (К 1000-летию со дня рожде-

Аз асарҳои нисбатан мукаммали ба ҷашни 1000-солагии Ибни Сино бахшида, бахусус бояд таҳқиқотҳои Ю.Н. Завадовский – «Абӯали ибни Сино»[1], У. Султонов – «Аҳамияти «Рисолаи саргузашт» дар омӯзиши аҳвол ва осори Ибни Сино»[2] ва «Муосирони Абӯалӣ ибни Сино»[3], Ю.Б.Исҳоқӣ – «Ибни Сино ва илми тиб»[4], маҷмӯаи «Қонун»-и Ибни Сино ва илми тибби муосир»[5]-ро, ки воқеан ба навгӯиҳои илмӣ соҳибанд, зикр кард. Дар ин рисолаҳо дар баробари таҳлили фаъолияти илмии Ибни Сино, муҳити ташаккулёбии ҷаҳонбинии сиёсиву илмии ин нобиғаи замон, доир ба авзои сиёсӣ,

---

ния). – Душанбе: Дониш, 1980. С.5-16; Литвинский Б.А. Домусульманские истоки среднеазиатской цивилизации X-XI вв. Там же. С. 17-30; Якубов Ю. Страницы из быта таджиков эпохи Абуали ибн Сино. Там же. С.31-39; Ашрафи М.М. Рукописные хранилища Бухары эпохи Авиценны. Там же. С.40-50; Мирбабаев А.К. Из истории учебных заведений эпохи Абуали ибн Сино. Там же. С.51-57; Бубнова М.А. Сребряные рудники Илака и Бутама (к вопросу датировки). Там же. С. 58-66; Билалов А.И. Научные основы ирригационной практики X-XI вв. Там же. С.67-70; Абдуллаев Д. К вопросу о согдийском наследии в материальной культуре IX-XI гг. Там же. С. 71-82; Мамаджанова С.М., Мукимов Р.С. Вопросы преемственности традиции в зодчестве Мавераннахра IX-XI вв. С. 82-90; Раджабов А. К истории таджикской музыкальной культуры в IX-X вв. Там же. С. 127-136; Малаева З.А. К историографии культурных связей Средней Азии с Восточной Европой в VIII-XII вв.; Беленицкий А.М. Ибн Сино и Бируни (Опыт сравнительной характеристики). Там же С. 161-180; Дун А.З. Наследие Абуали ибн Сино на Украине. Там же. С.197-202 ва ғайра.

[1] Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. Жизнь и творчества (по таджикско-персидским и арабским рукописьным источникам). – Душанбе: Ирфон, 1980. – 304 с.

[2] Султонов М. «Рисолаи саргузашт» дар омӯзиши аҳвол ва осори Ибни Сино. – Душанбе: Дониш, 1980. – 76 с.

[3] Ҳамон муаллиф. Муосирони Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе:Дониш, 1980. – 128 с.

[4] Исхаки Ю.Б. Ибни Сино и медицинская наука. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 176 с.

[5] «Канон» Ибн-Сино и современная медицинская наука. – Душанбе: Дониш, 1980. – 232 с.

иқтисодӣ ва фарҳангии замони Сомониён, маълумоти хеле зиёди асоси маъхазӣ дошта, дар маърази таҳлил қарор ёфтаааст.

Доир таҳқиқи афкори сиёсӣ ва фалсафии замони Сомониён ҷилди дувуми тақиқоти бунёди – «Таърихи фалсафаи тоҷик»[1] мақоми хосса дорад. Дар китоб ақидаҳои динӣ-фалсафӣ ва илмӣ-табиии донишмандони бузурги тоҷик Абӯбакр Закариёи Розӣ, Ибни Ровандӣ, Ибни Муқаффа, Муҳаммад Хоразмӣ, Абӯрайхон Берунӣ ва ғайра дар маърази таҳлили воқеъбинона қарор гирифтаaанд.

Дар таърихнигории Шӯравии ба замони Сомониён иртибот дошта, китоби донишманди шинохтаи тоҷик Акбар Турсон «Эҳёи Аҷам» хеле ҷолибу хонданибоб аст. Аз рӯи банду баст асар услуби публитсистӣ дошта бошад ҳам, аз диди илмӣ таҳқиқоти мукаммалу ҷиддист. Ба таҳлили масоили ниҳоят доманадори дар madди таҳқиқи муаллиф қарорёфта, банд нашуда, фақат ба овардани назари олим, ки дар оғози сухан, чун муайянкунандаи муҳтавои китоб доир ба мақоми меҳварии таърихиву фарҳангии давлати Сомониён дар ташаккули халқияту давлатдории тоҷикон, ки яке аз масъалаҳои марказии ин таҳқиқот ҳисоб меёбад, маҳдуд шудан ҷавобгӯи матлаб буда метавонад. Устод аз тамаддунҳои қаблии ба тоҷикон иртибот доштаро ба хотир оварда, ба замони давлатдории Сомониён чунин баҳо додааст: «Дар таърихи халқи тоҷик ҳамин гуна аҳди ҳумоюнфар қарнҳои IX-XI буданд, ки аз ҷиҳати савияи тараққиёти афкори илмию фалсафӣ ва бадеӣ сар то сари Ховару Бохтар ҳамтои худро надоштанд. Дар ин давраи ҳуҷиста як ҷунбиши бузурги таърихию фарҳангие оғоз шуд, ки дар навиштаҳои зер (манзур аз муҳтавои асар аст Ҳ.П.) ҳамчун Эҳёи Тоҷик ёд мешавад.

Гап сари он аст, ки таҷаддуди таърихию фарҳангии мардуми эронинажод аввал маҳз дар муҳити Самарқанду Бухоро,

[1] История таджикской философии (С ревнейших времен до XV в.). В трех томах. – Т. II. – Душанбе: Дониш, 2012. – 788 с.

Хуҷанду Фарғона ва Балху Ҳирот, ки ба иттифоқи аҳли таърих меҳани аслию азалии қавми тоҷик буданд, ба амал омада, сипас ба ноҳияҳои ҷанубу ғарби Эрон, Озарбойҷон, Осиёи Сағир ва бархе аз қисматҳои Ҳинду Чин ва Покистони имрӯза нуфуз кардааст...Дар аҳди Сомониён бори нахуст маҳалҳои асосии тоҷикнишини Хуросони Бузург дар ҳудуди як давлати мутамарказ муттаҳид карда шуданд. Ташаккули ягонагии иқтисодию сиёсӣ бошад, ба ваҳдати мадании халқияти тоҷик роҳ кушод, ки дар навбати худ зимни забони муштараки порсии дарӣ амал пазируфт»[1].

Ҳамин тариқ, ба ихтилофи назари чанде аз таърихэҷодкунандагони ҷумҳуриҳои ҳамҷавор, ки давлати Сомониёнро чун давлати тоҷикон эътироф намекунанд, нигоҳ накарда, нишондиҳандаи маҷмӯии таҳқиқоти масоили гуногуни ба ин давра иртибот дошта, дар ду даҳсолаи қабл аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, аз рушди омӯзиши таъриху фарҳанги замони Сомониён далолат мекунад ва дар он пешсафии олимони тоҷик хеле равшан ба назар мерасад. Алалхусус хизмати муҳаққиқон Б. Ғафуров ва Н. Неъматов дар ин ҷода хеле муҳим арзёбӣ мешавад.

Дар байни садҳо мақолоту китобҳои солҳои 70-80-ум дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба чоп расида, тафсилоти ниҳоят илмии академик Б. Ғафуров доир ба ин хориқаи давлатдории тоҷикон, ки дар китоби «Тоҷикон» омадааст, аз ҳар ҷиҳат бартарӣ дошта, падидаи бесобиқаи илмӣ дар таърихнигории ватанӣ ва шарқшиносии ҷаҳонӣ ҳисоб меёбад. Аз ин рӯ, бо назардошти зарурати аз диди таърихнигорӣ муайян намудани мақоми Б. Ғафуров дар таҳқиқи таъриху фарҳанги қадимаву асримиёнагии тоҷикон, ки замони Сомониён қисми муҳими таркибии он ҳисоб меёбад, нисбатан муфассал изҳори назар доштан бамаврид аст.

[1] Турсунов А. Эҳёи Аҷам. Руҷӯи таърихию публитсистӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. С.4-5.

# Нақши меҳварии академик Бобоҷон Ғафуров дар таҳқиқи раванди ташаккули халқи тоҷик ва давлатдории он дар замони Сомониён

Ҳақиқате, ки раванди воқеаҳои таърихӣ аз рӯи қонунияти муайян амал мекунанд ва чизе тасодуфан амри воқеъ шуда наметавонад, ба ҳар фарди каму беш таърихогаҳ маълум аст. Амали чунин ҳақиқат дар ташаккули шахсиятҳои таърихӣ низ бараъло ба назар мерасад. Аз ин рӯ, шинохти онҳо берун аз воқеияти замону зарурати ҷомеа сурат намегирад. Аз доираи чунин фаҳмиш ташаккули ҷаҳонбинии ҷамъиятию сиёсӣ ва илмии академик Бобоҷон Ғафуров низ берун буда наметавонад.

Ӯ дар маҷмӯъ натанҳо таҷассумгари он донишҳои таърихиест, ки халқи тоҷик тӯли қарнҳо ба даст даровардааст, инчунин аз пешқадамтарин самтҳои илмии таърихи умумибашарӣ бархурдор буданашро ба туфайли осори аз худ боқигузошта, равшан собит намудааст.

Бояд қайд кард, ки дар ин боби ба хизмати сомониёншиносии Бобоҷон Ғафуров бахшида, то андозае аз доираи чунин масъалагузорӣ баромадан лозим меояд. Чунки олим дар таърихнигории миллӣ нафақат ба сомониёншиносии илмӣ асос гузошта, эътирофи давлати тоҷикон будани онро ба сатҳи шарқшиносии ҷаҳонӣ бардоштаст, инчунин бо далелҳои раднопазир бошандагони ориёинажоду азалии минтақа будани тоҷиконро бо қатъияти том исбот карда, бо ин ақидаҳои бепояву ғаразманди пантуркистонро комилан ботил намудааст. Дигар масъалаи дар таърихи тоҷикон мавқеи марказӣ дошта, ки ба он низ ин муаррихи тавонои миллат асос гузоштааст, таҳқиқи раванди ташаккули этникии ин халқи тамаддунофар ҳисоб меёбад.

Зарурати рӯ овардан ба ин масоили марказии таҳқиқоти Б. Ғафуров аз он бармеояд ки баъди пош хӯрдани ИҶШС ва ба мустақилияти пурра соҳиб шудани ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна,

майли ба гузашта рӯ овардану талоши моли худ эълон намудании арзишҳои таърихӣ боло гирифт. Хоҳиши дар умқи таърих ҷой ёфтану сокинони азалии минтақа нишон додани миллати худ барои ҷумҳуриҳои ҳамҷавор ба ҳукми анъана даромад. Ҳирси талошмандӣ дар ин яккатозӣ, аниқтараш таҷовузи таърихӣ, ба ҷое расид, ки зумрае аз «муаррихон»-и таърихбехабари кишвари ҳамсоя сокинони асилу азалии минтақа – тоҷиконро дар паҳнои Осиёи Марказӣ туфайлӣ ва бегона хонда, беибову густохона ин «кашфиёти» худро дар шакли китобу мақолаҳо пешкаши доираи васеи мутахассисон ва хонадагони сершумор гардондаанд. Аз ин рӯ, қабл аз баъди чанде ба сари ин масъала баргаштан, ба таври мухтасар ба арзи баёни назари дар воқеъ одилонаву оқилона ва аз ҳама муҳим, олимонаи академик Б. Ғафуров доир ба решаву макони пайдоиш, мансубияти ирқӣ, ташаккули халқият ва даҳои давлатсозиву давлатдории тоҷикон (дар мисоли оли Сомон), ки дар осори муҳаққиқ, хосатан «Тоҷикон» бо далелҳои раднопазир ҷой доранд, гузаштан лозим меояд.

Бобоҷон Ғафуров охири солҳои 30 ва ибтидои 40-уми асри гузашта ба саҳнаи таърихнигории Шӯравӣ ворид шуда, дар ташаккули илми таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҳалкунанда ва дар шарқшиносии Иттиҳоди Шӯравӣ мақоми назаррасеро соҳиб гардид. Мавқеи суръатафзои касбиаш солҳои 50-60-ум ба ӯ шуҳрати ҷаҳонӣ бахшид. Акнун ба туфайли заҳмати муттасил, ин донишманди тоҷик фазои илми шарқшиносии умумибашариро муайян мекард.

Ба чунин қуллаҳои эътирофу эътибори касбӣ расидани ин олими бузург аз огаҳии ҳамаҷонибаи ӯ аз воқеияти замон, қобилияти азалии дарки қонунияти раванди таърихи ҷомеаи инсонӣ ва эҳсоси ҳамбастагии тақдири таърихии ҳамавлодонаш – тоҷикон маншаъ гирифтааст.

Дар қатори омилҳои барои ташаккули шахсияти ин олим, ходими бузурги давлатӣ муҳим, нахустинтихоби касбии ӯ – рӯзноманигорӣ ё журналистӣ нақши ҳалкунанда дошт. Маҳз ҳамин фаъолияти касбӣ ӯро барои дарки воқеияти замони

ниҳоят мураккабу печидаи давраи гузариш ба тафаккури ҷадиди ҷомеашиносӣ ва муносибатҳои нави истеҳсолӣ бевосита тайёр кард. Маҳз ҳамин диди рӯзноманигорӣ, эҳсоси набзи замон ва кӯшиши инъикоси он дар матбуоти даврӣ дар олими оянда эҳсоси зарурати муқоисаи давраҳои таърихии халқашро бедор намуд.

Ҳатто шиносоии сатҳӣ ба таҳқиқоти олим нишон медиҳад, ки пайгирии илмии ӯ аз воқеоти даврони муосир руҷӯъ шуда, аз он ба давраи наву охири асримиёнагӣ, сипас ба умқи асрҳои даврони бостон расидааст. Ба таври дигар, аз аввалин мақолаҳои рӯзмарраи мухбири ҷавон, Бобоҷон Ғафуров дар рӯзномаҳои «Овози Тоҷик» ва «Бедории Тоҷик» солҳои 1927-1928, «Қизил Тоҷикистонӣ» ва «Тоҷикистони Сурх», маҷаллаи «Коммунисти Тоҷикистон» солҳои 30-юм, ки ба шарҳи воқеоти муосир бахшида шудаанд, ба таълифи рисолаҳои «Фаранҷӣ ва хурофоти диниро барҳам диҳем» (соли 1940), «Сарнагуншавии аморати Бухоро» (бо шарикмуаллифӣ – соли 1940), рисолаи номзадӣ «Таърихи мазҳаби исмоилия аз ибтидои асри XIX то оғози ҷанги ҷаҳонии империалистӣ» (соли 1941 дифоъ шудааст) гузаштан, ибтидои қадами ҷиддии ӯст дар ин роҳ. Рисолаи ниҳоят зарурию рӯзмарраи замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ «Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти Ватани худ» (бо шарикмуаллифии Н.Прохоров, соли 1944) ва таҳқиқоти дар ҷумҳурӣ аввалини бунёдӣ – «Таърихи мухтасари халқи тоҷик», ки соли 1947 рӯи чоп дидааст, тасдиқи амиқест аз торафт бештар ба умқи қарнҳо роҳ ёфтани назари таърихии олим. Аз тарафи дигар, ин худ далели равшани мавқеи пешсафиро дар тамоми минтақа ба даст овардани муаррихи баркамоли тоҷик ҳисоб меёфт.

Бояд қайд кард, ки барои ба чунин таҳқиқоти мукаммал даст задани роҳбари аввали Ҳизби Коммунисти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсияти саршиноси сиёсиву давлатӣ, Бобоҷон Ғафуров амали тасодуфӣ набуд. Ӯро ба ин амал шиносоии амиқ ба натиҷаи тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии соли 1924 ва

ҳалли ғайриодилонаи он, ки аз фаҳмиши ғаразноки пантуркистии таърих маншаъ гирифтаву ҳалли одилонаи худро ҳатто бо таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон соли 1929 ёфта натавониста буд, водор сохт.

Б. Ғафуров ҳанӯз ҳангоми дар вазифаи дастурдиҳандаи КМ ҲК(б) Тоҷикистон буданаш (солҳои1936-1937), бо ҳуҷҷатҳои расмӣ оид ба зарурати ҷиддии омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва таълифи китоби дарсӣ барои мактаби миёнаи таълимоти умумӣ шинос шуда, мавқеи хешро дар ҳошияи баъзе аз навиштаҳо қайд намудааст, ки аз диди ӯ оид ба ин масъала хеле равшан гувоҳӣ медиҳад.

Соли 1936 ба унвони Комиссари халқии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдинов гузоришномае ворид гардид. Ҳарчанд дар нусхаи дар бойгонӣ маҳфуз буда, номи муаллиф зикр нашудааст, вале аз мантиқи дигар ҳуҷҷатҳо эҳтимол меравад, ки ин гузоришномаро шарқшиноси маъруф Е.Э. Бертельс пешниҳод намудааст. Дар ҳуҷҷат аз зарурати таълифи китоби дарсии таърихи халқи тоҷик барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ меравад. Моҳи июни ҳамин сол дар Сталинобод доир ба ин масъала конференсияи доманадоре доир гардид, ки дар он намояндагони роҳбарияти ҷумҳурӣ, олимони Пойгоҳи тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС, шарқшиносони намоён аз шаҳри Москва ва гурӯҳи муаррихон аз Ӯзбекистон бо сардории декани факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Осиёимиёнагӣ, профессор В.Я.Яротский (Яроцкий) дар ин конференсия иштирок доштанд. Баромаду гузоришҳо асосан дар атрофи маърузаи Е.В.Бертельс оид ба тарзи навишти китоби дарсие, ки воқеан таърихи халқи тоҷикро инъикос карда тавонад, мегузашт. Дар байни мулоҳизоти ширкаткунандагони конференсия маърузаи Яротский, ки дар он асосан, сухан аз хусуси маҳдуд намудани таърихи тоҷикон дар ҳудуди кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мерафт, маърузакунанда ғарази бепояи худро нисбат ба таърихи воқеии халқи тоҷик пинҳон накардааст.

Ба таҳлили нисбатан пурраи маърузаю баромадҳо, ки ба тариқи тезнависӣ (стенограмма) тайёр шудаву дар Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳузанд [1], банд нашуда, фақат баъзе далелҳои аз муносибати Бобоҷон Ғафуров нисбат ба ин ҳуҷҷатҳо даракдиҳандаро ёдовар шудан лозим меояд. Шояд ҳангоми дар вазифаи дастурдиҳандаи (инструктор) КМ ҲК(б) Тоҷикистон будан (солҳои1936-1937) ё давраи мудирии Шуъбаи матбуоту нашриётро (солҳои 1937-1939) ба ӯҳда доштан, Бобоҷон Ғафуров ба маводи ин конференсия шиносоии бевосита пайдо карда бошад, ки қайдҳояш дар ҳошияи матни бо ном фишурдаву вале хеле васеи профессор Яротский «Дар бораи китоби дарсии таърихи Тоҷикистон барои мактаби миёна ва нопурра», лоиҳаи барномаи ӯ тартиб дода ва матни дигар маърузаю баромадҳо хеле қотеона ба назар мерасанд. Масалан, дар матни маърузаи хеш, Яротский овардааст, ки «бояд китоби дарсӣ ба шарҳи ҳодисаю воқеаҳое маҳдуд шавад, ки дар ҳудуди кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштаанд» ва номи китобро низ чун «Таърихи Тоҷикистон» пешниҳод намудааст.

Ин андешаи ғаразмандонаи ӯ, ки аз идеологияи пантуркистӣ маншаъ мегирифт, дар лоиҳаи барномаи таҳия намудааш боз возеҳтар ба назар мерасад. Аз ҷумла номгӯи мазӯъҳои пешниҳодкардаи ӯ ба чунин мазмун омадаанд: «Ҳукмронии Ҳахоманишҳо дар Тоҷикистон», «Искандари Мақдунӣ ва Тоҷикистон», «Салтанати Сосониён дар Тоҷикистон (асрҳои II-VI), «Ғасби Тоҷикистон аз тарафи арабҳо (асрҳои VIII-IX)», «Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон дар замони ҳукмронии арабҳо», «Давлатҳои турк (Сомониён, Қарахониён ва қарахитоиҳо) ва Тоҷикистон дар асрҳои IX-XIII», «Мақоми Чингиз ва Темур дар Тоҷикистон», «Аз тарафи Бухоро забт карда шудани Тоҷикистон (солҳои 70-уми

[1] Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон (собиқ Бойгонии Институти тадқиқоти сиёсии назди КМ ҲК.Тоҷикистон. – Фонди 4513. – Оп. 16. – Бастаи № 2.

асри XIX )» ва ғайра. Дар ҳошияи ҳар саҳифаи маърузаву барномаи Яротский ва чанде аз дигар сухангӯён қайдҳои бо қалами сиёҳ ишоранамудаи Бобоҷон Ғафуров, мисли: «На Тоҷикистон, балки халқи тоҷик», «Консепсия ғайри илмию ниҳоят зараровар», «Не!», «Ин тавр нест!», «Тамоман нодуруст!» ва чандин аломати саволу зери ҷумлаҳо ё гирди онҳо хати ғафси сиёҳ кашида, ки аз ғазаби ботинии ӯро фарогиранда дарак медиҳад[1], возеҳан ба назар мерасад.

Худи ҳамин муносибат зарурати таҳқиқи таърихи тоҷиконро тезонд. Чи тавре дар боло зикри он рафт, баъди тадриҷан тайёр шудан барои иҷрои ин мақсад, Б. Ғафуров таҳқиқоти дар ҷумҳурӣ аввалини бунёдии ӯ – «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-ро ба итмом расонда ва соли 1947 аз чоп баровард.

Бо таълифи ин китоб ҳақиқати таърих, мавқеи пойбарҷову устувори тоҷикон дар тамаддуни башар, нафақат дар ҳудуди Осиёи Миёна, аз ҳама муҳим, барои тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳониён возеҳан кушода шуд. Ба забони русӣ баргардонидану бо иловаҳо пайи ҳам солҳои 1949, 1952, 1955 дар Москва ба чоп расидани ин таҳқиқот, аз шуҳрати муаллиф ва ба талаботи илмии замон ҷавобгӯ будани рисолаи таълифнамудааш гувоҳӣ медиҳад.

Зиёда аз ду даҳсола (1956-1977) Бобоҷон Ғафуров масъулияти сарварии Институти Шарқшиносии Академияи Илмҳои ИҶШС ба ӯҳда дошт. Ин масъулият зарурати ниҳоят васеъ намудани доираи таҳқиқотро талаб мекард. Акнун чун сарвари ин маркази ниҳоят бонуфузи илмии сатҳи ҷаҳонӣ ба зиммаи ӯ таҳлили ҳаводиси қадиму замони мустамликадорӣ ва раванди мубориаи халқҳои мазлуми Осиёву Африқо барои аз тобеияти мустамликадорон раҳо ёфтану мустақилияти давлатии худро таъмин намудан, афтида буд. Агар ба ин боз ташаббуси омӯзиши тамаддуни халқҳои Шарқро илова намо-

[1] Пурра ниг.: Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон (собиқ Бойгонии Институти тадқиқоти сиёсии назди КМ ҲК Тоҷикистон). – Ф.4511. – Оп.16. – Бастаи нигоҳдошт (дело), № 2 (К вопросу о написании истории Таджикистана). – Дар 49 варақ.

ем, он гоҳ паҳнои уфуқҳои диду назари академик Бобоҷон Ғафуров равшантар аён мегардад. Вале дар ҳама ҳолат, дар маркази таҳқиқоти олим таҳлили ҳаматарафаи тақдири таърихии халқаш қарор дошт.

Вобаста ба фарогирии даврагӣ, ин таърих хеле тӯлонӣ ва масоили ба он марбути ниҳоят зиёдеро дар бар мегирад. Доираи масъалаҳои ҳадафи таҳлил қарорёфта, тамоми зинаҳои таърихи халқи тоҷикро фаро мегирад. Олим ҳаводису вазъи таърихии аз замони обшинаи авлодӣ, давраи ҷомеаи авастоӣ, пайдоиш ва ташаккули ҳавзаҳои давлатии аҷдодони тоҷикони қадим, ба ҳайати давлат Ҳахоманишҳо ҳамроҳ кардани онҳо, тақдири оянадаи тоҷикон дар замони ҳукмронии сулолаҳои Юнону Бохтар, Кушониён, Сосониён, давраи фоҷиабори истилои арабу зери итоати хилофат қарор доштан, зинаи тақдирсози соҳибдавлатии замони Сомониён ва ҳазорсолаи асорати силсиласулолаҳои кӯчии муғулу турктаборон, то арафаи эҳёи давлатдории навинро (инқилобу барқарор шудани сохтори Шӯравӣ) бо ҷиддияту масъулиятшиносӣ ҳадафи таҳлили илмӣ қарор додааст.

Ба мутахассисони соҳа маълум аст, ки Бобоҷон Ғафуров аз оғози ба фазои илми таърих ворид гаштанаш ба таҳлили манобеи мавҷудаи бостоншиносиву хаттӣ ва назари шарқшиносони дар ҷаҳон эътирофшудаи тоинқилобии рус, Шӯравӣ ва умумибашарӣ диққати махсус медод. Ин амали олим дар таҳлилу такмили ҳар барориши навбатии «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва дар таҳқиқоти воқеан бунёдии ӯ – «Тоҷикон» ошкоро ба назар мерасад.

Қимати назару хулосаҳои олими номдори миллат барои мо наслҳои имрӯзу оянадаи муаррихону алоқамандони таърихи миллат нафақат дар он аст, ки ӯ аввалин шуда таҳқиқоти комили таърихи тоинқилобии тоҷиконро ба зимма доштааст, инчунин аз ҳама муҳим он аст, ки олим дар тӯли чаҳор даҳсолаи ҳаёти хеш пайваста доираи нави маъхазҳо, диди беҳтарини мутахассисони соҳавии умумибашариро ҳадафи омӯзишу таҳлил қарор медод. Ӯ паҳлӯҳои нави масоили марбути

таърихиро аз назари воқеъбинона, ки маҳаки ҳақиқатнигории таърихист, боздиду пурра мегардонд ва бо ин васила хулосаҳои муҳими илмие пешниҳод менамуд, ки бо мурури замон пойдории онҳо боз бештар эҳсос мешавад. Масалан, нахустнашри китоби олим «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» бо чунин суханҳо оғоз меёбад: «Тафтиш ва таҳқиқоти археологӣ чунин нишон медиҳад, ки дар Осиёи Миёна ва аз ҷумла дар он ҷойҳое, ки дар гузаштаи наздик тоҷикон зиндагӣ мекарданд, даҳҳо ҳазор сол пеш аз ин одамизод умр ба сар бурдааст».[1] Сипас дар матн шарҳи давраҳои қадими ҷомеаи ибтидоӣ меравад. Дар нашрҳои ояндаи ин китоб ба забони русӣ, ки чи тавре дар боло ишора рафт ва солҳои 1949,1952,1955 дар Москва нашр шудааст, таҳлили муаллиф боз амиқтару возеҳтар ба назар мерасад. Дар таҳқиқоти ниҳоят бунёдии «Тоҷикон», ки дар асоси маъхазҳои нав ва дастовардҳои олимони ватанию хориҷӣ натиҷагирӣ шудааст, хулосаҳои олим ба маротиб пурраю комил гаштаанд.

Муаллиф сарриштаи нажодии тоҷикон ва таркиббандии пурраи онҳоро ба асри биринҷ пайваста, доир ба масоили марбут ба ҳинду эрониён ва ориёиҳо мансубияти бевосита доштанашон, хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ пойбарҷо пешниҳод намудааст, ки дар доираҳои шарқшиносии умумибашарӣ эътироф шудаанд.

Бобоҷон Ғафуров аввалин шуда дар асоси далелҳои раднопазир, ба фаҳмиши ғаразноки пантуркизм оид ба решаҳои пайдоиши тоҷикон, ки тибқи сафсатаи онҳо гӯё ин тоифа аз қабилаи араб буда, ҳангоми забткории арабҳо аввал ба Форсу сипас ба ин ҷо омада бошанд ё аз рӯи хаёли бофтаи солимияти ақлониашонро зери шубҳа гузошта, ки гӯё тоҷикон форсҳои муҳоҷир гардидаеанд, ки омада, дар паҳноҳои Осиёи Миёна, дар «ватани туркҳо» сукунати доимӣ ихтиёр намуда бошанд, зарбаи қатъӣ зад.

[1] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. – Сталинобод. Нашр.давл.Тоҷикистон, 1947. С.3.

Олим дар асоси маъхазҳои муътамад ва далелҳои раднопазир хулосаи арзишманде пеш овард, ки мувофиқи он дар давраҳои қадим бар хилофи ақидаи ғайриилмии туркгароён на ба Осиёи Миёна, балки аз ин минтақа дар миёнаҳо ва нимаи дувуми ҳазораи II пеш аз милод ба ҷануб ҳаракати сокинони азалӣ – аҷдодони гузаштаи дури тоҷикон сурат гирифтааст.

Тибқи хулосаи ниҳоят асосноку илмии олим, «ҳам маълумоти археологӣ ва ҳам далелҳои таърихию забоншиносӣ аз Осиёи Миёна ба тарафҳои ҷануб, ба Ҳиндустон, Афғонистон ва зоҳиран ба Эрон нуфуз кардани гурӯҳҳои мухталифи ориёӣ (аввалҳо аксаран ҳиндуориёӣ, баъдтар эронӣ)-ро исбот менамоянд».[1] Сипас олим нуқтаи назарашро чунин афзудааст: «Ҳамаи ин бори дигар тасдиқ мекунад, ки Осиёи Миёна бо ноҳияҳои ҳамҷавори худ қадимтарин маҳалли иқомати тоифаҳои ҳиндуэронӣ ва маркази асосии паҳншавии онҳо будааст. Ҳамон тоифаи эроние, ки дар Осиёи Миёна мондаанд, ниёгони аҳолии аслии Осиёи Миёна, аз оғози аҳди таърих то аввалҳои асри миёна ҳисоб меёбанд.

Баъдҳо дар асоси халқиятҳои шарқиэронии Осиёи Миёна, пеш аз ҳама бохтариҳо, суғдиҳо ва ба дараҷаи камтар дигар ҷузъиётҳои таркибии нажодӣ, халқи тоҷик ба вуҷуд омад»[2].

Ақидаи аз «Осиёи Миёна ба тарафи ҷануб ҳаракат кардани тоифаҳои ориёи»-ро олим дар ҳар барориши «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва ахиран дар «Тоҷикон» борҳо такрор кардааст. Масалан ин назари ӯ дар «Тоҷикон» ба тариқи зайл омадааст: «Дар заминаи материалҳои археологии Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамсояи шимолии он ин ҳолат асос медиҳад чунин тахмин кунем, ки аҷдоди ҳиндуориёиҳо дар ҳудуди ватани қадимаи худ, ҳадди ақал то асрҳои аввал ё худ, ҳатто то миёнаҳои ҳазораи II пеш аз милод ҳамроҳи ниёгони

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. С.59

[2] Ғафуров Б. Тоҷикон. С.59

тоифаҳои эронӣ зиндагӣ ба сар бурдаанд. Оғози аз Осиёи Миёна ба тарафи ҷануб ҳаракат кардани тоифаҳои ориёӣ тақрибан ба ҳамин вақтҳо рост меояд»[1].

Ҳанӯз дар нашри сеюми китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (М., 1955) ин равандро олим чунин ба қалам дода буд: «Ҷудошавии эрониёни шарқии Осиёи Миёна (аҷдодони тоҷикон) аз эрониҳои ғарбӣ (аҷдодони форсҳо) дар замонҳои қадим хеле пеш аз милод, гузаштааст. Албатта ин ҷудошавӣ алоқамандии фарҳангии онҳоро пурра боздошта натавонист, чунки ҳам аз ҷиҳати иркӣ ва ҳам забонӣ онҳо наздик буданд. Вале ин ҳеҷ гоҳ асоси он шуда наметавонад, ки мо аз ҷиҳати таърихӣ ва фарҳангӣ фарқияти байни эрониҳои Осиёи Миёна (тоҷикон) ва Эрон (форсҳо)-ро чи тавре ки дар фаҳмиши ориенталистони буржуазӣ ҷой дорад, нодида гирем. Халқи тоҷик новобаста аз форсҳо, фарҳангу анъанаҳои фарҳангӣ ва таърихи худро дорад»[2].

Маълум аст, ки масъалаи тамоман вуҷуд надоштани фарқияти этникии байни тоҷикону форсҳоро, ки пантуркистон байрақ карда, дар ибтидои эҳёи навини давлатдории тоҷик – тақсимоти миллию ҳудудӣ, соли 1924 ва баъди он дар маъракаи таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон чӣ қадар мушкилиҳо эҷод намуда буданд. Албатта хизмати шарқшиносони рус ва нахустсарварони ҳизбию шӯравии тоҷик мисли Нусратулло Махсум, Ширишоҳ Шоҳтемур, ки ин масъаларо аз рӯи фаҳмиши сатҳи таърихии худ то андозае пурра ва таъсиргузор баррасӣ карда натавониста бошанд ҳам, аввалин шуда, дар вақти зарурӣ аз манфиати халқи худ дифоъ намудаанд, бояд ҳамеша дар мадди сипоси авлодон ҷой дошта бошанд. Вале бо тақозои тақдир, аниқтараш фишори пантуркизму сатҳи пасти худшиносии миллӣ, ин масъала ҳалли одилонаи худро ёфта натавонист. Ин доғе буд, ки тамоми умр дар дили

[1] Ниг. Ҳамон ҷо С.55.

[2] Ғафуров Б. История таджикского народа в кратком изложении. – изд. третье, исправленное и дополненное. – М: Госиздат, 1955. С. 33-34.

Бобоҷон Ғафурови баъди даҳ соли ҳалли ин масъала ба майдони илми таърих ворид гардида, монда буд.

Ҳангоми дар сари қудрати сиёсию давлатӣ будан, Б.Ғафуров, борҳо бо сарварони аввалини Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла бо Иосиф Сталин, аз боби таърихи тоҷикон ва ғарази пантуркистон суҳбат доштааст. Ӯ ворисони қадимии сарзамини доманфарохи Осиёи Миёна будани тоҷиконро дар ҳар гузориш ва нашри нави таърих бо далелу бурҳонҳои нав ба нав қотеъона, гаштаю баргашта таъкид мекард. Маҳз ба туфайли хизмати Бобоҷон Ғафуров аҳли илм дар сатҳи байналмилал ба таърихи тоҷикон шиносоии амиқ пайдо карда, аз нақши ин халқи бумии минтақа дар тамаддуни башар огаҳии пурра ёфтанд.

Аллома Бобоҷон Ғафуров дар баромаду гузоришҳояш доир ба масоили рӯзмарраи таърихӣ ба панэронизм ва панисломизм роҳ надоданро борҳо таъкид намудааст. Аз диди ӯ барои халқи мо (албатта доираи Тоҷикистонро дар назар дошт) хавфи панэронизм аз пантуркизм кам нест. Чӣ хеле, ки славянҳо аз панславянизм меҳаросанд, мо ҳам бояд аз ин дар ҳарос бошем. Эрониён ва тоҷикон гарчи то андозае ҳамзабону ҳамтаъриху ҳамтақдир бошанд ҳам, чун халқияти воҳид ва чун миллат фарқияти онҳоро бояд шинохт.

Таърихи давлатдории халкҳои тоҷику форс ҳам ду халқи мустақил будани онҳоро собит месозад. Б.Ғафуров ба маъхазҳои боэътимод такя карда, доир ба пайдоиши давлати форсҳо хулосаи хешро ба тариқи зайл пешниҳод намудааст: «Бунёди давлати Ҳахоманишҳоро подшоҳи тоифаҳои форс Куруши II гузошт, ки пештар чун вассал ба салтанати Мидӣ тобеъ буд. Ӯ дар натиҷаи муборизаҳои сахт ва дуру дароз на фақат аз тобеият халос шуд, балки дар соли 550 пеш аз милод, давлати Мидиро тамоман торумор намуда, ба зери итоати худ даровард. Вай дар баробари унвони подшоҳи Форс унвони подшоҳи Мидиро ҳам соҳиб шуд»[1]. Ӯ соли 539 пеш аз

---

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. С. 90.

милод Бобулистон (ҳудуди ҳозираи Ироқ), баъди чанд муддат Бохтария, Суғд ва Хоразмро ба итоати худ даровард ва дар лашкаркашии дубораааш ба сарзаминҳои шарқӣ соли 530 кушта шуд.

Ҳарчанд Бобоҷон Ғафуров вуҷуд доштани давлатҳои Осиёи Миёнаро чанде пеш аз замони Ҳахоманишҳо қайд накарда бошад ҳам, вале «Иттиҳодияи Хоразми Бузург» ва «Салтанати Бохтари қадим»-ро чун ду давлати фарохдомани ҳамон давра нишон додааст[1]. Аз ин ҷост, ки дар давраи ҳуҷуми Ҳахоманишиҳо дар Осиёи Миёна давлатҳо ё иттиҳодияҳои ташаккулёфтаи қабилавии дар шакли давлатҳои ҳавзагӣ ёдовар шудаанд. Дар манбаъҳои аз даврони Ҳахоманишҳо маълумот дошта низ, онҳо чун кишвар ишора ёфтаанд.

Академик Б.Ғафуров доир ба тобеияти онҳо овардааст, ки «Хоразм, Суғд, Бохтар, Порт, аксари вилоятҳое, ки сакоиҳои бодиянишин сукунат доштанд, – ҳама дар овони нашъунамои давлати Ҳахоманишӣ ба ҳайати он дохил мешуданд.

Бохтар то охирин лаҳзаҳои мавҷудияти давлати Ҳахоманишӣ дар тахти тасарруфи он буда, муҳимтарин маркази шарқии ин давлат ҳисоб меёфт»[2]. Олим ин муносибатро амиқтар санҷида, афзудааст: «Тамоми давлати Ҳахоманишӣ ба вилоятҳои молиётдиҳандаи ҳарбӣ, яъне сатрапиҳо тақсим гардида буд… Дар аҳди Дорои I (522 – 486 пеш аз милод) шумораи ин қабил вилоятҳо ба 20 мерасид… Осиёи Миёна ба 4 сатрапӣ ҷудо шуда буд… Хоразм, Суғд ва Порт сатрапии XVI буда, 300 талант (талант қариб 30 кг нуқра) андоз мепардохтанд, Бохтар сатрапии XII ба шумор рафта, 360 талант андоз медод, ниҳоят, сакоиҳо вилояти XV-ро ташкил намуда, ба маблағи 250 талант хироҷ медоданд».[3] Муаллиф ба маълумоти Геродот такя карда, намуди андозситонии иловагиро аз ин сарзамин нишон медиҳад. Фишанги асосии ситонидани ан-

[1] Ниг. Ғафуров Б. Тоҷикон. С.79.
[2] Ғафуров Б. Тоҷикон. С.97.
[3] Ғафуров Б. Тоҷикон. С.97– 98.

дозҳои иловагӣ иншоотҳои обёрикунанда – дарғотҳо ҳисоб меёфтанд, ки онҳо пурра дар дасти маъмурони марказӣ буданд ва фақат баъди гирифтани андоз ва пули иловагӣ барои обёрии зироатҳо кушода мешуданд.

Б.Ғафуров мубориза озодихоҳонаи халқҳои Осиёи Миёнаро ба муқобили Ҳахоманишҳо махсус қайд намудааст. Ин муқобилият беист идома дошт. Аз навиштаҷоти машҳури Кӯҳи Бесутун, ки дар он лаҳзаҳои муҳими фаъолияти Дорои I (522-486 пеш аз милод) сабт шудааст, маълум мешавад, ки фақат дар пахш кардани шӯриши Марғиёниён (воҳаи Марв) бо сардории Фрад, лашкари Ҳахоманишҳо 55 ҳазор одамро кушта, 7 ҳазор касро асир кардаанд. Ҳамин тариқ шӯриши Порт (шимолии кӯҳҳои Купетдоғ) ва кишвари сакоиҳо Тиграхуд, ки ба Хоразм марбут буданд, бераҳмона пахш шуданд[1]. Ба туфайли ҳамин муқобилият аз нимаи дувуми асри IV пеш аз милод Хоразмиҳо ва аз ҳамон вақт сакоиҳо аз тобеияти Ҳохоманишиҳо берун омадаанд[2].

Албатта, на академик Бобоҷон Ғафуров, на пайравонаш, дар миёни ду халқ – эрониёну тоҷикон ҳаргиз садди Чин нагузоштаанд. Гузашта аз он, бо иборан дар таърих мақбули «тоифаҳои эронӣ», ки олим борҳо ба такрор таъкид намуда, халқи тоҷикро ба он мансуб донистааст, ба нуқтаи назари тамоми муаррихони касбӣ мувофиқ аст. Вале ба омезиши пурраи этникию миллии ин ду халқ муросо намудан кӯтоҳандешии таърихист.

Албатта падидаҳои назарраси фарҳангии замони Сосониён барои ҳам эрониёну ҳам тоҷикон мояи ифтихор ҳисоб меёбанд. Вале ин ҳаргиз маънои чун як халқияти воҳид тоҷиконро пурра ба онҳо омехтан надорад. Омезиши тоҷикони Хуросон ва дигар манотиқи шимолу шарқии Эрон, ки боре тоҷик буданашон ёд намешавад, сабақи равшани таърих буда метавонад.

[1] Ниг.: Ғафуров Б. Тоҷикон. С.96.
[2] Ҳамон ҷо. С.99.

Таъриху фарҳанги моро бояд ҳатман дар ҳамбастагӣ омӯхт, на аз биниши панэронизм, ки дар худи Эрон таваҷҷуҳе ба он эҳсос намешавад, вале ташаббускорони он дар ҷумҳурии мо бо як бузургманишии мағрурона аз худ дарак медиҳанд.

Дигар масъалаи ниҳоят мушкиле, ки дар пеши муаррихони тамоми давлату миллат қарор дорад, ташаккули халқияту давлатдории он ҳисоб меёбад. Тоҷикон дар ин масъалаи ниҳоят нозук, вале барои таърихи миллат зарур, истисно буда наметавонанд. Мушкилотро барои тоҷикон, чи тавре дар боло ишора рафт, муносибати ғаразмандонаи пантуркистон ва эронгароён эҷод намуда буданд. Аз ин рӯ, барои бевосита ба он машғул шудану ҳалли онро ёфтан ҷуръату матонат, дониши қавии касбӣ доштан лозим меомад. Беҳуда нест, ки то Бобоҷон Ғафуров ҷиддан ба ин масъала касе машғул нашудааст. Сабаби онро дар ноқисии дарки илмии воқеияти таърихӣ бояд ҷуст.

Шиносоӣ ба он ҷузъиёти таҳқиқотии олим, ки дар китобҳояш ба ин масъала бахшидааст, ба хулосае меорад, ки дар муқоиса бо таҳлили замони бостонии тоҷикон таҳлили раванди ташаккулёбии халқияти тоҷик ба маротиб заҳмати бештарро тақозо доштааст. Аз мантиқи масъалагузории олим ва кӯшиши ҳалли онҳо бармеояд, ки муаллифро чунин монеаҳо дар пеш буданд:

1. Андешаҳои шарқшиносони тоинқилобӣ ва давраи аввали баъди инқилобии рус доир ба ин масъала пешниҳод карда, хеле ҷузъӣ ва пароканда буда, ба хулосабарории амиқ имкон намедоданд.

2. Ташаккули илмии таърихи Ватан, ки давраи гузариши он донишҳои таърихӣ, тавассути асарҳои маорифпарвари бузурги тоҷик Аҳмади Дониш ибтидо ёфта, бо заҳмати устод Садриддин Айнӣ зинаи гузаришро паси сар карда буд, ҳанӯз ба иқтидори ҳалли чунин масъалаҳои марказии таърихи халқамон қодир буда наметавонист.

3. Ҳуҷуми доимӣ ва бисёрсамтии пантуркизмро, ки Турки-

стонро (албатта бо ин мафҳум тамоми Осиёи Миёнаро дар назар доштанд) ватани аҷдодии худ муаррифӣ карда, ба тоҷикон чун «муҳоҷирони араб ё форс» дар минтақаи ҷой доданӣ набуданд, баъди таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон низ коҳиш наёфта, раванди аз ҷиҳати этникию фарҳангӣ омезиши (ассимилиятсияи) тоҷиконро дар Ӯзбекистон ба маротиб тезонда буданд, аз ҳама садди мушкилтарини ҳалли ин масъала ҳисоб меёфт.

Дар чунин ҳолат ба Бобоҷон Ғафуров, ки ба таҷрибаи баланди сиёсию идеологии соҳиб шуда буд, лозим меомад, ки самтҳои асосии таҳқиқоти худро ба талаби замон мувофиқ созад. Дар ин ҷода мебоист ҳамназарони боэътимоде дошта бошад. Табиист, ки аввалин чунин ҳамназарро дар шахсияти Садриддин Айнӣ пайдо кард. Вале ин донишманди бузург, ки ба таҳқиқоти ниҳоят рӯзмарраи илмии таърих акнун машғул шуда, ҳанӯз равияи муайяни идеологӣ, методологияи мавзуни илмии ба талаботи замон созгорро соҳиб нашуда буд, наметавонист консепсияи муайяни воқеан илмӣ дошта бошад. Ҳар чанд месазад ӯро расман асосгузори илми таърихи миллӣ муаррифӣ намоем, вале ҳанӯз то ибтидои солҳои 40-ум ба дараҷаи пешбурди таҳқиқоти воқеан комили (академикӣ) нарасида буд.

Ҳамназари боэътимодро он вақт фақат дар шахсияти шарқшиносони дар доираҳои илмии ҷаҳон эътирофшудаи рус ёфтан мумкин буд. Шиносоӣ ва наздик шудан бо А.А.Семёнов, М.С.Андреев ва дигар нобиғаҳои ховаршиносии замон барои олими тоҷик Бобоҷон Ғафуров низ бо амри тасодуф сурат нагирифтааст. Дигар ҳамақидаи ӯ дар ин ҷода адабиётшиносу таърихогоҳи варзида Абулғанӣ Мирзоев ҳисоб меёбад.

Акнун ба Бобоҷон Ғафуров, ки вазифаи сарварии ҳизбро ба дӯш дошт, имкон даст медод, то ба ҳамсафу ҳаммаслаконаш шароити муфиди корӣ муҳайё сохта, дар айни замон барномаи барои ҳар олими соҳибмактаб зарурӣ ва самтҳои таҳқиқотро муайян намояд. Дар ин таркиббандии мавзуни

илмӣ ӯ имконият пайдо кард, ки бевосита ба масъалаҳои ниҳоят нозуку печида, раванди этногенезу ташаккули халқияти тоҷик ҷиддан машғул шавад.

Дар он замони ҳассоси сиёсӣ, ки бо иғвои чанде ба миллатгароӣ гунаҳкор шуда, ба маҳбас афтодан низ аз эҳтимол дур набуд, ба ин масъала даст задан маънои дар байни обу оташ қарор доштанро дошт. Аз як тараф ба Бобоҷон Ғафуров лозим меомад, ки ба тарафдорони ғояҳои миллатгароии пантуркизм ҷанг эълон кунад, аз тарафи дигар ба ҳеҷ ваҷҳ усули марказии Ҳокимияти Шӯравӣ, интернационализми сотсиалистиро халалдор насозад. Ин кӯшиши воқеан илмӣ ва ниҳоят одилонаи олими тоҷик дар замоне амалӣ мешуд, ки роҳбарияти ҳизбӣ ва шӯравии ҷумҳурии ҳамҷавору бародар – Ӯзбекистон, ҳар чӣ бештар ба механизми ассимилиятсиякунонии (ӯзбекгардонӣ) иҷбории тоҷикон суръат мебахшиданд. Аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ, тоҷиконро, ки бояд дар маҷмӯъ дар ин ҷумҳурӣ аз ҷиҳати шумора дар ҷои дуюм ва дар шаҳрҳои тоҷикнишин дар ҷои аввал қарор доштанд, дар қатори «дигар халқиятҳо»-и ниҳоят камшумор ҷой додан, амали муқаррарӣ гашта буд[1].

Вале ба ҳамаи мушкилот нигоҳ накарда, Бобоҷон Ғафуров дар асоси далелҳои муътамад тавонист бо маҳорату ҷасорати олимона масъалагузорӣ намуда, ҳалли онҳоро ёбад. Дар ин ҷода ҳатто душманони ғоявию миллиаш ба ӯ муқобилияти ҷиддии илмӣ нишон надода, норозигиашонро дар суҳбатҳои хосаи хеш иброз медоштанд. Табиист, ки аз сабаби надоштани далелҳои муҳими илмӣ, онҳо аз тарафи роҳбарияти Умумииттифоқ дастгирӣ намеёфтанд.

Азбаски таҳлили ин масъала дар китобҳои Бобоҷон Ғафуров, алалхусус «Тоҷикон» хеле тӯлонист, мо мухтасар фақат

---

[1] Дар ин раванд ниг.: Масов Р. История топорного разделения. – Душанбе, Ирфон 1991; Ҳамон муаллиф. «Таджики история под грифом «Совершенно секретно». – Душанбе. Центр издания культурного наследия. 1995; Ҳамон муаллиф.: Таджики: вытеснение и ассимилятция. – Душанбе, 2003 ва ғайра.

аз баъзе лаҳзаҳои марказии он ёдрас мешавем. Аз диди муаллиф раванди ташаккули халқияти тоҷик ҳанӯз хеле пештар аз ворид шудани арабҳо ба Осиёи Миёна оғоз ёфта буд. «Протсесси этникие, ки аз давраҳои қадим дар Осиёи Миёна ҷараён дошт, – таъкид намудааст олим, – боис гардид, ки суғдиён, хоразмиён, фарғониён, тахориён барин халқиятҳои гуногуни алоҳида пайдо шуданд. Ҳар як аз ин халқият соҳиби маданияти худ буд. Вале чунин иддао ҳам ғалат мебуд, ки маданияти ин халқҳо ҳар яке тамоман мустақилу махсус буду ба ҳамдигар муносибате надошт, дар айни хол онҳоро як чизи том номидан ҳам мумкин не, зеро ҳар яки онҳо дар худ маданияти калоне, ки хоси тамоми Осиёи Миёна буд, қисмеро таҷассум менамуд… Ҳудуди байни халқиятхо як чизи рахнанопазири мустаҳками касногузар набуд, балки протсесси аз як халқият ба халқияти дигар гузаштани унсурҳои гуногун вуҷуд дошт»[1].

Ҳамчунин доир ба шаклгирии нажодию шохаҳои он таҳлили хеле асосноку илмӣ гузаронида, хулосаҳои ҷолиб пешниҳод намудааст. Аз рӯи ақидаи олим «мардуми асосии Осиёи Миёна ба як нажод – ба нажоди мовароуннаҳрӣ ё худ ба нажоди Помиру Фарғонӣ мансуб мебошанд», ки хусусиятҳои онҳо аз тарафи олимони шӯравӣ Л.В.Ошанин ва А.И.Ярхо ва дигарон возеҳан муайян шудааст. Чӣ хеле ки олим қайд намудааст, «Ба нажоди мовароуннаҳрӣ тоҷикон (тозатарин намуди зоҳирии нажоди онҳо дар симои тоҷикони кӯҳистон ва ноҳияҳои даромадгоҳи Помир боқӣ мондааст) ва ӯзбекҳо мансуб мебошанд, вале дар симои ӯзбекҳо аломатҳои нажодии муғул хеле аён ба назар мерасанд»[2].

Дар хусуси ташаккули забон низ хулосаҳои олим бо далелҳои қотеъона баррасӣ шудаанд. «Дар Осиёи Миёна менависад муаллиф, – дар давраҳои ибтидои истилои арабҳо суғдӣ, фарғонӣ, хоразмӣ, ҳайтолӣ барин забонҳои шарқиэронӣ паҳн шуда буданд… Забони имрӯзаи тоҷикӣ аз за-

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. С.494-495.
[2] Ғафуров Б. Тоҷикон. С.496.

бонҳои ғарбиэронӣ мебошад… асоси он лаҳҷаи ҷанубу ғарбии Форс аст, ки баъдтар ба тарафи шимол ва шимолу шарқ паҳн шуда, бисёр унсурҳои забонҳои гурӯҳи шимолу ғарбӣ, аз ҷумла, унсурҳои забони портиро ҳазм менамояд ва билохир, дар ин забон аломату хусусиятҳои бисёр лаҳҷаҳои ғарбиэронӣ бо ҳам омезиш меёбанд».[1]

Тибқи хулосаи олим дар асрҳои VII – VIII дар Марв, Балх бо забони форсӣ (тоҷикӣ, ки онро «забони форсии дарӣ» ё худ «забони форсӣ» ҳам номидаанд), ҳарф мезаданд. Мавқею мақоми ин забон дар асрҳои VII-VIII дар шимолу шарқи Эрон, шимоли Афғонистон, ҷануби Осиёи Миёна ва аз ҷумла, дар ҷануби Тоҷикистон хеле мустаҳкам шуд. Забони форсӣ аз Марв, Балх ба Хуросони шимолӣ ва Мовароуннаҳр паҳн шуда, ботадриҷ ҷои забонҳои шарқиэронии Осиёи Миёна – суғдӣ, тахорӣ (бохтарӣ)-ро гирифт.

Дар асрҳои IX-X қисми асосии мардуми шаҳрҳои калони Мовароуннаҳр (Самарқанд, Бухоро ва ғайра) ба забони форсӣ гузаштанд. Дар Бухорои асри X адабиёти мукаммали форсизабон вуҷуд дошт, ки аз пурра ташаккул ёфтани забони тоҷикӣ далолат мекунад.

Дар асрҳои X-XI баъзе хусусиятҳои забоние ба назар мерасад, ки хоси забони имрӯзаи тоҷик буда, онро аз забони имрӯзаи форсӣ фарқ мекунанд. «Бо забони тоҷикӣ, – менависад олим, – дар асрҳои IX-X адабиёти бой ба вуҷуд оварда шуд. Ба забони адабии тоҷик лаҳҷаҳои Хуросону Осиёи Миёнагӣ асос гардидаанд. Забони адабии тоҷик низ ташаккул ёфта бо он забон шоҳасарҳои оламшумули адабиёти тоҷику форс навишта шудаанд»[2]. Паҳлуҳои гуногуни ташаккули этники тоҷикон ва забони онро таҳлил намуда, академик Б. Ғафуров чунин хулосае бардоштааст, ки «дар асрҳои IX-X дар Мовароуннаҳру Хуросон умумияти азими этномадание ташаккул ёфт, ки он тақрибан пурра ба ҳайати давлати Тоҳири-

[1] Ҳамон ҷо С. 496-497.
[2] Ғафуров Б. Тоҷикон. С.500.

ён, Саффориён ва алалхусус Сомониён дохил мешуданд. Ин умумияти этникӣ фақат миёнаҳои асрҳои X-XI ва ё худ дар нимаи аввали асри XI соҳиби ном шуд». Муаллиф чунин ишораи Байҳақиро, ки соли 1043-1044 аз муқаррибони султон шунидааст: «Мо, ки тоҷик ҳастем» ва ривояти дигари ҳамон муаллифро, «ки дар муҳорибаи Дандонақон (1040) ҳиндуву арабу курдҳо фирор карданд ва танҳо сарбозони тоҷик бо ҷасорат ҷангиданд, асос намуда, ба хулосае омадааст, ки «дар нимаи аввали асри XI истилоҳи «тоҷик» номи он халқе гардид, ки дар Осиёи Миёна ва Хуросон ташаккул ёфт»[1].

Ташаккули давлатдории тоҷиконро олим ба асри Сомониён мансуб диниста, дар асоси маълумоти маъхазии муаррихону ҷуғрофиёшиносони муосири онҳо ва муаллифони баъдина, заминаҳои ба сари ҳокимият омадани Сомониён, ташкилёбии давлат, сохтори сиёсиву маъмурӣ, ташкили идораи марказиву маҳаллӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ (дар мисоли равнақи кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат) дастовардҳои бузурги фарҳангӣ ва ғайраро ниҳоят воқеъбинона дар маърази таҳлили илмӣ гузоштааст. Хулосаҳои раднопазири олим доир ба масоили ишораёфта дар доираҳои байналмилалии шарқшиносӣ эътироф шудаанд.

Чи тавре дар боло зикри он рафт, иддае аз муаррихон комилан мустақил будани давлати Сомониёнро зери шубҳа мегиранд. Хизмати Б. Ғафуров доир ба ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки амалан зери итоати хилофат қарор надоштани Сомониёнро бо далелҳои муътамад аз сарчашмаҳои таърихӣ нишон дода ва ин назари ӯ аз тарафи шарқшиносони муътабари сатҳи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтааст. Аз рӯи хулосаи қатъии муаллиф, нишондиҳандаҳои мустақилияти давлатӣ дар замони ҳукмронии Исмоили Сомонӣ (892-907) пурра ба назар мерасад. «Исмоили Сомонӣ, – қайд намудааст олим, – аз муборизаи оммаи халқ барои истиқлолият истифода бурда,

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. С. 501.

нахустин бор пас аз истилои араб сарзамини дар натиҷаи задухӯрдҳои дохилӣ парешонгардидаро бо ҳам муттаҳид намуд ва давлати бузурги мустақиле ба вуҷуд овард. Вай дар баробари барҳам додани ҳукумати Саффориён ҳокимияти худро на танҳо дар Мовароуннаҳр ва Хуросон мустаҳкам кард, балки ба як қатор вилоятҳои шарқӣ ва шимолии Эрон соҳиб гардида, истиқлолияти ҳақиқии давлати ташкилкардаи худро нисбат ба хилофати Араб таъмин намуд»[1].

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, доир ба этногенезу ташаккули халқияти тоҷик ба далелҳои раднопазир такя карда, дар ин раванд ҳарчанд метавонист аз ташаккули халқияти узбекҳо сарфи назар намояд, вале бо тақозои замон, аниқтараш риояи усули интернационалими даврони Шӯравӣ қариб онҳоро аз тоҷикон ҷудо накардааст. Аз ҷумла ӯ таъкид менамояд, ки «ӯзбекҳо дар қатори тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна вориси тамоми таърих ва маданияти Осиёи Миёна мебошанд.»[2] Дар ҷои дигар ин фикрашро тақвият дода, олим афзудааст: «…халқи ӯзбек дар асоси аҳолии муқимии эронизабон, ки чанд мартаба ба он тоифаҳои туркзабон пайваст шуда ва гурӯҳҳои туркшуда бо ҷузъҳои таркибии нави туркӣ омезиш ёфтаанд, ба вуҷуд омад»[3].

Дар ҳолате ки олими тоҷик ҳарчанд метавонист фарқияти нажодии байни тоҷикону ӯзбеконро бо далелҳои қавӣ бештар нишон диҳад, вале бо ҳамон дилфарохии тоҷикона самимияташро нисбати онҳо дареғ надоштааст. «Тақдири таърихии ин халқҳо ва маданияти онон,– қайд намудааст ӯ, –пайвандҳои ногусастанӣ дорад… Тоифа ва қавмҳои туркӣ ва шарқиэронӣ, тоҷикон, ӯзбекон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна дар хоки як давлати таъсисёфта (давлати Сомониён дар назар аст – Ҳ.П.), дар як шаҳр ва деҳкада паҳлӯ ба паҳлӯ зиндагӣ мекарданд... Баъзе тафовутҳои нажодие, ки мо дар ин ҷо сухан рондем, ҳеҷ

---

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. С. 453-454.
[2] Ғафуров Б. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Китоби дуюм. Душанбе: Ирфон, 1998. С.35.
[3] Ҳамон ҷо. С. 43.

гоҳ асоси муқобилигузории як халқ бо халқи дигар нахоҳад шуд»[1].

Дар ҳолате ки ин олими бузургноми тоҷик, самимияти худро нисбат ба бародарони ӯзбек пинҳон надоштааст, ба ҷои арзи сипос овардан, сарварони расмии собиқ ҶШС Ӯзбекистон норозигии худро аз хусуси номгузории китоби «Тоҷикон» ба таври расмӣ пинҳон намедоштанд. Сиёсати зӯран ӯзбекгардони тоҷикони ин ҷумҳурӣ ҳамоно идома дошт. Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ амали ниҳоят носавоби ҷудоиандозии байни ин ду халқи бародар боз бештар суръат гирифт.

Бояд қайд кард, ки ин хизмату самимияти Б. Ғафуровро зери шубҳа гирифтану дар байни тоҷикону ӯзбекон, ки таърих онҳоро наздику бародар кардааст, садде гузоштан фаққат аз тангназарии таърихӣ ва ғаразмандии сиёсӣ маншаъ мегирал. Ҳаминро дар назар дошта, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: **«Қувваҳое буданд ва ҳастанд, ки ҳамсоягиву робитаи дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбекро халалдор кардан мехоҳанд, байни онҳо нифоқу кина меангезанд ва мехоҳанд бо ҳамин роҳ ба муроди худ расанд. Вале онҳо сахт иштибоҳ мекунанд. Зеро дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек якрӯзаву дурӯза нест, балки аз имтиҳони садсолаҳо гузашта, ба ҳамхуниву хешутаборӣ табдил ёфтааст. Рӯҳи поки Бобоҷон Ғафуров онҳоеро, ки садди роҳи муносибатҳои неки ин ду халқи ҳамсояву ҳамқисмат мегарданд ва дар ҳаққи Ватану миллат хиёнат мекунанд, ҳаргиз намебахшад»[2].**

Боиси ифтихору хурсандист, ки имрӯз мо шоҳиди аз ҳарду тараф дарк намудани ин ҳақиқати таърих гаштаем. Бо иқдоми хирадмандонаи сарварони ҳарду кишвари ҳамҷавор – Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам

---

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби дуюм. С.45.

[2] Раҳмон Э. Бобоҷон Ғафуров олими тавоно ва арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ //Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбн: ЭР-граф, 2016. С. 334.

Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ин садди барои ҳарду халқи бародар аз ғаразмандии сиёсӣ маншаъ гирифтаро, соли 2018 аз байн бардоштанд. Вале ҳастанд муаррихони аз фаҳмиши ҳақиқати таърих фарсаххо дур, ки ба ивази ин ҷудоиандозӣ манфиат меҷӯянд. Ба таҳлили ин ҳадафи нопоку разилонаи онҳо баъдаъ руҷӯъ хоҳем кард.

Аз далелҳои дар боло овардашуда, хулосае бармеояд, ки пешсафии академик Б.Ғафуров дар таҳқиқи воқеан илмии таърихи ниҳоят тӯлонии халқи точик, аз ҷумла таъриху фарҳанги давлати Сомониён дар доираҳои шарқшиносии Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он ба эътирофу ҳамраъйии олимон соҳиб шуда бошад ҳам, ӯ ҳамеша дар сатҳи зарурӣ ҳалли худро наёфтани масъалаҳои калидии гузаштаи дуру наздики халқи тамаддунофари худ – тоҷиконро эҳсос мекард. Аз ин рӯ, кӯшиш ба харҷ медод, ки диққати доираи васеи муҳаққиқонро ба ин самт ҷалб намояд. Аз ҷумла таълифи асари сеҷилдаи (дар панҷ китоб) «Таърихи халқи тоҷик» (Москва, 1963-1965), ки дар таърихнигории миллӣ аввалин таҳқиқоти бунёдист, бо ташаббуси ӯ анҷом ёфтааст. Ба рисолаи нисбатан мукаммали таърихи давлати Сомониён даст задани Н.Неъматов низ бо маслиҳати Б. Ғафуров сурат гирифтааст. Чунин мисолҳо кам нестанд. Аз ин ҷост, ки роҳнамоиву дастовардҳои илмии ин олими маъруф ба рушди сомониёншиносии солҳои 70 – 80-ми асри гузашта такони назаррас бахшиданд.

## Мақоми академик Нуъмон Неъматов дар сомониёншиносии миллӣ

Саҳми Нуъмон Неъматов дар рушди илми таърихи қадим ва асримиёнагии халқи тоҷик ниҳоят назаррас аст. Ӯ баъди хатми факултаи таърихи Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод (Феълан Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров) соли 1948 ба аспирантураи Шуъбаи

Ленинградии Институти таърихи маданияти моддии АИ ИЧШС дохил шуда, баъди дифои рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «Истравшан дар асрҳои VII-X (дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва маводи бостоншиносӣ)», соли 1953 дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади дониш АИ ЧШС Тоҷикистон ба кору фаъолият оғоз намуда, то охири ҳаёт дар ин муассисаи маркази илми таърихи ҷумҳурӣ дар вазифаҳои гуногун фаъолиятӣ илмӣ доштааст. Ба қалами ин олим беш аз 800 асари хурду бузурги илмӣ ва илмиву оммавӣ, ки ғолибан ба таҳлилу натиҷабардории ковишҳои бостоншиносии бевосита пешбурдаи худ ва таҳқиқоти ба таърихи даврахои қадиму асрҳои миёнаи минтақа, хосатан тоҷикон бахшидаи ӯ ташкил медиҳанд[1].

Н. Неъматов аз зумраи муаллифони сермаҳсули ду нашри таҳқиқоти бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик»[2], «Таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ» (ҷилдҳои 1-4), «Ориё ва Ориёвиҷ»[3], «Уструшанаи қадим»[4], Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ «Таърихи халқи тоҷик» (дар ду китоб)[5] ва

[1] Феҳристи осори олимро ниг.: Негматов Нуман Негматович. Из серии «Материалы к библиографии ученых Таджикистана». С аналитическими статьями В.М.Массона, А.К.Мирбабаева, Х.Пирумшоева и М.Ходжаева. – Душанбе: Дониш, 2007. – 162 с.

[2] История Таджикского народа. Т.II. Кн. 1. Возникновение и развитие феодального строя (VI-XVI вв.). – М: Наука, 1964. Гл. 3. Средняя Азия в период Тахиридов и Саманидов. Складывание таджикской народности. С. 129-178, 188-196, 207-225; История таджикского народа. Т.II. Эпоха формирования таджикского народа. По ред. Н.Негматова. – Душанбе, 1999. – 790 с. Н. Негматовым написаны: Предисловие. С. 3-12; Источники и историография эпохи формирования таджикского народа. С. 13-35. Главы: VI по XII, которые охватывают фактически все соответсвуюшие проблемы касающиеся истории Саманидов. См.: С. 319-637.

[3] Негматов Н.Н., Мукимов Р.С., Хакимов Н.Г., Воднев В.В., Мандельштам А.М. Ариана и Арйанвэджа (истоия и цивилизация. – Худжанд: Ношир, 2006. – 712 с.

[4] Негматов Н., Рахимов Н.Т., Мирбабаев А.К. и др. Древняя Уструшана: города их локализация и хронология (Материальная культура Уструшаны. Вып. 5-8). – Душанбе: ООО Ому, 2003. – 788 с.

[5] Неъматов Н.Н., Носирова Ф.Ю., Бобомуллоев С., Довудов Д., Исоматов М.М. Таърихи Халқи тоҷик. Китоби якум. Аз инсони оқил то тоҷики

ғайра ҳисоб меёбад. Дар байни чандин асарҳои ниҳоят ҷиддиву бунёдии ӯ «Давлати Сомониён»[1] «Хориқаи тоҷикон: таърих ва назария»[2], «Ватани азалии Ориёиҳо»[3] ва ғайра дар таърихнигории миллӣ ба эътирофи хосса соҳиб гаштаанд.

Аз рӯи баъзе мақолоти қаблан ба чоп расидаи муаллиф доир ба чанде аз масоили ба асрҳои IX-X Осиёи Миёна иртибот дошта, пай бурдан мушкил нест, ки олим барои ҳадафи таҳқиқот қарор додани таърихи давлати Сомониён хеле пештар ният кардааст. Чи тавре дар боло ишора рафт, ба ин интихоби ӯ таъсири назари воқеан илмии Б. Ғафуров, ки дар «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» омадааст, бетаъсир буда наметавонист. Инро аз матни рисолаи номзадии олими ҷавон «Истаравшан дар асрҳои VII-X», ки соли 1953 дифоъ шудааст, мақолаҳои ӯ «Ҷуғрофиёшиносони асрҳои IX-XI дар бораи Хуҷанд ва вилоятҳои он», «Аз таърихи илми халқи тоҷик: Тараққиёти илм дар асрҳои IX-X»[4] ва ғайра пай бурдан мумкин аст. Вале нишондиҳандаи амиқе, ки ҷиддан ба таҳқиқи таърихи давлати Сомониён машғул шудани Н.Неъматовро тасдиқ мекунад, боби ба давлати Сомониён бахшидаи олим дар ҷилди дуюми «Таърихи халқи тоҷик», ки соли 1964 дар Москва зери таҳрири Б.Ғ. Ғафуров ва А.М.Беленитский нашр гардида, ҳисоб меёбад[5].

---

баркамол. – Душанбе: Сарпараст, 2003; Неъматов Н., Амиршоҳӣ Н., Мирбобоев А., Пирумшоев Х. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дуюм. – Хуҷанд, 2008. – 815 с.

[1] Негматов Н. Государство Саманидов (Мавераннахр и Хорасан в IX-X вв. – Душанбе: Дониш, 1977. – 279 с.; Ҳамон муаллиф. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.

[2] Негматов Н. Таджикский феномен: история и теория. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 407 с.

[3] Негматов Н.Н. Прародина Ариев. – Душанбе: Дониш, 2005.

[4] Негматов Н. Географы IX-XI вв о Ходженте и его области // Изв. АН Тадж. ССР. Отдел. Обществ. Наук. – 1956. – № 8. С.103-109; Неъматов Н., Марофиев С. Аз таърихи илми халқи тоҷик. 1: Тараққиёти илм дар асрҳои IX-X // Ҳақиқати Ленинобод. – 1962. – 22 май;

[5] Ниг.: История Таджикского народа. Т.II. Кн. 1. Гл. 3. Средняя Азия в период Тахиридов и Саманидов. Складывание таджикской народности.

Дар ин таҳқиқоти мукаммали бунёдии ба эътирофи олимони саршиноси Иттиҳоди Шӯравӣ соҳиб гардида, ворид намудани пажӯҳиши ба таърихи давлатдории Сомониён бахшидаи он замон муҳаққиқи ҷавон – Нуъмон Неъматов, аз дараҷаи баланди истеъдоди илмии ӯ дарак медод. Дар воқеъ, ин аввалин таҳқиқоти нисбатан мукаммали таъриху фарҳанги халқи тоҷик дар замони ҳокимиятдори Сомониён ҳисоб меёбад. Дар пешгуфтори китоб муҳаррирони масъул доир ба боби таълифнамудаи Н.Неъматов чунин баҳо додаанд: «Боби сеюм ба яке аз давраҳои муҳимтарини таърихи халқи тоҷик – давраи идоракунии Тоҳириён ва Сомониён (асрҳои IX-X) бахшида шудааст. Фаровонии маъхазҳои хаттӣ, нисбатан хуб таҳлил кадани масъалаи таърихи ин давра, барои равшан намудани рӯйдодҳои муҳимтарини сиёсӣ, вазъи иқтисодӣ, дурахши шукуфоии фарҳанг имкон доданд. Ба масъалаҳои таърихи иҷтимоӣ ва рушди ояндаи муносибатҳои феодалӣ диққати калон дода шудааст. Дар қисми махсуси ин боб масъалаи ташаккулёбии халқияти тоҷик ҳаматарафа мавриди таҳлил қарор ёфтааст»[1].

Албатта метавон таҳлили нисбатан доманадоре доир ба ин қисмати ба Сомониён бахшидашудаи китобро пеш овард. Вале ба навиштаҳои ӯ баҳои баланд додани мутахассисони номдори соҳа, моро из ин масъулият озод мекунад. Фақат қайд кардан лозим меояд, ки ин дастоварди олим ҳанӯз аз ибтидои ба майдони васеи сомониёншиносии миллӣ ворид гардидани он дарак медод.

Баъди дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ, маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ ба табъ расидани боз даҳҳо мақолаҳои ба ин масъала иртибот дошта, аз ҷумла рисолаи докторӣ – «Хуҷанд ва Истаравшан дар давраҳои қадим ва асрҳои миён (миёнаи ҳазораи I пеш аз милод ва ҳазораи I милодӣ)», ки соли 1969

С. 129-178, 188-196, 207-225;

[1] История Тадикского народа. Том II. Книга первая. Возникновение и развитие феодального строя (VI-XVI вв.). – М.: Наука, 1964. С. 4.

дифоъ шудааст, олим ба таълифи таҳқиқоти мукаммали таърихи Сомониён ба таври ҷиддӣ машғул шуд. Натиҷаи заҳмати муттасил соли 1977 рӯи чоп омадани рисолаи мукаммали бунёдӣ – «Давлати Сомониён»[1] ба забони русӣ гардид. Нашри тоҷикии он бо ислоҳу иловаҳо баъди 12 сол нашр шуд[2].

Дастраси мутахассисон ва доираи васеи таърихогаҳону хонандагони қаторӣ дар ҷумҳуриву берун аз он гардидани ин таҳқиқоти деринтизор дар таърихнигории ватанӣ ва Умумиттифоқ падидаи назаррас ҳисоб меёфт. Аз ҳама муҳим, муаллиф ақидаи амиқан илмии академик Б.Ғафуров доир ба шинохти оли Сомон чун давлати тоҷиконро, ки дар «Тоҷикон» ниҳоят равшан нишон додааст, бо далелҳои нави раднопазир тақвият бахшид. Ба ҳамин ишора намуда, муаллиф дар пешгуфтор қайд кардааст: «Дар монографияи мазкур таърих ва маданияти тоҷикон дар замони Сомониён муфассалтару чуқуртар баён гардидаанд (муаллиф, корҳои қаблиашро дар назар дорад – Ҳ. П.), материалҳои нав ба ташреҳоти таърихию ҷуғрофии давлати Сомониён ва бисёр дигар фаслу қисмҳо илова шудаанд».

Дар воқеъ, нуҳ боби ин китоб тамоми самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давлати Сомониёнро фарогиранд. Дар боби аввали он «Таъсиси давлати Сомониён», ки муаллиф заминаву сабабҳои ташаккулёбии ин давлати фароҳдоманро ҳадафи таҳлил қарор додааст, раванди қувват гирифтани ҳаракати озодихоҳии вилоятҳои маҳаллии Хилофати арабро дар мисоли муборизаи Тоҳириён ва Саффориён, нисбатан возеҳ нишон дода, дар ин замина ба доираи маъмурии хилофат ворид гардидани намояндагони Сомониён ва билохира ташкил намудани давлати мустақилу сохтори мавзуни маъмурии марказӣ ва маҳалии Сомониёнро дар асоси манбаъҳои боъти-

[1] Негматов Н. Государство Саманидов (Мавераннохр и Хорасан в IX-X вв.). – Душанбе: Дониш, 1977. – 279 с.
[2] Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.

мод таҳлилу хулосабардорӣ намудааст. Аз ҷумла муаллиф қайд кардааст, ки то рафт бештар нуфуз пайдо кардани Бармакиён, хосатан дар давраи волигии Хуросонро ба ӯҳда доштани Фазл ибни Яҳё (солҳои 794-795), аз шуҳрати ӯ халифа Ҳорунаррашид (781-809) хавф бурда, тамоми намояндагони хонадони Бармакиҳоро соли 803 теъдодеро ба ҳабс мегирад ва иддаеро ба қатл мерасонад. Вале бо ин муқовимати ашрофони маҳаллиро суст карда натавонист.

Акнун Тоҳириён ба майдони сиёсат баромаданд. Яке аз намояндагони он лашкаркаши бомаҳорат Тоҳир, ки маҳз бо ёрии ӯ халифа Маъмун ба тахти хилофат соҳиб шуда, ба ивази ин хизмат соли 821 то ба дараҷаи волигии Хуросон расида буд, майли ба мустақилият расидан боз бештар суръат гирифт. Тоҳир тавонист дар як муддати кӯтоҳ ҳокимияти худро мустаҳкам карда, амалан мустақилияти худро таъмин кунад. Дар давраи меросхӯрони ӯ – писаронаш Талҳа (82-828), Абдуллоҳ (828-844) ва наберааш Тоҳири II (844-862) мустақилияти давлатдории онҳо бо марказаш дар Нишопур қавитар шуд, ки он боиси бештар афзудани ҳароси халифа гардид. Заволи давлати Тоҳириён ба давраи Муҳаммад ибни Тоҳир (862-873) рост омад. Аз рӯи хулосаи олим, яке аз падидаҳои муҳими давлатдории Тоҳириён ин дар шароити фишори арабҳо ба эҳёи анъанаҳои маҳаллӣ ибтидо гузоштани онҳо ҳисоб меёбад[1].

Н. Неъматов, ҳамчунин доир ба ҳукумати Саффориён (873-903) маълумоти мухтасар оварда, сабаби заволи онро ин тавр маънидод намудааст: «Давлати Саффориён аслан давлате буд, ки дар он ҳарбиён ҳукми бекарон доштанд ва бо қоидае амал мекард, ки дар пеши ҳокими мустабиди ҳарбӣ «ҳама баробаранд» ва он ба ашрофи сершумори миёнаю хурди феодалӣ такя мекарду манфиати онро ҳимоя менамуд. Бинобарин Амр дар байни ашрофи олимақом ба худ такягоҳ пайдо карда

[1] Ниг.: Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. С.20-22.

натавонист, ки он ҳангоми муборизааш бо Исмоили Сомонӣ барои ҳукмронӣ дар Осиёи Миёна таъсири ба назар намоён расонад»[1].

Қисмати асосии боби аввалро муаллиф ба шаклгирӣ ва хусусиятҳои сохтори сиёсиву маъмурии давлати Сомониён бахшида, дар асоси маъхазҳои барояш дастрас, ба таври мухтасар, чи тавр раванди нуфуз пайдо кардану аз солҳои 829-820 ба доираҳои расмии маъмурӣ кашидани набераҳои саравлоди Сомониён, аз ҷумла соҳиб шудани Нӯҳ ба Самарқанд, Аҳмад ба Фарғона, Яҳё ба Чоч ва Илёс ба Ҳиротро қайд карда, дар робита ба сурат гирифтани ҳаводис дар минтақа, афзудани нуфузи сиёсии намояндагони сулолаи Сомониёнро нишон додааст.

Чи тавр ба мустақилияти ҳукумат расидани Сомониён ишора карда, муаллиф қайд кардааст: «Агар дар давраи аввали иртифои худ Сомониён мутеи Тоҳириён бошанд, баъди заволи Тоҳириён роҳи истиқлоли комилро гирифтанд»[2]. Дар ин ҷода хизмати Исмоили Сомонӣ бешак ҳалкунанда ҳисоб меёфт. Мисли муаллифони қаблӣ, ба соҳибтахтӣ расидани Исмоилро Н. Неъматов чунин маънидод намудааст: «Пас аз он, ки Бухоро ба ихтиёри Сомониён гузашт, Наср чун сардори хонадон аз халифа Муътамид барои идора намудани тамоми Мовароуннаҳр ҳуҷҷат гирифт. Исмоил, ки ба мансаби волии Бухоро қонеъ набуд, аз додани андозу хироҷ ба Самарқанд сар кашида, фаъолияти ҷудоихоҳиро пеш гирифт. Дар задухӯрди ҳарбие, ки соли 888 байни бародарон ба вуқӯъ омад, қӯшуни Наср торумор гардид, худаш бошад, ба Исмоил асир афтод. Исмоили дурандеш бародари калонии худро расман сардори сулола монд, аммо амалан тамоми ҳокимиятро ба дасти худ гирифт. Баъди вафоти Наср дере нагузашта салтанати ягонаи Исмоил (892-907) оғоз ёфт»[3].

---

[1] Неъматов Н. Давлати Сомониён. С. 24.
[2] Ҳамон ҷо. С. 26.
[3] Неъматов Н. Далати Сомониён. С. 26-27.

Чи тавре ба назар мерасад, дар ин ҷо чизе илова накарда, ҳатто ихтисоран нуктаҳои муаллифони қаблиро ба такрор овардааст. Аз диди мо сабаби ба дарозо накашидани таҳлили ҷузъиёти ба сари ҳокимият омадани Исмоил, худдорӣ намудани муалиф аз бозгӯии навбатии ин масъала, ки ҳалли равшани худро дар осори муҳаққини пешин, аз ҷумла Б. Ғафуров ёфтааст, ҳисоб меёбад.

Хулосаи муаллиф аз пурра шикастани муқобилияти Саффориён, пайвастани вилоятҳои дар итоати онҳо буда ба қаламрави давлати Сомониён ва ба қудрати комили давлатдорӣ соҳиб шудани Исмоил ба тариқи зайл омадааст: «Дар натиҷа давлати Сомониён дар шимол то дарёи Талас вусъат ёфт, дар ғарб Хуросон ва баъзе вилоятхои шимолӣ ва шарқии Эронро ба худ ҳамроҳ кард. Мамлакат аз тохтутози бодиянишинони ҳамсоя наҷот ёфт. Дар ибтидои асри X Исмоили Сомонӣ имконият пайдо кард, ки ба таъсиси дастгоҳи марказии давлатӣ ва ташкили қӯшуни пурқуввату ба хубӣ мусаллаҳ машғул шавад.

Ҳамин тариқа, дар аҳди намояндаи барҷастаи сулолаи Сомониён – Исмоил бори нахуст баъди истилои араб мамлакати аз ҷиҳати сиёсӣ парокандаро муттаҳид карда, давлати муқтадиру амалан аз хилофати Араб мустақилу то андозае мутамарказ ба вуҷуд оварда, дар мамлакат ба ҷангҳои байнихудӣ ва тохтутозҳои аҷнабиён хотима дода шуд»[1].

Муаллиф ташкили идораи давлатӣ, ки сохтори марказии он ба ду қисм – даргоҳ (дарбори подшоҳӣ) ва девонҳо (идораҳои маъмурӣ-ҳарбӣ) ҷудо мешуд, нисбатан муфассал шарҳ дода, ҳамчунин фаъолияти расмии девонҳоро кушодааст. Ин дар мисоли ташкили идораҳои маъмурии маҳал, вилояту ноҳия ва шаҳрҳо равшан ба назар мерасад.

Яке аз масаъалаҳои муҳим дар таърихнигории давлати Сомониён саҳеҳ муайян намудани ҷуғрофиёи он ҳисоб меёбад. Боби дуюми таҳқиқоти Н. Неъматов, ки «Ҳудуди давлати Сомониён» номгузорӣ шуда, муаллиф ба таҳлили он қариб

[1] Неъматов Н. Давлати Сомониён. С.28..

чил саҳифаи китобро бахшидааст[1], аввалин назари нисбатан мукаммали илмӣ дар ин мавзӯъ ҳисоб меёбад. Ба маълумоти маъхазӣ такя карда, муаллиф ҳудуди давлат Сомониёнро дар чунин доираи ҷуғрофӣ муайян кардааст: «Давлати Сомониён ду кишвари азим – Мовароуннаҳр ва Хуросонро дар бар мегирифт. Ба Мовароуннаҳр тамоми вилоятҳои воқеъ дар шимолтари дарёи Аму дохил мешуданд. Дар байни онҳо Бухоро, Суғди Самарқанд, Истаравшан, Чоч, Илок, Фарғона, Кеш, Насаф аз ҷиҳати иқтисодӣ, маданӣ ва сиёсӣ мутараққитарин ба шумор мерафтанд. Вилоятҳои ҳавзаи болооби Аму ва шохобҳои он – Чағониён, Хуталон, Қубодиён, Аҳорун, Шумон, Вашгирд, Рашт, Кумед, Бадахшон, Карон, Шикинон, Ваҳон, Рӯшон, яъне вилоятҳои ҳудуди ҳозираи қисмҳои марказӣ, ҷанубӣ ва шарқии Тоҷикистону шимолу шарқии Афғонистон ба ин ё он дараҷа дар тасарруфи давлати Сомониён буданд.

Қисми дигари азими давлат – Хуросон ба маънои томаш вилоятҳои ҷанубу ғарбтари дарёи Аму – Балх, Гузганон, Ғарҷистон, Марв, Ҳирот, худи Хуросон (ба маънои маҳдуди калима бо шаҳри асосиаш Нишопур)-ро фаро мегирифт»[2].

Чи тавре дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои ҷуғрофии муаллифони асримиёнагӣ мебинем, муаллиф аз усули муқоисавии малумотҳои мавҷуда васеъ истифода бурда, хулосаи маҷмӯӣ баровардааст. Чизи дигари ҷолибе, ки ба назар мерасад, шарҳи муҳити ҷуғрофии ҳар шаҳру вилояту музофотҳои дар ҳудуди давлати Сомониён ҷой дошта, бо нишондиҳандаҳои анъанаҳои шаҳрдориву шаҳрсозӣ, аз ҷумла шуғли меҳнатии (ҳунармандӣ, тиҷорат ва ғайра) ба ҳар як маҳаллаҳои шаҳрӣ хос ҳисоб меёбад.

Дар асари мазкур ба ҳаёти иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳри замони давлатдории Сомониён диққати махсус дода шудааст. Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва маводҳои

[1] Ниг.: Неъматов Н. Давлати Сомониён. С.36-73.
[2] Неъматов Н. Давлати Сомониён. С. 36.

рӯидастомадаи бостоншиносон, вазъи кишоварзӣ, аз ҷумла низоми объёрикунӣ, боғдориву чорвопарвариро таҳлил намуда, рушди нисбатан босуръати онҳоро қайд намудаст[1]. Аз рӯи таҳлили муқоисавии муаллиф, асри Сомониён нисбат ба асрҳои қаблӣ, замони рушди истихроҷу истеҳсоли маъдан, намудҳои гуногуни ҳунармандӣ, суръатгирии тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ равшан ба назар мерасид. «Тиҷорат, – менависад олим, – бо роҳи мубодилаи мол ба амал бароварда мешуд. Масалан, чунин мубодилаи мол бо Хитой, бо роҳи ба пул гадондани мол, аз ҷумла бо Аврупои Шарқӣ, ки дар он ҷо микдори зиёди дирҳамҳои нуқраи Осиёи Миёна истифода мешуданд, ҷой доштанд.

Дар асрҳои IX-X дар Мовароуннаҳр ва Хуросон аз тилло, нуқра, мис ва хӯлаҳои дигар ҳар гуна тангаҳо сикка зада мешуданд. Мувофиқи хабари маъхазҳои таърихӣ тилло ба мисли мол, яъне тангаҳои тиллоӣ дона-дона кор фармуда намешуданд, балки фақат арзиши вазни онҳо ба назар гирифта мешуданд ва дар муомилоти бозор кам иштирок мекарданд. Асосан барои мукофот ва ғункунии ҷавоҳирот истифода мегардиданд»[2].

Муаллиф ба маводи бостоншиносон Е.А. Давидович, М.Е. Массон ва дигарон такя карда, ба як хусусияти барои ҳамаи давлатҳои асримиёнагӣ хос, номутамарказии барориши пул, ки барои давлати Сомониён низ истисно набуд, чунин ишора намудааст: «Дар замони мавриди таҳқиқ дар ҳудуди давлати Сомониён як қатор зарробхонаҳои маркази дар Бухоро, Самарқанд, «Маъдан-уш-Шош» (дар кӯҳҳои Чоч), Нишопур, Балх, буда, зарробхонаҳои маҳаллии Бинкат, Исфиҷоб, Тункат, Ахсекат, Насробод, Истаравшан, Хуталон, Тирмиз, Балх, Андароб, Бомиён, Марв ва ғайра аз қабили онҳоанд»[3].

Табиист, ки давлати Сомониён маҳсули замони феодалӣ

---

[1] Ниг.: Неъматов Н. Давлати Сомониё. С. 74-79.
[2] Неъматов Н. Давлати Сомониён. С.96.
[3] Неъматов Н. Давлати Сомониён. С.97.

буда, аз муносибатҳои ба он зинаи таърихӣ хос дар канор монда наметавонист. Аз таҳлили ин воқеият Н.Неъматов низ канорачӯӣ накарда, боби чаҳоруми китобро, ки беш аз 50 саҳифаро дар бар мегирад, ба таҳлили ин масъала бахшидааст. Хулосаи умумии бардоштаи муаллиф бар он қарор дорад, ки «асрҳои IX-X дар аҳди Сомониён дар Осиёи Миёна муносибатҳои феодалӣ ташаккул ёфта, комилан ғалаба карданд. Асоси онҳоро моликияти феодал ба воситаҳои истеҳсолот (замин, осиёб, иншооти обёрӣ ва ғайра) ва моликияти нопурраи истеҳсолкунандаи бевосита – кишоварз (каме хоҷагии шахсӣ, қитъаи хурди замин, олоти меҳнат, хонаи зист ва ғайра дар ихтиёр дошт) ташкил медоданд»[1].

Аз рӯи ақидаи муаллиф шаҳрдориву шаҳрсозӣ низ ба талаботи замони феодалӣ мувофиқ сурат мегирифт. Олим муносибатҳои аграрӣ шаклҳои моликияти замин, хариду фурӯшу ба иҷора мондани он, низоми андозситонӣ, ки барои истисмори деҳқонон мусоидат намуда, сабаби норозигӣ ва авҷи ҳаракати деҳқонон ба муқобили феодалон гардида, пояҳои давлатдориро суст мекарданд, дар асоси далелҳои боэътимод мавриди таҳлил қарор додааст. Маҳз авҷи баланди норозигии деҳқонон, ки аз истисмори тоқатфарсои феодалон ба танг омада буданд, дар ҳамбастагӣ бо наҳзатҳои халқӣ, ҳаракати қарматия ва ғайра сабаби инқирози ҳокимияти Сомониён гардид. Маҳз ба ҳамин ишора карда, муҳаққиқ қайд намудааст: «Даҳсолаҳои нахустини мавҷудияти худ ҳокимияти Сомониён бо каме сабук намудани хироҷи оммаи халқ ва бомуваффақият барҳам задани тохтутозҳои ғоратгаронаи бодиянишинон шуҳрат ёфт. Аммо дар солҳои минбаъда истисмори бераҳмонаи феодалии кишоварзҳо беш аз пеш пурзӯр гардид ва андозҳои вазнин афзуданд. Ҳамаи ин боиси сар задани шӯришҳо ва ошӯбҳо гардид ва пояҳои давлати Сомониёнро суст кард»[2]. Албатта муаррих метавонист сабабу омилҳои

---

[1] Хамон ҷо. С.99.
[2] Ҳамон ҷо С.141.

суръат гирифтани мухолифати сиёсӣ, раванди воқеаҳои ба суқути давлати Сомониён иртиботи бевосита доштаро дар асоси маъхазҳои мавҷуда, васеътару дақиқтар таҳлил намояд, вале ба таври умумӣ нишон додани онҳо маҳдуд шудааст[1].

Бобҳои дигари китоб ба масоилу дастоварҳои фарҳангии тоҷикон дар аҳди давлатдории Сомониён бахшида шудаанд. Муаллиф баъди тавсифи умумӣ (боби панҷум) бо пайдарҳамии мантиқӣ вазъи маданияти моддӣ (боби шашум) дастовардҳои илмӣ (боби ҳафтум), рушди адабиёту мусиқӣ (боби ҳаштум) ва ахиран – «Анҷоми ташаккули халқи тоҷик» – ро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст.

Муаллиф бидуни муболиға давраи Сомониёнро давраи «бошукӯҳу босамари» фарҳанги халқи тоҷик ҳисоб карда, асоси онро дар «озод шудан аз зулми хилофати Араб, ташкили давлати соҳибихтиёр, мутамарказонии идораи давлат, робитаҳои васеи иқтисодӣ ва маданӣ бо мардуми кишварҳои ҳамҷавори Шарқ ва дигар омилҳо» дидааст.

Н. Неъматов ба дастгирии илму фарҳанг аз тарафи амирони Сомонӣ ишора карда, аз ҷумла қайд намудааст: «Сулолаи Сомониён, ки ҷӯёи дастгирӣ ва ҳимояти ҳамватанон буд, аз Тоҳириён зиёдтар ба инкишофи анъанаҳои маданияти маҳаллӣ мусоидат мекард, барои ҷорӣ кардани забони модарӣ ва адабиёт мекӯшид.

Сомониён ба дарбор шоирону нависандагон, олимонро ҷалб мекарданд. Аз тарафи дигар, саъю кӯшиши машҳур ва маъруф гаштан, инчунин тангдастиву нодорӣ аҳли илму адабро водор месохт, ки ба дарбори ягон ҳоким паноҳ баранд, чунки бе дастгирӣ ва ҳимояти табақаи ҳукмрон онҳо имконияти кори эҷодӣ надоштанд»[2].

Муалиф далелҳои зиёде доир ба нашъу намои фарҳанги тоҷик, ба марказҳои бузурги илму фарҳанги замон табдил ёфтани шаҳрҳои калони Мовароуннаҳру Хуросон, дар Бухоро

[1] Ниг.: Ҳамон ҷо. С.141-150.
[2] Неъматов Н. Давлати Сомониён. С. 152.

ҷамъ овардани китобҳои нодиру дар гаҷинаи «Савону-л-ҳикмат» нигоҳ доштани онҳо, дастовардҳои нотакрори санъати меъмориву шаҳрсозӣ, рушди босуръати намудҳои мухталифи ҳунармандӣ маълумоти зиёде овардааст.

Дар китоб доир ба рушди соҳаҳои гуногуни илм, дастовархои илмии олимони риёзиёт ва нуҷум: ал-Хоразмӣ, Аҳмад Абдулаббоси Сарахсӣ, Аҳмад ибни Абдуллоҳи Марвазӣ, Аҳмад ибни Касири Фарғонӣ, Абӯҳамид Устурлобии Сағонӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Абдулвафо ибни Муҳаммади Бузҷонӣ ва ғайра, ҷуғрофиёшиносон Аҳмад ибни Муҳамади Сарахсӣ, ибни Хурдодбеҳ Абӯзайд Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Абӯабдуллоҳи Чайҳонӣ, муаллифи гумноми «Ҳудуду-л-олам»; доир ба кимиёву тиб: Ҷобир ибни Хайён, Абӯбакр ибни Закарийи Розӣ, Абӯбакр Аҳмад Аҳовайнии Бухорӣ, Ҳакими Майсарӣ, Абӯмансур ибни Алии Ҳиравӣ, Абӯмансури Бухорӣ, Абдуҳаким ибни Абдулмалики Хоразмӣ; муаррихон: Ибни Қутайба, Аҳмад ибни Абӯтоҳири Тайфур, Абӯабдуллоҳ ибни Азхарӣ, Абӯалӣ ибни Аҳмади Салломӣ, Абӯбакри Наршахӣ, Абӯсаиди Идрисӣ, Абӯҷаъфар ибни Ҷарири Табарӣ, Абӯмуҳаммад ибни Аҳмади Фарғонӣ, Абӯбакр Муҳаммади Хоразмӣ ва ғайра; забону адабиётшиносон: Қосими Ҳиравӣ, Ҷаъфари Марвазӣ, Алии Шобастӣ, Муҳаммади Боварзӣ, Абдурраҳмони Мақолӣ, Алӣ Абулқосими Аскофӣ, Муҳамади Хоразмӣ, Исҳоқи Форобӣ, Ҳасан Абӯхалили Аскарӣ ва ғайра маълумот оварда шудааст[1].

Маълумоти шарҳи ҳаёт ва фаълияти олимони ҳамадони (энсиклопедист) сатҳи ҷаҳонӣ – Абӯнасри Форобӣ (873/74 – 950/51), Абӯалӣ ибни Сино (980 – 1037), Абӯрайҳони Берунӣ (973 – 1048)-ро нисбатан муфассал оварда, онҳоро чун зодаи муҳити воқеан илмии замони Сомониён, ки истеъдоди азалии илмофарии тоҷиконро шуҳрати ҷаҳонӣ бахшидаанд, нишон додааст[2].

---

[1] Ниг.: Неъматов Н. Давлати Сомониён. С. 185-203
[2] Ниг.: Неъматов Н. Давлати Сомониён. С. 203-219.

Чи тавре маълум аст, нисбат ба дигар ҷузъиёти таърихӣ ва фарҳангии давлати Сомониён, вазъи адабиёт бештар ҳадафи омӯзиш қарор ёфтааст. Ин масъала дар таҳқиқоти адабиётшиносони Тоҷикистону Эрон равшан ба назар мерасад. Дар таҳқиқоти таърихӣ бошад, қаблан аз тарафи академик Б. Ғафуров дар «Тоҷикон» ва худи Н.Неъматов дар ҷилди дуюму китоби якуми «Таърихи халқи тоҷик» (Москва 1964) мавриди таҳлил қарор ёфтааст. Дар рисолаи номбурдаи Н.Неъматов то андозае заминаҳои ташаккули забону адабиётро кушода, аз Рӯдакӣ сар карда, то Хаббози Нишопурӣ қариб аз 40 нафар адибон ёдовар шудааст. Дар мисоли сардафтари назми классикии тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯлҳасан Шаҳиди Балхӣ, Абӯмансур ибни Аҳмади Дақиқӣ, Маҷдудин Кисоии Марвазӣ, Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ шаҳомати оламшумули назми тоҷику форсро таъкид кардааст[1]. Дар ҳамбастагӣ ба рушди адабиёт равнақи мусиқии классикии тоҷик равшан ба назар мерасид. Муаллиф бо мисолҳои мушаххас рушди мусиқии классики тоҷикро дар замони Сомониён нишон додааст[2].

Боби хотимавии китоб – «Анҷоми ташаккули халқи тоҷик», чи тавре аз мантиқи номгузорӣ бармеояд, ба раванди ташаккули халқияти тоҷик бахшида шудааст. Муҳтавои масъалагузорӣ, кӯшиши ҳалли илмии онҳо нишон медиҳад, ки муаллиф ҷонибдори пурраи ақида ё консепсияи академик Б. Ғафуров доир ба ин масъалаи ниҳоят муҳими таърихи халқи тоҷик буда, дар асоси маъхазҳои бостоншиносӣ онро тақвият бахшидааст. Аз рӯи ақидаи олим, «дар асрҳои IX-X дар ҳудуди давлати Сомониён протсесси ташаккули халқи тоҷик асосан ба итмом расид. Аммо ин протсесс хеле пештар оғоз ёфта буд»[3]. Ба нисбатан барвақт оғоз ёфтани ин раванд ишора намуда, муҳаққиқ менависад: «Ба туфайли таҳқиқоти

[1] Ниг.: Неъматов Н. Давлати Сомониён. С. 220-225.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. С. 225-231.
[3] Ҳамон ҷо. С. 233.

археологӣ як қатор тамаддуни қадимтарин – суғдӣ, хоразмӣ, портию хуросонӣ, бохтарию тахористонӣ, фарғонагӣ ва истаравшанӣ кашф карда шуданд, ки халқҳои ин вилоятҳо дорои давлат, анъанаҳои иқтисодию маданӣ буданд»[1].

Ба маводи барояш дастраси арзиши сарчашмавӣ ва хулосаи муҳаққиқони қаблӣ, хосатан Б.Ғафуров такя карда, муаллиф раванди ташаккулёбии халқи тоҷикро ин тавр маънидод намудааст: «Умумияти территория, забон ва маданияти халқиятҳо, ки ба халқи ягонаи тоҷик табдил меёфтанд, ҳанӯз то асри VII, вақте ки баъзе заминаҳои ташаккули умумият фароҳам омаданд, қисман зуҳур ёфт. Бо зурӣ даромадани аҷнабиён ва сиёсати ассимилятсиякунонии ашрофи ҳарбию теократии араб ин ҷараёнро каме боз дошт, аммо охирон майли ташаккул ёфтани халқи тоҷикро маҳв карда наметавонист. Баръакс, мубориаи фаъолонаи аҳолии Осиёи Миёна, шӯришҳои муттасили он ба муқобили зулми аҷнабиён, дар навбати худ ба ташаккул ёфтани давлати нисбатан мутамарказонидаи феодалии Сомониён мусоидат карда, ба протсесси ташаккули халқ қувваи нав бахшиданд»[2].

Дар ин боб муаллиф асосан назари муҳаққиқони Шӯравиро, ки қаблан баён доштаанд, дастгирӣ карда, ҳавзаҳои аз ҷиҳати этникӣ ба доираи ҷуғрофии ташаккулёбии халқи тоҷик ворид гардидаро номбар намуда, дар ин замина, ташаккули умумияти забон ва умумияти ҳудудро муайян кардааст. «Ба вуҷуд омадани умумияти ҳудуди халқи тоҷик, – таъкид намудааст ӯ, – протсесси душвори муттаҳидшавии давлатҳо буд, ки то асри X дар ҳудуди вилоятҳои ташаккули тоҷикон вуҷуд доштанд. Вай охирон ба таъсис ёфтани давлати нисбатан мутамаркази Сомониён ба охир расид»[3].

Дар хотимаи ин боб муаллиф назари худро аз хусуси ташаккули умумияти фарҳангӣ баён карда, дар маҷмӯъ чунин

[1] Ҳамон ҷо. С. 233.
[2] Ҳамон ҷо. С. 234.
[3] Ҳамон ҷо. С. 247.

хулоса бардоштаст: «...замони ташаккули халқи тоҷик ба вақти ташаккули форматсияи феодализм дар ибтидои асрҳои миёна (асрҳои V-X) рост омад; қисматҳои таркибии асосии этногенези халқи тоҷик суғдиён, истаравшаниҳо, фарғонагиҳо, бохтариҳо, тахористониҳо, хуросониҳо ва хоразмиҳо ва қабилаҳои сакоиҳо буданд; ҷиҳати асосии ин протсесс тадриҷан омезиш ёфтани халқият ва қабилаҳои номбурда, ассимилятсияи гурӯҳи гуногуни этникӣ ҳисоб меёфт; умумияти забон дар натиҷаи забонҳои гуногуни шарқиэрониро иваз кардани забони тоҷикӣ ташаккул ёфтааст, умумияти ҳудуд дар натиҷаи протсесси тӯлонӣ ва мураккаби тадриҷан муттаҳид шудани мулкҳои алоҳида, ки ба таъсиси давлати Сомониён ба охир расид, ба вуҷуд омадааст; дар масъалаи умумияти маданият бошад, вай зоҳиран дар натиҷаи барҳам хӯрдани тафовутҳои маҳаллӣ дар зери таъсири ноҳияю шаҳрҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва маданӣ пешқадам ташаккул ёфтааст»[1].

Шиносой ба таҳлили нисбатан тӯлонии рисолаи Н.Неъматов «Давлати Сомониён» шояд саволе пеш орад, ки ба кадом зарурат тафсири доманадори мундариҷаву муҳтавои ин асари муҳаққиқ сурат гирифтааст.

Аз диди мо китоб аввалин таҳқиқоти мукаммал доир ба таърихи давлати Сомониён дар таърихнигории миллӣ ҳисоб меёбад ва мантиқан онро бояд чун ҷамъбасти омӯзиши илмии ин ҷузъиёти ниҳоят муҳиму тақдирсози таърихи тоҷикон то охири солҳои 70-уми асри гузашта бояд қабул кард. Аз ин рӯ, чунин таҳлил имкон медиҳад, ки дараҷаи омӯзиши ин давраи ниҳоят ифтихорбахши миллат то андозае бо ҳусну қубҳаш муайян карда шавад.

Дар воқеъ, бо муқоиса ба дараҷаи қаблии омӯзиши мавзӯъ рӯи чоп омадани китоб, чи тавре дар боло ишора рафт, дастоварди муҳими таърихнигории миллӣ ҳисоб меёфт ва муаллиф омӯзиши илмии масъаларо ба зинаи сифатан нав баровард.

[1] Ҳамон ҷо. С. 252.

Вале ин ҳанӯз маънои онро надошт, ки олим тамоми ҷузъиёти таъриху фарҳанги замони давлатдории Сомониёнро баррасӣ намуда, таҳқиқи мавзӯро ба дараҷаи эътирофи умум бардоштааст. Аввало бояд қайд кард, ки дар илм кашфи ҳақиқати мутлақ ҷой дошта наметавонад. Раванди омӯзиш беохир буда, вазифаи муҳаққиқ низ зам кардани чизи навест ба дастовардҳои илмии қаблӣ.

Аз ин назар, Н.Неъматов, бешак тавонист омӯзиши таърихи давлати Сомониёнро ба зинаи ба талаби замон мувофиқ бардорад. Аз ҳама муҳим давлати тоҷикон будани оли Сомон ва анҷоми ташаккулёбии ин халқи тамаддунофарро боз бештар равшан намуд. Аз тарафи дигар, таҳқиқоти ӯ барои муайян намудани уфуқҳои таҳқиқталаби ин масъала низ хеле муҳим буд.

Дар ин таҳқиқот ҳалли худро наёфтани ҷузъиёти зиёди ин масъала ҳатто барои худи муаллиф ноаён буда наметавонист. Бо эҳсоси чунин норасогиҳои дар китоб ҷой дошта, муҳаққиқ дар хулосаи китоб овардааст: «Инак, мо таърихи Мовароуннаҳр ва Хуросони замони Сомониён ва анҷом ёфтани ташаккули этникии халқи тоҷикро дар ҷое ниҳоят мухтасар, дар мариде ҳатто сатҳӣ ва дар ҳолате танҳо бо роҳи гузориши масъала ва дар зарурат нисбатан муфассал баён кардем. Дар таърихи Осиёи Миёна асрҳои IX-X асрҳои ниҳоят боэтибору пурсамар мебошанд. Бинобар ҳамин, тамоми адабиёти мавҷудаи роҷеъ ба ин асрҳоро (алалхусус таълифоти олимони хориҷиро) барои ҳалли тамоми масъалаҳо ба як андоза истифода бурдан зоҳиран амри муҳол аст»[1].

Ба ин нуқсонбинии воқеан олимонаву оқилонаи Н. Неъматов, ки на ба ҳар муҳаққиқ хос аст, ҳаминро илова кардан лозим меояд, ки чунин навоқис дар насабномаи сарсулола, авзои сиёсии давлати Сомониён, сабабҳои инқирози ин давлати бузург ва ғайра ба назар мерасад, аз тарафи дигар асоси маъхазии рисоларо бештар мадракҳои бостоншиносӣ ташкил мекунанд.

[1] Ҳамон ҷо. С. 254.

Вале ҳамаи ин барои қимати илмии китоб осебовар буда наметавонад, чунки таҳқиқоти мазкур, чи тавре ишора рафт, дар таърихнигории миллӣ нахустпадидаи мукаммали илмӣ буда, барои таҳқиқоти ояндаи масъала заминаи ҷиддӣ гузошт.

Аз тарафи дигар, худи муаллиф, дар рисолаи ниҳоят муҳими назариявии хеш «Муъҷизаи тоҷик: таърих ва назария»[1] ва бобҳои ба таъриху фарҳанги давраи Сомониён бахшидаи Н.Неъматов дар ҷилди дуюми асари бунёдии «Таърихи халқи тоҷик»[2] муаллиф ҳаддалимкон ин норасогиҳоро бартараф намуда, шукӯҳу шаҳомати давлати Сомониёнро дар асоси сарчашмаҳои хаттиву бостоншиносии боэътимод, дар дараҷаи ба талаботи замони истиқлолияти комил ҷавобгӯ, ҳадафи таҳлилу таҳқиқи воқеан илмӣ қарор додааст, ки ба муайян намудани пойгоҳи онҳо дар таърихнигории миллӣ хоҳем баргашт.

---

[1] Негматов Н. Таджикский феномен: теория и история. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 407 с.

[2] Ниг.: История Таджикского народа. Т.II. Кн. 1. Гл. 3. Средняя Азия в период Тахиридов и Саманидов. Складывание таджикской народности. С. 129-178, 188-196, 207-225;

# БОБИ XI

# НИГОҲЕ БА СОМОНИЁНШИНОСИИ ХОРИҶИ КИШВАР

## Сомониён дар таърихнигории Эрону Афғонистони асри XX ва замони муосир

Чи тавре аз мантиқи умумии таърихи сомониёншиносӣ то замони навтарин, манзур ибтидои асри XX, хулоса бардоштем, аз рӯи маълумоти дар осори таърихиву ҷуғрофӣ ҷойдошта, ҷудо кардани давлати Сомониёнро ба дастоварди давлатдории эрониён ё тоҷикон, корест ниҳоят мушкилу сарбаста. Чунки фазои умумии таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангии ҳавзаҳои зисти мардуми эронӣ ё ориёинажод дар чунин печидагие қарор дорад, ки то асри XVI сарҳисоби ҷудо кардани онро на ҳар муаррихи дақиқназари ёфта метавонад. Аз тарафи дигар, аз ҷиҳати сиёсиву мазҳабӣ пайдо шудани фосила дар байни Эрону хоноти Мовароуннаҳр ва ба дараҷаи дарки воқеан илмӣ нарасидани донишҳои тарихӣ дар асрҳои минбаъда, аниқтараш то ибтидои асри XX барои таҳқиқи воқеии масъала имкон намедод.

Чунин вазъи таърихноогоҳӣ баъди инқилоб ва ҳатто солҳои аввали эҳёи давлатдории тоҷик – тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон ва сипас ҶШС Тоҷикистон аз сабаби идома ёфтани монеаҳои сунъӣ, хосатан суръат гирифтани ғояҳои миллатгароӣ дар шакли пантуркизм идома дошт.

Ба монеаҳои фарҳангие, ки нисбат ба тоҷикон раво медиданд, дар осори муҳаққиқон далелҳои зиёде оварда шудааст[1]. Мо танҳо ба бозгӯии маълумоти шоҳиди замон, рӯзноманигори тоҷик Алӣ Исмоилзода, ки К. Айнӣ дар мақолаи «Шиносномаи миллати тоҷик» овардааст, маҳдуд мешавем.

«Солҳои 1921-1923, – нигоштааст дар дафтари ёддоштҳои худ Исмоилзода, – дар Осиёи Миёна тахминан номи тоҷик гум шуда буд ва дар ҷоҳои расмӣ забони тоҷикӣ (форсии тоҷикӣ)-ро шунидан мумкин набуд.

Забони тоҷикӣ танҳо дар ҳавлиҳои дарунӣ (ҳаётхонаҳо ва андарунихонаҳо) дар байни занон, дар байни модару кӯдак боз монанди аввалинаш ҳукмрон буд. Дар шаҳрҳо... забони модарии аҳолии маҳаллӣ тоҷикӣ бошад ҳам, зӯран барои ба забони ӯзбакӣ (чағатоӣ) сухан гуфтан ҷаҳд мекардангу мекунониданд. Оре, шароит ҳаминро тақозо мекард, дар ин ҷоҳо чағатойчигии пантуркистӣ бо дабдабаи тамом ҳукмрон буд... Дар идораҳо аризаи тоҷикӣ навишташударо қабул намекарданд... Ҳама бояд ба забони ӯзбакӣ-чағатойӣ сухан гӯянд. Касе, ки инро накунад, бояд фалон миқдор ҷарима бидиҳад. Тарафдорони матбуоти тоҷикӣ ҳамагӣ ба эроничигӣ, шиагӣ иттиҳом ёфта буданд»[2].

Ғараз аз ба шиагӣ муттаҳам кардан низ барои дар ин минтақа бегонаву бетаърих нишон додани тоҷикон буд. Бо такя ба маълумоти боэътимоди воқеияти замонро инъикоскунанда, К. Айнӣ ин ихтилофандозии мазҳабӣ ва тарғиботи зишти пантуркистонро ба тариқи зайл овардааст: «Барои тарғиботи зиддитоҷикӣ мухолифин мавзӯи ихтилофи шиаву суннӣро ҳам истифода мебурданд, ба мардуми авоми Осиёи Марказӣ, ки аксар суннӣ буданд, талқин мекарданд, ки ҳар кас агар тоҷик бошад, шиа аст ва дар ин маврид амали шиаҳои Бухо-

[1] Ниг.: Масов Р. Таджики: История национальной трагедии. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 536 с.
[2] Айнӣ К. Шиносномаи миллати тоҷик //Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2010. С. 412. (ба сифати охирсухан омадааст).

роро[1] намуна меоварданд, ки онҳо дар радифи аввалин набардгарон дар матлаби дифои тоҷик, забони ӯ ва мақоми ӯ дар Осиёи Марказӣ парчам афрошта буданд. Мардуми бесаводи маҳаллӣ аз тарси шиа будан худро аз муборизаи тоҷикшиносӣ ва мақоми ӯ канор нигоҳ медоштанд»[2].

Ҳамаи ин ва боз дигар ихтилофоти сиёсиву монеаҳои сунъие буданд, ки барои дар маҷмӯъ шинохти решапайвандии таърихиву фарҳангии форсу тоҷик ва дар ин замина дарёфти хусусиятҳои миллии онҳо садди ҷиддӣ эҷод карда, ҳатто баъди ба эҳёи давлатдорӣ расидан, тоҷиконро дар ҳолати ноаёнии таърихӣ нигоҳ медошт.

Хушбахтона худи қонунияти раванди ҳаводис, воқеияти замон барои тоҷиконро аз чунин ҳолати тирагии таърихӣ бароврадан ва гузаштаро, аз ҷумла дастовардҳои ифтихорбахши давлатдориашонро дар замони Сомониён бо ҷилои ҳамабин кушодан, имкон дод.

Чи тавре дар боло ишора рафт, ба кушодани ҳақиқати бевосита мансубият доштани давлати Сомониён ба тоҷикон, донишмандони бузурги таърихи минтақа, устод Садриддин Айнӣ ва академик Бобоҷон Ғафуров оғоз бахшиданд, ки ин ақидаи комилан асосноки онҳо аз тарафи ховаршиносони сатҳи ҷаҳонӣ эътирофу дастгирӣ ёфтааст. Вале то ба ин эътироф расидан вақту таҳқиқоти муттасил бурдан лозим омад.

Акнун ки мебояд ба мавқеи тоҷикон дар таърихнигории навтарину муосири Эрону Афғонистон назар андозем, лозим меояд, ки нисбат ба як хусусияти он изҳори ақида намоем. Агарчи дар таҳқиқоти муаррихони ду кишвар дар ин давра оид ба таъриху фарҳанги замони салтанати Сомониён ҷиддият зоҳир шавад ҳам, дар осори мунташиршудаи онҳо як хусусият ба назар мерасад. Муаррихон ба ҷузъиёти ба кадом

[1] Муаллиф бо иғвои пантуркистон 22-26 январи соли 1910 сурат гирифтани ҷанги фоҷеаомези байни суннимазҳабону шиамазҳабони Бухороро дар назар дорад, ки аз ҳарду тараф одамони зиёде ба ҳалокат расида буданд.

[2] Айнӣ К. Шиносномаи миллати тоҷик. С.413.

халқ мансубият доштани ин давлат банд нашуда, аз фазои умумии Форс ё Эрон ёдовар шаванд ҳам, бештар фаҳмиши барои ҳарду халқ як арзиши сиёсиву ҷуғрофидошта: Хуросону Мовароуннаҳрро пеш меоранд. Таъриху фарҳанги замони Сомониёнро низ ба ҳамон тобеъ намуда, ибораи тоҷикро хеле кам мавриди истифода қарор медоданд ва ин то имрӯз низ ба назар мерасад. Вале аз назари мо ин нишондиҳандаи таъсири панэронизм набуда, аз побандии онҳо ба анъаноти таърихнависии классикии Форси асримиёнагӣ дарак медиҳад. Муҳим он аст, ки бо кӯшиши муаррихони Эрон, ки ба маъхазҳо бештар дастрасӣ доранд, ба бисъёре аз ҷузъиёти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии замони Сомониён равшанӣ андохтаанд.

Омӯзиши илмии таъриху фарҳанги Эрон бе донишманди бузурги Эрон Саъид Нафисӣ (1896-1966) дар доираи тасаввур ғунҷида наметавонад. Дар қатори масоили ниҳоят зиёди ҳадафи таҳқиқоти ин адибу адабиётшиноси дар тамоми паҳнои форсизабонони дунё маъруф, асари сеҷилдаи ба ҳаёту эҷодиёти Рӯдакӣ бахшидаи ӯ намунаи баланди таҳқиқу таҳлили адабӣ ҳисоб меёбад[1]. Дар он заминаҳои ташаккули шеъри оламгири тоҷику форс дар мисоли устод Рӯдакӣ хеле равшан ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок инъикос ёфтааст. Вале дар он аз тоҷик будани ин нобиғаи назми форсу тоҷик ёдовар нашудааст. Ҳатто дар мақолаи хеш «Сарзамини поки ниёконам», ки онро М.Шукурзода шомили маҷмӯаи мақолот зери унвони «Тоҷикон дар масири таърих»[2] карда ва К.Айнӣ дар пешгуфтори нашри нави «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод С.Айнӣ аз он иқтибос овардааст, ин донишманди маъруфи таърих ва адабиёти Эрон сарзамини таърихии Варазрӯд ва ё Мовароуннаҳрро «Туркистон» гуфтааст. Аз ҷумла менависад:

[1] Нафисӣ Саъид. Аҳвол ва ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Аҳмад Рӯдакии Самарқандӣ.– Ҷилдҳои 1-3. – Теҳрон: «Амири Кабир», 1309-1319 (1930-1940 м.).

[2] Нафисӣ Саъид. Сарзамини поки ниёконам // Тоҷикон дар масири таърих. Таҳқиқ ва тадвини М.Шукурзода. –Теҳрон, 1385 ҳ.ш. С.37-39.

«Ба ҳар эронӣ низ фарз аст, ки лоақал як бор ин китоби нафис (манзур «Намунаи адабиёти тоҷик)-ро», ки азизтарин раҳоварди бародарони Туркистони мост, бихонанд». Ва дар идома мегӯяд: «Гирдоварандаи ин китоб алломаи муосир Садриддин Айнӣ аз аҳрори ин диёру удабои номии диёри хеш ва аз зумраи мафохири забони мо дар Туркистон аст»[1].

Дар оғози ин мақола С.Нафисӣ роҷеъ ба сарзамини он сӯи Амударё – Мовароуннаҳр чунин менависад: «Дар шимолу шарқи Эрони имрӯз сарзамини бисёр ҳосилхезе воқеъ аст, ки мо дилбастагии махсусе ба он дорем. Бисёре аз уламои бузург ақида доранд, ки нажоди ориёӣ дар он сарзамин, дар доманаи кӯҳҳои Ҳиндукуш, дар канори рӯди Ҷайҳун ва Сайҳун нахустин рӯзҳои зиндагии хешро гузаронидааст. Китоби осмонии Эрони қадим, яъне «Авесто» кишвареро нишон медиҳад, ки обу ҳавои он хулди замин буд ва аҷдоди мо нахуст дар онҷо парвариш ёфтанд ва ба қарина метавон ёфт, ки мурод ҳамон арзи мавъуди эрониён ва ҳамин хиттаи дилкаши савоҳили Ҷайҳуну Сайҳун аст. Уламои таърих ақида доранд, ки мо эрониён аз онҷо омадаем ва Эрони имрӯз ба манзалаи хонаи дувуми мост...Забони форсӣ аз онҷо ба Ҳиндустон роҳ ёфт ва имрӯз яке аз забонҳои зинда ва расмии ватани бараҳманҳост»[2]. Дар ин мақола чуноне ки мебинем, С.Нафисӣ андешаҳои баён мекунад, ки гоҳу гузоре ҳамдигарро инкор менамоянд. Агар сарзамини соҳилҳои Сайҳун ва Ҷайҳун хостгоҳ ва ё ватани аҷдодии эрониёни имрӯз бошад, ки онро С.Нафисӣ зери савол намебарад ва тайид мекунад, пас он оё метавонад номи «Туркистон»-ро дошта бошад? Саволе матраҳ мешавад, ки чаро чунин донишманди саршинос мисли Саъид Нафисӣ сарзамини таърихии Варазрӯд ва ё Мовароуннаҳрро «Туркистон» гуфтааст? Албатта ба ин савол

[1] Нафисӣ Саъид. Сарзамини поки ниёконам // Тоҷикон дар масири таърих. Таҳқиқ ва тадвини М.Шукурзода. –Теҳрон, 1385 ҳ.ш. С.39; Айнӣ К. Шиносномаи миллати тоҷик // Айни С. Намунаи адабиёти тоҷик. С.415.

[2] Нафисӣ Саъид. Сарзамини поки ниёконам // Тоҷикон дар масири таърих. С.37-38.

ҷавоб гуфтан мушкил аст ва посухи онро бояд аз муносиботи таърихии ин ду сарзамин ҷӯё шавем. Бо вуҷуди ин мо дубора ёдрас мешавем, ки таҳмилшудани ин номи ҷуғрофиёӣ аз ҷониби Русия дар солҳои шастуми садаи нуздаҳум, ба ҳангоми ишғоли сарзаминҳои Осиёи Миёна сурат гирифт. Аз эҳтимол дур нест, ки эрониён зери таъсири ин воқеаҳои сиёсии рухдода дар Осиёи Миёна, ҳофизаи таърихии худро роҷеъ ба сарзамини ниёкони хеш аз даст додаанд.

Бояд қайд кард, ки Саъид Нафисӣ ин мақоларо замоне навишт, ки ҳеҷ вақт ин сарзаминро надида буд ва фақат баъд аз сафар ба ин диёр дар солҳои 50-ум ин сарзаминро шинохт ва мақоми хосаи тоҷиконро дар таъриху фарҳанги мардуми эронитабор равшан эҳсос кард. Ӯ дар яке аз мақолаҳои худ бо унвони «Чанд тан аз мардони дидании ҷаҳон» Садриддин Айниро дар қатори бузургони ҷаҳон гузошта, лаҳзаи хотирмони вохӯрии худро дар хотироти ташрифи бори аввалаш ба Туркманистон барои ширкат дар маросими 20-солагии ҷумҳурӣ (1944) ва бори дувум ба Ӯзбекистон дар тантанаи бахшида ба 500-солагии Алишер Навоӣ аз суҳбаташ бо С.Айнӣ ёдовар шуда, аз ҷумла қайд кардааст: «Дар ҳарду сафар аз ошноиву мусоҳибат бо донишманди маъруфи тоҷик марҳум Садриддин Айнӣ бархурдор шудам. Ин мард аз бузургони диёри худ буд... Ҳатто сар то пои ӯ мазҳари тоҷикони он сӯи марзи Эрон буд. Форсиро бо ҳамон лаҳҷаи тоҷикон, аммо китобӣ ҳарф мезаду ба ҳамин ҷиҳат фаҳми он дар бархурди аввал барои эрониён осонтар буд. Дар сафари дувум чанд тан аз удабои Афғонистон ҳам даъват доштанду бо мо ҳамманзил буданд ва ба ин васила буд, ки донистам бисёре аз истилоҳоти хоси тоҷиконро афғонҳои форсизабон ҳам ки аз ҳамон нажоди тоҷиканд, доранд»[1].

Чи тавре ки мебинем, барои тоҷиконро чун халқи воҳид шинохтани ин донишманди дақиқназар вақти нисбатан тӯло-

---

[1] Айнӣ К. Шиносномаи миллати тоҷик // Айни С. Намунаи адабиёти тоҷик. С. 418.

нии аз наздик ба таъриху анъаноти хоси ин халқ ошноӣ доштан, лозим омад.

Чунин муносибати нодида гирифтан ё баҳои воқеъбинона надодан пойгоҳи тоҷикон дар таъриху фарҳанги халқҳои эронитабор қариб дар тамоми осори муаррихони Эрон ба назар мерасад. Барои тасдиқи ин хулоса метавон мисолҳои зиёде аз муҳтавои асарҳои таҳқиқотии онҳо овард, ки ин худ гузориши тӯлониеро дар бар хоҳад гирифт. Аз ин рӯ ба тариқи намуна ба осори чанде аз муҳаққиқон рӯ меорем.

Аз рӯи пажӯҳиши ба замони Сомониён иртибот дошта, муаррихи шинохта Ҷаводи Ҳиравӣ ба мақоми назаррас соҳиб аст. Бо заҳмати олими тоҷик С. Сулаймонӣ, китоби ин донишманд «Эрон дар замони Сомониён»[1] ба ҳуруфоти кириллӣ ба чоп расидааст. Дар аввалсухани таҳиягари китоб «Иттилооти илмии сомониёншиносӣ» ба мавқеъ ва ҷойгоҳи вижаи «бозтоби замони Сомониён дар осори мухталифи муаррихон ва донишмандони Эрон» ишора намуда, рӯи кор омадани чанде аз асарҳои муҳаққиқонро номбар кардааст. Дар ин радиф диди худро нисбат ба арзишмандии китоб чунин баён доштааст: «Ба назари мо китоби устод Ҷаводи Ҳиравӣ «Эрон дар замони Сомониён» комилтарин таҳқиқ мебошад. Чунки шеваи нигоранда дар корбурди манобеъ дар асоси авлавият ва қаробати замонӣ будааст. Яъне саъй гардида, то ба манобеи куҳантар баҳои бештаре дода шавад ва лизо муаррихе, ки дар қарни XVII-XVIII зиндагӣ мекарда ва аз кутуби дигарон нақл кардааст. Дар китоб манобее, ки матлабе дар ин замина дорад, зикр гардидааст»[2].

Дар воқеъ, китоб ба таҳлили масоили марказии ба таърихи соҳибқудрат гардидани Сомониён бахшида шудааст. Муал-

---

[1] Ҷаводи Ҳиравӣ. Эрон дар замони Сомониён. (Таърихи Сомониён аз оғоз то салтанати Насри дувум). Муқаддима ва баргардони Сафари Сулаймонӣ. – Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон, 1998. – 176 с.

[2] Сулаймонӣ С. Иттилооти илмии сомониёншиносӣ. Ба ҷои сарсухан ба кит.: Ҳиравӣ Ҷ. Эрон дар замони Сомониён. С.4.

лиф дар асоси маълумоти аз осори муаррихони муосири замон ва чанд асри баъди заволи ин давлати аз ҳар ҷиҳат пуриқтидор, заминаҳои ба доираи сиёсию маъмурии хилофати араб роҳ ёфтани асосгузорони оли Сомон, заҳмату хизмати Исмоили Сомонӣ дар барпо кардани давлати бузурги тамоми Мовароуннаҳру Хуросон ва соири ҳамсоямулкҳоро фарогир, хеле ҷолиб таҳлилу таҳқиқ намудааст. Худи зикри фаслҳои китоб, ки масъалаҳои муайян намудани аслу насаби Сомониён, ба сари қудрат омадан, хизмати амир Исмоил дар таъсиси давлат, рӯйдодҳои сиёсиву ҳарбӣ, фазилатҳои давлатдорӣ, муносибати Сомониён ба дастгоҳи хилофати араб ва ҷуғрофиёи давлати Сомониёнро дар бар гирифтаанд, доираи васеи ҳадафи ин таҳқиқотро нишон медиҳад.

Ба таҳлили нисбатан муфассали таърихнигории масоили фарогири ин китоб банд нашуда, қайд кардан лозим меояд, ки ин асар дар силсилаи таҳқиқоти олимони Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон, ки ба замони давлатдории Сомониён бахшида шудаанд, ноаён буда наметавонад. Дар он чи тавре ишора рафт, муаллиф доираи васеи масоили ба авҷи иқтидори давлатдорӣ расидани Сомониён, хосатан замони амир Исмоилро ҳадафи омӯзиш ва маълумоти зарурии маъхазиро мавриди истифода қарор дода бошад ҳам, ба маълумоти дар таҳқиқоти таърихии қаблӣ омада, қариб чизе илова нашудааст. Гузашта аз он, муаллиф заминаҳои ба сари қудрат омадани Сомониёнро асосан чун хизмати халифаҳои араб нишон дода, дар тобеияти халифа будану садоқати беандозаи онҳоро ба арзишҳои ислом чун асоси рушди давлатдории олӣ Сомон нишон додааст. Аз ҷумла чунин гуфтаҳо баёнгари нуқтаи назари ӯ ҳисоб меёбанд: «Нуқтаи қобили таваҷҷуҳ ин, ки Сомониён бо дирояти хос ва ҳам мақбулияти миллӣ ёфта ва ҳам ба наздикӣ бо халифа машғули диниро касб намуда буданд. Пас метавон ба ҷуръат гуфт, ки Сомониён дар ҳарду мавриди, миллӣ ва мазҳабӣ дар ҳадди аълои он кӯшида ва муваффақ низ гардида буданд. Яъне ин хонадон бо мутаваҷҷеҳ сохтани гироишҳо ва эҳсосоти носиюналистӣ

(миллатгароӣ – Ҳ.П.) ба ҷониби худ, як ҷавви меҳанпарастонаро дунбол менамуданд ва дар канори он бо иртиботи доим ва мустақим ва гарм бо халифа ин эҳсосоти носиюнолистиро ранги динӣ зада буданд. Хамин омил муҷиби муваффақияти Сомониён дар таҷаллии мазоҳири эронӣ-исломӣ шуд, яъне дар он воҳид, ки дар паи касби имтиёзоти миллӣ мегаштанд, ба дунболи имтиёзоти динӣ низ буданд. Ба ҳамин далел, дар сайри таърихи ин хонадон, шукуфоии тамаддуни эронӣ-исломиро шоҳидем, яъне ҳар ду мақула дар канори ҳам на зидди ҳам»[1]. Ин фикри худро муаллиф бо овардани баъзе мисолҳо тақвият дода, чунин хулоса мекунад: «Лизо иртиботи мавҷуд миёни давлати Сомониён ва хилофати Аббосиён рӯз ба рӯз қавитар шуда ва печидатар мегардид ва дар шохаҳои мухталифи сиёсӣ-мазҳабӣ-низомӣ-иқтисодӣ-фарҳангӣ мабсут мешуд»[2].

Ҳиравӣ ин иртиботу ҳамкории Сомониёнро бо халифа чунин даврабандӣ намудааст: 1) «даврони нахустин, зиммомдорӣ дар Мовароуннаҳр»; 2) «даврони мунозиати шадид бо давлатҳои ҳамҷавор ва иртиботи зидду нақиз бо халифа» ва 3) «даврони истиқрор дар Хуросон ва иртиботи мустаҳкам бо халифа»[3].

Албатта, ба касони аз таърихи Сомониён андаке хабардор, пӯшида нест, ки дар ибтидои ба доираи маъмурӣ ҷалб кардани меросхӯрони Сомонхудот, кӯмаки бевоситаи намояндагони хилофат ва баъди чанде худи халифа бевосита ба назар мерасид. Ин қариб дар ҳамаи осори муаррихони асримиёнагии ба ин давра иртибот дошта, ки дар боло ишора рафт, қайд гардидааст. Вале ҳангоми ба соҳибдавлатии комил расидани Сомониё ин муносибат аз муросокории ботадбири дипломатӣ беш будан наметавонист. Аз ин рӯ, хулосаи муаллиф: «давлати Сомониён бар хилофи давлатҳои пешин чун

[1] Ҷаводи Ҳиравӣ. Эрон дар замони Сомониён. С. 150-151.
[2] Ҳамон ҷо. С. 152.
[3] Ҳамон чо. С. 153.

Тоҳириён ва Саффориён, ки муҷиби парешохотирии халифа мебуданд, сар ба итоати Аббосиён ниҳода буд»[1], асоси илмӣ дошта наметавонад. Ин нақси назари олимро боз чунин гуфтаҳояш тасдиқ менамоянд: «Пас рӯи ҳам рафта метавон Сомониёнро умарои мутои дар шарқи қаламрави исломӣ шумурд, ки бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти Хуросон дар минтақаи шарқи исломӣ ва аз ҷониби наздик ба диёри куффор, дорои аҳамияти вижае будаанд ва бо таваҷҷуҳи хулафои Аббосӣ қарор доштаанд»[2]. Ин натиҷагириҳои бепояи муаллиф ба шарҳи иловагӣ эҳтиёҷ надоранд.

Китоб, чи тавре ишора рафт, дар Тоҷикистон бо ҳуруфоти кириллӣ баргардонӣ шудааст ва худи муаллиф табиист, ки ба таърихи тоҷикону иртиботи бевоситаи онҳо ба давлати Сомониён шиносоӣ дорад. Вале доир ба нақши меҳварии тоҷикон дар ташкилёбии ин давлати тамаддунсоз ишорае ба назар намерасад. Дар иртибот бо он, маълум аст, ки забони тоҷикӣ шохаи муҳим ва ҳатто аз диди олимон дар ташаккули забони адабии форсӣ то андозае мақоми ҳалкунанда доштааст. Ҳарчанд дар китоби аз мавқеи фарҳангии Бухоро сухан меравад, чун ҳавзаи муҳими ташаккулёбии забони тоҷикӣ-форсӣ будани он ба ёд намерасад.

Ҷаводи Ҳиравӣ баъди чанде (соли 2003) китоби нисбатан мукаммали ба таҳқиқи Сомониён бахшидаи худ «Таърихи Сомониён (асри тиллоии Эрони баъд аз ислом)»-ро ба табъ расонд. Аз рӯи банду баст ва фарогирии масоили ба замони Сомониён иртибот дошта, ин асар нисбатан ҷиддист. Дар панҷ бахши китоб, ки дар навбати худ ба фаслу зерфаслҳо ҷудо мешаванд, доир ба маъхазҳои дастрас, дараҷаи омӯзиши масъала, ҳудуди ҷуғрофӣ, ҷойгоҳи Сомониён дар таърихи Шарқ, насабномаи Сомониён, иқтидори сиёсиву ҳарбӣ, сохтори маъмурӣ, фаъолияту шахсияти ҳамаи амирони Сомонӣ ва ғайра маълумоти нисбатан муфассал оварда, аз бисёр

[1] Ҳамон ҷо. С. 158.
[2] Ҳамон ҷо. С. 158.

ҷиҳат ба таҳқиқоти қаблии хеш бобҳои нав илова намуда, назари худро тақвият бахшидаст.

Як фасли китоб ба таҳлили муносибати Сомониёну хилофати Аббосиён бахшида шуда, тамоми бурдбориҳои Сомониёнро дар ин асар низ чун натиҷаи дастгирии халифа арзёбӣ намудааст[1]. Ҳамчунин аз иртиботи бевоситаи тоҷикон ба таъсисёбии давлати Сомониён ишорае ба назар намерасад. Доир ба забони тоҷикӣ, ки аз рӯи ақидаи муҳаққиқон дар ташаккули забони адабии форсӣ то андозае мавқеи калидӣ доштааст, муаллиф онро чун яке аз лаҳчаҳои қариб ноаёни забони форсӣ шумурда қайд мекунад: «Лаҳҷаи бухороӣ низ аз дигар дастовардҳои минтақа буд, ки пайванди наздикӣ ба забони форсӣ доштааст». Барои тақвияти ин хулосаи хеш ба яке аз донишмандони Эрон Риҷоӣ истинод намуда, менависад: «Доктор Риҷоӣ аз ин лаҳҷаи таҳти унвони забони тоҷикӣ ёд карда ва аз шохаи забонҳои эронӣ бармешуморад, ки ба забони форсии адабӣ шабоҳати бисёр дошта, дар Тоҷикистон низ роиҷ аст»[2].

Чи тавре мебинем, муаллиф ба ҷуз падидаи давлатдории пурра ба форсҳо иртибот доштани Сомониён дигар халқхои эронинажод, хосатан тоҷиконро ҳатто ба гӯшаи хотир овардани нест.

Дар ин ҷо бояд аз ҳақиқат сарфи назар накард. Давлати Сомониёнро барои мардуми Эрон бегона шуморидан нишонаи амиқи таърихбехабарист. Ин халқи бузург бечуну чаро бояд аз давладории Сомониён, ҷун ҷузъи муҳиму ифтихорбахши таърихи худ ифтихор дошта бошад. Вале тамоман нодида гирифтани мақоми калидии тоҷиконро дар ташкилу таъсиси ин давлат ва забони ноби тоҷикиро, ки ҳарчанд бо ин ном дар сарчашмаҳо кам ёд шуда бошад ҳам, чун пояи эътимодбахш дар ташаккули забони адабии форсӣ аз тарафи

---

[1] Ниг.: Ҷаводи Ҳиравӣ. Таърихи Сомониён (асри тиллоии Эрон баъд аз ислом). – Теҳрон: Амири Кабир, 1382. С.97-117.

[2] Ҷаводи Ҳиравӣ. – Таърихи Сомониён. С. 96.

муҳаққиқони саршинос эътироф шудааст, маънии аз ҳақиқати таърих қасдан фосила ҷустанро дорад.

Албатта, метавон аз хизмати дигар донишмандони Эрон, ба хусус аз Аллома Қазвинӣ, Абдуллоҳи Розӣ, Баҳроми Акрам, Алиакбари Фақеҳӣ, Абдулҳусайн Зарринкӯб, Мудаббирӣ, Маликушшуаро Баҳор, Аҳмади Ранҷбар, Дабири Сиёқӣ, Абдулазими Ризоӣ, Забеҳуллоҳ Сафо, Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Паноҳии Симнонӣ ва ғайра, ки доир ба масоили гуногуни таъриху фарҳанги замони Сомониён асарҳое навиштаанд, ёдовар шуд[1]. Вале аз як тараф, маҳдудияти ҳаҷми рисолаи мазкур, аз тарафи дигар, муносибати нисбатан сатҳии муҳаққиқони дар боло ишора ёфта, ба нақши тоҷикон, ки аз рӯи мантиқи омӯзиши воқеияти замон бояд равшан дар мадди назар ҷой дошта бошад, муаллифи ин сатрҳоро аз заруроти таҳлили нисбатан доманадори ҷузъиёти ҳар яке аз онҳо озод менамояд.

Дар ин радиф бояд қайд кард, ки хизмати эшонро дар равшан намудани сафҳаҳои ноаёни баъзе аз ҷузъиёти таъриху фарҳанги замони Сомониён нодида гирифтан низ аз рӯи адо-

---

[1] Ниг.: Қазвинӣ А. Ёддоштҳои Қазвинӣ. Бо кӯшиши Эраҷ Афшор. – Теҳрон, 1341; Розӣ А. Таърихи комили Эрон. – Теҳрон: Иқбол, 1341; Баҳроми Акрам. Таърихи Эрон. – Теҳрон, 1352; Фақеҳӣ А. Оли Бӯя. – Теҳрон, 1363; Зарринкӯб А. Таърихӯи Эрон баъд аз ислом. – Теҳрон, 1368; Ҳамин муаллиф. Таърихи мардуми Эрон. – Теҳрон: Амири Кабир, 1399; Мудаббирӣ М. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бе девон дар қарнҳои III, IV, V ҳ. – Теҳрон, 1370; Баҳор М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввули насри форсӣ. – Ҷ. 1-3. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373; Ранҷбар А. Хуросони Бузург. – Теҳрон, 1363; Сиёқӣ Д. Пешоҳангони шеъри порсӣ. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳпнгӣ, 1374; Ризоӣ А. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. – Ҷ. 2. – Теҳрон: Иқбол 1375; Сафо З. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Ҷ. I. – Теҳрон: Фирдавс, 1380; Ҳамон муаллиф. Ҳамосасароӣ дар Эрон. – Теҳрон, 1374; Аҳмад Г. И. Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ. – Теҳрон, 1370, 1380; Фурӯзонфар Б. Таърихи адабиёти Эрон баъд аз ислом то поёни Темуриён. – Теҳрон, 1383; Ҳамчунин ниг.: Донишномаи адаби форсӣ. – Ч. 1 (Адаби форсӣ дар Осиёи Миёна). – Теҳрон, 1340; Ҳамин асар. Ҷ. 3. ( Адаби форсӣ дар Афғонистон). – Теҳрон 1381; Симнонӣ П. Исмоили Сомонӣ: фармонравои бузург ва одил. – Теҳрон, 1996 ва ғайра.

лат нест. Илате, ки ёдовар шудем, ба он асос дорад, ки муҳаққиқони Эрон қариб то миёнаи асри гузашта, бо сабабҳои воқеӣ (сиёсиву мазҳабии аз асри XV ибтидо гирифта) бо тоҷикону Тоҷикистон кам шиносоӣ доштанд. Ҳатто чунин шахсияти бузург, мисли устод Лоҳутӣ, ки ба таъқиботи сиёсӣ дучор шуда ва ба Иттиҳоди Шӯравӣ фирор намуд, сараввал дар Ҷумҳурии Озарбойҷон маскан гирифта буд, баъди доир ба халқи ҳамнажоду ҳамзабони худ – тоҷикон маълумот гирифтан, Тоҷикистонро ба ҳайси ватани азизи хеш шинохт ва дар инҷо зиндагиву фаъолияти эҷодии худро идома бахшид.

Шояд дар тафаккури баъзе аз донишмандон ифтихори бузургдавлатии таърихӣ ё панэронизм ҷой дошта бошад, вале онро чун омили ягонаву таъсиргузор ҳисоб кардан низ нишонаи ҳақиқати бебаҳс буда наметавонад. Аз диди мо, ҳатто баъди эҳёи давлатдории солҳои 20-уми асри гузашта, чун ҶШС Тоҷикистон арзи вуҷуд намудан, низ ин ҷумҳурӣ дар сатҳи байналмилалӣ шинохти амиқ пайдо накард. Аз ин рӯ дар Эрон шинохти тоҷикон ва таъриху хусусиятҳои фарҳангии онҳо то солҳои 50-ум хеле сатҳӣ буд.

Роҳ ба ин шиносоии бештар фақат баъди ба даст омадани истиқлолияти комили давлатдорӣ ва дар заминаи нав сурат гирифтани муносибатҳои дӯстона ва бародаронаи байни Тоҷикистону Эрон кушода шуд. Бесабаб нест, ки дар осори таърихии донишмандони Эрони охири асри XX – ибтидои XXI пойгоҳи тоҷикон дар фазои баҳампечидаи таърихи замонҳои қадим ва асримиёнагии тоҷикону форсҳо аз диди ҳақиқатнигории таърихӣ равшантар ба назар мерасад.

Баёнгари ин ҳақиқат асарҳои муҳаққиқи шинохтаи Эрон Муҳамадризои Ноҷӣ, «Сомониён – давраи шукуфоии фарҳанги эронӣ-исломӣ»[1] ва хосатан «Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён»[2], ки соли 2011 ба ҳуруфоти кирил-

[1] Ноҷӣ М. Сомониён – давраи шукуфоии фарҳанги эронӣ-исломӣ – Теҳрон, 1380.

[2] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Теҳрон: Муассисаи интишории Амири Кабир, 1386

лӣ баргардонӣ ва дар Душанбе ба нашр расида, дастраси мутахассисон ва доираи васеи хонандагони тоҷик гардидааст[1], ҳисоб меёбад. Ин китоб ҳам аз рӯи банду басти масъалагузорӣ, ҳам аз диди ба доираи таҳқиқу таҳлили муқоисавӣ кашидани теъдоди ниҳоят зиёди маъхазҳо ва осори муҳаққиқон, ки аз заҳмати азими муаллиф дарак медиҳад, таҳқиқоти хеле аришманду ба талаби замон ҷавобгӯ ҳисоб меёбад.

Гарчанде Муҳаммадризо Ноҷӣ мисли Ҷаводи Ҳиравӣ заминаву сабабҳои қудратёбии Сомониёнро ба тобеияти пурраи онҳо бо халифаҳои Аббосӣ пайваста, эҳёи ҳувияти фарҳангӣ ва анъаноти давлатдории қабл аз истилои арабро қариб пурра ба он тобеъ менамояд, аз тарафи дигар ин анъанаҳои қаблиро чун омили муҳими ба давлатдорӣ расидан ҳисоб мекунад. Барои амиқтар ба чунин самтҳои то андозае мухталифи диди муаллиф назар кардан, зарурати истинод ба гуфтаҳои худи ӯ пеш меояд. «Тақоруни (наздикии) дин ва давлат, – менависад Ноҷӣ, – дар нигоҳи Сомониён амоannotatero пай афканд, ки дар он якпорчагии миллӣ ва ваҳдати сиёсӣ ҷуз аз роҳгузари ваҳдати динӣ мутасаввир набуд... пойбандӣ ба дин ва талош барои нашри он метавонист давлатро дар касби таъйид аз султаи рӯҳонии хилофати Бағдод ва ҳам дар дастёбӣ ба мақом ва эътибори дохилӣ кумак кунад»[2]. Муаллиф барои тақвияти ин ақида боз илова намудааст: «Бо далели ин табаият ва фармонбардории Сомониёни суннимазҳаб аз хилофати Аббосии Бағдод, табақаи рӯҳониён ва уламои дин дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳама вақт аз умарои Сомонӣ пуштибонӣ мекарданд»[3]. Дар ин робита овардани боз чунин гуфтаи муҳаққиқ Ноҷиро зарур мешуморем: «Сомониён қабули риёсат ва султаи рӯҳонии халифаро омили машруияти худ медонистанд ва

[1] Ноҷӣ. М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Баргардон: Л.Бойматов, виростор: С. Муллоҷон. – Душанбе: Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон 2011.

[2] Ноҷӣ М. Тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе, 2011. С. 65.

[3] Ҳамон ҷо. С. 66

ба унвони фармонравоёни эронӣ, номи «мавло амиралмуъминин»-ро ба манзалаи нишони ифтихоромезе, ки гӯёи пайванди валоии (муҳаббати) эшон бо хилофат буд, баргузиданд»[1]. Барои тасдиқи ин назари худ, аз ҳатман ба шикаст (ё дар ҷанг ё ба дигар офати табиӣ рӯ ба рӯ гаштан) дучор шудани мухолифони Сомониён аз осори муаррихон ва шоҳидони замон мисолҳо овардааст[2].

Аз тарафи дигар, муаллиф дар қувват ёфтани салтанати Сомониён арҷ гузоштан ба анъаноти давлатдории ниёгонро, ки онро низ аз фарра – фурӯғи эзидӣ ҷудо накардаст, чун омили асосӣ дар таъмини қудратёбӣ ва истиқлолияти давлатдории Сомониён дида, аз ҷумла ӯ бо ишораи таъкид менависад: «Нуктае, ки дар ин ҷо ба хусус бояд бар он таъкид кард, ин аст, ки ҳам амирони Сомонӣ ва ҳам бисёре аз бузургон ва сарони он давлат, чунон ки дар зимни фаслҳои ин китоб хоҳем дид, насаби худро ба подшоҳони Сосонӣ ё сардорони онон мерасонанд. Ҳамин насабҳо, воқеӣ ё сохтагӣ, метавонист роҳро барои тасбити давлат ва аъмоли ҳокимияти Сомониён ҳамвор созад»[3]. Барои тақвияти ин ақида ӯ ба Фирдавсӣ такя карда, чунин овардааст: «Фирдавсӣ дар ҷой – ҷойи «Шоҳнома», ҳангоми сухан аз подшоҳони Эрон аз давраи асотирӣ то рӯзгорони баъд, аз фарра ва фарраи эзадӣ ёд мекунад, ки аз сӯи Худо бад-онон ато шудааст. Ҳам ӯ, ки дар замони Сомониён бархост ва асари сутурги (бузургӣ) хешро дар давраи онон падид овард, Сомониёнро тадовумбахши занҷираи подшоҳӣ дар Эрон, ки ҳамвора аз фарра баҳраманд буданд, мешуморад. Он ҷо, ки мегӯяд:

*Куҷо он бузургони Сосониён,*
*Зи Баҳромиён то ба Сомониён.*

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 72.
[2] Ниг: Ҳамон ҷо. С. 66-69.
[3] Ҳамон ҷо. С. 67.

Эътиқод ба фарра дар миёни донишмандоне, ки ба гунае бо фарҳанги Эрон ва бузургон ва меросдорони он ошно будаанд, низ вуҷуд дошт»[1].

Дар гуфта ва мисолҳои овардаи муаллиф, як навъ кӯшиши ба ҳам овардан ё нишон додани пайвандии Фарри Каёнӣ ё фурӯғи эзидии дар Авасто омада ва ислом дар шахсияти халифа ба назар мерасад. Вале бо мурури бештар ворид гардидан ба мантиқи хулосабандии муаллиф, ҳамон истеъдоди азалии дар ниҳоди мардуми ориёинажод буда, дар ҳамбастагӣ бо фарр ё фурӯғи эзидӣ, ки аз воқеияти дарки ақлонии ҷомеаи замони қадим ва давраи асримиёнагӣ бармеомад, боло мегирад.

Новобаста ба чунин мантиқи ифодаи ақидаи хеш, муаллиф боз бартарияти санъату хиради давлатдории мардуми эронинажодро нишон дода, қайд кардааст: «Албатта ин, ки оммаи мардум ҳукумати Сомониёнро мехостанд, на ҳамеша аз сари динбоварии амирон ва ҳимояти эшон аз мазҳаб буд ва на ҳамеша ба ҷиҳати боварҳои решадори миллӣ ба фарри эзадӣ, балки кам набуданд касоне, ки оромиш ва осоиш ва роҳату рифоҳи хешро бар ҳама тарҷеҳ медоданд ва давлати Сомониён шароити чунин вазъеро бо барқарории назм ва амният ба беҳтарин ваҷҳ фароҳам карда буд»[2].

Албатта, метавон паҳлуҳои гуногуни ин асари бузургҳаҷмро мавриди таҳлили тӯлонии таърихнигорӣ қарор дод. Вале ба ҷузъиёте, ки баҳсбарангез бошанд ҳам дар маҷмӯъ қимати илмии китобро халалдор карда наметавонанд, банд нашуда, лозим меояд ихтисоран андешаи худро доир ба ҷойгоҳи ин асар дар таърихнигории муосири Эрону Тоҷикистон баён намоем.

Бояд қайд кард, ки бартарии рисолаи мазкур дар байни он таҳқиқоти ба таъриху фарҳанги замони Сомониён иртибот дошта, аз ҳар ҷиҳат бештар ба назар мерасад. Муаллиф дар

[1] Ҳамон ҷо. С. 69.
[2] Ҳамон ҷо. С. 71.

доираи ҳамаи нуҳ фасли ниҳоят мукаммалу фарогири китоб, қариб ба тамоми ҷузъиёти масоили муҳими ин давраи тиллоии таърихи форсу тоҷик мароқи хосса зоҳир намуда, осори қаблан рӯи кор омадаи муҳаққиқонро тақвияти ниҳоят ҷиддии илмӣ бахшидааст.

Дар фасли аввали китоб – «Таърихи сиёсии Сомониён» заминаҳои ба доираи маъмурии хилофат кашидани ворисони Сомонхудот, мувофиқати созгори авзои сиёсии замон барои ба сари қудрат омадани Сомониён, сабабҳои дар давраи ҳокимиятдории Исмоил ибни Аҳмад ((279-295 қ. / 892-907 м.) ва Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил (301-331 қ. / 914-943) ба чунин қудрати бесобиқаи сиёсиву ҳарбӣ расидани давлати мустақилу доманфарохи Сомониён, авзои ноҳамвори замони ворисони он абармардон, то суқути ин давлати соҳибтамаддун мавриди таҳқиқоти ҷиддӣ қарор ёфтааст[1].

Муаллиф дар асоси маълумоти осори таърихии боэътимод, ҷуғрофиёи таърихиву сиёсӣ ва маъмурии давлатро дар фасли дувуми китоб бо тавсифу тавзеҳоти мукаммали шаҳрҳои аз ҳар ҷиҳат бонуфузи Мовароуннаҳру Хуросон, хосатан пойтахти он – Бухоро хеле равшан кушодааст. Гарчанде доир ба таҳлили сохтори сиёсиву маъмурии давлати Сомониён муаллифони қаблӣ, бештар саҳмгузор бошанд ҳам, М. Ноҷӣ доираи таҳқикоти ин масъаларо дар асоси маъхазҳое, ки чанде аз онҳо акнун ба доираи илмӣ кашида шудаанд, хеле васеъ намудааст[2].

Дар се фасли китоб (3,4 ва 5), ки ба таҳлили вазъи иҷтимоиву иқтисодии давлати Сомониён бахшида шудаанд, муаллиф расму оини анъанавии мардуми форс, дараҷаи таъсиргузори онҳо ба турку арабу курдҳо, тарзи рӯзгордорӣ то истеъмоли хуроку пӯшоки хоси сокинони Мовароуннаҳру Хуросонро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Таҳлили вазъи иқтисодӣ низ

[1] Ниг.: Ҳамон ҷо. С. 50-170.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. С.171-267.

дар китоб хеле мукаммалу ҷолиб омадааст. Олим нақши шаҳрҳоро ҳамчун марказҳои тиҷоратӣ, равобити бовусъати тиҷоратиро бо Аврупову Русия ва соири дигар мамлакатҳои наздику дур, мақоми динору дирҳамҳои Сомониён дар тиҷорати дохилу хориҷи давлати Сомониён, рушди кишоварзӣ, аз ҷумла боғдориву чорвопарварӣ ва ғайраро равшан нишон додааст[1].

Ҳадафи ду фасли навбатии китоб (6-7) таҳқиқи санъати шаҳрсозӣ, меъморӣ, равнақи ҳунармандӣ ва намудҳои он (кулолгарӣ, оҳангарӣ, шишасозӣ нассоҷӣ, истеҳсоли қоғаз ва ғайра) дар маркази таҳқиқ қарор дошта, доир ба ҳар яке аз ин самтҳо хулосаи муаллиф дақиқу илмӣ ба назар мерасад[2].

Чи тавре маълум аст, ҷомеаи асримиёнагиро бе нуфузу мақоми аз ҳар ҷиҳат таъсирбахши дин тасаввур кардан ғайри имкон аст. Аз ин рӯ, асари М.Ноҷӣ низ дар ин боб истисно буда наметавонад. Муалиф як фасли пурраи онро (дар ҳаҷмии қариб 80 саҳифа) ба диди таърихии адёни мухталифи то исломиву замони исломӣ ва тавсифи ислому таҳлили мазҳабу фирқаҳои он бахшидааст[3].

Дар ду фасли интиҳоии китоб (8-9) ҷойгоҳи таълиму тарбия ниҳодҳои омӯзишӣ, рушди суръатбахши илму адаб дар давлати Сомониён шарҳи ниҳоят муфассали илмӣ ёфтаанд. Дар беш аз 350 саҳифаи ин асар[4] муҳаққиқи дақиқназар М. Ноҷӣ ба ҷуз аз равияҳои улуми шаръӣ ва ахлоқ, ки қисми муҳими таркибии донишҳои он замон ҳисоб меёфтанд, рушди чунин равияҳои илмӣ, мисли фалсафа, риёзиёт, тиб, сиёсат, ҷуғрофиё, кимиё, гавҳаршиносӣ, ҷонваршиносӣ ва ғайраро дар асоси маъхазҳои боэътимод дар маърази таҳлил қарор дода, сабаби пешравии онҳоро дар дастгирии амирону вазирони

---

[1] Ниг.: Ҳамон ҷо. С. 268-600.
[2] Ҳамон ҷо. С. 601-698.
[3] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 699-774.
[4] Ниг.: Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С.775-1176.

соҳибмаърифату донишпарвар дидааст. Дар ин раванд, муаллиф ба рушди донишҳои таърихӣ, мақому манзалати адабиёт, хосатан назми ҷаҳонгири форсу тоҷик диқати махсус дода, хулосаҳои олимони қаблиро тақвият бахшидааст.

Муаллиф дар китоб нақши забону фарҳанги тоҷиконро мушаххас ҷудо накарда, онро дар қаринаи умумии забону фарҳанги Форсу Эрон дар назар дошта бошад ҳам, дар пешгуфтори чопи кириллӣ ин диди худро чунин баён намудааст: «Сомониён бахше аз таърих ва ҳувияти муштараки Эрон ва Тоҷикистон ба шумор меравад ва эрониёну тоҷикон – ин ду миллати ҳамзод ва куҳан дар он гузаштаи бошукӯҳ ба ҳам мерасанд. Солиёни дароз аз ин давра сипарӣ шудааст, аммо ёдгориҳои арҷманди он ҳанӯз бар тораки мероси фарҳанги исломӣ медурахшад ва осори мондагори он чун баргҳои заррин аз китоби тамаддуни милал боқӣ аст.

Таърих ва забону фарҳанги муштарак, ки пайваста дар Хуросони Бузург (Хуросон ва Мовароуннаҳр) – қаламрави Сомониён барқарор будааст, ҳамчунон мояи дӯстӣ ва ҳалқаи ҳамдилӣ ва ҳамбастагӣ аст»[1].

Ҳарчанд дар боло ақидаи баъзе аз муҳаққиқони Эрон доир ба тоҷикон, мавқеи забони тоҷикӣ ё дарӣ, дар мисоли назми дилошӯби асосгузори адабиёти форсу тоҷик – Рӯдакӣ ишора рафта бошад ҳам, вале дар таҳлилу хулосабарории илмии воқеияти таърихӣ бартарии Муҳаммадризо Ноҷӣ айёнтар ба назар мерасад.

Дар таърихнигории Афғонистон омӯзиши таърихи давлатдории Сомониён хеле кам ба назар мерасад. Масалан дар асари дуҷилдаи «Бадахшон дар таърих»-и Соҳибназар Муродӣ, ки соли 2011 нашр шудааст, муаллиф дар ҳаҷми 4 саҳифа зерфаслеро бо унвони «Императории Сомонӣ» ба таҳлили ин давра бахшида, иртиботи Бадахшонро ба давлати Сомониён ба тариқи зайл баён намудааст: «Пас аз таъсиси

[1] Муқадимаи муаллиф бар баргардони кириллии китоб. Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. С. 48.

давлатҳои миллӣ дар Хуросон тавассути дудмонҳои Тоҳирӣ ва Саффорӣ дар қарни савуми ҳиҷрӣ, Тахористону Бадахшон ба марказияти Бохтар пайвандӣ доштанд ва то поёни салтанати Сомониён ин ҳолат идома ёфт»[1]. Сипас аз бунёдгузори ин сулола будани Сомонхудот, сохтори маъмурӣ доир ба шахсияти Исмоили Сомонӣ ҳаминро қайд кардааст, ки «ийолотҳои шарқии Хуросон мисли Тахористон ва Бадахшон аз ҷумлаи аркони фаъоли давлати Сомонӣ маҳсуб мешуданд. Бандаргоҳи муҳими Сомониён бо Табат (Тибет – Ҳ. П.) дар Помир, Бадахшон мавқеият дошт ва моли тиҷорати давлати Сомонӣ ба Хутан ва Табат аз ҳамин бандаргоҳ содиру ворид мешуданд»[2].

Дар зерфасли «Элакхониён ва суқути Сомониён» муаллиф бе шарҳи нисбатан мукаммали авзои сиёсӣ, таназзули иқтисодиву ҳарбии давлати Сомониён, ки баъди Насри II оғоз ёфта буд, ёдовар шуда, сабабашро дар хизмати амирони Сомонӣ қарор доштани ғуломони турк, ки оқибат ба мансабҳои баланди маъмуриву ҳарбӣ соҳиб шуда буданд, дидааст. Бардошти асосии асари мазкур доир ба Сомониён дар он зоҳир мегардад, ки мулкҳои Помиру Бадахшон дар итоати онҳо қарор доштанд.

Аз муҳаққиқони Афғонистон, ки фақат бо маълумоти ниҳоят кӯтоҳу сатҳӣ аз таърихи давлати Сомониён ёдовар шудааст, Мир Ғуломмуҳаммади Ғубор ҳисоб меёбад. Дар китоби дуҷилдаи хеш ин муаллиф барои таҳлили ин давлатдорӣ бо унвони «Афғонистон ва давлати Сомонӣ (892 то 999 милодӣ)» ҳамагӣ ду саҳифа[3] ҷудо карда, дар он аз ибтидои ба доираи маъмурии хилофат кашидани намояндагони дудмони Сомонхудот ва ба иқтидори соҳибдавлатӣ расидани Исмоили Сомонӣ ва дар замони набераи он Насри ҳанӯз хурдсол бо

[1] Муродӣ С. Бадахшон дар таърих. – Кобул, 1388. С. 573.
[2] Муродӣ С. Бадахшон дар таърих. – Кобул, 1388. С. 575.
[3] Ғубор М.Ғ. Афғонистон дар масири таърих. Ҷилди аввал. Бо вероиши тоза. – Теҳрон: Муҳаммад Иброҳим Шариатии Афғонистонӣ, 1390. С.187-189.

дастгирии вазир Муҳамади Ҷайҳонӣ ба тахт нишаст ва «ҳуккоми Наср дар Афғонистон то Қандаҳор ва Ғазнӣ ҳам расид» матолибе ироа карда, сипас аз намояндагони дигари ин сулола, ки ба соҳибтахтӣ расидаанд ёдовар шуда, ба қувватгирии туркони дар хизмат буда ва билохира ба дасти онҳо гузаштани ҳокимият ишора намудааст.

Дар зербоби «Иҷтимоӣ, маданӣ ва фарҳангӣ», ки муаллиф каме бештар аз панҷ саҳифаро ба таҳлили он бахшидааст, менависад: «Ин қарн давраи авҷи тамаддуну фарҳанги ислом дар ҷаҳон буд ва Осиёи Васатӣ (Афғонистон, Мовароуннаҳру Эрон) ба ин қофила ҳаракат мекард. Пас давраи давлати Сомонӣ марҳалаи рушди ин маданият буд. Дар қарни нуҳуму даҳум зироат ва обёрӣ дар Осиёи Васатӣ пешрафта буд, молдорӣ инкишоф, саноати абрешим, нассоҷӣ ва қоғазсозӣ мутараққӣ буд. Тиллову нуқра, оҳан ва қалъа, сурбу навшодир аз маодини Афғонистону Мовароуннаҳр истихроҷ мешуд». Бо ҳамин минвол аз рушди дигар намудҳои ҳунармандӣ, тиҷорат бо мамолики наздику дур ва ғайра ёдовар шудааст. Ҳамчунин зикри асомии хеле зиёди намояндагони илму адаб, сохтори барои замон намунавии маъмурии давлати Сомониён ва ғайраро, ки дигар муаллифон, ба ҳар кадоме аз онҳо асари мукаммале бахшидаанд, дар ин радиф ҷой додааст, метавон қайд кард[1].

Вале аз диди таърихнигорӣ, дар маҷмӯъ, он қисмати китоби Ғубор, ки ба таҳлили замони Сомониён бахшида шудааст, сатҳиву то андозае сунъӣ ба назар мерасад. Аввалан Афғонистони он замон чун воҳиди маъмурӣ бо ҳамин ном вуҷуд надошта, аз диди ҷуғрофӣ қисми таркибии Хуросони Бузург, ки дар замони соҳибқудратии Сомониён чун ду минтақаи қаламрави расмии онҳо– Мовароуннаҳру Хуросон шинохта мешуданд, ҳисоб меёфт. Гузаштагони афғонҳо (пуштунҳо) дар атрофи кӯҳҳои Сулаймон ва навоҳии ҳамҷавори он зиндагӣ ба сар мебурданд. Забони пушту яке аз шохаҳои за-

[1] Ниг.: Ғубор М.Ғ. Афғонистон дар асири таърих. Ҷилди аввал. С. 190-196.

бони эронӣ ҳисоб меёбад. Решаҳои этникии паштуҳо ба бохтархо, сакоиҳои қадима ва Ҳайтолиён мерасад.

Чи тавре маълум аст, ташаккулёбии пурраи халқи тоҷик, ки на фақат паҳнои Мовароуннаҳр ва дигар вилоятҳои Осиёи Миёнаро, ҳамчунин Хуросон, аз ҷумла соҳилҳои чапи Амударёи акнун дар қаламрави Афғонистон ҷойдоштаро дар бар мегирифт, ҳанӯз дар асри X анҷом ёфта буд. Дар тамоми шаҳрҳои таърихии Хуросон (Афғонистони имрӯз), мисли Балх, Ҳирот, Кобул, Ғазнӣ, Кундуз, Бомиён, Тахор ва ғайра, ки як сарзамини густурдаеро фаро мегирад, асосан тоҷикон аз қадумулайём зиндагӣ доштанд ва имрӯз низ доранд. Забони дарӣ низ ҳамон забони тоҷикист, ки дар Афғонистон имрӯз ба бисёр мушкилот нигоҳ накарда, рӯи кор аст.

Аз ин рӯ, муҳаққиқ Ғубор бояд ба таъриху фарҳанги давлати Сомониён, ки Хуросон (Афғонистони имрӯза) бо пойтахтии Нишопур (Ҳоҷиби бузург он ҷо менишаст) аз диди ҷуғрофиву то андозае маъмурӣ ҷузъи муҳими такибии ин давлати тоҷикон ҳисоб меёфт, бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ин ҳақиқати таърихиро баён мекард. Аз мантиқи умумии китоби ин муаллиф бармеояд, ки Афғонистони ҳамсояву ба мо дӯст ба таърихи тоҷикон иртиботе надошта, ҳамчун давлат на зодаи воқеияти таърихии миёнаи асри XVIII, аниқтараш, соли 1747, балки бо ҳамин марзу ҷуғрофиё дар замони Сомониён арзи вуҷуду шукуфоӣ доштааст.

Ин ибрози назар ҳаргиз маънои зери суол гузоштани қимати илмии таҳқиқоти ҷиддии муаррихи шинохта Мир Ғуломмуҳаммад Ғуборро надошта, фақат арзи он аст, ки дар бисёр мавридҳо, гарчанде манфиати миллат дар марказ қарор гирад ҳам, аз як талаби муқаддаси таҳқиқоти таърихӣ набояд фосила гирифт; ҳамеша барои муаррих баёни ҳақиқат бояд дар мақоми авлавият қарор дошта бошад. Ин шарт боз барои он зарур аст, ки таърих мисли дигар равияҳои илмӣ дар ҳолати ҳаракату пешравист. Муаррих бояд баҳои наслҳои ояндаи муҳаққиқонро ҳамеша дар мадди назар дошта бошад.

Албатта он чи доир ба иртиботи таърихнигории Афғонистон ба таъриху фарҳанги Сомониён дар шакли ниҳоят кӯтоҳу сатҳӣ мавриди ишора қарор ёфт, баёни таҳлили пурраи адабиёти илмии мавҷударо надорад. Мо фақат ду асари муаррихони шинохтаро интихобан мавриди назар қарор додем. Итминон дорем, ки мутахассисони соҳа ба ин бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар асоси осори дастрас, дараҷаи омӯзиши масъаларо дар таърихнигории кишвари ҳамсоя – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мавриди таҳлили ҷиддитар қарор хоҳанд дод.

## Давлати Сомониён<br>дар таърихнигории Ғарб

Кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ, ки миёнаи асри XV оғоз ёфта, то миёнаи асри XVII идома дошт, ба низоми мустамликадории давлатҳои абарқудрати Аврупо асос гузошт[1]. Қитъаву кишваркушоиҳо, ки аз манфиатҷӯии давлатдорону сарватмандон маншаъ мегирифтанд, табиист, ки зарурати омӯзиши таърихи давлату халқиятҳои нисбатан сусттараққикарда ва ба тобеияти давлатҳои абарқудрат афтодаро матраҳ мекард. Бо мурури ҳар чи бештар шиносоӣ пайдо кардан, бидуни манфиати сарватғундорону хоҷагонашон аз ҳокимони сатҳи олӣ, барои олимони асил имконияти омӯзиши таъриху фарҳанги давлатҳои дар гузашта тамаддунофари Осиёю Африқои Шимолӣ, ки акнун бо тақозои таъриху тақдир, ба доми ҳарисони сиёсатмуайянкунандаи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодиву ҳарбӣ пурқувват афтода, имконият фароҳам омад.

Чунин ҳавасмандии ба омӯзиши таърихи гузаштаи халқҳои ба тобеияти мустамликавӣ афтида, алалхусус баъди гузаштан аз донишҳои таърихӣ ба илм дар давлатҳои Аврупои асри XVIII чунин таҳқиқоти таърихӣ суръат гирифт. Табиист, ки аз

[1] Ниг.: Магидович И.П. Очерки по истории географических открытий. – М., 1957.

ин раванд Осиёи Марказӣ ва Эрон дар канор монда наметавонистанд.

Ҳамин тариқ, дар таърихнигории Ғарб, гарчанде дарки илмии ҳаводиси таърихӣ аз асри XVIII оғоз ёфта бошад ҳам, аз сабаби қарор доштани таҳқиқоти муҳаққиқон дар асоси маъхазҳои хаттии асримиёнагӣ аз як тараф, ҳанӯз сарфаҳм нарафтан ба эҳёи давлатдории тоҷикон дар асоси тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна (соли 1924) ва воқеияти таърихии ба дараҷаи миллати воҳид расидани онҳо, аз тарафи дигар, барои фаҳмиши зарурати муайян намудани мавқеи ин халқи тамаддунсоз дар таърихи Осиёи Марказӣ заминаи мусоид фароҳам наомада буд. Аз ин рӯ, онҳо давлатдории Сомониёнро пурра ба таъриху фарҳанги Форс, сипас Эрон тобеъ намудаанд. Вале инро чун амали ғаразмандонаи онҳо шумурдан, маънои аз ҳақиқат фосила гирифтанро дорад. Дар ҳоле ки ховаршиносони Ғарб асосан ба сарчашмаҳои асримиёнагӣ такя мекарданд ва дар онҳо вожаи «тоҷик» чун ифодакунандаи номи халқияти воҳид хеле каму қариб ноаён ба назар мерасид, чанд маълумоти парокандаи аз асри XI то XIX дар осори муаррихону ҷуғрофиёшиносон мавҷуд буда, барои шинохти амиқи тоҷикон ва мақоми онҳо дар таърихи Осиёи Миёна, ки ҳатто баъди забти минтақа аз тарафи Русия расман ба он Туркистон номгузорӣ карда буданд ва Бухоро чун давлати Манғития шинохта мешуд, мақому манзалати таърихии тоҷиконро шинохтан на ба ҳар муҳаққиқ даст медод.

Аз ин рӯ, ҳанӯз аз нимаи аввали асри XIX дар қатори дигар масоили кишваршиносӣ таваҷҷуҳи шарқшиносони Аврупо ба таъриху фарҳанги давраи Сомониён то рафт бештар суръат гирифта бошад ҳам, мақоми тоҷикон дар он давлатсозӣ муайян нагардида буд.

Баъди ғалабаи инқилоб ин раванди шинохти таърихии тоҷиконро фишори пантуркизм ҷиддан халадор намуд. Дар адабиёти таърихии Ғарб тоҷикон аз нимаи дуюми асри гузашта, дар асоси шиносоӣ бо осори дар боло ишораёфтаи Б.

Ғафуров, хосатан «Тоҷикон» ва таҳқиқоти бунёдии «Таърихи халқи тоҷик» дар се ҷилду панҷ китоб мақоми назаррас пайдо карданд. Вале дар асарҳои шарқшиносон Ғарб, аз рӯи анъана бештар ба ибораҳои умумии «тамаддуни ислом» ва давлатдории Форс ё Эрон бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тоҷикони Хуросону Мовароуннаҳрро аз ин ҳамбастагии умумӣ ҷудо намекарданд.

Аз олимони дар доираҳои шақшиносии ҷаҳонӣ маъруф, ки ба таҳқиқи давлату фарҳанги Сомониён то ин ё он андоза саҳмгузор будааст, пеш аз ҳама бояд аз хизмати шарқшиноси машҳури шведсарӣ Адам Метс (1869-1917), муаллифи китоби «Эҳёи мусулмонӣ», ки ба таҳқиқи фарҳанги хилофати араби асрҳои III-IV ҳиҷрӣ (IX-X милодӣ) бахшида шуда, ба замони давлатдории Сомониён иртиботи бевосита дорад, ёд кард.

Бояд қайд кард ки дар осори хеле доманадори донишманди англис К.Э. Босворт (1928-2015) аз ҷумла: «Ғазнавиён. Империяи онҳо дар Афғонистон ва Эрони Шарқӣ», «Сафорати дурӯғин аз императори Чин ба дарбори амир Наср ибни Аҳмад», «Идоркунии меросӣ дар Эрони давраи аввали мусулмонӣ барои омӯзиши сулолаҳои қаблӣ», «Сиёсати империясозии Ғазнавиёни аввал», «Маҳмуди Ғазнави дар адабиёти нави Форс», «Сомониён», «Ал-Хоразмӣ доир ба халқҳои Осиёи Марказӣ», «Сулолаҳои мусулмонӣ» ва ғайра[1], самтҳои

[1] Bosworth C.E. The Gaznavids. Their empire in Afghanistan and Eastern Iran (994-1040). – Edinburgh: University Press, 1963; Ҳамин муалиф: An Alleged embassy from the emperor of China to the Amir Nasr ibn Ahmad: a contribution to Samanid military history in *Yad-nama-ye Iraini-ye minorsky*, ed. by M. Minovi and I. Afshar, Tehran, 1969; Ҳамин муаллиф: The Heritage of rulership in early Islamic Iran and the search for dynastic connections with the past in: Iran, XI, London, 1973, p. 51-62; reprinted in: Bosworth C.E. The Medieval history of Iran, Afghanistan and Central Asia, London: Variorum Reprints, 1977; Ҳамин муаллиф: The Imperial policy of the erly Ghaznavids in: Islamic Studies, Journal of the Central institute of Islamic Research, Karachi, 1/3, 1962, p. 49-82; reprinted in: Bosworth C.E. The Medieval history of Iran, Afghanistan and Central Asia, London: Variorum Reprints, 1977; Ҳамин муаллиф: Bosworth C.E. Mahmud of Ghazna in contemporary eyes and in later Persian literature in: Iran, IV,

гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳанги замони Сомониён ва идомаи анъаноти давлатдориву фарҳангӣ дар аҳди Ғазнавиён хеле ҷиддӣ дар маърази таҳлил қарор гирифтааст.

Бояд қайд кард, ки дар асарҳои ишораёфтаи ин ховаршинос, тоҷикон аз қаринаи умумии мундариҷаву муҳтавои масоили ба доираи таҳқиқот кашида ҷудо мавриди таҳлил қарор наёфта бошанд ҳам, вазъи сиёсиву фарҳангии минтақа то андозае равшан кушода шудааст. Табиист, ки новобаста ба дараҷаи мавқеи марказӣ пайдо накардани тоҷикон дар осори ин шарқшинос, аз рӯи мантиқи раванди ҳаводис нақши тоҷикон дар воқеияти барои он замон созгор хеле барҷаста ва марказӣ эҳсос мешавад. Худи ҳифзи анъаноти сиёсиву маъмурӣ, истеҳсоливу фарҳангии дар замони Сомониён ташаккулу рушд намуда, ки дар аҳди салтанати Ғазнавиён идома доштаанд, далели равшанест аз ҳифзи нақши меҳварии тоҷикон дар минтақа, ҳатто баъди суқути давлатдории Сомониён.

Чунин муносибати сатҳӣ доир ба муйян кардани мақоми тоҷикон дар китоби Г. Ля Страж «Заминҳои Хилофати Шарқӣ»[1], «Луғати ҷуғрофиё, таърих ва адабиёти Форс»-и К.Б. Мейнар[2], китоби И.Л. Даниел «Сулолаи Сомониён»[3], Б. Шпу-

London, 1966, p. 85-92; reprinted in: Bosworth C.E. The Medieval history of Iran, Afghanistan and Central Asia, London: Variorum Reprints, 1977; Ҳамин муаллиф: Bosworth C.E. Samanids in EI, New Edition, prepared by a number of leading orientalists, vol. 8 (Ned – Sam). Leyden, 1995; Bosworth C.E., Clauson G. Al-Xwārazmi on the peoples of Central Asia in: JRAS, Third series, vol. 3, 1993; Босворд К.Э. Мусульманские династии. – М.: Наука, 1971 ва ғайра.

[1] La Strage G. The Lands of the Eastern Caliphate. – Cambridge: University Press,1905.

[2] Dictionnaire geographique, historique et litteraire de la Perse et des contree anjacentes par C. Barbier de Meynard, Paris, 1861.

[3] Daniel E.L. Samanid dynasty, in: Ecyclopedia of Asian History, Prepared under the auspices of the Asia Society, ed. by A.T. Embree, I-IV volumes, New-York – London: Charles Scribner’s Sons – Collier Macmillan Publishers, 1988

лер «Таърихи Эрон дар қуруни нахустини исломӣ»[1], таҳқиқоти чаҳорчилдаи И.Г.Броун «Таърихи адабиёти Форс ва навоҳии ҳамҷавор»[2] ва ғайра ба назар мерасад.

Бояд қайд кард, ки дар байни шарқшиносони хориҷӣ, ки дар омӯзиши таърихи форсу тоҷик мақоми хоса доранд, эроншиноси машҳур, профессори Донишгоҳи Ҳарварди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ричард Нелсон Фрай (1920-2014) ҳисоб меёбад. Дар силсилаи таҳқиқоти ӯ «Асри тиллоии Форс», «Қайдҳо оид ба таърихи Трансоксания», «Сомониён», «Мероси Осиёи Марказӣ», «Бухоро – дастовардҳои қуруни вусто»[3] ва ғайра вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва дастоварҳои фарҳангии форсу тоҷик дар замони ҳокимияти Сомониён хеле воқебинонаву барҷаста баён шудаст. Аз муносибати воқеъбинонаи муаллиф ба тақдири тоҷикон чунин гуфтаҳои дар оғози китоби «Мероси Осиёи Марказӣ»-и овардаи ӯ гувоҳӣ медиҳад: «Муаллифи ин китоб, ки чандин бор ба Осиёи Марказӣ сафар намуда, чанд муддат дар Тоҷикистон зиндагӣ кардааст, таҳқиқоти худро дар асоси манбаъҳои зиёд ба забонҳои гуногуни Осиёи Марказӣ ва маводи бостоншиносӣ, ҳунаршиносӣ, забоншиносӣ, мардумшиносӣ ва фолклоршиносӣ таълиф кардааст... Агарчи ин минтақа дар дарозои асрҳо

---

[1] Шпулер Б. Таърихи Эрон дар қуруни нахустини исломӣ. Ҷилдҳои 1-2. Тарҷумаи Ҷаводи Фалотурӣ – ҳрон Ширкати интишороти илмиву фарҳангӣ, 1373.

[2] Browne E.G. A Literary History of Persia, I-IV volumes, vol. I, From the Earliest Times until Firdawsi (to1000 AD) (, Bethesda, Maryland: Iranbooks, 1997.

[3] Frye R.N. The Golden age of Persia, London: Phoenix Press, 1975; Ҳамин муаллиф: Frye R.N. Notes on the history of Transoxiana, in HJAS, 19, Cambridge, Mass, 1956, p. 106-122, reprinted in Islamic Iran and Central Asia (7$^{th}$-12$^{th}$ centuries), London: Variorum Reprints, 1979; Ҳамин муаллиф: Frye R.N. The Samanids, in CHI, in 7 volumes, vol. 4: The period from the Arab invasion to the Salguqs. Cambridge, 1993; Ҳамин муаллиф: Мероси Осиёи Марказӣ. Аз замонҳои бостон то истилои туркҳо. Таҷума аз инглисӣ Б. Ализода. Муҳаррири матни тоҷикӣ д. Саймиддинов. – Душанбе: «Сурушан», 2000; Ҳамин муаллиф: Бухоро – дастовардҳои қуруни вусто. Тарҷумаи Маҳмуди Маҳмудӣ. Чопи дувум. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмиву фарҳангӣ, 1365.

ба маркази ҳукумати туркон табдил ёфт, аммо фарҳанг ҳамоно эронӣ боқӣ монд ва тоҷирон дар ҷодаи «Роҳи абрешим» империяҳои тиҷорат бунёд мекарданд»[1].

Бояд таъкид кард, ки ҳарчанд аз мантиқи гуфтаҳои муаллиф, то андозае таваҷҷуҳи хосаи он нисбат ба тоҷикон эҳсос шавад ҳам, онро дар ҳамбастагии амиқ бо забону фарҳанги форсӣ нишон медиҳад. Чунин муносибат хилофи ақидаи дар доираҳои шарқшиносӣ қабул шуда набуда, ин ҳамбастагии воқеиро тақвият бахшидааст. Масалан ақидаи муаллиф, ки «Забони муосири тоҷикӣ яке аз гӯишҳои забони роиҷ дар вилояти Форси кишвари кунунии Эрон ҳисоб мешавад»[2] тасдиқи ин гуфтаҳост. Аз тарафи дигар, комилан шинохтани олим таъсири ҳалкунандаи забону фарҳанги форсиро дар Осиёи Марказӣ, мантиқан мазмуни тоҷику форсро дорад.

Тасдиқ намудани тоҷиконро чун мардуми азалии минтақа низ аз нигоҳи воқеъбинонаи олим гувоҳӣ медиҳад. Р.Фрай ақидаи дигар олимон доир ба шакл гирифтани забони форсии нав дар заминаи забони тоҷикиро тасдиқ карда, онро ба ин мазмун овардааст: «Дабирони маҳаллӣ барои ёфтани бартариҳои забони арабиро ҳамчун забони бисёр мусоиди навишторӣ ва пешбурди тиҷорат дар муқоиса бо забонҳои суғдӣ ё форсӣ дар шакли куҳан ва ё паҳлавии он ба кор мебурданд. Сабки забони форсӣ (ё форси нав) ба алифбои арабӣ дертар дар асри X сурат гирифт ва он дар ибтидо дар Осиёи Марказӣ тараққӣ кард, то ин ки дар Эрон»[3]. Чи тавре мебинем, ҳарчанд муҳтавои ин гуфтаҳо забони тоҷикист, вале муаллиф аз чи бошад, ки ин ҳақиқатро равшан бо ин ном зикр накарда, диди худро доир ба раванди ташаккули забони нави форсиро, ки аслан тоҷикист, чунин менигорад: «Истилогарони араб бори аввал пас аз империяти Ҳахоманишӣ халқҳои гуногуни эронизабонро дар як вақт муттаҳид карданд. Таъси-

[1] Фрай Р.Н. Мероси Осиёи Марказӣ. С. II.
[2] Фрай Р.Н. Мероси Осиёи Марказӣ. С. 5.
[3] Ҳамон ҷо. – С. 230.

роти Сосониён ва ҳамчунин арабҳо ҳам ба Осиёи Марказӣ ворид шуд, вале таъсири ислом нисбат ба таъсироти пешин хеле қавитар шуда буд. Забони форсии нав, ки дар Эрон ва Осиёи Марказӣ паҳн шуда буд, як лаҳҷаи хосси вилояти Форс набуд. Ин забон гунаи муташаккил ва унсури портӣ ва забонҳои дигар низ набуд. Забони форсии нав забони расмии империяи Сосонӣ буд, ки баъдтар онро барои хотири вожаи форсии дарбор «форсии дарӣ» низ номидаанд. Забони форсии нав дар бахши шарқии хилофат бо вожаҳои суғдӣ ва вожаҳои дигар ғанӣ гардид, ҳарчанд ҳамон сарфу наҳви лаҳҷаи Форс боқӣ монд»[1].

Бо мурури шиносоӣ ба осори Р. Фрай, анъаноти давлатдорӣ забону фарҳанги Осиёи Марказӣ ва Эронро ба фарҳанги исломии араб қариб пурра тобеъ намудани ӯ ба назар мерасад. «Ягонагии дин ва давлат, – менависад олим, – дар дасти як шахс – халифа як падидаи комилан нав барои Осиёи Марказӣ буд, вале чунин ба назар мерасад, ки мардуми Осиёи Марказӣ ин падидаро бо омодагӣ қабул карданд. Дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Балх ва дигар марказҳои Осиёи Марказӣ фарҳанги исломии араб ба фарҳанги умумӣ табдил шуд»[2]. Дар ҷои дигар овардааст: «Пайғомбар Муҳаммад, зан ва дӯстони ӯ тоҷир буданд ва ислом фарҳанги шаҳрӣ буд ва аз он рӯ назарияҳои он нисбат ба Эрон барои Осиёи Марказӣ бисёр мутобиқ буд»[3]. Ҳамин назари худро боз бештар тақвият бахшиданӣ шуда, қайд кардааст, ки «маҳз арабҳоЭрон ва Осиёи Марказиро муттаҳид карданд ва туркҳо василаи асосии густариши ин фарҳанг ба ғарб, ҳатто то Константинопол буданд, ки мо ҳоло гунаи эронии фарҳанги исломӣ меномем»[4].

Албатта, метавон аз гуфтаҳои ин муаллиф доир ба мақоми муҳими фарҳанги исломӣ дар давлати Сомониён (ҳарчанд муаллиф онро ба фаҳмиши ҷуғрофии Осиёи Марказӣ иваз

[1] Ҳамон ҷо. С. 235-236.
[2] Ҳамон ҷо. С. 237.
[3] Ҳамон ҷо. С. 243.
[4] Ҳамон ҷо. С. 246.

намудааст) мисоли зиёд овард, ки дар маҷмӯъ хилофи ақидаи бисёре аз шарқшиносони Ғарб набошанд ҳам, онҳоро чун ҳақиқати маҳз қабул кардан ҷоиз нест. Нодида гирифтани мавқеи хосаи тоҷикон дар эҳёи анъаноти пешазисломӣ, хосатан замони ҳукумати Сомониён ва пурра тобеъ намудани арзишҳои таърихии тамоми Эронзамини асрҳои IX-X-ро ба вуруди арабҳо ба минтақаву фарҳанги ислом, ҳатто дар сурати мавҷуд будани баъзе далелҳои ин ҳамбастагӣ, таҳлили воқеии ҳақиқати таърих буда наметавонад. Албатта муаррихи воқеӣ наметавонад, ки аз таъсири дин чун манбаи муайянкунандаи идеологии ҳамаро фарогир сарфи назар намояд, вале дар ҷодаи давлатсозиву давлатдорӣ, бартарии пурра ва бе чуну чарои исломро нисбат ба дигар динҳо нишон додан ва тамоми арзишҳои моддиву маънавии халқи тамаддунофарро ба он тобеъ намудан, маънои аз қонунияти раванди таърих фосила гирифтанро дорад.

Таърих бисёр империяҳои тоисломиро медонад (Миср, Юнон, Форси замони Ҳахоманишҳо ва Сосониён, Чин ва ғайра), ки зодаи воқеияти замон буда, дар ташаккули онҳо низ динҳои ба талаботи ғоявии барои ҳамон давра созгор таъсири амиқ доштаанд. Ба дину пайдоиш ва ташаккули давлатҳои абарқудрати замонҳои қадим ва асрҳои миёна бояд аз диди раванди қонунияти таърих баҳо дод. Бо ибораи дигар, худи зарурати замон, ки берун аз он қонуният сурат гирифта наметавонад, чунин падидаҳоро рӯи кор меорад. Аз ин рӯ, пайдоишу ташаккули давлати Сомониёнро пурра ба майлу хоҳиши хилофати араб ва давлатсозии ислом пайвастану онро аз омилҳои воқеан аз қонунияти раванди таърих маншаъ гирифта, ҷудо намудан, ба дарки илмии таърих мувофиқат намекунад.

Вале ин хулосаи мо ҳаргиз маънои зери шубҳа гирифтани хизмати ин ховаршиноси маъруфро надорад. Ӯ аз зумраи шарқшиносоне ҳисоб меёбад, ки худ бевосита ба Тоҷикистону тоҷикон шиносоӣ дошта, аз мазмуну муҳтавои таҳқиқоти таърихии С.Айнӣ, шарқшиносони Шӯравӣ, хосатан

А.Семёнов, Б.Ғафуров ва дигарон доир ба таъриху фарҳанги тоҷикон бохабар буда, онҳоро ҷонибдорӣ кардааст.

Аз адабиёти аврупоӣ, ки доир ба замони Сомониён маълумоти ҷолиби оммавӣ пайдо кардан метавон «Энсиклопедияи тамаддуни Осиё»-и даҳҷилдаи Ф. Луи бо забони фаронсавӣ ҳисоб меёбад[1]. Дар ин ҷода чопи маъхазҳои замони Сомониён аз тарафи Ҷ.С. Мейсами «Барои чӣ таърихро дар Форс менависанд? Маъхазҳои хаттӣ доир ба таърих дар замони Сомониён»[2], М. Митчинер «Ҷаҳони ислом, сиккаҳои Шарқ ва қимати онҳо»[3] ва ғайра аз ҳар ҷиҳат хеле арзишманд ҳисоб меёбанд.

Албатта, зарурати аз диди таърихнигорӣ ба таҳлили нисбатан пурраи таҳқиқоти ниҳоят зиёди ховаршиносони Ғарб доир ба замони Сомониён даст задан боқӣ мемонад. Вале ҳаҷми китоб ба чунин шарҳи доманадор имкон намедиҳад. Аз тарафи дигар, маълумоти дар онҳо ҷой дошта, дар маҷмӯъ хулосаҳои шарқшиносони дар боло ишораёфтаро тасдиқу тақвият медиҳанд. Бинобар ин, зарурати дар ин рисола пурра ҷой додани онҳо аз байн меравад.

---

[1] Louis F. Encyclopedia of Asian Civilizations, I-X volumes – Paris: Jean-Michel Place, 1977-1987.

[2] Meisami J.S. Why write history in Persian? Historical writing in the Samanid period, in: Studies in honour of Clifford Edmund Bosworth, vol. II. The Sultan’s Turrent: Studies in Persian and Turkish Culture (ed. by C. Hillenbrand). – Leiden-Boston-Köln: Brill, 2000.

[3] Mitchiner M. The World of Islam, Oriental Coins and their values. – London: Hawkins Publications, 1977.

# БОБИ XII

# ДАВЛАТИ СОМОНИЁН ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

## Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши рушди сомониёншиносӣ дар таърихнигории миллӣ

Дар нимаи дуюми солҳои 80-ум ҷунбишу таҳаввулоти сиёсиву идеологии замони бозсозии горбачевӣ барои илми таърих низ бетаъсир намонд. Баъзе аз бо ном мутахассисони равияҳои гуногуни ҷомеашиносӣ, зери шиори «ошкорбаёнии таърихӣ», «рӯ овардан ба ҳақиқати таърих», «аз таъсири идеология баровардани илми таърих», «таҳқиқи саҳифаҳои сиёҳи таърих» ва ғайра, ки мақсади асосӣ зери тозиёнаи танқид гирифтани дастовардҳои илмӣ ва воситаи таблиғи идеологияи коммунистӣ эълон кардани таърихи замони Шӯравӣ буд, раванди таҳқиқоти масоили таърихи тоинқилобиро хеле заиф кард. Дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият, аланга гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ, коҳиши илми таърих дар ҷумҳурӣ идома дошт. Аз ин раванди фоҷиабору носозгор барои илм, таҳқиқи давраи Сомониён дар канор монда наметавонист. Баъди истиқрори сулҳу ризоияти миллӣ (27 июни соли 1997) ва нисбатан ба эътидол омадани авзои сиёсии ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар заминаи иқдоми созандагӣ, пешбурди илми таърих шароити созгор фароҳам оварда шуд.

Авҷи баланди таҳқиқи таъриху фарҳанги давлати Сомониён ба солҳои 1997-1999 – давраи тайёрӣ ва таҷлили расмии 1100-солагии он чун ҷашни миллӣ, ки бо ташаббуси Прези-

денти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифта буд, рост меояд.

Ба ҳамаи мушкилоти нимаи аввали солҳои 90-ум асри гузашта нигоҳ накарда, зарурати омӯзиши таърихи гузашта то рафт бештар эҳсос мешуд. Аз ҳама муҳим, сарвари Тоҷикистони тозаистиқлол Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти он, ки худшиносии таърихӣ маҳаки худшиносии милли буда, воситаи муҳими эътидоли сиёсӣ ва таъмини рушди ҷумҳурӣ ҳисоб меёбад, омӯзиши таърихи ифтихорбахши тоҷиконро дар сатҳи сиёсати давлатӣ қарор доданд.

Нишондиҳандаи таваҷҷуҳи хоси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷмӯъ ба илм фармон «Дар бораи таъсиси Фонди президентии таҳқиқоти фундаменталӣ» аз 24 феврали соли 1996 ҳисоб меёбад. 29 феврал вохӯрии Президенти мамлакат дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо олимони шинохта, роҳбарияти академия ва институтҳои таҳқиқотӣ баргузор гардид, ки дар он дурнамои рушди илми ҷумҳурӣ, хосатан рӯ овардан ба таҳқиқоти бунёдии таърихи миллат мавриди муҳокима қарор ёфт.

Ба таърих мароқи хосса зоҳир намудани Сарвари давлатро чунин далел шаҳодат медиҳад, ки бо мурури фароҳам омадани фазои мусоид барои рушди таҳқиқи воқеъбинонаи таърихи миллат, дар шароити истиқлолияти комил, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ин ташаббусро шахсан ба даст гирифта, барои ба дараҷаи эътирофи сатҳи ҷаҳонӣ баровардани таърихи халқи тоҷик саъю талоши ҳамешагӣ зоҳир мекунанд.

Аз ин ҷост, ки арҷгузорӣ ба гузаштаи пурифтихори таърихи халқи тоҷик дар сатҳи олии роҳбарияти ҷумҳурӣ ҳар чӣ бештар ба назар мерасид. 28 июни соли 1996 бо иштироки Президенти мамлакат дар ҳукумати вилояти Ленинобод (феълан Суғд) ҷаласаи қумитаи тадорукоти ҷашни 675-солагии Камоли Хуҷандӣ баргузор гардид, ки тайёрӣ ва бар-

гузор гардидани ин ҷашн 10 сентябри ҳамон сол ба маъракаи муҳими таърихӣ-фарҳангӣ табдил ёфт. 17 августи ҳамон сол нашри мақолаи Сарвари давлат «Тоҷикон дар оинаи таърих», ки ба 5-солагии истиқлолияти ҷумҳурӣ бахшида шуда буд ва 29 ноябр нашр гардидани мақолаи «Дирӯз ва имрӯзи тоҷикон» аз бевосита ба таҳқиқи таърихи миллат даст задани Роҳбари мамлакат дарак медод. Ин ва боз чандин дастуру муҳокимарониҳои Президент дар вохӯриву чорабиниҳо доир ба зарурати омӯзиши таърихи гузаштаи дуру наздики миллат, барои таҳқиқи ҷиддии таърихи давлатдори халқи тоҷик заминаи боэътимод гардиданд.

Ба он нигоҳ накарда, ки дар таърихнигории миллии замони Шӯравӣ давлати тоҷикон будани оли Сомон аз ҷиҳати илмӣ асоснок арзёбӣ шуда буд ва дар он хизмати Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров муҳим ҳисоб ёфта, дигар муҳаққиқон онро тақвият бахшида буданд, вале чи тавре дар боло ишора рафт, таҳаммулпазирии интернатсионалистӣ дар доираи Иттиҳоди Шӯравӣ ба сатҳи эътирофи пурраи байналмилалӣ баровардани ин ҳақиқати таърихро то андозае маҳдуд мекард. Акнун бо эҳсоси пурраи зарурати ба таҳқиқи мукаммали таъриху фарҳанги давлати Сомониён баргаштан, Сарвари давлат шахсан ин равандро барномарезӣ намуданд. Далели равшани он, 14 апрели соли 1997 «Дар бораи ҷашнгирии 1100-солагии давлати Сомониён» фармон содир намудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳисоб меёбад. Чи тавре дар китоби «Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати милллӣ» омадааст, ин фармон «бо мақсади таҳкими ваҳдати халқи Тоҷикистон, эҳёи анъанаҳои волои таърихӣ, тарғиби беҳтарин арзишҳои умумибашарии фарҳанги миллӣ ва нақши таърихии тоҷикон дар Осиёи Марказӣ, Шарқи Миёнаву Наздик имзо шудааст»[1].

[1] Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996-1999). Китоби 2. – Душанбе: Ирфон, 2011. С. 99.

Баъди ба роҳ мондани ин иқдом, бо назардошти дар сатҳи умумибашарӣ қайд кардани 1100-солагии таъсисёбии давлати Сомониён, 6 майи соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба унвони директори генералии ЮНЕСКО ҷаноби Федерико Майор нома фиристод, ки дар он аз ҷумла омадааст:»Ҷаноби олӣ! Эҳтиромоти самимонаи хешро нисбат ба Шумо ва ЮНЕСКО барои саҳми гаронбаҳоятон дар рушди маориф, илм ва фарҳанги Тоҷикистони ҷавону соҳибистиқлол изҳор намуда, мехостам ба Шумо оид ба гузаронидани ҷашни 1100-солагии таъсис ва шукуфоии давлати Сомониён дар доираи ЮНЕСКО дар соли 1999 таклиф пешниҳод кунам.

Дар ин рӯзҳо бо кӯмаки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷараёни таҳкими сулҳ дар Тоҷикистон хотима меёбад ва ин дар навбати худ тақвияти нерӯи рӯҳию маънавии онро тақозо мекунад.

Ҷашнгирии солгарди давлати Сомониён ба андешаи мо дар таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқҳо, аз ҷумла дар минтақаи доманадори Осиёи Марказӣ, Шарқи Миёна ва Наздик, муносибати неки байни онҳо, худшиносии тоҷикон, халқи Тоҷикистон, рушд ва таҳкими анъаноти ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстӣ бо халқҳои дигар, омезиш ва рушди мутақобилаи фарҳанг мусоидат хоҳад кард.

Ҷашнгирии солгарди давлати Сомониён ба рӯҳия, барнома ва мақсадҳои ЮНЕСКО мутобиқ аст.

Давлати Сомониён, ки ба ташаккули ниҳоии он дар соли 1999 ҳазору сад сол пур мешавад, он заминаест, ки халқи тоҷик ва давлатдории он рушду такомул ёфт.

Дар айни замон фарҳанги ниҳоят пуразиши маънавию моддии давраи Сомониён яке аз пояҳои асосии рушди тамаддуни Осиёи Марказӣ, Шарқи Миёна ва Наздик мебошад»[1].

Муддао аз бозгӯии қисми асосии мактуб дар он аст, ки

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996-1999). Китоби 2. – Душанбе: Ирфон, 2011. С. 109.

мазмуни он ба шарҳи иловагӣ эҳтиёҷ надорад. Роҳбари давлат, раванди тайёрӣ ба ин маъракаи муҳими сиёсиву фарҳангиро бевосита ба даст гирифта, 30 октябри соли 1997 ҷаласаи кумитаи тадорукоти ҷашниро доир намуданд. Дар он Раиси Маҷлиси олӣ Сафаралӣ Раҷабов, аъзои кумитаи тадорукот ва олимону зиёиён иштирок доштанд. Дар ин ҷаласа Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба аҳамияти ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён дар таъмини ваҳдати миллӣ ва эҳёи давлати мустақили тоҷикон сухан ронда, ба зарурати суръат бахшидани фаъолияти кумитаи тадорукот ва вазорату идораҳои дахлдорро дар ҷараёни омодагӣ ба ҷашн ишора намуданд[1].

15 июни соли 1998 дар шаҳри Душанбе семинари байналхалқии илмии «Саҳми аҳди Сомониён дар пешрафти фарҳанги Осиёи Марказӣ» бо иштироки олимони Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркия, Ҳиндустон, Чин, Покистон, Афғонистон, намояндагони ЮНЕСКО ва созмонҳои дигари байналмилалӣ иштирок намуданд. Дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, изҳор доштанд, ки ин семинар доир ба ҷашнгирии 1100-солагии давлати Сомониён, дар асоси мактуби қаблан ба директори генералии ЮНЕСКО пениҳод намуда сурат мегирад. «Ин пешниҳоди мо, – қайд намуданд Роҳбари ҷумҳурӣ, – моҳи сентябри соли 1997 дар иҷлосия Конфронси генералии ЮНЕСКО муҳокима гардид ва тавсия дода шуд, ки дар мавзӯи «Саҳми аҳди Сомониён дар пешрафти мероси фарҳангии Осиёи Марказӣ» дар шаҳри Душанбе семинари байналхалқии илмӣ гузаронида шавад.

Хурсандиовар аст, ки имрӯз ин семинар оғоз меёбад ва ҳамаи Шумоён, иштирокчиёни онро самимона муборакбод мегӯям»[2].

Силсилаи маракаҳои муҳими расмӣ доир ба гузаронидани

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 169.
[2] Ҳамон ҷо С.247-248.

ин ҷашни ифтихорбахши миллӣ соли 1999 оғоз ёфтанд. Яке аз чунин чорабиниҳои ниҳоят назаррас 28 апрели соли 1999 дар Санкт-Петербург бо ташаббуси Президенти мамлакат ва Шӯрои байнипарлумонии Ассамблеяи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, дастгирии намояндагони мамлакатҳои аъзои Ассамблеяи байнипарлумонӣ ва ҳукумати шаҳри Санкт-Петербург баргузор гардидани Конференсия байналмилалӣ бахшида ба 1100-солагии Давлати Сомониён ҳисоб меёбад. Дар он Президенти мамлакат бо маъруза баромад карда, қайд намуданд, ки давраи Сомониён – давраи тиллоии халқи тоҷик ҳисоб меёбад.

Ба нақши қисматсози давлати Сомониён дар таърихи тоҷикон ишора намуда, аз ҷумла иброз доштанд: «Давраи ниҳоии ташаккули давлатдории халқи имрӯзаи тоҷик ба куллӣ бо давлати Сомониён марбут аст, ки дар давоми асрҳои IX-X ба туфайли баъзе воқеаҳои таърихӣ ба дунё омад. Давлати Сомониён омили муҳими таъриху тамаддуни Шарқ ва ҷаҳон гардид. Вай ба халқаш шароити мусоиди зиндагӣ ва кор муҳайё сохта, боварии мамлакатҳо ва халқҳои дуру наздикро ба ҳамкории серсоҳаи мутақобилан муфид дар тамоми тӯли ҷодаи бузурги Абрешим, хусусан дар соҳаҳои тиҷорат, муомилоти байналхалқии мол, мубодилаи фарҳанг тақвият дода, халқи тоҷикро ба саҳнаи тамаддуни ҷаҳонӣ баровард»[1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумитаи ҷумҳуриявии тадорукоти ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 21 майи соли 1999 ҷаласаи навбатии кумитаро доир намуданд, ки дар он роҳбарони вазорату идораҳо, раисони вилоят, шаҳру ноҳияҳо намояндагони муассисаҳои илмиву эҷодӣ, кормандони масъули Дасгоҳи иҷроияи Президент иштирок намуданд. Вазифа гузошта шуд,

[1] Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон: «Flint river editions great Britain», 1999.

ки корҳои омодагӣ ба ҷашн бояд дар тамоми гӯшаву канорҳои ҷумҳурӣ суръат гирифта, тамоми вазорату идора ва муассисаҳо, корхонаву хоҷагиҳо бояд дар корҳои тайёрӣ ба ҷашн фаъолона ширкат дошта бошанд.

Ҷаласаи навбатии Кумитаи ҷумҳуриявии тадорукоти ҷашнӣ 23 июли соли 1999 баргузор гардид. Дар он рафти тайёрӣ мавриди муҳокима қарор ёфта, аз рӯи ин масъала муовини раиси Кумитаи тадорукотии ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён, раиси ҳукумати шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев доир ба корҳои анҷомёфта ва чорабиниҳои дар пеш истода, гузориш дод.

3 сентябри соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарони як қатор вазорату идораҳо машварат доир намуда, дар қатори дигар масъалаҳо бори дигар доир ба омодагии ҷашнӣ маълумот гирифта, дастуру супоришҳо доданд.

Албатта дар ин раванди тайёрӣ ба ҷашн, олимони самтҳои гуногуни илм саҳмгузории бевосита доштанд, ки боби ояндаи ин китоб бевосита ба таҳлили хизмати онҳо дар омӯзиши таърих, илму фарҳанги замони Сомониён бахшида мешавад. Алҳол гуфтан ҷоиз аст, ки 6 сентябр дар арафаи таҷлили ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён, китоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо унвони «Тоҷикон дар оинаи таърих», дар Лондон бо забонҳои тоҷикиву русӣ ба чоп расид[1]. Ин дар таърихнигории ватанӣ падидаи воқеан назаррас ҳисоб меёбад. Боби ниҳоии он «Давраи тиллои тоҷикон», ки дар он матни пурраи маърузаи Президент дар Конфренсияи байналхалқии илмӣ бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён дар Санкт-Петербург (28 апрели соли 1999) омадааст, аз рӯи мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои илмӣ аҳамияти назариявӣ ва барномавиро дорост. Дар воқеъ дар он заминаҳои ба доираи маъмурии хилофат кашидани намоянда-

[1] Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон:»Flint river editions great Britain», 1999. – 238 с.

гони дудмони Сомонхудот, аз тарафи намояндаи машҳури ин сулола ташкилёбии давлати комилан мустақили доманфарох, ки худ нишондиҳанда даҳои давлатофарии тоҷикон ҳисоб меёбад ва рушди сиёсиву ҳарбӣ, илмиву фарҳангии ин давлати намунавӣ дар таърихи давлатдории тоҷику форс, хеле барҷаста нишон дода шудаанд.

Таҷлили ҷашни бошукӯҳи 1100-солагии давлати Сомониён дар сатҳи байналмилалӣ, ки баъди қабули меҳмонони аз хориҷи мамлакат ба ин ҷашн омада, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 – 9 сентябри соли 1999 сурат гирифт, дар воқеъ ба ҷашни бузургӣ миллӣ табдил ёфт. Дар ин маракаи ҷашнӣ, ки ба ҳаштумин солгарди истиқлолият рост омад, Сарвари давлат дар ин ҷамъомади ботантана суханронӣ карда, қайд намуданд, ки «оғози эҳёи ваҳдати сиёсии сарзамини тоҷикон дар давраи давлатдории Тоҳириён ва Саффориён рост омада, ин рисолати бузурги таърихиро танҳо Сомониён анҷом дода тавонистанд»[1]. Маросими мутантани пардабардорӣ аз муҷассамаи Исмоили Сомонӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ доир гардид, ки яке аз лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаи таърихи ҷумҳурӣ ҳисоб меёбад.

Бояд қайд кард, ки Сарвари давлат рӯ оварданро ба таърихи гузашта, чун омили муҳими рушди худшиносии миллӣ ҳисоб мекунанд. Дар пегуфтори китобашон «Чеҳраҳои мондагор» ба ҳамин ишора карда, таъкид менамоянд: «Омӯхтани рӯйдодҳои таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи адабӣ имкон медиҳад, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намоем, ба онҳо пайванд доштани хешро эҳсос карда, ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корномаҳои онҳоро аз нав зинда гардонем ва ба фарзандони халқи далерамон бо ифтихор дар бораашон ҳарф занем. Маҳз ба ҳамин хотир ҷашнҳои

[1] Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. С.343

бузурги умумимиллӣ, бахусус 1100-солагии давлати маънавибунёди Сомониён, Соли тамаддуни ориёӣ, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоб, бузургдошти шахсиятҳои сарсупурдаи илмиву адабӣ ва сиёсиву таърихӣ Имоми Аъзам, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигаронро баргузор намуда, аз таъриху фарҳанги миллат ганҷҳо ва ҳикматҳое берун овардем, ки бо моҳият ва арзишҳои ҷаҳониашон худшиносии тоҷиконро таҳким бахшиданд»[1].

Хизмати ниҳоят равшану босамари Президенти мамлакат дар омӯзиши таърихи ифтихорбахши халқи тоҷик хеле барҷаста ба назар мерасад. Инро метавон бо далелҳои зиёди дар китобу мақолот, маърузаву гузоришоти эшон ҷой дошта, бозгӯӣ намуд. Вале чун намуна барои тақвияти ин хулосаи хеш ба яке аз бобҳои китоби ниҳоят арзишманди Пешвои миллат «Чеҳраҳои мондагор», ки ба унвони «Исмоили Сомонӣ абармарди хирад ва сиёсат» омадааст[2], муаллиф бо ишора ба таърихи ниҳоят қадимаи давлатдории тоҷикон бо ифтихор чунин менависанд: «Модоме ки асотири Юнонзамин, бани Исроил, Мисри Қадиму Бобул, чун як рукни таърихии ин кишварҳои қадим эътироф шуда бошанд, пас сулолаи Пешдодиёнро чун оғози таърихи давлату давлатдории ниёгони тоҷикон ва дигар мардуми ориёинажод ҳисобидан равост. Давлату давлатдории сулолаи Каёниён зинаи аз асотир ба воқеияти таърихӣ гузаштан буда, ба аҳди подшоҳии Гуштосп ва зуҳури Зардушт рост меояд. Таълимоти Зардушт ва китоби муқаддаси «Авесто»-ро кулли уламои ҷаҳон ва таърихшиносони Шарқу Ғарб эътироф кардаанд. Инчунин шукӯҳу шаҳомати давлати Каёниён ва Балху Бохтари босто-

---

[1] Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. С. 4.

[2] Ниг.: Раҳмон Э. Исмоили Сомонӣ абармарди хирад ва сиёсат // Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагорДушанбе: «ЭР-граф», 2016. С.204-220.

ниро ситоиш намудаанд ва мо – ворисони воқеии сулолаи Каёниён ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки асолати куҳанбунёди ниёгони худро нодида гирем... Бояд таъкид кард, ки суннатҳои давлатдории ниёгони мо дар давлатҳои баъдинаи ориёӣ – давлати Ашкониёни Порт, Кушониён, Ҳайтолиён ва бахусус Сосониён, идомаву такомул ёфт ва то истилои араб побарҷо монд.»[1].

Муаллиф дар баробари таҳлили шахсияти Исмоили Сомонӣ, заминаву омилҳои ба сари қудрат омадан, сохтори сиёсиву маъмурӣ, рушди иқтисодӣ, дастовардҳои фарҳангии замони давлатдории Сомониён ва билохира сабабҳои суқути он давлати қудратману доманфарохро равшан кушодааст. Рисолати тарихии Исмоили Сомониро воқеъбинона муайян намуда, Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла чунин иброз медоранд: «Амир Исмоили Сомонӣ бо тамоми вуҷудаш хоҳони муттаҳидии тамоми сарзамини тоҷикон буд. Ӯ бар хилофи таҳрикоти пай дар пайи халифаи Бағдод ба Хуросон, ки таҳти ҳокимияти Саффориён буд, майли лашкаркашӣ накард. Ва ҳатто замоне Амр ибни Лайс бо лашкари 70-ҳазорнафара сӯи Мовароуннаҳр ҳаракат мекард, Исмоили Сомонӣ ноилоҷ барои мудофиаи мулк омода гардид ва дар муҳориба ғолиб омад. Баъди ин пирӯзӣ Исмоили Сомонӣ тамоми сарзамини тоҷикон – Мовароуннаҳру Хуросонро зери парчами як давлати муқтадир ва мутамаркази Сомониён муттаҳид намуд... Аз ин ҷиҳат рӯзгор ва муборизаи Исмоили Сомонӣ дар муттаҳидсозӣ ва сарҷамъ овардани халқҳои парешони ориёинажоди Мовароуннаҳру Хуросон як падидаи ибратомӯзи таърихист»[2]. Чунин ақидаи ҷолибро муаллиф доир ба этноними «тоҷик» оварда, қайд менамояд: «Халқи тоҷик таърихан худро бо номҳои «озодагон», «деҳқон», «ибн-улашроф» ва ғайра муаррифӣ мекард, ки онҳо тақрибан ҳам-

[1] Раҳмон Э. Исмоили Сомонӣ абармарди хирад ва сиёсат. С. 206-207.
[2] Раҳмон Э. Исмоили Сомонӣ абармарди хирад ва сиёсат. С. 209.

маънои калимаи «ориёӣ» мебошанд. Дар давраи Сомониён ҷойи онҳоро номи **«тоҷик»** гирифт... Давлати Сомониён барҳақ машъале буд, ки роҳи тамаддуну давлатдориҳоро дар давоми садсолаҳо мунаввар сохта, як давраи хеле пурбаракату мусоиди болоравӣ ва нақши ҷовидонаи миллати тоҷикро дар арсаи таърих фароҳам овард ва як ҳавзаи паҳновари муттаҳидсозандаи халқ, эҳёи арзишҳои фарҳангӣ ва дастовварҳои моддию маънавии ниёгони мо гардид»[1].

Ҳамин тариқ, дар ин замони тақдирсози мустақилияти комили ҷумҳурӣ бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиши таърихи давлатдории тоҷикон, хосатан мақому манзалати давлатофарии онҳо дар замони Сомониён авлавият касб кардааст, ки падидаи назаррастарини таърихнигории миллӣ ҳисоб меёбад.

## Инъикоси рисолати таърихии Сомониён дар осори муҳаққиқони ватании солҳои 90-ум

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 14 апрели соли 1997, «Дар бораи ҷашнгирии 1100-солагии давлати Сомониён» ва барномарезии чорабиниҳои ҷашнӣ аз тарафи олимон, зиёиён ва тамоми қишрҳои ҷомеаи ҷумҳурӣ бо ҳисси ифтихор дастгирӣ ёфта, сабаби ҷунбиши ҷиддӣ дар омӯзишу таҳқиқи ин масъала гардид. Рӯи чоп омадани мақолоти зиёде солҳои 1997 – 1999 нишонаи ҷонибдирии омавии ин иқдоми Президент ҳисоб меёфт.

Дар байни садҳо мақола, маърузаву гузоришот, ки дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои илмӣ-оммавӣ ва маҷмӯаҳои илмӣ доир ба бисёре аз масоили таърихиву фарҳангии ба давлати Сомониён иртибот дошта, интишор ёфта буданд, метавон феҳристи зиёди мақолоти арзишманд ва муаллифони

[1] Раҳмон Э. Исмоили Сомонӣ абармарди хирад ва сиёсат. С.211-212.

онҳоро овард. Аз тарафи дигар, таҳлили нисбатан муфассали осори бунёдии муҳаққиқон моро то андозае аз ин масъулият озод менамояд. Вале новобаста ба он, аз рӯи имкони бардошти ҳаҷми ин рисола барои намуна ба овардани чанде аз мақолоти азишманд иктифо менамоем.

Дар доираи тайёрӣ ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён бо пешгуфтори сафири Ҷумҳурии исломии Эрон дар Чумҳурии Тоҷикистон Сайид Расули Мусавӣ ба чоп расондани маҷмӯаи «Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ» дар воқеъ падидаи назарраси илмӣ ҳисоб меёбад[1]. Дар шарҳи мухтасари китоб муҳтавои он чунин омадааст: «Дар маҷмӯа замон ва ҷараёни фаъолияти давлатдории силсилаи Сомониён, ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, фалсафӣ таърихию адабӣ, илмию ҳунарӣ, муҳимтарин паҳлуҳои адабу ҳунар дар рӯзгори ин давлати муқтадиру мутамарказ аз дидгоҳи навин таҳқиқу таҳлил шудааст»[2]. Маҷмӯа аз панҷ боб иборат буда, масоили таърих ва иқтисодиёт, фалсафа ҳуқук ва дин, илму ҳунар ва адабиётро дар бар мегирад

Бояд қайд кард, ки дар ин ҷода бартарии мақолаҳои дар маҷмӯа ва дигар рӯзномаву маҷаллаҳо ба чоп расидаи муҳаққиқони дар омӯзиши таъриху фарҳанги замони Сомониён собиқадор, аз ҷумла олимони шинохта Б.А. Литвинский «Сарчашмаҳои тамаддуни Сомонӣ»[3], А. Мухторов «Авлоди Сомониён аз куҷо буд?», «Рӯзгори оли Сомон», «Сулолаи Сомон» ва ғайра[4], Н. Неъматов «Давлати Сомониён падидаи

[1] Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 1998. – 598 с.
[2] Ҳамон ҷо. С.5.
[3] Литвинский Б.А. Сарчашмаҳои тамаддуни Сомонӣ // Ҷумҳурият. – 1999. – 10 июн.
[4] Ниг.: Мухторов А. Авлоди Сомониён аз куҷо буд? // Садои мардум. – 1998. – 10 январ; Рӯзгори оли Сомон // Минбари халқ. – 1997 – 9 март; Сотим Улуғзода ва Исмоили Сомонӣ // Ҷумҳурият 1998. – 24 январ; Сулолаи Сомон // Илм ва ҳаёт. – 1998. – № 1-2. С. 4; Порча аз «Ашкол-ул-олам» – и Ҷайҳонӣ // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе, 1998. С.151-191.

таърихӣ», «Аз Борбад то Хайём»,»Иқтисодиёт ва савдои давлати Сомониён»[1], Баротов Р. «Илми заминшиносӣ дар замони Сомониён»[2], К. Олимов «Ирфон ва тасаввуф дар замони Сомониён», «Фалсафа дар замони Сомониён»[3], Ҳ. Саидмуродов «Муносибатҳои ичтимоиву иқтисодӣ дар аҳди Сомониён» [4], Ҳ. Назаров «Чанд сухане пиромуни ҷуғрофиёи давлати Сомониён», «Заминаҳои ба вуҷуд омадани давлати Сомониён»[5], С. Табаров «Халқ қиём мекард: Мақоми шӯришу исёнҳои халқӣ дар давраи ташаккули давлати Сомониён», «Худшиносии миллии замони Сомониён аз биниши Садриддин Айнӣ»[6], Ю.Яъқубшоҳ «Оини худшиносӣ дар замони Сомониён»[7], Х. Шарифзода «Наҳзати худогоҳӣ дар адабиёти форсии аҳди Сомониён»[8], М. Муллоаҳмад «Масъалаҳои ба-

[1] Неъматов Н. Давлати Сомониён падидаи таърихӣ // Тоҷикистон. – 1998. – № 1. С. 5; Аз Борбад то Хайём: (Давлати Сомониён – хориқаи (феномени) беназири таърих) // Садои мардум. – 1998. – 13 феврал; Экономика и торговля государства Саманидов // Народная газета. – 1998. – 3 апреля.

[2] Баротов Р. Илми заминшиносӣ дар замони Сомониён // Ҷумҳурият. – 1998. – 4 сентябр.

[3] Олимов К. Ирфон ва тасаввуф дар замони Сомониён // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998. С. 220-235; Фалсафа дар замони Сомониён // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. С. 193-205.

[4] Саидмуродов Ҳ. Муносибатҳои ичтимоиву иқтисодӣ дар аҳди Сомониён / Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998. С.52-59.

[5] Назаров Ҳ. Чанд сухане пиромуни ҷуғрофиёи давлати Сомониён // Ҷунбиш. – 1997. – № 9. – Декабр; Заминаҳои ба вуҷуд омадани давлати Сомониён // Ҷунбиш. – 1998. – № 3 феврал; № 6, 7, 8.

[6] Табаров С. Халқ қиём мекард: Мақоми шӯришу исёнҳои халқӣ дар давраи ташаккули давлати Сомониён // Ҷумҳурият. – 1998. – 22 август; Худшиносии миллии замони Сомониён аз биниши Садриддин Айнӣ // Садои мардум. – 1998. – 30 октябр.

[7] Яъқубов Ю. Оини худшиносӣ дар замони Сомониён // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998. С. 32-51.

[8] Шарифзода Х. Наҳзати худогоҳӣ дар адабиёти форсии аҳди Сомониён // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998. С. 415-430.

шардӯстӣ дар адабиёти аҳди Сомонӣ»[1], Р. Ҳодизода «Равнақи адабиёти форсии дарӣ дар замони оли Сомон», «Рӯдакӣ дар давраи нави адабиёти форсӣ»[2], М.Н Қосимова «Сомониён ва анҷоми ташаккули забони адабӣ»[3], А.Алимардон «Тарҳрезии ғазал дар замони оли Сомон»[4], Ш. Мухтор «Адабиёти замони Сомониён дар Фаронса»[5] ва ғайра равшантар ба назар мерасад.

Вале чи тавре ишора рафт, таваҷуҳи мо асосан дар атрофи таҳлили таърихнигории таҳқиқоти нисбатан ҷиддиву бунёдӣ қарор ҳоҳад гирифт, чунки маҳз тавассути шиносоии амиқ ба мазмуну муҳтавои онҳо метавон ба саҳмгузории муҳаққиқон дар омӯзиши илмии масъала баҳои муносиб дода, ҷузъиёти ҳалталаби таъриху фарҳанги замони Сомониёнро муайян муйян намуд.

Яке аз аввалин асаре, ки ба нақшаи ҷашнӣ мутобиқат мекард, муҷмӯаи чанд мақолоти олими шинохтаи тоҷик, академик Аҳрор Мухторов «Амирон ва вазирони Сомонӣ»[6] ҳисоб меёбад. Худи муаллиф муҳтавои онро чунин муайян намудааст: «Маҷмӯаи мақолоти китоби мазкур ба осори ҷуғрофиёи таърихе бахшида шудааст, ки ба даврони салтанати оли Сомон марбут аст. Дар ин китоб роҷеъ ба хонадони Сомониён ва вазирони эшон маълумоти навин гирд оварда шудааст».

---

[1] Муллоаҳмад М. Масъалаҳои башардӯстӣ дар адабиёти аҳди Сомонӣ // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998. С.527-537.

[2] Ҳодизода Р. Равнақи адабиёти форсии дарӣ дар замони оли Сомон // Садои Шарқ. – 1998. – № 7-12; Рӯдакӣ дар давраи нави адабиёти форсӣ // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998. С. 402-414.

[3] Қосимова М.Н. Сомониён ва анҷоми ташаккули забони адабӣ // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998. С. 457-469.

[4] Алимардон А. Тарҳрезии ғазал дар замони оли Сомон // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998. С. 431-455.

[5] Мухтор Ш. Адабиёти замони Сомониён дар Фаронса. – Душанбе, 1999. – 22 с.

[6] Мухторов А. Амирон ва вазирони Сомонӣ. – Душанбе: Нашриёти оли Сомон, 1977. – 77 с.

Муаллиф аз силсилаи хонадони Сомониён, ба сари қудрат омадани онҳо, хосатан замони мустақилияти соҳибдавлатии Исмоили Сомонӣ ва амирони аз ин сулола баъди ӯ ба тахти шоҳӣ нишаста, бештар дар асоси «Ашколу-л-олам»-и Ҷайҳонӣ дар ҳаҷми 10 саҳифа маълумоти ниҳоят мухтасар овардааст. Қисмати дигари ин асарро муаллиф ба таҳлили маълумоти дар «Ашколу-л-олам» доир ба ҳудуди ҷуғрофӣ, вазъи сиёсиву маъмурӣ ва иқтисодии замони Сомониён, ки то кунун аз назари муаллиф, ба доираи таҳқиқи олимони Шӯравӣ кашида нашуда буданд, бахшидааст. Дар боби «Оли Сомони Истравшанӣ» муаллиф назари ҷолибе пешниҳод намудаст, ки ба шарҳи он хоҳем баргашт. Ду мақолаи интиҳоии маҷмӯа – «Вазирони Сомониён», ки дар нигориши он «Осору-л-вузаро»-и Сайфиддин Ҳоҷӣ ибни Низоми Уқайлӣ[1] (нимаи дуюми асри XV-ибтидои асри XVI) ба асос гирифта шудааст ва «Ҷайҳонӣ дар бораи шаҳрҳои Мовароуннаҳр"-ро (ба забони русӣ) дар бар мегирад, ки онҳо низ дар такя ба ҳамон «Ашколу-л-олам»-и Ҷайҳонӣ таълиф шудаанд.

Аз диди муаллиф дар ин маҷмӯа доир ба сомониёншиносӣ чанд ҷузъиёти то кунун норавшан кушода шудааст. Яке аз онҳо аз Истравшан будани авлоди Сомониён, ки гӯё дар адабиёти илмӣ то кунун нодуруст муайян шудааст. Маҷмӯаро муаллиф бо ин матлаб ҳусни оғоз бахшида, менависад: «Сарсилсилаи хонадони Сомониён – Сомон аслан аз Усрушана (Уротеппаи кунунӣ) ба Бухоро омада буд. Дар ин бора дар асоси навиштаҳои вазири донишманди Сомониён – Ҷайҳонӣ ва тангаҳои сикказадаи Исмоили Сомонӣ дар Усрушана маълумоти пурра зикр ёфтааст[2]. Ҳамин назари худро дар дигар мақолаи маҷмӯа – «Оли Сомони Истравшанӣ» бо шарҳи муфассали аз диди муаллиф бо далелҳои раднопазир аз сарчашмаҳои таърихӣ асосёфта, ки мақоми марказиро «Ашколу-

[1] Устод А.Мухторов онро чун Сайфиддинҳоҷӣ бини Низом ул-Ақилӣ овардааст (ниг. с. 58)

[2] Мухторов А. Амирон ва вазирони Сомонӣ. С. 3.

л-олам»-и Ҷайҳонӣ ишғол мекунад,[1] бо чунин хулоса тақвият бахшидаст: «Ба ҳар ҳол мо метавонем хулоса кунем, ки оли Сомон на аз назди Тирмиз, на аз назди Балх, балки аз музофоти Самарқанд, алалхусус, бо шаҳодати Ҷайҳонӣ аз Усрушана буд. Ин масъала бо пайдо намудани сарчашмаҳои нави таърихӣ бояд таҳқиқ шавад. Вале маълумоти Ҷайҳонӣ яке аз вазирони донишманди Сомониён дар ин миён аҳамияти махсус хоҳад дошт»[2]. Бояд қайд кард, ки дар ин самт назари А.Мухторов бо дигар муҳаққиқон мувофиқат намекунад.

Аз диди А.Мухторов дигар масъалае, ки ҳалли худро наёфтааст, бо ду унвон: «амир» ва «шоҳ» ёд шудани соҳибтахтони Сомониён мебошад. Бо ишора ба ин, олим менависад: «Боз як масъала оиди идоракунии мулк аз тарафи хонадони Сомониён ҷолиб аст. Дар рӯи тангаҳои дастраси таҳқиқотчиён гашта. онҳо худро гоҳ «амир» ва гоҳ «шоҳ» номидаанд... Ба фикри мо сабаби бо ду унвон номбар шудани Исмоил ибни Аҳмад дар адабиёти таърихии имрӯза ҳанӯз таҳқиқ нашудааст».

Эроди дигаре, ки устод А.Мухторов ҳалли онро пешниҳод намудааст, дар дубайтаи шоире ба ҷои 10 нафар омадани 9 нафар амири Сомонӣ ҳисоб меёбад. Барои дурусттар сарфаҳм рафтан, ин матлаби олимро айнан иқтибос намудан лозим меояд: «Бо ҳамин баъд аз 111 сол ҳукмронии сулолаи Сомониён дар Бухоро қатъ гардид[3]. Дар ин муддат даҳ амир ҳокимият ронданд (ба ғайр аз ҳукмронии якрӯзаи Насри III)

Дар асари Сайфиддинҳоҷӣ «Осор-ул-вузаро» оиди амирони Сомонӣ чунин ду байт оварда шудааст:

---

[1] Ниг.: Мухторов А. Амирон ва вазирони Сомонӣ. С. 50-56.

[2] Дар ҳамон ҷо. С. 56.

[3] Доир ба аниқ муайян кардани муддати салтанати оли Сомон маълумотҳо гуногунанд. Масалан, худи Уқайли онро саду бист солу шаш моҳу бист рӯз гуфтааст. Ниг. Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). С.377, 518 (тавзеҳоти 2).

*Нӯҳ тан буданд зи оли Сомон мазкур,*
*Гашта ба аморати Хуросон машҳур.*
*Исмоилу Аҳмаду (саввум) Насре,*
*Ду Нӯҳу ду Абдулмалику ду Мансур.*

Дар ин байтҳо 9 амири Сомонӣ номбар шудаанд. Муаллиф ба кадом як сабаби ҳоло ба мо номаълум, ҳукмронии як тан Насрро ба инобат гирифта. Насри II (ё худ Насри I)-ро аз «рӯйхат» берун гузоштааст. Вагарна миқдори амирони Сомонӣ ба 10 тан мебояд расад»[1].

Албатта, ба ин бинишу баҳси олим мутахассисон ҷавоб хоҳанд гуфт. Муҳим он аст, ки устод А. Мухторов ба ин давраи аз ҳар ҷиҳат ифтихорбахши таърихи халқи тоҷик мароқи хосса зоҳир намуда, баъзе аз ҷузъиёти онро тақвият бахшидааст. Масоили аз диди олим баҳсталаб низ бояд аз тарафи муҳаққиқон ҳадафи таҷдиди назар қарор ёбанд.

Дар қатори таҳқиқотҳои ба ҷашни 1100-солагии Сомониён бахшидашуда, китоби муаррихи шинохтаи ҷумҳурӣ **Ҳақназар Назаров «Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён»**[2] аз ҷиҳати муҳтавои илмӣ назаррасу ҷиддӣ ҳисоб меёбад. Ҳадафи таҳқиқоти хешро муаллиф, дар пегуфтори китоб чунин овардааст: «Ҳақиқати мусаллами таърихӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки тоҷикон сокинон ва бошандагони асосии Хуросон ва Мовароуннаҳр буданд ва мавқеъ ва мақоми онҳо аз вазъияти имрӯза комилан фарқ мекард ва бародарони туркзабони мо асосан аз асри XI ба ин тараф дар Мовароуннаҳр маскани гирифтанд ва нуфуз пайдо карданд. Ғайр аз тасдиқи чунин як ҳақиқат ва воқеияти таърихӣ ҳадафи дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Мо аминем ҳамчунон ки наметавон таърихро ба ақиб гардонд, ҳақиқати таърихро ҳам инкор кардан маҳол аст»[3].

---

[1] Мухторов А. Амирон ва вазирони Сомонӣ. С. 10.
[2]Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 138 с.
[3] Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. С. 3.

Муаллиф дар асоси маълумоти сарчашмаҳои муътамад ва таҳлили муқоисавии дастовардҳои илмии муаққиқон, заминаҳои ба сари қудрат омадан, нишондиҳандаҳои ба иқтидори сиёсиву ҳарбӣ ноил гардидан, дастоварҳои беамсоли илмиву фарҳангӣ ва омилҳои таназзулу суқути давлати аз ҳар ҷиҳат абарқудрати Сомониёнро возеҳан кушода, пойгоҳи онро дар тақдиру таърихи халқи тоҷик нишон додааст. Дар китоб ба тариқи замима муҳаққиқ ақидаи худро доир ба ҷуғрофиёи давлати Сомониён пешниҳод намуда, чанде аз ҷузъиёти қаламрави онро муайян намудааст.

Ба таҳлили нисбатан муфассали ин асар Ҳ.Назаров напардохта, фақат баъзе нуктаҳои калидии онро иброз медорем:

1. Ба сари ҳокимият омадани Тоҳириён амри тасодуф набуда, натиҷаи авҷи ҳаракати халқи маҳаллӣ ба муқобили туркҳо буд, ки аз тарафи муҳаққиқ дуруст арзёбӣ шудааст. «Ба ҳар ҳол, – менависад муаллиф, – Маъмун Тоҳири Пушингиро ҳокими қисми шарқии давлати худ таъйин намуда, ҳаргиз майл надошт, ки Хуросон озод ва мустақил бошад. Лекин хуросониён дар тамоми давраи истилои араб ва алалхусус аз ҷунбиши Абӯмуслим ба ин тараф ҳамеша ба хотири озодӣ ва ташаккул додани давлати миллӣ мубориза ва муҷоҳида карда буданд ва қурбониҳои зиёде дода буданд. Ҷидду ҷаҳди Тоҳири Пушингӣ ҳам ба иҷрои ҳамин ҳадаф нигаронида шуда буданд. Бинобар ин яке аз қадамҳои аввалини вай аз он иборат шуд, ки дар рӯзи ҷумъаи 14 ноябри соли 822 номи халифаро аз хутба андохт ва номи худро шомил сохта ва парчами озодиро дар сарзамини Ориёно ба эҳтизоз даровард»[1].

Аз тарафи дигар, муаллиф алоқаи Тоҳириёнро бо халифаҳои Аббосӣ нуқтаи заъфи онҳо ҳисоб кардааст. Ба ҳамин таъкид ӯ менависад: «Нуқтаи ҳассоси давлатдории Тоҳириёнро иртиботи онҳо бо халифаҳои Аббосӣ ташкил медод...

[1] Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. С. 40.

Тоҳириён ҳарчанд аз барпо намудани давлати миллӣ собитқадамона ҷонибдорӣ карда бошанд ҳам, лекин онҳо дар айни замон равобити ҳасанаи худро бо халифаҳо қатъ карданӣ набуданд, вагарна имкониятҳои фаровоне барои чунин иқдом вуҷуд дошт»[1]. Муаллиф ин рафтори Тоҳириёнро ба воқеияти замон пайваста, изҳор медорад: «Шояд дар равияи эҳтиёткорӣ ва мусолиҳакории онҳо сарнавишти талхи Абӯмуслим, Бармакиҳо, Фазл ибни Саҳл ва дигарон бетаъсир набуда бошад, зеро бисёр дида шуда буд, ки Аббосиён ҳар иқдоми ҷасурона ва бебоконаро бо исми зиндиқа, ки муродифи авбош, фосиқ ва шаробхор буд, талаққӣ дода, аз байн мебурданд»[2].

Бардошти умумии муаллиф аз хусуси давлатдории Тоҳириён ва сабаби аз байн рафтани онҳо дар чунин натиҷагирии ӯ зоҳир мегардад: «Албатта дар ҷомеаи ақибмондаи феодалие, ки дорои тазодҳо ва мухолифатҳои табақотӣ, қавмӣ, мазҳабӣ ва забонӣ буд ва қишрҳои он дар сатҳи мутафовути маънавӣ ва фарҳангӣ қарор доштанд, ба тадбиқи усулҳои он пурра умед бастан душвор буд»[3]. Ҳарчанд гуфтаҳои болои муаллиф омили асосӣ бошанд ҳам, олим сабаби аз байн рафтани салтанати Тоҳириёнро дар Табаристон дар сар задани шӯриш ва аз тарафи дигар ҳуҷуми Яъқуб ибни Лайс – бунёдгузори давлати Саффориён мебинад[4].

Ба хизмати таърихии Саффориён баҳо дода, муҳаққиқ Ҳ. Назаров қайд мекунад, ки «Саффориён дар назди мардуми Эрон хизмати бузурги таърихӣ анҷом додаанд ва заминаи муносиб барои барпо намудани давлати Сомониён ба вуҷуд оварданд. Хидмати таърихии онҳо пеш аз ҳама аз он иборат буд, ки онҳо давлати миллии комилан мустақили Хуросонро бо тамоми рукнҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он ба вуҷуд

---

[1] Дар ҳамон ҷо. С. 45.
[2] Дар ҳамон ҷо. С. 45.
[3] Дар ҳамон ҷо. С. 44.
[4] Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. С. 44.

оварданд. Давлати Саффориён дар замони ҳукумати Яъқуб ибни Лайс натанҳо дастнигари халифаҳои Аббосӣ набуд, балки онҳоро ба зону шинонд ва маҷбур сохт, ки дар марказҳои асосии исломӣ – Макка ва Мадина дар баробари халифаҳои Аббосӣ хутба ба номи бародарон Яъқуб ва Амри Лайсҳо хонда шавад ва ваколати халифаҳо ба имомати динӣ маҳдуд карда шуда буд»[1].

Дигар хизмати бузурги таърихии Саффориёнро олим дар ба мақоми давлатӣ баровардани забони форсии дарӣ мебинад. Ин назари худро чунин иброз доштааст: «Хизмати аз ҳама муҳими Саффориён дар таърихи мо аз он иборат аст, ки онҳо ба забони порсии дарӣ мақоми давлатӣ доданд, ки вай забони аслӣ ва модарии мардуми Хуросон буд, ки бо он байни худ муҳовара менамуданд»[2].

Натиҷаи талошҳои тӯлонӣ барои мустақилият ва дастовардҳоро дар мисоли давлатҳои Тоҳириёну Саффориён нишон дода, муаллиф хулосаи бардоштаи худро чунин баён намудааст: «Мубориизаҳои давомдор ва фидокоронаи аҷдодони мо дар тӯли 200 соли охир бар зидди таҷовузкорони хориҷӣ – туркҳо ва арабҳо барабас нарафта буд ва онҳо заминаҳои мувофиқе барои нашъу нумӯ ва уруҷ ва сууди давлати Сомониён ба вуҷуд оварданд, ки онҳо дар воқеъ бунёдкори даврони тиллоии таърихи тамаддуни мо шуданд»[3].

Ҳ. Назаров ба таври мухтасар раванди ба доираи корҳои маъмурӣ кашидани Сомониёнро нишон дода, дар маҷмӯъ ақидаи муаллифони қаблан дар ин асар ишораёфта, аз ҷумла Б. Ғафуров, Н.Неъматов, Ҷ. Ҳиравӣ ва дигаронро ҷонибдорӣ намуда, баъзе нуқтаи назари онҳоро доир ба шахсияти Исмоили Сомонӣ тақвият бахшидааст. «Муассиси давлати Сомониён, – қайд намудааст олим, – дар тӯли 34 соли фаъолияти сиёсии худ ба ҳайси вилоятдори Бухоро (874-892), амири Мо-

[1] Дар ҳамон ҷо. С. 52.
[2] Ҳамон ҷо. С.53.
[3] Ҳамон ҷо. С. 54.

вароуннаҳр (892-900) ва шоҳи Хуросон (900-907) корҳои бузургеро анҷом дода буд... Исмоили Сомонӣ бе ҳеҷ муболиға шахсияти бузурги таърихӣ буд, авзои дохилӣ ва хориҷии мамлакат ва ҳувияти миллии худро амиқан дарк кард ва тамоми истеъдод ва маҳорати сиёсии худро ба кор андохт, то давлати миллии саросари Эронро поягузорӣ намояд»[1].

Бояд қайд кард, ки овардани мансаби давлатдории Исмоил чун амири Мовароуннаҳр ва шоҳи Хуросон аз тарафи Ҳ.Назаров худ ҷавобест ба суоли ба миён гузоштаи устод А.Мухторов доир ба равшан кардани сабаби ба ин ҳарду унвон – «амир» ва «шоҳ» ном бурдани намояндагони соҳибқудрати сулолаи Сомониён.

Дар ин ҷо зарурати шарҳи аз тарафи олим мавриди истифода қарор ёфтани ибораҳое чун хизмати Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён дар «ташаккули ҳувияти миллӣ» ва ташкили «давлати миллӣ» пеш меояд, ки ба воқеияти замони асримиёнагӣ ё феодализм мувофиқат намекунад. Гарчанде то имрӯз баъзе ихтилофи ақидаҳо дар ин ҷода ба назар мерасад, вале дар илм фаҳмиши халқу халқият ва нишондиҳандаҳои хоси ҳувияти миллӣ, худшиносӣ ва ташаккули миллат ҳалли худро ёфтаанд.

Маълум аст, ки империяҳо ва давлатҳои абарқудрати қадим ва асримиёнагӣ аз ихтилоти халқҳои гуногун иборат буда, дар итоати халқ ва ҳатто қабилаи ба авлоди шоҳ иртиботи бевосита дошта, зӯран муттаҳид карда мешуданд. Аз ин рӯ, чунин иттиҳоди иҷборӣ дер ё зуд аз рӯи қонунияти ба он замон роиҷ аз байн мерафт. Инро худи муаллиф, чи тавре дар боло ишора рафт, тасдиқ намуда, қайд кардааст, ки дар ҷомеаи феодалӣ мухолифатҳои табақавӣ, қавмӣ, мазҳабӣ ва забонӣ, ки сабаби ихтилофоти маънавиву фарҳангӣ мешуданд, ҳамеша мустаҳкаму мутамарказ нигоҳ доштани давлат ниҳоят мушкилу ҳатто номумкин аст.

---

[1] Ниг.: Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. С. 62, 64.

Аз рӯи ин қонуният гарчи маҳаки давлати Сомониёнро тоҷикон ташкил мекарданд ва вобаста ба иродаву санъати давлатдорӣ, таъмини талаботи иқтисодиву иҷтимоӣ, рушди фарҳангии барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа таъсиррасон нигоҳ накарда, тарзи истеҳсолоти натуралӣ, номутамаркази иқтисодӣ, ихтилофоти қабилавиву нажодиву этникӣ ва диниву мазҳабиву фарҳангӣ ва ғайра ба дуру дароз беосеб нигоҳ доштани он имкон намедод. Дар натиҷаи рӯи кор омадани он омилҳои барои давлат осебпазир ва торафт рушд ёфтани қувваҳои марказгурез ва дар ин замина суръат гирифтани муборизаи шадиди сиёсиву ҳарбӣ (хосатан қабоили турк) ин давлати абарқудрати замон аз байн рафт. Бо ибораи дигар дар сурати мавҷуду мустаҳкам будани ҳувияту худшиносии миллӣ (,ки барои ҷомеаи феодалӣ бегона аст), давлати Сомониён худро нигоҳ дошта метавонист.

Муаллиф сиёсати мавзуни дохилӣ ва хориҷии давлати Сомониёнро хеле равшан кушода, аз ҷумла чунин изҳор намудааст: «Хосияти хоси замони Сомониён аз он иборат буд, ки фаъолиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳукумати марказӣ ва ҳокимони вилоятҳо бо ҳам омезиш ёфта буд ва он ба рушду инкишофи кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат дар саросари мамлакат мусоидат мекард». Ин хулосаи худро олим бо далелҳои муътамад тақвият бахшидааст[1].

Ҳамчунин шарқшиноси нуқтасанҷ Ҳ. Назаров омилҳои барои рушди илму фарҳанги замони Сомониён таъсиррасонро нишон дода, онро бо чунин хулоса кардааст: «Давраи Сомониён давраи эҳё ва таҷаддуди азим дар соҳаи илму адаб ва фарҳанг ба шумор меравад. Агар таҳаввулоти муҳими илмӣ ва фарҳангии халифаҳои Аббосӣ тавассути вазирҳои оқилу донои Бармакӣ сурат гирифта бошад, пас фидокориҳои бедареғи Балъамиҳо, Ҷайҳониҳо ва дигарон муҷиби нашъу намо ва шукуфоии илму адаби замони Сомониён гардида буд»[2].

---

[1] Ниг.: Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. С. 76-84.
[2] Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. С. 89.

Муаллиф омилҳои рушду нумӯи фарҳанг, дар асоси маълумоти маъхазӣ ва хулосаҳои муҳаққиқон, мақоми намояндагони дар сатҳи ҷаҳонӣ намоёну нотакрори он замон, шукуфоии илму фарҳанги тоҷиконро равшан кушодааст.

Олим тоҷиконро чун халқи воҳид дар паҳнои Эронзамин нишон надода, ин ду халқро тавъам мешуморад. Назари худро дар ин ҷода ӯ ба таври зайл шарҳ додааст: «Ҳамчуноне ки истилоҳи «эронӣ» баҳама эрониён итлоқ мешуд, истилоҳи «тоҷик» ҳам ба ҳама эрониён тааллуқ дошт ва дар он замон мафҳуми «форс» ва «тоҷик» ба маънои ду халқи алоҳидаи форсизабон вуҷуд надошт ва Сомониён худро ифодагари ҳувияти миллии ҳамаи эрониён медонистанд ва барои истиқрори таърих, забон ва фарҳанги муштараки онҳо мубориза кардаанд. Манбаъ ва маншаи комёбиҳо ва дастовардҳои беназири илмӣ ва фарҳангии аҳди Сомониёнро низ дар саъю кӯшиши муштараки эрониён бояд ҷустуҷӯ кард»[1].

Ҳ. Назаров сабабҳои суқути давлати Сомониёнро бо далелҳои муътамад асоснок намудааст. Олим дар қатори онҳо омили ҳалкунанда «кунд ва суст шудани ҳисси миллӣ»-ро нишон дода, онро бо чунин шарҳ овардааст: «Агар ҷунбиши Абӯмуслими Хуросонӣ ва рӯи кор омадани давлатҳои Тоҳириён ва Саффориён ва худи Сомониёнро бидуни авомили миллӣ ба ҳеҷ ранг тасаввур кардан мумкин набошад, пас бо сад афсӯс мебояд тазаккур намуд, ки дар сад соли охири мавҷудияти давлати Сомониён дар партави ҳаёти осоишта ва осудае, ки насиби кишвар ва мардуми мо гардид ва онҳо аз таҳдид ва таҳқири аҷнабиёни турк ва араб раҳоӣ ёфтанд, онҳоро як фориғболӣ ва бепарвоие фаро гирифт ва рӯҳи муборизаи миллӣ, ки аз замони Абӯмуслими Хуросонӣ то давраи Исмоили Сомонӣ боиси фатҳу фирӯзиҳои эрониён шуда буд, аз миён рафта буд»[2].

Муаллиф сабаби суст шудани ба ибораи ӯ «ифтихори мил-

---

[1] Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. С. 126.
[2] Ҳамон ҷо. С.121.

лӣ»-ро дар боло гирифтани таъсири дин дида, қайд кардааст: «Дар зери таъсири ташвиқот ва тарғиботи муқаррари усулҳои исломӣ, ки ҳама мусулмононро бародар ва баробар ва як миллат медонист, ҳамин ғурур ва худшиносии миллии хуросониён, ки муҷиби таҳаввулоти азими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ду се қарни охир буд, ба тадриҷ ба нестӣ гаравида буд. Хуросониён, ки худ туркҳоро ба ислом дароварда буданд, нисбат ба онҳо таассуб зоҳир накарданд ва метавон гуфт, ки Қарахониҳо бидуни муқовимат Бухоро ишғол карданд ва дар ҳузури ҳама табақаҳои ҷомеаи Сомонӣ дар рӯзи равшан давлати Сомониро бартараф карданд»[1].

Муаллиф ин фикри худро тақвият бахшида, сабаби асосии суқути давлати Сомониёнро дар қувваҳои низомӣ мебинад, ки аз диди ӯ артиш «рукни асосии давлат» ба ҳисоб рафта, аз ҳисоби аҷирони хориҷӣ ва ғуломони турк созмон ёфта буд, ки ғайр аз манфиати соф моддии худ, ҳеҷ алоқамандие ба давлат ва хонадони Сомониён надоштанд. Онҳо дар «бадали харҷу сарфҳои ҳангуфти тӯлонии Сомониён ҳатто қодир нашуданд, ки дар тӯли солҳои мутамодӣ ақаллан як маротиба ҳуҷуми истилогарони хориҷиро бартараф намоянд ва бидуни муқовимат ба Қарахониҳо таслим шуданд»[2]. Дар ин радиф яке аз омилҳои муҳими суқути Сомониёнро муаллиф хиёнати «рӯҳониёни бузург ва фақеҳони ислом» медонад[3]. Ҳарчанд хулосаи муаллиф дурусту илмӣ бошад ҳам, вале дар ин ҷо низ ба «ҳувияти миллӣ» намечаспад. Агар ин тавр мебуд, Сомониён «рукни асосии давлати худ» – қувваҳои низомиро ба ихтиёри бегонагон; хориҷиён, ғуломони собиқи турк ва ҳамчунин рӯҳониёну фақеҳони ислом, ки пурра дар хизмати халифаи араб қарор доштанд, бовар намекарданд.

Дар маҷмӯъ, далели овардаи муҳаққиқ пурра ҷой дорад, вале тарзи ифодаи назар ба фаҳмиши илмии масъала муво-

[1] Ҳамон ҷо. С. 121.
[2] Ҳамон ҷо. С.126
[3] Ҳамон ҷо.

фиқат намекунад. Аввало агар худи «авомили миллӣ сабаби рӯи кор омадани давлатҳои Тоҳириён, Саффориён ва худи Сомониён» мешуд, пас дар замони Сомониён ин «худшиносии миллӣ» ба авҷи баланди ташаккул мерасид. Дар он сурат дин омили аз байн бурдани он шуда наметавонист. Сониян, муҳаққиқ кадом «миллат»-ро дар назар дорад; дар ҷое тамоми эрониён ва дар ҷои дигар аз «ғурур ва худшиноии миллии хуросониён» ёдовар мешавад. Дар ин маврид «ғурури миллии тоҷикон» пурра зери соя мондааст.

Албатта ин ишораи мо ҳаргиз маънии назари маҷмӯии устод Ҳақназар Назаровро, ки яке аз муаррихон – шарқшиносони намоёни миллӣ эътироф шудааст, доир ба масоили давлатдории Сомониён зери шубҳа гирифтан надорад. Баръакс, олим диду ақоиди муҳаққиқони қаблиро доир ба бисёре аз ҷузъиёти ин падидаи бузуги таърихии тоҷикон дар ҳамбастагӣ бо тамоми Эрон тақвият бахшидааст. Вале дар ҳолат аз фаҳмиши дар таърихнигории сатҳи ҷаҳонӣ роиҷ, аз мафҳуму тафсирҳои «халқ», «халқият» ва «миллат» набояд сарфи назар кард. Ҳол он ки академик Б. Ғафуров анҷоми раванди ташаккули халқи тоҷикро (на миллатро) ба замони Сомониён мансуб донистааст[1] ва ин нуқтаи назар дар таърихнигории миллӣ пурра ҷонибдорӣ ёфтааст.

Дар силсилаи осори ба 1100-солагии давлати Сомониён бахшида, китоби маъхазшинос Ғолиб Ғоибов «Исмоили Сомонӣ – марди хираду сиёсат»-ро бояд ном бурд[2], ки муаллиф дар асоси маъхазҳои барояш дастраси арабиву форсӣ шахсият, санъати давлатдорӣ, фаъолияти намунавии сиёсиву ҳарбӣ, иқтисодиву фарҳангии абармарди тоҷик – шоҳ Исмоили Сомонӣ хеле ҷолибу аз диди илмӣ воқеъбинона кушода тавонистааст. Ба доираи илмӣ кашидани бисёре аз

[1] Ниг.: Ғафуров Б. Тоҷикон. таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. С. 442-511.

[2] Ниг.: Ғоибов Ғ. Исмоили Сомонӣ – марди хираду сиёсат. – Душанбе, 1998. – 71 с.

маъхазҳои арабии то кунун барои муҳаққиқони ватанӣ даснорасро чун хизмати олим дар таҳқиқи асосгузори давлати Сомониён бояд шинохт.

Дар ин радиф рисолаи Шукур Азимов «Давлат ва ҳуқуқи Сомониён»[1] низ хеле ҷолиб буда, ба таҳлили авзои сиёсӣ, сохтори давлативу маъмурӣ ва тафсири илмии асосҳои ҳуқуқии давлати Сомониён бахшида шудааст. Нашри ин китоб хеле пештар анҷом ёфта бошад ҳам, муаллиф бо боздиду иловаҳои маълумоти маъхазӣ онро ба чоп тайёр намудааст. Вале бо тақозои тақдир, китоб баъди даргузашти муаллиф, дар доираи чорабиниҳои омодагӣ ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён ба нашр расид.

Китоб аз ду қисм; «Сохтори ҷамъиятӣ-сиёсии давлати Сомониён» ва «Ҳуқуқи давлати Сомониён», ки ба ҳар кадоме ба бобу зербобҳо ҷудо шудааст, муаллиф масоили таърихӣ, сохти давлатӣ, сохтори маъмурӣ, таҳлили маъхазҳои ҳуқуқӣ, асосҳои давлатӣ-ҳуқуқии шариат, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, судӣ ва ғайраро дар давлати Сомониён баррасӣ намудааст.

Бояд қайд кард, ки дар китоб, гарчанде ҳалли бисёре аз масъалаҳои ҳуқуқӣ аз сабаби ниҳоят доманадор будан ва то кунун ҳадафи омӯзиш қарор наёфтан, ҳалли нисбатан пурраи худро наёфта бошанд ҳам, ба ҳамин масъалаи мураккаби илмӣ даст задани муаллиф, лоиқи сипосу таҳсин аст. Худи муаллиф низ, бо назардошти қавитар намудани мазмуну мундариҷаи китоб, заҳматашро нотамом ҳисоб карда, қайд намудааст: «Таҳқиқоти мо ҳанӯз маънои пурра ва ҳаматарафа равшан намудани ҳамаи қоидаҳои давлатӣ ва институтҳои ҳуқуқии дар давлати Сомониён роиҷ бударо надорад. Ин вазифа ҳанӯз бисёр муҳаққиқонро интизор аст. Мо фақат кӯшиш намудем, ки дар асоси омӯзиши маъхазҳои аввалда-

[1] Азимов Ш. Государство и право Саманидов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 168 с.

рачa, тавсифи ниҳоят мухтасари ҳокимиятдории мутамаркази тоҷикон – давлати Сомониёнро пешниҳод намоем»[1].

Феҳристи адабиёт ва замимаҳои китоб, ки дар шакли акси асил (факсимиле) бо тарҷумаи русӣ оварда шудаанд, хеле ҷолиб буда, барои муҳаққиқон маълумоти муфид дода метавонанд. Хулоса, мантиқи маҷмӯии рисола барои дар таърихнигории давлати Сомониён ҷой доштани он мувофиқат мекунад.

Яке аз асарҳои ба таҷлили ҷашни 1100 – солагии давлати Сомониён бахшида, китоби муаррих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Абдусаттор Мухторов «Сомониён: замон ва макон»[2] ҳисоб меёбад. Рисола аз рӯи мазмун ва банду баст, очерки таърихиро мемонад, чунки тарзи баён озод ва бе нишон додани иқтибосҳои муҳим маъхазу адабиёти илмӣ буда (феҳристи чанде аз онҳоро бе риояи талаботи илмӣ дар охири китоб оварда шудааст), бештар хусусияти китоби дарсӣ ё маводи таълимии барои факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ пешбинишударо гирифтааст. Инро худи муалллиф тасдиқ карда, дар шарҳи мухтасари китоб ба тариқи зайл иброз доштааast: «Китоби мазкур маҳсули дастранҷи солҳои тӯлонии таърихнависию дарсхонии муаллиф мебошад. Вай ба таҷрибаи бои хеш оиди омӯзиши таърихи халқи тоҷик такя намуда, асари мазкурро оиди оли Сомон барои доираҳои васеи хонандагон таълиф намудааст. Ӯ дар китоби худ нисбати назари муаллифони дигар ба таърихи пайдоишу инкишофи хонадони Сомониён, саҳми онҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ, идоракуни давлат, сохтори он бештар диққат додааст».

Китоб аз 12 боб иборат буда, дар он баъди овардани маълумоти мухтасар доир ба таърихнигории масъала, омилҳои ба сари қудрат омадани намояндагони сулолаи оли Сомон, сохтори сиёсӣ ва маъмурӣ, ҳудуди ҷуғрофӣ, нишондиҳандаҳои ташаккулёбии халқияти тоҷик, рушди иқтисодӣ,

[1] Азимов Ш. Государство и право Саманидов. С. 125.

[2] Мухторов А. Сомониён: замон ва макон. – Душанбе: Сурушан, 1999. – 288 с.

дастовардҳои илмиву фарҳангии замони давлатдори Сомониён, ба таври барои дарки доираи васеи хонандагон, хосатан донишҷӯён мувофиқ, бозгӯи шудааст.

Дигар пажӯҳише, ки ба таърихи давлати Сомониён то андозае иртибот дорад, китоби Ҷамолиддин Тағоев «Давлати тоҷикон (давраи Сомониён, Шӯравӣ, ҳозира ва оянда»[1] ҳисоб меёбад. Бо ишораи худи муаллиф, дар он «оиди таъсис, сохтор ва сабабҳои таназзули давлати Сомониён, хусусиятҳои хоси давлати тоҷикон дар ҳайати давлати мутамаркази Шӯравӣ аз мавқеъ ва сиёсати ҳозира баҳо дода мешавад»[2]. Ба давраи Сомониён фасли аввали китоб бахшида шуда, ҳамагӣ 30 саҳифаро дар бар мегирад[3], ки дар он чунин масъалаҳоро ҳадафи таҳлил қарор ёфтаанд: 1) Таъсиси давлати тоҷикон; 2) Сохтори идораи давлати Сомониён; 3) Вазъи иқтисодӣ, шаҳрдорӣ ва илму фарҳанг; 4) Сабабҳои таназзули давлати Сомониён. Табиист, ки дар ин ҳаҷм барасии илмии чунин масъалаҳо ғайри имкон аст. Аз ин рӯ, муҳтавои пешниҳодшуда маърузаи ҷашниро мемонад. Аз мантиқи ин фасли китоб бармеояд, ки муаллиф ба ягон маълумоти маъхазӣ такя накарда, пурра ба бозгӯии ҷузъиёти пароканда аз таълифоти академик Б. Ғафуров доир ба ин масъала маҳдуд шудааст.

Албатта метавон боз аз чандин китобу китобчаҳо ва мақолоти илмӣ-оммавии ба давлату фарҳанги замони Сомониён мансубият дошта ёдовар шуд. Вале бо назардошти он, ки ба мазмуну муҳтавои умумии илмӣ дар муқоиса бо он осори дар боло ишораёфта, нуқта ё ҷузъиёти ҷолибе илова накардаанд, ба таҳлили таърихнигории таҳқиқотҳои бунёдии дар раванди тайёрии ҷашни 1100-солагии Сомониён рӯи чоп омада, тавaққуф намудан лозим меояд.

[1] Тағоев Ҷ. Давлати тоҷикон (давраи Сомониён, Шӯравӣ, ҳозира ва оянда). – Душанбе: Ирфон, 2000. – 376 с.
[2] Тағоев Ҷ. Давлати тоҷикон. С. 2.
[3] Ниг.: Тағоев Ҷ. Давлати тоҷикон. С. 14-43.

## Таҳқиқоти бунёдии бахшида ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён

Чи тавре дар боло ишора рафт, пас аз тарафи Б. Ғафуров муайян намудани консепсияи илмӣ доир ба таҳқиқи мақому манзалати таъриху фарҳанги давлати Сомониён дар таърихнигории миллӣ, аз муҳаққиқони ҷиддан ба ин масъала диққат зоҳир намуда, Нуъмон Неъматов ҳисоб меёфт. Натиҷаи таҳқиқоти олим, ки ҳанӯз аз солҳои охири солҳои 50 – ибтидои 60-уми асри гузашта ибтидо гирифта буд, чи тавре дар боло ишора рафт, дар китоби аввали ҷилди дуюми «Таърихи халқи тоҷик» соли 1964 ба табъ расид[1]. Аз рӯи эътирофи мутахассисон то рӯи чоп омадани «Тоҷикон»-и академик Б. Ғафуров (Москва, 1972) аввалин таҳқиқоти нисбатан пурра доир ба таърихи давлати Сомониён ҳисоб меёфт.

Олим минбаъд омӯзиши масъаларо идома бахшида, соли 1977 рисолаи мукаммалеро бо унвони «Давлати Сомониён» (Мовароуннаҳр ва Хуросон дар асрҳои IX-X)» ба забони русӣ аз нашр баровард[2]. Хоҳиши мутахассисону доираи васеи хонандагонро ба назар гирифта, соли 1989 ин рисоларо бо баъзе иловаҳо ба забони тоҷикӣ ба табъ расонд[3]. Вале ин ҳанӯз маънои ба таҳқиқи ин масъала хотима бахшидани академик Н. Неъматовро надошт. Ба серкорӣ ва фаъолияти муттасили ҳафриёти бостоншиншиносӣ нигоҳ накарда, олим пайваста омӯзиши таърихи давлати Сомониёнро, ки яке аз корҳои нақшавии илмии ӯ доир ба таълифу ба чоп тайёр намудани

---

[1] Ниг.: Негматов Н.Н. Средняя Азия в период Тахиридов и Саманидов. Складывание таджикской народности. В кн.: История таджикского народа. – Т. II. Книга первая. Возникновение и развитие феодального строя (VI – XVI вв.). – М.: «Наука», 1963. С.129-225.

[2] Негматов Н. Государство Саманидов (Мавераннахр и Хорасан в IX-X вв.). – Душанбе: Дониш, 1977. – 279 с.

[3] Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.

бароriши нави «Таърихи халқи тоҷик» дар шаш ҷилд ҳисоб меёфт, идома мебахшид.

Ба мушкилоти даргириҳои сиёсӣ дар арафа, давраи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ум нигоҳ накарда, бо заҳмати муҳаққиқони ҷумҳурии акнун соҳибистиқлол, ҷилдҳои аввали ин таҳқиқоти бунёдӣ барои нашр омода мешуданд. Ин ба ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эълон шудани омодагӣ ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён рост омад. Соли 1998 ҷилди аввали он, ки давраҳои қадимтарину қадими таърихи халқи тоҷикро дар бар мегирифт, аз чоп баромад[1].

Ҷилди дувуми китоб, ки бевосита ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён бахшида шуда буд, соли 1999 ба табъ расид[2]. Муаллифи қисмати аъзами он (бобҳои VI – XI), ки бевосита таҳқиқи таъриху фарҳанги замони Сомониёнро дар бар мегирад, худи Н.Неъматов буда, баъзе аз ҷузъиёти он дар ҳамдастӣ бо чанде аз шогирдону ҳамкорони устод (Қ.Бобоев, У.Эшонқулов, М.А. Бубнова, Т.В. Беляева, Д. Довутов, А. Мирбобоев, М.Н.Фёдоров, Р.С.Муқимов, Н.Т. Раҳимов, Ю.С.Малтсев, А. Комилов, Т.П.Кияткина, А.Л. Хромов, Ю.П.Павленко, В.Б. Никитина) ба чоп омода шуда буданд.

Дар ин бобҳои китоб тамоми масоили марбут ба таъриху фарҳанги замони Сомониён, аз ҷумла заминаҳои ба сари хокимият омадани намояндагони ин дудмон, ташкили давлатдорӣ, сохтори сиёсӣ ва маъмурӣ, ҳудуди ҷуғрофӣ, вазъи иқтисодӣ (кишоварзӣ, истихроҷу коркарди филизот, ҳунармандӣ, тиҷорат), муносибатҳои иҷтимоӣ, фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, ташаккулёбии халқи тоҷик, сабабҳои

---

[1] История таджикского народа. Том I. Древнейшая и древняя история. Под редацией Б.А. Литвинского и В.А.Ранова. – Душанбе: Суруш, 1998. – 752 с.

[2] История тадикского народа. Т. II. Эпоха формирования таджикского народа. Под редакцией Н.Н. Негматова. – Душанбе: Алхудо – Исламская Республика Иран, 1999. – 791 с.

сукути ин давлати абарқудрату фарохдомани замон, мақоми тоҷикон дар таърихи умумибашарӣ ва ғайра дар асоси маъхазҳои боэътимоди хаттиву бостоншиносӣ ва хулосаҳои шарқшиносони сатҳи ҷаҳонӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтаанд.

Албатта, метавон ба ҳар бобу зербобҳои ба таҳқиқи аз ҳар ҷиҳат воқеъбинонаи илмии давраи салтанати оли Сомон бахшидаи ин асари воқеан бунёдӣ таҳлили муфассали таърихнигорӣ бахшид. Вале бо назардошти он ки ҳар мутахассиси ба доираи ин таҳқиқот ҷалб шуда, доир ба ин масъала даҳҳо мақолаву гузоришоти илмӣ бахшидаанд, моро аз чунин зарурат озод мекунад. Аз тарафи дигар, ин асар идомаи заҳмати бисёрсолаи муаррихи маъруф Н. Неъматов ва ҳамкорони ӯ буда, як навъ асари ҷамъбастии таҳқиқоти онҳо дар ин самт ҳисоб меёбад.

Аз ин рӯ, дастраси мутахассисон ва доираи васеи хонандагони ватанӣ ва хориҷӣ (китоб ба забони русӣ таълиф шудааст) гардидани ин асари аз ҳар ҷиҳат қимати баланди илмӣ дошта, дастоварди бузурги таърихнигории миллӣ ҳисоб меёбад.

## Нақши Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён дар таърихнигории миллӣ

Ҷараён гирифтани раванди омодагӣ ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён дар саросари ҷумҳурӣ равшан эҳсос мешуд, вале чорабиниҳои зарурии расмӣ табиист, ки дар пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе тавассути ташаббуси Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон тарҳрезӣ ва ба суръатбахшии амалӣ соҳиб мешуданд. Дар баробари ин таҳқиқоти илмӣ ва тарғиби ин санаи барои халқи тоҷик ифтихорбахш идома ёфта, чи тавре ишора рафт, маводи чопии зиёде дастраси мутахасисон ва оммаи васеи хонандагон гардид. Вале дар боби рӯи даст омадани чандин таҳқиқоти комил хизмати

муҳаққиқон ва дар маҷмӯъ аҳли илму фарҳанги шаҳри бостонии Хуҷанд ниҳоят равшан ба назар мерасад.

Бо назардошти тадбиқи амалии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҷлили ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён, «бо мақсади омӯзиш, таҳқиқ ва таблиғи мақоми таърихии Сомониён дар тамаддуни ҷаҳонӣ, ба манзури фароҳам овардани пойгоҳи шоиста барои шинохти ҳувияти миллӣ ба хотири ошноии бештари оммаи мардум бо дастовардҳои ниёгони шарафманди хеш» дар назди Раёсати Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, зери роҳбарии сарвари донишгоҳ, профессор Сайдулло Абдуллоев «Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён» таъсис дода шуд[1]. Фаъолияти ин марказ барои рушди сомониёншиносӣ дар ҷумҳурӣ такони ҷиддӣ бахшид. Дар ҳамдасти бо С. Абдуллоев фаъолияти чунин донишмандони маъруф, мисли Н. Салимӣ, Н. Турсунов, Н. Зоҳидов, Н.Ғиёсов, А. Ҳасанов ва дигарон дар ин самт суръат гирифт.

Таҳқиқотҳои воқеан бунёдии С. Абдуллоев «Амир Исмоили Сомонӣ», «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён», дар ду ҷилд гирд овардани матолиби таърихии ба замони давлатдории Сомониён иртибот дошта аз манобеи таърихии форисии тоҷикӣ ва арабии муаррихони асримиёнагӣ ба унвони «Сомониён дар оинаи таърих» бо тавзеҳоти мукаммал, «Донишномаи Сомониён» дар ду ҷилд бо тавзеҳу луғатномаи доманадор ва ғайра баёнгари заҳмати аъзои ин маркази бонуфузи илмӣ ҳисоб меёбад.

Чи тавре ишора рафт, рисолаҳои ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён бахшидаи роҳбари Марказ – муҳаққиқ Сайдулло Абдуллоев, ба арзиши баланди илмӣ соҳибанд. Маълум аст, ки доир ба шахсияти Исмоили Сомонӣ дар осори

[1] Ниг.: Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – с. 3.

муаррихони асримиёнагӣ маълумоти зиёде оварда шудааст. Дар асоси он маълумоти боэътимоди маъхазӣ дошта, шарқшиносону дигар муаррихони Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он дар осори худ доир ба ин асосгузори давлати пуриқтидору доманфарохи Сомониён саҳифаҳои зиёде бахшидаанд. Вале то рӯи чоп омадани китоби С.Абдуллоев «Амир Исмоили Сомонӣ»[1] ба ҷуз аз рисолаи муаррих ва адиби муосири Эрон Паноҳии Симнонӣ[2], ки он низ пажӯҳиши фарогир буда наметавонад, таҳқиқоти мукаммали ҳаёту ҳама самтҳои фаъолияти ин шахсияти нотакрори таърихиро дарбаргиранда мавҷуд набуд. Аз ин рӯ, рисолаи мазкур аввалин таҳлили мукаммали илмии шахсияти Исмоили Сомонӣ буда, дар мисоли он хиради азалии давлатдории тоҷикон таҷассум меёбад.

Муаллиф дар пешгуфтори китоб ба шахсияти Исмоили Сомонӣ баҳои муносиб дода, аз ҷумла чунин иброз медорад: «Воқеан рӯзгор ва пайкори Исмоили Сомонӣ аз нодиртарин падидаҳои таърихист. Кулли муҳассаноти шахсиятҳои сиёсиву низомӣ ва маънавӣ, ки ба таври шигифтангезе дар сиришти нуронии ӯ ба ҳам омада буд, бо таъсиси давлати Сомониён хосторҳо ва талошҳои миллати мутамаддини бостонӣ ва бузургеро дар масири таърих инсиҷом ва тамаркуз бахшид. Дар мазҳари таъсиси давлати абарқудрат ва тамаддуни ҷаҳонгири тоҷикон шахсияти хориқулоддаи амир Исмоили Сомонӣ қарор дошт, ки дар шаддаи амирони олигуҳари Сомонӣ «чун ёқути сурх андар миёна» дурахшон буд»[3].

Китоб аз аз чор боб иборат буда, чунин масоили муҳими фаъолияту давлатсозиву давлатдори Исмоили Сомонӣ ва замони ӯро дар бар гирифтааст: 1) аслу насаби Сомониён; 2) зиндагӣ ва корномаи амир Исмоили Сомонӣ; 3) низоми

---

[1] Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. – Хуҷанд: Нашриёти ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – 402 с.
[2] Ниг.: Паноҳии Симнонӣ. Амир Исмоили Сомонӣ – фармонравои бузург ва одил. – Техрон: Нидо, 1375
[3] Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. С. 15.

давлатдори Сомониён; 4) наҳзати фарҳанг. Қисми дуюми китобро замима «Исмоили Сомонӣ дар манобеи таърихӣ» ташкил мекунад, ки он мазмуну муҳтавои китобро аз ҳар ҷиҳат тақвият бахшидааст.

Дар боби аввал, ки ба насабномаи оли Сомон бахшида шудааст, муаллиф дар асоси маълумоти муаррихони муосири замон ва дигар маводи маъхазӣ ба пешгузаштагони тоҷику форс расидани ҷадди Сомониёнро кушода тавонистааст. Олим дуруст қайд кардааст, ки «қадимтарин манобеи хаттии дастрас ба мо, ки ба асрҳои IX-X тааллуқ доранд, дар интисоби Сомониён ба маликзода ва сипаҳсолори Сосониён Баҳроми Чӯбина ба ихтилофе роҳ надодаанд»[1]. Барои тақвияти ин хулоса ба маълумоти дар осори муаррихону ҷурофиёшиносон, мисли Истахрӣ, Табарӣ, Балъамӣ, Наршахӣ, Гардезӣ, Минҳоҷи Сироҷ, Муставфӣ, Хондамир ва ғайра, инчунин ба ақидаи муҳаққиқони асри гузаштаву муосир истинод намуда, беасос будани ихтилофи назари дар ин масъала ҷойдоштаро баён кардааст.

Муаллиф зарурати омӯзиши насабномаи Сомониёнро дар таърихнигории миллӣ пеш оварда, диди худро доир ба ин масъала чунин иброз доштааст: «Ба ин маънӣ, аслу насаби Сомониён масъалаест, ки бояд дар иртибот бо оину низоми давлатдорӣ, ибтикороти фарҳангиву маънавӣ, русуми зиндагонӣ ва ғайра, ки ҳамагӣ баъди футӯҳоти ислом асолати миллӣ ва мероси худро камобеш ҳифз карда буданд, дар густураи андешаҳои илмиву таърихӣ қарор бигирад. Вагарна дар таъйиди мақоми таърихии Сомониён, ки дар заминаи муҳофизат ва тавсеаи ҳувияти милии қавмҳои ориёӣ, мероси бузургеро аз ҷаҳони бостон ба асрҳои миёна интиқол доданд, тақсире авфнопазир хоҳад рафт»[2].

Дар воқеъ, ҳангоми ба таври расмӣ ҷараён гиифтани тай-

---

[1] Дар ҳамон аср. С. 23.
[2] Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. С. 27.

ёрӣ ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён ва таҷлили он дар Тоҷикистон сару садоҳое аз номи муаррихони таърихбехабари кишвари ҳамсоя, аз хусуси ба тоҷикон иртибот надоштани насабу давлатдории Сомониён баланд шуда, барои тасдиқи ин ақидаи бепояи худ кадом ҳазёнҳоеро ба сифати «далел» пеш намеоварданд. Талқини чунин сафсасатахониҳо то кунун идома дорад. Аз ин рӯ, ҳақиқати ориёинажод будани ҷадди Сомонхудот ва шинохти оли Сомон чун давлати тоҷикон, ки аз тарафи шарқшиносони сатҳи ҷаҳонӣ эътироф шуда ва дар таърихнигории ватанӣ комилан ҳалли худро ёфтааст, ҳанӯз зарурати ҳифзи худро аз олимтарошони таърихноогоҳ нигоҳ медорад.

Муаллиф дар боби дувуми рисолаи худ, ки онро ба шарҳи зиндагиву корнамоиҳои Исмоили Сомонӣ бахшидааст, бо такя ба маводи боэътимоди маъхазӣ, фаъолияти гуногунҷабҳаи сиёсиву идории ин шахсияти бузурги таърихиро воқеъбинона кушода тавонистааст. Аз мантиқи умумии ин қисмати китоб бармеояд, ки муҳаққиқ бо риояи таҳлили муқоисавии маълумоти ҳамасрон ва муаррихони баъдина, раванди фаъолияти ботадбири Исмоили Сомонӣ, ки ҳанӯз аз замони ҳокими Бухоро будан ба назар расида, дар оянда то рафт бештар вусъат пайдо карда, то пояҳои баланди шуҳрат расида буд, воқеъбинона ба маърази таҳлил кашидааст.

Аз ибтидо ба Бухоро пайвастани тақдири ӯро муаррих чун падидаи тақдирсоз дар таърихи халқи тоҷик шинохта, ин диди худро бо чунин суханҳо ифода намудаст: «Бо амри таърих сарнавишти Бухоро, сарнавишти амир Исмоили Сомонӣ ва сарнавишти тоҷиконончунон бо ҳам пайваст, ки ин се ном, то кунун аз ҷумлаи муқаддасоти миллии ақвоми ориёӣ ба шумор меоянд, бидуни ҳам қобили тасаввур намебошанд»[1].

Ба Исмоили Сомонӣ то пурра лаҷоми ҳокимиятро ба даст гирифтан, аз озмоишҳои зиёди пурмашаққати рӯҳониву

[1] Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. С. 43.

ҷисмонӣ гузаштан лозим омад. Худи таҳаммул дар ихтилофи байни ӯ ва бародараш Наср ибни Аҳмад, нишонаи хиради воло ҳисоб меёфт. «Пирӯзӣ бар Наср, – менависад муаллиф, – пӯзиш ва зинҳори итоату фамонбардорӣ аз ӯ ва бо ахлоқи ҳасанаи пошоҳӣ муҷаддадан ба маркази аморат бозфиристодани бародари аршади худ, амир Исмоилро дар назари хосу ом аз маҳбубият ва эътибори хосае бархурдор сохт. Ин рафтори пурҳикмати Исмоили Сомонӣ, ки ба наҳве дурахшон адолату заковати ӯро намоиш медод, гузашта аз он ки як рафтори пандомӯзи ҷавонмардонае ҳам буд, матлабҳои дуртару бузургтари сиёсиро дар ҳадаф дошт»[1]. Дар воқеъ баъди вафоти Наср ба тахти Мовароуннаҳр соҳиб шуда, Исмоил зербинои қавии давлати мутамаркази Сомониёнро гузошт.

Муаллиф дар баробари хиради давлатдорӣ истеъдоди ҳарбии Исмоили Сомониро бо далелҳои боэътимод нишон дода, аз ҷумла пирӯзии ӯро бар Амри Лайси Саффорӣ чунин арзёбӣ намудааст: «Мутолиа ва таҳқиқ дар маъхазҳо тасбит менамояд, ки амир Исмоили Сомонӣ бо нирӯи истеъдод, корсозӣ, диловарӣ ва ҳимояту пуштибонии мардум дар набарди шадиде бар лашкари қудратманди Амри Лайс фотеҳ гардид»[2]. Чунин мисолҳо аз ғалабаи ӯ алайҳи лашкари тороҷгари туркон, аз хавфи ҳуҷуми аҷнабиён нигоҳ доштани сарҳадот ва ғайра дар асари мазкур хеле зиёд ҷой дорад. Вале ба таҳлили умумиву бозгӯии ҷузъиёти он доир ба шинохти шахсияти Исмоили Сомонӣ банд нашуда, бо овардани хулосаи муаллиф дар баҳои ин абармарди соҳибдавлат иктифо кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Аз назари воқеъбинонаи олим «ангезаи аслии муассир дар шаклгирии давлати Сомониён шахсияти беназир ва барҷастаи амир Исмоил буд, ки бо шикастани давлатҳои тавонои ҳамҷавор ватани таърихии тоҷикон – Хуросони бузургро бо

[1] Ҳамон ҷо. С. 64.
[2] Ҳамон ҷо. С. 91-92.

он ҳама шукӯҳмандии фарҳангиаш умри дубора ато намуд ва марҳалаи ҷадидеро дар таърихи қавмҳои ориёӣ оғоз ниҳод. Ин падидаро муқаддамоти вуруди ботаҷаммули амир Исмоили Сомонӣ ба боргоҳи таърихи ҷомеаи башарӣ, балки ба боргоҳи абадият метавон талаққӣ кард, ки моҳият ва арзиши он ба гузашти қарнҳо ҳамвора рӯ ба афзоиш ниҳодааст»[1].

Боби навбатии китоби С.Абдуллоев ба таҳлили низоми давлатдории Сомониён бахшида шудааст. Дар он муаллиф аз анъанаҳои давлатдории мардуми ориёинажод, ки аз замонҳои қадим оғоз ёфтааст, хосатан дар мисоли далатдории Ҳахоманишҳо, Ашкониёну Сосониён маълумоти муфассал оварда, аз ҷумла қайд мекунад: «Тадовуми ин анъанаҳоро аз адвори қадим то замони Сомониён ва рӯзгорони баъдина ташкилоти идории давлати эронӣ, алалхусус девон ва шеваҳои девонсолории роиҷ дар онҳо бо беҳтарин ваҷҳе дар худ таҷассум кардаанд. Дар воқеъ низоми девонсолориро метавон натиҷа ва умдатарин дастоварди давлатдории аҷдоди мо қабл аз зуҳури ислом маҳсуб кард»[2].

Муаллиф ба тақвият ёфтани ин усули намунавии сохтори сиёсӣ ва маъмурӣ дар замони Сомониён ишора карда, қайд менамояд: «Дар давраи ҳукумати Сомониён мабонии ҳуқуқӣ ва шаклҳои умури идории оли Сомон дар сохторҳои низомии иҷтимоӣ муҷаддадан рӯи кор омаданд. Муҳимтарини онҳо таҷдиди оини девонсолорӣ ба шумор меомад, ки дар заминаи омезиш бо қавонини ҳуқуқии ислом дар шаклгирии давлати Сомониён, сохторҳову дастгоҳҳои идорӣ ва ниҳодҳои мафкуравию фарҳангии ҷомеа таъсири амиқ боқӣ гузошт»[3].

Бояд гуфт, ки мавҷудияти баъзе ихтилофотро доир ба фаъолияти ҳар девон ба назар гирифта, муаллиф ба далелҳои сарчашмаҳои таърихӣ такя карда, тафсилоти нисбатан амиқ

---

[1] Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. С. 114.
[2] Ҳамон ҷо. С. 125.
[3] Ҳамон ҷо. С. 163.

пеш овардааст[1]. Ҳамчунин сохтору фаъолияти иҷроияи дасгоҳи маъмурии маҳаллии шаҳру музофотҳои давлати Сомониён таҳти таҳлили мукаммали олим қарор ёфтаанд.

Албатта доир ба хусусиятҳои фардии Исмоили Сомонӣ чун соҳибдавлати намунавӣ дар Шарқи ислом аз сабаби хеле зиёд будани маълумотҳои арзиши баланди маъхазӣ дошта ва тавсифоти воқеан илмии муҳаққиқон кашфи ҷузъиёти нав ниҳоят мушкил аст. Аз рӯи мазмуну мундариҷаи асари мазкур хизмати муаррих С.Абдуллоев дар се амали олимона зоҳир мегардад: 1) ба низоми муайяни мантиқӣ даровардани маълумоти маъхазҳо ва хулосаҳои аз он бардоштаи муҳаққиқони таърихи замон, бо ибораи дигар, дар ин замина рӯи кор овардани таҳқиқоти воқеан бунёдии масъалаи мазкур; 2) бо далелҳои раднопазир тақвият бахшидани ҳақиқати аз тарафи шарқшиносони сатҳи ҷаҳонӣ эътирофшудаи ба тоҷикон иртиботи бевосита доштани ҳам ҷадди Сомониён ва ҳам давлатдории онҳо; 3) дар таҳқиқи пурраи мақоми вазирони Сомониён дар таҳкиму рушди давлатдории онҳо, ки аз назари муаллиф дар таърихнигории қаблӣ ва кунунӣ ҳалли худро наёфта буд. Бо ишора ба ин иллат, муаллиф чунин изҳор медорад: «Таърихшиносони даврони ҷадид пиромуни муҳассаноти вазирони Сомонӣ ҷое муфассал ва ҷое мухтасар пажӯҳишҳои судманде ба анҷом расондаанд. Аммо то кунун рисолае мавҷуд нест, ки мақоми таърихии вазирони ин адворро дар заминаи мутолиоти густардаву амиқ дар манобеи асрҳои миёна дар маърази таҳқиқ қарор дода бошад»[2].

Муаллиф, дар воқеъ, ба рисолати таърихии вазирони сиёсатмадор ва донишманди замони Сомониён баҳои баланд дода, менависад: «Равнақи низоми давлатдорӣ ва умури идории Сомониён аз бисёр ҷиҳатҳо ба сиёсат ва корсозии вузарои фарзона, фазилатпеша ва баландовозаи эшон марбут буд.

[1] Ниг.: Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. С. 170-187.
[2] Ҳамон ҷо. С. 195.

Пояи эътибор ва иштиҳори вазирони Сомонӣ дар ин даврони шукӯҳманди таърихи тоҷикон аз шаҳомату бузургии амирони ин сулолаи олитабор камтар набудааст.... Дар силсилаи вазирони хирадманду адабпарвари Сомонӣ аввалан Абулфазли Балъамӣ, сониян Абӯтайиби Мусъабӣ, солисан Абӯалии Ҷайҳонӣ ва ниҳоят Абӯалии Балъамиро метавон зикр кард, ки ҳар кадом аз риҷоли зубдаи замони хеш ва ба истилоҳи муаррихони қадим «адимулмисл» ба шумор меомаданд»[1].

Арзиши ин рисоларо замимаи он «Исмоили Сомонӣ дар манобеи таърихӣ», ки беш аз сад саҳифаи китобро дар бар мегирад,[2] афзудааст. Дар ин қисмати китоб муаллиф ҷузъиёти ба ҳаёту фаъолияти сиёсӣ, ҳарбӣ, таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангсолори Исмоили Сомонӣ, ки дар манбаъҳои боэътимоди хаттӣ, аниқтараш дар осори беш аз 20 муаррих ва ҷуғрофиёшиноси асримиёнагӣ, аз ҷумла Истахрӣ, Табарӣ, Наршахӣ, Низомулмулк, Гардезӣ, Байҳақӣ ва ғайра ҷой доранд, айнан бозгӯӣ намудааст. Ин барои мутахассисон чун роҳнамои арзанда хидмат хоҳад кард.

Ба тафсири доманадори дигар масоилу матолиби дар китоб ҷой дошта банд нашуда, натиҷагирии мо бар он қарор дорад, ки таҳқиқоти мазкур дар сомониёншиносии ватанӣ падидаи назаррас буда, дар таърихнигории муосири миллӣ дастоварди муҳими илмӣ ҳисоб меёбад.

Асари дигари муҳаққиқ Сайдулло Абдуллоев, ки дар партави фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба таҷлили ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён ба нашр расид, китоби «Амирони Сомонӣ»[3] маҳсуб меёбад. Зарурати таълифи ин асари комилро муаллиф дар пешгуфтори китоб чунин шарҳ додааст: «Таҳқиқоте, ки аз ҷониби донишмандони фарҳехтаи Шарқу

[1] Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. С. 195.
[2] Ниг.: Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. С. 271-390.
[3] Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – Москва: Шуъбаи чаҳоруми нашриёти ҳарбӣ, 1999. – 632 с.

Ғарб роҷеъ ба таърихи Сомониён сурат гирифтааст, бо он ҳама арзишмандӣ ва вижагиҳои худ ба ҳукми мабоҳиси муқаддамотист ва имрӯз лозим аст, ки шукӯҳ ва азамати беҳамтои ҷадди аълои мо дар ҳадди мақоми шомиху шоистаи худ ва дар заминаи таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои таърихиву миллӣ, сиёсиву фарҳангӣ ва иҷтимоиву иқтисодии он, ки ҳар яке дар ҳадди камоли хеш тамомият ёфта буд, бар пояи ахбори маъхазҳои қадиму ҷадид мавриди ҷусторҳои амиқу доманадор қарор бигирад»[1].

Муаллиф сохтори таркибии барои ин таҳқиқоти хеш мувофиқро интихоб карда, онро аз қарори зер тавзеҳ медиҳад: «Дар навбати аввал муносиб он дида шуд, ки бино ба адами таҳқиқоти ҷомеъ дар таърихи сиёсии Сомониён аз оғоз то инқирози салтанати онҳо бо такя ба ахбори манобеъ манзараи комили фармонравоии амирони Сомонӣ тибқи пайомади аморати онҳо падид оварда шавад. Бадеҳист, ки ин шеваи нигориш ва арзишгузорӣ аз ҷараёни таърих тарҷеҳи рухдодҳо ва пайванду тасалсули онҳоро тақозо менамуд. Зарфияти ҳар фасли китоб, ки ба як амири Сомонӣ тахсис ёфтааст, мутобиқ бо маводе аст, ки дар маъхазҳо дарҷ шудаанд»[2].

Муҳаққиқ комилан дуруст қайд мекунад, ки бе таҳлили муфассали зиндагӣ ва фаъолияти давлатии вазирон, мақоми сиёсиву хиради давлатдории амирони Сомониро возеҳан кушодан хеле мушкил аст. Аз ин рӯ ба китоб ворид намудани ин масъаларо чунин баён мекунад: «Ба таваҷҷуҳ ба он матлаб, ки дарёфтани чеҳраи сиёсии давлати Сомониён бидуни таҳқиқ дар фаъолият ва корсозии амирони фарзонаи эшон амре душвор ва ғайримумкин аст, фасле алоҳида ба муаррифӣ ва шинохти вузарои Сомонӣ ихтисос дода шуд»[3].

Боби аввали китоб «Асл ва маншаъи оли Сомон» чи тавре аз мантиқи номгузорӣ бармеояд ба насабномаи дудмони Со-

---

[1] Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – С. 14.
[2] Ҳамон ҷо. С. 14.
[3] Ҳамон ҷо.

мониён бахшида шуда, муаллиф манбаъҳои боэътимодро ба асос гирифта, бо итминони қотеъ чунин хулоса мекунад: «Чун китобҳои муътабари форсиву арабиро, ки умри ҳазорсола дар пушти сар доранд, бо тааммул варақ мегардонем, дармеёбем, ки ҳама дудмонҳои эрониасл дар садаҳои IX-X ирқан ба гузаштаи пурифтихори Аҷам, бо силсилаи шоҳаншоҳони Сосонӣ пайванди хунӣ доштанд ва ирқу нажодашон дар чанд пушт ба асилзодагони ориёӣ расидаанд»[1]. Сипас барои тақвияти ин хулоса аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ, «Ахбору-т-тивол»-и Динаварӣ, «Масолик ва мамолик»-и Истахрӣ, «Сурату-л-арз»-и ибни Ҳавқал, «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «Табақоти Носирӣ»-и Минҳоҷи Сироҷ, «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд ва дигарон, ҳамчунин ақидаи шарқшиносони номоён роҷеъ ба ин масъаларо иқтибос оварда[2], таъкид намудааст: «Ба ин маънӣ, аслу насаби Сомониён масъалаест, ки бояд дар иртибот бо оину низоми давлатдорӣ, ибтикороти фарҳангиву маънавӣ, русуми зиндагонӣ ва ғайра, ки ҳамагӣ баъди футуҳоти ислом асолати миллӣ ва мероси худро камобеш ҳифз карда буданд, дар густурдаи андешаҳои илмиву таърихӣ қарор бигирад. Вагарна дар таъйиди мақоми таърихии Сомониён, ки дар заминаи муҳофизат ва тавсеаи ҳувияти миллии қавмҳои ориёӣ мероси бузургеро аз ҷаҳони бостон ба асрҳои миёна интиқол доданд, тақсире авфнопазир хоҳад рафт.[3]»

Муаллиф заминаҳои ба сари қудрат омадани Сомониёнро дар боби дуюми китоб «Достони ду бародар» таҳлил намуда, сипас дар асоси маълумоти аз осори муаррихони замони Сомониён ва асрҳои баъдӣ ба таҳқиқи ҳаёту ҷойгоҳи таърихии амирони Сомонӣ гузашта, ба ҳар кадоме дар китоб боби махсус бахшидааст.

---

[1] Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – С. 16.
[2] Ниг.: Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – С. 16-24
[3] Ҳамон ҷо. С. 25-26.

Дар бахши дигари китоб, ки «Вазирони Сомонӣ» номгузори шудааст, пурра фаъолияти вазорату вазирони дар аҳди ҳар амири Сомонӣ идораи низоми давлатиро ба ӯҳда дошта, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ду боби ниҳоии китоб, муаллиф таҳқиқу таҳлили шукӯҳи давлату хиради давлатдорӣ, рушди босуръати фарҳангро ҷой додааст. Дар боби «Авомили сукути давлати Сомониён», ки ба ҷои охирсухан омадааст, муаллиф то андозае назари муҳаққиқони қаблиро дар ин масъала ҷонибдорӣ намуда, тақвият бахшидааст.

Шиносоии амиқ бо мазмуни китоб, табиист, ки суоли муайян намудани фарқият ё бартарияти илмии ин рисолаи ҳам аз рӯи муҳтавои масъалагузорӣ ва ҳам аз рӯи ҳаҷм нисбат ба асарҳои сомониёншиносони қаблӣ бузургтарро пеш меорад. Аз диди мо ин фарқият дар матолиби зер ба назар мерасад:

1. Ин пажӯҳиш то андозае идомаи китоби олим, «Амир Исмоили Сомонӣ», ки дар боло тавсифи он рафт, ҳисоб меёбад. Дар он низ муаллиф то ҷое имкон даст додааст, масоили марбут ба насабномаи Сомониён, шахсияту корномаҳои Исмоили Сомонӣ, ки қисми аъзами китобро ташкил медиҳад, низоми давлатдории Сомониён ва рушди фарҳангии замони аҳди оли Сомонро ҳадафи таҳқиқ қарор додааст.

2. Маълумоти осори муаррихону ҷуғрофиёшиносони замони Сомониён ва асрҳои баъдина, ки ба таври пароканда ва доир ба баъзе масоили зиндагиномаи амирони Сомонӣ ва низоми давлатдории онҳо то андозае ихтилофомез омадаанд, ба низоми воқеан таҳлили муқоисавӣ даровarда, бо такя ба таҳқиқоти ховаршиносони маъруфи ҷаҳонӣ, мақому манзалати ҳар кадоме аз онҳоро бо далелҳои муътабар мушаххас кардааст. Муаллиф бобҳои ба амирон бахшидаро на бо исми худи онҳо, балки бо лақабҳое, ки инъикосгари хулқу хислат ё дар таърихномаҳо омадаанд, номгузорӣ намудаст, ба мисли амир Исмоил – Амири Одил, Аҳмад – Амири Шаҳид, Насри II – Саъид ва ғайра.

3. Доир ба фаъолияти вазирон, гарчанде дар маъхазҳои

мавҷуда, хосатан осори муаллифони асримиёнагии арабу форсзабон маълумоти зиёд мавҷуд буда, бисёре аз тарафи муҳаққиқон ба доираи таҳлили илмӣ кашида шуда бошанд ҳам, на ҳама дар пояи омӯзиши нисбатан доманадор қарор ёфтаанд. Дар асари мазкур доир ба ҳар кадоме аз шахсиятҳои дар ин мансаб фаъолият намуда, маълумоти муфассал ворид гардида ва мавқеи онҳо дар пойдор нигоҳ доштани салтанати оли Сомон ва низоми намунавии идораи давлатӣ бештару мукаммал мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

4. Дар ин рисола муаллиф пайванди анъаноти таърихии идораи давлатии ба қабоили ориёӣ марбут, ки аз замони давлатдори Ҳахоманишҳо ибтидо гирифта, дар давраи Ашкониёну Сосониён сайқал ёфта буд, бо баъзе таҳаввулоти ба талаботи қабули ислом мувофиқро равшан таҳлил намуда, дар заминаи ҳамин ҳамбастагӣ ҳувияти барои форсу тоҷик хоси давлатдории Сомониёнро мушаххас кардааст.

5. Гарчанде дар таҳқиқотҳои илмӣ ба масоили гуногуни фарҳангии замони Сомониён таваҷҷуҳ шуда бошад ҳам, вале то кунун масъалаҳои ҳалталаб хеле зиёд боқӣ мондаанд. Як боби мукаммали китобро ба ин масъала бахшидани муаллиф низ аз зарурати дар асоси маъхазҳои дастрас ва хулосабарории муҳаққиқон бештар тақвият бахшидани мақоми тамаддунофари Сомониён дар таърихи тоҷику форс ва тамоми манотиқи Шарқ бармеояд.

6. Омилҳои сукути давлати Сомониён дар ин рисола ба ҷои охирсухан омадааст, назари наве, ки ба маҷмӯи умумии ақидаи муҳаққиқони қаблӣ илова шуда бошад, ба назар нарасад ҳам, дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳлили муқоисавӣ ба низоми муайяни мантиқӣ даровардани онҳо бешубҳа хизмати арзишманди муаллиф ҳисоб меёбад.

Албатта, метавон ин асарро дар доираи тамоми масоили ҳадафи таҳқиқ қарорёфта бештару мукаммалтар таҳлил кард, вале худи ҳамин бартарии дар боло ишораёфта, нишондиҳандаест аз қимати назарраси илмии рисолаи «Амирони

Сомонӣ»-и С. Абдуллоев дар масъалаи сомониёншиносии миллӣ.

Дигар китоби аз силсилаи таҳқиқоти Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён ба чоп расондаи С. Абдуллоев «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён»[1] ҳисоб меёбад. Ин рисолаи олим чанде баъд аз ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён ба нашр расида, амалан идомаи мантиқии таҳқиқоти ба ҷашни миллӣ бахшидаи муаррих ҳисоб меёбад.

Чи тавре аз мазмуну муҳтавои китоб бармеояд, муаллифро мавҷудияти ақоиди мухталиф доир ба ҷуғрофиёи давлати Сомониён ба хулосае овардааст, ки дар асоси маълумоти аз сарчашмаҳои боэътимоди барояш дастрас, мавқеи ҷуғрофиёии вилоятҳои дар тобеияти давлати Сомониён қарордошта ва дар ин замина ҳудуди доманфарохи онро муайян намояд. Вале қимати ин таҳқиқотро на нишондиҳандаҳои ҷуғрофиёи музофоту вилоёт ва шаҳру навоҳӣ, балки нишондиҳандаҳои иқтисодиву фарҳангии ба ҳар яке аз ин бахшҳои ҷуғрофӣ хос муайян намудааст. С.Абдуллоев дуруст қайд мекунад, ки «як омили бисёр муҳими сууди давлати ниёгони олигуҳари мо ривоҷи шаҳрҳо ва фарҳанги шаҳрдорӣ маҳсуб мешавад. Дар сафарномаҳо ва манобеи таърихиву ҷуғрофии қуруни вусто беш аз 250 шаҳрҳои хурду бузурги қаламрави давлати Сомониён ба қайд омада, ободиву маъмурӣ ва назоҳату рафоҳияти онҳо бо асноду далоили фаровон мавриди ситоиш қарор гирифтааст... Азамат ва дурахши ҷаҳонгири тамаддуни Сомониён аз бисёр ҷиҳатҳо мадюни ривоҷи шаҳрҳо ва густариши тамаддуни шаҳрӣ дар қарнҳои IX-X буд»[2].

Асари мазкур, чи тавре муаллиф ишора мекунад, дар асоси «тавсифоти ҷуғрофии шаҳрҳои қаламрави давлати Сомониён дар заминаи ахбори маохизи қадим ва таҳқиқоти ҷадид

---

[1] Абдуллоев С. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён. – Хуҷанд: ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, 2001. – 374 с.

[2] Абдуллоев С. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён. С. 10.

бо таваҷҷуҳ ва ҷанбаи фарҳангии онҳо мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст»[1]. Олим аз ҳамин мавқеъ шукӯҳу шаҳомати шаҳрсозиву шаҳрдорӣ, пойгоҳи иқтисодиву фарҳангии ҳар шаҳру рустоҳои Бухоро, Самарқанд, Истаравшан, Фарғона, Хуҷанд, Чочу Элок, Исфиҷоб, Хоразм, Гурганҷ, Чағониён, Хатлон, Бадахшон, Балх, Ҷузҷон, Ғарҷистон, Систон, Бомиён, Марв, Ҳирот, Нишопур, Сарахс, Деҳистон, Гургон, Рай ва Табаристонро ҳадафи таҳлили воқеъбинонаи илмӣ қарор додааст.

Шиносоии амиқ ба мазмуну муҳтавои китоб ба хулосае меорад, ки таҳқиқи С. Абдуллоев дар ин масъала нисбат ба таълифоти қаблии муҳаққиқон, ки онро ҳадафи омӯзиши махсуси бисёрсамта қарор надода, ба сифати боби алоҳида дар пажӯҳиши марбут ба ин давра ҷой додаанд, бо тарзи масъалагузории густурда, доманфарохии масоили ба доираи таҳқиқот кашида, билохира, хулосабандии амиқи илмии худ фарқ мекунад. Аз ин рӯ нақши назаргири асари мазкурро дар таърихнигории муосири ҷумҳурӣ бояд эътироф намуд.

Дар доираи чорабиниҳои бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён, хизмати ниҳоят муҳими олимони дар Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён фаъолият дошта, чи тавре ишора рафт, дар тарҷума аз забони арабӣ, бозгардонӣ аз форсӣ ба ҳуруфоти кириллӣ ва дар ду ҷилд ба унвони «Сомониён дар оинаи таърих» ба чоп расондани матолиб аз мероси гаронмояи муаррихони асримиёнагии тоҷику форс ва арабии ба замони Сомониён иртибот дошта, худ баёнгари алоқамандӣ ба ин давраи тиллоии таърихи тоҷикон буда, кори арзанда дар таърихнигории муосир маҳсуб мешавад. Заҳмати ба харҷ додаи фароҳамоварандагони матн, муаллифони сарсухан, таъликот, ҳавошиву луғатнома С.Абдуллоев, Н.Салимӣ, Н.Зоҳидов, Н.Ғиёсов ва А.Ҳасанов таҳқиқоти мукаммали сарчашмашиносиро мемонад.

[1] Ҳамон ҷо. С. 11.

Дар ҷилди аввали «Сомониён дар оинаи таърих» матолибе аз осори муаррихону ҷуғрофишиносони форсу тоҷики замони Сомониён ва садаҳои баъдинаи ба давлатдори Сомониён иртиботдошта, мисли «Тарихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Ҳудуду-л-олам», «Таърихи Систон»-и муаллифони номаълум, «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Таърихи Байҳақӣ», «Чаҳор мақола»-и Арӯзии Самарқандӣ, «Таърихи Байҳақ»-и Абулҳасан Байҳақӣ, «Таърихи Табаристон»-и Баҳоуддини Исфандиёр, «Табақоти Носирӣ»-и Минҳоҷи Сироҷ, «Таърихи Гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд, «Ҳабибу-с-сияр», «Дастуру-л-вузар», «Маосиру-л-мулук»-и Хондамир ва ғайра, дар маҷмӯъ аз 21 асар интихоб шудаанд ва тавзеҳ ёфтаанд[1].

Ҷилди дувуми «Сомониён дар оинаи таърих»[2] ба интихоби матолиб аз осори арабӣ ихтисос ёфтааст. Дар китоб тарҷумаи масоили бевосита ба замони ҳокимияти Сомониён иртиботдоштаи 17 асари муаллифи арабзабон, аз ҷумла «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Ибни Хурдодбеҳ, «Таъриху-р-русули ва-л-мулук»-и Табарӣ, «Ашколу-л-олам»-и Ҷайҳонӣ, «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Истахрӣ, «Таърихи Ямин»-и Утбӣ, «Муъҷаму-л-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ, «ал-Комил фи-т-таърих»-и Ибни Асир, «Китобу-л-ибар. Муқаддима»-и Ибни Халдун ва ғайра ворид шудаанд. Бояд қайд кард, ки қисмати ба «Таълиқот» ва «Ҳавошӣ»-и китоб, ки дар он муфассал ба феҳристи ашхос, номҳои ҷуғрофӣ, асомии китобҳо ва луғатнома бахшида шудааст, хеле ҷолиб ва аз ҷиҳати илмӣ муҳим ба назар мерасад[3].

Дар таърихнигории миллӣ арзиши ин дуҷилда дар он зоҳир мегардад, ки то кунун муаррихон ба маъхазҳои зарурӣ оид ба

[1] Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд: Нашриёти лавлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – 552 с.
[2] Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (мутуни арабиасл). – Хуҷанд: Нашриёти лавлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – 672 с.
[3] Ниг.: Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С. 483-669.

таъриху фарҳанги замони Сомониён, ки ниҳоят пароканда буд ва дастраси ба онҳо мушкилот пеш меовард, то андозае ҳалли худро ёфт. Акнун муҳаққиқон метавонанд, маводи ниҳоят боэътимоди сарчашмаҳоро аз ин китобҳо дастрас намоянд.

Мавриди қайд аст, ки ин маҷмӯаи дуҷилдаи матнҳои интихобии асори ба давлатдории Сомониён иртибот дошта – «Сомониён дар оинаи таърих» бо кӯшиши академик Н.Салимӣ барои нашри дувуми нисбатан мукаммал омода гардида, ба наздикӣ ҷилди аввали он мунташир шуд[1]. Зарурати ин нашр дар шиносномаи китоб чунин омадааст: «Бо гузашти беш аз бист сол китоби мазкур, ки бо теъдоди ночиз ва дар нашриёти музофотӣ чоп шуда буд, ба шумули китобҳои камчину камёфт даромад. Ҳангоми чопи дувум ҳатталимкон нуқсонҳои нашри аввал тасҳеҳ ва матолибе ба он илова гардид». Аз ҷумла дар нашри дувуми ин ҷилд буступанҷ ҳикоёт аз «Ҷавомеъу-л-ҳикоёт ва лавомеъу-р-ривоёт»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (1176-1237)[2], ки дар нашри қаблии ин ҷилд дастрас нашуда буд, илова гардидааст.

Далелҳои дар боло ишораёфта баёнгари аз такони ҷиддӣ бахшидани чорабиниҳои расмии давлатӣ барои рӯи кор омадани осори боарзиши илмӣ дар давраи омодагӣ ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён ва таҷлили бошукӯҳи он ба ҳисоб меравад. Дар воқеъ, ин давра дар таърихнигории миллӣ марҳилаи муҳимест дар масири ба арсаи ҷаҳонӣ баровардани ҳақиқати бебаҳси этирофи ин давлати абарқудрату аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ниҳоят фарогири тоҷикон.

---

[1] Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум. Матнҳои тоҷикӣ. Фароҳамоварандаи матн, муаллифони таълиқот, ҳавошӣ ва луғатнома Н. Салимӣ, Н. Зоҳидӣ, А. Ҳасанзода. – Душанбе: Дониш, 2019. – 538 с.

[2] Ниг.: Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Лубобу-л-албоб. – Теҳрон, 1361; Вохидов С. Жизнь и творческое наследие Мухаммада Ауфи. – Душанбе: Дониш, 1989.

## Дастовардҳои сомониёншиносии миллӣ дар ду даҳсолаи аввали асри навин

Бояд қайд кард, ки пажӯҳиши олимони самтҳои мухталифи илмӣ доир ба таъриху дастовардҳои фарҳангии замони Сомониён баъди таҷлили ҷашни бошукӯҳи 1100-солагии давлати Сомониён низ идома меёбад. Осори зиёди рӯи чоп омадаи олимон дар ин ду даҳсолаи аввали асри навин худ баёнгари таваҷҷуҳи баланди мутахасисон ба таҳқиқи масоили ба ин давраи ифтихорбахши таърихи халқи тоҷик иртибот дошта, ҳисоб меёбад.

Мақолоти дар маҷмӯаи «Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ», ки ба1025-солагии Абӯалӣ ибни Сино бахшида шудааст, муаллифон аксаран барҳақ ба ин ё он дараҷа ба давраи Сомониён иртибот доштани ин нобиғаи замонро чун зодаи он асри тамаддунофари тоҷик қайд кардаанд. Бо ишора ба ин дар пешгуфтори барои ин китоб навиштаи Президенти собиқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Илолов омадаст: « Фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ июни Ҳасан ибни Алӣ ибни Сино, ки бо тахаллуси Шарафулмулк, Шайхурраис, Ҳуҷҷатулҳақ, маъруфу машҳури Шарқу Ғарб аст, зода ва парвардаи муҳити илмиву фарҳангии давлати Сомониён ва пойтахти он Бухоро мебошад»[1].

Дар маҷмӯа, ки аз се боб иборат буда, ба таҳлили саҳми Ибни Сино дар рушди илмҳои ҷомеашиносӣ, тиб ва табииву риёзӣ бахшида шудааст, мақолаҳои ба ин бахшҳо мувофиқ, аз ҷумла доир ба илмҳои ҷомеашиносӣ – Ҳ. Пирумшоев, А. Муҳаммадхоҷаев, С. Сулаймонов, Ш. Абдуллоев, А.Алимардонов, М.Муллоаҳмадов, Т. Мардонӣ, А. Раҷабов, аз равияи тиб – Ҳ. Мансуров, Г. Мироҷов, Ю. Нуралиев А.

[1] Илолов М.И. Абӯалӣ ибни Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ (Ба ҷои сарсухан) // Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. – Душанбе: Дониш, 2005. С.5.

Маҳмадов; табииву риёзӣ: М.Илолов, П.Бобоҷонов, К. Ҳусейнов, М. Рожанская, А. Низомов ва ғайра андешаи таъсирбахшии замони Сомониёнро дар ҷаҳонбинӣ ва кашфиётҳои илмии Ибни Сино собит кардааст[1].

Ба ҳамин монанд маҷмӯаи дигари ба 1025 – солагии Ибни Сино ва 15-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида – «Абӯалӣ ибни Сино ва саҳми он дар таърихи фарҳанги ҷаҳонӣ» ҳисоб меёбад. Китоб мақолаҳои олимони шинохта М.Илолов, К. Олимов, Ю. Нуралиев, А.Сатторзода, А. Маҳмадов, муҳаққиқони хориҷи қишвар М. Миршоҳӣ (Фаронса), И. Баширӣ (ИМА), Ориёнфар (Афғонистон) ва ғайра ба таҳлили мероси ин нобиғаи замони Сомониён ва баъди онро доир ба масоили гуногуни илмӣ дар бар гирифта-

---

[1] Ниг.: Пирумшоев Х. Время, породившее гения // Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ (Ибн Сина и культура его эпохи). – Душанбе: Дониш, 2005. С. 18-68; (Минбаъд то Низомов А. аз ҳамин маҷмӯа): Муҳаммадхоҷаев А. Саҳми Ибни Сино дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ. С. 69-98; Сулаймонов С. Забони фалсафа дар аҳди Сомониён ва саҳми Ибни Сино дар пешбурди он. – С99-137; Абдуллоев Ш. Вазъи диниву мазҳабӣ дар аҳди Абӯалӣ ибни Сино. С. 138-157; Алимардонов А. Замина ва омилҳои равнақ ва тавсиаи илму адаби форсу тоҷик дар асри X ва нимаи аввали асри XI. С. 166-194; Муллоаҳмадов М. Ибни Сино – адиби инсонпаарвар. С.195-207; Мардони Т. К истории изучения поэтического наследия Абу Али ибн Сины на арабском языке. С. 208-225; Раҷабов А., Муқимов Р. Санъати даврони Ибни Сино. С. 226-259; Мансуров Х. О личности великого Ибн Сины и взаимосвязи науки и искусства в медицине. С. 269-281; Мироджов Г.К. Некоторые аспекты заболеваения желудка в «Канону» Абу Али ибн Сины. С. 282-294; Нуралиев Ю.Н., Шаропова М.У. Историческое значение учения Ибн Сины о диабете. С. 295-316; Маҳмадов А. Ибни Сино асосгузори илми варзиш; Илолов М.И., Раҷабов Н.Р., Камилов А.Ш. Ибни Сино ва илми риёзиёт. С.378-387; Бобоҷонов П.Б., Марупов Р.Б., Комилов А.Ш. Физика ва астрономия дар осори Ибни Сино. – 388-392; Хусейнов К. Взгляды Авицены на химическую науку. С. 393-410; Роанская М.М. Ибн Сина как механик. С. 411-434; Вызго Т.С. О вкладе Ибн Сины в мировую музыкальную науку. С. 435-449; Низамов А. Абу Али ибн Сина – теоретик и практик музыкального искусства среднвековья. С. 450-466.

аст. Муллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки саҳми Ибни Синоро дар рушди самтҳои гуногуни илми ҷаҳонӣ дар асоси далелҳои сарчашмаҳои таърихӣ нишон диҳанд[1].

Яке аз таҳқиқоти ниҳоят ҷиддии баъдиҷашнӣ рисолаи донишманди тоҷик Ғафор Ашуров «Фалсафаи замони Сомониён» маҳсуб мешавад. Олим таҷлили ҷашни 1100-солагии давлати Сомониёнро падидаи муҳими илмиву фарҳангии таърихи муосири тоҷикон ва тамоми тоҷикистониён ҳисоб карда, менависад: «Гузаштаи мероси маънавии мо барои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон аҳамияти махсусан муҳим дорад. Дарки имрӯзаи фалсафӣ, таърихӣ, сиёсӣ, адабӣ-эстетикӣ, андешаҳои фаҳмиши ахлоқие, ки дар мероси классикии мо мавҷуд аст, бояд натанҳо васеъ, инчунин чуқур гардиданашон ниҳоят муҳим мебошад. Тоҷикон бояд нафақат ворисони расмии ин фарҳанги бузург, инчунин пешбари аслии он бошанд... Таҷлили ҷашни Сомониён соли 1999 инро тасдиқ намуд. Вале ин ҷашнро бояд чун ибтидои бозгашт ба мабдаи таърих ва фарҳангамон ҳисоб кард. Шароити мустақилияти миллӣ ва давлатии Тоҷикистон қотеъона инро талаб дорад»[2].

Муаллиф зарурати ин омӯзишро тақвият дода, ишора мекунад: «Аҳамияти давраи Сомониён барои мо, пеш аз ҳама дар он қарор дорад, ки халқи мо чун умумияти этнофарҳангӣ ташаккул ёфт; маҳз дар ҳамин давра, аниқтараш дар ҳадди асри X ва чоряки аввали асри XI халқи мо номи худ – тоҷиконро гирифт. Ана, барои чӣ мо дар бораи зарурати таҳқиқи давраи Сомониён бояд аҳамияти калидӣ дошта бошад мегӯем»[3]. Ба таҳқиқи фалсафаи замони Сомониён рӯ овардани олим низ аз эҳсоси чунин зарурат пеш омадааст.

Аз панҷ боби китоб ду боби аввал ба таҳлили умумии

[1] Ниг.: Абу Али Сино и его вклад в истории мировой культуры. – Душанбе, – 399 с.
[2] Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов (общая характеристика). – Душанбе: Ирфон, 2006. С. 3 – 4.
[3] Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов. С. 4.

аҳамияти таърихии замони Сомониён ва рушди илм бахшида шудааст. Муаллиф муҳтавои зарурати таҳлили амиқи аҳамияти таърихии замони Сомониёнро пеш оварда, қайд мекунад, ки ин давра дар таърих ва фарҳанги тоҷикон чун асри тиллоӣ буда, натиҷаи ниҳоии он ташкилёбӣ ва рушди давлати Сомониён, ташаккули халқи тоҷик чун этнос дар фаҳмиши васеъ ва ҷиддии илмии он ҳисоб меёбад[1]. Олим нишондиҳандаҳои барои ташаккули халқияти тоҷик хосро дар асоси далелҳои раднопазир ба таври эътимодбахш таҳлил карда, омӯзиши чанде аз масоили зарурива судманд, аз ҷумла таърихи этникӣ ва этногенези халқи тоҷик, мақоми давлатдорӣ дар нигаҳдошт ва рушди халқ, генофонди он, ки то кунун омӯхта нашудааст, мақоми давлати феодалӣ дар тағйироти сунъии ҳайати этникии мамлакат ва ғайра, ки барои таҳқиқи бунёдии ин масъала заруранд, пешниҳод намудааст[2].

Дар боби ба рушди илми замони Сомониён бахшида, муаллиф асосан ба таҳқиқоти муҳаққиқон дар ин ҷода такя карда, хулосаҳои онҳоро ҷонибдорӣ намудааст.

Боби сеюми рисолаи олим «Фалсафа» номгузорӣ шудааст. Дар он баробари таҳлили масоили иҷтимоӣ-фалсафии замони Сомониён бештар ба ҷой доштани озодфикриву гуногунандешӣ дар сиёсати давлат диққат додааст. Бо такя ба далелҳои дар таҳқиқоти дигар муҳаққиқон ҷойдошта, муаллиф, таҳаммулпазирии амирони Сомониро нисбат ба дигар равияҳои динии ғайрисломӣ, мисли зардуштӣ, насронӣ ва ғайра нишон дода, онро чун омили муҳими рушди фарҳангии замони Сомониён арзёбӣ намудааст[3]. Масъалаҳои асосии ин боброт таҳлили тафаккури динӣ-фалсафӣ, аз ҷумла сабабҳои дар ҳаёти ҷамиятӣ-сиёсии Мовароуннаҳру Хуросони замони Сомониён нуфуз пайдо кардани равияи исмоилия ва аҳли тасав-

[1] Ҳамон ҷо. С. 6.
[2] Ниг.: Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов. С. 24.
[3] Ҳамон ҷо. С.47.

вуф[1], маълумоти умумӣ доир ба шахсияту фаъолияти файласуфони қабл аз Сино, Ибни Сино ва мактаби ӯ ташкил медиҳанд.

Боби чаҳоруми рисола – «Адабиёт» ба таҳлили нисбатан муъҷази ҷойгоҳи адабиёт дар аҳди Сомониён, ки ба эътибори сатҳи ҷаҳонӣ расидааст, бахшида шудааст. Ба ин ишора намуда, муаллиф аз ҷумла қайд мекунад: «Адабиёти классикии форсу тоҷик, ки бо номи Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Муроди Бухорой, Кисой, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, ки эътирофи ҷаҳонӣ гирифтааст, зодаи замони Сомониён ҳисоб меёбад»[2].

Файласуфи шинохта Ғ. Ашуров ба осори гаронбаҳои адибони замони Сомониён баҳои воқеъбинона дода, бештар муайян намудани маҳаки фалсафии онро дар мадди назар гирифтааст. «Аз адабиёти замони Сомониён ёдовар шуда, – менависад муаллиф, – қайд кардан лозим меояд, ки он дар сатҳи баланди фалсафӣ қарор дошт, яъне дар он идеяҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, адабӣ-эстетикии замони худ ниҳоят амик ва устувор инъикос ёфтаанд. Ин хусусиятро адабиёт дар тамоми давраи таърихии худ, то асри XX нигоҳ доштааст»[3]. Муаллиф барои тасдиқи ин хулоса ба осори адибони замони Сомониён, аз ҷумла Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ истинод намудааст[4].

Боби ниҳоӣ – панҷуми рисола « Таърихи Сомониён ва таҳрифи он»[5] худ мантиқан таҳқиқи ҷудогона буда, бо ибораи худи муаллиф, «ба ин кор ба сифати замима» ворид шудааст. Зарурати ба ин масъала даст задани олимро нашри китоби муаррихи таърихбехабари ҷумҳурии ҳамсоя А.А.Ҳидоятов «Шикасти Сомониён» пеш овард. Ҳидоятов бо нигоҳи аз

[1] Ниг.: Ҳамон ҷо. С.60-66.
[2] Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов. С. 127.
[3] Ҳамон ҷо. С. 126.
[4] Ниг.: Рисолаи мазкур. С.
[5] Ашуров Г. История Саманидов и её фальсификация (Глава V) // Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов. С.142-216.

ҷиҳати маъхазӣ ва мантиқӣ бепояву ғаразмандона хостааст шукӯҳу шаҳомати таърихии ин давлат ва бо ин васила даҳои давлатофарии халқи тоҷикро пурра зери суол гузорад.

Муҳаққиқи дақиқназар Ғ. Ашуров ҳадаф ва муҳтавои боғарази китоби Ҳидоятовро ошкор карда, аз ҷумла қайд мекунад: «Асари муаррих Ҳидоятов Г.А. зери унвони «Шикасти Сомониён» кӯшиши ғайриҷиддӣ ва соддалавҳонаи эҳёи ғояҳои бадқасдонаи пантуркизми сеяки аввали садаи XX дар Осиёи Миёна ҳисоб меёбад. Моҳияти ғоявии пантуркизми онвақта, аз эътироф накардани тоҷикон чун бошандагони азалӣ ва қадимтарин халқи Осиёи Миёна ва таъриху фарҳанги онҳо иборат буд. Дар кори Г.А.Ҳидоятов ин мафкураи пантуркизм ба ғояи миллатчигии (шовинизми) нави узбекӣ таҳаввул кардааст»[1].

Бояд қайд кард, ки ин қисмати китоби донишманди тоҷик Ғ. Ашуров пурра ҷанбаи таҳлилии таърихнигорӣ дошта, қариб ба тамоми «далелҳо»-и ғайриилмиву соддалавҳонаи Ҳидоятов доир ба мардуми азалии минтақа набудани тоҷикон, инкори мустақилияти давлатдории Сомониён, аз насли турк будани шаҷараи Сомонхудот, ба қабоили кӯчии турк нисбат додани шаҳрсозиву шаҳрдорӣ ва дигар дастовардҳои таърихиву арзишҳои фарҳангии минтақа бо такя ба ахбори манобеи таърихӣ ва хулосаҳои муҳаққиқони сатҳи ҷаҳонӣ ҷавоби қотеъ додааст.

Чун дар боби ояндаи ин рисола боз ба сари ин масъала бармегардем ва ҷавобҳое ба ҳарзагӯиҳои Ҳидоятов дорем, бинобар ин дар ин ҷо суханро ба дарозо намекашем.

Дар маҷмӯъ аз шиносоӣ бо рисолаи Ғ.Ашуров хулосае бармеояд, ки дар асри Сомониён ғояҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, адабӣ-эстетикӣ бо суръат рушд намуда, дар сатҳи ҷаҳонӣ таъсиргузор будаанд.

Раванди тайёрӣ ба ҷашни 1150-солагии Абӯабдулло

---

[1] Ашуров Г. История Саманидов и её фальсификация. С. 143.

Рӯдакӣ, ки соли 2008 баргузор гардид, такони тозае дар омӯзиши давраи Сомониён бахшид. Ба ин муносибат соли 2007 аз чоп бароамадани маҷмӯаҳои илмии «Сомониён: замон ва мабдаи фарҳангӣ»[1] ва «Рӯдакӣ дирӯз ва имрӯз»[2] падидаи назарасе дар сомониёншиносии ҷумҳурӣ ҳисоб меёбад.

Дар маҷмӯаи аввал мақолаҳои Ю. Яъқубов «Бухоро – пойтахти давлати Сомониён»[3], Ҳ.Назаров «Сабабҳои рушд ва сукути давлати Сомониён»[4], А.Мирбобоев – «Ободонии шаҳрҳои замони Сомониён»[5], С.Муллоҷонов – «Абулфазл Байҳақӣ доир ба анъанаҳои шаҳрии Сомониён»[6], С. Мамаҷонова – «Анъанаҳои шаҳрсозӣ дар Мовароуннаҳри замони Сомониён»[7], А.Раҷабов – «Доир ба саргаҳи афкори мусиқӣ-назариявии замони Сомониён»[8], Ӯ. Мирсаидов – «Илми кимиёи замони Сомониён»[9], П.Ҷамшедӣ – «Забон ва адабиёт дар Хуросони бузурги дар итоати Сомониён қарордошта»[10], Д.Карамшоев – «Доир ба забонҳои шарқиэронӣ ва мақоми форсӣ-тоҷикӣ дар замони Сомониён ва давраҳои оянда»[11],

[1] Саманиды: эпоха и истоки культуры. (сборник статей). – Душанбе: ООО «Контраст», 2007. – 452 с.

[2] Рудаки: традиции и современность (сборник статей на тадж., русск. и англ. яз.). – Душанбе: Изд-во «Контраст», 2007. – 682 с.

[3] Якубов Ю. Бухара – столица государства Саманидов //Саманиды: Эпоха и истоки культуры. Сборник статей посвящ. 1150-летию Абуабдулло Рудаки (858-941). – Душанбе: «ICOMOS», 2007. С. 10-21. (Номгӯи дигар мақолот низ аз ҳамин маҷмӯа оварда мешавад).

[4] Назаров Х. Причины возвышения и падения государства Саманидов. С. 71-78.

[5] Мирбабаев А. Благоустройства городов эпохи Саманидов. С. 79-89.

[6] Муллоджанов С. Абулфазл Байхаки о государственных традициях Саманидов (таджиков). С. 90-95.

[7] Мамаджанова С. Градостроительные традиции Мавераннахра эпохи Саманидов. С. 149-160.

[8] Раджабов А. К истокам музыкально-теоретической мысли эпохи Саманидов. С. 234-246.

[9] Мирсаидов У. Химическая наука времён Саманидов». С. 247-251

[10] Джамшеди П. Язык и литература в Великом Хорасане, падвластной земле Саманидов. С. 276-282.

[11] Карамшоев Д. О восточноиранских языках и роли персидско-

С.Абдуллоев – «Сомониён ва ташаккули адабиёти форсу тоҷик»[1], Муллоаҳмадов М. – «Омилҳои асосии рушди босуръати адабиёт дар замони Сомониён»[2], И.Брагинский – «Маҳорати шерофарии Рӯдакӣ»[3], Н.Салимов – «Ёдгориҳои қадимтарини насри форсӣ ва эҳёи он дар замони Сомониён»[4], С. Воҳидова – «Тамаддуни Сомониён дар ховаршиносии олмонӣ»[5] ва ғайра хеле ҷолиб буда, ба таҳлили масоили гуногуни таъриху фарҳанги замони Сомониён бахшида шудаанд. Мақолоти номбурда асосан маншаи илмӣ-оммавӣ дошта, то андозае маълумоти ба таъриху фарҳанги замон Сомониён иртиботдоштаро тақвият бахшидаанд.

Маҷмӯаи дувум – «Рӯдакӣ: дирӯз ва имрӯз» мақолаҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷиро дар бар гирифта, аҳамияти баланди илмиву оммавӣ дошта, чанде аз масоили воқеияти таърихиву фарҳангии замони Сомониёнро равшан кардааст. Аз ин рӯ мебояд арзиши баланди илмии мақолаҳои чанде муҳаққиқони Тоҷикистон мисли Н.Неъматов, Ю.Яъқубов, Р.Муқимов, А.Саторзода, Р.Ҳодизода, А.Афсаҳзод, Х.Шарифзода, З.Аҳрорӣ ва аз хориҷи кишвар Сайидшоҳ Акбарӣ (Афғонистон), Диловар Бузурнгниё (Эрон), Масъуд Миршоҳӣ (Фаронса), Эраҷ Баширӣ (ЙМА) ва ғайра ёдовар шуд, ки баъзе аз масъалаҳои муҳими таъриху фарҳанги замони Сомониёнро ҳадафи таҳлил қарор додаанд[6].

таджикского в эпоху Саманидов и последующие периоды. С. 283-293.

[1] Абдуллое С. Саманиды и формирование персидско-таджикской литературы. С. 312-324.

[2] Муллоахмадов М. Основные факторы интенсивного развития литературы в эпоху Саманидов. С. 325-336.

[3] Брагинский И. Поэтическое мастерство Рудаки. С. 337-396.

[4] Салимов н. Древнейшие памятники персидской прозы и ее возрождение в эпоху Саманидов. С. 418-427.

[5] Вохидова С. Саманидская цивилизация в немецкой ориенталистике. – 443-451.

[6] Ниг.: Нематов Н. Истоки и феномен Абуабдулло Рудаки // Рудаки: традиции и современность. Сборник статей. (Рӯдакӣ: дирӯз ва имрӯз. Маҷмӯаи мақолаҳо, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе:

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими омӯзишу пешбурди таҳқиқот дар таърихнигории сомониёншиносӣ рӯи чоп омадани «Донишномаи Сомониён» дар ду ҷилд[1] ҳисоб меёбад. «Донишнома» ба ифтихори 1150-солагии устод Рудакӣ бо иштироки кормандони Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён Н.Ҳамробоев, Н. Раҳмонова, М. Ҳусейхӯҷаева ва Н.Олимҷонов мураттаб шудааст. Ба доираи васеи маводи ба ин қомуси ниҳоят арзишманд воридгардида, муаллифи пешгуфтор академик Носирҷон Салимӣ ишора намуда, қайд кардааст: «Таҳияи ин «Донишнома» ҳадафи ба вуҷуд овардани манзараи то ҳадди имкон комили таърихи аҳди Сомониён-ро пайгирӣ мекунад. Ба ин хотир дар «Донишнома» мақолот роҷеъ ба амирони Сомонӣ, аҳли хонадон ва пайвандони онҳо, вазирони Сомониён, сохторҳо ва ниҳодҳои идории давлат, ашхоси ӯҳдадори мансабҳои муҳими идориву низомӣ, аз қабили ҳоҷибон, сипаҳсолорон, сарҳангон, дабирон ва ғайра, волиёни Хуросон ва руасои шаҳру навоҳии тобеи қаламрави Сомониён, намояндагони адабиёт, илм ва фарҳанги оли Сомон, мазҳаб, равияҳо ва аносири маорифи исломӣ, вазъи самҳои мухталифи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ дар асрҳои IX-

Контраст, 2007. – 682 с. (Муаллифон ва номгӯи мақолаҳо аз ҳамин маҷмӯа оварда мешавад). С.13-22; Яъқубов Ю. Забони Рӯдакӣ тоҷикӣ гӯем ё форсӣ (Назаре ба пайдоиши забони адабии тоҷикӣ. С. 98-110; Мукимов Р. Архитектурно-градостроительная культура Среднего Востока эпохи Рудаки (IX-X вв.). С. 120-151; Сатторзода А. Қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рудакӣ ва шеъри ҳолия дар садаи даҳум. С.340-361; Ҳодизода Р. Пешгузаштагон, ҳамасрон ва пайравони Рудакӣ. С. 363-376; Афсаҳзод А. Устоди шоирон. С. 464-490; Шарифзода Х. Шеъри Рудакӣ ва шакли байти адабиёти классикӣ. С. 491-505; Аҳрорӣ З. Арзишҳои ахлоқӣ дар андешаҳои шуарои аҳди устод Рӯдакӣ. С. 506-544; Акбарӣ С. Архитектура Афганистана эпохи Рудаки. С. 179-190; Бузургниё Д. Наука и зодческое искусство Мавеннахра эпохи Рудаки. С. 191-202; Миршоҳӣ М. Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ. С. 296-301; Баширӣ Э. Маъруфияти Рӯдакӣ (ба заб. Инглисӣ). С. – 348-362

[1] Донишномаи Сомониён. Дар ду ҷилд. Зери назари академик Н.Салимӣ. – Хуҷанд:Нури маърифат. – Ҷилди якум. – 2008. – 545 с.; Ҷилди дувум. – 2009. – 528 с.

Х, ҷуғрофиёи таърихии қаламрави давлати Сомониён ва бахшу қисматҳои дигари таърихи ниёгони мо ғунҷоиш ёфтаанд»[1].

Ҳамин тариқ, маводу мақолот, тавзеҳоту феҳристи адабиёти ба он ворид гардида, қомуси бузургест, ки қариб тамоми ҷузъиёти масоили сиёсӣ, иқтисодӣ иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Сомониёнро дар бар мегирад. Ин худ калиди махзани ганҷинаи асрори гузаштаеро мемонад, ки ҳар фард аз хонандаи одӣ то олими шуҳратёр метавонад ганҷи барояш зарурии таърихӣ бардорад. «Феҳристи мақолот», ки дар анҷоми китоб мураттаб шудааст, барои ба осонӣ пайдо кардани матлаби зарурӣ имкон фароҳам овардааст.

Нашри ин «Донишнома» худ шаҳодатест аз коҳиш наёфтани таваҷҷуҳи муаррихону адабиётшиносон ва намояндагони соири дигар самтҳои илмӣ ба таҳқиқи таъриху фарҳанги замони Сомониён.

Аз корҳои нисбатан чашмраси муосир, ки ба дараҷаи муайян ба таъриху фарҳанги замони Сомониён иртибот доранд, маҷмӯаи мақолаҳои адабиётшиноси маъруф, шодравон Худоӣ Шариф «Сухане аз адабиёти миллӣ»[2]-ро бояд дар назар дошт. Дар «Бахши аввал»-и китоб чаҳор мақолаи муаллиф: «Адабиёти аҳди Сомониён», «Адабиёти асрҳои миёна», «Диди замони сабки шеъри Рӯдакӣ» ва «Мазмунҳои иҷтимоӣ дар шеъри Рӯдакӣ» ба таҳлили адабиёти аҳди Сомониён бахшида шудааст.

Муаллиф хусусиятҳои ба адабиёти форсӣ-тоҷикии ба замони Сомониён хосро баррасӣ намуда, аз ҷумла қайд мекунад: «Эрониён бо омадани ислом ва қабули он бори фарҳангӣ ва илмиву мадании худро дар чорроҳаи таърихӣ нагузоштанд, балки ба ҳама мушкиливу гаронии ин бор пушти ҳиммат қавӣ доштанд, то ба сарманзили нав расиданд. Агар ин дафъа

[1] Салимов Н.Ю. Муқаддима. Донишномаи Сомониён. Ҷилди якум. С. 12.
[2] Шарифов Х. Сухане аз адабиёти миллӣ (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.

қатъи робита мешуд, умеди ба он баргаштан чун риштаи ҷон гусаста мегардид. Шукр, ки ин тавр нашуд, вагарна тақдири мардумони Африқои Шимолӣ ва баъзе мамолики дигар шояд эрониёнро ҳам дар пеш мебуд. Форсии дарӣ дар асри даҳи мелодӣ гузашта аз таъсире, ки дар сохтори ҷумла аз арабӣ дошта, дар луғату таркиб ва вожа бар бунёди аз хоку гили қадима рехта девори бинои худро ёфта буд»[1]. Муаллиф яке аз омилҳои муҳими ташаккулу рушди забони форсӣ-дарӣ ё тоҷикиро дар ҳимояи давлатҳои маҳаллӣ қарор доштани он ҳисоб мекунад. «Албатта, – таъкид менамояд олим, – ҳимояти забони порсии дарӣ аз ҷониби давлатҳои маҳаллии эронӣ ба истисноъи Тоҳириён, бахусус аз ҷониби Саффориён ва Сомониён як навъ маънии сиёсӣ ҳам дошт. Онҳо аз як ҷониб, оммаи мардумро барои ҳимояти худ таҳрик медоданд ва аз ҷониби дигар, пояҳои истиқлолияташонро дар баробари фишори хилофати Аббосӣ устувор мегардониданд»[2].

Ҳамин диди худро муаллиф нисбат ба таваҷҷуҳи хосаи аҳли дарбор ба шеъру шоири тақвият дода, қайд намудааст: Дар асри даҳ адабиёт дар дарбори подшоҳон ба як низому тартиб омад, шуаро дар мақоми надими дарбор ва ҳамсуҳбату ҳамнишини умаро ва бузургони давлат буданд»[3]. Олим хизмати адибони замон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Шаҳиди Балхӣ, Робиаи Балхӣ ва дигаронро, ки бо жанрҳои маъмули ҳамоса, қасида, ғазал, рубоӣ ва ғайра асар эҷод намуда, дар рушди назми оламшумули форсу тоҷик таъсири ҳалкунанда гузоштаанд, аз чиҳати илмӣ воқеъбинона кушодааст.

Адабиётшиноси дақиқназар Худоӣ Шариф асри X ва нимаи аввали асри XI-ро «замони ташаккули навъҳои асосии шеъри тоҷикӣ – маснавӣ, қасида, қитъа, дубайтӣ, рубоӣ, мусамат бо анвоаш» ҳисоб кардааст. Дар ин давра ба ақидаи муаллиф «реша ва бунёди адабиёти форс-тоҷик аз ҷиҳати

[1] Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. С. 6-7.
[2] Ҳамон ҷо. С. 7.
[3] Ҳамон ҷо. С. 15.

мавзӯъ, навъи адабӣ, шакл ва воситаҳои бадеӣ гузошта шуд. Дар шеър вазни арӯз мустақиман ҷорӣ шуд, байт ҳамчун воҳиди маънои он қарор гирифт, навъҳои шеър аз рӯи шаклу мазмун ба як система даромаданд»[1].

Дар ду мақолаи дигар, чи тавре дар боло ишора рафт дар бахши аввали маҷмӯа омада, муаллиф дар асоси маълумоти дар маъхазҳо (тазкираҳо) замони шоир ва баъди он ҷой дошта, мақому манзалати устод Рӯдакиро чун асосгузори назми оламшумули тоҷику форс возеҳан нишон додааст[2]. Дар ин ҷода кушодани мазмуни иҷтимоии ашъори поягузори назми тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ[3] яке аз дастовардҳои муҳими илмии донишманди тоҷик, Худоӣ Шариф ҳисоб меёбад.

Бояд қайд кард, ки дар омӯзиши фарҳанги аҳди оли Сомон хизмати адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ (хосатан донишмандони Эрон), нисбат ба дигар равияҳои илмии барои он замон роиҷ, бештар ба назар мерасад. Ин амал амри тасодуф набуда, аз зарурату ҷиддияти таърихии мавзӯъ, ки ҳамеша рӯзмарраву шоистаи таҳқиқ буданаш эҳсос мешавад, пеш меояд. Дар воқеъ асри Сомониён, давраи ташаккули пурраи забони ноби форсию тоҷикӣ ё дарӣ ҳисоб меёбад. Аз ин рӯ, ба таври илмӣ возеҳан кушодани қонуният ва тамоми ҷузъиёти раванди ин хориқаи таърихӣ, ҳамеша боқӣ мемонад. Ин заруратро набояд ба он маънӣ фаҳмид, ки кадом як мабдаи муҳими ҳанӯз нокушуда дар ин ҳақиқат шубҳае боқӣ монда бошад. Ҳаргиз ин тавр нест, чунки ин ҳақиқат дар сатҳи ҷаҳонӣ пурра этироф шудааст. Дар мадди назари муҳаққиқон қарор доштани ин масъала аз муҳимияти он барои дар сатҳи баланд нигоҳ доштани худшиносии таърихӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар бо пайдоиши далелҳои нави маъхазӣ, пайваста тақвият бахшидани ин ҳақиқат мебошад.

---

[1] Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. С. 41.
[2] Ниг.: Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. С. 98-143.
[3] Ниг. Ҳамин маҷмӯа. С. 144-173.

Аз ин рӯ, дар ин замони мустақилияти комил идома ёфтани таҳқиқи таърихи ташаккули халқи тоҷик ва давлатдории он дар мисоли давлати шукӯҳманди Сомониён, ҳамоно боқӣ мемонад ва дар ин раванд ташаббуси адабиётшиносон, ки ба он устод Садриддин Айнӣ асос гузоштааст, нисбат ба дигар равияҳои таҳқиқоти фарҳангии замони Сомониён равшантар ба назар мерасад.

Мирзо Муллоаҳмад аз зумраи олимонест, ки ба фарохии масоили таҳқиқотии худ нигоҳ накарда, адабиёту фарҳанги замони Сомониёнро пайваста дар маркази таҳқиқоти хеш нигоҳ медорад. Ба таҳлили асарҳои зиёди ба давраи Сомониён, хосатан адибони оламшумул – Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фидавсӣ ва дигар бузургмардони зодаи он замони тамаддунофар бахшидаи олим, ки куллан ба арҷгузорӣ сазоворанд, банд нашуда, вобаста ба ҳадафу муҳтавои таълифоти мазкур, фақат бо чанд ишорае доир ба ду маҷмӯаи ба таъриху фарҳанги аҳди оли Сомон иртиботи бевосита доштаи муаллиф иктифо мекунем.

Дар ҷилди аввали «Осори эроншиносӣ» чанде аз мақолоти муаллиф, аз ҷумла – «Омилҳои рушд ва мондагории забон ва адабиёти тоҷику форс», «Суннатҳои бостонӣ дар адабиёти аҳди Сомонӣ», «Тибномаи манзум аз аҳди Сомониён» ва «Донишномаи Рӯдакӣ» ва вежагиҳои он», ки қаблан ба табъ расида буданд, бо нигоҳи тоза ворид гардидаанд[1].

Маҷмӯаи ба тозагӣ ба ифтихори 1120-солагии бузургдошти давлати Сомониён рӯи чопдидаи Мирзо Мулоаҳмад «Падидаҳои фарҳанги аҳди Сомониён»[2], бешак аз ҷумлаи арзишмандтарин асари илмӣ роҷеъ ба фарҳанги ифтихорбахши давраи Сомониён дар адабиётшиносии муосири миллӣ ҳисоб меёбад.

---

[1] Ниг.: Муллоаҳмад М. Осори эроншиносӣ. Чилди аввал. – Душанбе:ҶДММ Дониш Граф, 2017. С. 41 – 54; 440-448; 464-469.

[2] Муллоаҳмад М. Падидаҳои фарҳанги аҳди Сомониён. – Душанбе: МН Дониш, 2019. – 356 с.

Академик Носирҷон Салимӣ дар аввалсухани китоб аз заҳмати пурбаракати Мирзо Муллоаҳмад дар пажӯҳиши масоили мухталифи таърихи адабиёти тоҷик, забони тоҷикӣ, равобити таърихии адабӣ, таъриху фарҳанги миллӣ, матншиносӣ ва дар таҳияву нашри осори адабиву илмӣ ҷойгоҳи хос доштани эшон ёдовар шуда, ба арзиши маҷмӯа чунин баҳо медиҳад: «Дар идомаи ҷусторҳои пурмуҳтавои Мирзо Муллоаҳмад дар сомониёншиносӣ ва рӯдакипажӯҳӣ дар як маҷмӯа гирд омадани мақолаҳои эшон «Падидаҳои фарҳанги аҳди Сомониён» дар шинохти бештару амиқтари тамаддуни шукӯҳманди ин даврони тиллоии фарҳанги тоҷикон, роҳро ҳамвор намуда, дар айни замон муаммо ва масъалаҳоеро ба миён мегузорад, ки баррасии онҳо самтҳо ва ҷодаҳои навро дар илми сомониёншиносӣ густариш хоҳад дод»[1].

Дар маҷмӯа беш аз сӣ мақолоти қаблии интишорёфта ва ба тозагӣ таълифнамудаи олим гирд оварда шудаанд. Онҳо ба масоили гуногуни адабиёту фарҳанги замони Сомониён бахшида шуда бошанд ҳам, аз рӯи мазмуну муҳтаво дар маҷмӯъ чунин се самти гуногунпаҳлӯи илмиро дар бар мегиранд:

1) Таҳқиқи вазъи мусоиди фарҳангии замони Сомониён, ки бештар дар таҳлили муқоисавӣ ва хулосабарориҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ асос ёфтааст. Чунин диди таҳлилӣ дар мақолаҳои «Омилҳои рушд ва мондагории забони форсии дарӣ», «Бузургию неъмат зи оли Сомон буд», «Суннатҳои бостонӣ дар адабиёти аҳди Сомонӣ», «Фарҳанги аҳди Сомониён дар чашмандози илмии В.В. Бартолд» ва ғайра ба назар мерасад;

2) Кӯшиши бобарори амиқан тақвият бахшидани ҷойгоҳи устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ чун поягузори адабиёти оламшумули форсу тоҷик, асосгузори навъҳои гуногуни шеър ва раванди омӯзиши осори ин нобиғаи замони Сомониён дар

[1] Салимӣ Н. Заҳмати илм. (Аввалсухан ба маҷмӯа): Муллоаҳмад М. Падидаҳои фарҳанги аҳди Сомониён. С.7.

адабиётшиносии сатҳи ҷаҳонӣ. Ин амали таҳқиқотиашро муаллиф дар бобҳои (мақолаҳо) «Устоди шоирони ҷаҳон», «Ҷамъоварӣ ва нашри осори устод Рӯдакӣ», «Аз таърихи рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон», «Ситоиши инсон дар осори Рӯдакӣ», «Қитъа дар осори Рӯдакӣ» ва ғайра воқеъбинона дар маърази таҳлил гузоштааст.

Аз ҷумла дар қисмати «Устоди шоирони ҷаҳон»-и маҷмӯа олим чунин баён медорад: «Қабл аз Рӯдакӣ ҳам ба забони форсии дарӣ шоирон шеър сурудаанд ва ҳатто баъзе аз шоирон девони ашъор ҳам доштаанд, вале ӯ нахустин ва бузургтарин шоирест, ки ашъори баланду пухта гуфта, шеъри форсиро ба камол расонидааст. Ӯ дар тамоми навъҳои шеър, чун рубоиву қитъа, ғазалу қасида табъомӯзӣ намуда, дар вазнҳои мухталиф чанд маснавӣ сурудааст, ки сармашқи шоирони баъдина гаштаанд. Рӯдакӣ аз пуркортарин ва пурсамартарин шоирони олам будааст. Ба миқдори зиёди ашъори ӯ шоирону тазкиранигорон ишораҳо кардаанд»[1].

Муаллиф раванди рӯдакишиносиро дар сатҳи ҷаҳонӣ дар маърази таҳлил гузошта, қайд мекунад: «Омӯзиши илмии рӯзгору осори ин шоири бузург аз қарни XIX дар Аврупо шурӯъ шуда, дар Русияву Амрико ва мамлакатҳои Шарқ идома меёбад ва бузургтарин шарқшиносони ҷаҳон ба қудрати шоирии ӯ баҳои сазовор додаанд. Имрӯз рӯдакишиносӣ натанҳо дар Тоҷикистону Эрон, балки дар эроншиносии ҷаҳон нақши муҳим дорад»[2].

М. Муллоаҳмад саҳми муҳими муаррихону адабиётшиносони тоҷикро дар омӯзиши замону осори Рӯдакӣ дар мақолаи «Аз таърихи рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон» дар асоси далелҳои муътамад хеле равшан кушода, онро ба се давра: 1) аз замони Рӯдакӣ то ибтидои садаи XX; 2) аз солҳои бисти асри гузашта то соли 1956; 3) аз соли 1956 то имрӯз ҷудо карда-

[1] Муллоаҳмад М. Падидаҳои фарҳанги аҳди Сомониён. С. 81.
[2] Муллоаҳмад М. Падидаҳои фарҳанги аҳди Сомониён. С. 84.

аст[1]. Дар ин ҷода ӯ ба хизмати рӯдакишиносони тоҷик устод Садриддин Айнӣ, А.Мирзоев, Х.Мирзозода, Р.Ҳодизода, А.Афсаҳзод, С.Имронов, С.Амирқулов, А.Сатторзода, Х.Шарифов, А. Сайфуллоев ва дигарон баҳои арзанда додааст. Ҳамчунин наметавон аз арҷгузории хоссаи муаллиф ба донишмандони бузурги Русия, Эрон, Афғонистон, мамолики Аврупо дар омӯзиши фарҳанги замони Сомониён, хосатан мақоми назми оламгири Рӯдакӣ сарфи назар намуд[2];

3) Таҳқиқоти бахшида ба мақоми беамсоли ҳаким Фирдавсӣ дар адабиёти ҷаҳонӣ ва муҳтавои шоҳкории ӯ – «Шоҳнома»-и безавол ҳисоб меёбад. Дар ин самти пажӯҳиши олим мақолаҳои «Фирдавсӣ – шоири асри Х»[3], «Нигоҳе ба сарчашмаҳои «Шоҳномаи Фирдавсӣ»[4], «Сохтор ва муҳтавои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ»[5], Ҳикмату тарбият дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ»[6], «Хирад дар «Шоҳнома»[7], «Вожаву ибороти хоси забон ва гӯишҳои тоҷикӣ дар «Шоҳнома»-и Фаирдавсӣ»[8] ва «Бозхони дигари «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ»[9] шомиланд. Шиносоӣ ба ин қисмати китоб ба хулосае меорад, ки М. Муллоаҳмад дар байни муҳаққиқони хеле зиёди сатҳи ҷаҳонӣ доир ба муайян намудани пойгоҳи ин нобиғаи назми форсу тоҷик ба мақому таҳлили назарнамои худ соҳиб шудааст.

Дигар аз асарҳои ба таҳқиқи фарҳанги моддӣ ва маънавии замони Сомониён бахшида, ки дар асоси маводи бостоншиносӣ ва манобеи хаттии навоҳии маркази Тоҷикистон бо аввалсухани Президенти Академия илмҳои Ҷумҳурии Тоҷики-

---

[1] Ниг. Маҷмӯаи номбурда. С. 98-105.

[2] Ниг. Мақолаҳои муаллиф: «Асари муҳим дар рӯдакишиносӣ»; «Осори зубдаи рӯдакишиносӣ»; Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ»; «Туҳфаи хуби дӯстон» дар маҷмӯаи номбурда. С. 310-354.

[3] Ниг. Муллоаҳмад М. Падидаҳои фарҳанги аҳди Сомониён. С. 212-218

[4] Ҳамон ҷо. С. 219-224.

[5] Ҳамон ҷо. С. 225-236.

[6] Ҳамон ҷо. С. 237-252.

[7] Ниг.: Муллоаҳмад М. Падидаҳои фарҳанги аҳди Сомониён. С. 253-273.

[8] Ҳамон ҷо. С. 274-281.

[9] Ҳамон ҷо. С. 282-289.

стон Ф.Раҳимӣ рӯи кор омадааст, китоби дастҷамъии муаллифон А.Раҷабов, Р.Муқимов, М.Иброҳимов, С.Тиллоев, ва М.Каримов «Маданияти водии Ҳисори замони Сомониён»[1] ҳисоб меёбад.

Дар китоб масъалаҳои мухталиф, аз ҷумла пайдоиши фазои мусоид барои рушди фарҳангии водии Ҳисор, таърихи ҳаёти фарҳангӣ, рушди ҳунари мусиқӣ, бофандагӣ, шаҳрсозӣ, санъати меъморӣ дар водии Ҳисор дар замони ҳокимияти Сомониён бо далелҳои муътамад таҳлил гардидаанд, ки аз иртиботи бевоситаи мардуми водии Ҳисор дар рушди фарҳангии ин давлати муҳташами тоҷикон дарак медиҳад.

Дар силсилаи осори бахшида ба 1120-солагии давлатдории Сомониён нигоштаи донишманди тоҷик Муҳаммад Абдурраҳмон «Давлатдории Сомониён: азамат ва ғуруби он»[2], ки муаллиф онро чун «таҷрибаи таҳлили сиёсатшиносии этникӣ» муаррифӣ намудааст, аз ҳар ҷиҳат муҳим дониста мешавад. Дар он муаллиф аз диди сиёсӣ хеле муҷаз ба шукӯҳи давлатдории Сомониён баҳои воқеъбинона дода, бо далелҳои муътамад ашхоси бо ном муаррихони таърихбехари кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя, мисли Г.Ҳидоятов ва Ш.Камолиддинро, ки бо даъвоҳои бепояву ғаразомез насаби хонадони Сомониён ва давлатдории онҳоро барои тоҷикон бегона хондаву шукӯҳу шаҳомати ин давлати тамаддунофари онҳоро зери суол гузоштанианд, ҷавоби саҳеҳу побарҷои илмӣ дода, чунин назару талоши пантуркистонаи онҳоро комилан маҳкум намудааст.

Дар боби ниҳоӣ, муаллиф бо такя ба ақидаҳои қаблан пешовардаи муҳаққиқон, омилҳои суқути давлати Сомониёнро нишон дода, дар хотима чунин хулосабардорӣ намудааст: «Имрӯз ба мо ворисони Сомониён ваколати таърихие дода шудаст, ки онро бояд дар Тоҷикистони азизамон амалӣ наму-

---

[1] Культура Гиссарской долины эпохи Саманидов. – Душанбе: Дониш, 2015. – 312 с.

[2] Абдураҳмон М. Давлатдории Сомониён: азамат ва ғуруби он ( Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: Дониш, 2019. – 110 с.

да, бузурги ва фарҳангсолории аҷдодонамонро муаррифӣ карда тавонем. Ба андешаи мо, дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ беҳтарин нишона аз тавоноии миллати тоҷик мебошад, ки барои поси хотири гузаштагон ва рушду нумӯи ояндаи кишвар заминаи боэътимод гузошта метавонад»[1].

Дар ин масир наметавон аз дигар маҷмӯаи ба ин санаи ифтихорбахши давлатдории тоҷикон бахшида – «Сомониён – хориқаи беназири таърихӣ дар тамаддуни башар» сарфи назар намуд[2]. Дар он ба ҷуз аз чанд мақолоти ба тозагӣ пешниҳод намудаи муаллифон, асосан навиштаҳои қаблии муҳаққиқони равоншод ва имрӯз дар қайди ҳаёт будаи ватаниву чанде аз хориҷ дар як маҷмӯа гирдоварӣ шудааст. Хусусияти маҷмӯа дар он зоҳир мешавад, ки аз рӯи даврабандӣ, на дар ҳадди давлатдории мустақили Сомониён (876-999), балки аз ибтидои ба доираҳои маъмурии сатҳи поён роҳ ёфтани наберагони Сомонхудот – писарони Асад (Нӯҳ, Аҳмад, Яҳъё ва Илёс), ки соли 819 аз тарафи халифа ал-Маъмун ба сифати ҳокимони Самарқанд, Фарғона, Чоч – Уструшан ва Ҳирот таъйин гардида буданд, то пурра шикаст хӯрдани муқобилияти охирин намояндаи сулолаи Сомониён, Исмоил Мунтасир – соли1005 – ро дар бар мегирад. Мавриди зикр аст, ки муҳаққиқон аксаран санаи ниҳоии давлатдории Сомониён соли 999-ро ҳисоб мекунанд. Замони муқобилияти шадиди охирин намояндаи ин сулола – Исмоил Мунтасир ба ғалабаи муваққатӣ нигоҳ накарда, аз ин даврабандӣ берун мондааст, чунки ҳокимияти пурҷилои сулолаи Сомониён бебозгашт аз даст рафта буд.

Чи тавре ишора рафт, 53 мақолаи дар маҷмӯа ворид гардида қаблан рӯи чопро дидаанд. Мақолаҳои олимони саршиноси ҷумҳурӣ ва берун аз он: Мӯсо Диноршоев «Саҳми

[1] Абдураҳмон М. Давлатдории Сомониён: азамат ва ғуруби он. С.35.
[2] Саманиды – уникальный исторический феномен в мировой цивилизации. – Душанбе: Дониш, 2019. – 876 с.

Сомониён дар рушди фарҳанги маънавии Осиёи Марказӣ»[1], Нӯъмон Неъматов – «Сарчашмаи хориқаи Рӯдакӣ»[2], Кароматулло Олимов – «Фалсафаи замони Сомониён – зуҳуроти рӯҳи миллӣ»[3], Мирзо Муллоаҳмадов – «Замина ва омилҳои рушди босуръати адабиёти тоҷик дар замони Сомониён»[4], Маъруф Исоматов – «Даврабандии таърихи сиёсии замони Сомониён»[5], Пирмаҳмад Нуров – «Забони илмии тоҷикӣ дар давраи Сомониён (асрҳои IX-X)»[6], Байболот Абитов (Қирғистон) – «Беназирии таърихии давлати Сомониён»[7], Эраҷ Баширӣ (ИМА) – «Шуҳрати Рӯдакӣ»[8] ва ғайра арзиши баланди илмиро соҳибанд.

Албатта ҳар яки ин мақолаҳои зикршуда аз аҳамияти баланди илмӣ бархӯрдоранд ва дар байни онҳо арзишмандии мақолаи академик М.Диноршоев бештар ба назар мерасад. Муаллиф мақоми меҳварии Сомониёнро дар рушди фарҳанги маънавии Осиёи Марказӣ дар чунин нишондиҳандаҳо муайян намудааст:

1. Давраи Сомониён барои ташкил ёфтани фарҳанги ислом бо роҳи таъмин намудани раванди исломикунонии Осиёи Марказӣ, ки баъди анҷом ёфтани истилои арабҳо ибтидо гирифта буд, мусоидат намуд.

2. Дар давраи Сомониён бо мурури ҳалли худро ёфтани

---

[1] Диноршоев М. Вклад Саманидов в развитии духовной культуры Центральной Азии // Саманиды – уникальный исторический феномен в мировой цивилизации. – Душанбе: Дониш, 2019. С.171-185.

[2] Негматов Н. Истоки феномена Рудаки. Ҳамон ҷо. С. 186-212

[3] Олимов К. Философия эпохи Саманидов – проявление национального духа таджиков. Ҳамон ҷо. С.228-246.

[4] Предпосылки и факторы интенсивного развития таджикской литературы в эпоху Саманидов. Ҳамон ҷо. С.346-357.

[5] Исоматов М. Периодизации политической истории эпохи Саманидов. Ҳамон ҷо. С.20-31.

[6] Нуров П. Таджикский научный язык в эпохе Саманидов (IX-X вв.). Ҳамон ҷо. С. 269-285.

[7] Абитов Б. Историческая уникальность государства Саманидов. Ҳамон ҷо. С. 759-766.

[8] Башири И. Славы Рудаки. Ҳамон ҷо. С. 213-227.

исломикунонии Осиёи Марказӣ илмҳои динӣ, чун ҷузъи муҳимтарини таркибии фарҳанги исломӣ рушди бештаре пайдо карданд.

3. Замони Сомониён – ин давраи рушди баланди илмҳои фалсафӣ ҳисоб меёбад.

4.Дар аҳди Сомониён бо истифода аз анъана ва дастовардҳои илмии қаблӣ дар пешравии илмҳои табиӣ саҳми арзанда гузошта шуд.

5. Замони Сомониён – замони эҳё ва рушди пурвусъати фарҳанги нави тоҷик ба забони дарӣ ҳисоб меёбад.

6. Дар асри Сомониён дар қаламрави онҳо ёдгориҳои фарҳанги маънавии хусусиёти динӣ дошта ба забони гурӯҳҳои туркӣ ишора нашудааст.

Бояд қайд кард, ки устод ҳар яке аз ин бандҳоро бо далелҳои муътамад кушода, чунин хулоса намудааст: «Фаҳанги маънавии дар замони Сомониён ташаккулёфта, барои рушди тамоми шаклҳои фарҳангии Осиёи Марказӣ дар асрҳои оянда асоси қавӣ гузошта, ҳамчунин ба рушди фарҳанги маънавии ҳам мамлакатҳои Шарқ ва ҳам Ғарб таъсири калон расонд. Ба ин маъно он аҳамияти бузурги таърихӣ ва байналмилалиро дорост»[1].

Дар ин самт ҳамчунин ба аҳамияти даврабандии таърихи замони Сомониён, ки М.Исоматов изҳори назар намудааст, ишора кардан лозим меояд. Бо такя ба маълумоти дар маъхазҳо ҷой дошта ва хулосаи муҳаққиқон муаллиф ба доираи сиёсат ворид гардидану соҳибдавлатии мустақили сулолаи Сомониёнро ба чунин давраҳо ҷудо кардааст:

1) солҳои 819-875 – давраи ба доираи ҳокимияти сиёсӣ ворид гардидан; 2) солҳои 875-914 – давраи ташкилёбии давлати комилан мустақилу мутамарказ; 3) солҳои 914-976 –

[1] Диноршоев М. Вклад Саманидов в развитии духовной культуры Центральной Азии // Саманиды – уникальный исторический феномен в мировой цивилизации. – Душанбе: Дониш, 2019. С. 183.

давраи болоравии иқтидори давлат; 4) солҳои 976 – 999 – таназзул ва сукути давлати Сомониён[1]. Чи тавре мебинем, муқобилияти дар маҷмӯъ бебарори охирин намояндаи хонадони Сомонӣ – Мунтасир ба ин даврабандии давлатдории сулолавӣ ворид нашудааст. Бояд гуфт, ки муаллиф чунин даврабандиро аз ҳар ҷиҳат асоснок карда, ба он ҷадвали нисбатан мукаммалтари насабномаи сулолаи Сомониёнро илова намудааст[2]. Ин амали ӯ хеле ҷолиб буда, муҳтавои мақоларо тақвият бахшидааст.

Вале дар баробари ин арзишҳои илмии бисёре аз мақолаҳои ба маҷмӯаи «Сомониён – хориқаи беназири таърихӣ дар тамаддуни башар» воридшуда нигоҳ накарда, ба сабаби саҳлангории муҳаррири масъул дар аксари мақолаҳо, ки ба забони русӣ навишта шудаанд, ғалатҳои зиёди сарфӣ, наҳвӣ ва услубӣ ба назар мерасанд. Новобаста ба ин дар таърихнигори муосири миллӣ доир ба омӯзиши таъриху фарҳанги замони Сомониён мақоми муайян пайдо кардани ин маҷмӯаро бояд эътироф кард. Ҳамчунин мавриди қайд аст, ки чанде аз мақолаҳои дар маҷмӯаи номбурда ба чоп расида дар «Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон» низ ворид гардидаанд[3].

Китоби ба тозагӣ ба табъ расидаи Абдувалӣ Шарифзода «Ганҷинаи Кӯлоб»[4] хеле ҷолиб буда, аз иқтидори иқтисодӣ ва муомилоти пулии замони Сомониён дар Хатлон дарак медиҳад. Дар китоб ганҷинаи дирҳамҳои сомонии дар деҳаи Бодомтуи ноҳияи Шурободи (феълан Шамсиддин Шоҳин) –и Кӯлоб ба даст омада ва миқдори умумиашон қариб 1900

---

[1] Ниг.: Исоматов М. Периодизации политической истории эпохи Саманидов // Саманиды – уникальный исторический феномен в мировой цивилизации. С. 21-28.
[2] Ниг. Ҳамон мақола. С. 29.
[3] Ниг.: Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – № 1/1 (255). – 2019. – 133 с.
[4] Шарифзода А. Ганҷинаи Кӯлоб (Дирҳамҳои сомонӣ). – Душанбе: Шарқи озод, 2019. – 648 с.

дирҳам муайян шудааст. Аз ин миқдор 1404 дирҳам ва 104 дирҳампора дар Осорхони миллии Тоҷикистон маҳфуз аст. Ганҷинаи Кӯлоб калонтарини дафинаи сиккаҳои Осиёи Миёна буда, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Мавриди зикр аст, ки аз миқдори умумии сиккаҳо 581-тои он дирҳамҳои сомонии зарби Хуттал буда, дар ҷаҳон бозёфти калонтарин ҳисоб меёбад.

Ганҷина имкон дод, ки масоили зиёди марбут ба муомилоти пулии Хатлони замони Сомониён бо диду таҳлили нав ба доираи илмӣ кашида шавад. Сиккаҳои дар ганҷинаи Кӯлоб ба даст омада, барои равшантар муайян намудани вазъи сиёсии минтақа дар замони Сомониён, боздиду баррасии илмии мавқеи иқтисодии Хатлон ва дар ин замина муайян намудани нуфузу дараҷаи амали мустақилонаи ҳокимони Хатлон барои муҳаққиқон имконияти бештаре фароҳам меоранд. Аз ҳама муҳим, китоби мазкур дар Осиёи Миёна аввалин феҳристи мукаммали илмии дирҳамҳои сомонӣ ҳисоб меёбад.

Ҳамин тариқ, то ҷое имкон даст дод, дар ин рисола осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба таъриху фарҳанги замони давлатдории Сомониён мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфт. Табиист, ки дар ин пажӯҳиш аз диди таърихнигорӣ таҳлили пурраву доманадори ҳар як китобу мақолоти дар маҷмӯаҳои илмии дар боло ишораёфта бо тамоми ҳусну қубҳи онҳо, аз имкон берун аст. Чунин корро фақат дар мавриди ба омӯзиши бисёрсамтаи мавзӯии таҳқиқоти олимони равияҳои мухталифи илмӣ, ки заҳмати дастҷамъӣ ва таълифоти бисёрҷидаро тақозо дорад, ба ҷо овардан мумкин аст.

Аз ин рӯ, шиносоӣ бо мазмуну муҳтавои ҳар рисолаву мақолоти ниҳоят зиёде, ки дар ин ду даҳсолаи асри навин ба табъ расидаанд, дар маҷмӯъ ба хулосае меорад, ки раванди таҳқиқоти таъриху фарҳанги замони Сомониён, чун давраи тақдирсозу ифтихорбахши халқи тоҷик ҳамеша дар мадди назари олимони равияҳои гуногуни илмӣ қарор дошта ва ҳар

кадоме дар доираи нигоҳи касбии худ ба дастоварди назаррас соҳиб гаштааст.

Натиҷаи таҳлили таърихнигории муҳаққиқони ватанӣ ва шарқшиносони хориҷии сатҳи ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ тақвиятбахши он ҳақиқатест, ки замони Сомониён асри пурифтихори давлатдории тоҷикон дар ҳудуди пурраи Мовароуннаҳру Хуросон ва чанде берун аз он ҳисоб меёбад. Бо ибораи дигар ин давраест, ки чун «асри тиллоии» мардуми ориёитабори форсу тоҷик дар бонуфузтарин доираҳои илмӣ чун ҳақиқати бебаҳс эътироф шудааст. Аз ин рӯ, ақидаҳои бепояву ғаразмандонаи таърихсозоне, ки мехоҳанд шукӯҳу шаҳомати он давлати тамаддунофари тоҷиконро зери шубҳа баранд, чун ҳубоб зуд аз миён рафта, дар фазои илми таърих чизе аз худ наметавонанд боқӣ гузошт.

# БОБИ XIII

# ҲАРОС АЗ ҲАҚИҚАТИ ТАЪРИХ

Ин воқеият аст, ки таърих на ба ҳама халқ давлату анъаноти давлатдориро раво дидааст. Дар ин маънӣ бурди тоҷикон дар он аст, ки дар қатори миллатҳои тамаддунофару соҳибдавлати дунё ҷой доранд. Анъанаҳои давлатофарии сокинони азалии Осиёи Марказӣ – тоҷикон ба қаъри асрҳо мерасад. Ин хулосаест, ки аксари мутлақи намоёнтарин ховаршиносони ҷаҳон бардоштаанд. Муҳаққиқон бо такя ба аввалин сарчашмаҳои хаттӣ доир ба ин минтақа, ки дар асоси бозёфтҳои бостоншиносон тақвият ёфтаанд, ҳақиқати дар асрҳои VII-VI қабл аз мелод дар ин ин паҳно қавму тоифаҳои ориёинажод – суғдиён, бохтариҳо, марғиёниҳо, хоразмиҳо, портҳо, қабилаҳои гуногуни сакоӣ зиндагӣ ба сар бурда, ба ташаккули давлатдорӣ асос гузоштаан, тасдиқ намудаанд. Вале чи тавре аз маводи боэътимоди бозёфтҳои бостоншиносон бармеояд, нишондиҳандаҳои давлатдории саравлодони тоҷикон аз он хеле пештар ибтидо гирифтаст.

Тибқи Қарори ЮНЕСКО доир гардидани ҷашни 5500-солагии Саразм дар сатҳи байналмилалӣ, ки бо далелҳои дар дараҷаи баланд қарор доштани ҳунармандӣ, аввалин нишондиҳандаҳои оғози шаҳрсозӣ асос ёфтааст, баёнгари шаҳрсозиву давлатдории ниҳоят қадимаи тоҷикон аст. Бозёфтҳои Саразм ва хулосаҳои дар асоси онҳо бардоштаи олимон бешубҳа бояд ба ақидаи таърихии то кунун роиҷ нисбат ба анъаноти давлатдориву шаҳрсозии халқи тамаддунофари минтақа – тоҷикон диди нави илмӣ ворид созанд.

Аз рӯи он бозёфтҳо шаҳри қадимтарини мавзеи Панҷакент – Саразм дар давраи энеолит – охири асри санг ва оғози асри

биринҷ арзи ҳастӣ намуда, қариб ҳазор сол (дар тӯли ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз милод) яке аз марказҳои тамаддуни минтақаи Осиёи Марказӣ ҳисоб меёфт. Сокинони он аз руи маводи дастрасшуда, дар тамоми самтҳои барои зисту фаъолияти инсон зарурӣ – кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, зарфсозӣ, сангтарошӣ, заргарӣ, маъдангудозӣ, сохтмони биноҳои истиқоматӣ, ҷамъитиву маъмурӣ ва динӣ ба сатҳи намунавӣ расида, Саразмро ба шаҳри ҳунармандиву тиҷоратӣ табдил дода буданд. Нишондиҳандаи чунин сифатҳои шаҳри тараққикардаи ҳамасри Саразм дар ҳудуди Мовароуннаҳри таърихӣ то кунун пайдо нашудааст[1].

Бостоншиноси намоёни тоҷик, Абдуллоҷон Исоқов қариб тамоми умри худро ба омӯзиши ин маркази тамаддуни қадимаи Осиёи Марказӣ бахшида, дар асоси далелҳои муътамад бо ҳамфикрӣ бо бостоншиносони сатҳи ҷаҳонӣ, ки ба ин ковишҳо шиносоӣ ва иртиботи бевосита доштаанд, исбот намудааст, ки пешгузаштагони дури тоҷикон ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои IV-III қабл аз мелод, яъне беш аз 5 500 сол пеш аз замони мо ба таҷрибаи баланди кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозӣ ноил гашта, дар истихроҷу коркарди мис, биринҷ, нуқра, тилло ва қӯрғошим пешсафӣ доштанд. Ин ақидаи олимро бостоншиносони хориҷӣ, аз ҷумла Р.Безенвал, А.П.Франкфорт, В.Лионе, М.Казанова аз Фаронса, Л. Карловский, Ф.Колл аз ИМА, В. Массон, Г.А.Кошеленко аз Русия ва ғайра, ки дар ҳафриёти Саразм ширкат намудаанд, пурра ҷонибдорӣ кардаанд[2].

А.Исоқов аз натиҷаи бистсолаи (1976-1996) ҳафриёташ дар Саразм ёдовар шуда, навиштааст, ки дар ин муддат аз 100 гектари майдони барои ҳафриёт муайяншуда ҳамагӣ 1 гектари он кушода шудааст. Дар доираи ҳамин масоҳати ниҳоят ками таҳқиқшуда «аз қаъри замин зиёда аз 150 хонаҳои ис-

---

[1] Ниг.: Исоқов А. Саразм оғози тамаддуни тоҷикон. Бахшида ба 5500 солагии Саразми бостонӣ. – Душанбе: Дониш, 2018. – 250-255.

[2] Ниг. Пешгуфтори Президенти АИ ҶТ Фарҳод Раҳимӣ ба кит.: Исоқов А. Саразм оғози тамаддуни бостонӣ. С. 3-11.

тиқоматӣ, 4 мубади оташпарастон, як анбори ғаланигоҳдории ҷамъиятӣ, як бӯстонсаро бароварда шуд. Маълум шуд, ки сокинони Саразм бо ҳавлиҳои кушод, кӯчаву тангкӯчаҳои байни худ рафтуо доштанд. Ҳоло мо дар даҳҳо ҳавлию кӯчаҳои аробагард ва тангкӯчаҳои пиёдагарди шаҳраки Саразм роҳ гашта, аз завқи баланди фарҳанги шаҳрсозии ниёгонамон ҳаловат мебарем. Бозёфтҳои мо асосан аз лавозимоти рӯзгор ороишоти тиллоӣ, нуқрагин, мисӣ, биринҷи, сангҳои гуногун ва устухонҳои ҳайвоноту паррандаҳо иборатанд. Зарфҳои сафолини мунаққашу сангини суфташуда ва порчаҳои деворнигораҳо аз санъати баланди ҳунармандии гузаштагонамон шаҳодат медиҳанд»[1].

Дар минтақа ба муҳимтарин маркази ҳунармандиву савдо табдил ёфтани Саразмро робитаҳои тиҷоратии он бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи наздик, ки дар асоси бозёфтҳои бостоншиносон муайян шудааст, таъмин мекарданд. Аз рӯи маводи дастрасшуда А.Исоқов ба хулосае омадааст, ки маҳсулоти ҳунармандони Саразмро дар кишваҳои Шарқи Наздик мешинохтанд ва дар ин ҷо пайдо шудани гӯшмоҳиҳои баҳрию укёнусӣ ва сангҳои қиматбаҳо, мисли ақиқ, лоҷувад, фирӯза ва ғайра, ки аз Эрону Балуҷистон, Ҳиндустону Бадахшон оварда мешуданд, аз рушди баланди муносибатҳои тиҷоратӣ дарак медиҳанд[2].

Чизи дигари ҷолиб, ки А.Исоқов бо он такя кардааст, маълумоти дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ ба дастовардаи антропологи Институти бостонии Академияи илмҳои Ӯзбекистон Телман Хоҷаев ҳисоб меёбад. Тибқи хулосаи ӯ дар ҳазорсолаи IV-III-и пеш аз мелод аз соҳили баҳри Миёназамин то Ҳиндустон, аз Хуросон то соҳили укёнуси Ҳинд як шакли нажодӣ паҳн шуда буд. Сокинони Саразм низ аз ҳамин нажод буданд. Дар он давра дар ҳудуди Мовароуннаҳр ҳанӯз қабоили муғулнажод вуҷуд надошт. «Бале, – менависад

[1] Исоқов А. Саразм оғози тамаддуни бостонӣ. С. 20.
[2] Ҳамон ҷо. С.100.

А.Исоқов, – ман ба ин ақидаам, ки дар ҳазорсолаҳои IV-III аз дарёи Сир то укёнуси Ҳинд ватани эронинажодҳост ва маҳз онҳо ташаккулдиҳандаи фарҳанги кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии мардуми Осиёи Марказӣ мебошанд»[1].

Бо ибораи дигар, нишона ва аносири давлатдории тоҷикон хеле пештар аз ба ҳайати давлати иқтидорманди Ҳахомнишиҳо кашидани Осиёи Миёна мавҷуд будааст. Вале ҳанӯз дар ҳолати парокандагӣ ва номутамаркахӣ қарор доштани онҳо, ки барои ташаккули халқияти ягона замина мусоид фароҳам оварда наметавонистанд, аз тарафи муаррихон чун давлатҳои ба тамоми мафҳумаш мукаммал эътироф нашудаанд. Чунин тарзи фаҳмиш воқеан асос дошта бошад ҳам, маънои инкори ҳақиқати дар охири ҳазорсолаи II ва ибтидои ҳазорсолаи I қабл аз мелод мавҷуд набудани давлатҳо дар минтақаро надорад.

Муддао аз овардани чунин далелҳо аз он иборат аст, ки то имрӯз ҳастанд касоне, ки ба ин таърихи пурғановати халқи азалии минтақа ба чашми ҳасуду ғараз менигаранд. Гарчанде ба кадоме аз тоифаҳои сершумори сокинони воқеан дар давраҳои аввали асримиёнагӣ, ки ғаризаи ба қабилаҳои кӯчӣ хос онҳоро ба ин паҳно овардааст, мансубияти худро надониста, бо ҳар восита талош мекунанд, ки гузаштаи дури таърихи худро ба сифати сокинони бостонии маҳаллӣ муаррифӣ намоянд. Онҳо бо ин амал мехоҳанд ҳақиқатеро, ки тоҷикон сокинони асили ориёитабори Осиёи Марказӣ буда, санъати давлатсозиву давлатдории онҳо аз умқи садаҳо оғоз ёфтаасту бо ҳазорон далел дар илм исбот шудааст, зери суол гузоранд.

Ба ҳар каси аз таърих каму беш бохабар маълум аст, ки аз як минтақа ба минтақаи дигар кӯчидан ё бо сабабҳои дигар ба таври ихтиёрӣ ё иҷборӣ муҳоҷират намудан, ҳамеша бахше аз таърихи ҷомеаи башарӣ буд ва мемонад. Ин равандро олимон борҳо таъкид намудаанд. Аз ҷумла шарқшиноси тоҷик

[1] Ҳамон ҷо. С. 77.

Ҳақназар Назаров бо ишора ба ин раванди барои ҷомеа ба ҳукми анъана даромада дуруст қайд кардааст, ки ба ҷои дигар ҳаракат кардани халқҳо ва қабилаҳои як минтақа бо сабабҳои гуногун дар таърих зуҳуроти муқаррарист. Аз ин рӯ онҳоро, агар ба замми ин аз қабоили кӯчӣ бошанд, чун сокинони азалии минтақаи ҷои зисти нав ҳисоб кардан норавост. Масалан, баъзе аз муарихони кишвари ҳамсоя халқҳои туркнажоди кунунро аз ворисони қабилаҳои кӯчии Эрони шарқи – Тӯрон ҳисоб карда, робитаи таърихии онҳоро ба замони пайдоиши китоби муқаддаси эронитабори қадим – «Авесто» мерасонанд, ки он асоси илмӣ надорад. «Вале маълум аст, ки онҳо ба нажоди муғулии иртибот дошта, пешгузаштагони онҳо гуннҳо ҳисоб меёбанд, ки ибтидои дар таърих ишора ёфтанашон ба асри III қабл аз мелод рост меояд. Оғузҳо пешгузаштагони ҳамаи халқҳои туркзабон ҳисоб меёбанд»[1].

Таърихи ташаккули қабилаҳои турк дар ахбори осори қадим хеле печидаву ихтилофомез омада аст. Барои дар як қолаби муназзам даровардани раванди ташаккули этникии онҳо аз тарафи туркшиносони намоён, мисли Лев Гумилёв кӯшиши зиёде ба харҷ дода шуда бошад ҳам[2], то кунун саҳифаҳои норавшани он хеле зиёд боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, ба бурду бохти таърихнигории ин масъала банд нашуда, фақат каме ҳам бошад, дар асоси далелҳои мавҷуда аз раванди паҳншавии ин қабоил дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ёдовар шудан ба мақсад мувофиқ аст.

Аз рӯи ақидаи Л.Гумилев гарчанде забонҳои туркӣ ҳанӯз дар замонҳои қадим ташаккул ёфта бошанд ҳам, халқҳои худро «турк» ё «туркют»-ҳо шинохта дар охири асри V мелодӣ дар натиҷаи бо ҳам аз ҷиҳати этникӣ дар чашмандози ҷангалу дашти Олтой ва наздикӯҳии он омехтани қабилаҳои кӯчии таҳҷоӣ ва акнун ба инҷо омада маскан гирифта, ташак-

[1] Назаров Х. К истории происхождения и расселения племен и народов Центральной Азии. – Душанбе, 2004. С. 4.
[2] Ниг.: Гумилев Л. Древние тюрки. – М.: АЙРИС – пресс, 2016. – 506 с.

кул ёфтаанд. «Ба ҳам омехтани бегонагон ва таҳҷоиён то ҳадде расид, ки баъд аз сад сол – соли 546 онҳоро дар ҳамин ягонагӣ чун халқияти қадимаи турк ё туркютҳо мешиносанд. Доираи забонии онҳо бошад дар он давра аз Олтой ба ғарб ба ватани ғузҳо, конглҳо ё печенегҳо, булғорҳои қадим ва гуннҳо паҳн гардид»[1].

Ҳамин тариқ, чи тавре аз маълумоти дастраси замон бармеояд, ҳудуди паҳншавии қабилаҳои турк соли 555 то шимолии Тошкент, Сирдарё то маҷрои ниҳоии Амударё ва соҳилҳои ҷанубии баҳри Арал расидааст Дар он замон Суғд ва Бухоро дар итоати Ҳайтолиён қарор доштанд, ки садди роҳи ин ҳаракат гардиданд. Албатта ин паҳншавӣ ҳанӯз маънии ташкил ёфтани давлати мутамаркази туркро дар Осиёи Миёна надошт. Вале дар муддати якуним сол ба итоати туркютҳо гузаштани Казоқистони марказӣ, Ҳафтрӯд ва Хоразм муайян шудааст. Дар соҳилҳои шимолии баҳри Арал туркютҳо ба муқобилияти сахти қабилаҳои хун (хиониҳо), вар ва оғорҳо ё угрҳо дучор шуда, баъди шикаст додани онҳо соли 558 то ба соҳилҳои Волга расидаанд, вале аз ин дарё нагузашта, ба тобеъ намудани даштҳои назди Урал маҳдуд шуданд[2].

Аз ин ҷост, ки паҳншавии кабилаҳои туркнажод ва ба нуфузи сиёсӣ соҳиб шудани онҳо дар паҳнои Осиёи Марказӣ, гарчанде амалиёти назарногири ин муҳоҷиратҳо хеле пештар оғоз ёфта бошад ҳам, асосан баъди ташкилёбии иттиҳодияи Хоқонати турк (551-744) сурат гирифтааст. Бояд қайд кард, ки дар охири асри VII ва миёнаи асри VIII арабҳо қисмати асосии Осиёи Миёнаро ишғол намуда, ҳукмронии сиёсии туркҳоро аз байн бурданд[3]. Аз ин рӯ, онҳоро чун халки азалии минтақа ҳисоб кардан дар ҳеҷ меъёр ва мантиқи илмӣ намеғунҷад.

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 30.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. С. 40-41
[3] Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. С. 287

Дар таърих мисолҳое, ки қабилаҳо ва ҳатто халқҳои ба дараҷаи худшиносӣ расида, ба дигар минтақа рафта, ба давлати ояндаи худ асос гузоштаанд ва дар ин замина номи қаблии давлат низ иваз шудааст, хеле зиёд аст. Мисоли равшани он ҷои империяи Византия (Рум)-ро гирифтани Туркияи кунунӣ ё иваз шудани номҳои таърихии марбут ба қитъаи Амрико баъди муҳоҷирати аврупоён мебошад. Вале дар ҳама ҳолат навомадагон таърихи халқҳои қадими минтақаро ба гӯшаи фаромӯшӣ нагузошта, онро воқеъбинона дар маърази таҳлили илмӣ қарор медиҳанд. Муҳоҷирон ва ҳатто истилогарони баъдӣ, ки ҳудуди кунунӣ бо тақозои таърих бароящон давлати миллӣ гардидааст, худро сокинони азалии минтақа эълон намекунанд. Ин таҷовузи таърихӣ фақат ба баъзе аз муаррихони ҳамсоя ва минтақаи мо, ки бо чунин «ҷилваи илмӣ» ифтихори миллии худро нишон доданӣ мешаванд, хос аст.

Ин гуна таърихсозон бояд донанд, ки халқи тоҷик ҳеҷ гоҳ ба мардуми бо тақозои замон чун ҳамсояи беғараз ба онҳо наздик шуда, бо чашми хусумат нигоҳ накардааст. Агар аз гирудорҳои сиёсиву талошҳои барои ҳокимият, ки баъзан дар байни қабилаҳои гуногун ва ҳатто мардумони ҳамнажодро ба задухӯрдҳои хунин меоварданд, сарфи назар намоем, дар байни халқи одӣ, офарандагони неъматҳои моддӣ, новобаста ба муқимӣ ё кӯчӣ, саҳронишин ё шаҳрнишин будан, хусумату амали душманонаву ҷангҷӯёна ба назар нарасидааст. Инро робитаи дӯстонаи таърихиву фарҳангии ба ҳам наздики байни тоҷикону ӯзбекон бо садҳо далел ба исбот расондааст.

Дар омӯзиши ин раванд ба олим фақат як омил раҳнамоӣ ва мусоидат карда метавонад; риояи бечуну чарои усули историзм, бо ибораи дигар, ҳақиқатнигории беғаразона. Аз ин рӯ фақат дарёфти беғаразонаи ҳақиқати таърих метавонад, ки дӯстии бардавом ва бародаронаи аз санҷиши асрҳои тӯлонӣ гузаштаи халқҳои ин минтақаро нигоҳ дорад ва рушди нав бахшад.

Акнун ба сари масъалае, ки баёнгари давлатдории тоҷикон дар ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз мелод (дар мисоли Саразм)

ибтидо гирифта ва дар ҳасорсолаи I дар мисоли иттиҳодияи бузурги қабилаҳои шарқиэронӣ – Хоразми Бузург, давлатҳои Суғду Бохтари бостон, Марғиёну Порт ва ғайра идома дошта-аст, бармегардем.

Аз ин далелҳо пайдост, ки хеле пештар аз ташкилёбии давлати Сомониён, давлат ё иттиҳодияҳои давлатие ба номи қавму тоифаҳои ориёинажоди дар боло ишораёфта, пайвандӣ дошта, дар таърих шинохти равшан доштаанд. Вале ин давлатҳо ҳанӯз ҳамбаставу мутамарказ набуда, ташаккули пурраи халқияти томро таъмин карда наметавонистанд. Ин рисолатро давлати мустақилу аз ҳар ҷиҳат мутамаркази Сомониён ба ҷо овард. Аз ин рӯ, ташкилёбии давлати воқеан мустақил ва ташаккули халқи тоҷик аз нигоҳи илмӣ ба давраи Сомониён рост меояд. Маҳз бо назардошти чунин воқеияти таърихӣ ин нуқтаи назари консептуалии академик Б. Ғафуровро олимони ватанӣ ва аз ҳама муҳим, шарқшиносони сатҳи ҷаҳонӣ комилан ҷонибдорӣ мекунанд.

Таҷрибаву санъати соҳибдавлатии аз замони Сомониён барои тоҷикон хос, дар тамоми замони тӯлонии аз ҳокимияти сиёсӣ маҳрум шудан ва қариб ҳазор сол дар итоати сулолаҳои аҷнабиву бегонатабори кӯчӣ қарор доштанашон низ рӯи кор боқӣ монд. Бо ибораи дигар, тоҷиконро баъди аз миён рафтани давлати Сомониён ҳарчанд аз мансаби олии давлатдорӣ дур карда бошанд ҳам, онҳо амалан дар сохтори низоми давлатӣ ҳамеша дар вазифаҳои баланди маъмурӣ ва динӣ мавқеи калидии худро нигоҳ медоштанд. Намунаи равшани онро дар фаъолияти вазирону дигар маъмурони баландмақом, монанди: Алии Шатранҷӣ, Наҷибии Фарғонӣ, Алии Банизӣ, Алии Сипеҳрӣ дар аҳди Қарохониён, Аҳмад Ҳасани Маймандӣ, Абӯсаҳли Завзанӣ, Абулқосими Касир, Абулфатҳи Розӣ, Ҳасанаки Вазир – дар замони ҳокимияти Ғазнавиён, Хоҷа Низомулки Тусӣ, вазири донишманди Салҷуқиён, машҳуртарин вазирони давлати Хоразмшоҳиён Шаҳобуддини Насавӣ, Фахруддин Алии Ҷундӣ, маъруф ба тахаллуси Шарафулмулк, Шамсуддин Муҳаммад аз хонадони маъруфи

Ҷувайниҳо ва боз даҳҳо чунин шахсиятҳои намоён, ки дар сохтори идории давлатҳои сулолаҳои туркию муғулии Осиёи Марказӣ нақши калидӣ доштаанд, бараъло ба назар мерасад.

Гарчанде дар бобҳои қаблӣ доир ба насабномаи Сомониён ва раванди ба доираҳои маъмурии хилофат кашидани намояндагони хонадони Сомонхудот аз диди таърихнигорӣ то андозае муфассал сухан рафта бошад ҳам, бори дигар ба ин масъала рӯ оварданро таърихсозии чанде аз таърихбехабари ғаразманди ҳамсоякишвар, мисли Гога Ҳидоятов, Шамсиддини Камолиддин водор месозад. Гога Ҳидоятов ва Шамсиддини Камолиддин, ки худ аз фаҳмиши мантиқии маъхазҳои тоҷикӣ-форсӣ фарсаххо дур буда, дар асоси «таҳлил»-и барояшон дилхоҳ, решапайвандии Сомониёнро ба ҷадди туркҳо расонидаанд ва давлати комилан мустақилу абарқудрати тоҷикон – Сомониёнро зери суол гузоштаанд, табиист, ки моро бетараф гузошта наметавонад.

Г.А. Ҳидоятов (1930-1994) доктори илмҳои таърих, профессор, солҳои 1961-1994 ба ҳайси мудири кафедраи таърихи нав ва навтарини Донишгоҳи давлатии Тошкент кор кардааст ва муаллифи чанд асари ба масоили муносибатҳои байни англияю Русия дар охири асри XIX, сохтмони сотсиализм дар Осиёи Миёна ва ғайра мебошад, ки ба таърихи асримиёнагии минтақа, хосатан замони Сомониён иртиботе надоранд. Вале баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, ба зуди тарки таҳқиқи масъалаҳои барои замони Шӯравӣ созгор намуда, гузаштаи ниҳоят дури таърихи қабоили турки Осиёи Миёнаро ҳадафи омӯзиш қарор дод. Албатта ба гузаштаи таърихи халқаш рӯ овардани ҳар олим ва онро воқеъбинона нишон додан, ҳамеша лоиқи таҳсину сипос аст. Вале кӯшиши бо «далелҳо»-и бепоя аз ҳисоби арзишҳои таърихии дигар халқ, хосатан сокинони азалии минтақа – тоҷикон ҷилва додани шукӯҳу шаҳомати пешгузаштагони худ, ягон муаррихро ба зинаи шуҳрат ва эътирофи осораш набурдааст ва Г.Ҳидоятов дар ин замина истисно нест.

Г.Хидоятов дар асари бепояаш «Шикасти Сомониён»[1], норозигии худро нисбат ба таҷлили ҷашни 1100-солагии аввалин давлати мустақилу мутамаркази тоҷикон – давлати Сомониён, ки соли 1999 дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва ҷонибдории ЮНЕСКО бо тантанаи хосса баргузор гардид, изҳор дошта, бо услуби ғайриилмӣ ва шеваи ниҳоят ғаразмандона, ба тоҷикон мансубияти бевосита доштани сулолаи Сомониёнро зери шубҳа гирифтааст.

Аз ҷумла ин «муаррих»-и ҳақиқатгурез, маъхазҳои дасти дуюму сеюм ва баъдинаро, ки шарқшиносони аврупоӣ мавриди истифода қарор доданд, ба тарзи барояш дилхоҳ тафсир намуда, менависад: «Фарҳанги қадимаи Сосониён аз тарафи бедуинҳо (кӯчиёни араб – Ҳ.П.) поймол гардида, дар Хуросон нав шакл гирифт, ки он аз бисёр ҷиҳат давоми анъанаи куҳна, вале дар асоси арабу мусулмонии нав идома ёфт... Ин раванди табиӣ-таърихии ҳаракати ислом ва тамаддуни ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр буд. На Сомониён ташкилкунандаи он, балки ҳамин болоравии фарҳангӣ, ки дар ин ҷо дар асрҳои IX-X ба назар мерасид, Сомониёнро бардошт ва ба қашшоқии давраи идоракунии онҳо ҷило бахшид. Дар дарбори Сомониён ду шоири нобиғаи Шарқ – Фирдавсӣ ва Рӯдакӣ паноҳ ёфтанд. Дар Бухоро Фирдавсӣ достони абадзиндаи худ «Шоҳнома»-ро эҷод намуда, шоҳони Эронро ситоиш кардааст. Дар он алоқамандии Сомониёнро бо авлоди нуфузманди қадимаи Эрон – Баҳроми Чӯбина ишора намудааст.

Ҳамин тариқ, Сомониён дар ҳамосаи эронӣ чун намояндаи хонадони шоҳон ворид гардидаанд. Вале доир ба решаҳои этникии онҳо ақидаи дигар низ вуҷуд дорад»[2].

Нахуст ин ки ин таърихнигори бехабар аз ҳаводиси таърихии аҳди Сомониён намедонад, ки Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ ба даргоҳи Сомониён аз касе паноҳ набурда ва бино бар ша-

---

[1] Хидоятов Г.А. Крушение Саманидов. – Москва-Ташкент, 2004. – 152 с.
[2] Хидоятов Г.А. Крушение Саманидов. – С. 24.

воҳиди таърихӣ бо ҳам во нахӯрдаанд. Рӯдакӣ – ин қофиласолори шеъри форсии тоҷикӣ ба дарбори Насри дувум эҳтиромона даъват шуд ва чуноне ки аз савонеҳи ҳоли Фирдавсӣ маълум аст, ӯ дар Бухоро набуд ва «Шоҳнома»-и безаволи худро дар шаҳри Тус офарид.

Роҷеъ ба «решаҳои этникӣ»-ро нишон додан, ин муаллиф на ба маъхазҳои боэътимоди мавҷуда, балки ба тахмини муҳаққиқи амрикоӣ Р.Фрай такя карда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки насабномаи Сомониёнро ба туркҳо расонад. Ба сифати далел ӯ ақидае пеш овардааст, ки гӯё дар макони авлодии онҳо – Балх дар он замон аксаран туркҳо зиндагӣ мекарданд. Ин муаллифи кундназар барои турк будани решаи Сомониёнро аз ҷиҳати семантикӣ «исбот» кардан, ибораи «сомон»-ро пеш оварда, онро чунин шарҳ медиҳад: «Саман» дар забони қадимаи туркӣ маънии «коҳ»-ро дорад. Дар замонҳои қадимтарин (? – Ҳ.П.) дар Осиёи Марказӣ кӯчиёни турк шаҳрҳоро аз саман таъмин мекарданд, чун ки ба хоҷагидории шаҳр зарур буда, онро ба сифати хӯроки чорво, маводи сохтмон, сӯзишворӣ ва ғайра истифода мебурданд. Шояд Сомониён аз ҳамон қабилае буданд, ки шуғли ҷамъ кардану ба шаҳр бурда фурӯхтани онро доштанд. Ҳар чӣ ҳам бошад, ин фарзия доир ба решаҳои туркии Сомониён, бояд ба сифати яке аз тафсирҳои илмӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Фақат дар чунин ҳолат қазияи Сомониён метавонад аз заминаи хаёлпарастӣ баромада, асоси воқеан илмӣ гирад»[1].

Такя ба ин «далел» нишонае аз фарсаххо дур будан аз дарки воқеияти таърихӣ ва забондонии ин муаллиф аст. Ҳар касе, ки каме аз забони тоҷикӣ хабардор аст, мефаҳмад, ки чи аз рӯи талаффуз ва чи аз рӯи мазмун вожаи «саман»-и турки ё ӯзбекӣ – яъне коҳ бо вожаи «сомон»-и тоҷикӣ бо ҳам тамоман наздик нестанд. Вожаи «сомон»-и тоҷикӣ аз замони Рӯдакӣ то имрӯз ба маънии «назму тартиб», «оростан», «сару сурат», «анҷоми кор» ва «сабру таҳаммул» фаҳмида мешавад, ки дар

[1] Хидоятов Г.А. Крушение Саманидов. – С. 25.

луғатномаҳои асримиёнагӣ ба такрор ин маънӣ тафсир шудааст.

Муҳтавои тафсири беасосу ғаразноки худро доир ба насабномаи Сомониён ин муаррихи аз усули ҳақиқатнигории таърихӣ фарсаххо дур чунин баён мекунад: «Сомониён далели воқеиест дар таърихи Осиёи Марказӣ. Пойтахти онҳо Бухоро дар ҳудуди Ӯзбекистон ҷой дорад, инро ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намудааст ва таърихи онҳо қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷумҳурии мо мебошад. Омӯзиши таърихи онҳо (Сомониён – Ҳ.П.) – на аз рӯи хаёли бофта, на милатгароёна, балки воқеъбинона, вазифаи муҳимест дар дарки гузаштаи бузурги халқи ӯзбек»[1].

Барои берабтиву ихтилофи назари ин муаллифро дарк кардан, муаррихи касбӣ будан шарт нест. Ӯ аз як тараф шуқӯҳу шаҳомати давлати Сомониёнро зери шубҳа гирифта, ба тоҷикон робита надоштани онҳоро нишон диҳад, аз тарафи дигар, дар тамоми Шарқ бузургиву шуҳрати Рӯдакиву Фирдавсиро, ки ашъори ҷаҳонгири худро бо форсӣ (яъне тоҷикӣ) эъҷод намудаанд, эътироф намудааст. Вале аз ибораи «тоҷик» батамом масофа ҷуста, Рӯдакиро чун зодаи «Панҷрӯди Тоҷикистон» нишон дода, бо қатъиян танҳо «шоири форс» ном бурдааст. Аз рӯи тафаккури ғайримантиқии ин муаррихи сабукназар омӯзиши таърихи Сомониён гӯё танҳо барои дарки воқеъбинонаи «гузаштаи бузурги халқи ӯзбек» зарур будааст.

Доир ба иртиботи давлати Сомониён ба тоҷикон Г.Ҳидоятов бо ҳарзаи заҳромез чунин хулосабардорӣ намудааст: «Ҳоло яқинан маълум аст, ки тоҷикон наметавонанд ба мақоми ташкилкунандаи давлати Сомониён даъво дошта бошанд, чунки дар он замон онҳо дар саҳнаи таърих набуданд. Барои мавҷудияти онҳо дар он давра ҳатто фарзияе

[1] Хидоятов Г.А. Крушение Саманидов. – Москва-Ташкент, 2004 (152 с.) С. 30.

вуҷуд надорад»[1]. Ин хаёлпарастии пурмуҳобот ба сифати «кашфиёт»-и илмие пешниҳод шудааст, ки ба он на ҳар одами солимфикр қодир буда метавонад. Дар ҳолате ки маъруфтарин шарқшиносони дунё, мардуми азалӣ ва ориёитабор шинохтани тоҷиконро дар паҳнои Осиёи Марказӣ кайҳо чун ҳақиқати бебаҳс пазируфтаанд, чунин ҳарзагӯиро ба сифати «ақидаи илмӣ» пешниҳод намудан, билкул нишондиҳандаи амиқи заифии тафаккури ақлониву илмии ин муаллиф аст.

«Кашфиёти» таърихии ин хаёлпараст доир ба давлати пуриқтидори Сомониён, ки тавсифи он бо далелҳои дар боло бо такя ба маълумоти муаррихони он замон ва баъдина, ҳамчунин хулосаҳои муҳаққиқони эътирофи сатҳи ҷаҳонӣ дошта баён шуд, хеле содаву хандаовар ба назар мерасад. Ӯ ҳатто одитарин қоидаи иқтибосовариро, ки ба донишҷӯи соли аввал маълум аст, риоя накарда, хулосаҳои олимонро бо услуби барояш мувофиқ «шарҳ» медиҳад. Барои ин кӯшиш намудааст, ки бо иқтибосҳои дурӯғин, дониши ноқиси худро ба хонананда бор кунад. Барои мисол, яке аз иқтибосҳои ӯро бидуни тарҷума меоварем: «В. Бартольд подчеркивает, что все это было следствием слабости власти саманидов. «По историческим известиям», – пишет В.Бартольд, следует признать, что среди представителей династии саманидов «не было ни одного», в котором были бы выдающиеся признаки физических или духовных дарований. За исключением Исмаила, все были капризны, легкомысленны, недалекие умственно и большей частью больные чахоткой или туберкулезом». Баъдан аз худ изофа мекунад: «Это был слабый, вырождающийся род, который заботился не столько о созидании экономики, политики или культуры, сколько о собственном выживании»[2].

Иқтибос дар тарҷумаи тоҷикӣ чунин аст: «В. Бартолд қайд

---

[1] Хидоятов Г.А. Крушение Саманидов. С. 149.

[2] Хидоятов Г.А. Крушение Саманидов. – Москва-Ташкент, 2004. С.134-135.

намудааст, ки ҳамаи инҳо натиҷаи заиф будани ҳокимияти Сомониён мебошад. «Аз рӯи ахбороти таърихӣ», – менависад В.Бартолд, – бояд эътироф кунем, ки дар байни намояндагони сулолаи Сомониён «ягон касе набуд», ки дар симои ӯ нишонаи маҳорати ҷисмонӣ ва маънавӣ ҷой дошта бошад. Бидуни Исмоил, дигар ҳама инҷиқу сабукандеша ва қисмати зиёди онҳо бемору заиф ва силкасал буданд». Сипас аз худ боз илова намудаст: «Ин насли заиф ва ноҷинсе буд, ки на дар бораи бунёди иқтисодӣ, сиёсӣ ё фарҳангӣ, балки бештар барои зинда мондани худ кӯшиш мекард»[1].

Акнун ба гуфтаҳои В. Бартолд рӯ меорем, ки бо такя ба маълумоти Ибни Асир ва Гардезӣ қайд кардааст: «...ко времени смерти Насра уже не осталось никого из его главных сподвижников; «они постоянно интриговали друг против друга; некоторые из них погибли (т.е. были казнены), другие умерли (естественной смертью)». Едва ли слабый государь, погибший от чахотки в возрасте моложе сорока лет, мог оказать существенное влияние на ход государственных дел; хорошие стороны его царствования, вероятно должны быть объяснены достойнствами его везиров, Абу Абдаллаха Джейхани и Абу-л-Фазла Бал’ами»[2].

Тарҷумаи тоҷикии ин иқтибос чунин аст: «...то ба замони даргузашти Наср аз ҳамсафони асосии ӯ касе намонда буд; «онҳо доимо ба дасисабозии зидди ҳамдигар банд буданд; баъзе аз онҳо мурданд (ба қатл расонда шуданд), дигаронашон вафот карданд (бо марги табиӣ)». Ба гумон аст, ки подшоҳи заиф, ки аз бемории сил дар синни аз чил хурд даргузаштааст, дар корҳои давлатӣ таъсири ҷиддӣ дошта бошад; эҳтимолан тарафҳои хуби подшоҳии ӯро бояд аз рӯи шаъну эътибори вазиронаш, Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ ва Абулфазли Балъамӣ таъбир кард».

---

[1] Хидоятов Г.А. Крушение Саманидов. – Москва-Ташкент, 2004. С.134-135.

[2] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения. – Т. I. – М.: ИВЛ, 1963. С. 305.

Чи тавре ба назар мерасад, иқтибоси овардаи Ҳидоятов комилан ба асл баробар нест. Нахуст ин ки В. Бартолд «пурра заиф будану аз бемории мурдан»-и намояндагони сулолаи Сомониёнро нагуфтааст. Аз мазмуни гуфтаҳои ӯ чунин бармеояд: а) аз сабаби низову кашмакашиҳои дарборӣ намонданӣ меросбари ба тахти шоҳӣ муносиб; б) ба синни чил нарасида, аз бемории сил дагузаштани Наср (яъне фақат Наср ва дар бораи ба ин касал гирифтор будани дигарон ишорае нест); б) баланд будани нуфузу эътибори вазирони номбурда дар идораи марказии давлат.

Дар воқеъ, шарқшиноси бузург В.В.Бартолд ин хулосаро соли 1900 ба сифати рисолаи магистрӣ пешниҳод карда буд, ки бо қарори Шӯрои илмии факултети забонҳои шарқи Донишгоҳи Санкт-Петербур ба ин муҳаққиқи 31-сола дараҷаи доктори илм дода шуд. Ба илми таърих ӯ чун туркшинос ворид гардида, он замон ҳанӯз ба омӯзиши таърихи давлати Сомониён таваҷҷуҳи ҷиддӣ накарда буд. Таърихи тоҷикон, хосатан замони Сомониён хеле дертар дар мадди назари ӯ ҷой гирифт. Аз тарафи дигар, худи В.Бартолд каме пештар мавҷудияти ривояти на аз касалии сил, балки барои гаравидан ба мазҳаби мухолиф, ба маҳкама кашидану мисли падараш бо дасти ғуломон кушта шудани Насрро овардааст[1]. Агар ин фарзия дуруст бошад, касе аз соҳибтахтони Сомонӣ мубтало ба бемории сил, ки сабаби маргаш гашта бошад, нашудааст. Ва ё агар ҳатто ин фарзия чун ҳақиқат қабул шавад ҳам, ҳаргиз маънои онро надорад, ки қисмати зиёди амирон «бемору заиф ва силкасал будаанд».

Шарҳи мо оварда, ҳаргиз маънои ботил намудани хулосаи В.Бартолдро надорад. Муаллиф назари худро бо маълумоти дар сарчашмаҳо ҷой дошта, то андозае асоснок кардааст. Вале чи тавре аз муқоисаи назари В. Бартолд бо мазмуни иқтибоси

---

[1] Ниг.: Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. С. 304-395.

«эҷодкарда»-и Ҳидоятов бармеояд, онҳо аз ҷиҳати мазмун пурра хилофи якдигаранд. Гуфтаҳои В.Бартолдро Ҳидоятов бо як ҳисси бадбиниву ғаразноки хеш нисбат ба таърихи тоҷикон, хосатан давлати Сомониён «шарҳ» додааст. Ӯ ҳатто нисбат ба номи давлати Сомониён, ки исми хос буда, бояд бо ҳарфи калон навишта шавад, беэътиноӣ зоҳир намуда, онро бо ҳафи хурд овардааст.

Г.Ҳидоятов агар ба қонунияти раванди таърих андаке шиносоӣ дошта бошад, бояд донад, ки дар давраи асримиёнагӣ ва аз он пеш таърихи кадом халқу давлатеро, ки нагиред, бе хусумату дасисабозии намояндагони сулолаи ҳукмрон нагузаштааст. Ин қонунияти замон буд, ки аз табиати мавҷудияти хоҷагии натуралӣ ва номутамарказии талаботи иқтисодӣ бармеомад.

Оё Ҳидоятов аз муносиботи ҳасанаи доимӣ миёни намояндагони ягон сулолаи ҳукмрон, ҳамдигарфаҳмӣ дар умури идории давлат, дар итоати бечуну чарои соҳибтахт будан, ё мавҷуд набудани ҷудоихоҳии сиёсӣ аз таърихи давлате мисоле оварда метавонад?

Оё ӯ гуфта метавонад, ки дар замони ҳокимияти сулолаҳои турку муғул баъди ғасби Мовароуннаҳр оромии пурраи сиёсӣ дар ин сарзамин вуҷуд дошт?

Ҳар касе, ки каме маълумот аз ҳаводиси таърихӣ дорад, медонад, ки ба намояндагони ҳеҷ сулолае соҳибтахтии абадӣ насиб нашудааст. Вожгунии тахти шоҳону хонҳо ва ҳатто императорон низ амри тасодуф набуда, аз рӯи қонунияту зарурати замон сурат мегирифт. Сомониён низ рисолати таърихии худро сарбаландона иҷро карда, дар таърихи умумибашарӣ ба мақому манзалати ҷаҳоншумул соҳиб гардиданд. Вале бо тақозои таъриху тақдир, ғуломони сархаму дар хизматашон будаи турк, бо роҳи хиёнат ба хоҷагони пешини худ, ба дараҷаи соҳибтахтиву давлатдорӣ расиданд. Аз ин рӯ, дар тамаддуни минтақа ва умумибашарӣ ҷой гирифтани Сомониёнро, ки дар ҷаҳони илми шарқшиносӣ ин ҳақиқат эътироф

шудааст, ҳидоятовҳо бо усулу воситаи иғвоомез наметавонанд рисолати таърихии онҳоро инкор кунанд.

Албатта метавон аз дигар «ақидаҳо»-и беасоси Гога Ҳидоятов доир ба гӯё дар тебеияти пурраи хилофат қарор доштани Сомониён, «сулолаи музофотӣ» будани он, танҳо ба сифати волии Хуросон шинохтан ва ҳатто унвони амирӣ доштанашонро чун «сарлашкар» шарҳ додан, аз сохтори мавзуни маъмурии Сомониён – девонҳо, ки нишондиҳандаи равшани мустақилияти давлатдорӣ ҳисоб меёфт, сарфи назар кардан, қариб батамом аз туркҳо иборат будани аҳолии Мовароуннаҳру Хуросон, ватани азалии туркҳо ҳисоб кардани ин сарзаминҳо ва ғайра мисолу иқтибоси зиёде овард. Вале масоили дар доираи ҳадафи ин рисола қарордошта, ки асосан ба муайян намудани дараҷаи инъикоси воқеияти замони Сомониён дар осори таърихӣ, бо ибораи дигар, таҳлили таърихнигории масъала имконияти ба дарозо бурдани тавзеҳоти асари комилан ғайриилмии Г.Ҳидоятовро намедиҳад.

Вале наметавон аз ақидаи бепояи Ҳидоятов, ки «давлати музофотӣ будану батамом дар итоати халифа қарор доштани давлати Сомониён»-ро сарфи назар намуд. Чи тавре дар боло ишора рафт, ӯ дар бисёр ҳолатҳо кӯтоҳандешӣ ва нақси илмии хешро бо роҳи иқтибосоварӣ (аниқтараш, иқтибоссозӣ) аз В.Бартолд пӯшонданӣ ва хонандаро гумроҳ карданӣ мешавад.

Доир ба мустақилияти давлатдории Сомониён В.Бартолд ба чунин хулоса меояд: «Дар сари давлат, албатта ҳукмрони мутлақ меистад, ки фақат дар итоати худост (муаллиф фаҳмиши давлатдории қадиму асримиёнагиро дар назар дорад – Ҳ.П.). Агар аз диди ҳокимиятдорони Бағдод (халифа – Ҳ.П.) Сомониён фақат амир (волӣ), «мизоҷони ҳокими тамоми аҳли ислом», ки вазифаашон аз ҷамъ овардану интиқоли андоз аз мулкҳои худ иборат бошад ҳам, амалан пурра соҳибдавлатони мустақил буданд... Муаррихони Форс Сомониёнро чун «ҳокимони тамоми муъмину мусулмонон» нишон

додаанд, ки ин ба унвони худи халифаҳо баробар буд»[1]. Чи тавре аз хулосаи В.Бартольд бармеояд ва он бо бисёр далелҳои дар боло ишоранамудаи мо, тақвият ёфтааст, давлати Сомониён пурра мустақил буд. Нишондиҳандаҳои ин мустақилият дар осори муаррихони асримиёнагӣ хеле зиёд ба назар мерасанд. Масалан, ҷуғрофиёшиноси машҳури араб Абулқосим Муҳамади Бағдодӣ, маъруф ба Ибни Ҳавқал (нимаи дувуми асри X) дар китобаш – «Сурату-л-арз» овардааст: «Подшоҳони ин сарзамин [Мовароуннаҳр] ва соири навоҳии Хуросон оли Сомонанд... Дар саросари Машриқ ҳукумати оли Сомон устувортар ва муддаташон бештар ва созу баргашон комилтар ва муназзамтар ва атояшон бештар аз ҷираи сарбозонашон фаровонтар»[2] мебошад. Чунин мисолҳои аз мустақилият ва шукӯҳу шаҳомати давлати Сомониён дараҡдиҳанда, ки дар бобҳои қаблии ин пажӯҳиш борҳо ишора ёфтаанд, ба шарҳи иловагӣ эҳтиёҷ надоранд.

Муҳаққиқи асил бояд донад, ки раванди таҳқиқи таърих, дарёфти ҳақиқат яклаҳзаина набуда, муттасил идома меёбад. Табиист, ки аҳдофи таҳқиқоти дурӯғин ва бепоя дер ё зуд ифшо хоҳад шуд. Г.Ҳидоятов, ки ин роҳи бароти олим мутлақо ношоистаро интихоб намуда, ҳанӯз дар вақти зинда буданаш баҳои мувофиқ ба асари арзиши илмӣ надоштани хеш гирифта буд. Чи тавре дар боло ишора рафт, таҳлили воқеан илмиву побарҷои донишманди тоҷик Ғафор Ашуров, ки ба ҳар як «далел»-и берабту мантиқ дар ин китоби Ҳидоятов ҷавоб гуфтааст,[3] мисоли равшанест аз нопойдории чунин асарҳо.

Ҳамчунин дар ин радиф наметавон аз дигар муаллифи ҳамватани Ҳидоятов бо исми Шамсиддин Камолиддин, ки сафсатагӯиҳои ӯро боз бештар тақвият бахшида, ҷилваи

---

[1] Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения. – Т. I. – М.: ИВЛ, 1963. С. 285.

[2] Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. С.142.

[3] Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов. – Душанбе: Ирфон, 2006. С.142-216.

«илмӣ» доданӣ шуда, ба «таҳлили» насабномаи Сомониён даст задааст, сарфи назар кард. Ӯ барои бо туркҳо решапайвандии Сомониёнро «собит» намудан, ривояту тахминҳои хеле зиёду печидаи дар баъзе сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва осори муаррихони минтақаи Осиёи Миёна ва берун аз онро бо шарҳу тафсири ночаспони барояш дилхоҳ овардааст. Ин муаллифи торикназар бо ин васила кӯшиш ба харҷ додааст, ки муносибати Сосониёну туркҳо, иртиботи Баҳроми Чӯбин бо туркҳо ва аз ҳама барояш муҳим дар ин замина «турнасаб» будани Сомониёнро «кашф» кунад[1].

Пешгузаштагони Баҳроми Чӯбин – ҷадди Сомонхудот аз диди ӯ «ба яке аз қабилаҳои турки Осиёи Миёна муносибати авлодӣ доштаанд... Ин қабила метавонист дар қадим ба доираи иттиҳодияи қабилавии Портҳо (Парфия), сипас дар баробари хиониҳо, кидориҳо, ҳайтолиён ва туркҳо дар хизмати Сосониҳои аввал ва намояндагони нисбатан баъдинаи ин сулола қарор дошта бошад»[2]. Аз рӯи хулосаи ӯ Баҳроми Чӯбин се писар дошт: Навшард, Меҳрон ва Шопур. Бино ба маълумоти дар маъхазҳо омада, Сомонхудот насли чорум ё панҷуми писари калонӣ – Навшард буд[3]. Ин ақидаро «амиқтар» карданӣ шуда, муалиф қайд намудааст, ки «ҷадди Сомонхудот ба издивоҷи Баҳроми Чӯбин бо духтари хоқони турк, ки дар Бухоро қароргоҳ дошт, иртибот дорад»[4].

Ш. Камолиддин «ҳақиқат»-и ба туркон иртибот доштани насабномаи Сомониёнро ҷуста, далелҳоеро мисли «зани Хусрави I Анӯшервон будани шоҳзодахонуми (малика) турк бо номи Кайэн»[5], « аз ҳисоби модарӣ нимтурк будани меросхӯри Анӯшервон дар тахти Сосониён шоҳзода Ҳурмузд»[6], «хоқони

---

[1] Ниг.: Камолиддин Ш. Происхождение Саманидов. – Ташкент: ИФЕАК (Французский институт исследований Центральной Азии), 2008. – 116 с.
[2] Камолиддин Ш. Происхождение Саманидов. С.26.
[3] Камолиддин Ш. Происхождение Саманидов. С.26.
[4] Ҳамон ҷо. С. 35.
[5] Камолиддин Ш. Происхождение Саманидов. С. 12.
[6] Камолиддин Ш. Происхождение Саманидов. С. 13.

турк Тарду тағои шаҳаншоҳи Сосонӣ Ҳурмузди IV будан»[1], «ҷолиб будани алоқамандии авлодии Баҳроми Чӯбин бо хоқони турк, ки дар Бухоро қарор дошт», «дар охири ҳаёт Баҳроми Чӯбин бо ҳоқони турк бо исми Пармуд муносибати хешӣ барқарор намуд»[2] ва ғайра оварда, чунин хулоса мекунад: «Ҳамин тариқ, ба далелҳои дар боло омада такя карда, метавон бо эҳтимолияти асосноку қавӣ қайд кард, ки Баҳроми Чӯбина аз авлоди нуфузманди қадимаи турки аз шохаи кушониён ё массагетҳои аршакиён буда, баромадааст»[3]. Барои тақвияти ин ақидаи худ, муаллиф афзудааст: «Сомонхудот намояндаи насаби эронӣ, ки ба Сосониён мерасид, набуда, мисли пешгузаштаи дури он Баҳроми Чӯбина насаби оғузутуркӣ дошт»[4].

Ин муаллиф мафҳуми ном ва вожаи «баҳром»-у «сомон»-ро ба фаҳмиши туркӣ мансуб դониста, бо ин «пурраву бешак» турк буданашонро исбот карданӣ мешавад.

Аз рӯи фаҳмиши ӯ номи Баҳроми Чӯбин решаи туркӣ дошта, бо тарҷума аз форсии миёна вожаи «Чӯбин» маънои «зоғ»-ро дорад. Барои туркони қадим зоғ ё қалоғ рамзи тулӯи Офтобро дошт. «Аз ин рӯ, номи «Чӯбин»метавонист номи авлодии қабилаи қалоғ (ба туркӣ – қарға) бошад»[5]. Ҳамин тавр, ин насабҷӯ хулоса карда менависад: «Аз далелҳои дар боло оварда барои мо тасавуроте пеш меояд, ки ҷадди Баҳроми Чӯбина ба яке аз насабҳои қабилаҳои турknажоди Осиёи Миёнаи сарманшаи авлодии худро аз парранда – зоғ, бургути обӣ ё турна гирифта мерасад. Ин қабила дар замонҳои қадим шояд ба доираи иттиҳодияи қабилавии парфиягиҳо ворид буда, сипас дар якҷоягӣ бо хиониҳо, кидориҳо, ҳайтолиён ва туркҳо дар хизмати Сосониёни аввал ва намояндагони нисба-

[1] Ҳамон ҷо. С. 17, 21.
[2] Ҳамон ҷо. С.47.
[3] Ҳамон ҷо. С.83-84.
[4] Ҳамон ҷо. С.83-84.
[5] Камолиддин Ш. Происхождение Саманидов. С. 24

тан баъдинаи ин сулола қарор доштанд»[1]. Чунин тафсиру вожасозиҳои муаллиф доир ба «таҳлилу таркиббандӣ»-и ночои мафҳумҳои «сомон» ва «шаман» зоҳир мегардад. Аз рӯи диди беасоси ӯ, гӯё вожаи «сомон» бо «шаман» – равияи динии (шаманизм), барои туркони қадим ва чанде аз халқҳои Уралу Сибири имрӯза роиҷ, ҳамаъно буда, он ҳам нишонаест аз иртиботи насаби Сомониён ба туркон[2].

Ба чунин «мутахассисон» маълум бод, ки вожаҳои «сомон», «саман» ва «шаман» комилан форсӣ-тоҷикӣ буда, аз қадим то кунун дар забони адабии тоҷик бо чунин тобишҳои гуногунмаънигии худ мавриди истифода қарор доранд:

– **«сомон»** – тартибу саранҷом, низом, доройӣ, давлат, ҳад, имконият, қадру дараҷа, маҷозу мадор, қуввату қудрат, тавонойӣ; сомон кардан ба маънои ҳосил кардан, ба даст овардан, фароҳам овардан ва ғайра.

Бо маънии тартибу саранҷоми кор шоире овардааст:

*Раҳе пешам омад, ки поён-ш нест,*
*Фитода ба коре, ки сомон-ш нест.*

Дар корбурди Фирдавсии бузург «сомон» ба маънои;

1) сарҳад, марз андоза омадааст:

*Басеҷид ҳар кас паси нони хеш,*
*Биварзиду бишнохт сомони хеш.*

2) нақша, дастур, ҳадаф:

*Бигаштанд гирди диж андар басе,*
*Надонист сомони ҷангаш касе.*[3]

Дар «Фарҳанги форсӣ»-и Амид бошад «сомон» ба маънии:

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 26.

[2] Доир ба таҳлили ин вожаҳо ниг.: Абдураҳмон М. Давлатдории Сомониён: азамат ва ғуруби он. Таҷрибаи таҳлили сиёсатшиносии этникӣ. – Душанбе: Дониш, 2019. С. 20-23.

[3] Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». Тартибдиҳанда И. Ализода. – Душанбе: Адиб, 1992. С. 340.

1) лавозими зиндагӣ, асбоби хона, афзори кор;

2) назму тартиб додан, оростан, сару сурат додан омадаст[1].

– **«саман»** – дар «Луғат»-и С. Айнӣ ба маънии қимат, арзиши ягон чиз омадааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ»:

1) баҳо нарх, қимат:

*Ҳар он ки кунҷи қаноат ба ганҷи дунё дод,*
*Фурӯхт Юсуфи Мисрӣ ба камтарин самане.*

2) саман ё суман: суман – гулест сафед ва хушбӯй; саманбар ё суманбар – гуландом, зебо, хушрӯй; саманбарг ё суманбарг – ба ранги суман сафедбарг[2];

– **«Шаман»** – ба бофтаи хаёли Ш. Камолиддин, ки онро вожаи турки ҳисоб карда, ба сифати далели насабномаи Сомониёнро ба туркон часпондан овардааст, комилан иртибот надошта, дар забони классикии тоҷикӣ ба маънии бутпараст, обиди санам ё ходими буткада корбаст шудааст[3].

*Бутпарастӣ гирифтаем ҳама,*
*Ин ҷаҳон бутасту мо шаманем.*
Рӯдакӣ

*Агар тоҷи Эрон супорад ба ман,*
*Парастиш кунам чун бутонро шаман.*
Фирдавсӣ

«Далел»-и дигари ноҷову беасоси Ш.Камолиддин дар пайравӣ ба Ҳидоятов ихтироъ намуда, барои насаби Сосониёнро ба туркҳо расондан бар он қарор дорад, ки гӯё Баҳроми Чӯбина ё дигаре аз пешгузаштагони авлодии шоҳаншоҳони сулолаи Сосониён, аз занҳои ба туркҳо иртиботи авлодӣ дошта, зода шудаанд. Вале ҳангоми муқоисаи гуфтаҳои

[1] Ҳасани Амид. Луғати Амид. Ҷилди 2. – Теҳрон, 1363.
[2] Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.. 1969. С. 260.
[3] Ниг.: Абдураҳмон М. Давлатдории Сомониён: азамат ва ғуруби он. С. 22-23.

ин муаллифон бо сарчашмаҳои замони Сомониён ва баъди он, ишораи амиқи ба туркон бевосита иртибот доштани ҷадди Баҳроми Чӯбин ва Сомонхудот ҳеҷ ба назар намерасад.

Дар қатори маъхазҳои асримиёнагӣ ва «хулоса»-ҳои муҳаққиқони аврупоӣ, Ш.Камолиддин гӯё ба ақидаи муаррихи Эрон Иноятуллоҳ Ризо такя карда, таъкид намудааст, ки «насаби Баҳроми Чӯбин турк буда, ӯ аз байни туркҳои оғузии дар хизмати Сосониён қарор дошта баромадааст»[1]. Барои муқоиса лозим меояд, ки гуфтаҳои Иноятулоҳ Ризоро айнан оварем: «Баъзе аз муаррихон, – менависад ин муаллиф, – кӯшидаанд вуҷуди бозмондагони Баҳроми Чӯбинро дар Осиёи Миёна чун бозмондагони қабилаҳои машо ба қабоили турк вонамуд кунанд ва ононро бахше аз «эли» туркон бидонанд. Ин андеша саропо хато ва аз реша нодуруст аст»[2]. Чунин ақида дар асари шарқшиноси даниягӣ Артур Кристинсон (1875-1945) «Эрон дар замони Сосониён» низ омадааст[3]. Аз ин ва боз бисёре аз дигар иқтибосҳои дар навиштаҳои Ш. Камолиддин ҷой дошта, хулосае бармеояд, ки муаллифи номбурда, ғайримасъулона андешаҳои дигар олимонро ба мақсади барояш дилхоҳ тағйиру шарҳ додааст, ки камоли бехирадист.

Ин «ҳақиқатнигорон»-и таърих анъанаи бисёрзанӣ ё дар ихтиёр доштани ҳарамсаройи шоҳонро донанд ҳам, барои «асоснок» кардани ақидаи барғалати худ, ки билкул аз эътироф накардани иртиботи тоҷикон ба давлати доманфароху пурвусъати Сомониён иборат аст, насаби авлодиро ба канизони шоҳон мерасонад. Ин тарзи сулоламуайянкунии бепояи муаррихони номбурда, то кунун дар таърихи қадим ва асримиёнагии ягон давлат ба назар намерасад.

---

[1] Камолиддин Ш. Происхождение Саманидов. Из серий «Рабочие документы ИФЕАК». 31-й выпуск, август 2008. – Ташкент, 2008. С.9-10.

[2] Иноятуллоҳ Ризо. Ирон ва туркон дар рӯзгори Сосониён. – Теҳрон, 1374 (1955). С. 152.

[3] Ниг.: Кристинсон А. Ирон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашид Ёсамӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1372. С.578-579.

Онҳо ба чунин ҳақиқатӣ оддӣ сарфаҳм рафта наметавонанд, ки дар таърихи давлатдорӣ ҳатто аз куҷо пайдо шудани сулола муҳим нест. Муҳим он аст, ки арзи вуҷуди чунин шахсияту сулолаҳо ба таври тасодуф сурат нагирифта, заминаи ба саҳнаи таърих баромадани онҳоро фақат халқи муқимиву тамаддунофари аз анъаноти давлатсозиву давлатдорӣ бархурдор таъмин карда метавонад. Таҷрибаи таърих нишон медиҳад, ки қабилаҳои кӯчӣ фақат дар мавриди барояшон мувофиқ бо роҳи зӯриву истило лаҷоми давлати пурра ташаккулёфтаро гирифта, комилан бо нигаҳдошти анъанаҳои давлатдории сулолаҳои аз байн бурда, усули идории ҳокимияти худро таъмин кардаанд. Раванди давлатдории сулололаҳои кӯчии пасосомонӣ нишондиҳандаи амиқи чунин хақиқати таърих буда метавонад.

Дар хотираи таърих бисёр мисолҳое ҳифз шудаанд, ки ба ташаккул ва рушди империяҳои бузург шахсиятҳои аз ҷиҳати этникӣ ба он бегона асос гузоштаанд, вале нишонаҳои этникии онҳо дар ин раванд нақши марказӣ ва ҳалкунанда дошта наметавонад. Масалан, Искандари Мақдунӣ зодаи Македония, ки чун давлати ғуломдории воҳид дар асрҳои V-II то милод дар қисмати шимоли шарқии нимҷазираи Балкан арзи вуҷуд намудааст, ҳисоб меёбад. Давлати дигар – Юнон дар қисмати ҷанубии ҳамин нимҷазира хеле пештар, ҳанӯз дар миёнаи ҳазорсолаи II пеш аз милод шакл гирифта, чун давлати пешқадами классикии ғуломдорӣ дар асрҳои V-IV қабл аз милод шуҳрат пайдо кард. Вале бо тақозои воқеияти замон Файлақуси (Филипп) II (359-336 пеш аз милод) музофотҳои шимолии Македонияро мутамарказ намуда, сипас тамом Македония ва Юнонро ба тобеияти худ даровард. Писараш Искандар (336-323), ки ташаккули шахсиятиаш дар заминаи арзишхои барои Юнон хос қарор ёфта буд, тавонист империяи пурқуввату пурвусъати Юнонро ташкилу роҳбарӣ намояд. Вале шукӯҳу шаҳомати назаргиру оламшумули Юнонро ба шахсияти этникии барои македониягиҳо хос – Искандар пурра тобеъ кардан хилофи диди илмист. Аз тарафи дигар, ар-

зишҳои таърихии Юнонро ба Македония барои он, ки Искандар зодаи он буд, тобеъ намудан низ комилан норавост. Искандар аз таъсири тамаддунсози Юнони барои замон созгор, ки худ зодаи он буд, берун монда наметавонист.

Аз рӯи маълумоти дар маъхазҳо (аз ҷумла «Повести временных лет») ҷой дошта, ба давлати Руси Киевӣ, ки ба пайдоиши он иттиҳодияи қабилаҳои славянии шарқӣ дар нимаи дувуми асри VIII ибтидои асри IX заминаи мувофиқ гузошта бошад ҳам, вале ташкилёбии он ба фаълияти князҳои норманнии (варягҳо) аз Скандинавия даъватшуда – Рюрик, Трувор ва Синеус рост омад. Дар воқеъ аз рӯи анъанаи ба талаботи қадим ва асримиёнагӣ роиҷ, барои эътирофи тахтнишинон насабномаи мувофиқ доштан зарур буд. Славянҳои шарқӣ низ аз ин талабот берун буда наметавонистанд. Бо назардошти овозаҳое, ки гӯё шаҷараи авлодии Рюрик ба императори шуҳратманди Рим – Август мерасид, ӯро ба сифати князи Киев даъват намуданд. Вале чунин амал ҳаргиз маънои Рюрикро чун василаи комилан ҳалкунанда дар ташкилёбии давлати Руси Киевӣ ҳисоб кардан, асоси илмӣ дошта наметавонад. Чи тавре ишора рафт, омилҳои асосӣ дар заминаи воқеияти замон барои ташкилёбии ин давлат пурра мусоидат мекарданд. «Замини Рус» (аз Киев то Воронеж масоҳат дошт) номи худро аз қабилаи Рос (Рус), ки ба иттифоқи қабилавии Полянҳо шомил буд, гирифтааст.

Санаи ташкилёби давлати феодалии Руси Киевӣ соли 882, вақти бо лашкари аз худи славянҳо ва дружинаи кирояи варягҳо ба Киев ворид гардидани княз Олег муайян шудааст. Дар давраи князигарии дигар намояндагони сулолаи Рюрикҳо: Игор (912-945), Олга (945-964), Святослав (964-972), Владимир (980-1015) тамоми қабилаҳои шарқии славянҳоро муттаҳид намуда, ба калонтарин давлати Аврупоӣ табдил ёфт. Дар ин давра табиист, ки дружинаи варягҳои бо сарсулолаи Рюрикҳо омада, бо славянҳо пурра омезиш ёфтанд. Ягона нишонае, ки боқӣ монд, фақат номи сулолавии Рюрикҳо буд, ки онҳо низ иртиботи этникии худро аз варягҳо пурра аз ёд

бароварда буданд. Рушду дигаргунсозиҳои таърихии Русу Русия оянда то ҳадди ба дараҷаи империя бузурги ҷаҳонӣ расидан, на ба сулола, балки ба заҳмати халқи рус ва дигар халқҳои дар ҳудуди он буда ба даст омадааст. Дар ин раванд табиист, ки ҳифзи ифтихороти сулолавӣ ва пурра ба саромади этникии он тобеъ намудани таърихи давлат аз амали хандаовари таърихӣ беш буда наметавонад.

Ин дар мисоли ба тахти императории Фаронса соҳиб гардидан Наполеон низ равшан ба назар мерасад. Наполеон Бонапарт (1769-1821), шахсияти машҳури таърихӣ, сарлашкар, консули аввалин (1799-1804), императори Фаронса дар шаҳри Аяччои ҷазираи Корсика таваллуд шуд, ки дар итоати Генуя (Италия) буд, соли 1768, як сол пеш аз ба дунё омадани Наполеон ба Фаронса ҳамроҳ гардид. Табиист, ки аз ҳамин сол воридшавии забону фарҳанги фаронсавӣ ба ин ҷазира оғоз ёфт. Ҳарчанд донишу ҷаҳонбинӣ ва маҳорати лашкаркашии Наполеон дар Фаронса ташаккул ёфта бошад ҳам, ӯ аз ҷиҳати пайдоиши этникӣ ба Фаронса бегона буд. Вале он қудрату шаҳомате, ки Фаронса дар замони консулӣ ва императории ӯ соҳиб гардидааст, дастоварди корсикагиҳо ҳисобидан хандаовар аст. Ӯ худ зодаи воқеъияти аз яктараф фоҷиабори инқилобӣ ва таҳаввулоти сиёсиву ҳарбии он замони Фаронса буда, ба шикасти нақшаи ҷаҳонталабиаш нигоҳ накарда, чун шахсияти таърихии ин миллат шинохта мешавад.

Чунин мисолҳо хеле зиёданд. Албатта, метавон барои ботил намудани фаҳмиши ниҳоят сабукфикрона ва ноҷои «ифтихори сулолавии туркӣ»-ро чун василаи инкори мавқеи тамаддунсози таърихии мардуми азалии минтақа – тоҷикон истифода бурдани ҳидоятовҳо, камолиддинҳо ва дигар таърихэҷодкунандагони ба ин равияи бероҳагии онҳо гаравида, аз таърихи умумибашарӣ далелҳои зиёде овард.

Ҳамаи он чи дар ин ҷода дар саҳифаҳои таърихи давлатории дигар халқу миллатҳо ҷой дошта, ба хулосае меоранд, ки на сулолаҳо, балки даҳои созандагии ҳар халқ барои ташкилу ташаккули давлатдорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз

ин рӯ, ҳақиқати бебаҳсеро, ки фақат халқи ориёинажоди азалӣ ва муқимии минтақа – тоҷикон ба давлати Сомониён асос гузошта, пойдори онро таъмин карда метавонист, зери суол гузоштан ва дар ин замина насаби ҷадди асосгузори ин дудмонро ба туркони кӯчӣ часпондан, аз ҳарзагӯиҳо беш буда наметавонад.

Албатта, мо метавонистем ба чунин сохтакориҳои таърихии Ҳидоятову Камолиддин ва онҳое, ки арзишҳои таърихии минтақаро танҳо «моли худ» ҳисоб мекунанд, назари бетафовут дошта бошем, ба ин далел, ки мақому манзалати тамаддунофари тоҷикон ба муҳаққиқони сатҳи ҷаҳонии таърихи қадим ва асримиёнагии Осиёи Марказии мисли оина равшан аст. Он чи роҷеъ ба ин масъала муаррихони муосири тоҷик рӯи чоп овардаанд, фақат тақвиятбахши хулосаи онҳо буда метавонад.

Вале ин ақидаи ботилро ба саҳифаҳои китоби дарсӣ ва васоити таълимии ҷумҳурии барои мо ҳамсояву дӯст кашидани Ш.Камолиддин наметавонад моро бетараф гузорад. Зеро дар «Консепсияҳои муосир дар таърихнигории таърихи Осиёи Марказӣ»[1], ки аз номи Институти давлатии шарқшиносии Тошкент, чун китоби дарсӣ барои донишҷуён ва магистрҳо чун васоити таълимӣ-методӣ барои донишҷӯёни факулаҳои таърихи макотиби олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешниҳод шудааст ва дар китобе зери унвони «Сомониён: аз таърихи давлатдории Ӯзбекистон дар асрҳои IX-X»[2] ин ақидаҳои мутлақо нодуруст ва ғайри илмӣ ба донишҷӯён таҳмил шудааст.

Аз ҷумла, дар китоби аввал давраҳои асосии таърихи

---

[1] Камолиддин Ш.С. Современные концепции в историографии истории Центральной Азии. На правах рукописи. Учебник для магистратуры по специальности 5А120304 – Историография, источниковедение и методы исторического исследования (страны Центральной Азии). – Ташкент, 2018. – 221 с.

[2] Камолиддин Ш.С., Илхамов З.А. Саманиды: из истории государственности Узбекистана в IX-X вв. Учебно-методическое пособие для студентов исторических факультетов высших учебных заведений. – Ташкент, 2019. – 192 с.

давлатдории Ӯзбекистонро то асри XIV ба тариқи зайл муайян намудааст:

1. давраи гузариш ба ташкилоти давлатӣ – миёна ва нимаи дуюми ҳазорсолаи II то милод;

2. давраи ибтидои ташкилёбии давлат – нимаи дуюми ҳазорсолаи I то милод;

3. давраи қадимаи давлатдорӣ – охири асри IV то милод – то асри IV милодӣ;

4. давраи давлатдории ибтидои асримиёнагӣ – асрҳои V – миёнаи VIII;

5. давраи давлатдории замони феодализми мутараққӣ – асрҳои IX – ибтидои XIII[1].

Чи тавре аз ин қисмати аввали ин даврабандӣ ба назар мерасад, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ин ин давраҳои таърихи давлати Ӯзбекистонро муайян намояд. Вале мушахассан ба кадоме аз қабоили турк иртибот доштани давраҳои давлатдорӣ маълум нест. Дар таърих ин давлатдорӣ аз ташкилёбии Ҳоқонати турк дар асри VI мелодӣ оғоз ёфтанаш маълум аст. Аз ин рӯ, метавон дар ин ҷода бо такя ба маълумоти маъхазҳои муътамад чунин даврабандии давлатдории муаллифро ботил намуд.

Ин муаллифи ҳақиқатгурез дар яке аз қисматҳои ин китоб – «Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳолати бехудии хусуматомезашро бо ибораҳои гӯё дар таърихнигори тоҷик роҳ ёфтани «панэронизм», «шовинизми миллӣ», «миллатчигӣ» ва ғайра баён намуда[2], чунин «хулоса»-и иғвогарона бардоштаст: «Вале онҳо (манзур, тоҷикон – Ҳ.П.) ҳеҷ вақт халқи воҳидро ташкил намекарданд ва чун обшинаҳои алоҳида дар шаҳрҳои гуногуни ҳудуди васеи Осиёи Пеш ва Миёна ва Осиёи Марказӣ зиндагӣ мекарданд. Ва албатта онҳо ҳеҷ вақт ҳудуди муайян ва аз он гузашта, давлати худро

---

[1] Камолиддин Ш.С. Современные концепции в историографии истории Центральной Азии. С. 35.

[2] Ниг.: Камолиддин Ш.С. Современные концепции в историографии истории Центральной Азии. – С. 40-44

надоштанд»[1]. Ин аст «кашфиёти таърихӣ»-и ин ба истилоҳ муаррихи ҳақиқатгурез!

Аз ин рӯ, бо далелҳои нав он ҳақиқати равшанро ба такрор овардани шарт набошад ҳам, «ғолибият»-и худро дар ин баҳси воқеан кайҳо ҳалли худро ёфта эълон кардани Ш.Камолиддин, моро барои ба сари ин масъала баргаштану ба овардани далелҳои дар боло зикрашон рафта, водор сохт.

Барои дурусттар шинос кардани хонанда ба «бонги ғолибият» – и ин «донишманд»-и аз одоби баҳси илмӣ ниҳоят дур, лозим меояд, ки гуфтаҳои ба тариқи эзоҳ дар поварақ навиштаашро айнан ба забони барои фаҳмиши ӯ созгор – русӣ, оварем: «Всего мной опубликовано более 30 статей и 3 книги по истории Саманидов, большая часть которых, написана на понятном таджикским ученым русском языке. А молчание – знак согласия или бессилия. Можно подумать, что они игнорируют меня и мою работу. Но я считаю, что если бы у таджикских ученых было чем возразить моим заключениям и выводам, они бы давно, так же, как и раньше в подобных случаях, подняли международный скандал. Раз они не сделали этого, значит им нечего сказать. Молчат и их иранские коллеги. Хотя из опубликованных мной статей о Саманидах несколько написаны на английском языке, а моя главная монография о Саманидах также переведена на английский язык и издана в Германии. Кроме того, я прочел 3 лекции о Саманидах – в Мичиганском университете (США), Лейденском университете (Голландия) и Калифорнийском университете UC Davis (США)».[2]

«Ҳамагӣ, – менависад ин «эҷодгари таърих», – ман беш аз 30 мақола ва 3 китоб доир ба таърихи Сомониён ба чоп расондаам, ки қисми зиёди онҳо ба забони барои олимони тоҷик фаҳмои русӣ навишта шудааст. Вале хомӯшӣ нишонаи тасдиқ

[1] Ҳамон ҷо. – С. 43-44.
[2] Камолиддин С. Ш. Современные концепции в историографии истории Центральной Азии. – Ташкент, 2018. – С.102.

ва ё заифист. Мумкин фикр кард, ки онҳо ман ва корҳоямро эътироф намекунанд. Вале ман ҳисоб мекунам, ки агар олимони тоҷик далели натиҷа ва хулосаҳои маро рад кардан медоштанд, кайҳо мисли пештар, дар чунин ҳолатҳо, дар доираи байналмилалӣ ҷанҷол мебардоштанд. Модоме ин корро накарданд, пас маълум мешавад, ки чизи мегуфтанӣ надоранд. Ҳампешагони онҳо эрониён низ хомӯшанд. Ҳол он ки чанде аз мақолаҳои ман ба чоп расонда доир ба Сомониён ба забони англисӣ навишта шудаанд ва рисолаи асосии ман дар бораи Сомониён ба забони англисӣ тарҷума шуда, дар Олмон (Германия) ба чоп расидааст. Ба ғайр аз ин, ман се лексия доир ба Сомониён – дар Донишгоҳҳои Мичиган (ИМА), Лейден (Ҳолландия) ва Калифорния UC Davis (ИМА) хондаам».

Ин гуфтаҳои «мутахассиси ҳамадон», ба тафсири мантиқӣ эҳтиёҷ надошта, пурра аз сабукфикрии муаллиф гувоҳӣ медиҳанд. Ӯ ҳатто ба ҳадди эҳсоси он ҳақиқати аз тарафи олимони сатҳи ҷаҳонӣ доир ба халқи азалии Осиёи Марказӣ будани тоҷикон ва маърифати тамаддунӣ ва давлатдориву давлатсозии онҳоро борҳо собит сохтаанд, нарасида, даъвои таърикушоӣ менамояд. Ин ҷо ман-мании пуч то ҷое дидгоҳи илмии ӯро тира сохтааст, ки мақоми таърихии давлати бузургу соҳибтамаддуни бо таъриху фарҳанги тоҷикон ҳамбастагии ногусастанӣ доштаи Эронро низ зери пардаи ноаёнӣ партофтанист. Аз рӯи хулосаи ноқиси ӯ гӯё олимони Эрон ин таърихкушоии ӯро эътироф кардаанду барояш ҷавоби рад дода наметавонанд. Аз ин гуфтаҳои ӯ як иборааш – «Они игнорируют меня и мою работу» ( «онҳо ман ва корҳоямро эътироф намекунанд») ба ҳақиқат наздиктар аст. Дар воқеъ, сафедро сиёҳ гуфтан нишондиҳандаи нақси саломатии ӯст ва табиист, ки касе ба гуфтаҳояш аҳамият намедиҳад.

Китоби дигари Ш. Камолиддин «Сомониён: аз таърихи давлатдории Ӯзбекистон дар асрҳои IX-X», ки дар шарикмуаллифӣ бо З.А. Илҳомов ба сифати васоити таълимӣ пешниҳод шудааст, агар аз баъзе иловаҳо сарфи назар намоем, дар маҷмӯъ муҳтавои мантиқии он дар доираи афсона-

бофиҳои қаблии муаллиф қарор дорад. Китоб аз се қисм иборат буда, қисмати аввали он «Сомонхудот» ба шаҷараи Сомонхудот ва иртиботи авлодии он ба туркон бахшида шудааст. Дар он иқтибосу далелҳои зиёде бо тафсири дилхоҳи муаллифон, ки аз «тасдиқи» бепояи ҳадафи ягонаи онҳо – собит намудани омезиши насаби Сомониён бо хуни туркӣ иборат аст, оварда мешавад. Қисми дуюми китоб – «Сомониён», идомаи бофтаҳои хаёли муаллифон доир ба муносибати Сомониёну туркони оғузӣ, ҳаракати шуубия, ҷангҳои «муқаддас»-и Сомониён ба муқобили туркҳо, ва мавқеи мазҳабии шиа дар давлати Сомониёнро дар бар мегирад.

Дар қисми сеюми ин воситаи таълимӣ – «Тартиби идории Сомониён», масъалаҳои сохтори маъмурӣ, мақоми туркҳо дар доираи маъмурӣ, ва ғайра дар маркази таҳлили боғарази муаллифон гузошта шудааст. Дар зербоби «Вазъи ҳуқуқии Сомониён» мустақилияти давлатро пурра инкор карда, комилан дар тобеияти хилофат қарор додштани онро исбот карданӣ шуда, аз ҷумла қайд мекунад: «Аз нуқтаи назари қонунгузорӣ, аз диди мо, низоми идоракунии Сомониёнро мисли ҳукмронии онҳо набояд чун давлати соҳибистиқлол ҳисоб кард... Агар ба ин масъала аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ нигарем, ягон давлати мустақил дар он замон, аниқтар дар асрҳои IX-X дар Осиёи Миёна вуҷуд надошт»[1].

Азбаски доир ба мустақилияти комили давлати Сомониён дар боло далелҳои ниҳоят зиёди раднопазир оварда шудааст, бори дигар ба ин бофтаҳои хаёлии муаллифон ҷавоб гуфтан, дар гӯши кар азон хонданро мемонад. Ба шахсоне, ки аз ҳазорон маълумоти маъхазӣ ва назари муҳақиқони асил хулоса бардошта натавонистаанд ё аниқтараш нахостаанд, фаҳмондани ҳақиқати ба мағзу даркашон таъсиркунанда ниҳоят мушкилу норавост.

[1] Камолиддин Ш.С., Илхамов З.А. Саманиды: из истории государственности Узбекистана в IX-X вв. Учебно-методическое пособие для студентов исторических факультетов высших учебных заведений. – Ташкент, 2019. С. 139.

Хулоса, ба насаби Сомониён аз кадом самте нанигарем, пурра решаҳои ориёи-тоҷикӣ дошт. Инро диди хусусияти антропологие (қиёфаи тоҷикӣ доштани Баҳроми Чӯбина), ки дар манбаҳои таърихии зикр гардида, бараъло нишон дода шудааст, тасдиқ менамоянд. Агар ҳатто даҳҳо ҳидоятовҳо ва камолиддинҳо аз тарафи модар робитаи туркии ин дудмонро бо «ҳазор далел» исбот карданӣ шаванд ҳам, ҳақиқати бебаҳсро тағйир дода наметавонанд.

Чунин ҳақиқат доир ба ҷойгоҳи мардуми азалии минтақа – тоҷикон дар таърихи Осиёи Марказӣ, мустақилияти комили давлати Сомониён, рисолати тамаддунофарии он дар таърихнигории сатҳи ҷаҳонӣ абадӣ пойдории худро нигоҳ хоҳад дошт.

Чи тавре дар боло ишора рафт, дар ҳама ҳолат даҳои ба халқи тамаддунофар хос пояи боэътимоди давлатсозиву давлатдорӣ буда метавонад. Дар ин ҷода бурди тоҷикон боз дар он зоҳир мегардад, ки давлати Сомониён ҳам аз рӯи насаби сулолавӣ ва ҳам аз рӯи истеъдоди давлатдорӣ комилан зодаи ин халқи тамаддунофар буд. Ин ҳақиқати бебаҳс дар илми шарқшиносии ҷаҳонӣ пурра тасдиқ гардидааст.

Анъанаҳои давлатдории тоҷикон то дараҷае мустаҳкаму побарҷо будаанд, ки ҳатто баъди аз тарафи кӯчиён истило намудани давлат, ғосибон ба сохтору санъати анъанавии идоракунии Сомониён такя карда, лаҷоми идории сиёсиро ба даст гирифтанд. Инро дар таърихи давлатдории силсиласулолаҳои кӯчии баъди Сомониён дар минтақа ба сари қудрати сиёсӣ омада, возеҳан сабт карданд.

Ба ҳамаи хусумату ғарази таърихнависони дар боло ишораёфта, нигоҳ накарда, риояи усули ҳақиқатнигории таърихӣ моро водор месозад, ки мақому манзалати гузаштаи дуру наздики тоҷиконро барои паст задан ё нодида гирифтани арзишҳои таърихии халқҳои ҳамсоядавлатҳо мавриди омӯзиш қарор надиҳем. Дар таърихи Осиёи Маркази бояд ба ҷойгоҳи ҳар халқ новобаста ба давраҳои муҳоҷирату сукунати онҳо дар ин сарзамин баҳои воқеъбинона дод. Зинаҳои ташаккули

халқияту давлатдорӣ, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ пешу баъд сурат гирифта, набояд чун нишондиҳандаи арзиши тарихӣ ва василаи ғурури миллӣ қарор ёбанд. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки тамоми арзишҳои гузаштаро бояд баробар тақсим кард.

Илми таърих ниҳоят пеш рафтааст, ҳоло воқеияти давраҳо аз замонҳои қадимтарин то ба имрӯз дар асоси бозёфтҳои бостоншинсӣ ва маъхазҳои хаттӣ омӯхта, аз мадди таҳлил гузаштаанд. Дар ин замина зинаҳои муҳоҷират ва ба макони зисти доимии пешгузаштагони халқҳои дар ин паҳнои Осиёи Марказӣ сукунат намуда маълум шудааст. Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки тоҷикон сокинони қадимтарин ва муқимии ин кишвар буда, дар ҳама зинаҳои таърихӣ вобаста ба талаботи воқеияти замон шуғли зироаткориву чорводорӣ, ҳунармандиву фарҳангии худро нигоҳ медоштанд ва қабилаҳои бо тақозои замон ба ин сарзамин воридгардида ин анъанаҳоро қабул мекарданд. Инкори чунин воқеияти замонҳои қадиму асримиёнагӣ хилофи хақиқати таърихист.

Ҳамчунин набояд ба раванди ҳанӯз пештар оғозёфта ва баъди ташкилёбии Хоқонати турк (асри VI мелодӣ) суръат гирифтаи воридшавии қабилаҳои гуногуни туркнажод ва ба қисми таркибии аҳолии ин кишвар табдил ёфтани онҳо муносибати хусуматомез намуда, онҳоро барои минтақа бегона хонд. Албатта кам набуданд муқобилияту задухӯрдҳои байни қабилавиву мазҳабӣ, талошҳо барои соҳибтахтӣ ва ғайра. Вале дар ҳама ҳолат якҷоя амал кардан ба муқобили аҷнабиён дар мисоли мубориза алайҳи истилои арабҳо, муғулҳо ва дигар ғосибони ба минтақа ҳуҷумоварда, бархурдорӣ аз анъаноти рӯзғору хоҷагидориву ҳунармандӣ, пешбурди фарҳанги шаҳрсозиву шаҳрдории барои аҳолии муқимӣ хос ва ғайра ба назар мерасид. Ҳамаи ин аз рӯи талаботи барои ҳар замон мувофиқу созгор сурат гирифта ва ба амри таъриху тақдир ин паҳно макони ватандории хамаи мо халқу миллатҳои имрӯза гардидааст.

Акнун ҳамзистиву осоиштагӣ ва дар маҷмӯъ рушди ояндаи иқтисодиву фарҳангии ҷумҳуриҳоямонро таъмин намудан, аз бисёр ҷиҳат ба эҳтирому арҷгузории воқеъбинонаи мақому манзалати таърихии ҳар халқи ин пахно, ки ба дараҷаи миллати соҳибдавлат расидаанд, вобастагии амиқ дорад. Ин эҳтироми бародаронае, ки аз рӯи усули интернатсионалистии дар замони Шӯравӣ ба роҳ монда шуда буд, бо афтидани он аз байн рафт. Бо истифода аз имконияти пешбурди бемамонияти таҳқиқоти таърихӣ дар қатори олимони воқеан масъулиятшинос аз ҷумҳуриҳои бародар, бо ном «муаррихон»-е ба саҳнаи ин илм ворид гардидаанд, ки бештар майл ба таҷовузи таърихӣ намуда, воқеияти раванди онро фақат дар доираи танги миллатгароӣ дидан мехоҳанд. Мисоли равшани он дар навиштаҳои Ҳидоятов, Камолиддин ва дигар пайравони онҳо бараъло ба назар мерасад.

Бояд таъкид намуд, ки на аз рӯи набудани далели «кашфиётҳои таърихӣ»-и Ҳидоятову Камолиддинҳоро радкунанда ё қудрати таҳлилӣ надоштани муҳаққиқони тоҷик, ки бояд ба ҳар як сади ноҷои ин муаррихони табдошта ҷавоби доманадор нависанд, балки хиради дар ниҳоди олимони тоҷик буда намегузорад, ки ба ҳар навиштаи ғайриусулӣ ва ғайриилмии онҳо аҳамият дода, ба бозгӯии ҳақиқати дар илм кайҳо тасдиқшуда, пардозанд. Аслан нодидагирифтани ҳарзагӯиҳои зикршуда аз ҷониби олимони тоҷик ду сабаб дорад:

1) Мақоми тоҷикон дар таърихнигории сатҳи ҷаҳонӣ таҳлили худро ёфта ва ба бознигарии чунин «донишмандон» эҳтиёҷ надорад. Он чи ин таърихсозони ҳақиқатношинос ба сифати «далел» оварда, бо хулосаҳои комилан беасосу дурӯғин мехоҳанд худро чун олим муаррифӣ намуда, дар доираҳои илмӣ нуфуз пайдо кунанд, дар таърихнигорӣ чизи нав нест. Онро пайравони ақоиди пантуркизм дар охири асри XIX ибтидои асри XX ба сифати парчами ғоявию сиёсии худ ҷилва дода буданд. Вале садди қавиеро, ки ховаршиносии ҷаҳонӣ дар омӯзиши ғайриилмии таъриху фарҳанги тоҷикон гузошта буданд, рахна карда натавонистанд. Кашфиётҳои бостонши-

носон, дастоварди манбаъҳои хаттӣ, дар замони Шӯравӣ халли ин масъаларо ба ҳадди эътирофи пурраи сатҳи байналмилалӣ расонда, бо ин баъзе тахминҳои дар ин ҷода ҷой доштаро аз байн бардоштанд. Дар маркази таваҷҷуҳи расмии давлат қарор ёфтани таҳқиқи таъриху фарҳанги замони Сомониён ва гузашта аз он, кашфиёти Саразм, ки аз 5 500 сол қабл оғоз ёфтани шаҳрсозиву давлатдории тоҷиконро дар сатҳи байналмилалӣ тасдиқ намудааст, зарурати ба ҳар гузориши ноҷову хусуматомези олимтарошон ҷавоб додану ҳақиқати бебаҳси таърихиро батакрор гуфтан, намемонад.

2) **Таҳаммулу хиради тоҷикона**. Ҳидоятовҳо ва Камолиддинҳо аз чӣ бошад, ки мехоҳанд ба решаи дӯстии ду халқи бо тақозои тақдир дар маҷрои таърих бо ҳам наздику ҳамсоя гардида – тоҷикону ӯзбекон теша зананд. Гарчанде решаҳои дури ирқиву этникии онҳо дар қадим аз ҳамдигар ҷудо бошанд ҳам, минбаъд қабилаҳои туркнажоди бештар ба ҳаёти муқимӣ майл намуда, дар асри XV бо этноними муайянкунандаи ин халқияти пурра ташаккулёфта – ӯзбекон бо тоҷикон чунон омезишу пайвандие пайдо карданд, ки ба истисноии тоҷикони мавзеъҳои кӯҳӣ, аз ҳар ҷиҳат дар байни онҳо садди бегонагӣ гузоштан ниҳоят мушкил аст. Ҳатто дар сурати аз ташхиси ҷиддӣ гузаштан, дар қалби Ҳидоятову Камолиддинҳо шарён доштани хуни тоҷикиро муайян намудан аз эҳтимол дур нест. Гарчанде кашмакашиҳои дарборӣ, ҷангҳои байни хонҳо, низоъҳои қавмиву авлодӣ, қабилавиву мазҳабӣ дар хониҳои Осиёи Миёна муттасил идома дошт, вале мисолеро, ки дар байни аҳли заҳмати тоҷику ӯзбек хусумату хунрезӣ шуда бошад, пайдо кардан ниҳоят мушкил аст.

Ҳамин омезиши анъаноти фарҳангии байни тоҷикон бо ӯзбек, ки дар як фазои ҷуғрофӣ қаробати фарҳангиву ҳатто қисмате аз онҳо то андозае омезиши этникӣ пайдо кардаанд, моро аз истифодаи усули таърихмуайянкунии ба равияи пантуркизм хос нигоҳ медорад.

Чунин муҳаққиқони сиёсатзада, ки аз ҳисоби баъзе ташкилотҳои дасисабози хориҷӣ гадопулӣ, бо иборан «грант»

гирифта[1], таърихи барои онҳо дилхоҳ эҷод мекунанд, бояд донанд, ки муҳаққиқони тангназару иғвогар меоянду мераванд, вале халқҳои тоҷику ӯзбек буданду абадӣ мемонанд, дӯсти онҳо, ки аз имтиҳони таърих гузашта, ҳамеша дар ҳамбастагии иқтисодиву фарҳангӣ ва анъаноти барои ин ду халқ хос ҷараён гирифтаааст, доимо пойдор мемонад. Ин аз бисёр ҷиҳат ба таҳқиқи воқеъбинонаву беғаразона, аниқтараш самимонаи таърихи ин ду халқи бародар вобастагии қавӣ дорад.

Ба ин гуфтаҳо аз диди мо боз як ҳақиқати ҳаётро илова кардан лозим меояд. Роҳи ниҳоят тӯлонӣ ва фоҷиабори таърихӣ, бо кадом усулу воситае набошад, қабилаву халқиятҳои гуногунро дар ин паҳнои Осиёи Марказӣ ва аз ҷиҳати ҷуғрофӣ боз маҳдудтар – Осиёи Миёна бо ҳам овард. Пешгузаштагон ҳар кадоме ба ин ё он дараҷа шаҳди соҳибдавлатӣ ва заҳри бедавлатиро чашидаанд. Аз рӯи воқеияту зарурати замони Шӯравӣ, бо тақозои тақдир ҳар кадоме, ки дар гузашта давлатдориаш дар ҳадди иттиҳодияи қабилаҳо қарор дошт, соҳибдавлат гардиданд. Соҳибдавлатони собиқ, хосатан тоҷикон ба эҳёи нави давлатдорӣ расиданд, хулоса бо шарофати инқилоби Октябрь ва тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар паҳнои собиқ дар итоати мустамликавии Русия подшоҳӣ қарордошта, гарчанде дар доираи як иттиҳодияи бузург – ИҶШС бошад ҳам, ҷумҳуриҳои нав, ки ба нишондиҳандаҳои давлатдорӣ соҳиб гардиданд, ташкил ёфтанд. Албатта, беадолативу қубҳи ин тақсимот вуҷуд дошт ва онро наметавон инкор кард. Ҳамчунин наметавон ин падидаи тақдирсози барои халқҳои соҳиби ҷумҳурӣ шударо нодида гирифт. Маҳз ҳамин соҳибдавлатии кунунӣ барои ташаккули миллии халқҳои минтақа асоси боэътимод гузошт. Гузашта аз он ба мустақилияти комили давлатдорӣ расидан низ маҳз дар заминаи

[1] Худи Камолиддин сафарҳои хизмативу илмиашро аз ҳисоби фонди Институти Франсавӣ оид ба омӯзиши Осиёи Марказӣ – ИФЕАК ба ҷоавада, навиштаҳояшро низ аз ҳамин ҳисоб ба чоп мерасонад.

собиқ ҷумҳуриҳои дар ҳайати ИҶШС қарордошта, имконпазир гардид.

Табиист, ки ҳар ҷумҳурии минтақа танҳо давлати як халқи ба вожаи этнонимии он номгузоришуда набуда, новобаста аз миллату халқият, ватани тамоми онҳоест, ки дар он авлодан зиндагӣ доранд, ҳисоб мешавад. Забони тоҷикони Тоҷикистон барои бегона хондани бародарони ӯзбеки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагии муқимӣ дошта намегардад. Дӯстӣ, ёриву бародарӣ решаҳои хешиву таборӣ байни ин ду халқ то дараҷае ба ҳам печидаанд, ки фаҳмиши бегонагӣ дар шуури касе ҷой дошта наметавонад. Ин бурди таърихӣ бояд ҳамеша мустаҳкаму пойдор бошад. Ба он нигоҳ накарда, ки дар солҳои аввали Ҳакимияти Шӯравӣ таъсири пантуркизм ин муносибатро дар Ӯзбекистон халалдор карда, баъзе аз таърихэҷодкунандагони навбаромад онро дар заминаи ғарази ба миллатгароён хос то имрӯз нигоҳ доштанианд, бояд донанд, ки муносибати бародаронаи асрҳо идомаёфтаи тоҷикону ӯзбеконро халалдор карда наметавонанд. Маҳз дар ҳамин замина бояд дӯстии байни ду давлати минтақа – Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳамеша пойдору ба нафъи халқҳои харду кишвар хизмат намояд.

Маҳз бо назардошти ҳамин воқеияту зарурати замон сарварони олии ҳарду кишвар, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷуҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиев садди дилхунукии дар ду даҳсола байни ин ду халқи бародар вуҷуд доштаро шикаста, дӯстиву самимияти деринтизори тоҷику ӯзбекро дар заминаи барои ҳарду давлати соҳибистиқлол созгор ба роҳ монданд.

Дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиев 17-18 августи соли 2018 баргузор гардида буд, ҳангоми суханронӣ дар барномаи ҳунарии «Шоми дӯстӣ» 17 август Сарвари Тоҷикистон бо самимияти хоса аз дӯстии таърихии ин

ду халқи бародар ёдовар шуда, аз ҷумла қайд карданд: «Ҳамсоя будани тоҷикон ва ӯзбекҳо, дар як муҳити ҷуғрофӣ зиндагӣ кардан ва аз як сарчашма об нӯшидани онҳо ҳукми тақдир мебошад.

Эҳсоси олии дӯстӣ, бародарӣ ва дастгири якдигар асосҳои таърихии муносибатҳои байни халқҳои мост, ки тӯли асрҳо аз насл ба насл интиқол ёфтаанд.

Яъне, халқҳои мо садсолаҳои зиёд бо фарҳанги куҳану ҳаммонанд ва одобу русуми яксон дар фазои сулҳу дӯстӣ ва самимияту бародарӣ паҳлуи ҳам зиндагӣ кардаанд.

Тоҷикону ӯзбекҳо ду халқе ҳастанд ки тамоми арзишҳои ахлоқӣ, одобу рафтор ва ҷашну маросими онҳо ба ҳамдигар хеле монанд ҳастанд.

Гузашта аз ин, дар кишварҳои мо ҳазорон оилаҳое зиндагӣ мекунанд, ки гувоҳи пайвандҳои хешутабории тоҷику ӯзбек мебошанд.

Ниёкони шарафманди мо дар давоми садсолаҳо мероси беҳамтои фарҳангиву илмиеро ба вуҷуд оварда, ба мо вогузор намудаанд.

Ин мероси ниёкони мо сармояи бузурги маънавие буда, ки ба мо имконият фароҳам меорад, имрӯз ва оянда низ дар фазои дӯстиву бародарии самимона кору зиндагӣ кунем...

Дар чунин шароит мо бояд ба хотири рушду таҳкими арзишҳои созандаи муносибатҳои неки ҳамсоягиамон дучанд саъю талош намоем»[1].

Ин эҳтироми тарафайну арҷгузори ба таърихи тӯлонии ҳамсоядориву дӯстии байни тоҷикону ӯзбекҳоро Президент Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёв дар сафари расмии худ ба Тоҷикистон, ки рӯзҳои 9-10 марти соли 2018 баргузор гардида буд, борҳо батакрор қайд намудааст. Меҳмони олиқадр ҳанго ширкат дар консерти муштарак «Шоми дӯстӣ», ки бегоҳии рӯзи 9 март дар Кохи Наврӯз баргузор гардида

[1] Раҳмон Э. Аз як сарчашма об нӯшидани тоҷикону ӯзбекҳо ҳукми тақдир мебошад // Садои мардум. 21 августи соли 2018. – № 102 (3896). С. 2.

буд, суханронӣ намуда, бо самимияти хосса аз дӯстии дар тӯли қарнҳо ба ҳукми анъанаи зиндагӣ гузаштаи ин ду халқ ёдовар шудааст. Аз ҷумла ба ҳозирин муроҷиат карда мегӯяд: «Дустони азиз, дар кучои дунё метавон чунин наздикӣ, чунин қаробати фарҳангӣ, таомул ва анъанаи ду халкро, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамқисмат будаанд, пайдо кард. Табиист, ки ҳамаи ин ба мо масъулияти ҷиддӣ мегузорад. Мо бояд дар ин роҳ кӯпрукҳои пайвандкунандаи нав бисозем ва роҳи васеи бе монеа барои фарзандон ва наберагонамон барқарор намоем».

Чи тавре мебинем, роҳбарони воқеан донишманду дар сатҳи баланди илмӣ таърихогаҳи ин ду ҷумҳурии ҳамсояву дӯст, бо такя ба далелҳои муътамад аз бисёр ҷиҳат таъвам будани анъаноти фарҳангиву зиндагӣ ва рӯзгордории тоҷикону ӯзбекҳоро қайд карда, идома додани ин дастоварди муҳими таърихии бардаронаро дар сатҳи расмӣ тавсия медиҳанд.

Бо итминони комил метавон қайд кард, ки сарварони давлат он чиро гуфтанд, ки дар ниҳоди тамоми тоҷикон ва шакке нест, ки дар қалби бародарони ӯзбек низ ҷой дорад. Албатта метавон барои тасдиқи он далелҳои зиёде овард. Барои намуна ба гуфтаҳои адабиётшиноси маъруфи тоҷик Абдураҳмон Абдуманнонов истинод намудан айни муддаост: «Фикр мекунам, ки – мегӯяд мунаккид, – аз нигоҳи урфу одат, расму оин, тарзи рӯзгордорӣ, риояи арзишҳои хонаводаӣ ва хешиву таборӣ, одобу ахлоқ дар муомилаву муошират, маросимҳои вобаста ба суру мотам ва шодиву ғам ягон халқу миллат, ҳатто халқҳои ҳамзабонамон, ба мо наздиктар аз ӯзбекҳо нестанд. Ин қаробату шабоҳати тоҷикону ӯзбекҳо на дар давоми як-ду аср, балки дар тӯли ҳамзистиву рӯзгордории якҷояи чандинасра, дар натиҷаи омӯзиши пайваста аз ҳамдигар ва ҳамтақдирии таърихии ин ду халқ ташаккул ёфтааст ва имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ – маишат, рӯзгори хонаводаӣ, ахлоқ, фарҳанг ва санъат айнан зоҳир мешавад»[1].

---

[1] Абдуманнонов А. Қаробати тоҷикону ӯзбекҳо дар натиҷаи ҳамтақдирии

Вале бо кадом ҷуръат ва аз тарафи кадом ҳомиёни идеологӣ, чунин «таърихофарон»-и бемулоҳиза аз қабили Ҳидоятов ва Камолиддину Илҳомовҳо барои рад кардани ин ҳақиқати бебаҳс сару садо баланд мекунанд, номаълум мемонад.

Аз ин рӯ, талаботи таърихнигории воқеӣ ҳушдор медиҳад, ки дар масъалаи омӯзиши гузаштаи дуру наздики халқҳои ҷумҳуриҳои минтақа, ҳамеша аз мавқеи риояи ҳақиқати таърих пеш бурдани таҳқиқоти беғаразона ё бо ибораи дигар, дар доираи усули историзм бояд амал кард.

Имрӯзҳо, ки илми таърих дар хизмати халқу давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон қарор дорад, дар заминаи маводи бостоншиносӣ ва маъхазҳои хаттии қаблан шинохташуда ва ба тозагӣ рӯи даст омада, бояд ба таҳқиқи зинаҳои қисматсоз, аз ҷумла замони ифтихорбахши давлатдории Сомониён суръат бахшид. Маҳз пешбурди таҳқиқоти муфассал ва бисёрсамтаи илмӣ имкон медиҳад, ки пеши роҳи ҳангомаҷӯёни дар боло ишораёфтаеро, ки ба ҳар восита мехоҳанд арзишҳои таърихии минтақаро «моли миллии худ» эълон кунанд, гирифта шавад. Аз тарафи дигар, таҳқиқоти мукаммали таърихнигорӣ калидест барои амиқан муайян намудани дараҷаи омӯзиши илмии ин ё он масъалаи мубрами таърихи ифтихорбахши миллат.

---

ин ду халқ ташаккул ёфтааст // Ҷумҳурият. – 26 октябри соли 2016. – № 213 (23035). С. 2.

# ХУЛОСА

Қабл аз хулобарорӣ роҷеъ ба таърихнигории замони Сомониён, чи тавре дар боби аввали ин рисола ишора рафт, зарурати ба таври мухтасар муайян намудани дараҷаи таърихогаҳии ниҳоят дури тоҷикон пеш меояд, чунки бе дарки нисбатан амиқӣ ин раванд, заминаҳои ташаккулу рушд ва хусусиятҳои хоси донишҳои таърихии асри Сомониёнро муайян намудан ғайри имкон аст.

Қисме аз маълумотҳои одии ба таърихи ниҳоят дури сокинони азалии Осиёи Марказӣ – тоҷикон иртибот дошта, дар шакли устураву ривоятҳо то замони мо расидаанд. Гарчанде ҳақиқатро дар асоси онҳо дарёфтан ниҳоят мушкил бошад ҳам, муҳим он аст, ки дар хотираи мардум асароте аз замони қадим боқӣ гузоштаанд.

Аввалин нишондиҳандаи қавии низоми таърихогаҳии пешгузаштагонамон китоби муқаддаси «Авесто» ҳисоб меёбад. Дар таърихнигории қадимаи тоҷикон «Авесто» муҳимтарин ва боэътибортарин маъхазест, ки доир ба гузаштаи дури халқҳои ориёитабор маълумот медиҳад. Ҳамчунин ба авзои Осиёи Миёнаи давраи ҳокимияти Ҳахоманишҳо, матни ҳуҷҷатҳои коргузории шоҳон, катибаҳои кӯҳи Бесутун, Суз, Форс, Тахти Ҷамшед ва ғайра, ки то замони мо расидаанд, то андозае равшанӣ меандозанд.

Доир ба таърих ва вазъи сиёсию иқтисодии мулку давлатҳои Осиёи Миёнаи замони ташаккулу рушди давлати Сосониён, ки тибқи даврабандии таърихӣ зинаи ибтидои асримиёнагӣ ҳисоб меёбад, сарчашмаҳои ниҳоят зиёди хаттӣ боқӣ мондаанд. Офаридани достонҳои ҳамосӣ дар он давра ба ҳукми анъана даромад. «Худоинома» (асри VI), «Корномаҳои Ардашер» (асрҳои V-VI), «Шаҳрҳои Эрон» (асриVI), ривояту асотир ва достонҳои асоси таърихӣ доштае, ки дар «Шоҳно-

ма»-и ҳаким Фирдавсӣ омадаанд, аз хусусияти донишҳои таърихии замон дарак медиҳанд. Дар ин навиштаҳо воқеияти ба Осиёи Миёна, хосатан тоҷикон мансубият дошта, то андозае ба назар мерасад. Аз ин рӯ дар таърихнигории ватанӣ мақоми онҳоро бояд эътироф кард.

Барои омӯзиши таърихи тоҷикони қадим осори муаррихони Юнон, Рим, Рум (Византия), сарчашмаҳои бобуливу ассуриягӣ ва ғайра мақоми арзанда доранд. Аз ин ҷост, ки дарки воқеияти замон ё дараҷаи донишҳои таърихии тоҷикони қадимро бе маълумотҳои дар осори аз худ боқигузоштаи онҳо муайян намудан ғайриимкон аст. Чунин маълумоти аз таърихи қадимаи тоҷикон даракдиҳанда, дар сарчашмаҳои бобуливу ассуриягӣ хеле равшан ба назар мерасад. Аз ҷумла дар ҳуҷҷатҳои расмии Бобул баъди давраи Ҳахоманишиҳо доир ба Бохтар маълумоти зиёде боқӣ мондааст. Ҳамчунин аз маълумоти таърихии ба замони аввали асримиёнагии давлату мулкҳои Осиёи Миёна иртибот дошта ёдовар шуда, наметавон аз сарчашмаҳои хаттии дар Сурия ва Арманистони қадим сарфи назар намуд.

Бояд қайд кард, ки маълумоти дар ин осор ҷойдошта, аз як тараф сарчашмаи боэътимод ҳисоб ёбад, аз тарафи дигар, нишондиҳандаи равшанест аз сатҳи баланди донишҳои таърихии тоҷикони қадим. Чунки бе мавҷудияти маълумоти таърихие, ки тоҷикон ба он соҳиб буданд, муаррихону ҷуғрофиёшиносони ин давлату кишварҳо наметавонистанд вазъи он замони Осиёи Миёнаро дар осори худ инъикос намоянд.

Адабиёти ҷанбаи таърихиву ҷуғрофидоштаи Ҳиндустону Чин низ аз як тараф чун манбаи боэътимод барои омӯзиши илмии таърихи гузаштаи минтақа ҳисоб ёбад, аз тарафи дигар баёнгари сатҳи баланди донишҳои таърихии халқи тоҷик маҳсуб мешаванд.

Барои омӯзиши зинаи ниҳоии замони қадим ва давраи аввали асримиёнагии таърихи халқи тоҷик, бартарии мероси хаттии аз худ боқигузоштаи ҷуғрофиёшиносону сайёҳон, муаррихону роҳибони буддоии Чин аз ҳар ҷиҳат муҳим ба назар

мерасад. Маълумоти дар онҳо ҷойдошта, чи аз рӯи дақиқбаёнӣ, чи аз рӯи пайиҳам овардани ҳаводиси таърихӣ фарқ мекунад.

Дар осори таърихии ба сулолаҳо бахшидаи муаррихону сайёҳони Чин, чун анъана боби махсус «Қисса аз кишвари Ғарб» ҷудо карда мешуд, ки дар он доир ба давлату мулкҳо ва халқҳои Осиёи Миёна – Юеҷҳои Бузург (тахориён ва сипас давлати Кушониён), Дахи (Бохтар), Тухоло (Тахористон), Даван (Фарғона), Ийеда ва Иданҳо (ҳайтолиён), туркҳо ва ғайра бо муайян намудани мавқеи ҷуғрофӣ, вазъи сиёсию иқтисодӣ маълумоти зиёд оварда шудааст. Маълумоти онҳоро сайёҳон ва роҳибони буддоӣ, ки ба бисёре аз мавзеъҳои Осиёи Миёна сафар карда ва мушоҳидоти худро дар шакли қайдҳои сафарию ахбор сабт намуданд, хеле пурра намудаанд.

Маҳз дар ҳамин замина, донишҳои таърихии халқи тоҷик то рафт қавӣ гардида, ба дараҷаи осори мукаммали таърихӣ расида буданд. Вале мутаасифона, мавҷҳои фоҷиабори истилои аҷнабиён осори гаронмояи таърихии ин халқи тамаддунофар, аз ҷумла «Авесто»-ро ду маротиба ба коми оташ партофтанд. Боқимондаи китобҳои пеш аз Сосониён ва дар замони онҳо рӯи кор омадаро, ки шояд таърихи мукаммали гузаштаи дури мардуми азалии ориёинасаб, хосатан тоҷиконро равшан мекарданд, арабҳо комилан нест намуданд.

Ба хизмати муаррихони давраи Сомониён чун эҳёгарони анъаноти таърихнависии қабл аз исломӣ, хосатан Сосониён ва дар заминаи нав, бо усули барои ин давлати тамаддунофар мувофиқ ба роҳ мондани таълифоти таърихӣ бояд баҳо дод.

Яке аз масъалаҳои муҳими таърихи давлатдории Сомониён, амиқан муайян намудани насабномаи дудмони оли Сомон ҳисоб меёбад. Дар он решаи туркӣ ҷустани баъзе аз бо ном муаррихони ғаразпешаи кишвари ҳамсоя билкул асоси воқеӣ дошта наметавонад. Шаҷараи Сомониён, дар осори таърихии замони ҳукумати онҳо, ва баъди он хеле қавию барҷаста, нишон дода шудааст. Аз ҳама муҳим, мазмуну муҳтавои таърихнигории он замон дар ҳамбастагӣ бо да-

лелҳои бостоншиносӣ, мансубияти пурраи сулолавӣ ва давлатдории Сосониёну Сомониёнро ба мардуми азалии Осиёи Марказӣ – тоҷикон комилан тасдиқ мекунад.

Заминаҳои пайдоишу ташаккули давлатдории пурвусъати тоҷикон дар аҳди Сомониён ба ҳуҷуми арабҳо паҳн гардидани доираи нуфузи хилофати араб дар ҳудуди Осиёи Миёна бархӯрад ҳам, омили ҳалкунандаро дар нигаҳдошти таъсири дастовардҳои қабл аз исломии таърихиву фарҳангии ин халқи тамаддунофар бояд дид.

Омӯзиши маълумотҳои маъхазии замони Тоҳириён ба хулосае меорад, ки намояндагони ин хонадон фазои васеи тоҷикнишин – Хуросонро аз номи халифаҳои Аббосӣ идора кунанд ҳам, тобеияти онҳо бештар рамзӣ (номиналӣ) буда, фақат ҳамасола ба хазинаи хилофат интиқол додани маблағи муайян ва дар лаҳзаи зарурӣ ёрии ҳарбӣ расондан, маҳдуд мешуд. Амалан Тоҳириён сиёсати мустақилонаи худро пеш мебурданд. Тоҳириён тавонистанд ба мутамарказшавии сиёсии сарзамини тоҷикон ибтидо гузоранд. Осори таърихии асримиёнагӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ин ҳақиқатро тасдиқ намудаанд.

Доир ба дараҷаи соҳибдавлатӣ расидани Сомониён дар осори таърихи замони онҳо маълумоти зиёде оварда шудааст, ки дар маҷмӯъ такрору тақвиятбахши якдигаранд. Оли Сомон на танҳо барои тоҷикон, ҳамчунин барои давлату халқиятҳои Осиё Марказӣ ва тамоми паҳнои Шарқ намунаи баланди давлатдорӣ ва тамаддунофарӣ шинохта мешавад. Ин зинаи пурфайзи таърихӣ дар асоси далелҳои дар осори таърихиву ҷуғрофии замони Сомониён ва баъди суқути давлати онҳо ҷой дошта, дар маърази таҳлили мусташриқон кайҳост, ки қарор ёфтааст. Аз ҳама муҳим, олимон ин зинаи таърихиро чун анҷоми раванди ташаккулёбии халқияту давлатдории мустақили тоҷикон тасдиқ намудаанд. Хулосаи онҳо иттифоқи назар дошта, ҳақиқатест ки ин давлати шукӯҳманду абарқудрати асримиёнагии тоҷикон дар тамаддуни минтақа нақши ҳалкунанда бозидааст.

Замони соҳибдавлатии Сомониён бешак давраи авҷи бесобиқаи рушди донишҳои таърихӣ ҳисоб меёбад. Осори таърихиро муаррихон бо ду забон: форсӣ – дарӣ-тоҷикӣ ва арабӣ меофариданд, ки ин нишондиҳанда муҳтаво ва арзиши маълумоти дар онҳо ҷойдоштаро халалдор накардааст. Дар ин ҷода бояд арзиши осори чунин муаррихону ҷуғрофиёшиносони замони Сомониён мисли Ҳурдодбеҳ (820 ё 826 – 875 ё 912), Табарӣ (839-923), Ибни Фақеҳи Ҳамадонӣ (нимаи дуюми асри IX – ибтидои асри X), Ҷайҳонӣ (ваф. 942), Истахрӣ (тав. 849), Масъудӣ (893-956), Ҳамзаи Исфаҳонӣ (883/84-961 ё 971), Ибни Ҳавқал (асри X), Ибни Надим (ваф.990), Наршахӣ (899/900-960), Муқаддасӣ (946/47-986 ё 990), асари муаллифи номаълум «Ҳудуду-л-олам» ва ғайраро ҳам аз ҷиҳати дараҷаи инъикоси воқеияти замон ва ҳам аз рӯи арзиши маъхазӣ дар таърихнигории миллӣ бояд арзёбӣ намуд.

Вазъи сиёсии ноороми асрҳои XI – охири XVI арзи вуҷуд намуда, гарчи барои аҳли заҳмат фоҷиабор ҷараён гирифта бошад ҳам, таъсири фарҳангӣ ва анъанаҳои ба тоҷикони замони давлатдории Сомониён хос, мавқею таъсири худро дар Мовароуннаҳру Хуросон нигоҳ медоштанд. Маҳмуди Ғазнавӣ ва ворисони ӯ бо хилофати Бағдод муносибати хуб барқарор намуда, худро хизматгузори амирулмуъминин эълон карда буданд. Онҳо ҳатто мухолифони худро ба бемазҳабӣ ё бо гуноҳи «қарматӣ» будан таъқиб намудаву ба ҷазо мерасонданд. Вале аз тарафи дигар, аъанаҳои фарҳангии дар замони Сомониён ташаккулёфтаро пуштибонӣ мекарданд.

Бояд қайд кард, ки ин пуштибонӣ на аз рӯи фарҳангдӯстӣ, балки аз рӯи шуҳратпарастӣ буд. Маҳмуди Ғазнавӣ даҳҳо шоиронро ба дарбор даъват намуда, дар хизмати худ нигоҳ медошт. Яке аз равияҳои дар адабиёти тоҷик мақом пайдо карда – тасаввуф ба шуҳрати баланд соҳиб гашта буд.

Дар қатори дигар падидаҳои фарҳангии замон донишҳои таърихӣ рушди босуръат доштанд. Муаррихон гарчанде мисли адибон аз таъсири маддоҳбаёнӣ берун буда наметавонистанд, вале дар асарҳои онҳо воқеоти қаблӣ, аз ҷумла давраи

Сомониён ва ҳаводиси замони худи муаллифон хеле барҷаста ба назар мерасад. Мундариҷаи осори бархе аз муаррихони шинохтаи асрҳои XI-XII, мисли Абунасри Утбӣ (961-1035), Абурайҳони Берунӣ (973-1048), Маҳмуди Гардезӣ (охири асри X – миёнаи асри XI), Абуфазли Байҳақӣ (995-1077), Арӯзии Самарқандӣ (асрҳои XI-XII), Абулҳасани Байҳақӣ (1099-1169 ё 1106-1174), Самъонӣ ( тав. 1113), Ибни Асир (1160-1233), Ёқути Ҳамавӣ (1179-1229), Минҳоҷи Сироҷ (1193-1259), Хоҷа Низомулмулк (1018-1092) ва ғайра, ки дар рушди донишҳои таърихӣ саҳм гузоштаанд, ин ҳақиқатро тақвият мебахшад.

Дар воқеъ, авзои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар фосилаи таърихи байни суқути давлати Сомониён ва истилои муғулҳо (асрҳои XI – ибтидои XIII ) ниҳоят печидаву нооромм буд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, анъанаҳои таърихнигории замони Сомониён идома дошт.

Дар давраи истилои муғулҳо ва ба доираи тобеияти сиёсиву ҳарбии онҳо кашидани Осиёи Марказӣ, дар таърихнигории минтақа ҳар чӣ камтар ҷой ёфтани таърихи давлати Сомониён ба назар мерасад. Бо ибораи дигар, дар асри муғул, нигориши асарҳои таърихӣ то андозае коҳиш ёфт. Хокимияти муғулҳо дар минтақа, аз рӯи қонунияти барои он замони созгор, дуру дароз пойдор буда наметавонист. Бо тақозои таърих, ба майдони муборизаи сиёсӣ шахси дигар – Темур ё Темурланг баромад.

Дар замони ҳокимияти Темуру темуриён эҳёи аъанаҳои фарҳангии замони Сомониён хеле равшан ба назар мерасад. Дар фаъолияти мактабҳои таърихиву адабии Ҳироту Самарқанду Бухоро ва дигар марказҳои фарҳангӣ, осори таърихӣ рушди тоза ёфт. Аз ҷумла дар асарҳои адабӣ ва таърихиву ҷуғрофии ин давра ба бозгӯиҳои маълумоти дар китобҳои замони давлатдории Сомониён ҷой дошта, иловаҳои саҳеҳу ҷиддӣ зам шуд. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки худи Темур ва меросбарони ӯ ба омӯзиши давраи Сомониён таваҷҷуҳи хосса доштанд. Сабабашро бояд дар он

дид, ки ҳудуди ниҳоят васеи ба доираи тобеияти худ кашидаи Темур, ба забону фарҳанги барои тамоми фазои давлатдории ӯ таъсирбахш ниёз дошт. Инро дигар на дар заминаи арабгароии хилофат ва на дар нигаҳдошти анъаноти ба кӯчиёни муғулу турк хос, таъмин кардан мумкин набуд. Дар чунин вазъият ягона воситаи ҳифзи мутамарказияти давлати Темуриён, такя кардан ба анъанаҳои таърихии давлатдорӣ ва фарҳангии ба форсу тоҷик хос боқӣ монда буд.

Аз тарафи дигар, худи Темур ва Темуриён ба насабномаи туркиву муғулии худ нигоҳ накарда, дар муҳити сокинони муқимии ин пахно – тоҷикон зиндагӣ доштаву камол ёфта буданд. Табиист, ки ин фазову анъанот барои аҳли сулолаи пурқудрати замон – Темуриҳо бетаъсир буда наметавонист. Аз муаррихони тавонои он замон, ки ба таърихи Сомониён таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд, Ибни Халдун (1332-1406), Мирхонд (1433-1498), Хондамир (1475-1535) ва ғайра мебошанд, ки маълумотҳои муаррихони қаблиро дар ин ҷода тақвият бахшидаанд.

Ҳамин тариқ, хулосае бармеояд, ки дар осори муаррихони замони баъди заволи давлати Сомониён, асрҳои XI-XV гарчанде инъикоси воқеаҳо дар доираи фаҳмиши қадария маҳдуд бошад ҳам, барои боз саҳеҳтар кушодани вазъи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давлати Сомониён имконият медиҳад.

Баъди фурӯпошии давлати Темуриён дар асрҳои XVI – нимаи аввали XIX лаҷоми давлатдорӣ дар хониҳои Осиёи Миёна мисли пештар дар дасти намояндагони қавми турку муғул қарор дошт. Дар Бухоро, ки аз қадим конуни тоҷикон ҳисоб меёфт, пайи ҳам Шайбониён, Аштархониён (Ҷониён) ва Манғитҳо соҳибдавлат шуданд. Аз рӯи воқеияти барои замони парокандагии феодалӣ хос, дар минтақа ҳар чӣ бештар нуфуз пайдо кардани қабилаҳои кӯчӣ, ки ҳифзи хотираи таърихӣ дар гӯшаи хаёлашон ҷой гирифта наметавонист ва дар ин замина то рафт бештар боло гирифтани парокандагии ҳаёти фарҳангӣ сабаби коҳиши донишҳои таърихӣ гардид.

Аз ин рӯ, то миёнаи асри XIX дар таърихнигории минтақа ба истиснои чанд асари дорои маълумоти ниҳоят мухтасар аз замони Сомониён дошта, қариб чизе ба назар намерасад. Дар ин ҷо фақат метавон аз «Таърихи Абулхайрхонӣ»-и Масъуд ибни Усмони Кӯҳистонӣ (бо супориши ҳокими Самарқанд Аблуллатифи Шайбонӣ (1540-1552) таълиф шудаст), «Таърихи Қипчоқхонӣ»-и Хоҷамқулибеки Балхӣ (хизматгузори дарбори Субҳонқулихони Аштархонӣ, ки таълифи онро соли 1722 ба итмом расондааст), «Мунтахабу-т-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон (нимаи аввали асри XIX), ки таърихи умумӣ ҳисоб ёфта, раванди воқеаҳоро аз давраи қадим дар асоси осори маррихони қаблӣ ба таври мухтасар оварда, мушоҳидаҳои замони худро илова намудаанд, доир ба давлати Сомониён ба ҷуз аз баъзе ишораҳои умумӣ, маълумоти нисбатан муфассале ҷой надорад. Сабаби онро чи тавре ишора рафт, дар коста гардидани талаботи фарҳангии барои замони пароканадагии феодалӣ хос дидан ҷоиз аст.

Мавриди қайд аст, ки таҳарруки омӯзиши мақоми тамаддунофари давлати Сомониён дар таърихнигории сатҳи ҷаҳонӣ агар аз баъзе маълумотҳои умумии дар осори шарқшиносони аврупоиву рус то чоряки охири асри XIX сарфи назар намоем, дар охири асри XIX – ибтидои асри XX оғоз ёфт.

Ба Русия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна, ба сиёсати мустамликавии мутлақият дар минтақа нигоҳ накарда, барои омӯзиши таърих у фарҳанги халқҳои минтақа, хосатан тоҷикон имконияти бештар фароҳам омад. Дар осори муҳаққиқони рус, ки ба таърихи муносибатҳои Русиву Осиёи Миёна мароқ зоҳир намудаанд (С.М.Соловёв, В.В.Григорев, Н.И.Веселовский, В.О.Ключевский, В.А.Жуковский ва дигарон), доир ба давлати бузургу фароҳдомани Сомониён ва нақши он дар тамаддуни ҷаҳонӣ, ба ин ё он дараҷа маълумот оварда шудааст. Аз нақши муаррихону шарқшиносони тоинқилобӣ ва замони Шӯравии рус дар омӯзиши таърихи тоҷикон, хосатан шуҳрати давлатдории Сомониён ёдовар

шуда, табиист, ки ба мадди аввал хизмати академик В.В. Бартолд мебарояд.

Сомониёншиносии илмӣ бо тамоми мафҳумаш дар замони Шӯравӣ ташаккул ёфта, ба рушди бемайлон соҳиб гардид. Пеш аз инқилоб ба пешбурди сиёсати мустамликадории Русия нигоҳ накарда, барои омӯзиши илмии кишвар аз ҷумла Тоҷикистони кунунӣ то андозае имконият фароҳам омада бошад ҳам, он барои ба худшиносии миллӣ ва ҷунбиши эҳёи давлатӣ имкон дода наметавонист. Чунин имконият маҳз баъди ғалабаи инқилобу аввалин дигаргунсозиҳои ба Ҳокимияти Шӯравӣ алоқаманд пайдо шуд.

Таъсисёбии Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1924), сипас Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1929), барои ташаккули худшиносии миллӣ имконият фароҳам овард. Дар ин замина ба сифати яке аз масъалаҳои муҳиму расмии давлатӣ, зарурати омӯзиши илмии таърихи гузаштаро пеш омад. Вале дар ҳолате, ки ақидаҳои миллатгароии пантуркистӣ ҳанӯз аз миёнаи асри XIX арзи ҳастӣ намуда, дар маркази тарғиботии он инкор намудани таърихи тамаддунофари сокинони азалии Осиёи Марказӣ – тоҷикон гузошта шуда буд, табиист, ки барои муаррихони Тоҷикистон ҳифзи арзишҳои таърихӣ ба мадди аввал баромад.

Акнун дар асоси маъхазҳои хаттӣ ва маводи бостоншиносӣ кушодани мавқеи тамаддунофари тоҷикон, ташкилёбии давлати пуриқтидору доманфарохи онҳо – давлати Сомониён ба дараҷаи масъалаи марказии таърихнигории миллӣ табдил меёфт.

Аз муаррихони миллии замони Шӯравӣ Садриддин Айнӣ аввалин шуда, ҳанӯз соли 1920 нақши таърихии Сомониёнро возеҳан қайд намудааст. Ӯ ба ташаккули забону назми оламгири тоҷикон рӯ оварда, шукӯҳу шаҳомати фарҳангии бесобиқаи ин халқи бостонро дар аҳди Сомониён кушода тавонист. «Намунаи адабиёти тоҷик», ки соли 1925 дар Самарқанд мураттаб шудаву соли 1926 дар Маскав ба табъ расидааст,

дар воқеъ муждае буд аз оғози ҷиддии сомониёншиносии миллӣ. С. Айнӣ ба ташаккули забону назми оламгири тоҷикон рӯ оварда, шукӯҳу шаҳомати фарҳангии бесобиқаи ин халқи бостонро дар аҳди Сомониён кушода тавонист.

Чи тавре аз мазмуни осори ба таъриху фарҳанги форсу тоҷик бахшидаи устод С.Айнӣ бармеояд, ӯ ин решапайвандиро амиқан қайд намуда, дар байнии он садде нагузоштааст. Вале бархилофи муаррихони арабу форси (тоҷики) асримиёнагӣ ва муҳаққиқони замони нав, ки мавқеъ ва мақоми тоҷиконро дар ин раванди дар назар тавъами таърихӣ ҷудо накарда буданд, устод С.Айнӣ тавассути эҳсоси воқеан илмии худ, тавонист мақоми муайянкунандаи тоҷиконро дар фазои доманфарохи фарҳангии Осиёи Марказӣ ва Эрон кушода тавонад. Дар маҷмӯъ устод С.Айнӣ барои омӯзиши воқеан илмии таърихи халқи тоҷик пойдевори ниҳоят қавӣ гузошт. Дар оянда тавассути олимони рус ва дигар халқияту миллатҳои бевосита дар ҷумҳурӣ фаъолияти илмии худро ба роҳ монда, хулосаи С.Айнӣ доир ба тоҷикон мансубияти пурра доштани давлати Сомониён бештар тақвият ёфт.

Чи тавре аз муҳтавои илмии осори муҳаққиқони Шӯравии охири солҳои 20 ва солҳои 30-юм бармеояд, онҳо бештар ба нишондиҳандаҳои ҳунармандиву фарҳангии давлати Сомониён диққат дода, ба таҳлили вазъи сиёсиву иқтисодии замон камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Вале муҳим он буд, ки солҳои 30-40-ми асри гузашта барои ба маҷрои воқеан илмӣ гузаштани сомониёншиносии Шӯравӣ имконияти нисбатан мусоид фароҳам омад.

Ба доираҳои илмии байналмилалӣ баровардани ҳақиқати иртиботи бевоситаи давлати Сомониён ба тоҷикон, хизмати Б.Гафуров ҳалкунанда ҳисоб меёбад. Рӯи чоп омадани китоби олим – «Таърихи мухтасари халқи тоҷик (Сталинобод, 1947) ва нашри русии он (Москва, 1949) ба омӯзиши воқеъбинонаи ин масъала асоси қавӣ гузошт. Аз тарафи дигар, таъсисёбии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (1951) ва дар ин замина Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ барои

рушди бисёрсамтаи илми таърих имконияти мусоид фароҳам овард. Ин дар мисоли дастовардҳои илмии солҳои 50-ум равшан ба назар мерасид. Табиист, ки дар ин раванд сомониёншиносӣ истисно буда наметавонист. Рӯи чоп омадани бориши дуюм ва сеюми русии «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и Б. Ғафуров (солҳои 1952, 1955) дар таърихнигории миллӣ ва Умумииттифоқӣ аҳамияти консептуалӣ дошт.

Дар ин бароришҳо, олим ба таҳлили масоили гуногуни таърихи Сомониён чор боби мукаммал (дар барориши дуюм) ва се боб (дар барориши сеюм) бахшида, дар асоси маводи боэътимоди сарчашмаҳои таърихӣ заминаҳои ташкилёбӣ, сохтори сиёсӣ, маъмурӣ, вазъи иқтисодӣ ва фарҳангии аҳди Сомониёнро дар маърази таҳлили воқеан илмӣ гузошт.

Солҳои 50-ум як силсила мақолаҳои илмӣ рӯи чопро диданд, ки ба ин ё он масъалаи таъриху фарҳанги он замони тамаддунофари халқи тоҷик нисбат ба даҳсолаи пешин бештар равшанӣ андохтаанд.

Солҳои 60-80-ум сомониёншиносии ҷумҳурӣ ба дастоварҳои ниҳоят назаррас ноил гардид. Дар ин ҷода рӯи чоп омадани асари мукаммали биёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» (дар се ҷилду панҷ китоб. – М., 1963-1965), ки беш аз сад саҳифаи китоби аввали ҷилди дувум ба таҳқиқи давраи Сомониён бахшида шудааст, аз ҳар ҷиҳат муҳим буд.

Нашри асари бунёдии академик Б. Ғафуров «Тоҷикон» (М., 1972), ки падидаи арзишмантарини илмӣ дар таърихнигории миллӣ ҳисоб меёфт (ва ин қимати илмии худро нигоҳ медорад), воқеияту моҳияти пойгоҳи тоҷиконро дар таъриху фарҳанги қадимаву асримиёнагии Осиёи Марказӣ, хосатан маҳорати давлатсолороии онҳоро дар асри Сомониён хеле барҷаставу аз ҷиҳати илмӣ ниҳоят қавӣ нишон додааст. Табиист, ки ин таҳқиқоти мукаммал дар таърихнигории ҷумҳурӣ ва берун аз он бе таъсир буда наметавонист. Аз ҳама муҳим, Б.Ғафуров тавассути ин асари хеш ақидаи воқеан асосноки илмӣ – шинохти қатъии давлати тоҷикон будани оли Сомонро беш аз пеш тақвият бахшида, онро ба

дараҷаи эътирофи доираҳои шарқшиносии сатҳи байналмилалӣ баровард.

Ин назари олим, дар китоби бостоншинос ва муҳаққиқи асримиёнагии таърихи тоҷикон Нуъмон Неъматов «Давлати Сомониён», ки соли 1977 ба чоп расид, боз қавитар гардид.

Баъди чунин пажӯҳиши бунёдӣ дар солҳои 80-ум агар аз чопи тоҷикии китоби Н. Неъматов «Давлати Сомониён», ки воқеан таҳқиқоти барои замон бунёдӣ ҳисоб меёфт ва баъзе мақолаву ишораҳои дар маҷмӯъ аҳамияти ҷиддии илмӣ надошта, барои шиносоии умумӣ дар Энсиклопедияи Советии Тоҷик ба чоп расида сарфи назар намоем, таҳқиқоти назаррасе доир ба ин масъала рӯи кор наомад. Ин бесабаб набуд.

Дар нимаи дуюми солҳои 80-ум ҷунбишу таҳаввулоти сиёсиву идеологии замони бозсозии горбачевӣ барои илми таърих низ бетаъсир буда наметавонист. Дар солҳои аввали ба даст овардани мустақилияти комил ва аланга гирифтани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ба коҳиши илми таърих дар ҷумҳурӣ идома дод. Аз ин раванди фоҷиабору носозгор барои илм, таҳқиқи давраи Сомониён дар канор монда наметавонист.

Албатта, ба нақши пойдори давлати Сомониён дар таърихнигории Тоҷикистон ва сатҳи ИҶШС назар карда, дар ин радиф лозим меояд ба таваҷҷуҳи олимони Эрону Афғонистон, ки мисли тоҷикон ба таърихи ин давлати бузурги онҳоро бевосита фаророгир, ҳамбастагии амиқу ифтихорбахш доранд, изҳори ақида намуд.

Агарчи дар таҳқиқоти муаррихони ду кишвар дар ин давра оид ба таъриху фарҳанги замони салтанати Сомониён ҷиддият зоҳир шавад ҳам, дар осори рӯи кор омадаи онҳо як хусусият ба назар мерасад. Муаррихон ба ҷузъиёти ба кадом халқ мансубият доштани ин давлат банд нашуда, аз фазои умумии Форс ё Эрон ёдовар шаванд ҳам, бештар фаҳмиши барои ҳарду халқ як арзиши сиёсиву ҷуғрофидошта: Хуросону Мовароуннаҳрро пеш меоранд. Таъриху фарҳанги замони Сомониёнро низ ба ҳамон тобеъ намуда, ибораи тоҷикро хеле

кам мавриди истифода қарор додаанд. Вале аз назари мо ин нишондиҳандаи таъсири панэронизм набуда, аз побандии онҳо ба анъаноти таърихнависии классикии Форси асримиёнагӣ дарак медиҳад. Муҳим он аст, ки бо кӯшиши муаррихони Эрон, ки ба маъхазҳо бештар дастрасӣ доранд, бисъёре аз ҷузъиёти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии замони Сомониён равшанӣ ёфтаанд.

Дар ин замина метавон аз хизмати донишмандони Эрон, ба хусус аз Саъид Нафисӣ, Аллома Қазвинӣ, Абдуллоҳи Розӣ, Баҳроми Акрам, Алиакбари Фақеҳӣ, Абдулҳусайн Зарринкӯб, Мудаббирӣ, Маликушшуаро Баҳор, Аҳмади Ранҷбар, Дабири Сиёқӣ, Абдулазими Ризоӣ, Забеҳуллоҳ Сафо, Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Ҷаводи Ҳиравӣ ва ғайра, ки доир ба масоили гуногуни таъриху фарҳанги замони Сомониён асарҳое офариданд, ёдовар шуд. Дар ин радиф нақши Муҳаммадризои Ноҷӣ ниҳоят барҷаста ба назар мерасад. Ба ҷойгоҳи таърихиву фарҳангии Сомониён дар Хуросону Мовароуннаҳр муаррихони Афғонистон Мир Ғуломмуҳаммади Ғубор ва Соҳибназари Муродӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд.

Аз олимони Аврупои Ғарбӣ, ки ба таҳқиқи таърихи давлату фарҳанги Сомониён то ин ё он андоза саҳмгузорӣ доштаанд, пеш аз ҳама бояд аз хизмати шарқшиноси машҳури шведсарӣ Адам Метс (1869-1917), донишманди англис К.Э. Босворт (1928-2015), профессори Донишгоҳи Ҳарварди ИМА Ричард Фрай ва дигар шарқшиносон мисли К.Б. Мейнар, Б. Шпулер, И.Г.Броун ва ғайра ёдовар шуд.

Чи тавре ишора рафт, дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри гузашта ҷунбишу таҳаввулоти сиёсиву идеологии замони бозсозии горбачевӣ барои илми таърих низ бетаъсир намонд. Баъзе аз бо ном мутахассисони равияҳои гуногуни ҷомеашиносӣ, зери шиори «ошкорбаёнии таърихӣ», «рӯ овардан ба ҳақиқати таърих», «аз таъсири идеология баровардани илми таърих», «таҳқиқи саҳифаҳои сиёҳи таърих» ва ғайра, ки мақсади асосӣ зери тозиёнаи танқид гирифтани дастовардҳои илмӣ ва воситаи таблиғи идеология коммунистӣ

эълон кардани таърихи замони Шӯравӣ буд, раванди таҳқиқоти масоили таърихи тоинқилобиро хеле заиф кард. Дар солҳои аввали ба даст овардани мустақилияти комил оташи ҷанги шаҳрвандӣ сабаби коҳиши илми таърих дар ҷумҳурӣ гардид, ки таҳқиқи давраи Сомониён дар канор монда наметавонист.

Фақат баъди истиқрори сулҳу оштии миллӣ соли 1997 ва ба эътидол омадани авзои сиёсии ҷумҳурӣ, барои суръат гирифтани самтҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла дар заминаи иқдоми созандагӣ пешбурди илми таърих шароити созгор фароҳам оварда шуд.

Авҷи баланди баланди таҳқиқи таъриху фарҳанги давлати Сомониён ба солҳои 1997-1999 – давраи тайёрӣ ва таҷлили расмии 1100-солагии он чун ҷашни миллӣ, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифта буд, рост меояд. Ҳамин тариқ, дар ин замони тақдирсози мустақилияти комили ҷумҳурӣ бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат барои омӯзиши таърихи давлатдории тоҷикон, хосатан мақому манзалати давлатофарии онҳо дар замони Сомониён сурат гирифтааст, падидаи назаррастарини таърихнигории миллӣ ҳисоб меёбад.

Шиносоӣ бо мазмуну муҳтавои ҳар рисолаву мақолоти ниҳоят зиёде, ки дар ин ду даҳсолаи асри навин ба табъ расидаанд, дар маҷмӯъ ба хулосае меорад, ки раванди таҳқиқи таъриху фарҳанги замони Сомониён чун давраи тақдирсозу ифтихорбахши халқи тоҷик ҳамеша дар мадди назари олимони равияҳои гуногуни илмӣ қарор дошта ва ҳар кадоме дар доираи нигоҳи касбии худ ба дастоварди назаррас соҳиб гаштааст.

Натиҷаи таҳлили таърихнигории муҳаққиқони ватанӣ ва шарқшиносони хориҷии сатҳи ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ тақвиятбахши он ҳақиқатест, ки замони Сомониён асри пурифтихори давлатдории тоҷикон дар ҳудуди пурраи Мовароуннаҳру Хуросон ва чанде берун аз он ҳисоб меёбад. Бо ибораи дигар ин давраест, ки чун «асри тиллоии» мардуми ориёитабори

форсу тоҷик дар бонуфузтарин доираҳои илмӣ чун ҳақиқати бебаҳс комилан эътироф шудааст. Аз ин рӯ, ақидаҳои бепояву ғаразмандонаи таърихсозоне, ки бо ҳар восита талош мекунанд шукӯҳу шаҳомати давлати тамаддунофари Сомониёнро зери шубҳа гирифта, бо ин пойгоҳи муқаддаси таърихии тоҷиконро заиф карданӣ мешаванд, дар доираи таърихнигории воқеан илмӣ ҷой ёфта наметавонанд.

Вале мутаассифона то имрӯз ҳастанд касоне, ки ба ин таърихи ифтихорбахши халқи азалии минтақа ба чашми ҳасуду ғараз менигаранд. Гарчанде ба кадоме аз тоифаҳои сершумори сокинони воқеан дар давраҳои аввали асримиёнагӣ, ки майли табиӣ ба қабилаҳои кӯчӣ хос онҳоро ба ин паҳно овардааст, мансубияти худро надониста, бо ҳар восита зӯр мезананд, ки гузаштаи дури таърихи худро бо ибораи умумии «турк» ва ба сифати сокинони қадимаи ниҳоят дури минтақа муаррифӣ намоянд. Онҳо бо ин амал мехоҳанд ҳақиқатеро, ки тоҷикон сокинони асили ориёитабори Осиёи Марказӣ буда, санъати давлатсозиву давлатдории онҳо аз умқи қарнҳо оғоз ёфтаасту бо ҳазорон далел дар илм исбот шудааст, зери суол гузоранд.

Ин усули «эҷод» – и аз ҳақиқати таърих ҳаросдоштагони кишвари ба мо ҳамсояву дӯсту бародар мисли ҳидоятовҳову камолиддинҳо заруратеро пеш меоранд, ки таҳқиқи масоили таърихи қадимаву асримиёнагии халқи тоҷикро дар асоси маъхазҳои боэтимод ба таври муттасил идома дода, нақши тамаддунофари дар шарқшиносии сатҳи ҷаҳонӣ комилан эътирофшуда тоҷиконро боз бештар тақвият бахшем. Маҳз таҳқиқу тарғиби мукаррари ҳақиқати дар дараҷаи таърихнигории байналмилалӣ амиқан маълуму таъсиргузор ба чунин таърихсозиҳо дар минтақа пурра хотима бахшида метавонад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


Bosworth C.E. An Alleged embassy from the emperor of China to the Amir Nasr ibn Ahmad: a contribution to Samanid military history in *Yad-nama-ye Iraini-ye minorsky*, ed. by M. Minovi and I. Afshar, Tehran, 1969.

Bosworth C.E. Mahmud of Ghazna in contemporary eyes and in later Persian literature in: Iran, IV, London, 1966, p. 85-92; reprinted in: Bosworth C.E. The Medieval history of Iran, Afghanistan and Central Asia, London: Variorum Reprints, 1977.

Bosworth C.E. Samanids in EI, New Edition, prepared by a number of leading orientalists, vol. 8 (Ned – Sam). Leyden, 1995.

Bosworth C.E. The Gaznavids. Their empire in Afghanistan and Eastern Iran (994-1040). – Edinburgh: University Press, 1963.

Bosworth C.E. The Heritage of rulership in early Islamic Iran and the search for dynastic connections with the past in: Iran, XI, London, 1973, p. 51-62; reprinted in: Bosworth C.E. The Medieval history of Iran, Afghanistan and Central Asia, London: Variorum Reprints, 1977.

Bosworth C.E. The Imperial policy of the erly Ghaznavids in: Islamic Studies, Journal of the Central institute of Islamic Research, Karachi, 1/3, 1962, p. 49-82; reprinted in: Bosworth C.E. The Medieval history of Iran, Afghanistan and Central Asia, London: Variorum Reprints, 1977.

Bosworth C.E., Clauson G. Al-Xwārazmi on the peoples of Central Asia in: JRAS, Third series, vol. 3, 1993.

Browne E.G. A Literary History of Persia, I-IV volumes, vol. I, From the Earliest Times until Firdawsi (to1000 AD), Bethesda, Maryland: Iranbooks, 1997.

Daniel E.L. Samanid dynasty, in: Ecyclopedia of Asian History, Prepared under the auspices of the Asia Society, ed. by A.T.

Embree, I-IV volumes, New-York – London: Charles Scribner's Sons – Collier Macmillan Publishers, 1988

Dictionnaire geographique, historique et litteraire de la Perse et des contree anjacentes par C. Barbier de Meynard, Paris, 1861.

Frye R.N. Notes on the history of Transoxiana, in HJAS, 19, Cambridge, Mass, 1956, p. 106-122, reprinted in Islamic Iran and Central Asia (7th-12th centuries), London: Variorum Reprints, 1979.

Frye R.N. The Golden age of Persia, London: Phoenix Press, 1975.

Frye R.N. The Samanids, in CHI, in 7 volumes, vol. 4: The period from the Arab invasion to the Salguqs. Cambridge, 1993.

La Strage G. The Lands of the Eastern Caliphate. – Cambridge: University Press,1905.

Louis F. Encyclopedia of Asian Civilizations, I-X volumes – Paris: Jean-Michel Place, 1977-1987.

Meisami J.S. Why write history in Persian? Historical writing in the Samanid period, in: Studies in honour of Clifford Edmund Bosworth, vol. II. The Sultan's Turrent: Studies in Persian and Turkish Culture (ed. by C. Hillenbrand). – Leiden-Boston-Köln: Brill, 2000.

Mitchiner M. The World of Islam, Oriental Coins and their values. – London: Hawkins Publications, 1977.

Абӯабдулло Рӯдакӣ (Маҷмӯаи илмӣ бахшида ба 1100-солагии устод Рӯдакӣ). – Сталинобод, 1958.

Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб. – Ҷилдҳои 1, 2, 3. – Душанбе: 1980, 1983, 1985.

Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Мураттибон Ғ.Ғолибов, К.Олимов, Н.Амиршоҳӣ. – Душанбе: Пайванд, 2012.

Абдуллаев Д. К вопросу о согдийском наследии в материальной культуре IX-XI гг.

Абдулла-заде Х.Ф. История астрономии в средневековом Хорасане и Мавераннахре (IX-XV вв.). Автореферат дисс. докт. историч. наук. – Душанбе., 1990.

Абдуллое С. Саманиды и формирование персидско-таджикской литературы. С. 312-324.
Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. – Хуҷанд: Нашриёти ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – 402 с.
Абдуллоев С. Амирони Сомонӣ. – Москва: Шуъбаи чаҳоруми нашриёти ҳарбӣ, 1999. – 632 с.
Абдуллоев С. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён. – Хуҷанд: ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, 2001. – 374 с.
Абдуллоев Ш. Вазъи диниву мазҳабӣ дар аҳди Абӯалӣ ибни Сино.
Абдуманнонов А. Қаробати тоҷикону ӯзбекҳо дар натиҷаи ҳамтақдирии ин ду халқ ташаккул ёфтааст // Ҷумҳурият. – 26 октябри соли 2016. – № 213 (23035).
Абдуразаков А.А. Средневековые стекла Кувы // Научные работы и сообщения. – Кн. 7. – Ташкент, 1963.
Абдуразаков А.А. Сырьевые ресурсы средневекового стеклоделия Средней Азии // Исследование минерального и растительного сырья Узбекистана. – Ташкент, 1962.
Абдуразаков А.А., Безбородов Ш.А., Заднепровский Ю.А. Стеклоделие Средней Азии в древности и средневековье. – Ташкент, 1963.
Абдураҳмон М. Давлатдорий Сомониён: азамат ва ғуруби он (Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: Дониш, 2019. – 110 с.
Абдураҳмон М. Давлатдорий Сомониён: азамат ва ғуруби он. Таҷрибаи таҳлили сиёсатшиносии этникӣ. – Душанбе: Дониш, 2019.
Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммади Форси Истахрӣ. Мамолик ва масолик. Тарҷумаи Муҳаммад Абдуллоҳи Тустарӣ. Бо эҳтимоми Эраҷи Афшор. – Теҳрон, 1373.
Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ Масолик ва мамолик. (Бо чоп тайёркунанда Эраҷи Афшор). – Теҳрон, 1340.
Абӯисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолик ва мамолик (Тарҷумаи форсии Масолик ва-л-мамолик). Аз қарни 5/6 ҳиҷрӣ. Бо кӯшиши Эраҷи Афшор. – Теҳрон, 1340 (1961).

Абитов Б. Историческая уникальность государства Саманидов.
Абӯнасри Утбӣ. Таърихи Яминӣ. Аз арабӣ тарҷумаи Абӯшараф Носеҳ ибни Зафари Ҷурфодиқонӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. – Хуҷанд, 1998.
Абу Али ибн Сино. Избр. произв. – Душанбе, 1980.
Абу Али ибн Сино. К 1000-летию со дня рождения. – Ташкент, 1980.
Абу Али Сино и его вклад в истории мировой культуры. – Душанбе, – 399 с.
Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Аз силсилаи «Халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ». – Ҷ. I.
Абуали ибн Сино и его эпоха (К 1000-летию со дня рождения). – Душанбе, 1980.
Абулқосим ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998.
Абулфазли Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. Боби «Қиссаи амир Мансури Нӯҳи Сомонӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С.183-186.
Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. (Ба чоптайёркунандагон: А. Девонақулов ва дигарон). – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.
Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук (иборат аз 16 ҷилд дар 8 китоб). Мутарҷим Абулқосими Поянда. Бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. Китоби 1, иборат аз ҷилдҳои 1,2,3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи тоҷик, 2014. С. 656.
Агаджанов С.Г. Очерки истори огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII вв. – Ашхабад, 1969.
Аз Борбад то Хайём: (Давлати Сомониён – хориқаи (феномени) беназири таърих) // Садои мардум. – 1998.

Азимов Ш. Государство и право Саманидов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 168 с.
Айнӣ К. Шиносномаи миллати тоҷик //Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2010. С. 412.
Айнӣ К.С. Дебоча ба кит.: Айнӣ С. Шайхураис Абӯалӣ Сино. – Душанбе: Матбуот, 2005. С.IV.
Айнӣ С. Куллиёт. – Ч.II (китоби якум), – Душанбе, 1963.
Айнӣ С. Маънии калимаи «Тоҷик» ва дар луғатҳо кор фармуда шудани он дар таълифоти муаллифони Шарқ ва баромадгоҳи ин калима //С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2010. – С. 372-373.
Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Чопхонаи «Mega Basim», 2010.
Айнӣ С. Публитсистика, мақола, ҳикоя ва фелетонҳо // Куллиёт. – Ҷ.9. – Душанбе: Ирфон, 1969.
Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро // Куллиёт. Ҷилди 10.
Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро.
Айнӣ С. Устод Рӯдакӣ // Шарқи сурх. – 1940. – № 2-4.
Айнӣ С. Шайхурраис Абӯалӣ Сино. – Душанбе: «Матбуот», 2005.
Айнӣ С. Шайхурраис Абӯалӣ Сино. Барориши дуюм. – Сталинобод; Л.,1941.
Акбарӣ С. Архитектура Афганистана эпохи Рудаки.
Алимардон А. Тарҳрезии ғазал дар замони оли Сомон // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998.
Алимардонов А. Замина ва омилҳои равнақ ва тавсиаи илму адаби форсу тоҷик дар асри X ва нимаи аввали асри XI.
Ал-Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фи маърифати-л-ақолим. – Бейрут: Дор иҳёа-т-туроса-л-арабӣ, 1987.
Аминджанова М. О некоторых стеклянных сосудах Мавераннахра // История материальной культуры Узбекистана (минбаъд – ИМКУ). – Вып. 2. – 1961.
Аминджанова М. О производстве стеклянных изделий в

средневеково городе Кува // Научные работы и сообщения. – Кн. 1. – Ташкент, 1960.
Аминджанова М. Средневековое стекло Мавераннахра. Автореферат дисс. канд. ист наук. – Ташкент, 1962.
Аминджанова М. Средневековые стеклянные сосуды из музеев Ташкента и Самарканда // ИМКУ. – Вып. 3. – 1962.
Анарбаев А. Благоустройство средневекового города Средней Азии. – Ташкент, 1981.
Ас-Самъонӣ. Китобу-л-ансоб. Қадама лаҳо Муҳаммад Аҳмад Қаллоқ. – Ҷ. II. – Бейрут: Дор иҳёа-т-туроса-л-арабӣ, 1999.
Афсаҳзод А. Устоди шоирон.
Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – № 1/1 (255). – 2019.
Аҳмад Г. И. Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ. – Теҳрон, 1370, 1380.
Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Фақеҳ. Ал-Булдон. Ба кӯшиши Юсуф ал-Ҳодӣ. Бейрут 1996.
Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи хонадони салтанати манғития. – Душанбе: Сарват, 1992.
Аҳрорӣ З. Арзишҳои ахлоқӣ дар андешаҳои шуарои аҳди устод Рӯдакӣ.
Ашрафи М.М. Рукописные хранилища Бухары эпохи Авиценны.
Ашуров Г. История Саманидов и её фальсификация (Глава V) // Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов.
Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов (общая характеристика). – Душанбе: Ирфон, 2006.
Байпаков К.М. Средневековая городская культура Южного Казахстана и Семиречья. – Алма-Ата, 1986.
Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. – Ҷ. I.
Баротов Р. Илми заминшиносӣ дар замони Сомониён // Ҷумҳурият. – 1998. – 4 сентябр.
Бартольд В.В, Очерки истории Семиречья // Соч. Т.II. – Ч.1. – М.: ИВЛ, 1963.

Бартольд В.В. Изучение Востока – главнейшая задача Академии // Сочинения. Т. IX. – М.: Наука, 1977.
Бартольд В.В. История изучения Востока в Европе и России // Сочинения. – Т. IX. – М.: Наука, 1977.
Бартольд В.В. История культурной жизни Туркестана // Сочинения. – Т.II.
Бартольд В.В. История Туркестана (конспект лекций) // Сочинения. – Т.II. – Ч.1. – М.: Наука, Изд-во восточней литературы (ИВЛ), 1963.
Бартольд В.В. К истории орошения Туркестана //Сочинения. – Т.III. – М.: Наука, 1965.
Бартольд В.В. Место прикаспийских областей в истории мусульманского мира // Сочинения. – Т. Т.II. – Кн.1.
Бартольд В.В. Отчет о командировках в Туркестан с 1920 г. // Изв. РАИМК. – Т.2. – Пг.,1922.
Бартольд В.В. Речь перед защитой диссертации // Сочинение. – Т.I.
Бартольд В.В. Таджики. Исторический очерк // Сочинения. – Т.II. – Кн. 1.
Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения. – Т.I. – М.: Издательство Восточной литературы (ИВЛ), 1963.
Бартольд В.В.. История Туркестана. // Соч. Т.2, Ч.1. – М.1963.
Бартотольд В.В. Памяти В.А. Жуковского // Сочинения. – Т. IX. – М.: Наука, 1977.
Баҳор М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввули насри форсӣ. – Ҷ. 1-3. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373.
Баҳоуддин ибни Исфандиёр. Таърихи Табаристон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998.
Баҳроми Акрам. Таърихи Эрон. – Теҳрон, 1352.
Бачинский Н.М. Резное дерево в архитектуре Средней Азии. – М., 1947.
Баширӣ Э. Маъруфияти Рӯдакӣ (ба заб. инглисӣ).
Башири И. Славы Рудаки.

Бекзода К. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. Нақши шуубия дар таърихи худшиносии халқи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 2012. – 433 с.
Бекзода К. Шуубия: дисситенты средневекового ислама. – Душанбе: Дониш, 2017.
Беленицкий А.М. Глава «О железе» минералогического трактата Бируни // КСИИМК. – М.; Л., 1950. – Вып XXXIII.
Беленицкий А.М. Ибн Сино и Бируни (Опыт сравнительной характеристики).
Беленицкий А.М. Мавзолей у селения Саят // Труды СТАЭ. – Т. I. – МИА СССР. – М.: Л., 1950. – № 15.
Беленицкий А.М. Отчет о работе Вахшского отряда в 1946; Отчет о работе Вахшского отряда в 1947 // Труды СТАЭ. – Т.I. – М.; Л., 1950. – № 15.
Беленицкий А.М., Бентович И.Б. Большаков О.Г. Средневековый город Средней Азии. – Л., 1973.
Беленицкий А.М., Бентович И.Б. Из истории среднеазиатского шелкоткачества (к идентификации ткани «занданачи») // Советская археология. – 1961. – № 2.
Беленицкий А.М., Бентович И.Б., Большаков О.Г. Средневековый город Средней Азии. – Л., 1973.
Беляева Т.В. Глазурованная керамика IX-XII вв. Ходжента // МКТ. – Вып.4. – Душанбе 1987.
Бертельс Е.Э. Авиценна и персидская литература // Изв Отдел. обществ. Наук АН СССР. – 1938.
Бертельс Е:.Э. История персидско-таджикской литературы. – М., 1960.
Билалов А.И. Из истории иррингагации Уструшаны. – Душанбе. 1980.
Билалов А.И. Каризы Уструшаны // Материалы по археологии и истории Таджикистана. – Душанбе, 1977. С. 43-55;
Билалов А.И. Научные основы ирригационной практики X – XI вв. // Абуали ибн Сино и его эпоха. Сборник статей (К 1000-летию со дня рождения). – Душанбе: Дониш. 1980.

Билалов А.И. Научные основы ирригационной практики X-XI вв.

Бобоҷонов П.Б., Марупов Р.Б., Комилов А.Ш. Физика ва астрономия дар осори Ибни Сино.

Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон (собиқ Бойгонии Институти тадқиқоти сиёсии назди КМ ҲК.Тоҷикистон. – Фонди 4513. – Оп. 16. – Бастаи № 2.

Бойматов Л. Ташаккули таърихнигории миллӣ (асрҳои IX-X) // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Пайванд, 1998.

Большаков О. К. Некоторые вопросы изучения среднеазиатского города VII-VIII вв. в свете общей проблематики истории городов Востока // Краткие сообщения Института истории материальной культури АН СССР. – Вып.122. – Археологическое изучение Средней Азии. – М., 1970.

Большаков О.Г. Арабские надписи на поливной керамике Средней Азии и Закавказья IX-XII вв. // Эпиграфика Востока. – Т. XII. – 1958; Т. XV. – 1963. т. XVI. – 1963. Т. XVII. – 1966.

Большаков О.Г. Город Средней Азии в конце VIII – начале XIII вв. Афтореф. доктор. диссертации. – М., 1974.

Большаков О.Г. Заметки по исторической топографии долины Зарафшана в IX-X гг. // КСИИМК. – Вып. 61. – 1956;

Большаков О.Г. Ислам и изобразительное искусство. Культура и искусство Востока. – Вып 7 // Труды Государственного Эрмитажа. – Т. 10. – Л., 1969.

Борисов А.Я. Авиценна как врач и философ // Изв Отдел. обществ. Наук АН СССР. – 1938. – № 1, 2.

Босворд К.Э. Мусульманские династии. – М.: Наука, 1971.

Бостонгуҳар С. Табори силсилаи Сомонӣ // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ (маҷмӯаи мақолоти таҳқиқӣ). – Душанбе: Пайванд, 1998.

Брагинский И. Поэтическое мастерство Рудаки. С. 337-396.

Брагинский И.С. Двадцать пять встреч с Садриддином Айнӣ // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи IV. – Душанбе, Дониш, 1971.

Брусенко Л.Г. Глазурованная керамика Чача IX-XII вв. – Ташкент. 1986.

Бубнова М.А. Добыча серебро-свинцовых руд в Шельджи в IX-XII вв. // Археологические памятники Таласской долины. – Фрунзе, 1963.

Бубнова М.А. Древние сребрянные рудники в Шугнане (Западный Памир, полевые исследования 1971 г.) // АРТ. – Вып. 11 (1971 г.).

Бубнова М.А. Из истории металлургии серебра в Средней Азии // Изв. Отдел. обществ. Наук АН ТаджССР. – Вып. 1 (24). – 1961.

Бубнова М.А. Извлечение серебра купелированием в Средней Азии в IX-XI вв. // Изв. Отдел. обществ. Наук АН ТаджССР. – Вып. 1(28). – 1962.

Бубнова М.А. Изучение памятников, связанных с горным промыслом на территории Таджикистана в 1970 г. // АРТ. – Вып. 10 (1970 г.). – М., 1973.

Бубнова М.А. К истории добычи полезных ископаемых в верховьях Зеравшана // Материальная культура таджикистана (минбаъд – МКТ). – Вып. 4. – 1978.

Бубнова М.А. Организация горных работ и бытовые условия на рудниках Средней Азиии в X-XII вв. // Истоки развития горной науки и техники. – М.,1984.

Бубнова М.А. Рудник Кух-и-лал // МКТ. – Вып. 2. – 1971.

Бубнова М.А. Серебрянные рудники Илака и Буттама (К вопросу датироки) // Абуали ибн Сино и его эпоха. – Душанбе, 1980.

Бузургниё Д. Наука и зодческое искусство Мавеннахра эпохи Рудаки.

Булгаков П.Г. Жизнь и труды Бируни. – Ташкент. 1972.

Буряков Ю.Ф. Археологические материалы по истории Тункета и Абрлыга // Материалы по истории Узбекистана. – Ташкент, 1966.

Буряков Ю.Ф. Надписи на глазурованных сосудах Тункета // Материалы по истории Узбекистана. – Ташкент, 1963.

Быков А.А. Новый клад куфических манет из Таджикистана // Труды отдела нумизматики Государственого эрмитажа – Т.I. – Л.,1945.

Вельяминов-Зернов В.В. Исторические известия о Кокандском ханстве от Мухаммеда Али до Худоёрхана. СПб., 1856.

Веселовский Н.И. Заметки о стеклянном производстве в Седней Азии // Записки Восточного отделения русского археологического общества. Вып. VIII. СПб., 1894.

Веселовский Н.И. Мечети Самарканда. (под редакцией Н.И.Веселовского). – Вып. 1.СПб., 1905.

Воронина В.Л. К характеристике архитектуры Средней Азии эпохи Саманидов // Труды АН ТаджССР. – Т. XXVII. – Сталинабад, 1954.

Воронина В.Л. Резное дерево Зеравшанской долины // Труды СТАЭ. – Т.I. – МИА СССР. – М.; Л., 1950. – № 15.

Вохидов С. Жизнь и творческое наследие Мухаммада Ауфи. – Душанбе: Дониш, 1989.

Вохидова С. Саманидская цивилизация в немецкой ориенталистике.

Вызго Т.С. О вкладе Ибн Сины в мировую музыкальную науку.

Вяткин В.Л. Городище Афрасияб. – Ташкент, 1927.

Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. Бо муқобалаву тасҳеҳ ва таҳшияву таълиқи Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон: Интишори бунёди фарҳанги Эрон, 1347.

Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998.

Ғафуров Б. История таджикского народа в кратком изложении. – изд. третье, исправленное и дополненное. – М: Госиздат, 1955.

Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. – Сталинобод. Нашр.давл.Тоҷикистон, 1947.

Ғафуров Б. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Китоби дуюм. Душанбе: Ирфон, 1998.

Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон. 1998.

Гафуров Б., Прохорон Н.Н. Падение Бухарского эмирата. К 20-летию Советской революции в Бухаре (1920-1940 гг.). Сталинабад: Госиздат, 1940. – 96 с.

Гафуров Б.Г. Издание третье, исправленное и дополненное – М.: Госизд. Полит. литературы, 1955. – 544 с.

Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. Том первый. С древнейших времён до Великой Октябрьской социалистической револююии 1917. Издание второе исправленное и дополненное. – М.: Гос. Издательство политической литературы, 1952. – 504 с.

Гафуров Б.Г. О причинах возвышения и падения Саманидов // Советское востоковедение. – 1958. – № 1. С.51-55.

Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998.

Гафуров Б.Г.. Касымджанов А.Х. Аль Фараби в истории культуры. – М., 1975.

Гафуров Б.История таджикского народа. Том II. Эпоха формирования таджикского народа. – Душанбе, 1999.

Ғаффоров У. Сомониён – аз диди нахусттаърихнависони форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 1998.

Ғиёсуддин Хондамир Дастур-ул-вузаро (ҷузъиёте аз мутуни асил) // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд: Нашр. давл. ба номи Раҳим Ҷалил, 1998.

Гинзбург В.В. Палеоантропологические материалы к этногенезу народов Средней Азии. – Краткие сообщения Института этнографии им. Н.Н. Миклухо-Маклая АН СССР. – 1949. – № 6.

Гинзбург В.В. Первые антропологические материалы к про-

блеме этногенеза Бактрии // Труды СТАЭ. – Т.I. – МИА СССР. – М.; Л.,1950.

Ғоибов Ғ. Исмоили Сомонӣ – марди хираду сиёсат. – Душанбе, 1998. – 71 с.

Ғубор М.Ғ. Афғонистон дар масири таърих. Ҷилди аввал. Бо вероиши тоза. – Теҳрон: Муҳаммад Иброҳим Шариатии Афғонистонӣ, 1390.

Гулямов Я.Г. История орошения Хорезма с древнейших времен до наших дней. – Ташкент, 1957. С. 246-259.

Гулямова Э. Стекло с городища Хульбук // Изв. Отдел. обществ. Наук АН ТаджССР. – Вып. 1 (24). – 1961.

Гумилев Л. Древние тюрки. – М.: АЙРИС – пресс, 2016. – 506 с.

Давидович Е.А. Клады древних и средневековых монет Таджикистана. – М.,1979.

Давидович Е.А. Нумизматические материалы для истории развития феодальных отношений в Средней Азии при Саманидах // Труды АН ТаджССР. – Т. XXVII. – 1954.

Давидович Е.А. Стекло из Нисы //Тр. Южно-Туркменская археологическая комплексная экспедиция (ЮТАКЕ). – Т.I. – Ашхабад, 1943.

Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Пораҳо аз «Равзату-с-сафо» ва дигар кутуб. Мураттиб ва муҳаққиқ. Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: Амри илм, 1999.

Данилевский Г.И. Описание Хивинского ханства // Зап. Императорского Русского герафического общества. – Кн.V. – 1851.

Денике Б.П. Архитектурный орнамент Средней Азии. – М.; Л., 1939.

Денике Б.П. Изображение фантастических зверей в Термезской резной декорации // Искусство Средней Азии. РАНИОН, 1930.

Денике Б.П. Прикладное искусство Средней Азии // Художественная культура Советского Востока. – М.; Л., 1931.

Денике Б.П. Резная декорировка здания, раскопанного в Тер-

мезе // III Международный конгресс по иранскому искусству и археологии. – М.; Л. ,1939.
Денике Б.П. Резная штуковая декорация в Термезе // Тр. секции искусствознания российской Ассоциации научно-исследовательских институтов общественных наук (РАНИОН). – М.,1928. – Т.III. С.61-65.
Джамшеди П. Язык и литература в Великом Хорасане, падвластной земле Саманидов.
Диноршоев М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. – Душанбе, 1988.
Диноршоев М. Вклад Саманидов в развитии духовной культуры Центральной Азии // Саманиды – уникальный исторический феномен в мировой цивилизации. – Душанбе: Дониш, 2019.
Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. – Душанбе, 1985.
Довудов Д. Сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар давлати Сомониён // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форси тоҷикӣ. (Маҷмӯаи илмӣ).
Донишномаи Сомониён. Ҷилди якум. Зери назар ва муаллифи муқаддима, академики АИ ҶТ Н.Ю. Салимов (Салимӣ). – Хуҷанд: Нашриёти «Нури маърифат». 2008. – 545 с.; Ҷилди дувум. – 2009. – 528 с.
Древний и средневековый город Восточного Мавераннахра. – Ташкент, 1990.
Дун А.З. Наследие Абуали ибн Сино на Украине.
Дьяконов М.М. Работы Кафирниганского отряда // Тр. СТАЭ. – Т.I. – МИА. – М.; Л., 1950. – № 15.
Ёқубшоҳ Ю. Давлати Каёниён. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 544 с..
Ёқут Шиҳобуддин ибн Абдуллоҳ ар-Румӣ ал-Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон. – Бейрут: Дор эҳёа-т-туроса-л-арабӣ, 1988. – Ҷ.III.
Ёқути Ҳамавӣ Муъҷаму-л-булдон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. – Хуҷанд, 1998.
Ефремов Ф.С. Странствование надворного советника Ефремова в Бухарии, Хиве, Персии и Индии и воврашение

оттуда через Англию в Россию. СПб., 1894. Последнее 5-е издание. – М.,1952.

Жуков В.Д. Археологическое обследование в 1937 г. двора термезских правителей // Изв. АН УзССР. Серия 1. История, археология. Термезская археологическая комплексная экспедиция. – Ташкент. 1945. – Т. 2.

Жуковский В.А. Развалины Старого Мерва // Материалы по археологии России. – Вып. 6. СПб.,1894. Рӯйхати корҳои илмии В.А. Жуковскийро Очерки по истории русского востоковедения. Сб. 5. – М., 1960.

Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина. Жизнь и творчества (по таджикско-персидским и арабским рукописьным источникам). – Душанбе: Ирфон, 1980. – 304 с.

Завьялов В.В. Исторический обзор путешествия в Бухару. – Уфа, 1858.

Зарринкӯб А. Таърихи мардуми Эрон. – Теҳрон: Амири Кабир, 1399.

Зарринкӯб А. Таърихӯи Эрон баъд аз ислом. – Теҳрон, 1368.

Зарринкӯб. Доирату-л-маориф. – Теҳрон.

Засыпкин Б.Н. Архитектура Средней Азии. – М.,1943.

Засыпкин Б.Н. Памятники архитектуры Термезского района // Культура Востока. – Т.II. – М., 1928.

Зеймаль Т.И. Древние и средневековые каналы Вахшской долины //Страны и народы Востока. – М., 1971. – Вып. X.

Зотов П.Д. К вопросу о «шелковых бумагах». Общественные науки в Узбекистане. – 1961. – № 9.

Зотов П.Д. К истории бумажного производства на Востоке // Труды ИВ АН УзССР. – Вып. III. – Ташкент, 1954.

Зыков С. Хивинские дела 1839 по 1842 (Экспедиция в Хуву Перовского 1839-1840 гг.) // Русское слово. – 1862. – № 3. С.1-58, – № 4.

Ибн Асир. Ал-Комил фи-т-таърих. // Сомониён дар оинаи таърих.Ҷилди дувум. – Хуҷанд. – 1998.

Ибни Ҳавқал Абулқосим ан-Насибӣ. Сурату-л-арз. – Бейрут: Мактабату-л-ҳаёт, 1992.

Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. – Хуҷанд, 1998.
Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз. – Бейрут: Мактабату-л-ҳаёт, 1992.
Ибни Халдун. Китоб-ул-ибар. Муқаддима; Китоб-ул-ибар. Таърих // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. – Хуҷанд, 1998.
Ибни Хурдодбеҳ. Ал-Масолик ва-л-мамолик // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум.
Иерусалимская А.А. К сложению школы художественного шелкоткачества в Согде // Средняя Азия и Иран. – Л., 1972.
Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941 гг. Сборник документов, в двух томах. – Том I. – Душанбе: Ирфон, 1966.
Илолов М.И. Абӯалӣ ибни Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ (Ба ҷои сарсухан) // Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. – Душанбе: Дониш, 2005.
Илолов М.И., Раҷабов Н.Р., Камилов А.Ш. Ибни Сино ва илми риёзиёт.
Иноятуллоҳ Ризо. Ирон ва туркон дар рӯзгори Сосониён. – Теҳрон, 1374 (1955).
Исоқов А. Саразм оғози тамаддуни тоҷикон. Бахшида ба 5500 солагии Саразми бостонӣ. – Душанбе: Дониш, 2018.
Исоматов М. Периодизации политической истории эпохи Саманидов // Саманиды – уникальный исторический феномен в мировой цивилизации.
Исоматов М. Сомониён ва ташаккулёбии таърихнигории миллии тоҷик (Дар мисоли «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ ва мақоми он дар таърихнигории форсу тоҷик).
Истахрӣ. Масолик мамолик // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. – Хуҷанд, 1998.
История народов Узбекистана. – Т. I. С древнейших времен до начала XVI в. – Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1950.

История народов Узбекистана. – Т. II. От образования государства Шейбанидов до Великой Октябрьской социалистической революции. – Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1947.

История таджикского народа в кратком изложении. Изд. второе. – М.: Госполитиздат, 1952.

История таджикского народа в кратком изложении. Изд. третье. – М.: Госполитиздат, 1955.

История таджикского народа. Т.I. Древнейшая и древняя история. Под редацией Б.А. Литвинского и В.А.Ранова. – Душанбе: Суруш, 1998. – 752 с.

История Таджикского народа. Т.II. Кн. 1. Возникновение и развитие феодального строя (VI-XVI вв.). – М: Наука, 1964. Гл. 3. Средняя Азия в период Тахиридов и Саманидов. Складывание таджикской народности.

История Таджикского народа. Т.II. Кн. 1. Гл. 3. Средняя Азия в период Тахиридов и Саманидов. Складывание таджикской народности.

История таджикского народа. Т.II. Эпоха формирования таджикского народа. По ред. Н.Негматова. – Душанбе, 1999. – 790 с.

История таджикского народа. Т.III. Душанбе: Дониш, 2013.

История таджикской философии (С ревнейших времен до XV в.). В трех томах. – Т. II. – Душанбе: Дониш, 2012. – 788 с.

История Узбекской ССР с девнейших времен до наших дней. – Ташкент: Фан, 1974. – 583 с.

История Узбекской ССР. Т. I. Книга первая. – Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1955. – 544 с.

Исхаки Ю.Б. Ибни Сино и медицинская наука. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 176 с.

К исторической топографии древнего и средневекового Самарканда. – Ташкент, 1981.

Кавалевский А.П. Книга Ахмеда ибн Фадлана о его путешествии на Волгу в 921-922 гг. – Харьков, 1956.

Қазвинӣ А. Ёддоштҳои Қазвинӣ. Бо кӯшиши Эраҷ Афшор. – Теҳрон, 1341.
Камол Ҳ. Насабшиносӣ (Курси лексия барои мактабҳои олӣ). – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2017. – 213 с.
Камол Ҳ., Саидов А. Маъхазшиносӣ. – Душанбе: Сабрина – К, 2015. – 102 с.
Камолиддин С. Ш. Современные концепции в историографии истории Центральной Азии. – Ташкент, 2018. – С.102.
Камолиддин Ш. Происхождение Саманидов. – Ташкент: ИФЕАК (Французский институт исследований Центральной Азии), 2008. – 116 с.
Камолиддин Ш.С. Современные концепции в историографии истории Центральной Азии. На правах рукописи. – Ташкент, 2018. – 221 с.
Камолиддин Ш.С., Илхамов З.А. Саманиды: из истории государственности Узбекистана в IX-X вв. Учебно-методическое пособие для студентов исторических факультетов высших учебных заведений. – Ташкент, 2019. – 192 с.
Канон Ибн-Сино и современная медицинская наука. – Душанбе: Дониш, 1980. – 232 с.
Карамшоев Д. О восточноиранских языках и роли персидско-таджикского в эпоху Саманидов и последующие периоды //Саманиды: эпоха и истоки культуры. Сборник статей. – Душанбе: НК «ICOMOS», 2007.
Карамшоев Д. О восточноиранских языках и роли персидско-таджикского в эпоху Саманидов и последующие периоды.
Кедров Б.М., Розенфельд Б.А. Абу Райхон Бируни (к 1000-летиюсодня рождения). – М., 1973.
Ключевский В.О.Курс русской истории. Сочинения в девяти томах. Часть первая. – М.: Мысль, 1987. С.139.
Князев П.И. Разведочно-археологические работы в квартале металлистов древнего Термеза // Труды АН УЗССР. Сер. 1. История, археология. Термезская археологическая экспедиция. – Т. II. – Ташкент, 1945.

Қозӣ Аҳмади Ғаффории Кошонӣ. Таърихи нигористон // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум.

Кононов В.Н. Технологическое обследование ткани из раскопок городища Ниса в 1946 г. // Труды ЮТАКЭ. – Т.I. – Ашхабад, 1949.

Қосимова М.Н. Сомониён ва анҷоми ташаккули забони адабӣ // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998.

Крачковская В.А. О средневековых текстильных изделиях в Средней Азии (Мервские ткани IX-X вв.) // Материалы Первой Всесозной научной конференции востоковедов. – Ташкент, 1959.

Крачковская В.А. Эволюция куфического письма в Средней Азии // Эпиграфика Востока. – Т. III.

Крачковская В.А. Эволюция куфического шрифта в Средней Азии // КСИИМК. – Вып.28. – М.; Л., 1949.

Крачковский И.Ю. Избр. сочин. – Т.IV. – М.; Л., 1957.

Крачковский И.Ю. Математическая география у арабов (от ал-Хорезми до Улугбека) // Научное наследство. – М.; Л., 1948.

Кристинсон А. Ирон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашид Ёсамӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1372.

Кубесов Н. Математическое наследие ал-Фараби. – Алма-Ата, 1974.

Кубесов Н. Научное наследство. – Из стории физико-математических наук на средневековом Востоке. – Т. 6. – М., 1983.

Кубесов Н. Педагогическое наследие ал-Фараби. – Алма-Ата, 1989.

Культура Гиссарской долины эпохи Саманидов. – Душанбе: Дониш, 2015. – 312 с.

Культура и искусство народов Средней Азии в древности и средневековье. – М., 1979.

Қуртубӣ. Дунболаи Таърихи Табарӣ. Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 8 иборат аз ҷилдҳои 14, 15,

16. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014.
Ле Стренҷ. Ҷуғрофиёи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ. Тарҷумаи Маҳмуди Ирфон. Чопи саввум. – Теҳрон, 1367.
Леонов Н.И. Мавзолей X в. в Зеравшанской долине // СА. – 1960. – № 4. С.186-190.
Литвинский Б.А. Архитектурный комплекс Ходжа Нахшран // Труды АН ТаджССР. – Т.XVII. – 1953.
Литвинский Б.А. Горные инструменты из коллекции Ленинабадского краеведческого музея // Известия Отдел. Обществ. Наук Ан ТаджССР. Вып.2. – 1952.
Литвинский Б.А. Домусульманские истоки среднеазиатской цивилизации X-XI вв.
Литвинский Б.А. Из археологических материалов по истории горной техники Средней Азии (преимущественно X-XIII вв.) // Труды АН ТаджССР. – Т. 27. – 1954.
Литвинский Б.А. О некоторых моментах развития средневекового города Средней Азии // Известия Отдел. обществ. Наук АН ТаджССР. – Вып. 4. – 1953.
Литвинский Б.А. Сарчашмаҳои тамаддуни Сомонӣ // Ҷумҳурият. – 1999. – 10 июн.
Литвинский Б.А. Среднеазиатский горный промысел в средние века (IX-XII вв.). Техника // Материалы второго совещания археологов и этнографов Средней Азии. – М.; Л., 1959.
Литвинский Б.А., Соловьев В.С. Средневековая культура Тохаристана. – М., 1985.
Литвинский Б.А.. Исламов О.И. О некоторых орудиях и приёмах средневековых рудокопов Средней Азии // Известия Отдел. обществ. наук АН ТаджССР. – Вып. 3. – 1953.
Лобысевич Ф. И. Поступательное движение в Среднюю Азию в торговом и дипломатическо-военном отношениях.

Дополнительный материал для истории Хивинского по хода 1873 года. СПб, 1900.
Лунина С.Б. Города Южного Согда в VIII-XII вв. – Ташкент, 1984.
Лунина С.Б. Историческая топография западной части рабада средневекового Мерва // Труды ЮТАКЭ. – Т. XV. – Ашхабад, 1974.
Магидович И.П. Очерки по истории географических открытий. – М., 1957.
Макшеев А. И. Географические сведения «Книги Большого Чертежа» о киргизских степях и Туркестанском крае. Отт. из ЗИРГО по отделению этнографии. – Т. VI. СПб, 1879.
Макшеев А. И. Исторический обзор Туркестана и поступательного движения в него русских. СПб, 1890.
Малаева З.А. К историографии культурных связей Средней Азии с Восточной Европой в VIII-XII вв..
Мамаджанова С. Градостроительные традиции Мавераннахра эпохи Саманидов // Саманиды: эпоха и истоки культуры.
Мамаджанова С. Градостроительные традиции Мавераннахра эпохи Саманидов.
Мамаджанова С.М., Мукимов Р.С. Вопросы преемственности традиции в зодчестве Мавераннахра IX-XI вв.
Мансуров Х. О личности великого Ибн Сины и взаимосвязи науки и искусства в медицине.
Маньковская Л.Ю. Типологические основы зодчества Средней Азии (IX – начала XX вв.). – Ташкент, 1980.
Мардони Т. К истории изучения поэтического наследия Абу Али ибн Сины на арабском языке.
Масов Р. «Таджики история под грифом «Совершенно секретно». – Душанбе. Центр издания культурного наследия. 1995.
Масов Р. История топорного разделения. – Душанбе, Ирфон 1991.

Масов Р. Таджики: История национальной трагедии. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 536 с.

Масов Р.: Таджики: вытеснение и ассимилятция. – Душанбе, 2003.

Масов Р.М. История исторической науки и историография социалистическог строительства в Таджикистане. – Душанбе: Дониш, 1988.

Массон М.Е. Ахангеран. Археолого-топографический очерк. – Ташкент, 1953.

Массон М.Е. Городища Нисы в селении Багир и их изучение // Труды ЮТАКЭ. – Т.I. – Ашхабад, 1959.

Массон М.Е. Из истории горной промышленности Таджикистана. Былая разработка полезных ископаемых. – Л.,1934 // Материалы Таджикско-Памирской экспедии. – 1933 г. – Вып. 20.

Массон М.Е. К вопросу о «черных дирхемах» мусайаби // Труды Института истории, археологии и этнографии АН Узбекской ССР. – Вып. 7. – Ташкент, 1955.

Массон М.Е. К истории добычи азбеста в Средней Азии // За недры Средней Азии. – Ташкент, 1934. С. 93.

Массон М.Е. К истории добычи ртути в Средней Азии // Народное хозяйство Срелней Азии. – Ташкент, 1930. – № 5.

Массон М.Е. Материалы по истории киргизов и Киргизии. – Вып. 1. – М., 1973.

Массон М.Е. Новые данные по древней истории Мерва // Вестник древней истории (минбаъд: ВДИ). – 1951. – №4.

Массон М.Е. Работы Термезской археологической комплексной экспедиции 1937 и 1938 гг. // Труды АН Узбекской ССР. Серия I. История, археология. Термезская археологическая экспедиция. – Ташкент, 1945. – Т.II.

Массон М.Е. Столичные города в области низовьев Кашкадарьи с древнейших времен. – Ташкент. 1973.

Матвиевская Г.П., Телашев Х. Математические и астрономические рукописи ученых Средней Азии X-XIII вв. – Ташкент, 1981.
Математика и астрономия в трудах ученых средневекового Востока. – Ташкент., 1977.
Маҳмадов А. Ибни Сино асосгузори илми варзиш.
Маҳмуди Гардезӣ. Зайну-л-ахбор (Таърихи Гардезӣ). Ҷилди аввал. Таҳия ва нашри электронии Алиризо Каёнӣ. Таърихи интишорот 1391. Мунташир шуда дар торнамои www.tarikhfa.com. – Баргаи 56.
Мейендорф Е.К. Путешествие из Оренбурга в Бухару (Под ред. и вст. стат. Н.А.Халфина). – М.,1975.
Мец А. Мусульманский ренессанс. – М.: Наука, 1973. С. 366.
Мец А. Мусульманский ренессанс. Перев. с немец. Д.Е.Бертельса. – М.: Наука, 1966.
Минҳоҷи Сироҷ. Табақоти Носирӣ // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998. С. 266.
Мирбабаев А. Благоустройство городов эпохи Саманидов // Саманиды: эпоха и истоки культуры. Сборник статей. – Душанбе: НК «ICOMOS», 2007.
Мирбабаев А.К. Из истории учебных заведений эпохи Абуали ибн Сино.
Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. Сталинобод, 1958.
Мирзоев А.М. Рудаки. Жизнь и творчество. – М., 1968.
Мироджов Г.К. Некоторые аспекты заболеваения желудка в «Канон»-у Абу Али ибн Сины.
Мирсаидов У. Химическая наука времён Саманидов».
Мирхонд Равзат-ус-сафо // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998.
Миршоҳӣ М. Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ.
Мудаббирӣ М. Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бе девон дар қарнҳои III, IV, V ҳ. – Теҳрон, 1370.
Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фи маърифат-ил-ақолим // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум.

Мукимов Р. Архитектурно-градостроительная культура Среднего Востока эпохи Рудаки (IX-X вв.).
Муллоаҳмад М. Масъалаҳои башардӯстӣ дар адабиёти аҳди Сомонӣ // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998.
Муллоаҳмад М. Назми ситоиш ва тасвир // Осори эроншиносӣ. Ҷилди аввал. – Душанбе, 2017.
Муллоаҳмад М. Осори эроншиносӣ. Чилди аввал. – Душанбе, 2017.
Муллоаҳмад М. Падидаҳои фарҳанги аҳди Сомониён. – Душанбе, 2019, 356 с.
Муллоаҳмадов М. Ибни Сино – адиби инсонпаарвар. С.195-207.
Муллоахмадов М. Основные факторы интенсивного развития литературы в эпоху Саманидов.
Муллоаҳмадов М., Қурбонова С. Рӯдакишиноси шинохта // Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ. Ҷилди аввал.
Муллоджанов С. Абулфазл Байхаки о государственных традициях Саманидов (таджиков).
Мунтаҷабуддин Бадеъ Атобак ал-Ҷувайнӣ. Атабату-л-катаба. Ба тасҳеҳ ва эҳтимомои аллома Муҳаммади Қазвинӣ ва Аббоси Иқбол. Теҳрон: Ширкати саҳҳомии чоп, 1329 ш.
Мунтаҷабуддин Бадеъ Атобак ал-Ҷувайнӣ. Атабату-л-катаба. С.4.
Муравьёв Н.Н. Путешествие в Туркмению и Хиву в 1819 и 1820 годах. – Ч. 1-2. – М., 1822.
Муродӣ С. Бадахшон дар таърих. – Кобул, 1388.
Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Лубобу-л-албоб. – Теҳрон, 1361.
Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммади Шабонкораӣ. Маҷмаъ-ул-ансоб // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум.
Муҳаммад ибни Алии Шабонкораӣ. Маҷмау-л-ансоб. Ба тасҳеҳи Мирҳошими Муҳаддис. – Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1376.
Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд Мирхонд. Равзат-ус-сафо // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум.

Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (Минбаъд чун Табарӣ» оварда мешавад). Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 7.

Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. (Иборат аз 16 ҷилд дар 8 китоб). Мутарҷим Абулқосими Поянда. Бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. Китоби 1, иборат аз ҷилдҳои 1,2,3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014.

Муҳаммади Шабонкорай. Маҷмаъу-л-ансоб //Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998.

Муҳаммадхоҷаев А. Саҳми Ибни Сино дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ.

Мухаммеджанов А.Р. История орошения Бухарского оазиса. – Ташкент, 1978.

Мухтор Ш. Адабиёти замони Сомониён дар Фаронса. – Душанбе, 1999. – 22 с.

Мухторов А. Амирон ва вазирони Сомонӣ. – Душанбе: Нашриёти оли Сомон, 1977.

Мухторов А. Сомониён: замон ва макон. – Душанбе: Сурушан, 1999. – 288 с.

Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998.

Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 138 с.

Назаров Х. К истории происхождения и расселения племен и народов Центральной Азии. – Душанбе, 2004.

Назаров Х. Причины возвышения и падения государства Саманидов.

Назаров Ҳ. Чанд сухане пиромуни ҷуғрофиёи давлати Сомониён // Ҷунбиш. – 1997. – № 9. – Декабр; Заминаҳои ба вуҷуд омадани давлати Сомониён // Ҷунбиш. – 1998. – № 3 феврал; № 6, 7, 8.

Наршахӣ. Таърихи Бухоро.

Наука в Таджикистане // Труды Таджикского филиала АН СССР. – Т.XXI. Сталинабад, 1945.

Нафисӣ Саъид. Аҳвол ва ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Аҳмад Рӯдакии Самарқандӣ.– Ҷилдҳои 1-3. – Теҳрон: «Амири Кабир», 1309-1319 (1930-1940 м.).
Нафисӣ Саъид. Сарзамини поки ниёконам // Тоҷикон дар масири таърих. Таҳқиқ ва тадвини М.Шукурзода. –Теҳрон, 1385 ҳ.ш.
Небольсин П.И. Очерки торговли России со странами Средней Азии; Хивой, Бухарой и Кокандом (со стороны Оренбургской линии). СПб., 1856.
Негматов Н. Географы IX-XI вв о Ходженте и его области // Изв. АН Тадж. ССР. Отдел. Обществ. Наук. – 1956. – № 8.
Негматов Н. Государство Саманидов (Мавераннахр и Хорасан в IX-X вв. – Душанбе: Дониш, 1977. – 279 с..
Негматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 304 с.
Негматов Н. Таджикский феномен: история и теория. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 407 с.
Негматов Н., Рахимов Н.Т., Мирбабаев А.К. и др. Древняя Уструшана: города их локализация и хронология (Материальная культура Уструшаны. Вып. 5-8). – Душанбе: ООО Ому, 2003. – 788 с.
Негматов Н.Н. Географы IX-X вв. о Ходженте и его области // Изв. Отд. обществ. Наук АН ТаджССР. – Вып. 8. – Душанбе, 1956.
Негматов Н.Н. Основные исторические процессы эпохи Абуали ибн Сино // Абуали ибн Сино и его эпоха (К 1000-летию со дня рождения). – Душанбе: Дониш, 1980.
Негматов Н.Н. Прародина Ариев. – Душанбе: Дониш, 2005.
Негматов Н.Н. Раскопки уструшанской столицы Бунджиката // Средневековые города Средней Азии и Казахстана. – Л., 1970.
Негматов Н.Н. Средняя Азия в период Тахиридов и Саманидов. Складывание таджикской народности. (Глава третья. В кн.: История таджикского народа. Том II. Книга

первая. Возникновение и развитие феодального строя (VI-XVI вв.). Под редакцией Б.Г. Гафурова и А.М. Беленицкого. – М.: Наука, 1964.

Негматов Н.Н., Мукимов Р.С., Хакимов Н.Г., Воднев В.В., Мандельштам А.М. Ариана и Арйанвэджа (истоия и цивилизация. – Худжанд: Ношир, 2006. – 712 с.

Негматов Н.Н., Салтовская Е.Д. О работах Ходжентско-Уструшанского отряда в 1960 г. // Археологическая работа в Таджикистане. – Вып. VIII (1960 г.). – 1962.

Негматов Н.Н., Хмельницкий С.Г. Средневековый Шахристан / Материальная культура Уструшаны. – Душанбе, 1966.

Нематов Н. Истоки и феномен Абуабдулло Рудаки // Рудаки: традиции и современность. Сборник статей. (Рӯдакӣ: дирӯз ва имрӯз. Маҷмӯаи мақолаҳо, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: Контраст, 2007. – 682 с.

Неъматов Н. Давлати Сомониён падидаи таърихӣ // Тоҷикистон. – 1998. – № 1.

Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989.

Неъматов Н., Амиршоҳӣ Н., Мирбобоев А., Пирумшоев Х. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дуюм. – Хуҷанд, 2008. – 815 с.

Неъматов Н., Марофиев С. Аз таърихи илми халқи тоҷик. 1: Тараққиёти илм дар асрҳои IX-X // Ҳақиқати Ленинобод. – 1962. – 22 май.

Неъматов Н.Н. Давлати Сомониён хориқаи (феномени) беназири таърих // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 1998.

Неъматов Н.Н., Носирова Ф.Ю., Бобомуллоев С., Довудов Д., Исоматов М.М. Таърихи Халқи тоҷик. Китоби якум. Аз инсони оқил то тоҷики баркамол. – Душанбе: Сарпараст, 2003.

Низамов А. Абу Али ибн Сина – теоретик и практик музыкального искусства среднвековья.

Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум.

Низомулмулк. Сиёсатнома. Таҳияи пешгуфтор, тавзеҳот ва луғот аз номзади илмҳои филологӣ А. Ҳоҷиев.– Душанбе: Шарқи озод, 1998.
Носируддин Муншии Кирмонӣ. Насоим-ул-асҳор мин латоим-ил-ахбор //Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди I (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998.
Ноҷӣ М. Сомониён – давраи шукуфоии фарҳанги эронӣ-исломӣ – Теҳрон, 1380.
Ноҷӣ М. Тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе, 2011.
Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе: Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2010.
Нуралиев Ю.Н., Шаропова М.У. Историческое значение учения Ибн Сины о диабете.
Нуров П. Таджикский научный язык в эпохе Саманидов (IX-X вв.).
Обельченко О.В. К вопросу о времени возведения стены Бухарскоо оазиса Кампыр-Дувал // Труды ТашГу. – нов. Сер. – № 172. Исторические науки. – Кн. 37. Археология Средней Азии. – V. – Ташкент, 1960.
Олимов К. Ирфон ва тасаввуф дар замони Сомониён // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998.
Олимов К. Философия эпохи Саманидов – проявление национального духа таджиков.
Памятники дипломатических и торговых сношений Московской Руси с Персией. (Под. ред. Н.И.Веселовского). – Т. 1-3. – СПб., 1890-1898.
Паноҳии Симнонӣ. Амир Исмоили Сомонӣ – фармонравои бузург ва одил. – Теҳрон: Нидо, 1375
Петрушевский И. Предисловие. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения Т.I. – М.:ИВЛ, 1963.
Пирумшоев Х. Время, породившее гения // Ибни Сино ва

фарҳанги замони ӯ (Ибн Сина и культура его эпохи). – Душанбе: Дониш, 2005.

Пирумшоев Х. Время, породившее гения // Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа. Сборник избраных статей. – Душанбе: Ирфон, 2014.

Пирумшоев Х. Российско-среднеазиатские отношения XVI Середины XIX веков в русской историографии. – Душанбе: Маориф, 2000.

Пирумшоев Х., Маликов М. Россия – Таджикистан: История взаимоотношений. – Душанбе: РТСУ, 2009.

Писарчик А.К. Памятники в Кермине // Сообщ. Инстита истории и теории архитектуры Академии архитектуры СССР. – М., 1944. –Вып. 4.

Попов А.Н. Сношения России с Хивой и Бухарою при Петре Великом. СПб., 1853.

Посланник Петра I на Восток. Посольство Флорио-Беневени в Персию и Бухару в 1718-1725 гг. – М.,1986.

Прибыткова А.М. Архитектура Средней Азии IX-X вв. // Всемирная история архитектуры. – Т. 8. – М., 1969.

Прибыткова А.М. О некоторых местных традициях в зодчестве Средней Азии IX-X вв. // Архитектурное наследство. – М., 1953. – № 11.

Прибыткова А.М. Строительная культура Средней Азии IX-XII вв. – М.,1973.

Пугаченкова Г.А. Архитектурные паятники Нисы // Труды ЮТАКЭ. – Т.I. – Ашхабад, 1949.

Пугаченкова Г.А., Ремпель Л.И. Очерки искусства Средней Азии. – М., 1985.

Пулатов У.П. Чильхуджра. – Душанбе, 1968.

Пятьдеят лет советской исторической науки. Хроника научной жизни. 1917-1967 гг. – М., 1971.

Раджабов А. К истокам музыкально-теоретической мысли эпохи Саманидов.

Раджабов А. К истории таджикской музыкальной культуры в IX-X вв.

Раджабов З.Ш. Выдающийся просветитель таджикского народа Ахмад Дониш. Сталинабад, 1961.
Раджабов З.Ш. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX-XX вв. Сталинабад, 1954.
Раджабов З.Ш. О «Политическом трактате» Ахмада Дониша (краткий очерк). – Душанбе, 1976.
Ранҷбар А. Хуросони Бузург. – Теҳрон, 1363.
Расулиён Қ. Ду ҳазор соли таърихнигории тоҷикон (эрониён) // Осори мунтахаб. Ҷилди I. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014.
Раҳим Ҳошим. Аз мутарҷим //Айнӣ С.Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987.
Раҳмон Э. Аз як сарчашма об нӯшидани тоҷикону ӯзбекҳо ҳукми тақдир мебошад // Садои мардум. 21 августи соли 2018. – № 102 (3896).
Раҳмон Э. Бобоҷон Ғафуров олими тавоно ва арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ //Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбн: ЭР-граф, 2016.
Раҳмон Э. Исмоили Сомонӣ абармарди хирад ва сиёсат // Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016.
Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон: «Flint river editions great Britain», 1999. – 238 с.
Раҷабов А., Муқимов Р. Санъати даврони Ибни Сино.
Рӯдакӣ дар давраи нави адабиёти форсӣ // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998.
Ремпель Л.И. Выдающиеся памятники архитектуры Узбекистана. – Ташкент, 1958.
Ремпель Л.И. Мавзолей Исмаила Саманида // Сб. Академии архитектуры. – № 5. – М.,1936.
Ремпель Л.И. Пугаченкова Г.А. История искусств Узбекистана с древнейших времен до середины девятнадцатого века. – М., 1965.
Ремпель Л.И., Архитектурный орнамент Узбекистана. История развития и теория построения. – Ташкент, 1961.

Ризоӣ А. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. – Ҷ. 2. – Теҳрон: Иқбол 1375.
Роанская М.М. Ибн Сина как механик.
Розӣ А. Таърихи комили Эрон. – Теҳрон: Иқбол, 1341.
Ромодин В. Предисловие к Бартольд В.В. Сочинения. – Т.II. – Кн.1.
Рудаки и его эпоха (Сборник статей). – Сталинабад, 1958.
Рудаки: традиции и современность (сборник статей на тадж., русск. и англ. яз.). – Душанбе: Изд-во «Контраст», 2007. – 682 с.
Савельев П.С. Бухара в 1835 г. с присоединением известий обо всех европейских путешественниках посещавших этот город до 1835 года включительно. СПб., 1836.
Савельев П.С. Мухаммеданская нумизматика в отношении к русской истории. СПб., 1847.
Савельев П.С. Хива сто лет назад. // Сын отечества. – 1842. – Ч.I. – № 1.
Садыков А.С. К вопросу о возникновении химии в Средней Азии // Материалы по истории отечественной химии. – М.; Л., 1950.
Саидмуродов Ҳ. Муносибатҳои ичтимоиву иқтисодӣ дар аҳди Сомониён / Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998.
Сайко Э.В. Глазури керамики Средней Азии VIII-XII вв. – Душанбе, 1963.
Сайко Э.В. История технологии керамического ремесла средней Азии. – Душанбе. 1966.
Сайфуддин Ҳоҷӣ ибни Низоми Уқайлӣ. Осор-ул-вузаро.
Салимӣ Н. Заҳмати илм. (Аввалсухан ба маҷмӯа): Муллоаҳмад М. Падидаҳои фарҳанги аҳди Сомониён.
Салимов Н. Древнейшие памятники персидской прозы и ее возрождение в эпоху Саманидов.
Салимов Н.Ю. Муқаддима. Донишномаи Сомониён. Ҷилди якум.
Саманиды – уникальный исторический феномен в мировой цивилизации. – Душанбе: Дониш, 2019. – 876 с.

Саманиды: эпоха и истоки культуры. (сборник статей). – Душанбе: ООО «Контраст», 2007. – 452 с.
Самъонӣ. Китобу-л-ансоб // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум (Мутуни арабиасос). – Хуҷанд: Нашриёти давлати ба номи Раҳим Ҷалил, 1998.
Сатторзода А. Қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рудакӣ ва шеъри ҳолия дар садаи даҳум.
Сатыбеков С.К. Гуманизм аль-Фараби. – Алма-Ата, 1975.
Сафо З. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Ҷ. I. – Теҳрон: Фирдавс, 1380.
Сафо З. Ҳамосасаройӣ дар Эрон. – Теҳрон, 1374.
Семенов А.А. Абу Али ибн Сино (Авиценна) Сталинабад, 1945.
Семенов А.А. Избранные сочинения. – Душанбе: Офсет-Империя, 2013.
Семенов А.А. Исторические знания у народов Средней Азии в период становления феодализма (VI-X вв.) // Очерки истории исторической науки в СССР. – М.: Изд-во АН СССР, 1955.
Семенов А.А. К вопросу о происхождении Саманидов // Избранные сочинения. – Душанбе: Дониш, 2013. – 408 с.
Семёнов А.А. К вопросу о происхождении Саманидов // Сборник статей, посвященных истории и культуре периода формирования таджикского народа и его государственности (IX-X вв.). Сталинабад: Изд-во АН Тадж.ССР, 1954.
Семёнов А.А. К вопросу о происхождении Саманидов // Труды АН ТаджССР. – Т. XXVII – Сталинабад, 1954.
Семёнов А.А. Происхождени термезских сейидов и их древняя усыпальница «Султан Садат». Протоколы заседаний и сообщения членов Туркестанского кружка любителей археологии. Год XVIII-й. – Ташкент, 1914.
Сиёқӣ Д. Пешоҳангони шеъри порсӣ. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1374.
Симнонӣ П. Исмоили Сомонӣ: фармонравои бузург ва одил. – Теҳрон, 1996.

Смирнова О.И. Очерки из истории Согда. – М., 1970.
Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 1998. – 598 с.
Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. – Хуҷанд, 1998. С.87.
Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд: Нашриёти лавлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998. – 552 с.
Срезневский И. Следы древнего знакомства с Южной Азией. Девятый век // Вестник Императорского русского географического общества (ВИРГО) за 1859 г. – Книжка, I. СПб, 1854.
Страницы истории и материальной культуры Киргизистана. – Фрунзе, 1975.
Сулаймонӣ С. Иттилооти илмии сомониёншиносӣ. Ба ҷои сарсухан ба кит.: Ҳиравӣ Ҷ. Эрон дар замони Сомониён.
Сулаймонов С. Забони фалсафа дар аҳди Сомониён ва саҳми Ибни Сино дар пешбурди он.
Султонов М. «Рисолаи саргузашт» дар омӯзиши аҳвол ва осори Ибни Сино. – Душанбе: Дониш, 1980. – 76 с.
Сухарева О.А. К вопросу об исторической топографии Бухары X-XII вв. (Городские стены и ворота) // Труды АН ТаджССР. – Т. XXVII – Сталинабад, 1954.
Сухарева О.А. К истории городов Бухарского ханства. – Ташкент, 1958. С. 15-44.
Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. – Китоби 7.
Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 8 (иборат аз ҷилдҳои 14, 15, 16. – Душанбе: Сарредкасияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014.
Табаров С. Халқ қиём мекард: Мақоми шӯришу исёнҳои халқӣ дар давраи ташаккули давлати Сомониён // Ҷумҳурият. – 1998. – 22 август.
Тағоев Ҷ. Давлати тоҷикон (давраи Сомониён, Шӯравӣ, ҳозира ва оянда). – Душанбе: Ирфон, 2000. – 376 с.
Таджикистан. Сб. ст. Под редакцией Н.Л.Корженевского. – Ташкент, 1925. – 283 с.

Таджикские ученые (биобиблиографический справочник). – Т. I (древность и средневековье). – Душанбе: Дониш, 2014. – 283 с.

Таджикские ученые. (Библиграфический справочник). – Т.I. (Древность и средневековье). Составители: В.В.Дубовицкий, Ю.Н.Нуралиев, А.Саидов, Б.Курбанов, Х.И.Максудов. – Душанбе: Дониш, 2014. – 283 с..

Ташходжаев Ш.С. Художественная поливная керамика Самарканда IX-XIII вв. – Ташкент, 1967.

Таърихи Систон. (Таҳияи матн, муқаддима, тавзеҳот ва феҳристҳо аз М. Имомов ва А. Абдусаттор). – Душанбе: Бухоро, 2014.

Тереножкин А.М. Согд и Чач //КСИИМК. – Вып. XXXIII – М.; Л., 1950.

Терновский В.Н. Авицена, его жизнь и труды в области биологии и медицины // Тр. Казанского государственного медицинского института. – Т.II. – Казань, 1937.

Трудновская С.А. Стекло с городища Шах-Сенем // Археологические и этнографические работы Хорезмской экспедиции 1949-1953 гг. – М., 1958.

Тургунов Б. О местоположении средневекового города Иштихан // Общественные науки в Узбекистане. – 1963. – № 11.

Туркестан в эпоху монгольского нашествия // Сочинения Т.I С. 540

Турсунов А. Эҳёи Аҷам. Руҷӯи таърихию публитсистӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984.

Турсунов Н. Куллиёти осор. Ҷилди I. Таърихи халқи тоҷик. Аз аҳди бостон то инқилоби соли 1917. Нашри дувуми такмилёфта. – Хуҷанд: Ношир, 2017.

Уқайли. Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ).

Умаров Г.Я. Беруни, Коперник и современная наука. – Ташкент, 1973.

Фақеҳӣ А. Оли Бӯя. – Теҳрон, 1363.

Факторович П.М. Великий бухарский ученый Ибн Сина (Авиценна). Самаркад, 1941.
Фалсафа дар замони Сомониён // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ.
Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.. 1969.
Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». Тартибдиҳанда И. Ализода. – Душанбе: Адиб, 1992.
Фахретдинова Д.А. Ювелирное искусства Узбекистана. – Ташкент. 1988.
Федоров М.Н. О покупательной способности дирхема и динара в Средней Азии и сопредельных с нею странах в IX-XII вв. // Советская археология. – 1972. – № 2.
Федоров-Давыдов Г.А. Клад золотых монет X в. из Самарканда. – М.,1962.
Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Ҷилди 8. – Душанбе: Адиб, 1990. С.479-480.
Фрай Р.Н. Бухоро – дастовардҳои қуруни вусто. Тарҷумаи Маҳмуди Маҳмудӣ. Чопи дувум. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмиву фарҳангӣ, 1365.
Фрай Р.Н. Мероси Осиёи Марказӣ. Аз замонҳои бостон то истилои туркҳо. Таҷума аз инглисӣ Б. Ализода. Муҳаррири матни тоҷикӣ Д. Саймиддинов. – Душанбе: «Сурушан», 2000.
Фурӯзонфар Б. Таърихи адабиёти Эрон баъд аз ислом то поёни Темуриён. – Теҳрон, 1383; Ҳамчунин Донишномаи адаби форсӣ. – Ч. 1 (Адаби форсӣ дар Осиёи Миёна). – Теҳрон, 1340; Ҳамин асар. Ҷ. 3. (Адаби форсӣ дар Афғонистон). – Теҳрон 1381.
Ҳ.Камол. Насабшиносӣ. Душанбе, 2017. С.63-76
Хакимов А.А. Изобразительно-орнаментальные образцы и мотивы прикладного искусства // Художественная культура средней Азии IX-XIII вв. – Ташкент, 1983.
Ҳамдуллоҳи Муставфӣ (Қазвинӣ). Таърихи гузида // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум.
Ҳамдуллоҳи Муставфӣ. Таърихи гузида // Сомониён дар ои-

наи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998.
Ҳамдуллоҳи Муставфӣ. Таърихи Гузида. Бо эҳтимоми Абулҳусайни Навоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1339.
Ҳамзаи Исфаҳонӣ. Синӣ мулук-ил-арз ва-л-анбиё // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998.
Ханыков И.В. Описания Бухарского ханства. СПб., 1843.
Ханыков Н.В. Поездка из Орска в Хиву и обратно, совершенная в 1740-1741 годах Гладышевым и Муравиным // О Средней Азии (Сборник статей) и отчет Географического общества за 1850 г. СПб.,1851.
Ханыков Я. В. Пояснительная записка к карте Аральского моря и Хивинского ханства с их окрестностями // Записки Императорского русского географического общества (ЗИРГО) – Кн. V. – 1851.
Ҳасани Амид. Луғати Амид. Ҷилди 2. – Теҳрон, 1363.
Хидоятов Г.А. Крушение Саманидов. – Москва-Ташкент, 2004 (152 с.)
Хмельницкий С.Г. Пештак и михраб. (К вопросу происхождения портальных форм среднеазиатского зодчества) // Известия Отдел. обществ. наук АН ТаджССР. – № 2. – 1968.
Хмельницкий С.Г., Негматов Н.Н. Михраб в с. Ашт // Советская археология. – 1963. – № 2.
Ҳодизода Р. Пешгузаштагон, ҳамасрон ва пайравони Рудакӣ.
Ҳодизода Р. Равнақи адабиёти форсии дарӣ дар замони оли Сомон // Садои Шарқ. – 1998. – № 7-12.
Хондамир. Ҳабибу-с-сияр // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди якум (мутуни форсии тоҷикӣ). – Хуҷанд, 1998.
Ҳошим Р. «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва услуби нигориши он // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи IV. – Душанбе: Дониш, 1971.
Худоӣ Шарифов. Сухан аз адабиёти миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Пайванд, 2009.

Художественная культура Средней Азии IX-XIII вв. – Ташкент, 1983.
Ҳудуд-ул-олам мина-л-Машриқ ила-л-Мағриб Таҳияи матн ва муаллифи пешгуфтор Абдуҷамол Ҳасанов. Зери назари Носирҷон Салимов. Аз силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби XI – Душанбе: Бухоро, 2014.
Худшиносии миллии замони Сомониён аз биниши Садриддин Айнӣ // Садои мардум. – 1998. – 30 октябр.
Хусейнов К. Взгляды Авицены на химическую науку.
Ҷаводи Ҳиравӣ. Таърихи Сомониён (асри тиллоии Эрон баъд аз ислом). – Теҳрон: Амири Кабир, 1382.
Ҷаводи Ҳиравӣ. Таърихи Сомониён асри тиллоии Эрони баъд аз ислом. – Теҳрон, Интишороти Амири Кабир, 1382.
Ҷаводи Ҳиравӣ. Эрон дар замони Сомониён. (Таърихи Сомониён аз оғоз то салтанати Насри дувум). Муқаддима ва баргардони Сафари Сулаймонӣ. – Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон, 1998. – 176 с.
Ҷайҳонӣ. Ашколу-л-олам // Сомониён дар оинаи таърих. Ҷилди дувум. – Хуҷанд, 1998.
Шарипов А. Великий мыслитель Абу Райхан Бируни. – Ташкент, 1972.
Шарифзода А. Ганҷинаи Кӯлоб (Дирҳамҳои сомонӣ). – Душанбе: Шарқи озод, 2019. – 648 с.
Шарифзода Х. Наҳзати худогоҳӣ дар адабиёти форсии аҳди Сомониён // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998.
Шарифзода Х. Шеъри Рудакӣ ва шакли байти адабиёти классикӣ.
Шарифов Х. Адабиёти аҳди Сомониён // Сухан аз адабиёти миллӣ. (Маҷмуаи мақолаҳо).
Шарифов Х. Сухане аз адабиёти миллӣ (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.
Шепелев А. Очерк военных и дипломатических сношений России со Средней Азией. Материалы для истории Хивинского похода 1873 г. – Ташкент, 1879.

Шишкин Б.А. Варахша – М., 1963. – 244 с.
Шишкин В.А. Архитектурные памятники Бухары. – Ташкент 1936.
Шишкина Г.В. Глазурованная керамика Согда. – Ташкент, 1979.
Шишкина Г.В. Ремесленная продукция средневекового Согда. – Ташкент, 1986.
Шпулер Б. Таърихи Эрон дар қуруни нахустини исломӣ. Ҷилдҳои 1-2. Тарҷумаи Ҷаводи Фалотурӣ – ҳрон Ширкати интишороти илмиву фарҳангӣ, 1373.
Экономика и торговля государства Саманидов // Народная газета. – 1998. – 3 апреля.
Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996-1999). Китоби 2. – Душанбе: Ирфон, 2011.
Эшонкулов У. История ирригации Верхнего Зарафшана. Автореферат дисс. канд. ист. наук. – Самарканд, 1989.
Эшонкулов У. Начало исследований истории ирригации Верхнего Зарафшана // Археологические открытия в СССР. 1983. – М., 1985.
Якубов Ю. Бухара – столица государства Саманидов // Саманиды: эпоха и истоки культуры. (Сборник статей посвященной 1150-летию Абуабдулло Рудаки). – Душанбе: НК «ICOMOS», 2007.
Якубовский А.Ю. Археологическая экспедиция в Зарафшанскую долину 1934 г. // Труды Отдела Востока Государственного Эрмитажа (ТОВГЭ). – Л., 1940. – Т. II.
Якубовский А.Ю. Вопросы периодизации истории Средней Азии в средние века (VI-XV вв.) // КСИИМК. – М.; Л., 1949. – Вып. XXVIII.
Якубовский А.Ю. Время Авицены // Изв Отдел. обществ. Наук АН СССР. – 1938. – № 3.
Якубовский А.Ю. Главные вопросы изучения истории развития городов Средней Азии // Труды Таджикского филиала АН СССР. – Т.XXIX. Сталинабад, 1951.

Якубовский А.Ю. Из истории археологического изучения Самарканда // ТОВГЭ. – Л.,1940. – Т.II.

Якубовский А.Ю. Итоги работ Согдийско-Таджикской археологической экспедиции в 1946-1947 гг. // Труды Согдийско-Таджикская археологическая экспедиция (минбаъд: СТАЭ). – Т.I. – Материалы и исследования по археологии СССР (минбаъд: МИА СССР). – М.; Л., 1950. – № 15.

Якубовский А.Ю. Об одном раннесаманидском фальсе (Из ранней истории Саманидского дома) // Краткие сообщения Института истории материальной культуры АН СССР (минбаъд; КСИИМК). – М.; Л., 1946. – Вып. XII.

Якубовский А.Ю. Отпадение Средней Азии от арабского халифата и образования самостоятельных феодальных государств (IX-X вв.) // История Узбекской ССР. Т.I. Книга первая. – Ташкент: Изд-во АН УзССР, 1955. С.187-237.

Якубовский А.Ю. Феодальное общество Средней Азии и его торговля с Восточной Европой в X-XV вв. // Материалы по истории Узбекской, Таджикской и Туркменской ССР. – Л.,1932. – Ч.I.

Янин В.Л. Денежно-весовые системы русского средневековья. – М., 1966.

Яъқубов Ю. Забони Рӯдакӣ тоҷикӣ гӯем ё форсӣ (Назаре ба пайдоиши забони адабии тоҷикӣ.

Яъқубов Ю. Оини худшиносӣ дар замони Сомониён // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. – Душанбе, 1998.

**МУНДАРИҶА**

САРСУХАН.....................................................................2

БОБИ I.........................................................................16
Сухане чанд аз ҷойгоҳи тоҷикон дар маълумотҳои таърихии замони қадим.............................................16
«Авесто» – нишондиҳандаи боэътимоди донишҳои таърихии халқи тоҷик дар замони қадим ..........................16
Маълумоти таърихии замони Ҳахоманишиҳо ва аҳди Сосониён.....................................................................22
Паҳнои зисти тоҷикони қадим дар осори муаррихони Юнон, Рим, Рум (Византия) ва Бобулу Ассурия ....................25
Мулкҳои Осиёи Миёна дар маълумотҳои маъхазии Сурия ва Арманистон .................................................29
Тоҷикон дар сарчашмаҳои Ҳиндустону Чини қадим............30

БОБИ II.......................................................................35
Ташаккул ва рушди донишҳои таърихӣ дар аҳди Сомониён ва баъди суқути давлатдории онҳо (асрҳои IX-XVI)..........................................................................35
Осори муаррихони замони Сомониён.................................35
Боз чанде аз таърихнигории замони Сомониён .....................50
Вазъи донишҳои таърихӣ асрҳои XI – нимаи аввали XVI.....52
Назаре ба услуби таърихнависӣ ва арзиши маъхазии осори муаррихони асримиёнагӣ .........................................72

БОБИ III .....................................................................75
Ташкилёбии давлати Сомониён дар Асарҳои муаррихон

ва ҷуғрофиёшиносони асримиёнагӣ ..................................... 75
Насабномаи Сомониён ........................................................... 75
Инъикоси заминаҳои ба соҳибтахтӣ расидани Сомониён..... 86
Таърихнигории ташкилёбии давлати Сомониён ................. 106

БОБИ IV ............................................................................... 117
Инъикоси вазъи сиёсӣ ва сохтори маъмурии давлати
Сомониён дар осори ҳамзамонон ва баъди онҳо ................ 117
Назаре ба ҷуғрофиёи давлати Сомониён............................. 117
Авзои сиёсӣ ........................................................................ 122
Таърихнигории сохтори маъмурии давлати Сомониён ...... 157

БОБИ V ............................................................................... 165
Иъикоси вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии давлати
Сомониён дар осори муаррихони асримиёнагӣ.................. 165
Кишоварзӣ ва чорводорӣ .................................................... 165
Ҳунармандӣ ва тиҷорат...................................................... 179
Тиҷорат .............................................................................. 191
Низоми андозситонӣ........................................................... 204

БОБИ VI.............................................................................. 210
Фарҳангии замони Сомониён дар таърихнигории
асримиёнагӣ ....................................................................... 210
Шаҳрсозӣ ва меъморӣ ......................................................... 210
Илму фарҳанг ..................................................................... 219

БОБИ IV.............................................................................. 231
Назаре ба таназзулу инқирози давлати Сомониён ва
авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон баъди суқути он
(асрҳои X-XV) .................................................................... 231
Сухане чанд доир ба суқути давлати Сомониён.................. 231
Авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон баъди суқути
давлати Сомониён то миёнаи асри XVI............................... 239

БОБИ VIII ........................................................................250
Давлати Сомониён дар таърихнигории нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX ........................................250
Сабаби нодида гирифтани ҷойгоҳи давлати Сомониён дар таърихнигории охири асримиёнагӣ..............................250
Сомониён дар таърихнигории тоинқилобии Русия .............252
Нақши академик В.В. Бартолд дар сомониёншиносии тоинқилобии рус ..........................................................257

БОБИ IX...........................................................................268
Давлатдории Сомониён дар таърихнигории Шӯравии солҳои 20-40-и асри XX ..........................................268
Назаре ба гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илм дар таърихнигории тоҷик..................................................268
Академик В.В.Бартолд ва ибтидои таҳқиқи илмии таърихи тоҷикон дар замони Шӯравӣ.................................298
Устод Садриддин Айнӣ дар саргаҳи сомониёншиносии илмии миллӣ........................................................................306
Сомониёншиносии Шӯравӣ дар солҳои 30-40-ум ...............318
Бобоҷон Ғафуров – асосгузори таҳқиқоти мукаммали илмӣ доир ба давлати Сомониён ..........................................327

БОБИ X ...........................................................................332
Сомониёншиносии Шӯравӣ дар солҳои 50-80-уми асри XX.................................................................................332
Вазъи омӯзиши масъала дар солҳои 50-ум..........................332
Дастоварҳои сомониёншиносӣ дар солҳои 60-ум ...............339
Мақоми давлати Сомониён дар таърихнигории Шӯравии солҳои 70-80-ум....................................................347
Мақоми академик Нуъмон Неъматов дар сомониёншиносии миллӣ.....................................................375

БОБИ XI ........................................................................ 393
Нигоҳе ба сомониёншиносии хориҷи кишвар ........................ 393
Сомониён дар таърихнигории Эрону Афғонистони асри XX ва замони муосир ........................................................ 393
Давлати Сомониён дар таърихнигории Ғарб ........................ 415

БОБИ XII ....................................................................... 424
Давлати Сомониён дар таърихнигории Тоҷикистони соҳибистиқлол ................................................................... 424
Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши рушди сомониёншиносӣ дар таърихнигории миллӣ ........................ 424
Инъикоси рисолати таърихии Сомониён дар осори муҳаққиқони ватании солҳои 90-ум ..................................... 434
Таҳқиқоти бунёдии бахшида ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён ............................................................... 452
Нақши Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён дар таърихнигории миллӣ ................................................. 454
Дастовардҳои сомониёншиносии миллӣ дар ду даҳсолаи аввали асри навин .................................................. 471

БОБИ XIII ...................................................................... 494
Ҳарос аз ҳақиқати таърих .................................................... 494

Хулоса .............................................................................. 534

**Ҳайдаршо Пирумшо**

**ДАВЛАТИ СОМОНИЁН ДАР ТАРУЗУИ ТАЪРИХНИГОРӢ**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Азиз Қурбон*

Ба матбаа 20.12.2019 супурда шуд.
Чопаш 23.12.2019 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 37,0. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Дар чопхонаи «Дониш» чоп шудааст.